ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

УДК: 809.27 - 3
ББК:81.2 Араб

И-87

ИСМОНОВ КАРОМАТУЛЛО БАДРИДИНОВИЧ

САҲМИ ДОНИШМАНДОНИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР ТАҲАВВУЛ ВА ТАШАККУЛИ ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисосҳои 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ва 10.02.22 – Забонҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони арабӣ)

Мушовири илмӣ: доктори илми филология,
профессор **Сулаймонов С.**

Душанбе - 2023

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА……..4

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ……...10

БОБИ 1. ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ

1.1.Сайри мухтасаре дар таърихи забоншиносӣ (то забоншиносии араб)……...17

1.2.Заминаҳо ва ангезаҳои пайдоиши забоншиносии араб…….23

1.3.Забоншиносии араб: байни асолат ва таъсирпазирӣ…….39

1.4. Поягузорони забоншиносии араб…….....52

1.5.Сайре дар маонии луғавӣ ва истилоҳии наҳв.....62

1.6.Маволӣ ва зарурати тадвину таълифи масоили забоншиносии араб.....71

БОБИ 2. ФАРҲАНГНИГОРИИ АРАБ ВА НАҚШИ ДОНИШМАНДОНИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР ТАШАККУЛИ ОН

2.1.Марҳилаҳои таърихии фарҳангнигории араб……82

2.2. Ибтикороти донишмандони форсу тоҷик дар фарҳангнигории араб……93

2.3.Фарҳангнигории араб дар сарзаминҳои форсу тоҷикнишин…….106

2.4.Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар шинохт ва таснифи воҳидҳои фразеологии арабӣ……113

2.5.Омӯзаҳои забоншиносӣ дар фарҳангномаҳои арабӣ……...118

БОБИ 3. МАКТАБҲОИ ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ ВА МАШҲУРТАРИН НАМОЯНДАГОНИ ФОРСУ ТОҶИКИ ОН

3.1. Мактаби забоншиносии Басра……129

3.2. Сибавайҳ дар саргаҳи забоншиносии арабу аҷам……...139

3.3. Мактаби забоншиносии Куфа……149

3.4. Фарро – муассиси воқеии мактаби забоншиносии Куфа……...157

3.5. Мактаби забоншиносии Бағдод……..168

3.6.Бунёдгузорони мактаби забоншиносии Бағдод……177

БОБИ 4. ИБТИКОРИ ДОНИШМАНДОНИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР ТАШАККУЛИ ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ

4.1.Қиёс дар забоншиносии араб ва саҳми забоншиносони форсу тоҷик дар ташаккули он……..186
4.2.Нақши донишмандони форсу тоҷик дар ташаккули илми сарф…..194
4.3.Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар ташаккули овошиносии араб……..207
4.4.Андешаҳои забоншиносони арабинигори форсу тоҷик дар тафсирҳои қуръонӣ.....216
4.5.Манзумаҳои наҳвӣ дар забоншиносии араб – зодаи зеҳни донишмандони форсу тоҷик.....226
4.6.Наҳви арабӣ: байни илм ва таълим.....238

БОБИ 5. ЗАБОН ВА ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ ДАР САРЗАМИНҲОИ ФОРСУ ТОҶИКНИШИН

5.1.Интишор ва таҳаввули забони арабӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр.....249
5.2.Мактабҳои забоншиносии араб дар сарзаминҳои форсу тоҷикнишин.....259
5.3.Замахшарӣ ва марҳилаи нав дар таърихи забоншиносии араб…….268
5.4.Абдураҳмони Ҷомӣ ва “Фавоид-уз-зиёия”-и ӯ.....278
5. 5.Шумораи забоншиносони форсу тоҷик дар таърихи забоншиносии араб……..285
ХУЛОСА……294
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ ……303
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ……305
НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.....335

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Омӯзиши таърихи забоншиносӣ танҳо ба баррасӣ кашидани андешаҳо перомуни падидаҳои забонӣ нест, балки омӯзиши таъриху фарҳанг ва забони миллат аст. Зеро таърихи забон ба таърихи миллат тавъам аст, илова бар он ки забон шоҳиди ягонае дар таърих мебошад, ки барои соҳибони худ аз гузашта паём оварда, дирӯзро ба имрӯз пайванд месозад ва фардоро ба имрӯз ошно мекунад. Вале омӯзиши таърихи забоншиносии араб танҳо таҳлилу баррасии як давраи таърихии забони арабиву мардуми араб нест, балки фаротар аз он таърихи як тамаддуни бузургест, ки дар саргаҳи он дар баробари арабҳо фарзандони дигар миллатҳо, хусусан, абармардони форсу тоҷик қарор доранд. Ҳамин аст, ки Ибни Халдун бо сароҳат мегӯяд: «Воқеан, аҷиб аст, ки парчамбардорони илм дар ислом бештарашон аҷамиянд. Аз мардуми араб, чи дар илмҳои шаръӣ ва чи дар илмҳои ақлӣ, чунин парчамбардор ангуштшумор аст. Ҳарчанд насаби онҳо арабӣ намояд ҳам, вале дар забону тарбия ва устодонашон аҷамиянд, дар ҳоле ки дин арабӣ ва соҳиби шариат араб аст» [248, с.541].

Воқеан, вақте миллияти донишмандони се асри аввали аҳди исломро, ки дар он «раванди азхудкунии забони арабӣ, омӯзиш ва таҳлили қавоиди он, ошноӣ бо фарҳанг, хусусан, шеъру адаби замони ҷоҳилият, ҳифзи Қуръон ва шарҳу тафсири он, ҷамъоварии аҳодиси набавӣ, рушду тарвиҷи фиқҳи исломӣ ва улуми дигар ҷараён дошт» [35, с.23], ба баррасӣ мегирем, ба ин ҳақиқати инкорнопазир мерасем, ки бештари онҳоро мардуми форсу тоҷик ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, аз қориёни ҳафтгона чаҳор нафарашон аз мардуми форсу тоҷик буд [26, с.72]. Таъкиди мо ба се асри аввали ҳиҷрӣ ба он хотир аст, ки шаҳрҳои Басраву Куфа ва Бағдод дар ин давра маркази асосии забоншиносии араб ба шумор рафтаву асосгузорон ва бештари намояндагони он донишмандони форсу тоҷик буданд. Дар асрҳои баъдӣ низ фаъолияти забоншиносии донишмандони ин миллат, чи дар муҳити арабӣ ва чи берун аз он, назаррас аст, вале дар баробари онҳо боз

забоншиносони шинохтаву сермаҳсуле дар Мисру Андалус ба майдон омада буданд.

Тавре маълум аст, дар нимаи аввали асри VIII м дар тамоми қаламрави хилофат коргузории девонҳои давлатӣ комилан ба забони арабӣ ба роҳ монда шуда, ҳамзамон, шарти асосии хидмат дар ниҳодҳои давлатӣ донистан ва ба кор бурдани забони арабӣ қарор дода шуд [66, с.173], ин бошад, боис гашт, то абармардони форсу тоҷик, сарфи назар аз қарор доштан дар муҳити арабӣ ва ё ғайриарабӣ, тамоми афкору андешаҳои худро дар ҳама ҷодаҳо ба забони арабӣ тадвин намоянд. Маҳз ҳамин таваҷҷуҳи донишмандони форсу тоҷики асрҳои VII-X ба забони арабӣ ва эътирофи ҷойгоҳи он дар илму дин буд, ки ҳатто дар асрҳои баъдӣ, ҳарчанд нуфузи хилофату арабҳо дар сарзаминҳои форсу тоҷикнишин камранг гаштаву сиёсат дигаргуна гашта буд, вале боз аҳли илму адаб ба арабӣ таълифу тасниф мекарданд ва амирону ҳокимони ин диёр, ки худ на араб буданду на аз дониши забони арабӣ ба таври бояду шояд бархӯрдорӣ доштанд, адибону шоирон ва донишмандонро барои ба забони арабӣ таълифу тасниф кардан ташвиқ мекарданд [318, с.102-103].

Аз омӯзиши таърихи забоншиносии араб ва нақши донишмандони форсу тоҷик дар пайдоиш ва ташаккули он бармеояд, ки робитаҳои таърихии ин ду миллат таърихи дерина дошта, аз даврони Ҳахоманишиҳо оғоз мегардад ва дар давраи Уммавиёну Аббосиён ба авҷи такомули худ мерасад. Маҳз ҳамин ҳамзистии ду миллат дар муҳити Ироқ, хусусан шаҳрҳои Басраву Куфа ва Бағдод, заминаи асосие дар пайдоиши забоншиносии араб буда, дар ташаккули минбаъдаи он нақши муҳим бозидааст.

Воқеан, имрӯз омӯзиши таърихи забоншиносии араб саривақтӣ ва дорои аҳамияти волои илмӣ мебошад, зеро бо омӯзиши он мо метавонем саҳми донишмандони форсу тоҷикро дар ташкил ва ташаккули забоншиносии араб, хидматҳои мондагори онҳоро дар посдории забони арабӣ аз хатогуфторӣ, ибтикору ихтирои онҳоро дар мавриди равишҳои

таҳқиқотии забонию фарҳангнигорӣ ва нақши онҳоро дар омӯзишу омезиши масъалаҳои забонӣ бо дигар донишҳои сирф арабиву ғайриарабӣ ба тасвир кашем.

Дараҷаи омӯзиши мавзуъ. Таърихи пайдоиши забоншиносии араб ва рӯзгору осори намояндагони он аз масоиле ба шумор меравад, ки ҳанӯз дар асри III ҳиҷрӣ/IX мелодӣ аз ҷониби донишмандони арабу форсу тоҷики арабинигор ба он таваҷҷуҳ сурат гирифтааст. Куҳантарин китобе, ки дар он ба пайдоиши забоншиносии араб ва машҳуртарин намояндагони он ишора шудааст, “Табақот-уш-шуаро”-и Муҳаммад ибни Салломи Ҷумаҳӣ (ваф.231 ҳ/845 м) [320, с.29-34] маҳсуб меёбад, дар ҳоле ки мавзуи асосии онро баррасӣ ва нақди рӯзгору осори шоирони даврони ҷоҳиливу исломӣ ташкил медиҳад. Сипас донишмандон бевосита дар мавзуи таърихи забоншиносии араб бо ишора ба рӯзгору осори забоншиносон рӯ оварданд. Чунончи, асарҳои «Маротиб-ун-наҳвийин»-и Абутайиби Луғавӣ (ваф.351 ҳ/962 м) [273], «Ахбор-ун-наҳвийин-ил-басрийин»-и Абусаъиди Сирофӣ (ваф.368 ҳ /978 м) [108], «Табақот-ун-наҳвийин ва-л-луғавийин»-и Абубакри Зубайдӣ (ваф.379 ҳ / 989 м) [97], «Таърих-ул-уламо-ин-наҳвийин мин-ал-басирийин ва-л-куфийин ва ғайриҳим»-и Қозӣ Абулмуҳосин Танухӣ (ваф. 442 ҳ / 1050 м) [131], «Нузҳат-ул-алиббо фи табақот-ил-удабо»-и Абулбаракот ибни Анборӣ (ваф.577 ҳ / 1181 м) [89], «Инбоҳ-ур-рувот ало анбоҳ-ин-нуҳот»-и Ҷамолиддини Қифтӣ (ваф. 646 ҳ/ 1248 м) [180; 181; 182;183], «Ишорат-ут-таъйин фи тароҷим-ин-нуҳот ва-л-луғавийин»-и Абдулбоқии Ямонӣ (ваф.743 ҳ / 1342 м) [242], «Ал-Булға фи тароҷим аимат-ин-наҳв ва-л-луғат»-и Муҳаммад ибн Яъқуби Фирӯзободӣ (ваф.817ҳ /1415 м) [316], «Табақот-ун-нуҳот ва-л-луғавийин»-и Қозӣ Шаҳба (ваф.851 ҳ / 1447 м) [171] ва «Буғят-ул-вуот фи табақот-ил-луғавийин ва-н-нуҳот»-и Ҷалолиддин Суютӣ (ваф.911 ҳ/ 1505 м) [251; 252] аз асарҳои тарҷумаҳолие мебошанд, ки бевосита ба рӯзгору осори забоншиносони араб бахшида шудаву то замони мо расида ва рӯйи чоп омадаанд. Дар баробари ин, асарҳои «Ал-Феҳрист”-и Ибни Надим (ваф. 384 ҳ / 994 м) [83], “Муъҷам-

ул-удабо: иршод-ул-ариби ило маърифат-ил-адиб”-и Ёқути Ҳамавӣ (ваф.626 ҳ /1229 м) [359; 360] ва “Вафиёт-ул-аъён ва анбои абно-из-замон”-и Ибни Халликон (ваф.681 ҳ/1282 м) [111; 112] аз асарҳои таърихӣ-тарҷумаҳолиеанд, ки саҳифаҳояшон саршор аз ривоятҳову масъалагузориҳои забоншиносӣ ва рӯзгору осори забоншиносон мебошад.

Мавриди зикр аст, ки дар ин китобҳо ҳарчанд ба таври мушаххас дар бораи саҳми донишмандони форсу тоҷик дар ташкил ва ташаккули забоншиносии араб сухан нарафта бошад ҳам, вале аз он ки дар бештари маврид ба кадом миллату дар кучо зода шудани донишманд ва таснифоту бархе андешаҳои ӯ ишора мешавад, метавон хидматҳои он донишмандонро хулосагирӣ намуд.

Донишмандони муосири араб Муҳаммад Тантовӣ [332], Шавқӣ Зайф [230], Муҳаммад Хайр Ҳалвонӣ [328], Алӣ Абумукорим [287], Муҳаммад Ҳамуд [207], Хадича Худайсӣ [202], Салоҳ Равоӣ [234], Фозил Сомароӣ [299], Маҳдӣ Махзумӣ [325] ва боз шумораи зиёде аз донишмандон бевосита дар робита ба забоншиносии араб, мактабҳои забоншиносӣ ва забоншиносони гузашта таҳқиқоти бунёдӣ анҷом дода, дар зимн ба нақши маволӣ-ғайриарабҳо дар таъсису рушди бахшҳои гуногуни забоншиносӣ ишора намудаанд.

Аз донишмандони таърихнигори араб Ҷирҷи Зайдон, чи дар “Ториху одоб-ил-луғат-ил-арабия” [174; 175] ва чи дар “Таъриху-т-тамаддун-ил-исломӣ” [176; 177], ба саҳми мардуми форсу тоҷик дар заминагузорӣ ва пешрафти донишҳо ба таври мушаххас ишора намудааст. Инчунин, Умар Фаррух [292], Алӣ Ҷундӣ [289], Ҳанно Фохурӣ [197] ва дигарон дар мавриди забоншиносиву забоншиносони араб сухан гуфтаанд.

Рисолаи доктории Баҳоуддин Абдулваҳҳоб Абдураҳмон зери унвони “Ад-Диросот-ун-наҳвия фи билоди Форс мин бидоят-ил-қарн-ил-хомис ило ниҳоят-ил-қарн-ис-собиъ” [169]-ро метавон асари вижаи муосире шуморид, ки бевосита аз ҷониби як донишманди араб дар

мавриди таҳқиқи омӯзаҳои наҳвии сарзаминҳои форсу тоҷикнишин дар асрҳои V-VII ҳиҷрӣ (XI-XIII мелодӣ) сурат гирифтааст. Ҳарчанд ин асар ҳамагӣ намояндагони се асрро дар бар гирад ҳам, дар он маълумоти зиёде дар бораи донишмандон ва асарҳои онҳо, ҳамзамон, андешаҳои наҳвие, ки зимни китобҳои тафсир омадааст, оварда шудааст. Воқеан, интихоби ин се аср аз ҷониби муҳаққиқ тасодуфӣ нест, зеро ин ду асрро чун асрҳои тиллоии омӯзаҳои забоншиносии араб дар сарзаминҳои форсу тоҷикнишин унвон метавон кард. Аз арабшиносони эронӣ О.Озарнӯш [79], Қ.Тувайсирконӣ [313] ва М.Мутаҳҳарӣ [346] ба саҳми донишмандони форсу тоҷик дар интишори забони арабӣ ва рушду такомули забоншиносии араб ишора намудаанд.

Пайдоиш ва ташаккули забоншиносии араб, ҳамзамон, таъсирпазирӣ ё асолати он таваҷҷуҳи шарқшиносони ғарбиро низ ба худ ҷалб кардааст. Аз ҷумла, К.Ферстеғ (Kees Versteegh) дар китоби «Унсурҳои юнонӣ дар андешаи забонии араб» дар баробари пофишорӣ ба таъсирпазирии забоншиносии араб аз мантиқу наҳви юнонӣ боз ба нуктаҳои ҷолибе аз ин забоншиносӣ ишора кардааст [311]. Асари Г.Флюгел (Gustav Flügel) -“Die grammatischen Schulen der Araber” [71], низ маълумоти муфидеро дар робита ба забоншиносии араб дар бар гирифтааст. Дар ин ҷо месазад, ба асари Карл Броккелман «Таърихи адабиёти араб» ишора кард, ки дар он муаллиф кӯшидааст, то дастовардҳои гуногуни мусулмононро тасвир намояд. Аз ҷумла, як бахши ҷилди дувуми «Таърихи адабиёти араб» ба забоншиносии араб тахсис дода шуда, дар он муаллиф дар бораи мактабҳои забоншиносии араб ва атрофи рӯзгор ва осори наздик ба 115 нафар забоншиноси араб пажуҳиш анҷом додааст [307, с.123-282]. Ба монанди К.Броккелман шарқшиноси турк Фуод Сезгин низ атрофи забоншиносии араб ва намояндагони он пажуҳиши бунёдӣ анҷом дода, ду ҷилди китоби «Таърих-ут-турос-ил-арабӣ»-ро ба онҳо бахшидааст. Аз ҷумла, ҷилди ҳаштуми ин китоб ба фарҳангнигориву фарҳангнигорони араб, ки то соли 430 ҳ ҳаёт ба сар бурдаанд, бахшида шуда, дар он дар бораи наздик

ба 250 забоншинос/фарҳангнигори араб ва таълифоту таснифоти онҳо маълумот оварда шудааст [301]. Аз вижагиҳои асарҳои доират-ул-маорифии К.Броккелман ва Ф.Сезгин он аст, ки онҳо дар баробари сухан аз шахсиятҳои забоншиносон гуфтан боз фаслҳои вижаеро ба забоншиносони сарзаминҳои форсу тоҷикнишин бахшидаанд [307, с.258-282; 301, с.188-447], ки ин на фақат аз саҳми донишмандони ин диёр дар пешбурди забоншиносии араб, балки аз вуҷуди мактабҳои вижаи забоншиносӣ дар ин ҷо низ шаҳодат медиҳанд.

Дар шарқшиносии рус асару мақолаҳои В.Ф. Гиргас «Очерк грамматической системы арабов» [16], Г.М. Габучан «К вопросу об арабских грамматических учёние» [13], В.Г. Ахвледиани «Арабское языкознание средних веков» [4], В.А. Звегинсев «История арабского языкознания» [25] ва В.С.Рибалкин «Классическое арабское языкознание» [50] асарҳои бунёдӣ дар шинохти забоншиносии классикии араб ба шумор мераванд.

Дар арабшиносии тоҷик вобаста ба забоншиносии араб баъзе мақолаву дастурҳои таълимӣ рӯйи кор омадааст. Дар ин ҷода арабшиноси тоҷик Ф.А.Исаева пешоҳанг мебошад, зеро масъалаи мазкурро дар баробари дар мақолаҳои зиёди дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» баррасӣ намудан боз дастури таълимие бо номи «Забоншиносони араб» [27; 28] ба нашр расонидааст. Арабшиноси дигари тоҷик Т.Яқубов дастури таълимие бо унвони «Намояндагони шинохтаи мактабҳои забоншиносии араб» [69] рӯйи чоп овардааст, ки дар он атрофи мактабҳои забоншиносии араб ва машҳуртарин намояндагони он пажуҳиш анҷом додааст. Ахиран китоби А.Эмомов рӯйи чоп омад, ки дар он интишори забони арабӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон ва омӯзиши забони мазкур дар ин сарзамин мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст [67]. Дар пажуҳишҳои С.Сулаймонов [55], Д.Хоҷаев [60; 62], Т.Мардонӣ [35], Ибни Қурбон [26] ва Н.И.Ғиёсов [18] низ хидматҳои донишмандони форсу тоҷик дар тамаддуни исломӣ, аз ҷумла, дар забоншиносии араб ба гунае таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Робитаҳои таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Масъалаҳои таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои таҳқиқи илмӣ робитаи зич дошта, натиҷа ва хулосаҳои таҳқиқи илмӣ метавонад дар таҳия ва такмили барномаҳои таълимӣ истифода шавад. Баррасӣ ва таҳлили мавзуи диссертатсияи мазкур дар доираи яке аз самтҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи филологияи араби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Ҳадафи таҳқиқ. Ҳадафу мақсади таҳқиқ, пеш аз ҳама, аз муайян намудани нақшу мақом ва хидматҳои мондагори донишмандони форсу тоҷик дар пайдоиш ва ташаккули забоншиносии араб иборат мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқ. Барои расидан ба мақсаду ҳадафҳои худ таҳлилу баррасӣ намудани вазифаҳои зерин мавриди назар қарор дода шудааст:

-мушаххас намудани заминаҳо ва ангезаҳои пайдоиши забоншиносии араб;

– муайян кардани зарурати ҷойгоҳи забоншиносии араб аз нигоҳи таърихӣ;

– нишон додани асолат ва таъсирпазирии забоншиносии араб;

– муайян намудани асосгузори забоншиносии араб;

– мушаххас намудани саҳми мардуми форсу тоҷик дар пайдоиши забоншиносии араб;

–инъикоси нақши донишмандони форсу тоҷик дар таъсиси мактабҳои сегонаи забоншиносии араб: Басра, Куфа ва Бағдод;

– омӯзиши андешаҳои забоншиносии намояндагони машҳури ин мактабҳо;

– муайян намудани мактабҳои забоншиносӣ дар сарзаминҳои форсу тоҷикнишин;

– муайян кардан ва нишон додани саҳми донишмандони форсу тоҷик дар фарҳангнигорӣ, илмҳои сарфу наҳв;

– фарқ байни наҳви илмиву таълимӣ ва нишон додани саҳми донишмандони форсу тоҷик дар ташаккулу пешбурди ҳар кадоми он;

– омӯзиши манзумаҳои забоншиносӣ ва муайян кардани хидматҳои инкорнопазири забоншиносони форсу тоҷик дар пайдоиш ва рушду такомули он.

Объекти таҳқиқи ин диссертатсияро забоншиносии араб ва таҳаввулу ташаккули он ташкил медиҳад.

Предмети таҳқиқи диссертатсионӣ хидматҳои ҷовидонаи донишмандони форсу тоҷик дар забони арабӣ ва нақшу саҳми онҳо дар пайдоиш ва ташаккули забоншиносии араб дар дарозои таърих мебошад.

Асосҳои назариявии таҳқиқ. Бунёду асосҳои назариявии диссертатсияро дастовардҳои донишмандони хориҷиву ватанӣ, аз қабили Ҷурҷӣ Зайдон, Тоҳо Ҳусайн, Аҳмад Амин, Муҳаммад Тантовӣ, Шавқӣ Зайф, Алӣ Абумукорим, Ҳасан Нассор, К.Броккелман, Ф.Сезгин, В.А. Звегинсев, В.С.Рибалкин, А.Ф.Исаева, С.Сулаймонов, Д.Хоҷаев, С.Назарзода, Мирзо Ҳасан Султон ва дигарон ташкил медиҳанд.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Диссертатсия дар асоси методҳои маъмулу санҷидашудаи забоншиносӣ, аз қабили мушоҳидаву муқоиса, синхрониву диахронӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва тавсифӣ-таҳлилӣ таълиф шудааст. Ҳамзамон, дар раванди таҳқиқ аз методи оморӣ истифода шудааст.

Сарчашмаҳои таҳқиқ. Ба унвони сарчашмаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ асарҳои таърихӣ-тазкиравӣ ва тарҷумаҳолии донишмандони гузашта, аз қабили “Табақот-уш-шуаро”-и Муҳаммад ибни Салломи Ҷумаҳӣ, «Маротиб-ун-наҳвийин»-и Абутайиби Луғавӣ, «Ахбор-ун-наҳвийин-ил-басрийин»-и Абусаъиди Сирофӣ, «Табақот-ун-наҳвийин ва-л-луғавийин»-и Абубакри Зубайдӣ, «Таърих-ул-уламо-ин-наҳвийин мин-ал-басирийин ва-л-куфийин ва ғайриҳим»-и Қозӣ Абулмуҳосин Танухӣ, «Нузҳат-ул-алиббо фи табақот-ил-удабо»-и Абулбаракот ибни Анборӣ, «Инбоҳ-ур-рувот ало анбоҳ-ин-нуҳот»-и

Ҷамолиддини Қифтӣ, «Ишорат-ут-таъйин фи тароҷим-ин-нуҳот ва-л-луғавийин» -и Абдулбоқии Ямонӣ, «Ал-Булға фи тароҷим аимат-ин-наҳв ва-л-луғат»-и Муҳаммад ибн Яъқуби Фирӯзободӣ, «Табақот-ун-нуҳот ва-л-луғавийин»-и Қозӣ Шаҳба, «Буғят-ул-вуот фи табақот-ил-луғавийин ва-н-нуҳот»-и Ҷалолиддин Суютӣ, “Ал-Феҳрист”-и Ибни Надим, “Муъҷам-ул-удабо: иршод-ул-ариб ило маърифат-ил-адиб”-и Ёқути Ҳамавӣ, “Муқаддима”-и Ибни Халдун ва “Вафиёт-ул-аъён ва анбои абно-из-замон”-и Ибни Халликон интихоб шудаанд.

Ҳамзамон, асарҳои таълифу таснифкардаи забоншиносони арабинигори гузаштаи форсу тоҷик, аз қабили “Китоб”-и Сибавайҳ, “Мо талҳану фиҳи-л-омату”-и Кисоӣ, “Маони-ул-Қуръон”-и Фарро, “Ат-Таҳзиб”-и Азҳарӣ, “Девон-ул-адаб”-и Форобӣ, “Ас-Сиҳоҳ”-и Ҷавҳарӣ, «Нузҳат-ут-тарф фи илм-ис-сарф”-и Майдонӣ, “Ал-Муфассал фи-л-арабия”, “Ал-Унмузаҷ” ва “Ал-Муфрад ва-л-мураккаб”-и Замахшарӣ, “Ал-Фавоид-уз-зиёия”-и Ҷомӣ ва ғ. аз сарчашмаҳои муҳим дар таълифи ин диссертатсия ба шумор мераванд.

Навгонии илмии таҳқиқ аз нукоти зерин иборат мебошад:

– дар диссертатсия аввалин бор дар арабшиносии тоҷик заминаву ангезаҳои пайдоиши забоншиносии араб, ҳамзамон, асолату таъсирпазирии он мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст;

– бори аввал такя ба таҳқиқу таҳлилҳои илмӣ саҳми “маволӣ”/ мардуми форсу тоҷик дар шаклгирии забоншиносии араб нишон дода шудааст;

– саҳми фарҳангнигорони арабинигори форсу тоҷик дар рушди фарҳангнигории араб ва ибтикори равишҳои гуногуни фарҳангнигории онҳо марҳила ба марҳила тасвир карда шудааст;

– барои аввалин бор дар арабшиносии тоҷик атрофи се мактаби забоншиносии араб: Басра, Куфа ва Бағдод, таҳқиқоти илмӣ анҷом шуда, дар мавриди муассисону намояндагони форсу тоҷики онҳо пажуҳиш сурат гирифтааст;

– ибтикороту ихтирооти донишмандони форсу тоҷик дар омӯзаҳои наҳвию сарфӣ ба таври равшан баён карда шудааст;

– бори аввал дар арабшиносии тоҷик дар мавриди манзумаҳои забоншиносии араб таҳқиқ анҷом дода шуда, дар зимн нақшу саҳми забоншиносони арабинигори форсу тоҷик дар пайдоиш ва ташаккули он нишон дода шудааст;

– дар арабшиносии тоҷик нахустин бор атрофи мактабҳои забоншиносии арабӣ дар сарзаминҳои форсу тоҷикнишин пажуҳиш анҷом шудааст;

– бори аввал ба таври мушаххас атрофи наҳви илмӣ ва наҳви таълимӣ масъалагузорӣ сурат гирифтааст.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда

1. Забоншиносии араб дар баробари забоншиносии ҳиндиву юнонӣ ва чинӣ аз нахустин забоншиносиҳое ба шумор меравад, ки дар ташкил ва ташаккули забоншиносии умумӣ, равишҳои таҳқиқоти илмӣ атрофи падидаҳои гуногуни забонӣ, ҳамзамон, дар рушди истилоҳофаринии сарфию наҳвӣ нақши бориз дорад.

2. Заминаҳову ангезаҳои асосии зуҳури забоншиносии араб на аз таъсири забоншиносиҳои дигар миллатҳо, балки аз муҳити худи арабҳо буда, дар ин маврид таъсири омилҳои гуногуни диниву сиёсӣ ва иҷтимоиву забонӣ ба назар мерасад.

3. Саҳми маволӣ, хусусан мардуми форсу тоҷик, дар ташкили ҳамзистии забонҳои арабӣ ва форсию тоҷикӣ, ҳамзамон, дар бамайдоноии забоншиносии араб як воқеияти таърихии инкорнопазир аст.

4. Фарҳангнигории араб, бе тардид, мадюни ибтикору талошҳои донишмандони форсу тоҷик аст, зеро саҳми донишмандони ин миллат дар эҷоди равишҳои гуногуни фарҳангнигории араб бисёр назаррас мебошад.

5. Дар саргаҳи забоншиносии араб асари мондагори Сибавайҳ “Китоб” қарор дорад. Дар ин асар аввалин бор дар таърихи араб

масоили гуногуни забоншиносӣ, аз савтиёт сар карда то сарфу наҳв ва балоғат ба таҳлилу баррасӣ кашида шудааст.

6. Поягузорони асосии мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа ва Бағдод ва машҳуртарин намояндагони он донишмандони форсу тоҷик буданд. Ҳамзамон, мактабҳои забоншиносии Мисру Қайравон ва Андалус мадюни дастовардҳои илмии ин мактабҳои сегонаи арабиянд.

7. Ҳавзаҳои илмии сарзаминҳои форсу тоҷикнишин дар тарвиҷу интишори забони арабӣ дар ин диёр ва ташкили мактабҳои забоншиносии арабӣ дар он саҳми назаррас гузоштаанд.

8. Донишмандони арабинигори форсу тоҷик дар кашидани илмҳои гуногун ба риштаи назм, аз ҷумла дар эҷоди манзумаҳои забоншиносӣ, чи дар муҳити арабнишин ва чи дар хориҷ аз он, аз поягузорону пешоҳангон ба шумор меоянд.

9. Дар таълифи асарҳои сирф илмии забоншиносӣ ва сирф таълимӣ нақшу саҳми донишмандони форсу тоҷик, чи дар муҳити арабнишин ва чи дар хориҷ аз он, назаррас мебошад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар арабшиносии тоҷик забоншиносии араб мавриди таҳқиқи монографӣ қарор гирифта, дар зимн нақшу саҳми донишмандони форсу тоҷик дар поягузории ин забоншиносӣ ва ташаккули он дар дарозои таърих нишон дода шудааст. Дар баробари ин, набоғати забоншиносии донишмандони форсу тоҷик, ки андешаҳояшон фаротар аз забоншиносии араб аст, ба тасвир кашида шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқ. Натиҷаву хулосаҳои таҳқиқро метавон дар таълиму тадриси курсҳои тахассусӣ оид ба таърихи забоншиносии араб, таъсири забоншиносии араб дар ташаккули истилоҳот ва истилоҳотофаринии забоншиносии тоҷик мавриди истифода қарор дод. Илова бар ин, натиҷаву хулосаҳои таҳқиқро метавон дар навиштани корҳои илмӣ перомуни забону забоншиносии араб, забоншиносии қиёсӣ ва равобити забонҳои арабӣ ва форсию тоҷикӣ ба кор бурд.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо шиносномаи ихтисосҳои 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ва 10.02.22 – Забонҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони арабӣ) – мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар ҷамъоварии маводи фаровон аз сарчашмаҳои қадимаи таърихӣ-тазкиравии арабӣ, тарҷумаи маълумоти ин манбаъҳо ба забони тоҷикӣ ва коркарди онҳо, ҳамзамон, омӯзиши назарияҳои донишмандони муосири арабу форс ва шарқшиносони аврупоиву рус дар робита ба мавзуи баҳс, омода намудани мақолаву маъруза ва нашри монография доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Таҳқиқи мазкур заҳмати чандинсолаи муаллиф буда, дар шакли диссертатсия таҳия гардидааст.

Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Аз рӯйи мавзуи таҳқиқ довталаби дараҷаи илмӣ дар конфронсҳои гуногунсатҳ баромад намудааст. Аз ҷумла, ин мавзуъ аз ҷониби довталаб дар конфронсҳои ҷумҳуриявии ноябриву апрелии кафедраи филологияи араб (солҳои 2015 – 2022), конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ – 21-уми феврал (ш.Душанбе, 18 – уми феврали соли 2022), конференсияи байналмилалии “Рушди забони адабии тоҷикӣ дар замони истиқлол: мушкилот ва дурнамо” бахшида ба 85 – солагии доктори илми филология, профессор Ҳомид Маҷидов (15 – июни соли 2022), конференсияи байналмилалии “Филологияи араб ва замони муосир” бахшида ба 75 – солагии доктори илми филология, профессор Сайидраҳмон Сулаймонов (28 октябри соли 2022), конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами арабшиносии тоҷик” бахшида ба 75 – солагии доктори илми филология, профессор Т.Н.Мардонӣ (2 декабри соли 2022) матраҳ гаштааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи филологияи араби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз таърихи 15.10.2022, суратмаҷлиси №2, ҷаласаи шурои олимони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 24.12.2022, суратмаҷлиси №4 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Хулосаҳои асосии диссертатсия дар як монография, 28 мақола, аз ҷумла 20 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 339 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

БОБИ 1. ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ

1.1. Сайри мухтасаре дар таърихи забоншиносӣ (то забоншиносии араб)

Забоншиносӣ ҳамчун илм дар бораи забон аз ҷумлаи илмҳое ба шумор меравад, ки ҳанӯз пеш аз милод мавриди таваҷҷуҳи донишмандон қарор гирифта будааст. Вале сайри таърихии он ҳамеша якранг набуда, вобаста ба ҳар марҳилаи таърихӣ ва бо назардошти хусусиятҳои фарҳангиву иҷтимоии ин ё он миллат ташаккул меёфтааст. Ҳамин аст, ки дар ростои омӯзаҳои забоншиносӣ ҳанӯз аз пайдоиш ва ташаккули таърихияш дар байни миллатҳои гуногун равишу назарияҳои гуногуни илмӣ ба кор мерафтааст. Чунончи, забоншиносӣ гоҳе такя ба фалсафа намуда, ақлу мантиқ ҳамчун асоси пажуҳишу омӯзиши он қарор мегирифтааст, дар ҳоле ки гоҳе дигар назарияҳои забоншиносӣ аз ин ду дур гашта, таҷрибаву мулоҳиза ҳамчун меҳвару воситаи пажуҳиши он будааст [338, с.3].

Ҳарчанд таърих шоҳиди тамаддунҳои зиёде бошад ҳам, вале на ҳар тамаддун аз худ мероси забоншиносӣ ба ёдгор мондааст. Чунончи, дар асарҳои ба таърихи забоншиносӣ бахшидашуда дар мавриди Мисри қадим чизе ишора намешавад ва ё агар шавад ҳам, танҳо вобаста ба хондани иероглифҳои мисрӣ аст, ки чандон робитаи мустаҳкаме ба забоншиносӣ надорад [46, с.7]. Ба ақидаи В.М.Алпатов, «бештари фарҳангҳо, сарфи назар аз соҳиби хат будан, дар робита ба забоншиносӣ чизе насохтаанд ва ё дасти кам мо дар бораи он чизе намедонем. Масалан, бисёр душвор аст, ки дар бораи он ки дар мавриди масоили забонӣ дар Мисри қадим чи андешае доштанд, сухане гӯем, дар ҳоле ки бе тардид хондану навиштанро меомӯхтанд. Аз анъанаи забоншиносии хетҳо-сокинони Урарту–тамаддуни Америка ва боз халқҳои дигар чизе барои мо маълум нест» [2, с.8].

Забоншиносӣ нахуст дар Ҳинд ба майдон омадааст. Барои бори аввал дар таърихи башарият аз ҷониби Панини (V-IV пеш аз милод)

дастури забони санскритӣ навишта шуд[1]. Ба таъкиди донишмандон, Панини бунёдгузори забоншиносии Ҳинд набуда, балки намояндаи марҳилаи ташаккули он ба шумор меравад [152, с.59]. Дар навиштаҳои Панини грамматикаи меъёрии забони санскритӣ дар такя ба матнҳои «Ведҳо» тасвир ёфтааст [12,с.9]. Грамматикае, ки Панини тартиб додаву дар асари «Ashtadhyayi» (Қисмҳои ҳаштгона), гирдоварӣ шудааст, тасвири пурра ва хеле муҷази забон буд [9, с.116]. Иқдоми Панини дар навиштани грамматика ба мушкилоти хондан ва фаҳмидани матнҳои динии «Ведҳо» бармегардад. Ба ин маъно, ки вақте фаҳмидани забони ин гуна матнҳо душвор ва барои мардум ноошно гашт, зарурати пайрезии қонунҳои забонӣ ҷиҳати хониш ва фаҳмиши матнҳо ва ҳамзамон бо ин, нигаҳдории онҳо аз ҳар гуна осебпазирие, ки дар натиҷаи бархӯрд ба дигар лаҳҷаву забонҳо сар мезанад, ба майдон омад. Ин амали Панини сабаб гашт, ки бо гузашти замон забони санскрит забони адабии расмии бараҳманҳо ва табақаи олии ҳиндиҳои шимолу ғарбии Ҳиндустон дар асри чоруми пеш аз милод гардад [338, с.20-21].

Ба ақидаи бархе донишмандон, гуфторҳои грамматикии Панини, ки аз 3981 афоризм ё қоида (сутра) иборат будаву ба таври шеъргуна савтиёту луғат ва сарфу наҳви забони санскритро дар бар мегирифтааст, нахуст ба шакли шифоҳӣ буда, маҳз баъд аз чандин асри таълифи он навишта мегардад [33, с.14]. Андешаҳои Панини дар робита ба грамматика дар ташаккули забоншиносии баъдӣ, хусусан забоншиносии Хитой, Тибет ва Япония нақши муҳим дошта, то имрӯз ҷойгоҳи худро ҳамчун қонунҳои грамматикӣ-меъёрии шинохти забони санскрит аз даст надодааст [12, с. 9]. Забоншиноси дигари Ҳинди қадим Яска ба шумор меравад, ки нахустин таснифоти ҳиссаҳои нутқ[2] ба ӯ марбут аст, инчунин, ӯро дар таърих ҳамчун этимолог-решашинос ёд мекунанд.

---

[1]Ғолиб Матлабӣ мегӯяд: «Дар «Доират-ул-маорифи Британия» Панини қадимтарин забоншинос муаррифӣ мешавад, дар ҳоле ки бе тардид то ӯ садҳо забоншиноси дигар ба сар бурдаанд, ки дар мавриди забону ҷавҳари он баҳсҳо намудаанд, вале, мутаассифона, аз осори онҳо то замони мо чизе нарасидааст» [295, с.10].

[2] Забоншиносони ҳиндӣ ҳиссаҳои нутқро ба чор қисм: исм, феъл, пешоянд ва ҳиссачаҳо ҷудо менамуданд [7, с.8].

Азбаски Панини ва Яска аз ҳамдигар ёдовар нашудаанд, маълум нест, ки кадоме аз онҳо пештар ва ё баъдтар зистааст ва гумони ғолиб ин аст, ки онҳо дар як марҳилаи таърихӣ ба сар бурдаанд [2, с.10].

Донишмандони Ҳинд дар муқоиса ба донишмандони Юнон дар таснифи овозҳо ба ҷарангдору беҷаранг ва тақсими онҳо аз нигоҳи махраҷ низ муваффақтар будаанд [340, с.92]. Ҳамзамон, шумора ҳамчун категорияи исм, ки аз танҳову дутогӣ ва ҷамъ иборат аст, назди ҳиндиён маъруф будааст. Замонҳои сегона: гузашта, ҳозира ва оянда низ дар осори забоншиносии ҳиндиён тасниф гаштааст [152, с.60].

Дар забоншиносии қадимаи Хитой таваҷҷуҳи бештар ба савтиёт ва сохтору маънои калима дода мешудааст, ки таҳияи нахустин фарҳанги тафсирии «Eah Ya» аз ҷониби чанд насли донишмандон (асрҳои III-II пеш аз милод) инро таъйид менамояд. Дар ин фарҳанг шарҳу тафсири калимаҳое, ки дар матнҳо қадима омадааст, бо як низоми муайян оварда шудааст. Дар охири асри аввали милодӣ фарҳанги дигари хитоӣ «Shwo wan» таҳия гардид, ки тақрибан 10,600 калимаро дар бар мегирифт ва таваҷҷуҳи бештари он ба гирдоварии ҳамон калимаҳое нигаронида шуда буд, ки дар матнҳои динӣ омадаанд. Вале фарҳанги мазкур низ мукаммал ва фарогир ба шумор намеравад, зеро он, ҳатто, ҳама калимаҳое, ки дар муқаддимааш оварда шудааст, дар бар намегирад [152, с.74]. Дар нахустин асрҳои милодӣ дар Хитой аввалин фарҳангҳои лаҳҷавӣ таҳия гардид [12, с.9]. Таъсирпазирии забоншиносии Хитой аз забонишносии Ҳинд, хусусан, дар бахши савтиёт бараъло ба назар мерасад ва он ҳам ба он хотир, ки роҳибони будоӣ бо забони санскритӣ сухан мегуфтанд [338, с.19].

Андешаҳои забоншиносӣ дар Юнон дар зимни фалсафа ташаккул ёфта, чандин муддат ҳамчун ҷузъи он ба шумор мерафт[3]. Ба ибораи

[3] Дар робита ба ин донишманди араб Ғозӣ Мухтор Тулаймот мегӯяд: «Бе тардид, юнониён фалсафаро бисёр гиромӣ дошта, онро модари донишҳо ба қалам медоданд. Ҳамин аст, ки ҳама гуна илм, чи ситорашиносиву чи математика зери султаи фалсафа қарор дошт. Пас, табиист, ки забоншиносӣ низ аз зери султаи фалсафа канора намондааст. Шояд муҳимтарин чизе ки файласуфон, ки дар як вақт боз забоншинос

дигар, забоншиносии Юнон маҳз зодаи зеҳни файласуфони он буд, чаро ки маҳз онҳо дар мавриди забону мушкилоти он пажуҳиш анҷом медоданд ва чигунагии аслу табиати забон яке аз баҳсҳои меҳварӣ байни онҳо ба қалам дода мешавад. Метавон гуфт, ки меҳвари асосии омӯзаҳои забонии юнониёнро дар аввал шеъру гуфтори шоирону суханварон ташкил медодааст. Яъне, андешаҳои забоншиносии юнониён дар пояи таҳлилу баррасии забони навиштории адабӣ, хусусан матнҳои навиштаи адибоне аз қабили Ҳумериюс ба майдон омадааст. Чунончи, Диюнесиюс Тарокис ҳангоми тавсифи забони юнонӣ гуфтааст: «қоидаҳо иборат аз шинохтест, ки дар пояи таҷрибаи он чи шоирону нависандагон гуфтаанд, бунёд ёфтааст» [338, с.155]. Ба ин тартиб, андешаҳои забоншиносии юнонӣ ҳарчанд дар домани фалсафа ташаккул ёфта бошад ҳам, вале такяи асосии он бар адабиёт буд. Аз ҷумла, Сукроту Афлотун ва Арасту аз ҳуқуқи инсон/суханвар дар мавриди истифода аз забонаш сухан мегуфтанд ва забони меъёрие, ки дар он асрҳо файласуфон дар назар доштанд, ин забони намунавии адабии шеъру наср, ки дар саргаҳи он «Илиада»-ву «Оддисей»-и Ҳомер қарор дошт, ба ҳисоб мерафт.

Дар робита ба масоили забоншиносӣ байни файласуфони Юнон ихтилофи назар вуҷуд доштааст, ба гунае ки Афлотун забонро ҳамсафари инсон – илҳому истеъдод мешуморад ва барои таъйиди он зарурати таъини вожагони нахустинро дар ҳама забонҳо пешниҳод менамояд. Сипас мушкилии ин пешниҳодро дарк намуда, таъкид месозад, ки расидан ба ин маҳз бо омӯзиши забонҳои халқҳои дигар сурат мегирад, ки ин корест на осон. Арасту бошад, бархилофи Афлотун забонро истилоҳӣ, яъне зодаи ҷамъият ва иттифоқоти мардум ба қалам дода, дар таъйиди он пажуҳишҳое низ анҷом додааст. Дар натиҷаи ихтилофи ин ду файласуф ду мактаби забоншиносии юнонӣ:

ба шумор мерафтанд, мехостанд ба дарки он расанд, ин пайдо кардани решаҳои забони инсонӣ ва асли он будааст, яъне онҳо талош мекарданд, то аз чигунагии пайдоиши забон огоҳӣ дошта бошанд» [294, с.94]

беқоидагаро (аномалистов) ва қиёсиён (қоидагаро) (аналогистов) ба майдон омад [7, с.12; 338, с.8].

Ҳанӯз асри IV пеш аз милод Афлотун нахустин грамматикаи забони юнониро навишта, истилоҳи techne grammatike (санъати нигориш)-ро ба кор бурд, ки маҳз истилоҳи грамматикаи муосир аз ин ҷо маншаъ мегирад [12, с. 9].

Андешаҳои забоншиносии Юнон ба ду давра тақсим карда мешавад. Забоншиносӣ дар давраи аввал, ки асрҳои V-III пеш аз милодро дар бар мегирад, бахше аз фалсафа ба шумор рафта, масоили забонӣ дар он маҳз аз диди фалсафӣ ба баррасӣ кашида шудааст. Дар давраи дувум, ки аз асри III пеш аз милод то асри IV милодӣ идома кардааст ва ҳамчун давраи александрӣ шинохта мешавад, забоншиносӣ (хусусан грамматика) ҳамчун илми мустақил баромад менамояд [7, с.9]. Алоқаи юнониён ба забон сирфан маҳдуд ба масоили фалсафӣ мешуд. Алекандрияҳои садаҳои дувуму савуми пеш аз милод ба адабиёти гузашта алоқа доштанд. Чун ҳамаи забонҳо дар давроне аз таърихи худ ба дигаргунӣ рӯбарӯ мешаванд, дар натиҷа дар осори адабии садаи панҷуми пеш аз милод вожаҳо ва ибораҳое ба майдон омад, ки бо вожаҳо ва ибороти мавриди истифодаи александриягиҳо тафовут доштанд. Аз ин рӯ, адибон лозим медиданд, ки перомуни тафовутҳои мавҷуд байни забони адабиёт ва забони гуфтории мардум тафсирҳое навишта намоянд [184, с.24]. Маҳз дар марҳилаи дувум (асрҳои III-II пеш аз милод) забоншиносони шинохтае, аз қабили Зенодот, Ликофрон, Александр Этолейский, Каллимах, Эратосфен, Аристарх Самофракийский ва ғ. ба майдон омаданд. Хусусан, Аристрах (217-145 пеш аз милод) дар ташаккули забоншиносии александрӣ нақши муҳим бозидааст. Мавсуф забони Ҳомерро пажуҳиш намуда, ба масоили навиштани калимаҳо, зада ва иштиқоқ таваҷҷуҳ менамудааст. Забоншиносони Искандария, хусусан Аристарх аз бунёдгузорони омӯзиши қиёсии забон ба шумор меравад. Чунончи, онҳо талош намудаанд, то меъёрҳоеро пайрезӣ намоянд, ки тавассути он падидаҳои

грамматикӣ баҳогузорӣ шаванд [43, с.214-215]. Шогирди Аристарх Дионисия Фракийс (Dijnysius Thrax) китобе дар наҳв тасниф намудааст, ки дар он дар баробари андешаҳои наҳвии худ боз андешаҳои наҳвии донишмандони гузаштаро оварда, дар зимн робитаи байни забону адабиётро таъкид намудааст. Инчунин, Дионисиюс ҳиссаҳои нутқро ба 8 қисм тасниф намудааст, дар муқоиса ба таснифи гузаштаи ҳиссаҳои нутқ дастоварди наэаррас ба ҳисоб мерафт. Асари мазкур 1800 сол ҳамчун сарчашмаи муътамади грамматикӣ барои забони юнонӣ хидмат намудааст [152, с.64].

Бо омӯзиши забоншиносии Ҳинд ва Юнон метавон ба чунин натиҷа расид, ки забоншиносии Ҳинд ба фарқ аз забоншиносии Юнон, хусусан дар тафовут аз марҳилаи аввали он дар пояи мантиқ асос наёфтааст, балки дар он талош шудааст, ки забони санскрит мавриди омӯзиши тавсифӣ қарор гирад. Ба ин хотир аст, ки ҳиндиҳо дар ташаккули афкору омӯзаҳои забоншиносӣ аз юнониён дида муваффақтар ба назар мерасанд [340, с.92], чаро ки онҳо забонро ҳамчун падидаи табиӣ ба баррасӣ кашидаанд вадар таҳлили масоили забонӣ чуну чарои мантиқиро канора гузоштаанд.

Сурёниҳо аз қадим бо юнониён бархӯрд намудаву бинобар ҳамсоягӣ, аз як тараф ва дар зери султаи юнониён будан, аз тарафи дигар, бо онҳо омезиш ёфтаанд. Ба хотири ҳамин ҳамҷаворӣ ва бархӯрдҳост, ки суриёниҳо грамматикаи забони юнониро ба забони сурёнӣ тарҷума карда, бо ин вожаву истилоҳоти зиёди юнониро вом гирифтаанд. Ҳамзамон, дар пайгузории қоидаҳои грамматикӣ сурёниҳо пурра ба юнониён пайравӣ кардаанд. Нахустин дастурнависи сурёнӣ Юсуфи Аҳвозӣ (ваф. 580 м) ба шумор меравад, ки ҳам дар робита ба грамматикаи забони сурёнӣ рисолае таълиф кардааст ва ҳам аз забони юнонӣ китоби «Сохтани дастур»-ро ба сурёнӣ тарҷума кардааст. Илова бар ин, мавсуф баъзе аломатҳои китобати ҳарфҳоро ихтироъ карда, рисолае дар мавриди вожагоне тасниф кардааст, ки бо як шакл навишта

мешаванд, вале баёнгари маонии гуногунанд.[4] Дар забоншиносии сурёнӣ Яъқуб Барҳовӣ (тав. тах. 640 м-ваф. 708 м) нахустин нафаре ба шумор меравад, ки дастури мукаммали забони сурёниро тадвин кардааст. Дар ин асар қоидаҳои забони сурёнӣ бо такя ба грамматикаи забони юнонӣ гирдоварӣ шудааст [152, с.66-67].

Аз баррасии забоншиносии сурёнӣ метавон хулоса намуд, ки ба ғайр аз нуқтагузориву аломатгузорие, ки сурёниҳо ихтироашро иддао мекунанд, дигар ҳама қоидаҳои грамматикии он аз забони юнонӣ нусхабардорӣ шудааст. Ҳамин аст, ки дар бештари китобҳои баррасикунандаи таърихи забоншиносӣ аз забоншиносии сурёнӣ ёдоварӣ намешавад.

Дар бархе сарчашмаҳо [152; 306] аз забоншиносии римиву ибрӣ низ ёд шудааст, вале аз нигоҳи мо ба овардани онҳо дар ин ҷо ниёзе нест, зеро забоншиносии римӣ нусха аз забоншиносии юнонӣ/александрӣ мебошад, дар ҳоле ки пайдоиш ва ташаккули забоншиносии ибрӣ пас аз забоншиносии араб ва ба гумони ғолиб таъсирпазируфта аз он мебошад.

1.2.Заминаҳо ва ангезаҳои пайдоиши забоншиносии Араб

Аз масоили баҳсбарангези забоншиносии араб замина ва ангезаҳои пайдоиши наҳв мебошад, ки агар дар гузашта танҳо зеҳни адибону таърихнигорони арабро машғул медошт, пас, дар ду асри ахир доманаи он густурдатар гаштаву шарқшиносонро низ ба худ ҷалби таваҷҷуҳ намудааст. Наҳви арабӣ, ки аз нигоҳи таърихияти худ баъди ду наҳви дигар: юнонӣ дар Ғарб ва ҳиндӣ дар Шарқ қарор дорад ва аз нигоҳи таъсиргузорӣ ба пайдоиш ва ташаккули наҳви забонҳои дигар аз ду наҳви зикршуда мондани надорад, зеҳни ҳар арабшиносеро машғул медорад. Зеро пайдоиш ва ташаккули чашмгири наҳве дар як муддати кӯтоҳтар аз нимаср ва он ҳам аз ҷониби мардуме, ки барои пайрезӣ

[4] Аз ин гуфтор бармеояд, ки Юсуфи Аҳвозӣ вожаҳои омонимии забони сурёниро гирдоварӣ кардааст.

намудани чунин қавоиди мукаммали наҳвӣ ниёзе намедиданд, ҳар нафареро ба андеша во медорад.

Ривояту таҳлилҳоро оид ба заминаҳои пайдоиши наҳви арабӣ Ибни Салломи Ҷумаҳӣ, Ибни Қутайба, Абутайиби Луғавӣ, Абулфарачи Исфаҳонӣ, Ибни Надим аз донишмандону таърихнигорони гузаштаи араб, Ҷурҷӣ Зайдон, Муҳаммад Тантовӣ, Тоҳо Ҳусайн, Шавқӣ Зайф, Алӣ Абумакорим, Таммом Ҳассон аз донишмандони муосири араб ба таври муҷазу муфассал овардаву дар таъйиду тазъифи он андешаронӣ намудааанд. Дар ховаршиносии русу Аврупо низ то ҳадде ба ин масъала таваҷҷуҳ шудаву аз ҷониби донишмандоне аз қабили Готтелф Бергштрассер, Ёҳан Фюк, В. Рибалкин ва дигарон андешаҳои ҷолибе ба риштаи таҳрир кашида шудааст. Дар арабшиносии тоҷик масъалаи пайдоиши наҳви арабӣ ва заминаҳои он, ба истиснои ишораҳое аз ҷониби Ф.А. Исаева ва Т. Яъқубов, дигар ношинохта боқӣ мондааст. Дар ҳоле ки пажуҳиши ин масъала дар арабшиносии тоҷик аз аҳамияти илмӣ холӣ нест. Ба ин маъно, ки аз як тараф, андешаҳои забоншиносии донишмандони классики форсу тоҷик маҳз дар асоси андешаҳои забоншиносии араб ба майдон омадааст, аз тарафи дигар, дар ташаккули забоншиносии араб саҳми донишмандони форсу тоҷик назаррас мебошад. Гузашта аз ин, бо таҳқиқи ин масъала ба суолот атрофи паҳлуҳои дигари «норӯшан»-и наҳви арабӣ, аз қабили дар заминаи таъсири забоншиносии юнониву ҳиндӣ ва сурёниву ибрӣ ба майдон омадани он ва ҳадафи таваҷҷуҳи ҷиддии донишмандон қарор гирифтани ин илм ба гунае метавон посухе пайдо намуд .

Ба ин тартиб, ҳар пажуҳише, ки дар робита ба забоншиносии араб, ба вижа бахши наҳви он аз ҷониби арабшиносони тоҷик сурат мегирад, бе тардид дар омӯзиш ва шинохти бештари андешаҳои забоншиносии классикии тоҷик мусоидат хоҳад намуд.

Дар адабиёти гузаштаи араб ангезаи поягузорӣ шудани наҳвро дар робита ба хатоҳое медонистанд, ки насли аввал ва дувуми садри ислом аз насли баъдӣ, аз наздикону пайвандони худ ва ё аз амирону коргузорони

давлатӣ шоҳид мешуданд. Машҳуртарини ин хатоҳо сар задани хатои наҳвӣ аз тарафи духтари Абуласвад Дуалӣ мебошад, ки бештари сарчашмаҳои қадимаи арабӣ ба он ишора намудаанд.

Барои возеҳтар намудани мавзуъ метавон дар ин ҷо андешаҳои донишмандони арабу ғайриарабро дар мавриди ангезаҳои пайдоиши забоншиносии араб ба таври муфассал ёдовар шуд:

А) **Донишмандони гузаштаи араб**. Куҳантарин матне, ки ба пайдоиши забоншиносии араб ва ангезаҳои иқдоми донишмандон ба пайрезии он то мо расидааст, ин гуфтори Муҳаммад ибни Салломи Ҷумаҳӣ (ваф.231 ҳ) дар китобаш «Табақоту фуҳул-иш-шуаро» мебошад, ки чунин аст: «Мардуми Басра дар мавриди забони арабӣ пешқадам ва ба наҳву лаҳҷаҳои араб таваҷҷуҳ доштанд. Нахустин нафаре, ки забоншиносиро асос гузошту дари онро боз кард ва роҳи онро ҳамвор сохту барои он қиёс гузошт, Абуласвад Дуалӣ буд… Ӯ аз мардуми Басра ва ақидаи алавӣ дошт. Ӯ вақте ба ин иқдом кард, ки гуфтори араб дар изтироб буду ба тозагуфторӣ халал ворид шудаву қоидаи наҳвие вуҷуд надошт. Ҳамзамон, мардуми бонуфуз (шинохта) дар гуфтор хато мекарданд. Аз ин рӯ, вай (Дуалӣ – И.К.) боби фоъил, мафъул, музоф, ҳарфҳои ҷарру рафъ ва насбу ҷазмро ниҳод» [320, с.29].

Баъдтар Абулаббос Мубаррид (ваф.285 ҳ) сабаби пайрезии қоидаҳои наҳвиро ба қиссае марбут медонад, ки дар он духтари Абуласвад вобаста ба гармии тобистон ба ҷойи услуби тааҷҷуб услуби суолро истифода мекунад ва аз вокуниши падараш ҳайрон шуда, мегӯяд: «Ман суоле надорам, балки тааҷҷуби худро аз шиддати гармӣ баён кардам». Абуаласвад аз ин истифодаи нодурусти духтараш дар ташвиш афтода, бо муроҷиат ба Алӣ ибни Абутолиб (р) ва раҳнамоии ӯ ба асос гузоштани забоншиносии араб ҳиммат гумошт [287, с.23]. Айни ҳамин ривоятро мо дар китоби «Ал-Изоҳ фи илал-ин-наҳв»-и Абулқосим Заҷҷоҷӣ (ваф. 337 ҳ) мехонем, ки Дуалӣ бо шунидани сухани духтараш ӯро ислоҳ карда, пасон мегӯяд: «забони фарзандонам вайрон шудааст. Аз ин рӯ, хост, то китобе навишта, дар он асосҳои забони арабиро

гирдоварӣ намояд, вале амири Ироқ, Зиёд ибни Абиҳ, монеи ӯ шуда, мегӯяд: «Ман намехоҳам, ки мардум ба он машғул шаванду забонро тарк намоянду дигар онро аз тариқи ривоят аз худ нанамоянд. Аммо бо паҳн шудани хатогуфторӣ ва риоя нашудани қоидаҳои забони арабӣ Зиёд аз тасмими худ бармегардаду Абуласвад Дуалиро барои навиштани китоб дар робита ба забоншиносии араб дастур медиҳад. Ба ин тартиб, Дуалӣ дар мавриди қоидаҳои забони арабӣ китобе менависад [124, с.89]. Тибқи ин ривоятҳо, маҳз ҳамин корбурди нодурусти услуби суол ба ҷойи услуби тааҷҷуб, ки дар забони арабӣ дар баробари овоз/зада боз тавассути ҳаракатҳои эъробӣ фарқгузорӣ мешавад, боис гашта, ки забоншиносии араб асос гузошта шавад.

Абусаъид Сирофӣ дар баробари овардани ин ривоятҳо боз чандин ривояти дигареро меорад, ки дар бархе Абуласвад ба худии худ иқдом ба гузоштани нахустин қоидаҳои наҳвӣ менамояд ва дар бархе дигар ин корро бо амри Зиёд ибни Абиҳ анҷом медиҳад. «Абуласвад аз Алӣ ибни Абутолиб (р) қоидаҳои арабиро фаро гирифт, вале онро ба касе таълим намедод. Зиёд ба ӯ гуфт: «Коре намо, ки дар он муассис бошӣ, яъне мардум аз он кори ту суд баранд». Вале Абуласвад аз ин сар печид, то ин ки қироати мардеро шунид, ки оятеро нодуруст мехонад. Аз он ҷо ба назди Зиёд омаду гуфт: «Ман он чизеро, ки дастур дода будӣ, ба ҷо меорам». Ҷойи дигар Абуласвад ба Зиёд мегӯяд, ки арабҳо бо ғайриарабҳо омехта шудааанду забонашон ба дигаргунӣ дучор гаштаст, аз ин рӯ, барои қоидагузории забони арабӣ иҷозат мепурсад, вале дувумӣ монеи ӯ мешавад, то ин ки марде ба назди ӯ омада, дар гуфтор эъроби фоъилро бар мафъул ва мафъулро бар фоъил мегузорад. Зиёд бо мушоҳидаи чунин хатогуфторӣ Абуласвадро фаро мехонад ва ӯро барои навиштани китобе дар қоидаҳои забони арабӣ дастур медиҳад [108, с.13]. Илова бар ин, Сирофӣ дар мавриди аввалин ангезаҳои аосогузории илми наҳв қиссаи дигареро ривоят мекунад, ки мувофиқи он марди форсие аз мардуми Бузанҷон бо номи Саъд зимоми асперо гирифта аз роҳе мегузашт, ки дар канори он чанд нафаре, аз ҷумла Абуласвад нишаста

буд. Бо дидани ӯ Абуласвад мепурсад: «Эй Саъд, чаро савор намешавӣ»? Саъд мегӯяд: «Аспам ланг аст» [5]. Аз ин гуфтори ӯ бархе нишастагон дар ханда шуданд. Вале Абуаласвад гуфт: «Ин маволӣ майл ба ислом доранду ба он гаравидаанд ва бо ин бародари мо гаштаанд, пас, бояд мо ба онҳо гуфторро омӯзонем». Сипас ӯ боби фоъилу мафъулро гузошт[108, с.14].

Аммо ба фарқ аз он чи гуфта шуд, донишманди дигар Абутайиби Луғавӣ (ваф.351 ҳ) дар «Маротиб-ун-наҳвийин» пайдоиши забоншиносии арабро ба интишори хатогуфторӣ дар байни арабҳо рабт дода, мегӯяд: «Бидон, аввалин чизе, ки дар гуфтори араб халал пазируфту ба омӯзиш ниёз дорад, эъроб мебошад, зеро хатогуфторӣ дар гуфтори маволӣ ва мардуми арабшудаи замони Паёмбар (с) ба майдон омад» [273, с.19]. Сипас бо овардани ривоятҳои марбут ба ин ба тарҷумаи ҳоли Абуласвад пардохта, дар он боз таъкид мекунад, ки Алӣ ибни Абутолиб (р) бо шунидани лаҳн-хатогуфторӣ, ба Абуласвад дастур медиҳад, то барои мардум қоидаҳоеро пайрезӣ намояд [273, с.20].

Дар асри чоруми ҳиҷрӣ донишмандони дигаре, аз қабили Абулфарачи Исфаҳонӣ (ваф. 376 ҳ), Абубакр Муҳаммад ибни Ҳасани Зубайдӣ (ваф. 379 ҳ), Абуҳаёни Тавҳидӣ (ваф. 380 ҳ), Муҳаммад ибни Исҳоқи Надим (ваф. 385 ҳ) ва дигарон ривоятҳоеро дар бораи пайдоиши забоншиносии араб овардаанд, ки умдатан дар атрофи гуфтори боло чарх мезананд. Донишмандони баъдии араб дар робита ба таърихи пайдоиши забоншиносии араб ба ҷуз овардани он ривоятҳо ва дар бархе маврид тарҷеҳи онҳо дигар нуктаи тозае нагуфтаанд[287, с.27-31].

Дар байни донишмандони гузаштаи араб шояд Ҷалолиддин Суютӣ (ваф.911) танҳо донишманде бошад, ки қариб ҳама ривоятҳои дар мавриди пайдоиши забоншиносӣ воридшударо дар асарҳои гуногуни худ гирдоварӣ намуда, гоҳе ҳусну қубҳи санаду лафзи онҳоро нақд намуда,

---

[5] Дар ин ҷо Саъд ба ҷойи калимаи ظالع – бо «ظ», ки ифодагари ланг аст, калимаи ضالع – бо «ض»-ро, ки моил будан ба чизе ва ҳамкору шарик буданро ифода мекунад, ба кор мебарад, ки ин муҷиби хандаи шунавандагон мегардад.

гоҳе дигар ҳамаро ба ҳоли худ, яъне бе ягон таҳлил ривоят кардааст. Ҳамзамон, ба қалами ӯ рисолаи «Сабабу вазъи илм-ил-арабия»[6] тааллуқ дорад [255], ки агар онро ҳамчун нахустин рисолае шуморем, ки ба таври алоҳида бевосита ба ин мавзуъ бахшида шудааст, ба хато нарафтаем.

Таҳлилу баррасии осори ба таърихи наҳви арабӣ бахшидашуда нишон медиҳад, ки донишмандони гузашта пайдоиши наҳвро, пеш аз ҳама, ба интишори лаҳн, ки дар натиҷаи омезиши арабҳо бо ғайриарабҳо рӯйи кор омада буд, марбут медонанд. Тамоми ривоятҳои дар ин самт овардашуда, аз хатои маволӣ сар карда, то саҳв дар гуфтори духтари Абуласвад Дуалӣ ба ҳамин нукта ишора мекунад. Ҳарчанд дар таърихи забоншиносии араб донишмандоне, аз қабили Муҳаммад ибни Мустанир машҳур ба Қутруб (ваф.206 ҳ/821 м), Ибни Рушд (ваф.595 ҳ/ 1198 м), Ибни Ҳазм (456 ҳ / 1065 м) ва Ибни Мазо (ваф.592 ҳ / 1196 м) ба бознигарии мавзуоти наҳвӣ даъват намуда, ба омилҳои лафзию маънавӣ вобаста кардани эъробро аз мушкилзоии қоидаҳои наҳвӣ дониста бошанд ҳам [29, с.53], вале ҳеҷ кадоме дар робита ба таърихи пайдоиши забоншиносии араб ихтилофи назаре нанамудаанд.

Ибни Халдун низ дар «Муқаддима» ба пайдоиши забоншиносии араб ишора карда, ангезаи асосии онро дар интишори хатогуфторӣ мебинад. Ба андешаи ӯ, донишмандони араб аз ин тарс доштанд, ки малакаи забони арабӣ бо гузашти рӯзгор ва омехташавии арабҳо ба миллатҳои дигар ба нестӣ меравад ва мардум дигар Қуръону ҳадисро фаҳмида наметавонанд, аз ин рӯ, аз забони арабӣ қонунҳоеро истинбот намуданд, ки барои дигар гуфтори араб ҳамчун меъёр шинохта мешуд [248, с.546].

Шояд дар таърих Абурайҳони Берунӣ нахустин нафарест, ки қиссаҳои пайдоиши наҳви арабиро ба қиссаи бамайдоноии наҳви ҳиндӣ

---

[6] Дар ин асар Ҷалолиддини Суютӣ, аслан, талош кардааст, ки ҳама ривоятҳои марбут ба пайдоиши наҳв воридшударо дар як рисола гирдоварӣ намояд, вале чи тавре аз мутолиаи рисола бармеояд, дар он муаллиф аз заъфу тарҷеҳи ривоятҳо то ҷойе худдорӣ кардааст.

монанд медонад, чунончи, мегӯяд: «Дар пайдоиши ин илм гуфтаанд, ки яке аз подшоҳҳояшон бо номи Самалвоҳ ва бо забони адабӣ Сотабоҳан[7] рӯзе дар ҳавзе бо ҳамсаронаш бозӣ мекард. Дар ин маврид ба яке аз онҳо гуфт: «Мовадакандаҳи», яъне бар ман об мапош. Аммо ҳамсараш гумон кард, ки ӯ мегӯяд: «мудкандаҳи»[8], яъне барои ман ҳалво биёр. Ҳамсар рафта, ҳалво меорад. Шоҳ ин кори ӯро намеписандад, зан бошад, дар ҷавоб дурштӣ мекунад. Шоҳ аз ин ваҳшатзада шуда, тарки таом менамояд ва ин аз одати онҳост. Ҳамзамон, аз ҳама дурӣ меҷӯяд, то ин ки донишманде ба наздаш омада, ӯро тасаллият мегӯяд ва ба ӯ омӯзиши наҳву тасрифи гуфторро ваъда медиҳад. Донишманди мазкур ба назди Маҳодиё рафта, тасбеҳу таҳлил мегӯяд ва рӯза мегирад, то он ки бар ӯ пайдо гашта, қоидаҳои содаеро ба ӯ меомӯзад. Ҳамгуни ин қоидаҳоро дар забони арабӣ Абуласвад Дуалӣ гузоштааст» [104, с.96].

Б) **Шарқшиносон**. Шак намудан ба асолати забоншиносии араб, ба майдон омадани наҳви арабиро дар асоси мантиқи юнонӣ донистан ва эъробро зодаву сохтаи зеҳни як гурӯҳ аз забоншиносон шуморидан, аз ҷумлаи масъалаҳоест, ки маҳз дар марҳилаи эҳёи адабиёти араб ва дар зери таъсири назарияҳои шарқшиносон роиҷ гаштааст. Бо мутаассир шудани донишмандон ва забоншиносони араб аз манҳаҷи пажуҳишии шарқшиносон сару садое атрофи аз нав баррасӣ ва содаву осон намудани қонуну қоидаҳои наҳви арабӣ, ки таърихи тулоние дорад, дар мактабҳои муосири забоншиносии араб баланд гашт. Ба ҳамин тартиб шарқшиносон, аз як ҷониб, бо равишҳои нави пажуҳишии худ ба бархе аз масъалаҳои печидаи грамматикаи арабӣ равшанӣ андохта, аз ҷониби дигар, тухми шакку шубҳаро дар мавриди асолати ин ё он масъалаи забоншиносии араб паҳн намуданд. Дар ин ҷода бархе аз донишмандони араб баъзе вижагиҳои забони модарии худро инкор намуда, онро гоҳе сохтаи гурӯҳе аз наҳвиёни

---

[7] Номи шоҳи Ҳиндро Абурайҳони Берунӣ дар арабӣ ба шакли зер: «سَمَلْواهن» оварда, сипас таъкид мекунад, ки ба забони адабӣ (фасеҳ) ба ин гуна аст: «سَاتَبَاهَن»[104, с.96].

[8] Абурайҳони Берунӣ таъбирҳои мазкурро ба гунаи «مَاوَدَكَنْدَهِي» ва «مُودكَندهى» [104, с.96] овардааст, ки ҳар ду аз забони санскрит буда, аввалӣ ба «об напошидан» ва дувумӣ ба «ҳалво овардан» далолат мекунад.

асри миёнагӣ ва гоҳе иқтибосшуда аз ин ва ё он забон қаламдод намудаанд [29, с.58].

Дидгоҳи шарқшиносон дар робита ба пайдоиши забоншиносии араб ва ривоятҳои дар ин замина овардашуда ягранг нест. Чунончи, А.Крамер забоншиносии арабро зодаи зеҳни арабҳо мешуморад [25, с.15], ки аз он метавон хулоса кард, ки ривоятҳои дар мавриди паҳн шудани хаторо ӯ қабул дорад ва ин ангезаро ҳамчун асоси бунёдгузории забоншиносии араб меҳсобад. Ба ҳамин монанд, Ёҳан Фюк- шарқшиноси дигари олмонӣ, ҳарчанд ривоятҳои атрофи пайдоиши наҳвро ғайримуътамад ба қалам диҳад ҳам, вале роҳ ёфтани хаторо ба забони адабии арабӣ аз ангезаҳои асосии таъсиси забоншиносии араб мешуморад. Ба андешаи ӯ, ривоятҳои арабӣ пайдоиши забоншиносиро ба Абуласвад (69 ҳ/689 м) мансуб медонанд, ба гунае ки ӯ аввалин нафарест, ки пойдевори онро бо тасмими худ, ё бо дастури волии уммавӣ Зиёд ибни Абиҳ ва ё бо ишораи халифа Алӣ ба хотири посдории забони Қуръон аз хатои навмусулмонон гузоштааст. Ҳарчанд ин ривоятҳо ҳаргунаву ҳамгунанд ва ба ибораи дурусттар ғайритаърихиянд, вале дар онҳо ишора ба ин мешавад, ки маҳз забони арабиро интихоб кардани навмусулмонон ангезаи нахустин дар мавриди андешаҳои наҳвӣ мебошад [364, с.21].

Вале гурӯҳи дигари шарқшиносон таърихи пайдоиши забоншиносии арабро ҳанӯз маҷҳул ба қалам медиҳанду таърихияти ривоятҳоро қабул надоранд. Дар робита ба ин К.Броккелман мегӯяд: “Ба назар мерасад, ки оғози илми забони арабӣ (пайдоиши забоншиносии араб) ба таври ҳамешагӣ зери парда боқӣ мемонад, зеро дигар кашфи сарчашмаҳои наве намондааст, ки пажуҳишу шинохти онро мушаххас намояд” [307, с.123]. Сипас идома дода мегӯяд: «Ҳарчанд метавон омӯзаҳои Абуласвад ва бо ном шогирдонашро аз ҷумлаи устура хонд, вале ривоятеро, ки дар бораи Маоз ибни Муслим ворид шудааст, наметавон инкор кард” [307, с.123].

Дар баробари ин ду гурӯҳ боз гурӯҳи савуми шарқшиносон ҳастанд, ки ҳама гуна ривоятҳои дар ин мавзуъ воридшударо рад карда, барои пайдоиши забоншиносии араб ҳеҷ ангезае қоил нестанд, балки онро

баргирифта ва нусхашуда аз забоншиносии Юнону Ҳинд мешуморанд. Ба ин гурӯҳ, метавон шарқшинос Э.Ренанро[9] ворид намуд, ки поягузории ҳама гуна илмро аз ҷониби арабҳо рад карда, забоншиносии онҳоро баргирифта аз забоншиносии Юнон мешуморад [25, с.15].

В) **Донишмандони муосири араб**. Дидгоҳи донишмандони муосири араб низ дар ростои ин масъала гуногун аст, чаро ки бархе мавқеи посдорӣ аз ривоятҳоро гирифта, пайдоиши забоншиносии арабро вобаста ба ҳамон ҳодисаҳое медонанд, ки ишора ба интишори хатогуфторӣ дар байни арабҳо менамояд. Метавон Муҳаммад Тантовӣ, Саъид Афғонӣ, Абдулкарим Муҳаммад Асъад ва дигаронро ёд кард, ки ангезаи асосии пайдоиши забоншиносии арабро дар тавсеа ёфтани хатогуфторие медонанд, ки дар натиҷаи кишваркушоиҳои арабҳо ва омезиш ёфтани онҳо ба миллатҳои дигар ба майдон омада буд [332, с.21-22; 223, с.8; 265, с.22-23]. Вале бархе донишмандони муосири араб бо таъсирпазирӣ аз андешаҳои шарқшинсонон, аслан, ягон ривоятро дар ин бахш қабул надоранд ва пайдоиши забоншиносиро аз муаммоҳои таърих ба қалам медиҳанд. Аз ҷумла, Иброҳим Мустафо таъкид кардааст, ки қадимтарин наҳвие, ки Сибавайҳ аз ӯ ёд кардааст, Абдуллоҳ ибни Абуисҳоқ (ваф.117 ҳ/ 735 м) мебошад. Дар китобҳои наҳвиёни баъдӣ низ қадимтарин нафаре, ки масъалаи наҳвӣ ба ӯ нисбат дода мешавад, ҳамин Абдуллоҳ ибни Абуисҳоқ аст, дар ҳоле ки аз Абуласвад Дуалӣ ва ду табақаи наҳвиёни баъдии ӯ дар «Китоб» чизе ёд нашудааст [82, с.136]. Аҳмад Амин низ бо таъсирпазирӣ аз шарқшиносон дар мавриди ривоятҳо атрофи пайдоиши наҳв шакку шубҳа намуда, мегӯяд: “Пайдоиши наҳв[10] пӯшидааст. Чунончи, мо ба таври ногаҳонӣ китоби бузургу комил – “Китоб”-и Сибавайҳро мебинем, дар ҳоле ки пеш аз он

[9] В.А.Звегинтсев ду андешаи Э.Ренанро овардааст, ки дар аввал поягузории ҳама гуна илмро аз ҷониби арабҳо рад мекунад, дар ҳоле ки дар дувумӣ грамматикаи арабиро зодаи зеҳни арабҳо ба қалам медиҳад [25, с.15-16].

[10] Дар ин ҷо наҳвро на ба маънои забоншиносӣ, балки ба маънои синтаксис овардаем, чаро ки Аҳмад Амин пеш аз баррасии пайдоиши наҳв ба андешаҳову дастовардҳои фарҳангнигории араб ишора менамояд ва дар он ҳеҷ гуна таорузе ба пайдоиши онҳо надорад, дар ҳоле ки масоили марбут ба фарҳангнигорӣ ва таснифи овозҳову баррасии вожаҳо аз нигоҳи этимологӣ ҳамагӣ бахше аз забоншиносианд.

ҳеҷ асаре намебинем, то ҳастаи он бошад. Маълумоте, ки аз ин ё он илм ба мо аз замони Абуласвад расидааст, ба дониши ҳамон давра муносиб аст, чун дар он таърифу тақсим нест. Ё тафсири оят ва ё гирдоварии аҳодис аст ва дар он бобгузориву тартиб нест. Аз ин рӯ, таърифу тақсими мантиқӣ дуруст нест, ки аз асри Аливу Абуласвад ба замони мо расида бошад” [143, с.285].

Аммо Абдулол Солим Мукрим-донишманди дигари араб, заминаи пайдоиши забоншиносии арабро ба замони ҷоҳилият рабт дода, огоҳии арабҳоро ба хондану навиштан, чи дар замони ҷоҳилӣ ва чи дар садри Ислом, муҳимтарин далеле барои заминаи пайдоиши забоншиносии араб мешуморад. Вақте араб дар замони ҷоҳилияту садри ислом аз хондану навиштан огоҳии хуб доштанд, пас, ин хондану навиштан бе шак ба ҳаракатҳои эъробӣ: рафъу насб ва ҷарру ҷазм, алоқаи зич дошт, зеро таълими хониш ё навиштан наметавонад аз мантиқи забон ва дурустии таркибҳои он дур бошад [259, с.15].

Бо баррасии ривоятҳои воридшуда дар бораи пайдоиши забонишиносии араб ва бархӯрди донишмандони гузаштаву имрӯз бо онҳо метавон ба чунин натиҷа расид, ки рӯйдодҳои ривоятшуда шояд таҳрике дар самти посдориву ҳифозати забони арабӣ шуда бошанд, вале дар ростои поягузории илме ҳамчун забоншиносӣ бисёр ҷузъиву назарногир ба чашм мерасанд, зеро ҳама гуна ривоятҳои дар ин боб воридшуда ба ҳамдигар дар таноқуз қарор доранд ва пажуҳанда дар такя ба онҳо наметавонад ангезаи асосии пайдоиши наҳви арабиро натиҷагирӣ намояд. Дар ҳоле ки чунин ривоятҳо ба ду нуктаи асосӣ: нахустин мавзуъҳои наҳвие, ки тадвин шудаанд ва ба нуқтагузорӣ шудани ҳарфҳо ишора месозанд [300, с.100].

Илова бар ин, донишмандони муосири араб бошанд, бо мушоҳидаи таҷрибаҳои дигар миллатҳо дар пайрезии қоидаҳои наҳвӣ заминаҳои пайдоиши наҳви арабиро ба чор ангезаи асосӣ: динӣ, миллӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ ва забонӣ ҷудо менамоянд.

Ангезаи динӣ. Ривоятҳои зиёде дар поягузории наҳви арабӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки нахустин ангезаи иқдом дар ин ҷода роҳ надодан ба хатоӣ дар тиловати Қуръони карим, ҳамзамон, аз нигоҳи забонӣ-фиқҳӣ дарки дурусти маонии он будааст. Ҳамин аст, ки нахустин илмҳои вижаи арабӣ, аз қабили тафсир, ҳадис ва луғат бо ҳадафи расонидани паёми қуръонӣ дар омехтагӣ ба ҳамдигар ба майдон омаданд ва дар зимн қоидаҳои наҳвӣ низ пайрезӣ шудааст [323, с.78]. Дар даврони исломӣ баҳс дар бораи луғат ва қавоиди забони арабӣ аз ҳамон оғози ривоҷи дини ислом мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт ва сабаби ин таваҷҷуҳ он буд, ки миллатҳои гуногун ин динро пазируфтанд ва чун забони арабӣ барои эшон бегона буд, дар хондани китоби осмонӣ ба хато ва иштибоҳ дучор мешуданд ва ба қавоиде барои эҳтироз аз ғалат эҳтиёҷ ёфтанд [170, с.42]. Ҳамзамон бо ин, нахустин истилоҳоти наҳвӣ, аз қабили нуқта ҳамчун аломати фарқкунандаи ҳарфҳо ва ҳаракатҳои эъробӣ, эъроб, арабӣ ва ғ. барои дуруст тиловат намудани оёт эҷод шуда буданд. Хусусан, нуқтаҳои ифодагари ҳолати эъробӣ дар нахустин марҳилаҳои пайдоиши илми наҳв ба майдон омадааст [266, с.51], ки далели ошкорое ба манзалати ҷойгоҳи ангезаи динӣ дар пайдоиши забоншиносии араб, бавижа бахшҳои овошиносӣ ва синтаксисии он мебошад.

Воқеан, муҳимтарин ангезаи пайдоиши забоншиносии араб ин ангезаи динӣ мебошад ва он ҳам барои дарку фаҳми маонии оёти қуръонӣ. Чунончи, донишманди муосири араб Алӣ Абумакорим мегӯяд: «Омӯзишҳои забонии мусулмонон бо равиши исломӣ таъсирпазир мебошад, чаро ки чунин омӯзаҳо маҳз ба хотири ниёзҳои динӣ ба майдон омадаанд… Меҳвари ислом Қуръон аст ва он ҳам бо забони арабӣ. Ин ба он маъност, ки танҳо арабҳо метавонанд матни қуръониро дарку фаҳм намоянд, дар ҳоле ки мухотаби он танҳо арабҳо не, балки тамоми башарият аст. Аз ин рӯ, зарурати амалӣ намуданӣ яке аз ин ду тадбир пеш омад: нақлу тарҷумаи Қуръон ба забонҳои мардуми ба ислом гаравида ва ё наздик намудани мардум ба забони Қуръон. Азбаски оёти

қуръонӣ дар натиҷаи тарҷума метавонад ба таҳриф дучор гаштаву боиси ихтилофи ақидаҳо гардад, дар асрҳои аввали ҳиҷрӣ ба тарҷумаи Қуръон иҷозат дода нашуд, дар натиҷа зарурати наздикнамоии мардум ба фаҳми Қуръон бо омӯзиши забони арабӣ пеш омад» [287, с.49-50].

Илова бар ин, қариб ҳама донишмандоне, ки ба омӯзаҳои забоншиносии араб машғул гаштаанд, пеш аз ҳама, донандаи хуби улуми динӣ будаанд. Дар тамоми даврахои пас аз ислом забони арабӣ бо дини ислом пайванди муҳкаму устувор доштааст. Ангезаҳои мазҳабӣ, чун забти нусуси Қуръони карим ва омӯзиши забони он ба толибилмон забоншиносони арабро ба ҷамъоварии шавоҳиди забонӣ ва вазъи қавоиде барои забони арабӣ во дошт. Равишҳои омӯзиш аз ҳамон рӯзҳои нахустини ривоҷи ислом дар маҳфилу масҷидҳо ва пас аз он дар мадрасаҳо созмон ёфта, даврахои баъд ҳамвора омезае аз маорифи динӣ ва забонӣ будааст. Ба ҳамин далел, як забоншинос аксар олими дин ҳам будааст. Агар ҳар кадом аз забоншиносони пешинро дар назар бигирем, мебинем, ки ё қории Қуръон будаанд, ё муфассир, ё муҳаддис, ё мутакаллим ва ё фақеҳ [217, с.126].

Бештари адабиёти гузаштаву имрӯзи арабӣ интишори лаҳн дар гуфторро сабаби умдаи ба майдон омадани наҳви арабӣ қаламдод менамоянд, ки дар такя ба ривоятҳои зиёд воқеият низ дорад. Вале ин нуктаро бояд дар хотир дошт, ки ба лаҳну хатоӣ роҳ додан вижаи садри ислом ва ду асри баъдии он набуда, балки ба таъкиди таърихнигорон ҳатто дар замони ҷоҳилият шоирони ҷоҳилӣ бо он ҳама сухандониву сухансанҷӣ ба хатоӣ роҳ медодаанд, дар ҳоле ки ин касеро нигарон наменамуд. Аз ин рӯ, метавон чунин хулоса намуд, ки маҳз ба хато роҳ додани арабу ғайриараб дар тиловати Қуръон муҷиб гашт, ки дар зеҳнҳо андешаи тарҳрезии қоидаҳои наҳвӣ эҷод шавад [172, с.25].

Ангезаи миллӣ. Бо густариш ёфтани кишваркушоиҳо арабҳо бо мардуми соҳибтамаддуни юнониву румонӣ ва форсиву ҳиндӣ барҳӯрд намуданд, ҳувияти миллии худро дар ҳолати осебпазирӣ диданд, ба ин хотир ба посдорӣ ва тарвиҷи забони арабӣ ва поягузории қавоиди наҳвӣ

қиём карданд. Воқеан, забон ҳамчун боризтарин ва мондагортарин нишонаи ҳувияти миллӣ мебошад. Маҳз бо забон метавон фарҳангу арзишҳои миллиро, аз як тарафт, тарвиҷ карду аз тарафи дигар, аз осебпазирӣ нигоҳ дошт. «Забони миллӣ дар ҳама давру замонҳо шаҳпари боэътимоди ҳастии маънавии миллат аст. Дар баробари ин, забонро метавон ба шамшери тезу буррое шабоҳат дод, ки соҳибзабон ба василаи он ҳастии маънавии хешро аз ҳуҷуму ҳамлаҳои миллиятзудо ва фарҳангсӯз муҳофизат мекунад.

Арабҳо беш аз истилогарони дигар, ба дарки ин нукта расида буданд, ки забон, маънавият ва фарҳангу оини халқҳои мағлуб метавонанд на танҳо садде дар роҳи интишори дини мубини ислом шаванд, балки мояи ваҳдат ва пояи наҳзати онҳоро фароҳам оварда, ҳукумати арабҳоро дар кишварҳои истилошуда ба хатар андозанд.

Бинобар ин, арабҳо аз оғози амр дар кишварҳои тасхиршуда тағйири муҳити маънавӣ ва диниро ба тавре ки он ба барандохтани дину эътиқодоти маҳаллӣ, аз байн бурдани забону хат ва осори фарҳангии бумӣ мусоидат намуда, қабули ислом, забон ва хатти арабиро осон кунад, ҳадаф ва сиёсати хеш қарор дода буданд. Боиси тааҷҷуб ва таҳайюр нест, ки бар асари ҳамин сиёсат бисёр халқҳои ғайриараб, аз қабили мисриён, бобулиён, ошуриён ва ғайра на танҳо рӯ ба ислом оварданд, балки забон ва ҳувияти хешро аз даст дода, араб шуданд» [66, с.160].

Мавриди зикр аст, ки зуҳури ҷунбишҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар гӯшаву канори Хуросону Мовароуннаҳр алайҳи арабҳо боис шуд, то забони арабӣ ҷойгузини забонҳои маҳаллӣ ва ҳамчун забони рӯзмарраи мардум қарор нагирад, балки дар истифодаи маҳдуди донишмандони улуми диниву фалсафӣ қарор дошта бошад.

Дар ин маврид ҳадаф дигар посдорӣ ва ҳифозати Қуръон не, балки онро меҳвари фарҳанги арабӣ қарор додан буд. Ба ибораи дигар, дар ин мавқеъ ҳадаф на наҳву фиқҳ-ул-луғат, балки эҷоди фарҳанги вижаи арабӣ буд [125, с.25].

Ангезаи сиёсӣ. Арабҳо барои нигоҳдории ҳувияти миллии худ дар пайи тарвиҷи забони арабӣ пардохта, аз фишанги сиёсӣ истифода мекарданд. Чунончи, дар баробари арабҳо ба мансабҳои баланд маҳз маволӣ-ғайриарабҳое таъин мегаштанд, ки аз забони арабӣ бархӯрдории хуб доштанд. Ҳамин буд, ки дар замони Уммавиён насрониён ба симати хазинадори «Байтулмол» таъин мегаштанд, аммо маволии мусулмон не, зеро надонистани забони арабӣ монеи ба ин ҷойгоҳҳо расидани онҳо мегашт [172, с.27]. Аз ин рӯ, зарурат пайдо шуд, то барои ғайриарабҳо қоидаҳои наҳвӣ гузошта шавад. Хулоса, забони коргузорӣ будани забони арабӣ боиси оғози наҳв гашт [202, с.50].

Ангезаи забонӣ. Дар баробари забони адабии арабӣ, ки бештар дар навиштор истифода мешуд, забони гуфтории шаҳрӣ ва бодиявие вуҷуд дошт, ки дар аввалӣ аз хусусиятҳои эъробӣ сарфи назар мешуд, дар ҳоле ки дар дувумӣ ҷузъитарин хусусиятҳои ин падидаи забонӣ риоя мегашт. Дар охири асри аввали ҳиҷрӣ ба гунае байни забони навишторӣ ва байни ин ду забони гуфторӣ фосилаи назаррасе пайдо гашт. Ба ин хотир донишмандон ба пайрезии қоидаҳои наҳвӣ ҳиммат гузоштанд, то хусусиятҳои эъробии забони навишторӣ ва гуфтории бодияро, ки олитарин таъбир аз нигоҳи балоғат ва оритарини он аз нигоҳи хато буд, нигоҳ доранд [202, с.50].

Воқеан, ҳангоми таҳлилу баррасии ангезаҳои зикршуда барои пажуҳанда ин нукта бармало мегардад, ки ангезаҳои чоргона дар робитаи зичи ҳамдигарӣ ва такмили якдигарӣ қарор доранд. Вале дар ин миён ангезаи динӣ ҳамчун ангезаи меҳварӣ муаррифӣ мешавад ва ин нукта аз ҷониби донишмандони арабу ғайриараб таъкиди худро ёфтааст. Чунончи, В.А.Звегинсев таъкид месозад: «ангезаи пайдоиши илми забон дар байни арабҳо ҳамон ангезаест, ки муҷиби пайдоиши он дар байни ҳиндувони бостон гашта буд ва он ҳам эҷоди тафовуту фарқият байни забони дин ва забони гуфторӣ буд, ки бо гузашти замон назаррастар мегашт» [25, с.17].

Пайдоиши наҳв ба маънои истилоҳияш – мегӯяд Муҳаммад Хайр Ҳалвонӣ, маҳз аз чигунагии тиловати Қуръон сарчашма мегирад, зеро маҳз овошиносӣ, шарҳу тавзеҳи калимаҳои нороиҷ ва худи илми наҳв ба хотири омӯзиши оёт ва посдории эъроби он ба майдон омадааст [328, с.17-18].

Арабшиносони тоҷик низ дар пайдоиши наҳви арабӣ ангезаи диниро меҳварӣ шуморида, ангезаҳои дигарро ҳамчун такмилкунандаи он ба баррасӣ кашидаанд. Аз ҷумла дар робита ба ин Т.Яқубов иброз медорад, ки «мардуми авом дар талаффузи оятҳои Қуръон ва ҳадисҳо ба ғалат роҳ медоданд ва барои ислоҳи ин ғалатҳо ба Қуръон эъроб (анҷома) гузошта шуд. Тағйироту омилҳои тағйирдиҳандаи ин эъробҳо бояд ба мардум омӯзонда мешуд. Аз ҳамин ҷост, ки илми сарфу наҳв по ба арсаи илми ҷаҳонӣ гузошт. Тадриҷан, ин соҳаи илм миёни олимон маҳбубияти хосеро пайдо намуда, чеҳраҳои намоёнро дар таърихи худ тарбия намудааст. Бо шарофати Қуръон ва ҳамин илм забони арабии адабӣ миёни чандин лаҳҷаҳои манотиқи хеш то имрӯз беолоиш боқӣ монд» [69, с.7].

Мавриди зикр аст, ки нахустин андешаҳои забоншиносии араб дар ростои ислоҳи хатти арабӣ ва тасвири садонокҳои кӯтоҳи он бо аломатҳо ба майдон омадааст. Бо интишор ёфтани ислом дар сарзаминҳои ғайриарабӣ ва ба ин дин гаравидани шумораи зиёди мардум аз ҳар миллату қавми ғайриараб донишмандон ба ночор дар пайи бознигарии хат қиём намуданд, то дар хондани Қуръони карим ба хатоие роҳ дода нашавад ва таҳрифу тасҳифе• дар оёти каримаи он роҳ наёбад. Чунончи, дар сарчашмаҳои таърихӣ зикр мегардад, Абуласвад аз байни чандин котибону хушнависони аср якеро интихоб намуда, мефармояд, ки вақти ба хондани Қуръони карим пардохтани ӯ бояд он котиб ба гузоштани ҳаракатҳо машғул шавад. Абуласвад ба котиб мегӯяд, ки агар дидӣ, ки даҳонамро кушодам, дар болои ҳарф нуқтае гузор; агар лабҳои

• Таҳриф ва тасҳиф аз ҷумлаи истилоҳоти навиштории забони арабӣ буда, ба маънои дигаргун намудан ва ба таври ғалат овардани калимаву ибораҳои матн мебошад.

худро (бо ҳам) зам намудам, пас, нуқтае дар қисмати пеши ҳарф гузор, аммо агар касра хондам, дар зери ҳарф нуқтае бимон. Барои ифодаи танвин аз ду нуқта истифода мешуд.

Таърихнигорон таъкид менамоянд, ки ҳаракатҳои нахустин дар хатти арабӣ бо ранге гузошта мешуданд, ки бархилофи ранги ҳарфҳо бошад, ба ин маъно ки агар ҳарф бо ранги сиёҳ навишта шуда бошад, пас, нуқтаҳои ифодакунандаи садонокҳо бо ранги сурх аломатгузорӣ мешуданд ва дар ин росто катибаҳое, ки аз асри VII-VIII-и мелодӣ то замони мо расидаанд, далели қатъие ба шумор меравад.

Тавре дар боло қайд намудем, ҳарфҳои арабӣ низ дар гузашта ба ин шакле, ки мо имрӯз дар даст дорем, набудааст, балки бо иттифоқи таърихнигорон хатти арабӣ ба монанди ҳама хатҳои дигари сомӣ аз ҳар гуна нуқтагузорӣ орӣ будаву байни ҳарфҳои ҳамшакл аломати фарққунандае гузошта намешудааст. Ҳарфҳои арабӣ, ки имрӯз бо алифбои арабӣ шуҳрат доранд, дар оғоз ба ин тартиб набудаанд, балки ба ин тартиби алифбоӣ дар замони хилофати Абдулмалик ибни Марвон даромадаанд ва он ҳам аз тарафи яке аз шогирдони Абуласвад бо номи Наср ибни Осим, ки дар баробари ба тартиб гузоштани ҳарфҳои арабӣ боз низоми хоси нуқтагузориеро асос гузошт, ки тавассути он ҳарфҳои ҳамшакл аз якдигар фарқ карда мешуд, ба ин гуна ки дар зери ҳарфи «ب» як нуқта дар болои ҳарфи «ت» ду нуқта ва амсоли ҳамин, дар ҳоле ки пештар шакли ҳарфҳои «ب», «ت»ва «ث» аз ҳам ҷудо карда намешуд.

Бо нуқтагузорӣ шудани ҳарфҳои арабӣ кори хаттотону нусхабардорон сангинтар гардид, зеро онҳо дар баробари нуқтаҳои ифодакунандаи ҳаракатҳо боз ниёз ба гузоштани нуқтаҳои фарқсози байни ҳарфҳо пайдо намуданд, дар ҳоле ки дар чунин китобате барои тасвири ҳаракатҳо ду ранг: сиёҳ ва сурх истифода мешуд. Маҳз ҳамин душворӣ дар китобат ва тасвири ҳаракатҳо буд, ки чунин тарзи навишт дер давом нанамуд, балки дар охири асри VIII-и ҳиҷрӣ низоми дигаре аз тарафи

Халил ибни Аҳмад пайрезӣ шуд, ки то имрӯз дар китобати арабӣ роиҷ мебошад [29, с.81-83].

Хулоса, наҳви арабӣ дар авохири асри VII ва авоили асри VIII мелодӣ дар баробари илмҳои тафсиру фиқҳ ва ҳадис дар партави ангезаҳои диниву миллӣ ва сиёсиву забонӣ ба майдон омада, дар марҳилаи нахустин сирф арабӣ ва зодаи зеҳни араб талаққӣ мешавад.

1.3.Забоншиносии араб: байни асолат ва таъсирпазирӣ

Ба устура нисбат додани ривоятҳои дар мавриди пайдоиши забоншиносии араб воридшуда ва зери пардаи шак қарор додани андешаҳои сирф арабии забоншиносии араб, аслан, аз шубҳа дар асолати араб ва дар заминаи забоншиносии дигар миллатҳо ба майдон омадани он дарак медиҳад. Ба ин маъно, ки шарқшиносон ва бархе аз донишмандони муосири араб забоншиносии арабро на зодаи зеҳни арабӣ, балки нусхашуда аз забоншиносии юнониву ҳиндӣ ва ё сурёниву форсӣ мешуморанд. Ба таъкиди шарқшиноси олмонӣ Волфдетрик Фишер, «ҳарчанд китобҳои ба таърихи забоншиносии араб бахшидаи донишмандони гузашта номи забоншиносони зиёди арабро меоранд, ки дар асрҳои аввалу дувуми ҳиҷрӣ ба сар бурдаанд, вале дар бораи андешаҳои наҳвии онҳо маълумоти лозимие намедиҳанд. Аз ин рӯ, мо ба ғайр аз номи онҳо ва унвони бархе китобҳое, ки ҳамчун таълифоти онҳо гуфта мешаванд, чизи дигаре намедонем»[305, с.34].

Тавре ишора шуд, забоншиносии араб дар нимаи охири асри якуми ҳиҷрӣ ба майдон омада, маҳз дар асри дувуми ҳиҷрӣ аз ҷониби Халил ибни Фароҳидӣ, Юнус ибни Ҳабиб, Сибавайҳ, Кисоӣ, Фарро ва дигарон мукаммал ва соҳиби қонуну қоидаҳои усулии худ гардидааст. Донишмандони мазкур ва ҳатто донишмандоне, ки то инҳо зиставу нахустин андешаҳои забоншиносии араб ба онҳо нисбат дода мешавад, аз қабили Абуласвад Дуалӣ, Абдураҳмон ибни Ҳурмуз, Наср ибни Осим, Ибни Абуисҳоқи Ҳазрамӣ ва дигарон, ҳамагӣ дар Ироқ ба сар бурдаанд. Ироқ дар он замон дар чорсӯи бархӯрди тамаддунҳо қарор дошт, ба ин

маъно, ки ин сарзамин дар он марҳилаи таърихӣ ба масобаи минтақаи озоди иқтисодиву фарҳангие гашта буд, ки дар он баҳамоии ҳама гуна андеша-юнониву ҳиндӣ ва сурёниву форсиро мушоҳида кардан мумкин буд.

Таъсири мантиқи юнонӣ. Мавриди зикр аст, ки тибқи сарчашмаҳо нахустин тарҷумаҳо ба арабӣ аз сурёнӣ ва он ҳам китобҳои пештар аз юнонӣ ба сурёнӣ тарҷумашуда будааст, ки таърихи онҳо ба асри яки ҳиҷрӣ бармегардад. Аллакай, дар асри дувуми ҳиҷрӣ баъзе китобҳои Арасту, ки ба илми мантиқ тааллуқ доштанд, ба забони арабӣ тарҷума гардида, таъсири худро дар бештари илмҳои замон, аз ҷумла забоншиносии араб гузоштанд.

Дар такя ба ин омилҳо ва ба бархе ҳамгуниҳое, ки байни истилоҳоти забоншиносии араб ва мантиқи юнонӣ ба назар мерасад, нахустин шуда шарқшиноси олмонӣ Меркс (Merx) дар охири асри XIX китоберо зери унвони «Таърихи пайдоиши забоншиносии сурёнӣ» таълиф карда, дар он ҳадс мезанад, ки мантиқи юнонӣ дар наҳви арабӣ таъсир гузоштааст, чаро ки дувумӣ чандин мафҳуму истилоҳро аз аввалӣ ба вом гирифтааст [185, с.127].

Ҳарчанд дар аввал ин андешаи шарқшиноси олмонӣ тарафдорӣ наёфта бошад ҳам, вале бо гузашти чанд даҳсола ин масъала дубора зеҳни донишмандонро ба худ ҷалб кард ва донишмандони зиёди ғарбие ба майдон омаданд, ки андешаи худро ба тарафдории таъсирпазирии забоншиносии араб аз мантиқи арабӣ иброз доштаанд. «Донишманди ҳоландӣ К.Ферстеғ (Kees Versteegh), ки аз забоншиносии юнонӣ ва арабӣ огоҳии хубе дорад, дар китоби «Унсурҳои юнонӣ дар андешаи забонии араб» ба чандин мафҳуму истилоҳе ишора мекунад, ки дар ин ду забоншиносӣ ҳамгунӣ доранд» [305, с.39]. Ба таъкиди К.Ферстеғ, ҳарчанд оғози тарҷумаҳои расмии арабӣ аз юнонӣ баъд аз бамайдоноии забоншиносии араб бошад ҳам, вале шароити ондавраина мусулмононро водор менамуд, ки бо насоро ҳамзистии баробар дошта бошанд ва ин зарурати интиқоли илму маърифати юнониро ба Машриқ пеш меовард

[311, с.40]. Инчунин, шарқшиноси фаронсавӣ Флесш (Fleisch) дар мавриди ин масъала гуфтааст: «Бояд ба таъсири юнонӣ ба забоншиносии араб ишора намоем. Чунончи, андешаи забоншиносии араб тақсимоти ҳиссаҳои нутқ ва мафҳумҳои асосиро аз илми юнонӣ гирифтааст, яъне на аз забоншиносии юнонӣ, балки аз мантиқи Арасту» [185, с.127]. Аз ҷумла, ба се қисм тақсим шудани ҳиссаҳои нутқи арабӣ аз боризтарин далелҳо дар мавриди таъсирпазирии забоншиносии араб аз мантиқи юнонӣ ба шумор меравад. Чунончи, К.Ферстеғ мегӯяд, ки истилоҳоти сегонаи ҳиссаҳои нутқи арабӣ-исм, феъл ва ҳарф, ба забони арабӣ ҳамчун истилоҳ тавассути тарҷума аз забони юнонӣ ворид гаштаанд. Калимаи исми арабӣ дар баробари исми (όνομά) юнонӣ қарор дорад, ки ифодагари исм ва исми хос, инчунин, ба симати яке аз ҳиссаҳои нутқ мебошад. Ин калима дар ду забон-юнонӣ ва арабӣ, ба ҳам шабоҳати зиёд доранд. Ин дар ҳолест, ки дар юнонӣ лафзи (ρήμα) ба маънои калима аст, аммо феъл дар арабӣ ифодагари амал мебошад. Ҳамзамон, дар забони юнонӣ муодили ҳарфи арабӣ калимаи (εργαλείο) аст, ки ба ҳарф – ҳамчун як аломати навишторӣ ишора мекунад, на ҳамчун истилоҳи синтаксисӣ ба маънои (أداة) ҳиссача. Аз ин баррасӣ маълум мегардад, ки ҳамгунии ҳадсшаванда танҳо байни исми юнонӣ ва исми арабӣ буда, дар ду ҳиссаи нутқи дигар-феъл ва ҳарф, татбиқ намегардад [305, с.43]. Илова бар ин, шарқшиносон бархе аз истилоҳоти зерини забоншиносии арабро ба гунае тарҷумаи ҳарфӣ аз забони юнонӣ ба қалам медиҳанд: эъробро тарҷумаи истилоҳи юнонии hellenismos; сарфро тарҷумаи истилоҳи юнонии klisis; қиёсро тарҷумаи истилоҳи юнонии analogia ва ҳаракатро тарҷумаи истилоҳи юнонии kinesis[159, с.44].

Дар мавриди таъсирпазирии забоншиносии араб аз андешаҳои юнонӣ дидгоҳи донишмандони ғарбӣ ду гуна аст: қисме таъсири мазкурро дар аввалин пайдоиши андешаҳои забоншиносии араб то бамайдоноии «Китоб»-и Сибавайҳ ва қисме дигар ин таъсирро ба асрҳои баъд аз таълифи китоби мазкур нисбат медиҳанд. Масалан, Ф.Фишер такя ба китоби «Мафотиҳ-ул-улум»-и Хоразмӣ аз 21 истилоҳе сухан

мегӯяд, ки аз ҷониби Халил ибни Фароҳидӣ бо назардошти фарқгузорӣ байни шакли калимаву вазифаи синтаксисии он корбурди васеъ доранд, дар ҳоле ки истифодаи онҳо бо ин гуна фарқгузорӣ дар «Китоб»-и Сибавайҳ дида намешавад. Бо назардошти ин тафовут, Ф.Фишер мегӯяд: «Шакке нест, ки забоншиносии араб дар оғоз ба андешаи юнонӣ пайванде доштаву ба гунае зери таъсири он будааст, сипас оҳиста-оҳиста рушд ёфтаву аз намунаҳои асили юнонӣ дур гаштааст, то ин ки Сибавайҳ пайванди мазкурро ба пуррагӣ гусастааст. Ҳамин гуна баъд аз Сибавайҳ аз таъсири нахусти юнонӣ ба забоншиносии араб ба ғайр аз чанд истилоҳи андак, ки донишмандон зимни пажуҳишҳояшон ёфтаанд, дигар чизе боқӣ намондааст» [305, с.50-51]. Аз хулосагирии ин донишманд бармеояд, ки забоншиносии араб то Сибавайҳ зери таъсири андешаҳои юнонӣ қарор доштааст, вале бо гузашти замон ин таъсирпазирӣ камранг гашта, ба нестӣ рафтааст, ба гунае ки нишонаи назаррасе аз он дар «Китоб» ба чашм намехӯрад.

Вале донишманди аврупоӣ Т.Ҷ. Де Боер (T.J. De Boer) таъсирпазирии забоншиносии арабро аз андешаҳои юнонӣ на дар оғози пайдоиш, балки дар марҳилаҳои баъдӣ, вақте мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа ба майдон омаданд, мешуморад. «Ҳанӯз дар мавриди сабабҳои ихтилофи байни мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа шинохти кофӣ надорем. Аз ҷумла мегӯянд, ки наҳвиёни Басра дар ҳукмҳои ба забон марбут ба қиёс таваҷҷуҳи зиёд менамудаанд ва наҳвиёни Бағдод ин равишро идома додаанд, дар ҳоле ки намояндагони мактаби забоншиносии Куфа дар бисёр маврид берун аз қиёс мерафтаанд. Аз ин рӯ, наҳвиёни Басраро аҳли мантиқ мегуфтанд ва бо ин онҳоро аз наҳвиёни Куфа фарқ мекунонданд… Аз мантиқ истифода намудани басриён тасодуфӣ набуд, зеро таъсири мактабҳои фалсафӣ дар Басра пештар аз дигар ҷойҳо ба майдон омада буд. Ҳамзамон, байни забоншиносони Басра шумораи зиёде аз шиаву муътазила буданд, ки барои таъсирнамоии ҳикмати аҷнабиён ба андешаҳои каломиашон роҳи вуруди онро ҳамвор менамуданд» [208, с.55].

Мавриди зикр аст, ки чи шарқшиносон ва чи донишмандони араби таъсирпазируфта аз эшон, пайдоиш ва ташаккули забоншиносии арабро зери таъсири мантиқи юнонӣ ба қалам медиҳанд, на грамматикаи юнонӣ. Сабаби ин, пеш аз ҳама, дар он аст, ки тақсимоти сегонаи ҳиссаҳои нутқи арабӣ ба тақсимоти мантиқии калимаи юнонӣ рост меояд, на ба грамматикии он, чаро ки ҳанӯз аз қадим дар грамматикаи забони юнонӣ ҳиссаҳои нутқ ба ҳашт қисм ҷудо карда мешудааст [305, с.43].

Таъсири андешаҳои ҳиндӣ. Шумораи зиёде аз шарқшиносон ва донишмандони араб забоншиносии арабро таъсирпазируфта аз забоншиносии Ҳинд мешуморанд. Воқеан, ҳанӯз пеш аз зуҳури ислом се роҳ: ду роҳи баҳрӣ ва як роҳи хушкӣ, Ҳиндро ба Нимҷазираи Араб пайваст карда, байни арабу ҳинд робитаҳои хуби бозургонӣ вуҷуд доштааст. Аз ҷумла, даҳҳо калимаи ҳиндиро дар масоили иқтисодиву иҷтимоӣ дидан мумкин аст, ки ҳанӯз дар замони ҷоҳилӣ ба арабӣ даромадаву муарраб гаштаанд. Масалан, калимаи موز (банан)-и арабӣ дар асл калимаи санскритии Mocha буда, калимаи صندل (сандал) аз калимаи санскритии Chandan муарраб гаштааст [151, с.118].

Нуктае, ки бештар ба таъсири забоншиносии ҳиндӣ ба забоншиносии араб далолат менамояд, ин, пеш аз ҳама, ҳамгунии пажуҳишҳои нахустини арабӣ дар самти савтиёт, инчунин, таснифи аввалин фарҳангномаҳои арабӣ ба андешаҳои дар самти савтиёт бамеросмондаи ҳиндиҳо ва фарҳангнигории онҳо мебошад, дар ҳоле ки тафовути зиёде байни ин пажуҳишҳо вуҷуд дорад. Чунончи, дар забоншиносии Ҳинд савтиёт як бахши мустақили онро ташкил медод, дар ҳоле ки забоншиносони араб то замони Ибни Ҷиннӣ онро ба таври мустақил мавриди омӯзиш қарор надода буданд. Фарҳангнигории воқеии араб, ки бо таълифи «Китоб-ул-айн»-и Халил ибни Фароҳидӣ оғоз гаштааст, чи аз нигоҳи сохтор ва чи аз нигоҳи илмӣ, аз фарҳангҳои то асри XII таълифкардаи ҳиндиҳо ба куллӣ фарқ мекунад. Ҳамин аст, ки шарқшинос Ҳейвуд (Haywood) мегӯяд: «Одилона аст, агар бигӯем, ки

давраи фаъоли фарҳангнигорӣ дар Ҳинд маҳз ба асри дувоздаҳи мелодӣ рост меояд, дар ҳоле ки дар ин давра, аллакай, арабҳо бузургтарин фарҳангҳои худро таълиф карда буданд. Аслан, дар фарҳангҳои ҳиндӣ низоми намунавӣ дида намешавад ва шояд ин ба хотири шеъргуна будани онҳо ва ё ба хотири ба таври осон аз ёд кардани онҳо бошад»[152, с.343].

Таъсири андешаҳои форсӣ. Ҳарчанд шумораи донишмандоне, ки забоншиносии арабро таъсирпазируфта аз забони форсӣ медонанд, дар муқоиса ба нафароне, ки ин таъсирро аз мантиқи юнонӣ мешуморанд, камтар бошад ҳам, вале аз нигоҳи таърихият ин андеша бартарӣ дорад. Ба ин маъно, ки ҳанӯз Ибни Халдун дар «Муқаддима» ишора карда буд, ки дар аввал арабҳо дар мавриди таълиму таълиф ва тадвин чизе намедонистанд ва аз ин корҳо бисёр дур буданд. Барои иҷрои чунин корҳо маҳз форсҳо иқдом менамуданд, аз ин рӯ, арабҳо дар ин маврид пайрави форсу аҷам буданд [248, с.541-543].

Бархе аз шарқшиносон, аз қабили Ф.Кремер ва К.Броккелман ба таъсири форсӣ дар ташаккули забоншиносии араб ишора намудаанд. Чунончи, Ф.Крамер мегӯяд: «Интишори фасод дар забони арабӣ, ки сабаби пайдо шудани зарурати гузоштани қоидаҳо барои наҷоти забони арабӣ мебошад, ривояти бепоя аст. Зеро забоншиносии араб аз ҷониби ғайриарабҳо: оромиҳову форсҳо гузошта шудааст. Маҳз эҳтиёҷ пайдо намудани ин ғайриарабҳо, хусусан нафароне, ки зиндагии худро ба омӯзишҳои илмӣ бахшида буданд, ба омӯзишу хониши дурусти забони арабӣ сабаби бамайдоноии забоншиносии араб гаштааст»[286, с.107]. Дар робита ба ин, К.Броккелман таъкид мекунад: «Андешае, ки пайваста аз ҷониби донишмандони араб ёд мешавад, ин бамайдоноии забоншиносии араб аз ақли холиси арабӣ аст. Агар аз робитаи байни ин илм ва мантиқи Арасту сарфи назар шавад, пас, дар дигар маврид наметавон таъсири бегонаро, на аз қоидаҳои лотинӣ ва на ҳиндӣ, дар забоншиносии араб исбот намуд. Вале аз далелҳои ошкоре, ки аз иштироки форсҳо дар таъсиси забоншиносии араб ишора мекунад, ин

корбурди ишорачонишини форсии миёна (паҳлавӣ) ай (=هذا) ба маънои яъне мебошад, ки истифодаи он то имрӯз боқӣ мондааст» [307, с.124].

Донишмандони муосири араб низ таъсир пазируфтани забоншиносии арабро аз андешаҳои забонии форс баид намедонанд. Аз ҷумла, Аҳмад Амин таъкид менамояд, ки вақте форсҳо ба ислом гаравиданду дар даврони Аббосиён ба озодӣ ноил шуданд, дар таълиф шарик гаштанд, фарҳанги арабиро боло бардошта, ба забони арабӣ эҷод мекарданд ва донишҳои арабиро ба монанди донишҳои худ тадвин менамуданд [141]. Шавқӣ Зайф низ айни ҳамин нуктаро иброз дошта мегӯяд, ки арабҳо дар равиши илмии худ, чи динӣ ва чи забонӣ, аз форсҳои сосонии дар Ироқбуда таъсир пазируфтаанд, чаро ки Ироқ аз арабҳо дида ба форсҳо наздиктар буд. Форсҳо бо он ошноие, ки нисбат ба тамаддун доштанд, арабҳоро водор намуданд, то равиши худро дар донишҳои гуногун ба таври дуруст пайрезӣ намоянд [232, с.37-39].

Забоншиноси тоҷик Д.Хоҷаев бо таҳлили нақши донишмандони форсу тоҷик дар тадвину таълифи забоншиносии араб таъкид менамояд, ки «бинобар шаҳодати сарчашмаҳои таърихӣ, нахустин таълифгарони дастурҳои грамматикаи араб ба мисли Сибавайҳ (Себӯя) донишмандони эронитабор будааанд. Ба андешаи мо, ин қадар умри дароз дидани дастурҳои арабӣ дар таълимгоҳҳои тоҷикӣ руҳи тоҷикӣ доштани онҳо будааст» [60, с.46-47].

Аз суханони шарқшиносон ва донишмандони муосири араб таъсири бевосита ва бавоситаи забони форсӣ ва донишмандони эронӣ дар таъсиси забоншиносии араб хулоса мешавад. Ба ин маъно, ки аз як тараф, донишмандони эронӣ бевосита дар поягузорӣ ва пайрезии забоншиносии араб даст доштаанд, аз тарафи дигар, нахустин тарҷумаи китобҳои ба мантиқ бахшидаи юнонӣ маҳз тавассути забони паҳлавӣ ба арабӣ сурат гирифтааст. Чунончи, Ибни Муқаффаъ аввалин тарҷумоне ба шумор меравад, ки китоби мантиқи юнонии ба паҳлавӣ тарҷумашударо ба забони арабӣ тарҷума кардааст ва он нахустин китобе ба шумор меравад, ки донишмандони арабро ба мантиқи юнонӣ ошно

намудааст. Аз ин нигоҳ, метавон ҳадс зад, ки агар мантиқи юнонӣ дар аввали пайдоиши забоншиносии араб таъсире доштааст, он ҳам тавассути хидмати донишманди эронӣ – Ибни Муқаффаъ, будааст.

Таъсири андешаҳои сурёнӣ. Ҷурҷӣ Зайдон дар робита ба зарурати рӯ овардани мардуми араб ба забоншиносӣ сухан гуфта, пайрезии онро тибқи забоншиносии сурёнӣ таъкид мекунад. «Пеш аз тадвини наҳв мардуми араб ба назми шеъру хутбахонӣ машғул буданд, чаро ки малакаи забондонӣ дар онҳо ҳанӯз табиӣ буд. Вале дар муқоиса ба Юнону Рим онҳо ба пайрезии қоидаҳои наҳвӣ ниёз пайдо намуданд, то маонии қуръониро хуб сабт кунанд. Ҳанӯз ним аср аз давлатдорияшон нагузашта буд, ки ниёзи худро ба наҳв эҳсос намуданд. Ба гумони ғолиб, дар бобгузорӣ пайравӣ ба сурёниҳо намуданд, зеро сурёниҳо ҳанӯз дар миёнаҳои асри панҷум ба забоншиносӣ рӯ овардаву дар робита ба он китобҳо таълиф карда буданд. Аввалин нафаре, ки ба ин даст зада буд, роҳиб Яъқуби Раҳовӣ мулаққаб бо Муфассири китобҳо (ваф.460 м)[11] буд. Ба назар мерасад, ки арабҳо вақте дар Ироқ бо сурёниҳо омехта гаштанд, аз адабиёти онҳо, аз ҷумла забоншиносии онҳо огоҳ гаштанд ва забоншиносӣ бисёр писандашон омад. Вақте ба навиштани забоншиносӣ ниёз пайдо карданд, ба гунаи сурёниҳо онро тадвин намуданд, зеро ин ду забон аз як оила аст. Ҳамзамон, маҳз дар Ироқ, ки байни Сурёну Килдон қарор дорад, ба навиштани наҳв оғоз карданд, инчунин, тақсимоти якхелаи ҳиссаҳои нутқ дар ин ду забон, таъсирпазирии наҳви арабиро аз наҳви сурёнӣ таъйид менамояд» [جرجي، ج.1، ص.221]. Дар баробари мураттабнамоии бобҳои грамматикӣ, боз равиши нуқтагузориеро, ки аз ҷониби Абуласвад Дуалӣ ва шогирдонаш Наср ибни Осим ва Амр ибни Яъмур сурат гирифтааст, нусхашуда аз

[11] Вафоти Яъқуби Раҳовиро Ҷурҷӣ Зайдон 460 м мешуморад, дар ҳоле ки нафароне, ки аз ӯ иқтибос овардаанд, онро 640 м нишон додаанд. Вале таҳқиқоти донишмандони баъдии араб, аз қабили Аҳмад Амин, Абдулҳамид Ҳасан, Шаъбон Убайдӣ ва донишманди аврупоӣ Де Бур нишон медиҳад, ки Яъқуби Раҳовӣ соли 708 м, ки баробар ба 90 ҳ мебошад, вафот кардааст. Яъне, ӯ тақрибан бист-бистуяк сол баъд аз вафоти Абуласвад Дуалӣ вафот кардааст. Ин нукта таъсирпазирии Абуласвад Дуалиро аз ӯ зери суол қарор медиҳад [211, с.150].

забони сурёнӣ медонанд. Зеро байни кори Абуаласвад Дуалӣ ва кори Юсуфи Аҳвозӣ[12] (ваф. 580 м) – устоди мактаби Насибиён, ки барои фарқнамоии ҳарфҳо бархе аз онро нуқтагузорӣ намуд, ҳамгунӣ вуҷуд дорад [116.ص ،2003 الياسري]. Айни ҳамин нуктаро забоншиноси араб Ҳасан Авн таъкид карда, иброз медорад, ки зарурати бамайдоноии забоншиносии араб, чи аз нигоҳи замониву маконӣ ва чи аз нигоҳи ангезаҳои берунзабонӣ, ба таърихи таъсиси забоншиносии сурёнӣ бисёр шабоҳат дорад. Мушкилоте, ки забони арабӣ дар асри VII-VIII мелодӣ ба он рӯбарӯ гашт, забони сурёнӣ ба он асрҳои IV-V мелодӣ дучор шуда буд. Ҳамзамон, ошноии Абуласвад Дуалӣ ба донишмандони сурёнӣ огоҳии ӯро аз хусусиятҳои он забон аз эҳтимол дур намедонад [189, с.150].

Таъсири андешаҳои ибрӣ. Ҳамгуниҳое, ки байни ҷонишинҳои сареҳу ғайрисареҳ, феълу навъҳои он аз муҷарраду мазид ва сифату навъҳои исми арабиву ибрӣ вуҷуд дорад, муҷиб гаштааст, ки бархе донишмандон аз таъсири забоншиносии ибрӣ ба забоншиносии араб ва он ҳам дар марҳилаи аввали таъсисаш ҳадс зананд. Ин дар ҳолест, ки ба таъкиди сарчашмаҳои илмӣ Роб Саъдиё Ҷоуни яҳудӣ (ваф.942 м) бо таъсирпазирӣ аз забоншиносии араб нахустин китобро дар забоншиносии ибрӣ дар асри X милодӣ тадвин намудааст [238, с.107-108].

Дар ин ҷо метавон бархе масоилро матраҳ намуд, ки то ҷойе таъсирпазирии забоншиносии арабро аз забоншиносии дигар миллатҳо зери суол мебарад ва ба асолати нахустин андешаҳои забоншиносии зодаи зеҳни арабӣ ишора месозад.

---

[12] Эрониён гузашта аз корҳои фалсафӣ дар донишгоҳҳои эронӣ-сурёнӣ ба адаби забони сурёнӣ низ кумак кардаанд. Монанди Юсуф Ҳавзаё ё Аҳвозии эронинажод, ки дар Донишгоҳи Насибийин ҷонишин шуда буд, рисолае дар бораи калимоти муташобеҳ нигошта аст. Ӯ барои дуруст хондани сурёнӣ нуҳ нуқтаи бузург ба кор бурдааст. Ӯ равиши қироати раҳовиро ба равиши ховарӣ баргардондааст ва настуриён аз он пайравӣ кардаанд. Инчунин, ӯ дастури забони юнониро ба сурёнӣ тарҷума кардааст. Юсуфи Аҳвозӣ барои забони сурёнӣ ҳамон кореро кардааст, ки Сибавайҳи Шерозӣ барои наҳви арабӣ кардааст [350, с.2 (ҳошия)].

1. Баррасии таърихи тарҷума аз забонҳои дигар ба забони арабӣ нишон медиҳад, ки нахуст ба забони арабӣ маҳз ҳамон китобҳое тарҷума гардидаанд, ки фарогири илмҳои бунёдӣ-татбиқӣ будаанд. Масалан, аввалин шуда Холид ибни Язид (ваф.85 ҳ) ба тарҷумаи китобҳои кимиё аз забонҳои юнониву қибтӣ иқдом намудааст. Вале тарҷумаҳои дар замони уммавӣ анҷомёфта, чи аз нигоҳи каммият ва чи аз диди кайфияту фарогирии мавзуъ, дар муқоиса ба тарҷумаҳои даврони Аббосӣ бисёр кам ва маҳдуд ба назар мерасанд. Ҳамин аст, ки маҳз замони ҳукмронии Аббосиён, хусусан асрҳои се ва чори ҳиҷриро чун даврони тиллоии тарҷума ба қалам медиҳанд. Зеро маҳз дар ин рӯзгор аз забонҳои сурёниву юнонӣ ва ҳиндиву форсӣ китобҳои зиёде дар мавзуоти мухталиф ба забони арабӣ тарҷума гардиданд [144]. Маҳз дар ин давра мусулмонон аз арабу ғайриараб ҳар чиро, ки дархӯри рӯзгор медиданд, тарҷума мекарданд. Ҳамин буд, ки дар як муддати кӯтоҳ тамаддуни исломӣ бузургтарин махзани китобҳои гуногунмавзуъ гардид. Аммо дар байни ин ҳама китобҳои тарҷумашуда ҳатто хурдтарин рисолае, ки ба забоншиносӣ ва ё грамматикаи ин ё он забон бахшида шуда бошад, дида намешавад. Зеро забоншиносӣ, хусусан грамматикаи як забон дархӯри ҳамон як забон аст ва аз тарҷумаи он барои таъсиси забоншиносӣ ва ё пайрезии грамматикаи забони дигар ҳеҷ суде нест [305, с.37-38];

2. Таъсирпазирии наҳви арабӣ аз мантиқи Арасту аз ҷониби забоншиносони гузашта низ таъйид гаштааст. Аз ҷумла Абуҳаёни Тавҳидӣ аз мунозираи Сирофӣ ва Мато ибни Юнус дар мавриди бартарӣ байни мантиқи юнонӣ ва наҳви арабӣ ҳикоят мекунад[التوحيدي 2011، ص.88-108], ки ин худ аз бархӯрди мантиқ ба наҳви арабӣ ишора месозад. Илова бар ин, дар «Муъҷам-ул-удабо» ҳангоми сухан аз Руммонии наҳвӣ (ваф.384 ҳ / 994 м) рафтан Ёқути Ҳамавӣ мегӯяд: «Руммонӣ аз табақаи Абуалӣ Форсӣ ва Сирофист ва ҳангоми гуфтор аз наҳв онро бо мантиқ меомехт, то ҷойе, ки Абуалӣ Форсӣ гуфтааст: «Агар наҳв ҳамонест, ки Руммонӣ мегӯяд, пас, мо аз он чизе надорем. Аммо агар наҳв он чизест, ки мо мегӯем, пас, ӯ (Руммонӣ) аз наҳв чизе надорад». Боз гуфта

мешавад, ки: наҳвиён дар замони мо ба се қисманд: а) нафаре, ки аз гуфтораш чизе фаҳмида намешавад ва ӯ Руммонист; б) нафаре, ки бархе аз гуфтораш фаҳмида мешавад ва ӯ Абуалӣ Форсист; в) нафаре, ки ҳама гуфтораш бе ягон устод фаҳмида мешавад ва ӯ Сирофист» [360, с.1826]. Аз ин ривоятҳо метавон хулоса кард, ки забоншиносони араб ва он ҳам дар асри IV ҳиҷрӣ аз мантиқи юнонӣ огоҳии хубе доштаанд ва байни масоили наҳвӣ ва қазияҳои мантиқӣ марзи мушаххасе қоил будаанд. Ба ин хотир, дар таърихи забоншиносӣ ба мушкилӣ ва печидагии гуфтори Руммонӣ дар мавзуоти наҳвӣ ба таври махсус ишора мегардад, зеро мавсуф наҳвро бо мантиқ омехта, талош кардааст, то масъалаҳои забониро бо хулосаҳои мантиқӣ таъйид намояд. Ё худ Абунасри Форобӣ байни ин ду илм: забоншиносӣ ва мантиқ, марзи мушаххасеро қоил буда, объекти таҳқиқи ҳар якеро баён намудааст: «Мантиқ ба наҳв монанд аст: мантиқ ба ақлу маъқулот ва наҳв ба забону лафзҳо муносибат дорад. Ҳар қонуне, ки илми наҳв дар мавриди лафзҳо ба мо пешниҳод менамояд, ҳамгуни онро мантиқ дар маъқулот ба мо пешкаш мекунад» [136, с.13]. Дар баробари ин, аз мушоҳидаи баррасии масоили забонӣ аз диди мантиқӣ, ки дар осори Абунасри Форобӣ ва Абуалӣ ибни Сино дида мешавад, бармеояд, ки диди забоншиносӣ аз диди мантиқӣ ба куллӣ фарқ дорад. Гузашта аз ин, забоншиносии араб бо донишҳои дигари сирф исломӣ, аз қабили қироат, тафсир, ҳадис, фиқҳ ва усули он робитаи зич дорад, ҳатто заминаи асосии пайдоиши забоншиносии арабро маҳз илмҳои мазкур ташкил медиҳанд ва мақсади таъсиси он ҳам посдории мутуни ин улум аз хато мебошад. Аз мутолиаи таърихи донишҳои мазкур метавон дарк кард, ки донишмандони мусулмон дар асрҳои нахусти мелодӣ нисбат ба илми мантиқ назари нек надоштанд ва омӯзишу корбурди онро намеписандиданд. Ин дар ҳолест, ки ба симати нахустин забоншиносони араб маҳз ҳамон донишмандоне баромад менамоянд, ки дар донишҳои мазкури исломӣ дасти қавӣ доштанд;

3. Дар гуфтори шарқшиносон ва донишмандони арабе, ки аз таъсирпазирии забоншиносии араб аз ин ё он забон сухан мегӯянд,

духӯрагӣ ошкоро ба назар мерасад. Чунончи, бархе бамайдоноии забоншиносии арабро маҳз дар пояи таъсирпазирӣ аз андешаҳои забоншиносии юнониву сурёнӣ ва ё ҳиндиву форсӣ медонанд ва чун дар «Китоб»-и Сибавайҳ нишони назаррасе аз таъсирпазирӣ аз андешаҳои ғайриарабӣ пайдо накардаанд, онро марҳилаи ташаккули сирф арабӣ мешуморанд. Дар сурате ки бархе дигар марҳилаи Сибавайҳро давраи таъсирпазирӣ ва марҳилаи пайдоиши забоншиносии арабиро зодаву сохтаи араб ба қалам медиҳанд. Шавқӣ Зайф мегӯяд: «Бархе аз шарқшиносон талош намудаанд, то байни пайдоиши наҳв дар Басра ва наҳви сурёниву юнонӣ ва ҳиндӣ пайванде эҷод намоянд, дар ҳоле ки дар ин росто чизеро исботи илмӣ карда намешавад. Зеро наҳви арабӣ атрофи назарияи омил чарх мезанад ва ин гуна назария дар ҳеҷ грамматикаи ғайриарабие дида намешавад. Ягон чизе, ки метавон ин ҷо ҳадс зад, ин аст, ки шояд наҳвиёни нахустини Басра дар мавриди он ки дар баъзе аз забонҳо забоншиносӣ аст, маълумот доштаанд ва барои эҷоду поягузории забоншиносии араб талош карда, дар ин росто танҳо аз истеъдоди ақлонии худ, ки воқеан бидуни таъсирпазирӣ аз дигар фарҳангҳо рушд ёфта буд, кор гирифтаанд» [230, с.20];

4. Ҳамгуниҳое, ки дар пайдоиши забоншиносии араб бо забоншиносии дигар миллатҳо дида мешавад, далели таъсирпазирии яке аз дигаре шуда наметавонад. Вақте пажуҳанда монандиеро байни ду кор пайдо менамояд, набояд бо назардошти замони пештар доштани яке ба дигаре баъдиро таъсирпазируфта аз пешӣ шуморад. Яъне, ақли башарӣ, сарфи назар аз он ки дар кадом гӯшае олам набошад, ақли башарист. Чунончи, нафаре дар як кишвар ба ихтирое даст меёбад, дар ҳоле ки нафари дигаре дар дигар кишвар бе огоҳӣ аз он ба айни ҳамон ихтироъ даст меёбад. Шояд ин ду амал якрангу ҳамгун бошанд, дар ҳоле ки ҳар яке ба зоти худ асл аст. Масалан, дар мавриди омӯзаҳои ситорашиносӣ байни арабу ҳинд ҳамгунии назаррас ба чашм мерасад, дар ҳоле ки Вилям Ҷонс ҳама гуна робитаро байни ин ду омӯза рад мекунад ва ҳамгунии онро тасодуфӣ мешуморад [152, с.341].

Воқеан, ҳама гуна ихтироъ зодаи эҳтиёҷ аст. Яъне, маҳз зарурати замонӣ ва маконӣ боис гаштааст, ки донишмандони мусулмони арабу ғайриараб, сарфи назар аз ҷойгоҳи сиёсиву иҷтимоияшон, ба пайрезии қоидаҳои грамматикиву андешаҳои забоншиносӣ, аз аломатгузории эъробиву нуқтагузории ҳарфҳо то таҳлилу таркиби печидатарин масоили синтаксисиву балоғӣ ва фалсафии забон, рӯ оранд ва дар ин ҷода муваффақ шаванд. Масалан, андешаҳои забоншиносони араб дар мавриди савтиёт баргирифта аз забоншиносии ҳиндӣ нест, балки ангезаи иқдоми мусулмонон дар ин ҷо маҳз ҳамон ангезае будааст, ки пештар донишмандони Ҳиндро ба пажуҳиши савтиёт во доштааст ва он ҳам дуруст хондани матнҳои муқаддас ва посдории онҳо аз ҳар гуна хато;

5. Аз таҳлили андешаҳои донишмандон дар мавриди таъсирпазирии забоншиносии араб аз забонҳои дигар бармеояд, ки дар ин раванд аз ҳама пештару бештар нақши донишмандони форсу тоҷик назаррастар аст, зеро бештари асарҳои ҳиндиву юнонӣ бевосита аз ин забонҳо не, балки аз тарҷумаи паҳлавиашон ба забони арабӣ тарҷума гардидаанд. Хусусан, нахустин тарҷумаи китоби «Мантиқ», ки аз ҷониби донишмнадони Юнон таълиф шуда буд, маҳз аз тарҷумаи паҳлавиаш тавассути Ибни Муқаффаъ ба арабӣ тарҷума гаштааст. Қиссаҳои пандомези ҳиндӣ низ аз санскрит нахуст ба паҳлавӣ пасон ба арабӣ тарҷума гардидаанд. Ҳамзамон, Анбасаи Фил, Ибни Абуисҳоқи Ҳазрамӣ, Ахфаши Акбар, Исо ибни Умар ва Маслама ибни Абдуллоҳ, ки аз маволӣ ва ба гумони ғолиб эронитабор буданд, аз нахустин забоншиносони арабе ба шумор мераванд, ки дар таъсис ва ташаккули он саҳми инкорнопазир доранд. Ҳарчанд донишмандони мазкур дар муҳити арабӣ ба воя расидаву фикру зикрашон арабӣ буд ва ба яқин аз андешаҳои забоншиносии паҳлавӣ огоҳӣ надоштанд, вале дар замирашон хоҳ-нохоҳ руҳияи тоҷикӣ вуҷуд дошт.

Бо аз даст додани истиқлолият ва асири арабҳо гаштани форсҳо бештари онҳо ба ислом гаравиданд ва бештари онҳо арабиро аз худ карданд. Ҳатто бархе аз онҳо дар насли дувум бо арабӣ монанди арабҳо

сухан мегуфтанд ва шояд забони хонаводагиашон низ забони арабӣ гашта буд, чунончи, ин нуктаро дар баррасии рӯзгори Халфи Аҳмару Ахфаши Авсат ва Кисоию Фарро бараъло шоҳид мешавем. Аммо, сарфи назар аз ин ҳама, онҳо дар ақида, хоҳишу орзу ва андеша мисли араб нагаштанд, балки онҳо ба ислом гаравиданду онро перояи форсӣ пӯшониданд ва аз ҳама ақидаҳои кеши қадимаи худ даст накашиданд. Исломро ба ҳамон андозае мефаҳмиданд, ки дини қадимашон, ки чандин насл дар он бузург шуда буданд, иҷозат медод. Инчунин, бештари онҳо арабиро аз худ карданд, аммо хаёли форсии худро тарк нанамуданд ва шеъру масал ва ҳикматҳои доштаи худро фаромӯш насохтанд. Табиист, маҳз ҳамин сабаб гашт, ки дар ислом омӯзаҳову андешаҳои нав ворид гардад, ки таъсираш баъдтар рӯйи кор омад ва намоёнтарини он дар ислом пайдо шудани ташайюъу тасаввуф аст. Маҳз аз таъсири ҳамин буд, ки адабиёти араб саршор аз ҳикматҳову достонҳо ва хаёли форсӣ гардид, бо он ки дар он ҳама луғоту қонунҳои арабӣ риоя мешуд [141, с.98].

Аз таҳлили мавзуъ бармеояд, ки нахустин андешаҳои забоншиносии араб дар муҳити арабӣ ба майдон омада, дар асл табиати татбиқӣ доштанд. Ҳамзамон бо ин, агар дар зуҳури аввалин андешаҳои забоншиносии араб ягон таъсири ғайриарабие пазируфта шавад, он ҳам таъсири форсии тоҷикӣ аст.

1.4. Поягузорони забоншиносии араб

Табиист, ки донишҳо дар байни ин ё он миллат ногаҳон пайдо нашуда, балки бо гузашти замон аз сода ба мураккаб гузашта, ба шакли илм медарояд. Маҳз ҳамин гузашти замон боис мегардад, ки нуқтаи оғозини он илм ва нафаре, ки дар сароғози он қарор дорад, ба боди фаромӯшӣ равад. Воқеан, ҳамин қонуни нонавишта дар пайдоиши забоншиносии араб ва нахустин нафаре, ки андешаҳои аввалинро дар ин маврид матраҳ намудааст, татбиқ мегардад [230, с.13]. Ҳамин аст, ки ихтилоф дар байни донишмандони гузаштаву имрӯз танҳо дар мавриди

ангезаҳои пайдоиши забоншиносии араб маҳдуд намегардад, балки дар мавриди кӣ будани поягузори забоншиносии араб назарҳои мухталифе вуҷуд дорад. Ба фарқ аз масъалаи ангезаҳои пайдоиши забоншиносии араб, ки дар мавриди он гузаштагон ривоятҳои ҳамгуну гуногунро овардааанду дар ҳақиқати таърихии он шак нанамудаанд, дар робита ба поягузори он байни донишмандони гузашта ихтилофи назар ба чашм мерасад. Чунончи, соҳиби «Ахбор-ун-наҳвийин-ал-басрийин»-Абусаъиди Сирофӣ, ҳанӯз дар асри IV ҳиҷрӣ ба ихтилофи мазкур ишора карда, мегӯяд: «Мардум дар мавриди нахустин нафаре, ки наҳв (забоншиносӣ –И.К.)-ро асос гузоштааст, ихтилоф доранд. Бархе мегӯянд, ки асосгузори он Абуласвад Дуалӣ аст ва бархе дигар Наср ибни Осими Дуалии Лайсиро асосгузори он мешуморанд. Бархе дигар инро ба Абдураҳмон ибни Ҳурмуз нисбат медиҳанд. Бештари мардум Абуласвад Дуалиро ҳамчун асосгузори забоншиносӣ мешуморанд» [108, с.10]. Зубайдӣ ба гунае пайрезии қоидаҳои наҳвӣ ва асос гузоштани забоншиносии арабро кори дастаҷамъона шуморида, дар робита ба ин масъала мегӯяд: «Нахустин нафароне, ки инро асос гузоштаву дар он андеша кардаанд, Абуласвад Золим ибни Амр Дуалӣ, Наср ибни Осим ва Абдураҳмон ибни Ҳурмуз буданд. Онҳо бобҳои наҳвро гузоштаву барои он қоидаҳое эҷод карданд, аз ҷумла омилҳои рафъу насб ва ҷарру ҷазмро ёдовар шуда, боби фоъилу мафъул ва тааҷҷубу музофро пайрезӣ карданд. Фазилати пешиву шарафи пеш будан дар ин ҷода насиби Абуласвад аст» [97, с.11-12]. Айни ҳамин нуктаро Ибни Надим низ ривоят карда, мегӯяд: «Бештари мардум дар он гумонанд, ки наҳв аз Абуласвад Дуалӣ гирифта шудааст ва ӯ бошад, онро аз Амиралмуъминин Алӣ ибни Абутолиб (р) гирифтааст. Бархе дигар мегӯянд, ки наҳвро Наср ибни Осими Дуалии Лайсӣ асос гузоштааст. Навиштаи Абуабдуллоҳ ибни Муқилларо хондам, ки Саълаб гуфтааст, ки ба ривояти Ибни Луҳайъа аз Абуназр, Абдураҳмон ибни Ҳурмуз нахустин нафарест, ки наҳвро асос гузошт ва ӯ донандаи хуби насабномаи қурайшиён ва яке аз қориён буд» [83, с.59]. Ҷойи дигар,

Ибни Надим асосгузори забоншиносии араб будани Абуласвад Дуалиро таъйид намуда, мегӯяд, ки дар байни китобҳои гирдовардаи Муҳаммад ибни Ҳусайн машҳур бо Ибни Абубаъра, ки ба ҷамъоварии китоб шуҳрат дошт, чор варақи чиниеро дидам, ки ба Абуласвад тааллуқ дошт ва дар он дар бораи фоъилу мафъул сухан мерафт дар зери он чор варақ навиштаи Яҳё ибни Яъмур буд, ки аз Абуласвад будани он гуфторро таъкид мекард [83, с.61]. Абубакр ибни Анборӣ (ваф.327 ҳ) чанд ривоятеро меорад, ки тибқи онҳо андешаи нахустини пайрезии забоншиносии араб аз ҷониби яке аз ин се нафар: Умар ибни Хаттоб (р), Алӣ ибни Абутолиб (р) ва Зиёд ибни Абиҳ сурат гирифта[328, с.40-41], дар ҳар се ривоят нақши Абуласвад Дуалӣ, ба таъбири В.А.Звегинтсев, нақши корманди техникиро мемонад [25, с.14]. Ба ин маъно, ки ӯ ба навиштани қоидаҳои нахвӣ маҳз бо роҳнамоии дигарон иқдом намудааст.

Соҳиби «Инбоҳ-ур-рувот ало анбоҳ-ин-нуҳот» Алӣ ибни Абутолиб (р)-ро, чи аз нигоҳи иқдом ба ин кор ва чи аз нигоҳи аввалин мавзуоти нахвиро навиштан, асосгузори забоншиносии араб мешуморад. Аз ҷумла, таъкид менамояд, ки «дар Миср ҳангоми талаби илм дар дасти варроқон чанд саҳифаеро дидам, ки дар он аз бобҳои нахв сухан мерафт ва мардум ба ин иҷмоъ (иттифоқи якдилона) доштанд, ки он маҳз ҳамон муқаддимаи Алӣ ибни Абутолиб (р) аст, ки Абуласвад Дуалӣ аз ӯ гирифта буд» [180, с.40].

Баррасии ривоятҳои дар бахш воридшуда нишон медиҳад, ки донишмандони гузашта дар таъсиси забоншиносии араб саҳми чор нафар шахсияти сиёсӣ: Умар ибни Хаттоб (р) – халифаи дувуми рошидин, Алӣ ибни Абутолиб (р)– халифаи чоруми рошидин, Зиёд ибни Абиҳ – волии вақти Басраву Куфа ва Абуласвад Дуалӣ – қозии Басра таъкид мешавад[247, с.16]. Шояд ҳар чор аз ин шахсиятҳо ба таври бевосита ва ё бавосита дар таъсиси забоншиносии араб бо таъйиди фикри якдигарӣ нақш дошта бошанд, чаро ки аз нигоҳи таърихӣ агарчи давраи сарвариву қазоваташон фарқ намояд ҳам, вале аз нигоҳи

шинохти якдигар ва саъю талошашон дар беолоиш нигоҳ доштани забони арабӣ, хусусан посдории Қуръони карим аз ҳар гуна осебпазирии забонӣ байни онҳо умумиятҳо дида мешавад.

Аммо аз шахсиятҳои ғайрисиёсӣ дар баробари Абуласвад Дуалӣ Наср ибни Осим ва Абдураҳмон ибни Ҳурмуз ҳамчун асосгузорони забоншиносии араб ба шумор мераванд. Хусусан, донишмандони гузашта дар асосгузори наҳв будани Абдураҳмон ибни Ҳурмуз ривоятҳо намудаанд, ҳамзамон, Зубайдӣ ӯро дар табақаи аввали наҳвиёни Басра ёд кардааст[97, с.26], ки ин мушоракати ӯро дар таъсиси наҳв бо Абуласвад Дуалӣ ба гунае таъйид менамояд. Гуфтори Қифтӣ дар бораи Абдураҳмон ибни Ҳурмуз бошад, то ҷойе сабаби дар баробари Абуласвад Дуалӣ асосгузори забоншиносии араб шуморидани ӯро равшан менамояд. Чунончи, Қифтӣ мегӯяд: «Аҳли илм гуфтаанд: «Ӯ (Абдураҳмон ибни Ҳурмуз – И.К.) аввалин нафарест, ки илми забоншиносии арабро асос гузоштааст. Ин суханро аз он сабаб мегӯянд, ки ӯ забоншиносиро аз Абуласвад Дуалӣ фаро гирифта, онро дар Мадина ошкор кардааст. Яъне, ӯ аввалин нафарест, ки дар бораи ин илм дар Мадина сухан гуфтааст. Ӯ дар наҳву насабшиносии қурайшиён донотарини мардум буд. Мардуми Мадина илми наҳвро аз ӯ гирифтаанд ва ҳар чи дар бораи ин илм мегӯянд, аз ӯ ба мерос гирифтаанд. Ибни Бурҳони Наҳвӣ дар аввали китоби «Лумаъ»-аш ба ӯ ишора карда мегӯяд: «Наҳвиён ба се наъванд: мадинагиҳо, басриҳо ва куфиҳо». Бо ин сухан ишора ба он менамояд, ки наҳв нахуст аз донишмандони ин шаҳрҳо ба майдон омадааст» [181, с.172]. Ҳамзамон, дар мавриди ҷойгоҳи баланди илмии Абдураҳмон ибни Ҳурмуз таъкид мешавад, ки дар Мадина Молик ибни Анас – муассиси мазҳаби моликӣ, чандин бор барои фарогирии масоили наҳвӣ ба назди ӯ омадааст [97, с.26].

Наср ибни Осим нафари дигарест, ки тибқи бархе ривоёт асосгузори забоншиносии араб ба шумор меравад ва дар табақаи дувуми наҳвиёни басрӣ қарор дорад [97, с.27]. Зубайдӣ бо ишора ба ҷойгоҳи волои Наср ибни Осим дар забоншиносии араб ривоятеро аз Амр ибни

Динор меорад, ки гуфта: «Ман бо Зуҳрию Наср ибни Осим бо ҳам вохӯрдем ва Наср суханронӣ кард. Зуҳрӣ гуфт: Воқеан, ӯ (Наср ибни Осим – И.К.) дар қоидаҳои арабӣ мӯшикофӣ менамояд» [97, с.27]. Қифтӣ низ аз Наср ибни Осим ҳамчун яке аз асосгузорони забоншиносии араб ёд карда, дар тавсифи ӯ мегӯяд: «Наср бини Осим ибни Абисаъиди Лайсии Басрии Муқрии Наҳвӣ аз нахустин донишмандон дар илми наҳв аст. Баъзе ровиён гуфтаанд: Наср ибни Осим нахустин нафарест, ки наҳвро асос гузоштаву иллатҳои онро шарҳ додааст. Ӯ нахустин нафарест, ки наҳвро аз Абуласвад Дуалӣ фаро гирифтаву дар он қиёсро мӯшикофона ба кор бурдааст. Ӯ начибтарини он нафаронест, ки аз Абуласвад наҳвро фаро гирифтааст. Ҳамин аст, ки таъсиси наҳв ба ӯ нисбат дода мешавад» [182, с.343]. Наср ибни Осим дар пайравӣ аз Абуласвад Дуалӣ ҷиҳати осон кардани тиловати Қуръони карим ва ба хато роҳ надодан дар он ҳарфҳоро нуқтагузорӣ намуд, то ҳарфҳои ҳамгун аз якдигар фарқ карда шаванд [259, с.78].

Мавриди ёдоварист, ки нахустин нафаре, ки дар таърихи забоншиносии араб дар баробари Абуласвад Дуалӣ боз таъсиси наҳвро ба Наср ибни Осим ва Абдураҳмон ибни Ҳурмуз нисбат медиҳад, Абусаъиди Сирофӣ (ваф. 368 ҳ) аз донишмандони асри чоруми ҳиҷрӣ мебошад. Ба ин маъно, ки донишмандони қабл аз ӯ, аз қабили Ибни Салломи Ҷумаҳӣ (ваф.231 ҳ) – намояндаи нимаи аввали асри савуми ҳиҷрӣ ва Ибни Қутайба (ваф. 286 ҳ) намояндаи нимави дувуми асри мазкур ба таври ошкор Абуласвад Дуалиро ба симати нахустин нафаре ёд менамоянд, ки қоидаҳои наҳвро пайрезӣ кардаву дар он китобе низ таълиф намудааст. Ҳамзамон, худи Сирофӣ таъсиси забоншиносии арабро аз ҷониби Абуласвад Дуалӣ таъйид намуда, мегӯяд: «Бештари мардум Абуласвад Дуалиро ҳамчун асосгузори забоншиносӣ мешуморанд»[108, с.10].

Илова бар ин, агар мо ривоятҳоро мӯшикофона мавриди баррасӣ қарор диҳем, дармеёбем, ки ба фарқ аз Абуласвад Дуалӣ, ки бо донишҳои замони худ ороставу дар шеър гуфтан низ дасти воло

доштааст, инчунин, сухандониву дидгоҳ ва интиқодҳои илмиаш мавриди таваҷҷуҳи шахсиятҳои сиёсии давр, аз қабили Умар ибни Хаттоб (р), Алӣ ибни Абутолиб (р), Зиёд ибни Абиҳ ва ғ. будааст, Наср ибни Осим ва Абдураҳмон ибни Ҳурмуз аз ҷумлаи қориён буданд ва агарчи дувумӣ ҳамчун донандаи насабномаи қурайшиён тавсиф шавад ҳам, вале дар муқоиса ба Абуласвад Дуалӣ оид ба ҳар дониши замони худ маълумоти густарда надоштанд. Ин бошад, далел бар он аст, ки онҳо бештар дар ин ё он дониш пайрав буданд на навовар [287, с.63].

Ҳамзамон, Сирофӣ ҳангоми гуфтор аз зиндагии Маймун Ақран ривоятеро аз Умар ибни Шабба меорад, ки ӯ аз Абуубайда Муаммар ибни Мусанно нақл мекунад, ки гуфта: «Нахустин нафаре, ки наҳвро асос гузоштааст, Абуласвад Дуалӣ, сипас Маймун Ақран, сипас Анбаса Фил, сипас Абдуллоҳ ибни Абуисҳоқ мебошад»[108, с.19]. Дар ин ривоят, аз як тараф, дар баробари нақши Абуласвад Дуалӣ дар таъсиси забоншиносии араб аз саҳми се донишманди дигар дар таъсиси он сухан равад ҳам, аз тарафи дигар, истифода аз ҳарфи атфи ثُمَّ, ки муодили он дар забони тоҷикӣ зарфи сипас мешавад, ба авлавияти Абуласвад Дуалӣ дар таъсиси ин илм ишора мекунад. Ба ибораи дигар, ривояти мазкур аз такмили кори ҳамдигарии ин донишмандон дар таъсису ташаккули забоншиносии араб хабар медиҳад.

Бо баррасии ривоятҳову дидгоҳҳои донишмандони гузашта дар мавриди асосгузори забоншиносии араб метавон ба чунин хулоса расид, ки нахустин андешаҳои забоншиносӣ аз ҷониби Абуласвад Дуалӣ рӯйи кор омада, пасон аз тарафи донишмандони баъдӣ – сар аз шогирдони бевоситааш, тавсеа бахшида шудааст.

Дидгоҳҳои забоншиносони муосири арабро дар мавриди асосгузори забоншиносии араб метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: 1) донишмандоне, ки бо тарҷеҳи ривоятҳо Абуласвад Дуалиро ҳамчун асосгузори забоншиносии араб мешуморанд. Ҳамзамон, ин донишмандон дар мавриди роҳнамоӣ шудани Абуласвад Дуалӣ аз ҷониби Алӣ ибни Абутолиб ва ё бевосита худи ӯ ба ин кор иқдом

намудан ихтилофи назар доранд. Чунончи, Муҳаммад Тантовӣ, Абулъол Солим Мукрам ва Муҳаммад Хайр Ҳалвонӣ роҳнамоӣ шудани Абуласвад Дуалиро аз ҷониби Алӣ ибни Абутолиб (р) дар пайрезии наҳв таъкид мекунанд. Дар ҳоле ки Алӣ Абумукорим нахустин андешаҳои забоншиносӣ, инчунин, иқдом ба ин корро бевосита ба Абуласвад Дуалӣ нисбат медиҳад ва таъкид мекунад, ки омӯзиши вазъияти сиёсӣ-иҷтимоие, ки дар замони хилофати Алӣ ибни Абутолиб (р) буд, имконият намедиҳад, то ӯ ба корҳои дигаре, аз қабили нигаронӣ аз хатогуфториву гузоштани қоидаҳои наҳвӣ машғул гардад [287, с.61-62]; 2) Донишмандоне, ки аз омӯзаҳои шарқшиносон таъсир пазируфтаанд, ба бештари ривоятҳои дар ин росто воридшуда хатти бутлон мекашанд. Дар ин гурӯҳ метавон аз Аҳмад Амин ва Шавқӣ Зайф ёдовар шуд, ки ҳар ду бо таъсирпазирӣ аз омӯзаҳои шарқшиносон ривоятҳои воридшуда дар мавриди асосгузори наҳви арабӣ будани Абуласвад Дуалӣ ва шогирдони ӯро рад карда, ба таъбири К.Броккелман, онҳоро «аз қабили устура» ба қалам медиҳанд [307, с.126]. Аз баррасии андешаҳои Аҳмад Амин дар робита ба ривоятҳое, ки дар мавриди асосгузори забоншиносии араб будани Абуласвад Дуалӣ ворид шудаанд, бармеояд, ки мавсуф маҳз ҳамон бахше аз онҳоро рад мекунад, ки ба Абуласвад Дуалӣ истилоҳоти сарраи наҳвӣ ва тақсимоти мантиқии қоидаҳоро нисбат медиҳад. Чунончи, ӯ нисбат додани наҳвро ба Абуласвад Дуалӣ эътироф карда, мегӯяд: «Ба назари ман нисбати наҳв ба Абуласвад асоси дуруст дорад, зеро қариб ҳамаи ровиён иттифоқи назар доранд, ки ӯ ба чунин коре иқдом намуда буд. Масалан, ӯ аломатгузории Қуръонро ихтироъ намуд ва дар ин ҷода рангеро интихоб кард, ки аз ранги навиштаи Қуръон фарқ мекард… Маълум аст, ки ин нахустин гоме дар роҳи забоншиносӣ буда, бо қонуни пайдоиши илм мувофиқат мекунад ва амалӣ шудани чунин коре аз ҷониби Абуласвад имкон дорад» [143, с.286].

Ҳарчанд Шавқӣ Зайф аломатгузорӣ ва нуқтагузории ҳарфҳои арабиро барои дуруст хондани Қуръони карим аз ҷониби Абуласвад Дуалӣ ва шогирдонаш: Наср ибни Осим, Абдураҳмон ибни Ҳурмуз, Яҳё

ибни Яъмур, Анбаса Фил ва Маймун Акран бисёр кори муҳим ба қалам диҳад ҳам, вале байни он ва байни таъсиси забоншиносӣ тафовут мегузорад. Ба андешаи ӯ, ҳама шогирдони Абуласвад аз зумраи қориёни Қуръон буданд ва маҳз онҳо нуқтаҳои эъроб ва нуқтаҳои ҳарфҳоро асос гузоштанд, ки ин воқеан як кори муҳим буд. Онҳо бо ин тавонистанд, ки лафзи Қуръони каримро бо пардае печонанд, ки монеи ҳар гуна хатонамоӣ дар тиловати он гардад. Ҳамин нукта баъзе гузаштагонро ба он доштааст, то гумон намоянд, ки маҳз Абуласваду шогирдонаш қоидаҳои эъроб ва масоили марбут ба онро асос гузоштаанд. Вале ин гуна нест, онҳо танҳо диққаткорона нуқтаҳои эъробро гузоштаанд на қоидаҳои онро, инчунин, ҳарфҳоеро, аз қабили ب, ت, ث ва ن нуқта гузоштаанду бас [230, с.16-17].

Ҷойи дигар Шавқӣ Зайф ҳангоми сухан аз нахустин наҳвиён мегӯяд: «Ибни Абуисҳоқи Ҳазрамӣ нахустин наҳвии басрӣ, ба маънои дақиқи ин калима (наҳв – И.К.), ба шумор меравад. Дар ин ҷода ӯро насле аз шогирдонаш пайравӣ мекунанд, ки дар аввали он Исо ибн Амр, Абуамр ибн Ало ва Юнус ибни Ҳабиб қарор доранд» [230, с.22].

Ба ин тартиб, дидгоҳи донишмандони гузаштаву муосири араб дар мавриди асосгузори забоншиносии араб будани Абуласвад Дуалӣ ва ё шогирдони ӯ якранг нест. Агар дар гузашта бештари ривоятҳо ин фазилатро ба Абуласвад Дуалӣ нисбат дода бошанд, пас, донишмандони муосир, хусусан, мункирони таъсиси забоншиносӣ аз ҷониби Абуласвад Дуалӣ муассис будани ду шогирди дигари ӯ: Наср ибни Осим ва Абдураҳмон ибни Ҳурмузро низ зери суол бурдаанд. Чи тавре дида мешавад, бархе аз донишмандони муосир, аз қабили Шавқӣ Зайф Ибни Абуисҳоқи Ҳазрамиро ба симати асосгузори забоншиносии араб ба қалам додаанд, дар ҳоле ки дар кутуби гузаштагон мавсуф дар Табақаи савуми наҳвиёни Басра қарор дорад. Ба таъкиди тарҷумаҳолнависони араб, Ибни Абуисҳоқ аз маволии Оли Ҳазрамӣ буда, аз ҷумлаи нафаронест, ки арабҳоро нуктагирӣ менамудаанд. Вай бештар ашъори Фараздақро нуктагирӣ мекард [97, 31-32; 89, с.27].

Воқеан, то Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ, ки тибқи табақабандии таърихнигорони забоншиносии араб дар табақаи панҷум қарор дорад, чор табақаи дигаре аз донишмандон фаъолият намудаанд, ки ҳар яке дар рушду такомули забоншиносии араб нақши муайяне доштаанд. Масалан, дар табақаи аввал Абуласвад Дуалӣ ва Абдураҳмон ибни Ҳурмуз қарор доранд. Ҳарчанд маълумоти комиле дар мавриди амалкарди Ибни Ҳурмуз дар забоншиносии араб вуҷуд надошта бошад ҳам, вале дар робита ба рӯзгору аъмоли Абуласвад Дуалӣ, хусусан он чи вобаста ба забоншиносии араб аст, гуфтаҳои зиёде вуҷуд дорад. Чунончи, аломатгузории эъробии Қуръони карим аз ҷумлаи шоҳкориҳоест, ки ровиён онро якдилона ба Абуласвад Дуалӣ мансуб медонанд. Илова бар ин, нахустин тақсимбандии ҳиссаҳои сегонаи нутқи арабӣ ва асос гузоштани бобҳои фоъилу мафъул ва тааҷҷубро низ аз хидматҳои ӯ ба қалам медиҳанд.

Дар табақаи дувум чор донишманд: Наср ибни Осим, Яҳё ибни Яъмур, Анбаса Фил ва Маймун Акран ёд мешаванд, ки онҳо дар умум кори Абуласвад Дуалиро идома додаанд ва ҳарфҳои якнавишти арабиро нуқтагузорӣ намуданд, то аз ҳам тафовут дошта бошанд. Нуқтагузории мазкури ҳарфҳо, пеш аз ҳама, ба Наср ибни Осим ва Яҳё ибни Яъмур мансуб дониста мешавад.

Табақаи дувуми забоншиносони араб, ки ҳамчун марҳилаи дувуми забоншиносии араб ба шумор рафтаву дар таърих бо марҳилаи шогирдони Абуласвад Дуалӣ шинохта шудааст, бештар ба нашри наҳви амалӣ машғул будаанд. Яъне, таҳким бахшидан ва тарвиҷ намудани он чи Абуласвад Дуалӣ дар аломатгузории Қуръони карим намуда буд[238, с.132].

Ду донишманд: Ибни Абуакраб ва Ибни Абуисҳоқи Ҳазрамӣ намояндаи табақаи савуми наҳвиён буда, ба таъкиди таърихнигорон дар қироату фиқҳ ва наҳв чирадаст будаанд. Дар бораи хидматҳои Ибни Абуакраб маълумоти кофӣ дар даст нест, вале дар мавриди Абуисҳоқи Ҳазрамӣ ривоятҳои зиёде ҳаст, ки ҳамагӣ ӯро ҳамчун донишманде

тавсиф мекунанд, ки масоили забоншиносиро мӯшикофона баррасӣ намуда, бештар дар баровардани хулосаҳои забонии худ аз усули қиёс истифода мекардааст. Ҳамин аст, ки дар таърихи забоншиносии араб ӯро бештар ҳамчун нахустин нафаре муаррифӣ менамоянд, ки дар забоншиносии араб аз қиёс кор гирифтааст. Дар ин марҳилаи таърихӣ мушоҳида мешавад, ки аллакай забоншиносони араб аз роҳкардҳои амалӣ ба андешаҳои назарӣ тамоюл пайдо намудаанд. Корбурд аз қиёсу таълил дар шарҳи масъалаҳои забонӣ, баёни дидгоҳи худ дар робита ба ин ё он масъала ва ба таври ошкор муборизa ба хатогуфторӣ аз хусусиятҳои асосии ин марҳилаи ташаккули забоншиносии араб ба ҳисоб меравад.

Дар табақаи чоруми забоншиносии араб шаш донишманд: Абуамр ибни Ало, Абусуфён ибни Ало, Ахфаши Акбар, Исо ибн Умар, Маслама ибни Абдуллоҳ Бакр ибни Ҳабиби Саҳмӣ ёд мешаванд, ки ҳамагӣ идомадиҳандаи хидматҳои донишмандони қаблӣ дар ташаккулу такомули забоншиносии араб мебошанд. Дар ин табақа Ахфаши Акбар, Исо ибни Умар ва Маслама ибни Абдуллоҳ аз ҷумлаи маволӣ шуморида шудаанд. Дар ривоятҳое, ки ба ин донишмандон мансуб дониста мешавад, мушоҳида мегардад, ки онҳо аз масоили наҳвӣ дида, бештар ба масоили луғавӣ таваҷҷуҳ менамудаанд. Чунончи, ин нукта дар мунозараҳое, ки байни Абуамр Ало ва Исо ибни Умар сурат гирифтааст, бараъло ба назар мерасад.

Баррасии мавзуъ нишон медиҳад, ки чор табақаи аввали забоншиносон фарогири чордаҳ забоншиносе мебошад, ки чи аз нигоҳи замонӣ ва чи аз нигоҳи маконӣ ба ҳам бисёр наздиканд, то ҷойе ки тибқи ин табақандӣ яке бар дигаре шогирдӣ намудааст. Аз ин чордаҳ забоншиноси нахустини араб панҷ нафарашон: Анбасаи Фил аз табақаи дувум, Ибни Абуисҳоқи Ҳазрамӣ аз табақаи савум, Ахфаши Акбар, Исо ибни Умар ва Маслама ибни Абдуллоҳ аз табақаи чорум аз ҷумлаи маволӣ дониста шудаанд ва ба гумони ғолиб аз мардуми форсу тоҷиканд. Илова бар инҳо, ҳарчанд дар тарҷумаи Абдураҳмон ибни

Ҳурмуз, Маймуни Акран ва Ибни Абуакраб аз маволӣ будани онҳо зикр нашавад ҳам, вале ношинохта мондани насабномаашон ба гунае ишора ба ғайриараб будани онҳо менамояд.

I.5.Сайре дар маонии луғавӣ ва истилоҳии наҳв

Аз ҷумлаи мавзуоти баҳсбарангез дар забоншиносии араб чигунагии ба майдон омадани забоншиносии мазкур ва, ҳамзамон бо ин, таҳлилу баррасии вазъу ташаккули истилоҳоти марбут ба он аст. Воқеан, баррасии таърихи ташаккули истилоҳот бисёр лаҳзаҳои печидаи ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва ҳатто дараҷаи тараққиёти ин ва ё он соҳаро дар марҳилаҳои мухталифи шаклгирии миллатҳо равшан месозад. Ҳар андешаи нави маънавӣ ва ҳар падидаи тозаи моддӣ, ки дар ҷомеа пайдо мешавад, тағйирот ва дигаргуние дар низоми вожагон ва истилоҳоти ҷории забони он ҷомеа падид меоварад [41, с.3].

Тибқи қоида, истилоҳ ба маониии луғавии вожа робитаи ногусастанӣ дошта, такя ба яке аз маонии луғавӣ сифати комили мафҳум ва ё сифате аз онро дар худ таҷассум мекунад. Вале ҳолатҳое ҳам мешавад, ки истилоҳи илме бе такя ба маонии луғавии вожа ва бе ягон ифодаи сифати мадлули худ аз ин ё он падидаи илмӣ намояндагӣ мекунад. Ва истилоҳи наҳв низ, бе тардид, ба ҳамин гурӯҳи дувуми истилоҳот дохил мешавад.

Дар фарҳангномаҳои тафсирии арабӣ 8 маънои луғавии вожаи наҳв оварда шуда, калимаҳои қасд, сарф, мисл, миқдор, ҷиҳат/ноҳия, навъ/қисм ва баъзе ҳамчун муродифи он ёдоварӣ гаштааст. Муродифоти тафсиркунандаи вожаи наҳвро Довудӣ ном наҳвии араб ин гуна ба риштаи назм кашидааст:

للنحو سبع معان قد أتت لغة

جمعتها ضمن بيت مفرد كملا

قصد ومثل ومقدار وناحية

نوع وبعض وحرف فاحفظ المثلا [281, с.58; 293, с.7]

(Тарҷума: Аз нигоҳи луғавӣ наҳв ба ҳафт маонӣ меояд, ки онҳоро дар як байт гирдоварӣ намудам: қасду монандӣ, миқдору тараф, навъу бархе ва гӯша. Пас, инҳоро дар хотир дор). Дар ин байт маонии ҳаштум, ки муродифи сарф-баргардондан аст, оварда нашудааст.

Маонии луғавии наҳв дар “Фарҳанги шомили арабӣ-тоҷикӣ”-и устод С.Сулаймонов ба таври зайл оварда шудааст: наҳв 1) сӯ, тараф, ҷиҳат, самт, оҳанг, қасд; 2) ниҳоят, охир; 3) кунҷ, гӯша; 4) маҳал, минтақа, бахш, ноҳия; 5) равиш, расм, ҷинс, тарз, навъ, намуд; 6) монанд, мисл; 7) андоза, миқдор [368, с.1219].

Вожаи наҳв дар забони тоҷикӣ на ба маънои луғавӣ, балки танҳо ба ҳамон маънои истилоҳияш, ки ифодагари дастур, грамматика ва синтаксис [368, с.1219; 369, с.904] аст, корбурд мешавад. Ҳарчанд дар нимаи дувуми асри гузашта вожаи мазкур ба гурӯҳи вожаҳои архаизмӣ дохил шуда бошад ҳам, вале бо соҳибистиқлолӣ ба гунае ин вожа дубора эҳё гашт ва имрӯз дар китобу мақолаҳои донишмандони забону адаб истилоҳи наҳв на фақат дар робита ба дастури забони арабӣ, балки ҳамчун ҷойгузини истилоҳи синтаксис истифода мешавад.

Аз баррасии таърихи наҳви арабӣ бармеояд, ки истилоҳи наҳв ба монанди худи илми наҳв ба фарқ аз дигар истилоҳоти забоншиносӣ на дар оғози пайдоши Ислом, балки каме дертар ба майдон омадааст. Зеро донишмандони мусулмону араб нахуст ба донишҳои исломиву шаръӣ рӯ оварда, ҳама малакаву истеъдоди худро барои фаҳму дарк ва тафсиру таъвили он равона намуда буданд. Тавре Ҷалолиддин Суютӣ таъкид намудааст, сар аз асри дувуми ҳиҷрӣ донишмандони исломӣ ба гирдоварии ҳадиси набавӣ пардохта, дар фиқҳи исломӣ ва тафсири Қуръони карим китобҳо таълиф намуданд. Баъд аз анҷоми тадвини донишҳои мазкур донишмандон ба гирдоварии донишҳои ғайришаръӣ, аз ҷумла ба ҷамъи забону наҳв рӯ оварданд. Андешаҳои наҳвӣ ва бархе талошҳое, ки дар асри аввали ҳиҷрӣ дар робита ба масоили забонӣ сурат гирифтааст, аслан на барои забон, балки бинобар ангезаи динӣ доштан ва фаҳми оёти қуръонӣ ба майдон омадааст [152, с.79]. Ба ин тартиб,

истилоҳоти наҳвии эъроб, заммаву фатҳа ва касраву сукун, накираву маърифа, мавсулаву замир, исму феъл ва ҳарф ва ғ., ки аз истилоҳоти калидии наҳв ба шумор мераванд, пеш аз истилоҳи наҳв аз ҷониби донишмандон мавриди корбурд қарор мегирифтаанд.

Дар таърихи наҳви арабӣ ин нукта таъкид мешавад, ки то ривоҷ ёфтани истилоҳи наҳв донишмандон андешаҳои забонӣ ва дастурии худро дар зери дигар истилоҳ истифода менамуданд. Масалан, вожаи “ал-арабия” (العربية), ки имрӯз ба забони арабӣ итлоқ мешавад, дар асрҳои аввали ҳиҷрӣ ба маънои дастури забон корбурд мешудааст. Аз ҷумла, дар осору ривоёти саҳобагону тобеин корбурди ин истилоҳ ба таври васеъ ба назар мерасад. Чунончи, Умар ибни Хаттоб (р) таъкид намудааст: “تعلموا العربية، فإنها تشبب العقل، وتزيد في المروءة” (Тарҷума: дастури арабиро омӯзед, зеро он ақлро расо ва ҷавонмардиро меафзояд) [293, с.8].

Инчунин, дар китобҳои ба рӯзгору осори адибону забоншиносони араб бахшидаи донишмандони гузашта, аз қабили «Табақот-уш-шуаро»-и Ибни Салломи Ҷумаҳӣ, «ал-Маориф»-и Ибни Қутайба, «Ахбор-ун-наҳийин-ал-басрийин»-и Сирофӣ, «Инбоҳ-ур-рувот ало анбоҳ-ин-нуҳот»-и Қифтӣ, «ал-Исоба»-и Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ ва ғ. калимаи арабия ба маънои наҳв корбурд шудааст ва дар тарҷумаи ҳоли Абуласвад Дуалӣ, Абдураҳмон ибни Ҳурмуз ва Наср ибни Осим таъбири «وضع العربية» оварда шудааст, ки ба маънои «наҳвро асос гузоштан» мебошад [234, с.47-48].

Ин вожа – ал-арабия, на фақат пеш аз ташаккули истилоҳи наҳв, балки пас аз он низ аз ҷониби донишварон ба маънои забоншиносӣ истифода мешудааст. Аз ҷумла, номгӯи зерини китобҳои донишмандони гузашта: “Ал-Возеъ фи илм-ил-арабия”-и Зубайдӣ, “Ал-Ламаъ фи илм-ил-арабия”-и Ибни Ҷиннӣ, “Ал-Муфассал фи илм-ил-арабия”-и Замахшарӣ, “Асрор-ул-арабия”-и Ибни Анборӣ, “Ал-Хулосат-ул-алфия фи илм-ил-арабия”-и Ибни Молик, “Ал-Азҳарияту фи илм-ил-арабия”-и Холид Азҳарӣ ва ғ., ки ҳамагӣ ба қонуниятҳои сарфиву наҳвии арабӣ бахшида шудаанд, далели корбурди таърихии истилоҳи арабия ба

маънои наҳв мебошад [281, с.65].

Вожаи калом, ки имрӯз дар забони арабӣ ифодагари маонии луғавию истилоҳии 1) гуфта, гуфтор, гап, сухан; ҷумла, ибора; суҳбат, гуфтугӯ; забон; 2) фиқҳ. марбут ба илми калом; 3) каломӣ [368, с.1081] ва дар забони тоҷикӣ ифодагари 1. сухан, гап, гуфтор ва 2. илме мебошад, ки дар он аз эътиқодҳои динӣ баҳс карда мешуд [369, с.582], истилоҳи дувуме унвон мешавад, ки муодили вақти наҳв будааст. Чунончи, аз Абуласвад Дуалӣ ривоят мекунанд, ки вақте хатоҳои забонии ғайриарабҳоро шунид, гуфт: “Инҳо бародарони моанд, пас, чаро мо онҳоро калом, яъне наҳв наомӯзонем” [293, с.9].

Истилоҳи савуме, ки дар таърихи забоншиносии араб ба маънои наҳв корбурд мешудааст, истилоҳи лаҳн мебошад. Вожаи лаҳн, ки дар “Фарҳанги шомили арабӣ-тоҷикӣ” маони зайли луғавии он оварда шудааст: 1) қасд (оҳанг) ба коре; 2) иштибоҳ, ғалатхонии ҳаракатҳо (эъроб); 3) овоз, ово, садо (-и мусиқӣ); 4) наво, нағма, оҳанг; 5) шеваи сухан, забон, лаҳҷа; 6) лағзиш, иштибоҳ, ғалат, хато, саҳв (дар сухан); 7) маъно, мурод, мафҳум [368, с.1111] ва дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба маонии оҳанги гуфтор; овоз. 2. нағма, оҳанг, наво [369, с.717] корбурд мешавад, дар марҳилаи пеш аз ташкилшавии забоншиносии араб, ки ба истилоҳи марҳилаи шафавии забоншиносии мазкур низ ёд мегардад, баёнгари риояи қавоиди наҳвӣ будааст. Чунончи, аз халифаи дувуми рошидин Умар ибни Хаттоб (р) ривоят менамоянд, ки гуфта: “تعلموا الفرائض والسنة واللحن كما تتعلمونالقرآن” (Тарҷума: фароизу суннат ва лаҳнро омӯзед, ҳамонгунае ки Қуръонро меомӯзед”. Вақте Язид ибни Ҳорун ин ҳадисро ривоят кард, аз ӯ пурсиданд: ما اللحن? Гуфт: النحو (Лаҳн чист? Гуфт: наҳв). Ибни Асир низ дар ҳошияи ин ҳадис гуфта, ки “мурод дар ин ҷо омӯзиши забони арабӣ бо эъроб мебошад”[293, с.9]. Вале каме баъдтар, дар оғози ташкилшавии забоншиносии араб лаҳн аз маънои наҳв удул карда, ҳамчун истилоҳе, ки ифодагари хато намудан дар қавоиди наҳвӣ мебошад, истифода мегардад. Маҳз далолати вожаи лаҳн ба риояи қоида

дар як марҳилаи таърихӣ ва ишора ба хато дар марҳилаҳои баъдӣ муҷиби дар гурӯҳи вожаҳои аздод ёд шудани он гаштааст. Аз ҷумла, Абулқосим Анборӣ мегӯяд: “лаҳн аз ҷумлаи аздод аст, чун ба сухани саҳеҳ ва сухани хато итлоқ карда мешавад”[293, с.12].

Истилоҳи дигаре, ки аз нигоҳи донишмандони гузаштаву имрӯзи араб аз истилоҳи наҳв таърихи қадимтар доштаву то имрӯз ба гунае муодилу ҷойгузини он шуда меояд, истилоҳи эъроб мебошад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки вожаи эъроб дар асри савуми ҳиҷрӣ ба маънои истилоҳи наҳв истифода мешудааст. Чунончи, Заҷҷоҷӣ (ваф. 337ҳ.) мегӯяд: «Наҳв эъроб ва эъроб наҳв номида мешавад, зеро мақсуд (аз ҳар ду вожа) ҷустҷӯйи як илм аст» [124, с.91]. Бархе аз пажуҳишгарон аз ривояте, ки ба Умар ибни Хаттоб (р) нисбат дода мешавад: «Бояд Абуласвад ба аҳли Басра эъробро таълим диҳад» [234, с.53], чунин истинбот мекунанд, ки калимаи эъроб ҳамчун истилоҳи забоншиносӣ аз калимаи наҳв дида таърихи қадимтаре дорад. Ҷалолиддин Суютӣ низ такя ба ин ривоят ва сухани Молик ибни Анас, ки гуфта: «Эъроб перояи забон аст, пас, забонҳои худро аз ин пероя маҳрум насозед» [257, с.23], истифодаи эъробро ба маънои наҳв ҳанӯз аз асри якуми ҳиҷрӣ мешуморад [293, с.14]. Вале донишмандон барои равшан кардани масъала мегӯянд, ки агар ривояти мазкур дуруст бошад, дар он сурат вожаи эъробро дар он на ҳамчун истилоҳи забоншиносии араб, балки ба маънои луғавияш бояд маънидод намоем, зеро илми наҳв баъд аз хилофати Умар (р) ба майдон омадааст ва аз ҳар гуна мантиқ дур аст, ки пеш аз таъсиси илме истилоҳоти он машҳур бошад [282, с.257]. Ба назари мо, эъроб дар марҳилаи нахуст на ба маънои наҳви истилоҳӣ, балки ба маънои пайравӣ ва пойбанд будан ба равиши забони адабии араб ва таҷассуми вижагиҳои арабӣ дар гуфтор будааст.

Аз сарчашмаҳои дигари қадима, ки эъроб дар онҳо ба маънои наҳв истифода шудааст, китоби «Милҳат-ул-эъроб»-и Ҳарирӣ (ваф.576 ҳ) ва «Фусул-ул-хамсун»-и Ибни Муътӣ (ваф.628 ҳ) мебошад

Ба ҳамин тартиб агар дидгоҳи забоншиносони гузаштаи арабро дар мавриди эъроб пайгирӣ намоем, дармеёбем, ки аксари онҳо ба эъроб ҳамчун як падидаи меҳварии забони арабӣ назар намуда, гоҳе онро баробари наҳв ва гоҳе наҳвро дар он хулоса намудаанд ва дар таҳкиму боқӣ монондани он дар забони арабӣ ҳиммат гумоштаанд [29, с.53]

Маҷоз аз вожаҳои дигари арабист, ки дар баробари дар феҳристи нахустин истилоҳоти забоншиносии араб будан боз дар марҳилаи ташкилёбии ин забоншиносӣ ба маънои наҳв, ҳатто фаротар аз он - забоншиносӣ истифода мешудааст. Бад-ин гуна, ки далолати ин истилоҳ танҳо ба дигаргунии охири вожаҳо маҳдуд нагашта, балки ба услуби баёну нозукадоии суханвар низ ишора менамудааст [293, с.15].

Вале истилоҳоте, ки дар марҳилаи аввал ба маънои забоншиносӣ будаанд, қариб ҳамагӣ, ба истиснои наҳву эроб ба дигаргунӣ рӯбарӯ шуда, ҳамчун истилоҳ дар дигар маврид ба кор рафтаанд. Масалан, истилоҳи лаҳн на ба дурусту шево сухан гуфтан, балки ба хатогуфторӣ ишора карда, истилоҳи маҷоз бошад, ҳамчун истилоҳи меҳварии илми балоғат ташаккул ёфтааст.

Нахустин бор вожаи наҳвро ба маънои истилоҳияш дар шеъре дучор мешавем, ки дар васфи Исо ибни Умар суруда шудаву дар он аз ду китоби ӯ: «Ҷомеъ» ва «Икмол» сухан рафтааст:

بطُل النحوُ جميعاً كلُّه

غير ما أحدث عيسى بنُ عمرْ

ذاك إكمالٌ وهذا جامعٌ

فهما للناس شمسٌ وقمرْ

(Тарҷума: Ҳама наҳв ба пуррагӣ барбод рафт, ба ҷуз он чи Исо ибни Умар эҷод карда буд. Ана ин «Икмол»-у ин «Ҷомеъ»(-и ӯ) аст, воқеан, ин ду барои мардум чун хуршеду моҳанд). Аҳамияти ин шеър дар исботи таърихияти маънои истилоҳии наҳв дар он аст, ки он, пеш аз ҳама, ба Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ намояндаи табақаи панҷуми наҳвиёни Басра нисбат дода мешавад [108, с.25]. Яъне, дар замони Халил

ибни Аҳмад, аллакай, наҳв ҳамчун истилоҳи забоншиносӣ шинохтаву корбурд мешудааст.

Чи тавре ишора шуд, мушкилоти истилоҳи забоншиносӣ ва он ҳам дар сархати истилоҳоти мазкур қарор гирифтани вожаи наҳв ин пайванди бевосита надоштани он ба падидаҳои дастуриву забонӣ мебошад. Ҳамин аст, ки донишмандони араб дар дарозои таърих ба гунае маънои истилоҳии наҳвро ба маонии луғавии он пайванд намудаанд. Аз ҷумла, Ибни Сиккит маънои истилоҳии наҳвро баргирифта аз маъноеаш мешуморад, ки далолат ба таҳрифу дигаргунӣ менамояд: “Наҳвиро ба он хотир наҳвӣ меноманд, ки суханро бо навъҳои эъроб таҳриф мекунад”. Вале бештари донишмандон маънои истилоҳии наҳвро баргирифта аз маъноеаш медонанд, ки ифодагари қасд аст. Дар робита ба ин Ибни Форис ишора намудааст, ки “мақсад аз наҳв қасди усули калом ва сухан гуфтан ба гунаест, ки арабҳо мегӯянд” [281, с.59].

Нуктаи ҷолиб дар робита ба таърихи истилоҳи наҳв он аст, ки тибқи ривоятҳо истилоҳи мазкур дар замони Абуласвад Дуалӣ ба майдон омада бошад ҳам, вале корбурди он каме баъдтар аз ҷониби Абдуллоҳ ибни Абуисҳоқи Ҳазрамӣ сурат гирифтааст, ки мавсуф ба таъкиди таърихнигорон нахустин наҳвие ба шумор меравад, ки ба мустақилияти наҳв аз дигар илмҳои забоншиносӣ ишора намудааст. Дар “Китоб”- и Сибавайҳ сафҳае нест, ки дар он калимаи “نحو” ҳадди ақал як бор наомада бошад, вале дар ҳама маврид танҳо маънои луғавии он дар назар дошта шудаву муродифи вожаҳои “مثل” (монанди) ва “الضرب” (навъ) қарор гирифтааст[247, с.27]. Дар ҳоле ки таърифи наҳв ҳамчун истилоҳе, ки бори илмеро ба дӯш мекашад, дар авохири асри савуми ҳичрӣ ва он ҳам аз ҷониби Ибни Сарроҷ(ваф.316 ҳ)[13] ворид шудааст.

[13] Дар робита ба ин донишманди араб Ҳасан Авн мегӯяд: «Маълум аст, ки наҳв ба маънои истилоҳиеаш, ки имрӯз мефаҳмем, на дар рӯзгори давлатдории Уммавиён ва на дар оғози ҳукмронии Аббосиён вуҷуд надоштааст. Нуктае, ки ин гуфтори моро таъйид мекунад, ин аст, ки мо дар забони арабӣ пеш аз Сибавайҳ, ҳатто баъд аз ӯ китоберо пайдо намекунем, ки ба таври ошкоро китоби наҳв номида шуда бошад. Ду китобе, ки ба Исо ибни Умари Басрӣ (ваф. 149 ҳ) нисбат медиҳанду то замони мо

Чунончи, Ибни Сарроҷ дар таърифи наҳв мегӯяд: “Наҳв илмест, ки гузаштагон ба он аз таҳқиқу истиқро (индуксия)-и каломи араб даст ёфтаанд [281, с.66; 98, с.35].

Баъдтар дар «Шарҳи Сирофӣ ба Китоби Сибавайҳ» мехонем, ки гуфта: «Сухан ду гуна аст: хато ва дуруст. Нафаре амдан хато сухан мегӯяд, пас, маънои хато ҳам ҳамин аст, ки аз гуфтори дуруст ба дигар рӯ меоварад. Ҳар он чи хато набошад, пас, он мувофиқи мақсаду наҳв аст ва аз ҳамин ҷо наҳвро наҳв номгузорӣ кардаанд» [109, с.187]. Тибқи ин гуфтор, наҳв маҳз аз маънои луғавияш, ки муродифи қасд аст, ба маънои истилоҳияш гузаштааст.

Азҳарӣ-соҳиби “Таҳзиб-ул-луға”, дар моддаи “نحا” нуктаеро ёдовар шудааст, ки ба гунае тамоми гуфтори болоро зери суол мебарад. Ӯ мегӯяд: “ وثبت عن أهل يونان فيما يُذكر المترجمون العارفون بلسانهم ولغتهم أنهم يسمون علم الألفاظ والعناية بالبحث عنه[14]؛ فيقولون كان فلان من النحويين، ولذلك سمّي يوحنا الإسكندرانيُّ يحيى النحويَّ للذي كان حصل له من المعرفة بلغة اليونان” [383, с.252-253]. (Тарҷума: Аз аҳли Юнон дар он чи аз тарҷумонону огоҳони забонашон ёд мешавад, сабт гаштааст, ки онҳо илми алфоз ва таваҷҷуҳ ба пажуҳиши онро наҳв меноманд. Аз ин рӯ, мегӯянд, ки фалонӣ аз наҳвиён аст. Юҳаннои Искандаронӣ ба он хотир Яҳёи Наҳвӣ номида шуд, ки аз забони юнонӣ огоҳӣ дошт). Сарчашмаҳои таърихӣ ишора ба он менамоянд, ки Юҳаннои Искандаронӣ бо Яҳёи Наҳвӣ мулаққаб гаштааст, аз насрониёни яъқубӣ буда, дар рӯзгори Паёмбари Худо (с), хулафои рошидин ба сар бурдааст ва ҳатто шоҳиди фатҳи Миср аз ҷониби Амр ибни Ос гаштааст. Мегӯянд, бо назардошти шуҳрате, ки дар сарзамини Миср дошт, Амр ба назди ӯ рафт ва барояш ҷойгоҳи волоеро эътироф намуд. Ҳарчанд сухани Азҳарӣ маънои наҳвиро муродиф ба маънои луғавӣ қарор диҳад ҳам, бо наҳвӣ мулаққаб гаштани Юҳаннои Искандаронӣ, ки бо нахустин забоншиносони араб, аз қабили Абуласвад Дуалӣ, Анбасаи Фил, Наср

нарасидаанд, «Икмол» ва «Ҷомеъ» номида мешуданд, ҳатто таълифи Сибавайҳ дар ин ҷода «Китоб» номида шудааст» [189, с.216].

[14] Соҳиби «Лисон-ул-араб» Ибни Манзур бо нақл аз Азҳарӣ инро оварда, пас аз «عنه» калимаи «نحواً»-ро овардааст [371, с.76].

ибни Осим, Абдураҳмон ибни Ҳурмуз ва дигарон ҳамаср аст ва бо ин ҳама ношинохта будани ин истилоҳ барои онҳо суолоти зиёдеро ба миён меорад [189, с.215], ки ин ниёз ба як пажуҳиши вижа дорад.

Бад-ин тартиб, ба андешаи бештари донишмандони гузаштаву имрӯзи арабу ғайриараб наҳв аз нигоҳи истилоҳӣ ба илме гуфта мешавад, ки меҳвари онро сохтори ҷумла ва иртиботи калимаҳо бо ҳамдигар ва тағйироти эъробии исму феълҳо ташкил мекунад. Чунин таърифи наҳв ба пажуҳанда имкон медиҳад, ки наҳвро муодили синтаксис унвон намояд, вале таҳқиқ ва баррасии ин илм маонии онро фаротар намуда, муодил ба грамматика ва дастури забон мегардонад. Ба ибораи дигар, наҳви араб танҳо ба баёни сохтори ибораву ҷумла ва алоқаи байни калимаҳо маҳдуд нагашта, балки дар худ савтиёту морфологияро низ дар бар мегирад, аз ин рӯ, метавон наҳви арабиро грамматикаи араб номид. Ба ин нукта, ҳанӯз Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Юсуфи Хоразмӣ ишора кардааст, ки “ин илм дар юнонӣ грамматика ва дар арабӣ наҳв номида мешавад”[403, с.63].

Бо таҳқиқи маонии луғавию истилоҳии наҳв ва баррасии марҳилаҳои тайнамудаи он инҷониб ба хулосае омад, ки истилоҳи наҳвро вобаста ба давраҳои таърихӣ метавон ба таври маҳдуд ва ё густарда маънидод кард. Вақте мо онро ба донишмандони аввалини илмҳои забонии араб итлоқ менамоем, он бояд ба маънои забоншиносӣ фаҳмида шавад[15], чаро ки дар он давра ин илм ҳам лексикография, ҳам грамматика, ҳам балоғату хушбаёниро дар бар мегирифт ва китобҳои аввалини наҳвӣ танҳо дастури забон не, балки доиратулмаорифе буданд, ки дар он забон, чи аз нигоҳи тавсифӣ-сохторӣ ва чи аз нигоҳи фалсафӣ, мавриди баррасӣ қарор мегирифтанд. Вале бо гузашти замон ва бо мустақил шудани илми луғату илми сарф ва илми балоғату фиқҳи луғат маънои истилоҳии наҳв маҳдуд гашта, доираи баҳси он, асосан, атрофи

[15] Донишманди муосири араб Муҳаммад Ҳаммоса Абдуллатиф мегӯяд: «Мақсад аз наҳв танҳо шинохти дурустиву хатои охири калимаҳо нест, балки наҳвро дар ин доира маҳз донишманди баъдии араб маҳдуд намудаанд» [325, с.25].

омилу эъроб ва таркибҳои гуногунсохти ибораву ҷумла сурат мегирад, ки дар ин маврид метавон онро муодили синтаксис қарор дод.

Хулоса, истилоҳи наҳв аз забони арабӣ бархоста, аз ҳеҷ забоне тарҷума нагаштааст ва ин ифодагари он аст, ки забоншиносии араб, чи аз нигоҳи ташкил ва чи аз нигоҳи истилоҳофаринӣ, аз забоншиносиҳои ҳиндиву юнонӣ ва сурёнӣ таъсир напазируфтааст. Ҳамзамон, истилоҳи наҳв гоҳе ба маънои маҳдуд: синтаксис ва гоҳе ба маънои васеъ – забоншиносӣ, фаҳмида мешавад. Ҳангоми ифода намудани маънои синтаксис муодили он истилоҳи “эъроб” ва дар мавриди ифодаи забоншиносӣ муодили он истилоҳи «арабия» шуда метавонад.

Чи тавре ишора шуд, корбурди истилоҳи наҳв дар мутуни китобҳои форсии тоҷикии тоинқилобӣ, хусусан, дар китобҳои ба забоншиносӣ марбут ба таври густарда ба назар расад ҳам, вале аз солҳои сиюми асри гузашта то арафаи соҳибистиқлолӣ истифодаи ин истилоҳ дар забони тоҷикӣ камранг гаштан гирифт ва ба назар мерасад, ки пас аз соҳибистиқлолӣ ба гунае ин истилоҳ боз эҳё гашта, аз ҷониби забоншиносони тоҷик ҳамчун муодили синтаксис ба кор меравад.

1.6.Маволӣ ва зарурати тадвину таълифи масоили забоншиносии араб

Ҳангоми омӯзиши таърихи забоншиносии араб, хусусан, марҳилаҳои аввали пайдоиш ва ташаккули он ба номи чандин донишманде дучор мешавем, ки аз ҷумлаи маволӣ ва ё мавлои ин ё он қабила хонда шудааст, аз қабили «Юнус ибни Ҳабиб мавло бани Зибба»[34.ص ،2009 أبوالطيب], «Ҳамза ибни Ҳамза бо кунияи Абуумора мавлои Оли Икрима ибни Рибъии Таймӣ» [273, с.44], «Абдуллоҳ ибни Абуисҳоқ мавлои Оли Ҳазрамӣ, ки ҳалифи Бани Абдушамс ибни Абдуманнофанд» [97, с.31], «Маслама ибни Абдуллоҳ ибни Саъд ибни Маҳориби Фиҳрӣ, ки мавлои онҳост» [97, с.45], «Абумуҳаммад Яҳё ибни Муғираи Муқрии Язидӣ соҳиби Абуамр Алои Басрӣ мавлои Бани Адӣ ибни Абдуманноф буд ва ба ӯ Язидӣ ба он хотир гуфта мешуд, ки бо Язид ибни Мансур – таҒои Маҳдӣ дӯстӣ доштаву фарзанди ӯро дарс

мегуфтааст» [89, с.69], «Абузакариё Яҳё ибни Зиёди Фарро мавлои Бани Асад аз аҳли Куфа буд»[89, с.81].

Ба таъкиди сарчашмаҳо, нисбати вало низ ба монанди нисбатҳои хешовандӣ сабаб мешуд, ки мавлоён аз бархе имтиёзҳо, хусусан ҳимояи қабилае, ки бад-он нисбати вало ёфта буданд, бархӯрдор шаванд. Аз ин рӯ, бисёре аз эрониён ба монанди мардуми араб ба қабилае, ки яке аз мардуми он қабила молики ӯ ё яке аз ниёгон шуда буд, мансуб мешуданд. Ин нисбат низ бар ному куният ва лақаби арабии эшон афзун мегашт. Баъзе аз эрониён (маволӣ) худ низ ба ин интисоб сарфарозӣ менамуданд ва бад-он меболиданд, чун дар сояи он аз ҳимояти қабилае, ки бад-он мансуб шуда буданд, бархӯрдор мешуданд [313, с.100].

Аз нигоҳи луғавӣ калимаи мавло ба маънои «مَوْلًى" ҷ. مَوَالٍ 1) ҷаноб, ҳазрат, мавло; يا مولايَ! ё мавло!, ҳазратам!; يا مولانا! сарвари мо!; المولى عزّ و جلّ Қуръон. Худованд; 2) пуштибон, ҳомӣ; 3) таър. барда (ғулом)-и озодшуда; 4) муштарӣ; 5) ҳамсоя» [368, с.1405] ва мавло а. مولا//مولي кҳн. 1. соҳиб, молик. 2. ғулом; чокар, навкар; ғуломи озодкарда [369, с.734] марҳилаҳои гуногуни таърихиро тай карда, гоҳе ифодагари ғулому барда ва гоҳе баёнгари хоҷаву дӯст будааст. Бо гузашти замон калимаи мавло/маволӣ ба истилоҳе табдил ёфта, ки таърихнигорону пажуҳандагон ба мусулмонони ғайриараб итлоқ менамуданд. Чи тавре Ҷурҷи Зайдон мегӯяд: «Маҳз Уммавиён ин номро ба ҳар мусулмони ғайриараб гузоштаанд. Вақте маволӣ мегуфтанд, бо ин мусулмонони форс ва ғайрифорсҳоро аз маҷусиву насронӣ ва аҳли зиммаеро, ки ба ислом гаравида буданд, дар назар доштанд» [177, с.58]. Дар аввали ислом ғайриарабро бо калимаи аҷам «عجم», ки аз аъҷам «أعجم» гирифта шудаву ифодагари «أخرس» (гунг) аст, меҳонданд ва хоҳ нохоҳ ин он қадар хушоянд набуд, аз ин рӯ, аз мавло/маволӣ ба симати ҷойгузини вожаи аҷам/аоҷим истифода намуданд. Ба ин тартиб, маволӣ ба ҳар мусулмони ғайриараб гуфта мешуд, сарфи назар аз он ки он ғайриараб бо ягон араб ақди дӯстиву бародариро матраҳ намудааст ё не [157, с.43-44], ё дар

ҳудуди сарзаминҳои араб буд ва ё хорич аз он. Чунончи, Ибни Саъиди Муаддиб дар робита ба волии Шош мегӯяд: «Волӣ дар Шош Абулаббос ибни Абубакр ибни Муҳтоҷ мавлои Амиралмуъминин буд» [122, с.527].

Дар садри ислом ва замони хулафои рошидин муносибат ба маволӣ ҳамчун мусулмон бисёр хуб ба роҳ монда шуда будааст, ба гунае ки онҳо метавонистанд вобаста ба истеъдоду малакаи худ дар ҳар ҷода, чи сиёсӣ, чи иқтисодӣ ва чи илмӣ, фаъолият намоянд. Саҳобаҳо барои анҷоми корҳои рӯзгор маволии зиёде доштанд ва вобаста ба касбу шуғли саҳобаҳо маволӣ низ соҳиби касбу кор мегаштанд. Агар саҳоба бозургон мебуд, пас, маволияш ёрдамчии ӯ дар бозургонӣ буданд; агар саҳоба донишманд мебуд, пас, маволияш беҳтарин шогирду ёвараш дар илм буданд. Масалан, Нофеъ мавлои Абдуллоҳ ибни Умар буду дар сояи ӯ ба баландтарин дараҷаҳои илмӣ расид, чунончи, муҳаддисон ривояти Шофеӣ аз Молик, аз Нофеъ, аз Ибни Умарро занҷираи тиллоӣ мешуморанд. Мегӯянд, Икрима мавлои Ибни Аббос буд ва вақте дувумӣ гузашт, аввалӣ ҳанӯз барда буд. Алӣ ибни Абдуллоҳ ибни Аббос хост, ки Икримаро ба Холид ибни Язид ибни Муовия бо чор ҳазор динор фурӯшад. Икрима ба назди Алӣ ибни Абдуллоҳ омаду гуфт: Хуб нест, ки илми падаратро бо чаҳор ҳазор фурӯшӣ. Алӣ ибни Абдуллоҳ аз фурӯхтани ӯ даст кашиду ӯро озод кард [141, с.155-156].

Вале дар замони ҳукмронии Уммавиён бо эҳё шудани баъзе аз хислатҳои даврони ҷоҳилии араб, аз қабили худманишиву кибр, муносибат ба маволӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Ба гунае ки маволиро масхара карда мегуфтанд: «намозро се чиз бекор мекунад: хар, саг ва мавло». Ё худ арабе дар назди Ибни Омир-соҳиби Ироқ, бо мавлое муноқиша мекунад. Мавло мегӯяд: «Худованд дар байни мо мисли Шуморо зиёд накунад». Дар посух араб мегӯяд: «Вале Худованд дар байни мо мисли Шуморо зиёд намояд». Ба ӯ (араб) гуфтанд: «Ӯ бар зидди ту дуо менамояду ту ба нафъи ӯ»!? Араб мегӯяд: «Оре, онҳо роҳҳои моро мерӯбанду кафшҳоямонро медузанд ва либосҳоямонро метананд».

Маволӣ аз сиёсат, ба истиснои бархе шахсиятҳое, ки дар кишваркушоиҳову корҳои идорӣ саҳм доштанд, пурра дур карда шуданд. Аз ин рӯ, онҳо ба корҳои ғайрисиёсӣ, ба бозургониву илм рӯ оварданд. Ҳамин буд, ки дар як муддати кӯтоҳ дар илму иқтисод ба баландтарин пояҳо расиданд. Ҳаҷви аъробие, ки маволиро намудааст:

تأملتُ أسواق العراق فلم أجدْ

دكاكينها إلا عليها المواليا

جلوساً عليها ينفضون لحاهم

كمانفضت عجف البغال المخاليا

ҳокӣ аз ҷойгоҳи волои онҳо дар иқтисодиёт мебошад[164, с.101-119].

Дар як муддати кӯтоҳ маволӣ дар корҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ пешрафти назаррас намуданд, ки ин бадбинии арабҳо, хусусан Уммавиёнро нисбати онҳо дучанд мекард. Муносибати бади ҳокимон бо маволӣ муҷиби сар задани шӯришҳо дар Ироқ гашт, ки ин оташи ғазаби Уммавиёнро бештар намуд ва сабаб шуд, то волиёни ситамгару бедод, аз қабили Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфи Сақафиро волӣ таъин созанд. Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф шӯришро барҳам зад ва дар пайи он тамоми маволиро, ки дар байнашон донишмандони зиёде буданд, ба деҳаҳову шаҳрҳои ғайриарабӣ бадарға кард ва барои он ки онҳо дубора гирди ҳам наоянду аз ҷойҳои худ берун нараванд, дар дастҳояшон номи он деҳаву шаҳри бадарғагоҳашонро менавиштанд [306, с.88; 146, с.364].

Ҳамзамон, бо маволӣ насли наве дар хонаводаҳои араб ба воя расид, ки ё аз тарафи падарӣ ва ё аз тарафи модарӣ[16] нафари ғайриараб буд. Масалан, Замахшарӣ дар мавриди насаби Солим ибни Абдуллоҳ ибни Умар ибни Хаттоб, Қосим ибни Муҳаммад ибни Абубакр, Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абутолиб маъруф бо Зайналобидин мегӯяд, ки модари онҳо ҳамагӣ аз духтарони Яздигурд буданд. Ҳатто Шаъбӣ аз

[16] Бештар аз тарафи модарӣ ғайриараб буданд. Умар Фаррух мегӯяд: «Ислом ва фатҳи исломӣ муҷиб гашт, ки арабҳо бо мардуми ғайриараб бархӯрд намоянд. Дар ин бархӯрд арабҳо зебоии ғайриарабиро писандиданд, аз ин рӯ, арабҳо бо занҳои ғайриарабӣ хонадор мешуданд, дар натиҷа насли наве омехта аз арабу ғайриараб ба майдон омад» [292, с.355].

донишмандони тобеин аз тарафи падарӣ араб ва аз тарафи модарӣ ғайриараб будааст [141, с.154].

Дар зикри аҳамият ва ҷойгоҳи маволӣ дар даврони ҳукмронии Уммавиён ва баъд аз он ҳамин нукта кофист, ки бадрафторӣ ва ё хушмуомилагӣ ба онҳо сабаби нестшавии хилофати як силсила ва бамайдоноии силсилаи дигар ба сари хилофат гардид. Ба ин маъно, ки шикасти асосии Уммавиён дар забон наёфтан бо маволӣ маънидод мешавад, дар ҳоле ки хилофати Аббосиёнро маҳз маволӣ рӯйи кор оварданд. Аз ин бармеояд, ки маволӣ дар замони ҳукмронии Уммавиёну Аббосиён дар ҳама ҷанбаҳои зиндагӣ нақши муассир доштаанд.

Маволӣ ва илм. Ибни Халдун мегӯяд: «Аҷиб аст, ки бештари парчамбардорони илм дар Ислом, чи дар донишҳои шаръӣ ва чи дар донишҳои ақлӣ, ғайрарабанд, дар ҳоле ки миллат араб, соҳиби шариат араб ва Қуръон, ки ҳама донишҳо аз он гирифта мешавад, арабӣ аст. Сабаб дар ин аст, ки ин миллат дар оғоз бинобар табиати содагиву саҳроӣ донишу ҳунаре надошт. Аҳкоми шариат ва амру наҳйи илоҳиро аз ёд нақл мекарданд ва ба сарчашмаи он – Қуръону суннат, ки аз соҳиби шаръ мегирифтанд, ошноӣ доштанд. Мардуми араби он рӯзгор ба таълиму таълиф ва тадвин ошноие надоштанд ва на ангезае ба он нишон медоданд ва ниёзе онҳоро ба ин во медошт»[248, с.541]. Воқеан, вақте маволӣ диданд, ки арабҳо ба онҳо бо дидаи таҳқир назар менамоянду аз рӯйи адолату баробарӣ, ки шиори ислом аст, муомила намекунанд, дар пайи роҳе гаштанд, ки бузургиву озодагии худро дубора барқарор намоянд. Беҳтарин роҳ дар ин маврид чанг задан ба илм буд, чун илм қадри соҳиби худро боло мебараду ҷойгузини ҳама гуна ифтихорот мегардад. Ҳамин буд, ки маволӣ рӯ ба илм оварданд ва дар як муддати кӯтоҳе дар ҳама донишҳо ба дастовардҳо ноил гаштанд [333, с.83].

Бе тардид, бештари маволӣ, ки дар асри Уммавӣ рӯ ба илм оварда буданд, аз мардуми эронитабор ба шумор мерафтанд. Чунончи, вақте Абдуллоҳ ибни Аббос, Абдуллоҳ ибни Зубайр ва Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос даргузаштанд, Абдураҳмон ибни Зайд ибни Аслам гуфт: Фиқҳ

дар ҳама шаҳрҳо ба дасти маволӣ расид. Фақеҳи аҳли Макка Ато ибни Абураббоҳ, фақеҳи аҳли Яман Товус, фақеҳи аҳли Ямома Яҳё ибни Касир, фақеҳи аҳли Басра Ҳасани Басрӣ, фақеҳи аҳли Куфа Нахаъӣ, фақеҳи аҳли Хуросон Атои Хуросонӣ гардид. Танҳо Мадинаро Худованд ба қурайшие хос намуд ва фақеҳи аҳли Мадина Саъид ибни Мусайяб буд [141, с.155].

Дар «Икд-ул-фарид» пурсишу посухи Исо ибни Мусо бо Ибни Абулайло оварда шудааст, ки дар он аввалӣ аз дувумӣ дар бораи фақеҳони шаҳрҳои гуногун мепурсад ва дар ҷавоб танҳо номҳои маволиро мешунавад. Дар ин ҷо Ибни Абулайло мегӯяд, ки вақте ғазаби Исо ибни Мусоро мушоҳида кардам, дар посух дар мавриди фақеҳони Куфа дигар на Ҳакам ибни Утба ва Аммор ибни Абусулаймонро, ки аз маволӣ буданд, балки Иброҳиму Шаъбиро, ки араб буданд, ёдовар шудам [146, с.363-364].

Ҷурҷи Зайдон ҷойгоҳи волои маволиро дар ислом ба тасвир кашида мегӯяд: «Маволӣ дар ислом бисёр фазилати бузург доранд, зеро бештари ҳофизони Қуръону намояндагони тафсир ва луғату забон ва дар умум бештари донишмандон аз ҷумлаи маволӣ буданд, дар ҳоле ки мардуми араб дар он рӯзгор ба сиёсату сарварӣ ва кашмакашиҳои ҳукрмонӣ машғул буданд» [176, с.58-59].

Ангезаи дигаре, ки маволиро водор намуд, то рӯ ба илм оранд, ин хало дар ин ҷода буд. «Арабҳо, ки дар асл бодиянишину аз китобу дафтар дур буданд, пеш аз ҳама, ба интишори дин ва таъсиси давлат рӯ оварданд, ки ин ниёзе ба илм надошт. Ниёзи онҳо танҳо ба дониши қуръонӣ буд, ки тавассути он мардумро ба ислом даъват мекарданд. Қуръонро бошад, онҳо аз ёд мекарданду бо талқин ба як дигар мерасониданд» [176, с.53]. Аксари ривоятҳо таъкид менамоянд, ки бештари мардуми араб дар даврони ҳукмронии Уммавиён, ҳатто дар замони ҳукмронии Аббосиён машғул шудан ба илмро дархӯри худ намедиданд ва мегуфтанд: «Қурайшӣ ба ғайр аз илми ахбор набояд ба дигар илме машғул шавад, чун ғайри ин ҳама беҳудагуфторист». Ҳатто

қурайшие вақте писари Аттоб ибни Асидро дид, ки «Китоб»-и Сибавайҳро мутолиа мекунад, гуфт: «Вой бар Шумо, чун (ба) илми муаддабин ва ҳиммати ниёзмандон машғулед!»[114, с.401- 402].

Маволӣ на фақат дар донишҳои шаръӣ, балки дар ҳама донишҳои он замон, чи шаръиву чи ақлӣ, даст ёфтанд ва танҳо ба интиқоли шафавии маълумоти динӣ маҳдуд нагашта, онро рӯйи коғаз оварданд. Ҳамин аст, ки бештари муаллифони нахустини асарҳои илмиву тарҷумавӣ дар таърихи ислом маҳз маволӣ ба шумор меоянд.

Саҳми маволӣ дар эҷоди ангезаҳои таъсиси забоншиносии араб. Тибқи ривоятҳо, муҳимтарин ангезае, ки муҷиби таъсиси забоншиносии араб гашт, ин интишори беисти хатогуфторӣ дар байни арабҳо буд. Маълум аст, ки дар эҷоди ин ангеза, пеш аз ҳама, нақши маволӣ назаррас аст. Маҳз афзоиши шумори онҳо дар сарзаминҳои араб, ба даст гирифтани фаъолиятҳои гуногуни бозургониву илмӣ ва даст задан ба сиёсат на фақат мардуми одии араб, балки нухбагони арабро во дошт, то дар муомила ба онҳо аз шеваву гуфторе кор баранд, ки на танҳо аз забони адабии арабӣ, балки аз лаҳҷаҳои роиҷи онрӯзии арабӣ ба куллӣ тафовут дошт.

Ба таъкиди сарчашмаҳои таърихӣ, «садҳо ҳазор нафар асирону ғуломоне буданд, ки баъди истилои шаҳрҳои қаламрави Эронзамин арабҳо онҳоро ба Арабистон интиқол дода буданд… Бар асари фатҳи Сиистон дар соли 652 аз мардуми ин шаҳр 40 ҳазор кас ба ҳайси ғулом ба сарзаминҳои арабӣ фиристода шуданд. Соли 712 бошад, Қутайба ибни Муслими Боҳилӣ 100 ҳазор зану марди ҷавонро аз мардуми Фарғонаву Хоразм ба асирӣ гирифта, онҳоро ба Арабистон фиристод»[66, с.178-179]. Аз ҷумла, дар шаҳрҳои Ироқ, хусусан, Бағдод ва Басраву Куфа ҳиссаи назарраси аҳолиро мардуми ғайриараб-маволӣ ташкил медоданд. Масалан, Басра ҳамчун урдугоҳ барои ҷанговарони араб соли 635 м бо дастури халифаи дувуми рошидин Умар ибни Хаттоб (р) сохта шуд, ки оҳиста-оҳиста аз як пойгоҳи ҳарбӣ ба як шаҳри пешрафта табдил гашт. Сараввал шумораи аҳолии он ба 800 нафар мерасидааст, вале дар як

муддати кӯтоҳ Басра ба як шаҳри бузурге бо фарогирии сесад ҳазор аҳолӣ табдил меёбад. Табиист, ки ин сесад ҳазор ҳама араб набуданд. Агар 80 ҳазори он ҷанговар ва 100-120 ҳазори он оилаи онҳо бошад, пас, ҳадди ақал 80-100 ҳазори боқимондаро мардуми ғайриараб-маволӣ, ташкил мекард [287, с.58-59]. Ин фақат хоси Басра набуд, балки айни ҳамин омезишу ҳамзистии арабу ғайриараб дар дигар шаҳрҳои арабии он замон ба назар мерасид. Танҳо фарқ дар он буд, ки дар Ироқу Шом ба фарқ аз шаҳрҳои Нимҷазираи Арабистон бинобар табиати ҷуғрофии онҳо, ки бо сарзаминҳои ғайриарабӣ марзи бевосита доштанд, шумораи маволӣ бештар будааст. Ҷойи тардид нест, ки бархӯрди шумораи зиёди арабу ғайриараб дар сарзамини Ироқ муҷиби эҷоди забони муштараке гардид, ки ҳам барои арабҳо фаҳмо бошаду ҳам барои ғайриарабҳо. Дар натиҷаи зарурат забони тафоҳум пайдо гашт, ки метавон барои тасаввур намудани он аз забонҳои сохтае, ки аз рӯйи ниёз ба хотири ҳамдигарфаҳмӣ эҷод мешаванд, аз қабили ligua franca ё Pidgin –English мисол зад. Забони тафоҳум бо осонтарин воситаҳои таъбири забон рӯйи кор меояд, аз ҷумла дар он савтиёт, қолибҳои забонӣ, сохтори ҷумла ва муҳити вожаҳо сода гашта, эъроб аҳамияти худро гум мекунад, аз риояи аҳволи вожаҳову тасрифи онҳо бениёз мегардад. Инчунин, фарқ дар ҷинсияти наҳвӣ боқӣ намемонад. Танҳо бо чанд қоидаи устувори ҷойгоҳи вожаҳо дар ҷумла иктифо меварзад. Қиссаи зерини чорвофурӯш ба он ишора мекунад, ки забони навэҷод дар кадом шакл зоҳир мегашт. Чорвофурӯше, ки ба аскарони мусулмон маркабҳои маиб фурӯхта буд, дар посух ба пурсиши Ҳаҷҷоҷ мегӯяд: « شريكاتنا في هوازها وشريكاتنا في مداينها وكما تجى تكون», яъне « هذه الدواب قد وصلت على ما هي عليه من رداءة من شركائه في بلادهم بالأهواز والمدائن»[17](Тарҷума: Ин чорпоён аз шариконамон, ки дар сарзаминҳои

[17] Дар ривоят омадааст, ки Ҳаҷҷоҷ аз Абуҷаҳири Хуросонии Наххос мепурсад: «Чорпои маибро ба лашкари султон мефурӯшӣ»? Чорвофурӯш дар ҷавоб мегӯяд: «شريكاننا في هوازها وشريكاننا في مداينها وكما تجئ نكون». Ҳаҷҷоҷ мегӯяд: «Чӣ мегӯӣ?! Моро масхара дорӣ!? Ҷоҳиз мегӯяд: «Нафаре, ки ба шунидани чунин хатогуфторӣ одат кардаву чунин сухани нодурустро мефаҳмид, қавли чорвофурӯшро чунин маънидод менамояд: «شركاؤنا بالأهواز والمدائن يبعثون إلينا بهذه الدواب فنحن نبيعها على وجوهها» (Тарҷума:

Аҳвозу Мадоинанд, бо ҳамин гуна маъюбӣ фиристода мешаванд) [364, с.20].

Илова бар ин, забони форсӣ дар байни арабҳои Ироқ интишори назаррас пайдо мекунад. Чунончи, дар асри ҷоҳилӣ агар забони форсиро аз арабҳои Ироқ падару писар Зайду Адӣ медонистанд, пас, дар асри уммавӣ шумораи арабҳои аз ин забон огоҳ хеле афзуда буд, хусусан, забони форсӣ дар Басраву Куфа бисёр роиҷ буд [231, с.42].

Ба ин тартиб, фосилаи ҷиддие байни забони арабӣ ва мардуми араб пайдо шуд, ки муҷиби канора рафтани забони адабии арабӣ ва номаънус шудани маонии сарчашмаҳои динӣ: оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ, барои мардум мегардид. Бо эҳсоси таҳдиди мазкур донишмандони араб, ки дар саргаҳи онҳо маволӣ-донишмандони эронитабори мусулмон, қарор доштанд, тасмим гирифтанд, то қоидаҳоеро аз забони адабии арабӣ истинбот намоянд, ки аз дуруст хондани матнҳои арабӣ сар карда то саҳеҳнависиву дурустгуфторӣ ҳамаро ба танзим дарорад. Ҳамзамон, ба мардуми ғайриараб заминаи омӯзиши забони арабиро эҷод намояд.

Мавриди зикр аст, ки аз нахустин иқдомот дар забоншиносии араб нуқтагузории ҳарфҳои ҳамгун маҳз аз ҷониби Абдураҳмон ибни Ҳурмуз, Наср ибни Осим, Анбасаи Фил, Маймуни Акран ва дигар пешгомони ин ҷода сурат гирифтааст, ки ҳамагӣ аз маволӣ буданд. Дар чунин иқтироҳи донишмандони ғайриараб ҷойи тааҷҷуб ҳам нест, зеро инсон дар ғайри забони модарӣ ҳамеша эҳсос менамояд, ки кадом ҷанбаи забони дувум мушкилзо аст ва талош менамояд, то онро барои дарки беҳтар бештар мавриди омӯзиш қарор диҳаду роҳкорҳое дар ин росто эҷод намояд. Бе гумон, донишмандони ғайриараб, ки аз як тараф, дар муҳити арабӣ ба сар мебурданду аз тарафи дигар, қории Қуръон буданд ва матнҳои зиёде аз ҳадис то ашъори ҷоҳилӣ аз ёд медонистанд, аз забони гуфторӣ дида, шояд дар хониши матнҳои навишташуда ба душворӣ рӯбарӯ мешуданд, чаро ки аз он нозукиҳои фарққунандаи ҳарфҳои ҳамгун танҳо

Шариконамон аз Аҳвозу Мадоин ин чорпоёнро ба мо мефиристанд ва мо онҳоро ҳамон гуна мефурӯшем) [287, с.56-57; 114, с.161-162].

соҳибзабонони донишманд огаҳӣ доштанду[18] барои ғайрисоҳибзабон ҳама якранг ба назар мерасиданд. Ба гумони ғолиб, ин донишмандони ғайриараб, бо он ҷойгоҳе, ки дар илм доштанд, шояд бо чунин нозукиҳо ошноӣ доштанд, вале дар баробари ин, ба яқин медонистанд, ки на ҳар нафаре метавонад он тафовутҳои ҳарфҳои ҳамгунро пайхас намояд, аз ин рӯ, ба хотири осон намудани хониш иқдом ба нуқтагузории ҳарфҳо намуданд.

Дар ин давра ба назар мерасад, ки таваҷҷуҳи маволӣ ба забони арабӣ ва донишҳои марбут ба он афзоиш меёбад, чаро ки онҳо аз араб дида ба ин ниёзмандтар буданд. Арабҳо бо истеъдоду малакаи модарзодие, ки дар донистани забони арабӣ доштанд, то ҷойе аз омӯхтани қоидаву аз худ кардани он бениёз буданд. Чи тавре ишора шуд, бештари маволӣ бо забони арабӣ, ки забони дувумӣ онҳо ба шумор мерафт, чи дар самти савтиёт ва чи дар самти ибораороиву ҷумласозӣ, мушкилӣ доштанд. Масалан, аз Зиёди Аъҷам, ки дар Исфаҳон ба дунё омадаву дар Истахр ба сар бурдааст, ҳамчун хатиби суханвару шоири тавоно ва котиби нуктасанҷ ёд мешавад, вале ҳамеша таъкид мегардад, ки ӯ лакнат дошт[19] ва аз дуруст гуфтани айну сод ва он чи ғайриарабҳо аз талаффузи он оҷизанд, оҷиз буд [292, с.591].

Аз Шаъбӣ ривоят мешавад, ки аз назди маволие гузашт, ки бо ҳам масоили наҳвиро муҷодала мекарданд, ба онҳо гуфт: «Хуб аст, агар он (забони арабӣ – И.К.)-ро ислоҳе намоед, чаро ки нахуст шумо онро

---

[18] Ҳарчанд арабҳои даврони ҷоҳилӣ аҳли нигориш (китобат) набуданд, вале ин маънои онро надорад, ки тамоман аз нигориш огоҳӣ надоштанд. Арабҳо байни худ аҳдномаву ҳуҷҷатҳоро менавиштанд ва дар бархе маврид мактуб ҳам менигоштанд. Шоирон ашъорашонро менавиштанд. Агарчи нигориш дар даврони ҷоҳилӣ маълум буд, вале на дар ҳама ҷо, хусусан, дар бодия ба он кор мегирифтанд [292, с.38]

[19] Ҷумлаеро аз ӯ ривоят мекунанд, ки ҳангоми фаро хондани бардааш гуфтааст: « منذ لدن دأوتك إلى أن قلت لبي ما كنت تسنأ؟», ки мақсад аз он ин аст: « منذ لدن دعوتك إلى أن قلت لبيك، ماذا كنت تصنع؟» (Тарҷума: То лаббай гуфтанат чандин бор фарёдат кардам, чи кор мекардӣ?» [157, с.292]. Ҷоҳиз аз Абуубайда ривоят мекунад, ки ин байти Зиёди Аъҷамро хонд: فتىً زاده السلطان في الودّ رِفعةً إذا غير السلطان كل خليل. Абуубайда гуфт: Зиёд «س»-ро «ش» ва «ط»-ро «ت» талаффуз мекарду мегуфт: فتىً زاده الشلتان [114, с.71].

фосид намудед» [145, с.307][20]. Ин ривоят бори дигар ба ин нукта ишора месозад, ки дар таърихи забоншиносии араб нахустин нафароне, ки ба илмҳои забонии араб машғул шуданд ва дар робита ба масоили гуногуни он, хусусан, дар мавриди шарҳи калимаҳои ноошно ва мушкилфаҳми Қуръони кариму аҳодиси набавӣ аввалин асарҳои фарҳанггунаро таълифу тасниф карданд, маҳз маволӣ буданд.

Хулоса, дар асрҳои нахустини ҳиҷрӣ дар сарзаминҳои арабнишин, хусусан шаҳрҳои Басраву Куфа ва Бағдод шумораи зиёде аз мардуми форсу тоҷик ба сар мебурданд, ки аз онҳо дар таърих бештар ба истилоҳи маволӣ ёд мешавад. Ҳузури мардуми форсу тоҷик дар ин шаҳрҳо, аз як тараф, иҷборӣ ва, аз тарафи дигар, ихтиёрӣ будааст. Ба ин маъно, ки арабҳо баъд аз ҳуҷум ба сарзаминҳои форсу тоҷикнишин шумораи зиёде аз мардумро ба унвони барда ба сарзаминҳои арабнишин бурда буданд, дар баробари он ки шумораи зиёде аз донишмандону ҳунармандон ва тоҷирон бо ихтиёри худ шаҳрҳои мазкурро барои пешрафти кор муносиб дида, он ҷоро ватан интихоб намудаанд. Бо бад шудани муносибати уммавиён ба маволӣ мардуми ғайриараб, хусусан форсу тоҷик чанг ба илму дониш заданд ва дар ин ҷода ба бузургтарин дастовардҳо ноил гаштанд. Дар баробари саҳми донишмандони форсу тоҷик дар пайдоиши забоншиносии араб, худи маволӣ[21] низ дар ин ҷода нақш доштаанд, ба ин гуна ки онҳо бо ҳузури шумораи зиёди худ ҳамзистии забониро байни арабиву форсии тоҷикӣ ба майдон оварданд, ки ин зарурати посдории забони арабиро ба миён овард ва муҷиби зуҳури нахустин андешаҳои забоншиносии араб гардид.

---

[20] Ҷойи дигар Ибни Абдурабеҳ ин ривоятро ба Абдуллоҳ ибни Аҳтам нисбат медиҳад, ки аз пеши маволие гузашту айни ҳамин суханро гуфт. Дар идома Абуубайда гуфта, ки кош ӯ хатогуфтории Сафвону Хоқон ва Муаммил ибни Хоқонро мешунид [146, с.362]

[21] Ҳарчанд донишмандони форсу тоҷики арабинигори асрҳои аввали ҳиҷрӣ низ ба унвони маволӣ ёд шаванд ҳам, дар ин ҷо на ба донишмандон, балки ба оммаи ғайриарабҳо ишора карда шудааст.

БОБИ 2. ФАРҲАНГНИГОРИИ АРАБ ВА НАҚШИ ДОНИШМАНДОНИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР ТАШАККУЛИ ОН

2.1. Марҳилаҳои таърихии фарҳангнигории араб

Фарҳангнигориро метавон яке аз бахшҳои кадимтарин ва, ҳамзамон, мураккаби забоншиносӣ унвон кард, чун ин бахш на фақат мавриди истифодаи забоншиносону мутахассисон, балки хосу ом аз он истифода мекунанд. Ҳамзамон, фарҳангнома муҳимтарин ва муътамадтарин сарчашма на фақат барои омӯхтани забон, балки барои шинохти донишу фарҳанги ин ё он миллату давлат ба шумор меравад [34, с.15]. Ҳамин аст, ки фарҳангномаҳо аз ҳама нақди бештар мегарданд. Ба таъбири Сэмюэл Ҷонсон, ҳар кас, ки китобе таълиф мекунад, моил ба васфу таърифи хонанда аст, аммо касе, ки луғат менигорад, ягона ормонаш он аст, ки аз маломат раҳад [39, с.91].

Фарҳангнигорӣ таърихи тулонӣ дошта, барои ҳар миллат дар марҳилаҳои гуногуни ташаккули забон ба майдон омадааст. Пайдоиш ва ба чигунагии нахустин фарҳангномаҳо дар таърихи башарият маълум нест, танҳо ин нукта мусаллам аст, ки ба майдон омадани он ба ихтирои хат, густариши тамаддунҳо ва пайдоиши тарҷумаҳо бастагии сахте дорад. Он чи имрӯз аз ҷониби донишмандон дар робита ба фарҳангнигорӣ таъкид мешавад, ин аст, ки фарҳангнигорӣ таърихи беш аз чорҳазорсола дорад. Ҳанӯз асри XXV то мелод дар тамаддуни шумерӣ, асри XX пеш аз мелод дар Чин ва асри XVIII пеш аз милод дар Мисри қадим фарҳангномаҳои тарҷумавӣ ба майдон омада будааст. Инчунин, навиштаҷотҳои фарҳанггунаи дузабонаву сезабонаи то замон мо расидае, ки дар Байнанаҳрайн ҳанӯз дуҳазор сол пеш аз мелод таҳия гаштаанд, далел ба таърихи қадима доштани фарҳангнигорӣ менамояд [8, с.3; 23, с.13; 49, с.7].

Омӯзиши таърихи забоншиносӣ нишон медиҳад, ки марҳилаи аввали забоншиносии ҳар миллат маҳз аз навиштани фарҳангномаҳо шуруъ гаштааст. Ҳамин аст, ки дар тули таърихи башарият шумораи фарҳангномаҳои тафсириву тарҷумавӣ ба ҳазорҳо мерасад ва ин раванд

ҳамеша дар ҳоли ташаккул аст. Масалан, таҳқиқоти библиографии В.Саунмюлер нишон медиҳад, ки аз соли 1460 то 1956 5600 фарҳанг бо фарогирии беш аз 500 забону лаҳҷа таҳияву таълиф гаштааст. Дар ҳоле ки фарҳангнигории пурғановати асримиёнагии араб аз ин шумор берун аст, яъне мавриди таҳқиқи библиографии В.Саунмюлер қарор нагирифтааст [8, с.3].

Ангезаи асосии ба майдон омадани фарҳангнигорӣ дар таърих, бе тардид, аз завол нигаҳ доштани забон ва мондагор сохтани он будааст. Чи тавре арабшиноси тоҷик С.Сулаймонов таъкид намудаанд: «Вазифаи асосии фарҳангномаҳои ҳар як забон ин тасвири захираи луғавии забони адабӣ, шарҳ ва тафсири маънои калимаҳо дар асоси истинодот аз сарчашмаҳои мухталифи забони адабӣ, муайян кардани ҳадду ҳудуди истеъмоли ин ё он вожа ва тафсири бархе аз паҳлуҳои шаклҳои грамматикӣ мебошад» [368, с.10].

Сафҳагардонии таърих ва ангезаҳои пайдоиши фарҳангномаҳои қадима нишон медиҳад, ки ин фаъолияти башарӣ вақте рӯйи кор омадааст, ки тамаддуне дар ҳудуди густардатар аз хостгоҳаш доман паҳн кардааст ва ё миллату қавме дар маҳдудаи сиёсӣ-фарҳангӣ қарор гирифтаву бими аз байн рафтани забон ва ё ҳадди ақал халалдор гаштани низоми овоиву лексикӣ ва дастурии он эҳсос шудааст. Метавон гуфт, ки ҳадафи нахустин аз фарҳангнигорӣ ин шарҳу тафсири калимаи мушкил ва, ҳамзамон, мондагорсозии маонии вожаҳо мебошад. Тағйироту дигаргунӣ дар забон, пеш аз ҳама, дар қисмати лексикаи он сурат мегирад ва дар ин росто метавон гуфт, ки дар камтарин муддат, ҳатто чоряк аср ва ё камтар аз он аз лиҳози лексикӣ забон ба дигаргунӣ рӯбарӯ мешавад, зеро зиндагии башарият аз насле ба насли дигар ба таври чашмрас тағйир мепазирад. Дар натиҷаи маҳдудшавӣ ва васеъшавии маонии вожаҳо, ба майдон омадани таъбирҳои наву тоза, ниёзмандӣ ба истилоҳоти нав ва пазируфтани иқтибосот аз забонҳои дигар сабабгори тағйир ёфтани лексикаи забон мегардад, зеро забон ҳамеша дар тараққӣ ва тағйироти доимӣ аст. Ба ин маъно, ки дигаргунӣ

ва тағйирпазӣ дар қисмати лексикаи забон метавонад ҳар панҷ сол баъд сурат гирад, дар ҳоле ки бахши синтаксисии забон дар тули сад сол баъд ба дигаргунӣ дучор мешавад[22] [29, с.4-5].

Гузашта аз ин, ҳеҷ нафаре наметавонад ҳама фонди луғавии забон ва ҳама маонии вожаҳоро дар хотир ҳифз намояд, дар ин маврид ҳангоми бархӯрд бо калимаи ноошно, ҳатман, фарҳангнома ҳамчун сарчашма мусоидат менамояд. Бад-ин тартиб, фарҳангнигорӣ, аз як тараф, ба хотири ҳифзу посдории вожаҳову таъбирҳои забон ба майдон омада бошад, аз тарафи дигар, ҳамчун манбаи кумакрасон барои фарогирии маонӣ мураттаб гардонида шудааст.

Пайдоиши фарҳангнигории араб низ аз ин ангезаҳо берун нест ва он мисли ҳама бахшҳои дигари забоншиносӣ маҳз пас аз зуҳуру интишори ислом сурат гирифта, дар як муддати кӯтоҳе аз рушдёфтатарин бахшҳои забоншиносии араб гардид. Чи тавре Ибни Халдун таъкид намудааст: «Вақте малакаи забонии араб бинобар омезишу бархӯрд бо ғайриарабҳо нахуст дар сатҳи ҳаракату эъроб сипас дар сатҳи калимаву таъбирҳо халалдор гардид, зарурати посдориву нигаҳдории таъбирҳову мавзуот тавассути нигоштан ба миён омад. Аз ин рӯ, пешгомони забони арабӣ дар робита ба гирдоварии калимаву таъбирҳои арабӣ китобҳо тадвин намуданд, ки пешоҳанги онҳо Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ ба шумор меравад, ки дар ин ҷода китоберо бо номи «Китоб-ул-айн» тадвин намудааст» [248, с.547].

Ҳарчанд «илми фарҳангнигорӣ дар муҳити фарҳангии асримиёнагии арабҳо аз бахшҳои муҳимми забоншиносии араб буда, дар ҳаёти фарҳангӣ, илмӣ ва забоншиносии худи онҳо ва халқҳое, ки ба оини ислом гаравида буданд, нақши арзанда дошта» [368, с.10] бошад ҳам,

---

[22] Вале ба ақидаи Ибни Халдун тағйироти наҳвӣ аз дигаргуниҳои луғавӣ пештар ва бештар ба миён меояд. Чунончи, ӯ мегӯяд: «Луғат бояд муқаддам оварда мешуд, вале бештари мавзуоти он боқимондаву дигаргун нагаштааст, бархилофи эъроби ба исноди муснаду муснадун илайҳ далолаткунанда, ки ба куллӣ тағйир ёфтааст ва ҳеҷ нишонае аз он намондааст. Ба ин хотир, илми наҳв аз илми луғат муҳимтар аст, зеро надонистани он пурра ба халалпазирии фаҳмиш мебарад, дар ҳоле ки луғат ин гуна нест» [248, с.545].

вале дар муқоиса ба дигар миллатҳо таърихи ҷавонтаре дорад, бад-ин маъно, ки баррасии таърихи пайдоиши фарҳангнигории араб нишон медиҳад, ки арабҳо дар муқоиса ба ошуриёну чиниён ва юнониёну румониён чандин аср баъдтар рӯ ба тадвини фарҳанг овардаанд. Ба таъкиди донишмандон, аслан, таърихи фарҳангнигории араб ба асри Аббосӣ бармегардад ва ин таъхиркории арабҳо дар ин ҷода ангезаҳои худро дорад:

а) шахсони хатхону хатнавис дар байни арабҳо ангуштшумор буда, бесаводӣ дар байнашон интишори густардае доштааст, бад-ин гуна ки пеш аз ислом шумори арабҳое, ки навиштаву хонда метавонистанд бисёр кам буд;

б) табиати иҷтимоии зиндагиашон барпояи ҷангу кӯч бастан аз як ҷо ба ҷойи дигар бунёд ёфта буд;

в) эҷодиёти шифоҳӣ бисёр рушд карда буд, ба гунае ки агар дар фаҳмиши калимае душворӣ мекашиданд, ҳатман, ба эҷодиёти шифоҳӣ рӯ меоварданд.

Ба таъбири дигар, агар арабҳо дар фаҳми маонии вожае дармемонданд, ҳатман, ба шеър рӯ меоварданд. Аз ин рӯ, шеърро девони араб номидаанд. Чунин ангезаҳо боис гашт, ки арабҳо дар муқоиса ба дигар миллатҳои соҳибтамаддун дар фарҳангнигорӣ ба таъхиркорӣ роҳ диҳанд [165, с.24-25].

Ҳамзамон, бамайдоноии фарҳангнигорӣ дар забони арабӣ баъд аз поягузории илми наҳв дониста мешавад. Вақте малакаи забонӣ дар корбурди ҳаракатҳои эъроб ба фасодӣ кашид, қонунҳое барои посдории он истинбот шуд. Вале ин фосидшавӣ бо омезиш ёфтан бо мардуми ғайриараб идома ёфта, дар корбурди вожаҳо таъсир гузошт. Суханҳои зиёде дар ғайри мавқеашон корбурд гаштанд. Дар натиҷа тавассути таълифу тадвин ниёз ба посдории мавзуоти забонӣ ба миён омад [248, с.547].

Мавриди зикр аст, ки донишмандон ҳангоми ҷамъоварии луғат ба ду нукта таваҷҷуҳ менамуданд, ки яке ба замон ва дигаре ба макон дахл

дорад. Ба ин маъно, ки луғатро танҳо аз давроне қабул мекарданд, ки ба ҷоҳилият, аввали ислом ва нимаи дувуми асри дувуми ҳиҷрӣ рост ояд. Аз нигоҳи маконӣ бошад, танҳо гуфтори мардуми бодияро мепазируфтанд ва барои шаҳрнишинон дар ин маврид ҷойгоҳе набуд. Илова бар ин, сухани на ҳама бодиянишинон мавриди қабул қарор мегирифт, балки эътимод танҳо ба намояндагони қабилаҳои Қайси Айлон, Тамим, Асад, Ҳузайл, Қурайш, бархе аз Канонаву бархе дигар аз Тай карда мешуд. Аз қабилаҳои Лахму Ҷуззом бинобар дар ҳамсоягии Мисру қибтиён қарор доштан, аз Қузоаву Ғассон ва Иёд ба хотири ҳамҷавори мардуми Шом будан, аз Таглиб, ки бо юнониён ҳамсоягӣ дошт, аз Бакр, ки ҳамсоя бо набатиёну форсҳо буд ва аз аҳли Яман, ки бо ҳиндиёну ҳабашиён омехта гашта буданд, луғате ривоят наменамуданд [165, с.27].

Марҳилаҳои таърихии фарҳангнигории араб. Омӯзиши таърихи фарҳангнигории араб нишон медиҳад, ки ин навъи таълиф марҳилаҳои гуногунро тай намудааст, ки шартан метавон онро ба се марҳила ҷудо намуд. Ин нуктаро бояд таъкид намуд, ки ин марҳилаҳои сегона аз нигоҳи замонӣ дар фосилаи ҳамдигарӣ қарор надоранд, балки то ҷойе ҳамзамон ва ҳаммакон будаанд.

Марҳилаи якум. Пеш аз ислом ҳеҷ гуна пажуҳиши забоншиносигунае дар байни араб машҳуру маъмул набудааст ва ҳар чи дар ин росто дар як муддати кӯтоҳ сурат гирифтааст, дар пояи шаръ ва посдории нусуси динӣ будааст. Воқеият аст, ки Қуръони карим дар баробари сарчашмаи асосии қавонини дини ислом будан боз меҳвари асосӣ дар пайдоиш ва ташаккули донишҳои дигари исломӣ-арабӣ, аз қабили қироат, тафсир, забоншиносӣ, балоғат ва ғ. будааст. Аз ҷумла, нахустин фарҳангҳо низ маҳз дар робита ба вожагони қуръонӣ ба майдон омадаанд, ки бештар бо номи «Ғариб-ул-Қуръон» шинохта мешаванд. Шояд аввалин асаре, ки дар ин росто ёд мешавад, «Ғариб-ул-Қуръон»-ест, ки ба Абдуллоҳ ибни Аббос (ваф.68 ҳ) нисбат дода мешавад. Асари мазкур хурдҳаҷм буда, дар он калимаҳои қуръонӣ оварда шуда, дар баробари шарҳи маонӣ боз ба кадом лаҳҷа марбут

будани ин ё он калима ишора карда шудааст. Тартиби ин асар ба мисли тартиби сураҳои Қуръон буда, бо сураи «Бақара» оғоз шуда, бо сураи «Одиёт» ба охир мерасад. Сураҳои «Шуро», «Мумтаҳина», «Талоқ». «Таҳрим» ва «Инсон» дар асар наомадааст. Шояд дар асар суханҳои Абдуллоҳ ибни Аббос, ки дар тафсири оёт ва шарҳи вожаҳои ноошнои он маъруф аст, вуҷуд дошта бошад, вале худи асар, бинобар фарогирии нуктаҳое, ки ба асри Абдуллоҳ ибни Аббос мувофиқат намекунад, аз тарафи донишмандони асрҳои баъдӣ таълиф гаштааст [212, с.91-92].

Асре баъд бо номи асари дигаре дар робита ба вожагони ноошнои Қуръон бармехӯрем, ки ба Абусаъид Абон ибни Тағлиб ибни Риёҳи Бакрӣ (ваф.141 ҳ) мансуб дониста мешавад [235, с.56]. Аз нимаи дувуми асри дувуми ҳиҷрӣ сар карда мо шоҳиди таълифоти зиёде дар робита ба вожагони қуръонӣ мешавем, ки асарҳои Аздии Куфӣ, Абуравақ Атия, Абуфайд Садусӣ (ваф. 195 ҳ), Ибни Мубораки Язидӣ (ваф.202), Наср ибни Шумайл (203) Абуубайд Муаммар ибни Мусанно (ваф. 210), Ахфаши Авсат (ваф. 215/221), Ибни Салломи Ҷумаҳӣ (ваф. 231), Ибни Язидӣ, Ибни Қутайба (ваф.276), Саълаб (ваф.291) ва ғ. аз ҷумлаи онанд. Аз ин ҳама осор танҳо «Ғариб-ул-Қуръон»-и Ибни Қутайба то замони мо расидаасту тамом [191, с.41].

Ҳарчанд таваҷҷуҳ ба аҳодиси набавӣ ва гирдоварии онҳо дар асри аввали ҳиҷрӣ бошад ҳам, вале таълиф дар робита ба вожагони ноошнои он аз таълифи китобҳои ба вожагони қуръонӣ бахшида дертар рӯйи кор омадааст. Нахустин таълифро дар ҷодаи ғариб-ул-ҳадис (калимаҳои ноошнои дар зимни аҳодиси набавӣ омада) бархе ба Абуаднон Абдураҳмон ибни Абдулаъло [191, с.50-51], бархе дигар ба Абуубайд Қосими Ҳиравӣ нисбат медиҳанд [235, с.56]. Аллакай, дар аввали асри сеюми ҳиҷрӣ мо бо номҳои зиёди донишмандоне рӯбарӯ мешавем, ки дар робита ба вожагони аҳодиси набавӣ асар навиштаанд. Аз ҷумла, Қутруб (ваф.206 ҳ), Асмаӣ (ваф.213 ҳ), Абузайди Ансорӣ (ваф.215 ҳ), Ҳасан ибни Маҳбуб Сарод (ваф.224 ҳ) ва Салама ибни Осими Куфӣ (аз шогирдони

Фарро) ва ғ. дар ин ҷода аз аввалин нафарон ба шумор мераванд [191, с.52].

Марҳилаи дувум. Дар асрҳои аввали ҳиҷрӣ, дар баробари таваҷҷуҳи донишмандон ба вожагони Қуръону аҳодис, боз донишмандоне рӯйи кор омаданд, ки вожагони вобаста ба як мавзуъро гирдоварӣ менамуданд. Аслан, ин гуна фарҳангномаҳо ба рисолаҳои хурде монанд буданд, ки дар онҳо номҳои ягон ҳайвон, рустанӣ ва ашёи дигар гирдоварӣ мешуданд. Нахустин нафаре, ки дар таърихи забоншиносии араб ба ин кор иқдом намудааст, Абумолик Амр ибн Каркараи аъробӣ (ваф.105 ҳ) аз устодони Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ ба шумор меравад, ки вожагони марбут ба офариниши инсон ва аспро гирдоварӣ намудааст. Абухайраи Аъробӣ (ваф.157 ҳ) нахустин нафарест, ки калимаҳои вобаста ба ҳашароту ҳайвон-ро [23] гирдоварӣ кардааст.

Дар таърихи фарҳангнигории араб китоби «Ал-Ғариб-ул-мусаннаф»-и Абуубайд Қосим ибни Салом (ваф.224 ҳ) аз аввалин асарҳое ба шумор меравад, ки дар он мавзуоти гуногун, аз вожаҳои марбут ба хӯроку пӯшок, то вожаҳои ифодакунандаи ҳайвоноту рустанӣ ва ғайра гирдоварӣ шудааст. Ин фарҳангнома бо фарогирии ҳабдаҳ ҳазор моддаи луғавӣ ба сӣ китоб тақсимбандӣ шудааст [212, с.102-104].

Дар баробари шуҳрат ёфтани фарҳангнигории мавзуӣ дар ин марҳилаи таърихӣ боз фарҳангҳое ба майдон омаданд, ки дар онҳо тарзи истифодаи дурусти калимаву таъбирҳои арабӣ оварда шудааст ва ин гуна асарҳоро бо унвони «لحن العامة» (хатои мардум) ном мебурданд. Аввалин нафаре, ки ба таълифи чунин асар камари ҳиммат бастааст, Абулҳасан Алӣ ибни Ҳамзаи Кисоӣ (119 ҳ–189 ҳ) - аз забоншиносони арабинигори форсу тоҷик, асосгузори мактаби забоншиносии Куфа мебошад, ки китобаш зери унвони «Мо талҳану фиҳи-л-оммат» (Дар он чи мардум хато мекунанд) то замони мо расидааст [191, с.97]. Дар

[23] Дар гузашта арабҳо дар зери калимаи ҳашарот ҳама гуна ҳашарот ва хазандагонро дар назар доштанд. Аз ин рӯ, дар фарҳангномаҳои ба ҳашарот бахшидаи донишмандони гузаштаи араб аз кайку шабушк сар карда, то мушу мор ва харгӯшу рӯбоҳ ва ғ. оварда шудааст [191, с.123-124].

пайравӣ ба ин китоб, ки ҳадафаш ислоҳи хатогуфторист, донишмандони муосири Кисоӣ ва асрҳои баъдӣ асарҳои фарҳанггунаи зиёде таълиф намудаанд. Аз ҷумла, вобаста ба ин мавзуъ Рамазон Абдуттаввоб ба илова ба китоби Кисоӣ 56 китоби дигареро зикр менамояд [216, 105-108], ки бе тардид, ҳамагӣ дар навиштани онҳо аз китоби «Мо талҳану фиҳи-л-оммат» илҳом гирифтаанд. Дар ин китоб ҳеҷ гуна тартибе риоя нашудааст[24], вале вижагияш он аст, ки Кисоӣ бо овардани феъли «تقول» (мегӯӣ) тарзи дурусти истифодаи калимаву ҷумларо меорад ва бо оёту ҳадис ва байтҳои шеърӣ онро таъйид менамояд, ба монанди: وتقول: قد اشتريتُ بطانة جيدة، بكسر الباء. قال الله جل ذكره: "ياأيها الذين آمنوا لا تتخذوا بطانة من دونكم [102, с.102]. (тарҷума: Мегӯӣ: Астари хубе харидам. Худованд гуфта: «Эй касоне, ки имон овардаед, аз ғайри худ дӯст нагиред…».

Бархе мавриди дигар, Кисоӣ дар баробари феъли «تقول» (мегӯӣ) боз феъли «لا يُقال» (намегӯянд/гуфта намешавад)-ро меорад, ба монанди: وتقول: شكرتُ لك، ونصحتُ لك. ولا يقال: شكرتُك ونصحتُك. وقد نصح فلان لفلان وشكر له. هذا كلام العرب. قال الله تعالى: اشكر لي ولوالديك؛ واشكروا لي ولا تكفروني؛ ولا ينفعكم نصحي إن أردتُ أن أنصحَ لكم [102, с.102-103]. (Тарҷума: Мегӯӣ: ба ту сипос гуфтаму бароят насиҳат кардам. Гуфта намешавад: туро сипос гуфтаму туро насиҳат кардам[25]. Фалонӣ барои фалонӣ насиҳат кард ва ба ӯ сипос гуфт. Ин гуфтори араб аст. Худованд гуфта: Ба ман ва падару модарат сипосгузорӣ намо. Ба ман сипосгузорӣ намоед на носипосӣ. Насиҳатам ба шумо суде намекунад, агар хоҳам бароятон насиҳате кунам).

Ин асари фарҳанггуна дар баробари роҳнамоӣ барои дурустгуфторӣ боз арзиши баланди илмӣ-таърихӣ дар тасвири савтиёт ва тарзи тасрифи феълҳо дар гуфтори мардуми ҳамзамони Кисоӣ дорад.

---

[24] Маҳз равиши муайян ва тартиби ягона надоштани ин асар сабаб гаштааст, ки онро яке аз донишмандони асри даҳи ҳичрӣ Муҳаммад ибни Аҳмад Ҳанафии Алоӣ бо тартиби алифбоӣ мураттаб ва номи онро «النصيحة التامة للخاصة والعامة» (Панди комил ба хосону ом) гузорад [102, с.77].

25 Дар ин ҷо кӯшиш шудааст, ки таъбирҳои арабӣ ба таври таҳтуллафзӣ тарҷума шаванд, то ҳадафи Кисоӣ ба гунае дар забони арабӣ бозтоб гардад.

Такя ба ин китоб метавон ба инкишофи овоии калимаҳо ва тағйироти корбурдии сиғаҳои феълӣ ошно гашт [216, с.120-121].

Мавриди зикр аст, ки фарҳангномаҳои ин ду марҳиларо ба гурӯҳи фарҳангномаҳои мавзуӣ тасниф менамоянд, чаро ки дар онҳо на ба калима ва маонии он, балки, пеш аз ҳама, ба вобастагии калима ба мавзуъ таваҷҷуҳ карда шудааст. Аз ин рӯ, дар онҳо тартиби махраҷӣ ва алифбоӣ риоя нашудааст. Хидмати таърихии ин фарҳангномаҳо дар он аст, ки дар баробари мондагор сохтани калимаву таъбирҳои арабие, ки аз дасти омезиши мардуми араб бо дигар халқу миллатҳо ва дар натиҷаи шаҳрнишиншавии онҳо дар вартаи нестӣ қарор доштанд, боз барои бамайдоноии фарҳангҳои баъдӣ заминаи асосӣ гашта, дар тартиби онҳо ҳамчун сарчашмаи муътамад ба кор рафтаанд. Ҳамзамон, дар такя ба ин гуна асарҳо метавон таҳаввулу ташаккули таърихии бархе калимаву таъбирҳоро дар забони арабӣ аз нигоҳи овоиву маъноӣ ва услубӣ мушаххас намуд.

Марҳилаи савум. Ин марҳила бо таълифу таснифи «Китоб-ул-айн»-и Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ (ваф. 175 ҳ) оғоз гаштааст. Воқеан, таълифу таснифи китоби мазкур бузургтарин таҳаввул на фақат дар фарҳангнигории араб, балки дар дигар ҷанбаҳои забоншиносии он ба шумор меравад, зеро дар он сар аз савтиёт то сарфу наҳв ва балоғат мавриди корбурд қарор гирифтааст. Ҳамин аст, ки бе муболиға «Китоб-ул-айн»-ро метавон нахустин сарчашмаи забоншиносии араб шуморид.

Чи тавре ишора шуд, то ба таълифи «Китоб-ул-айн»-и Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ асарҳои фарҳанггунае ба майдон омада бошад ҳам, вале шомили вожаҳои гуногунсоҳа ва фарогир набудаанд. Ҳамин аст, ки бисёре аз манобеъ «Китоб-ул-айн»-ро аввалин фарҳанги ҷомеи луғоти забони арабӣ ба ҳисоб овардаанд. Фарҳангҳое, ки қабл аз ин китоб тадвин шудаанд, аслан, фарҳангҳои мутародифоту муштаққоти ҳамреша дар мавзуоти хосе буданд, ба монанди «Китоби шутур», «Китоби борон», «Китоби ҷангафзор», «Китоби зироат», «Китоби гиёҳҳо» ва ғайра. Бархе низ мухтассоти вижае аз корбурди роиҷи забони арабиро

дар қолаби рисолоти ҷудогона тадвин карданд ва мусалласот, мақсуд ва мамдуд, итбоъ ва музовиҷа, аҷнос ва наводирро ба риштаи таҳрир кашидаанд [347, с.181].

Ба таъкиди пажуҳишгарони фарҳангнигориии араб Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ талош варзидааст, то дар «Китоб-ул-айн» ҳама калимоти арабиро гирд оварад ва такя ба махраҷи ҳарфҳо мураттаб намудани фарҳанг то ҷойе ба ӯ имконият додааст, то ин ҳадафи худро амалӣ намояд. Чунончи, донишмандон шумораи абвоби бадастомадаро 12305406 боб зикр ва теъдоди абвоби ҳар даста аз калимотро низ ба тафкик баён кардаанд: дуҳарфӣ 756 калима, сеҳарфӣ 19650 калима, чаҳорҳарфӣ 491400 калима ва панҷҳарфӣ 11793600 калима [307, с.177].

Фарҳангномаи дигаре, ки аз нигоҳи таърихӣ ба таълифи «Китоб-ул-айн» наздик аст ва то замони мо расидааст, ин «Китоб-ул-ҷим»-и Абуамр Исҳоқ ибн Мирори Шайбонӣ (ваф.тақ.94/207ҳ) мебошад. Номгузории ин китоб на ба хотири бо ҳарфи «ج» оғоз ёфтанаш[26], балки ишора ба маънои ҷим, ки ифодагари дебо мебошад, будааст [212, с.83].

«Китоб-ул-ҷим» нахустин фарҳангномае маҳсуб мешавад, ки дар он калимаҳо на ба тартиби махраҷи ҳарфҳо, балки ба тартиби алифбоӣ оварда шудаанд. Мусаннифи фарҳангнома дар овардани калимаҳо танҳо ба тартиби алифбоии ҳарфи аввал таваҷҷуҳ карда, ҳарфҳои дувуму савуми калимаро мавриди назар қарор надодааст.

Аз хусусиятҳои вижаи ин фарҳангнома он аст, ки муаллифи он кӯшидааст, то дар баробари корбурди васеъ аз шеъру рачз, боз ҳар

---

[26] Суютӣ аз Тоҷиддин Аҳмад ибни Абдулқодир маъруф ба Ибни Мактуми Қайсии Наҳвӣ меорад, ки дар «Тазкира»-аш овардааст: «Якеро пурсиданд, ки чаро китоби Абуамр Исҳоқ ибни Мирори Шайбонӣ «Ҷим» номида шудааст? Гуфт: Зеро бо ҳарфи ҷим оғоз шудааст, ҳамон гуна ки «Китоб-ул-айн»-ро номидаанд. Мегӯяд: Мо ин суханро писандидем, вале вақте нусхае аз «Китоб-ул-ҷим»-ро дарёфтем, дидем, ки он бо ҳарфи «ج» оғоз нашудааст» [253, с.91]. Аҳмад Мухтор Умар мегӯяд, ки дар ин ҷо эҳтимоли дигаре ҳам вуҷуд дорад, ки Абуамри Шайбонӣ фаҳанги худро бо ҳарфи «ج» оғоз карда бошад, вале донишмандони баъдӣ омада онро тағйир додаанд. Аммо дар мавриди чаро бо «ج» оғоз кардааст на ба ҳарфи дигар, метавон чунин ҳадс зад, ки «ج» яке аз ҳарфҳои панҷгонаест, ки дар он ҷаҳру шиддат гирд омадааст [153, с.125].

калимаро ба аъробие, ки аз ӯ шунидааст ва ё қабилае, ки онро истифода мебаранд, нисбат диҳад.

Хулоса, дар марҳилаи савуми фарҳангнигории араб, ки ба нимаи дувуми асри дувуми ҳиҷрӣ рост меояд, аслан, ду фарҳанги фарогир: «Китоб-ул-айн» ва «Китоб-ул-ҷим», ба майдон омадаанд [212, с.72], ки яке бо тартиби махраҷӣ ва дигаре ба тартиби алифбоӣ тасниф шудааст.

Таҳлили тадвин ва таълифи нахустин фарҳангномаҳои арабӣ нишон медиҳад, ки ба фарқ аз масоили дастурии забон ба ин қисмат бевосита соҳибони забон – арабҳо, таваҷҷуҳи бештар доштаанд. Чунончи, дар мавриди Абуамр ибни Алои Тамимӣ (ваф. 154 ҳ) ҳикоят мекунанд, ки аз навиштаҳояш аз арабҳои фасеҳ хонае то сақф пур дошт ва мегуфт: ин бахши андаке аз он чизест, ки арабҳо гуфтаанд, агар ҳамаи он чи гуфтаанд, гирдоварӣ менамудем, шеъру ҳикмати зиёде буд. Вале дар ҳолати руҳии ӯ дигаргунӣ пайдо шуду ҳамаро оташ зад. Бештари ривояти ӯ аз аъробе буд, ки аз ҷоҳилият монда буданд [183, с.133; 176, с.87]. Дар асрҳои аввали ҳиҷрӣ дар байни ҳама нафарони ба фарҳангнигорӣ машғулбуда чор нафар – Абузайд, Абуубайда, Асмаӣ ва Халил шуҳрат доштанд. Се нафари аввалӣ дар наҳву шеър ва қироат шогирди Абуамр ибни Ало мебошанд [176, с.87-88]. Аммо аз донишмандони ғайриараби ду асри аввали ҳиҷрӣ аз Абдуллоҳ ибни Исҳоқи Ҳазрамӣ ёд мешавад, ки дар баробари баҳсҳо дар мавриди ҳамза доштан, ҳамзамон, китобе дар масоили вобаста ба он таълиф намуда будааст, ки то замони мо нарасидааст. Вале аз унвони китоб метавон хулоса кард, ки асари мазкур аз луғат дида, ба наҳву сарф наздикии бештар дорад [212, с.93; 254, с.398]. Инчунин, ривоятҳое аз Ибни Исҳоқи Ҳазрамӣ дар мавриди дуруст хондани ҳамза дар ҳолатҳои гуногун ёд мешавад, ки асари наҳвӣ будани «Китоб-ул-ҳамз»-и ӯро таъйид менамояд.

Ҳамзамон бо ин, китоби «Ал-Ғариб-ул-мусаннаф», ки ба донишманди ғайриараб - Абуубайд Қосим ибн Салом ибни Мискин ибни Зайди Ҳиравӣ тааллуқ дораду фарогири маводи зиёди луғавӣ мебошад,

ибтикоре дар фарҳангнигории араб ба шумор намеравад, балки дар заминаи асару рисолаҳои дар мавзуоти мухталиф таснифшуда ба майдон омадааст [301, с.137].

Аз ин метавон хулоса кард, ки донишмандони ғайриараб дар марҳилаи аввали пайдоиши забоншиносии араб, аслан, ба бахши грамматикии он, хусусан, ба наҳв, ки дар меҳвари он омилу эъроб қарор дорад, таваҷҷуҳ менамудаанд, дар ҳоле ки донишмандони араб, бинобар муҳаббату дилбастагие, ки ба шеъру рӯйдодҳои таърихӣ доштанд, ба ҷанбаи луғавии забон таваҷҷуҳи бештар мекардаанд.

II.2. Ибтикороти донишмандони форсу тоҷик дар фарҳангнигории араб

Воқеан, донишмандони форсу тоҷик, чи дар таълифи фарҳангномаҳои арабӣ ва чи дар ибтикороту навовариҳо дар тартиби ин фарҳангномаҳо, нақши назарраси таърихӣ доранд. Ҳарчанд донишмандони араб дар таълифи аввалин фарҳангномаҳои арабӣ пешоҳанг бошанд ҳам, вале фазилати навовариҳои дар таснифу тартиби онҳо ва шумораи зиёди фарҳангҳо ҳамеша вижаи донишмандони форсу тоҷик будааст. Барои таъйиди ин гуфтор дар зер муҳимтарин навовариҳое, ки донишмандони форсу тоҷик дар фарҳангнигории араб намудаанд, бо ишора ба шарҳи мухтасари рӯзгори онҳо оварда мешавад.

Тартиб аз рӯйи қофия. «Фарҳанги таҳфия» дар таърихи фарҳангнигории араб аввалин фарҳанге ба шумор меравад, ки дар он калимаҳо ҳарчанд бо тартиби алифбоие, ки Абуамри Шайбонӣ асос гузошта буд, оварда шаванд ҳам, вале ҷобаҷогузории онҳо боз бо роҳкори нав сурат гирифтааст. Фарҳанги мазкур ба Ямон ибни Абуямон Абубишри Банданичӣ (200 ҳ- 284 ҳ) тааллуқ дорад, ки аз донишмандони форсу тоҷик аст. Мегӯянд, Ямон нобино таваллуд шуда буд, вале бо муҳаббат ба илм ва ҳофизаи қавие дошт, тавонист аз машҳуртарин донишмандони давр, аз қабили Абулҳасани Асрам, Муҳаммад ибни Зиёди Аъробӣ, Ибни Сиккит, Риёшӣ ва дигарон дарс омӯзад ва асарҳои забониву адабии гузаштагонро ҳифз намояд. Чи тавре худи ӯ гуфтааст:

«Дар як нишаст то 150 байти шеъриро бо калимаҳои ноошнояш аз ёд мекардам». Китобҳои «Маони-уш-шеър», «Аруз» ва «Тақфия» аз таснифоти ӯ мебошад [360, с.2844].

Тавре аз номи фарҳанг «Тақфия» маълум аст, тартибгузории он бо назардошти қофияи калимаҳо сурат гирифтааст. Дар муқаддимаи фарҳанг гуфта мешавад: «Китоби «Тақфия» бо имлои Абубишр буда, чунин ном барои он гирифтааст, ки бо тартиби қофия таълиф гаштааст. Муаллиф ба гуфтори араб назар карда, онро мураккаб дар 28 ҳарф: алиф, бо, то, со дарёфт, ки ҳама арабии адабӣ аст. Ин китоб тамоми луғатро фаро мегирад, зеро дилхоҳ калима бо яке аз ин ҳарфҳои бистуҳаштгона ба анҷом мерасад» [91, с.36]. Масалан, дар боби аввали фарҳанг, ки "باب الألف الممدودة" (Боби алифи мамдуда) ном гирифтааст, калимаҳои البندنيجي] الأباء، الإباء، الخباء، الهباء، الحرباء، الرجاء، القاصعاء، الرمضاء، الهجاء 1976]، ص.38-42 ва дар боби охирони он, ки «باب الياء» (Боби Йо) ном дорад, калимаҳои الرعي، السيّ، القري، الجبي، الحيّ، العزي، الوحي، البغي، الهمي، السفي [91, с.687-690] оварда шудааст.

Чи тавре дида мешавад, муаллиф тартиби алифбоиро танҳо дар ҳарфи ахири калима риоя намуда, ба ҳарфи мо қабли он дигар таваҷҷуҳ нанамудааст. Ҳамин аст, ки калимаи الرجاء, ба таври мисол, бинобар бо алифи мамдуда анҷом ёфтанаш на дар ҳарфи «ر», балки дар байни калимаҳое кофта мешавад, ки бо алифи мамдуда ба анҷом расидааст.

Хусусияти дигари ин фарҳанг таваҷҷуҳ ба вазни арузии калима аст, на ба мизони сарфии он. Чунончи, муаллиф калимаҳои الربيع، الرفيع، الوضيع، المطيع، النقوع، البضوع، النهوع، القريع، التمضيع، الخليع، الهرنوع، الأسبوع، الهلوع [91, с.544-550] овардааст, ки аз нигоҳи сарфӣ бархе ба вазни فعيل[27], бархе ба вазни فعول[28], бархе дигар ба вазни تفعيل[30]ва қисме ба вазни مُفعل[29] омадааст ва бо

---

[27] Бар вазни فعيل дар забони арабӣ метавонад ҳам сифатҳои мушаббаҳ ва ҳам исми муболиға ояд.

[28] Бар вазни فعول ба мисли вазни فعيل дар забони арабӣ метавонад ҳам сифатҳои мушаббаҳ ва ҳам исми муболиға ояд.

[29] Ба вазни مُفْعِل сифати феъли тарзи фоъили (исми фоъил)-и навъи IV феъли забони арабӣ сохта мешавад.

назардошти ба кадом вазн омадан аз нигоҳи сифати мушаббаҳу сифати феълии тарзи фоъилӣ ва масдар будан тафовут доранд. Вале сарфи назар аз вазнҳои сарфии худ ин калимаҳо метавонанд ҳамагӣ қофия барои қасидаи айния шаванд. Равиши мазкури фарҳангнигорӣ роҳнамои хубе барои шоирони араб ба шумор меравад, чун онҳо метавонанд ба осонӣ калимаҳои ҳамқофияро пайдо намоянд [212, с.88].

Тартиб аз рӯйи сохтори калима. Дар таърихи фарҳангнигории араб асри чаҳоруми ҳиҷрӣ аз ҷойгоҳи волое бархӯрдор аст, чун дар ин аср бузургтарин фарҳангномаҳо ва равишҳои нави фарҳангнигорӣ рӯйи кор омадааст. «Воқеан, асри чорум асри фарҳангҳои арабӣ ё хазинаҳои вожагон шуморида мешавад. Маҳз дар ин аср шумораи зиёди фарҳангҳои муътамади машҳур таълиф гардиданду фарҳанги арабӣ сурати ба мо ошноро гирифт. Дар ин аср донишмандон ба тартиби ҳиҷоии вожагон рӯ оварданду оҳиста-оҳиста аз тартиби пештар, ки такя ба маонии калима менамуд, даст кашиданд» [80, с.231].

Дар саргаҳи фарҳангнигороне, ки дар таълифу таснифи фарҳангномаҳо ба равиши алифбоӣ ва он ҳам ба ҳарфи аввали алифбо такя намудаанд, Абуиброҳим Исҳоқ ибни Иброҳими Форобӣ (ваф.такр.350 ҳ) қарор дорад. Дар мавриди замони таваллуд ва вафоти Форобӣ ихтилофи назар вуҷуд дорад, вале такя ба қаринаҳои таърихӣ метавон ҳадс зад, ки ӯ дар нимаи дувуми асри се ва нимаи аввали асри чори ҳиҷрӣ ба сар бурдааст. «Девон-ул-адаб», «Баён-ул-эъроб», «Шарҳу адаб-ил-котиб» ва «Ал-Алфоз ва-л-ҳуруф» аз китобҳои мансуб ба Форобӣ мебошанд [372, с.3-8].

Равиши Форобӣ дар «Девон-ул-адаб» бо тақсимбандии вожаҳо аз нигоҳи сохтор/бино аст. Бад-ин маъно, ки ӯ фарҳангро бо шаш китоб/боб тақсим намудааст: «Китоб-ус-солим», «Китоб-ул-музоаф», «Китоб-ул-мисол», «Китобу завот-ис-салоса», «Китобу завот-ил-арбаъа» ва «Китоб-ул-ҳамза». Дар баробари ин тасниф, боз вожаҳоро аз нигоҳи

---

[30] تَفْعِيْل вазни масдари навъи II феъли арабӣ ба шумор меравад.

мансубият ба исм ва феъл ҷудо намудааст. Масалан, бахши аввали фарҳанг бо номи «هذا كتاب الأسماء من الصحيح» (Боб андар исмҳои солим) унвонгузорӣ шуда, дар зери он калимаҳо вобаста ба вазнашон бо назардошти хусусияти солимии сохторашон оварда шудааст. Исмҳоро аз феълҳо ҷудо овардани Форобӣ дар ташхису таъини вижагиҳои ҳар бахш мусоидат менамояд, зеро ҳамроҳшавии ҳарфҳои зоида[31] дар исму феъл аз ҳам тафовут дорад. Таснифи мазкур боз бо назардошти тартиби алифбоии фарҳанг аст. Аз нигоҳи тартиби алифбоӣ фарҳанги «Девон-ул-араб» ба зумраи фарҳангҳое дохил мешавад, ки дар он ба қофияи калима таваҷҷуҳ карда мешавад. Ба ин гуна ки ҳар калимае, ки бо ҳарфи «ب» анҷом меёбад, дар боби «ب», ҳар калимае, ки бо «ل» дар боби «ل» ва монанди ҳамин. Ба таври мисол, дар боби аввали ин фарҳангнома, ки «باب فَعْل بفتح الفاء وتسكين العين» (Боби фаъл – бо фатҳи «ف» ва сукуни «ع») унвон шудааст, калимаҳо ба таври зайл оварда шудаанд: الثرب، الثقب، الجدب، الجنب، الحرب، الخطب... القسب، القضب، القطب، القلب، القهب... النهب، الهضب [372, с.93-97]. Сипас калимаҳои ба вазни мазкур, вале анҷом ёфта бо ҳарфи «ت» оварда шудааст, ба монанди البحت، البخت، تحت، الشخت، النبت، النعت [372, с.97-98]. Боби мазкур бо калимаҳои دله، مكن، معن ба анҷом мерасад [372, с.133]. Дар ин боби фарҳанг калимаҳои ба вазни «فَعْل»-омада бо назардошти қофияи ҳарфи ахир ва риояи тартиби алифбоии ҳарфи якуму дувум оварда шудаанд. Форобӣ дар ин маврид ҳамон равиши фарҳанги «Ҷим»-ро такмил дода, бо риояи тартиби алифбоии ҳарфҳои аввалу дувуми калима, ҳамзамон, бо таваҷҷуҳ ба гунаи бинои вожа навоварӣ дар фарҳангнигорӣ намудааст. Чи тавре худи Форобӣ дар муқаддимаи «Девон-ул-адаб» ёд кардааст, чунин равиши фарҳангнигорӣ аз ибтикороти ӯ буда, пеш аз ӯ роиҷ набудааст: «Китобе таълиф кардам, ки барои ҳама писанд аст ва фарогири таснифест, ки пеш аз он набуда ва худ низ чунин коре пеш надидаам»[372, с.72-73].

---

[31] Ҳарфҳое, ки аз решаи калима нестанд, вале дар сохтани калимаҳои нав мусоидат менамоянд.

Воқеан, «Девон-ул-араб» аввалин фарҳангномаи арабие мебошад, ки бо такя ба сохтор/бинои вожагон ва риояи тартиби алифбоӣ таълиф гаштааст, дар ҳоле ки пештар донишмандон ба таълифи китоб дар мавриди ин ё он сохтор/бинои калима рисолаву фарҳангномаи хурд тасниф намудаанд. Иқдоми мазкури Форобӣ дар баробари суннати фарҳангнигории араб, ки аз Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ оғоз гашта буд, инқилоб ба ҳисоб мерафт.

Нуктаи дигаре, ки вижаи «Девон-ул-адаб» аст, ин сарфи назар намудан аз овардани вожагонест, ки дар чорчӯбаи меъёрҳои сарфӣ сохта мешаваду аз он бо вожагони бо қиёс эҷодшаванда ёд мегардад. Бо ин равиш Форобӣ муваффақ гаштааст, ки дар ҳаҷми нисбатан хурди фарҳангнома маводи зиёди луғавиро гирдоварӣ намояд.

Ибтикороти Форобӣ дар фарҳангнигории араб заминаи хубе барои бамайдоноии фарҳангҳои нав бо равиши мазкур гардад, ки «Сиҳоҳ»-и Ҷавҳарӣ аз зумраи он аст.

Ибтикори Форобиро писарҳоҳараш – Ҷавҳарӣ (ваф.393 ҳ /1003 м), дар таълифу тасниф «Тоҷ-ул-луғат ва сиҳоҳ-ул-арабия», ки бо «Сиҳоҳ» шуҳрат дорад, такмил додааст. Ёқути Ҳамавӣ дар мавриди ӯ гуфтааст: «Исмоил ибни Ҳаммод Ҷавҳарӣ Абунаср Форобӣ хоҳарзодаи Абуисҳоқи Форобӣ-соҳиби «Девон-ул-адаб» бо закову ҳушмандӣ ва дониш аз шигифтиҳои замон буда, аслаш аз сарзаминҳои турк – Фороб, буд»[32] [359, с.656]. Дар баробари «Сиҳоҳ» боз ба Ҷавҳарӣ ду китоби дигар нисбат дода шудааст, ки яке дар наҳв ба унвони «Ал-Муқаддимату фи-н-наҳв» ва дигаре дар аруз бо номи «Аруз-ул-варақа» мебошад [359, с.657].

Дар таърихи забоншиносии араб, хусусан бахши фарҳангнигорӣ таълифи «Сиҳоҳ» бузургтарин дастовард ба шумор меравад. Агар бархе андешамандон аз Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ нуктагирӣ намоянд, ки дар «Китоб-ул-айн» равиши фарҳангнигории забони санскритро иқтибос

[32] Дар бархе ривоятҳо омадааст, ки асли ӯ аз форс аст, вале бо муҳаббату алоқамандие, ки ба тағояш – Абуисҳоқи Форобӣ, доштааст, ҳатто худро ба он ҷо нисбат додааст [219, с.71].

кардаву дар пайравӣ ба онҳо фарҳанги худро такя ба махоричи ҳарфҳо мураттаб сохтааст, пас, Ҷавҳарӣ гӯйи сабқатро аз ҳама бурдааст ва дар ин майдон яккатоз аст. Дар пешдастиву яккатозии ӯ тардиде нест, чаро ки дар фарҳангнигорӣ равишеро ба кор бурдааст, ки пешиниён ба он ошно набуданд ва барои ояндагон ҳамчун намуна ба кор меравад [388, с.120].

Дар «Сиҳоҳ» Ҷавҳарӣ вожаҳоро дар 28 боб ва ҳар бобро ба 28 фасл[33] – баробар ба шумораи ҳарфҳои алифбо, бо назардошти қофияи охири калимаҳо овардааст. Ба ин гуна ки ҳар калимае, ки бо ҳарфи ҳамза ба охир мерасад, онро дар боби ҳамза, калимаҳои бо «ب» анҷомёфтаро дар боби «ب» ва ба ҳамин тартиб аз 28 ҳарф 28 боби фарҳангро мураттаб сохтааст. Ҳарфҳои «و»-у «ي»-ро дар як боб овардааст. Маҳз дар ҳамин ҷо кори Ҷавҳарӣ ба кори Форобӣ ҳамгунӣ пайдо менамояд ва сабаб гаштааст, ки шарқшиноси олмонӣ Ф.Каранку (F.Krenkow) (1872-1953) иддао созад, ки Ҷавҳарӣ дар «Сиҳоҳ» маводи китоби Форобиро дуздидааст [165, с.101].

Гузашта аз ин, байни донишмандони муосири араб низ дар мавриди бунёдгузори тартиби алифбоии фарҳангнигории араб, бо назардошти ҳарфи охири калима, ихтилофи назар вуҷуд дорад. Чунончи, донишмандон Иброҳим Наҷҷор Ибёрӣ, Абдусамеъ Муҳаммад Аҳмад, Аҳмад Абдулғафур Аттор ва Амин Фохир Ҷавҳариро ҳамчун бунёдгузори ин равиш мешиносанд, дар ҳоле ки Аҳмад Мухтор Умар – муҳаққиқи китоби «Девон-ул-адаб», Форобиро асосгузори ин тариқа меҳисобад [233, с.101-102]. Аммо воқеият ин аст, ки Ҷавҳарӣ дар

---

[33] Ҷавҳарӣ номи бобро бо назардошти ҳарфи ахир ва номи фаслро бо назардошти ҳарфи аввал гузоштааст. Масалан, дар боби аввали «Сиҳоҳ», ки «باب الألف المهموزة» унвон дорад, мо ба фаслҳои зерин: فصل الألف: أجأ؛ فصل الباء: بأبأ، بدأ، بذأ، برأ، بسأ، بطأ، بكأ، بوأ، بهأ؛ فصل التاء: تأتأ، تفأ، تنأ؛ فصل الثاء: ثأثأ، ثدأ، ثطأ، ثفأ، ثمأ... فصل الياء: يأيأ، يرنأ [الجوهري 1990، ج.1، ص.34-85] дучор мешавем. Мавриди зикр аст, ки тақсими ҳар боби ин китоб ба 28 фасл шартӣ аст, чаро ки на ҳама бобҳои «Сиҳоҳ» ба 28 ҳарфӣ тақсим шудаанд ва ин аз табиати забон аст, ки дар баъзе ҳарфҳо моддаҳои зиёди луғавӣ ва дар баъзе дигар камтар вуҷуд дорад. Гузашта аз ин, агар ҳар боби фарҳанг аз 28 фаслӣ иборат мебуд, бояд шумораи фаслҳои он ба 784 фасл (28x28=784) мерасид, дар ҳоле ки шумораи онҳо дар «Сиҳоҳ» ба 632 фасл мерасад [271, с.160].

баробари таъсирпазирӣ аз Форобӣ бинобар ошно буданаш ба «Девон-ул-араб»[34] боз ибтикороте дар таснифи «Сиҳоҳ» намудааст. «Шояд нахустин нафаре, ки дар таълифи фарҳанге ба ин бузургӣ андеша кардааст, Ҷавҳарӣ бошад. Ҳарчанд такя ба ҳарфи ахири калима ба Абубишр Банданиҷӣ ва Форобӣ нисбат дода шавад ҳам, фарҳангномаҳои ин ду аз фарҳангномаҳои шомил ба шумор намераванд, чун дар муқоиса ба фарҳангномаҳои дигар маводи ками луғавиро дар бар гирифтаанд. Ин дар ҳолест, ки дар кори Банданиҷӣ таваҷҷуҳ ба ҳарфи аввалу дувум нашудааст» [233, с.103].

Хулоса, Ҷавҳарӣ дар «Сиҳоҳ» бо такмилдиҳии кори Форобӣ ва навовариҳои нав дар фарҳангнигорӣ ва бо гирдоварии маводи зиёди забонӣ тавонист ҷустуҷӯйи калимаҳоро дар зимни он осон намояд. Ба ин маъно, ки ҳадафи фарҳангнигорони асри чоруми ҳиҷрӣ дар амалигардонии ду вазифа: а) таъмини саҳеҳияти калимаҳо ва б) ба осонӣ ёфтани калимаи мақсуд зимни он, хулоса мешавад ва аз мутолиаи «Сиҳоҳ» бармеояд, ки Ҷавҳарӣ дар амалисозии ин вазифаҳо муваффақ гаштааст [192, с.484].

Мавриди зикр аст, ки таваҷҷуҳи бештари фарҳангнигорон ба ҳарфи ахири калима дар таснифи фарҳангномаҳои ин марҳила шояд ба он хотир бошад, ки ҳарфи ахири калима дар муқоиса ба ҳарфҳои дигари он нисбатан устувортар аст. Ба ин маъно, ки тағйирпазирии ломи калима нисбат ба «ف»ва «ع»-и он камтар сурат мегирад. Нуктаи дигар, мақсади чунин фарҳангҳо осон намудани кори шоир ва саҷъҳанвис аст, чаро ки онҳо ҳамеша ба ҳарфи охири калима таваҷҷуҳ менамоянд [233, с.100-101].

Тартиби одии алифбоӣ. Овардани калима дар фарҳангнома бо таваҷҷуҳ ба ҳарфи аввали он ҳанӯз дар нимаи дувуми асри дувуми ҳиҷрӣ бо ибтикори Абуамр Исҳоқ ибни Мирори Шайбонӣ (713 м-821 м) ба

[34] Аз худи Ҷавҳарӣ ривоят мекунанд, ки ӯ «Девон-ул-араб»-ро дар назди муаллифаш – Абуисҳоқи Форобӣ хондааст [212, с.89]. Ин илова бар ин аст, ки Ҷавҳарӣ дар хурдӣ назди Форобӣ таълим гирифтааст [301, с.391].

майдон омадааст, вале на дар шакли мукаммали имрӯзӣ, балки танҳо бо риояи ҳарфи аввал [153, с.123-124]. Баъдтар Аҳмад ибни Форис (941 м / 1004 м) маводи ду фарҳангномааш - «Муҷмал» ва «Мақоис»-ро бо риояи тартиби ҳарфҳои аввали решагӣ мураттаб намуд. Вале тартиби ӯ низ аз тартиби одии алифбоии имрӯз то ҷойе тафовут дошт, чун ӯ баъди ҳар ҳарф на аз он ҳарфу «أ» ва «ب», балки бо ҳарфи баъдинаи он оғоз намудааст [165, с.136], илова бар он ки калимаҳо вобаста ба сохтори духарфию сеҳарфӣ буданашон мураттаб гаштааст. Масалан, боби « باب الكلام الذي أوله ثاء في المضاعف والمطابق والأصم» ба таври зайл омадааст: ثج، ثر، ثط، ثع، ثل، ثم، ثن، ثأ، ثب [374, с.367-370], яъне баъди «ث» ҳарфи «ج» оварда шуда, вақте «ث» бо охирин ҳарфи ин боб «ن» меояд, сипас ба аввали алифбо баргашта, бо «أ» ва «ب» оварда мешавад. Ё худ ҳарфи «م» бо «ن» (من) ва «ه» (مه) омада, сипас ба аввали алифбо бо «ت»(مت), «ث»(مث), «ج» (مج) ва ғ. оварда мешавад [375, с.267-275]. Ҳарчанд дар ин фарҳангнома тартиби алифбоӣ риоя шуда бошад ҳам, вале ибтикори Ибни Форис бо интихоби ҳарфи дувуми решагӣ, ки бояд баъди ҳарфи боб бошад, каме печидагиро ба миён меоварад.

Дар асри шашуми ҳиҷрӣ бо таълиф шудани «Асос-ул-балоға» инқилоби дигаре дар равиши фарҳангнигории араб сурат гирифт. Фарҳанги мазкур ба қалами Маҳмуд ибни Умар ибни Муҳаммад ибни Аҳмад Замахшарӣ Абулқосим Ҷоруллоҳ – Фахри Хоразм (467ҳ – 538 ҳ), тааллуқ дорад ва аз унвонаш сар карда то интихоби вожагону таъбирҳо ва тартиби онҳо дар зимни фарҳангнома аз равиши донишмандони гузашта ба куллӣ фарқ мекунад. Номи он на «Муҳит», на «Саҳеҳ», на «Таҳзиб» ва на «Бореъ фи-л-луғат», балки «Асос-ул-балоға» аст ва ишора ба он мекунад, ки фарҳангнигорӣ аз майдони забон ба майдони балоғат тамоюл пайдо кардааст ва сабаби ин тамоюл Қуръони карим аст [192, с.690].

Аз мутолиаи рӯзгор ва осори Замахшарӣ бармеояд, ки ӯ аз донишмандони сермаҳсули арабинигори форсу тоҷик буда, дар баробари

«Асос-ул-балоға» боз чандин фарҳангномаи дигар, аз қабили «Ал-Фоиқ фи ғариб-ил-ҳадис», «Ал-Ҷиболу ва-л-амкинату ва-л-миёҳу» ва «Муқаддимат-ул-адаб» таълифу тасниф кардааст, вале дар ҳеҷ кадом он тартиберо, ки дар «Асос-ул-балоға» ба кор бурдааст, риоя накардааст. Масалан, дар «Ал-Фоиқ фи ғариб-ил-ҳадис» танҳо ба тартиби ду ҳарфи аввал таваҷҷуҳ намудааст, дар ҳоле ки дар таснифи «Муқаддимат-ул-адаб» бошад, дар баробари тартиби мавзуии калимот боз тартиби сохтории онҳоро ба кор бурда, бо ин ба гунае ба «Девон-ул-адаб»-и Форобӣ пайравӣ кардааст[219, с.100; 299, с.85-88; 363, с.236].

Тафовути нахусти тартиби «Асос-ул-балоға» аз дигар фарҳангномаҳои нисбатан ба тартиби алифбоӣ таснифшуда дар он аст, ки ҷойи ҳарфҳои «ه» ва «و» дар алифбо тағйир додааст. Агар пештар тартиби ҳарфҳо дар алифбо ба таври أ، ب، ت، ث... م، ن، ه، و، ي бошад, пас, Замахшарӣ дар «Асос-ул-балоға» ба таври зайл أ، ب، ت، ث... م، ن، و، ه، ي овардааст.

Бартарии «Асос-ул-балоға» аз нигоҳи тартиби алифбоӣ дар он аст, ки Замахшарӣ аз аввал то охири фарҳанг тартиби одии алифбоиро дар баробари ҳарфҳои якум, дувум ва савуми решагӣ риоя кардааст. Масалан, боби «ث» бо вожаҳои ثأب، ثأج، ثأد، ثأر оғоз ва бо вожаҳои ثني، ثوب، ثور، ثول، ثوم، ثوى، ثهل анҷом ёфтааст [381, с.102-118].

Чи тавре ишора шуд, тафовути асосии «Асос-ул-балоға» аз дигар фарҳангномаҳо дар он аст, ки объекти он на калима, балки ибораву таъбир аст. Ба ин маъно, ки дар фарҳанги луғавӣ мақсад танҳо овардани калима аст, сарфи назар аз он ки он калима чи маъоне ба дӯш дораду аз тарафи кӣ гуфта шудааст ва ҷойгоҳи адабияш чуну чанд аст, дар ҳоле ки меҳвариятро дар фарҳанги балоғӣ ибора ташкил медиҳад, вале на ҳама ибора, балки ҳамон иборае, ки дар дунёи забону адабиёт аз ҷойгоҳ бархӯрдор аст[35]. Дар ин гуна фарҳанг вожагон на ба танҳоӣ, балки

[35] Дар ин ҷо воҳидҳои фразеологӣ дар назар доршта шудааст, ки аз нигоҳи устувории сохтору доштани балоғати баланд аз ибораву таркибҳои озоди синтаксисӣ тафовут доранд.

ҳамроҳ бо шавоҳиди балеғи арабӣ оварда мешавад [192, с.691]. «Асос-ул-балоға» фарҳанги шомили арабӣ нест, балки фарҳангномаест, ки дар он таваҷҷуҳ ба маонии маҷозии ифодаву таркибҳои забонӣ шудааст, аз ин рӯ, метавон онро фарҳанги воҳидҳои фразеологии забони арабӣ унвон кард.

Метавон вижагиҳои «Асос-ул-балоға»-ро ба таври зайл баён намуд: а) дар бештари маврид фасеҳтарин калимаҳоро меорад; б) нахуст маънои ҳақиқӣ, сипас маънои маҷозии вожаву таъбирҳоро меорад ва ин ду маъноро ба ҳам намеомезад, дар ҳоле ки чунин омехтагӣ дар фарҳангҳои дигар ба назар мерасад; в) маънои лафзҳоро ба нудурат ва он ҳам ҳангоми зарурат меорад. Барои фаҳмонидани маънои вожа бештар истифодаи онро дар зимни гуфторҳои адабӣ меорад ва ин беҳтарин равиш дар шарҳи калима аст, чаро ки дар як вақт ҳам маънои он бармало мешаваду ҳам тариқаи корбурдаш мушаххас мегардад. Чун ин нукта маъруф аст, ки маънои вожа вақте маълум мешавад, ки дар зимни ибораву ҷумла корбурд шавад. Ҳамин аст, ки агар танҳо ба шарҳи маънои калима иктифо варзида шавад, ба гунае он калима «зиндагии худро аз даст медиҳад» [163, с.38].

Дар ин ҷо зикри ин нукта муҳим аст, ки бархе аз донишмандони муосири араб, аз қабили Абдулғафур Аттор [عطار 1990، ص.89-90] ва Абдулатиф Суфӣ [271, с.126-127] равиши тартиби одии алифбоиро ба Абулмаолӣ Муҳаммад ибни Тамими Бармакии Луғавӣ (ваф.1007 м) нисбат медиҳанд ва таъкид месозанд, ки мавсуф ҳеҷ фарҳанге таълиф нанамудааст, вале хидмати ӯ, чи тавре Ёқути Ҳамавӣ ишора мекунад, дар он аст, ки ӯ «Сиҳоҳ»-и Ҷавҳариро ба равиши тозае мураттаб сохтаву бар он чизи андаке афзудааст[36] [360, с.2437]. Такя ба ин, метавон гуфт, ки

[36] Ёқути Ҳамавӣ мегӯяд: «Муҳаммад ибни Тамим Абулмаолии Бармакӣ китобе дар луғат бо номи «Ал-Мунтаҳо фи-л-луғат» дорад, ки аз «Сиҳоҳ»-и Ҷавҳарӣ кӯчонида шудаву дар он чизи каме афзуда ва тартибашро дигаргуна кардааст. Ӯ ва Ҷавҳарӣ ҳамаср будаанд, зеро китоби Ҷавҳариро бо хатти худаш дарёфтам, ки навиштани онро соли 396 ба итмом расонидааст, дар ҳоле ки Бармакӣ дар муқаддимаи китобаш ишора мекунад, ки онро соли 397 ҳ тасниф намудааст. Ҷойи тардид нест, ки яке аз ин ду китоб аз дигаре рӯбардор шудааст ва ман бошам, гумон мекунам, ки Бармакӣ

Бармакӣ маводи «Сиҳоҳ»-и Ҷавҳариро гирифта, онро ба равиши нав, ки тартиби роиҷи алифбоии имрӯз аст, ҷобаҷо кардааст. Масалан, ӯ аз ҳама бобҳои «Сиҳоҳ» фасли ҳамзаро гирифта, дар як ҷо гирдоварӣ намудаву пасон такя ба тартиби алифбоии ҳарфҳо (бо риояи тартиби ҳарфҳои аввал, дувум, савум, чорум ва панҷуми решагӣ) мураттаб сохтааст. Бо ҳамин равиш «Сиҳоҳ»-ро аз фарҳангномае, ки меҳвари асосияш ҳарфҳои ахири калима буд, ба фарҳане табдил дод, ки меҳвараш ҳарфҳои аввали калима гардид [271, с.126]. Илова бар ин, дар муқаддимаи «Асос-ул-балоға» Замахшарӣ мегӯяд: «Ин китоб ба гунаи машҳуртарин тартибе, ки роиҷ аст ва барои истифода аз ҳама осон аст, мураттаб гаштааст»[381, с.16], ки аз ин гуфтор ба вуҷуди ин равиш то замони ӯ хулосагирӣ мешавад. Вале ин гуфтор аз ҷойгоҳи Замахшарӣ ва пешоҳанг будани ӯ дар таъсиси ин равиш ҳеҷ таъсире надорад, чи тавре Эмил Бадеъ Яъқуб гуфтааст: «Ҳарчанд ин равиш ба Бармакӣ мансуб бошад ҳам, Замахшарӣ аввалин нафарест, ки бо ин гуна равиш фарҳанг навиштааст, ба ин маъно, ки фазли тартиб ба аввалӣ мансуб аст на таълиф»[165, с.137].

Тартиби нутқии вожаҳо. Такя бо нутқ овардани вожагон дар зимни фарҳанг низ аз ибтикороти донишмандони форсу тоҷик дар фарҳангнигории араб ба ҳисоб меравад. Чунончи, «Муъҷам-ут-таърифот»-и Алӣ ибни Муҳаммад Сайид Шарифи Ҷурҷонӣ (ваф.816 ҳ – 1413 м), ки ҳамчун фарҳанги истилоҳоти илмҳои мухталиф, аз қабили фиқҳ, луғат, фалсафа, мантиқ, тасаввуф, наҳв, сарф, аруз ва балоға ба қалам дода мешавад, маҳз бо равиши тартиби нутқ ё худ тарзи талаффузи калимаҳо мураттаб гаштааст. Масалан, калимаи «الإخلاص», ки ҳарфҳои решагияш «خلص» аст, на дар ҳарфи «خ», балки дар ҳарфи «أ» оварда шудааст [401, с.14]. Ё худ калимаи "المغالطة", ки ҳарфҳои решагияш «غلط» аст, на дар ҳарфи «غ», балки дар ҳарфи «م» оварда шудааст[401, с.187]. Ин дар ҳолест, ки дар фарҳангномаҳои дигари классикии арабӣ,

---

«Сиҳоҳ»-ро рӯбардор кардааст. Зеро Абусаҳл ибни Алии Ҳиравӣ ҳангоми дар Миср будан дар бораи Бармакӣ сухан гуфтааст. Ин дар ҳолест, ки Ҳиравӣ «Сиҳоҳ»-ро аз Ибни Абдус ривоят кардааст ва шояд ҳанӯз дар замони зинда будани Ҷавҳарӣ Ҳиравӣ онро ба Миср бурда бошад» [360, с.2437].

сарфи назар аз тартиби алифбоияшон, ки таҚлибияст ё қофиягӣ ва ё сохторию ҳиҷоӣ, калимаҳо бо назардошти ҳарфи решагияшон мураттаб гаштаанд, на такя ба тарзи навишту талаффузашон.

Ибтикороти донишмандони форсу тоҷик танҳо бо пешниҳоди равишҳои мазкури фарҳангнигорӣ маҳдуд намегардад, балки боз фарҳангномаҳои дигаре ба ин донишмандон мансуб аст, ки дар он равишҳои гуногуни тадвини калимаҳоро дар зимни асар ба кор бурдаанд. Барои таъйиди гуфтор метавон дар ин ҷо аз Абуумар Мутарриз маъруф ба Зоҳид (261 ҳ – 345 ҳ)[37] ёд кард, ки дар таснифи фарҳанги «Ал-Мудохал фи-л-луғат» тамоман равиши дигаргунаеро ба кор бурдааст, ки на ба қофияи ҳарф таваҷҷуҳ менамояду на ба тартиби таҚлибӣ ё алифбоии он. Муҳаққиқ ва бачопомодакунандаи фарҳанги мазкур Муҳаммад Абдулҷавод мегӯяд: «Мудохал фанни аҷибе дар забони арабӣ аст, ки асоси онро дар як занҷира овардану шарҳи вожаҳо ташкил медиҳад. Калимаҳо дар як риштаи аҷиб кашида мешаванд, ки онҳоро маонии латифе ба ҳам меорад, ки шояд барои бештари мардум ноошно бошад. Ба ин гуна ки як калима бо калимаи дувум, калимаи дувум бо калимаи савум, калимаи савум бо калимаи чорум ва бо ҳамин тартиб шарҳ дода мешаванд. Илова бар ин ки барои таъйиди бархе маонӣ аз ояту ҳадис ва ҳикояту шеър далел оварда мешавад… Бо ин равиш ду аср баъдтар «ал-Мусалсал»-и Мозании Адалусӣ тадвин гаштааст» [376, с.6]. Масалан, дар «باب الفرسكة» мегӯяд:

أخبرنا ثعلب عن ابن الأعرابي، قال، الفرسكة: الخوخة، والخوخة: الثوب الأحمر، والأحمر: الذي لا سلاح معه، والسلاح: شحم الإبل، والشحم: البياض، والبياض: اللبن، واللبن: وجع العنق من الوسادة، والعنق: جماعة من الناس، والناس: قبيلة، يقال رأيت إنسانا من الناس، والقبيلة: الرقعة التي يرقع بها قب القميص، والقميص: غلاف القلب، والقلب: العقل، والعقل: ضرب من الوشي، والوشي: كلام الواشي بين المحبين، والواشي: ضراب الدنانير، وجمعه وشاة. أنشدنا ثعلب عن ابن الأعرابي:

فما هبرزي من دنانير أيلة بأيدي الوشاة ناصع يتأكل

[37] Абуумар Муҳаммад ибни Абдулвоҳид ибни Абуҳошими Бовардӣ (мансуб ба Бовард – шаҳраке дар Хуросон) Зоҳиди Муттарризи Луғавӣ аз ҳамнишинони Абулаббос Аҳмад ибни Яҳё Саълаб буда, бинобар ҳамнишинии зиёдаш бо ин донишманд бо лаҚаби Ғуломи Саълаб (Писари Саълаб) машҳур гаштааст [376, с.4].

بأحسن منه يوم أصبح غاديا ونفسني فيه الحمام المعجل

قال أبوعمر، نفسني فيه: أعني رغبني فيه، ونافسني: راغبني. ومنه قوله عز وجل: فليتنافس المتنافسون أي فليتراغب المتراغبون.[376, с.30-32].

(Тарҷума[38]: Саълаб аз Ибни Аъробӣ нақл кард, ки гуфтааст: фирсика шафтолуст ва шафтолу: либоси сурх аст ва сурх: касест, ки силоҳ надорад ва силоҳ: равғани шутур аст ва равған: сафед аст ва сафед: шир аст ва шир: дарди гардан аз болишт аст ва гардан: гурӯҳе аз мардум аст ва мардум: қабила аст, мегӯянд: мардумеро дидам; қабила: порчаест, ки ба ёқаи либос медузанд ва либос: пардаи дил аст ва дил: ақл аст ва ақл: навъе аз гулдузист ва гулдузӣ: сухани зебои дӯстдорон аст ва зебо: сикказани динорҳост, ки ҷамъаш ба шакли вушот аст. Саълаб аз Ибни Аъробӣ мисол меорад: динори тозаи ман аз динорҳои Айла нест, ки дар дасти сикказанон бошад, балки чунон дурахш аст, ки ба ҳамдигар бармехӯранд. Беҳтар аз он асту имрӯз фардо гардидааст ва маро марги зудрас ба он моил месозад).

Хулоса, донишмандони форсу тоҷик бо ибтикору иқтироҳи худ дар гирдоварии вожагону таъбирҳои забони арабӣ ва мондагорсозии онҳо бо таълифу тасниф ва тадвини бузургтарин фарҳангномаҳо хидмати инкорнопазире ба забони арабӣ намудаанд. Чунончи, дида шуд, тартиби қофиягӣ, тартиби сохторӣ, тартиби алифбоӣ аз марҳилаи мураккабӣ то давраи одӣ ва ахиран тартиби нутқии вожаҳо дар зимни фарҳангномаҳо ҳамагӣ зодаи зеҳни фарзандони форсу тоҷик аст[39].

---

[38] Аз назари инҷониб, аслан, чунин матнҳо тарҷуманопазиранд, чаро ки бо тарҷумаи он пайванди маъноие, ки дар байни калимаҳои арабии ин матн дида мешавад, ҳангоми тарҷума аз байн меравад. Ба ин маъно, ки дар забони тоҷикӣ ҳаргиз яке аз маонии шафтолу либоси сурх ва яке аз маонии сурх шахси бесилоҳ нест. Вале ба хотири равшан шудани мавзуъ ва мушаххас намудани равиши Абуамри Мутарриз дар фарҳангнигорӣ онро тарҷума намудем

[39] Донишманди муосири араб Абдулкарими Нуаймӣ мегӯяд: «Фарҳангнигорони араб мероси гаронбаҳое аз худ ба мерос гузоштаанд, ки бо гуногунии ҳадафу чандравишӣ тафовут доранд. Дар ин мерос қариб ҳама равишу шакли имконпазири таълифу таснифи фарҳангнигорӣ ба кор рафтааст»[264, с.44]. Ва дар ин бевосита саҳми донишмандони арабинигори форсу тоҷик бисёр назаррас аст, чаро ки аз баррасии мавзуъ маълум мегардад, ки бештари равишҳои фарҳангнигорӣ маҳз зодаи зеҳни ин донишмандон мебошад.

2.3.Фарҳангнигории араб дар сарзаминҳои форсу тоҷикнишин

Шояд кам забоне вуҷуд дошта бошад, ки ба монанди забони арабӣ тули чандин аср ба таври бардавом ба тамоми хусусиятҳои овоиву маъноӣ, сарфию наҳвӣ, балоғию услубӣ ва дигар паҳлуҳои он таваҷҷуҳ шудаву китобхонаҳо саршор аз ҷилд-ҷилд фарҳангномаҳои гуногунмавзуи гуногунсохтори он бошад. Ҳамин аст, ки ба таъкиди донишмандон, агар Чинро истисно намоем, пас, ҳеҷ халқу миллати дигареро ба ғайри араб намесазад, ки бо бисёрии китоб дар робита ба донишҳои забонӣ ва ибтикороти тартибгузории вожагон бо як равишу қоидаи мушаххас ифтихор намояд. Рӯ овардани арабҳо ба омӯзишҳои луғавӣ таърихи дерина дошта, бо назардошти зарурати фарқгузорӣ байни калимаҳои адабиву лаҳҷаҳои гуногун ва байни забони арабиву забони форсӣ ба миён омадааст [402, с.4].

Дар мавриди бисёрии фарҳангномаҳои арабӣ ҳанӯз Ҷалолиддин Суютӣ ишора карда, навишта буд: «Пайравони Халил, пайравони пайравонаш ва ғ. фарҳангҳои зиёди калону хурд, умумиву вижа навиштаанд…, ки аз шумор берун аст. Аз Соҳиб ибни Аббод ривоят мекунанд, ки подшоҳе аз ӯ хоҳиш кард, ки ба наздаш равад, Соҳиб дар посух гуфт: «Барои бурдани фарҳангномаҳоям (китобҳои луғат) ба шаст шутур ниёз дорам». Бештари он китобҳо дар фитнаи муғулу дигарон аз байн рафтааст, ба гунае ки имрӯз китобҳои вуҷуддоштаи забон (фарҳангномаҳо)-и таснифкардаи гузаштагону муосирон як бори шутур ҳам намешавад. Дар бештари ин китобҳо муаллифон дурустиро риоя накардаанд ва ҳар чи дурусту нодуруст аст, дар он гирд овардаанд» [253, с.97].

Аслан, чунин мероси ҳангуфт дар ҷодаи фарҳангнигорӣ аз хидматҳои таърихии мусулмонон, сарфи назар аз миллият аст. Ба ин маъно, ки дар тули таърих дар баробари мардуми араб дигар миллатҳои ба ислом гаравида барои мондагорӣ ва шарҳу тафсири калимаву таъбирҳои арабӣ талошҳои зиёде намудаву набоғати худро дар ин росто ба кор бурдаанд. Хусусан, хидмати мардуми форсу тоҷик дар ҷодаи

ташаккули фарҳангнигории араб бисёр назаррас буда, аз ихлосу самимияти онҳо ба дини мубини ислом дарак медиҳад: «Аксарият қариб ба иттифоқ эрониён нисбат ба ислом самимӣ будаанд ва ангезае ҷуз хидмат ба ислом надоштаанд. Дар ин ҷиҳат ҳеҷ як аз милали исломӣ, аъам аз арабу ғайриараб, ба эрониён намерасад ва шояд эрониён дар дунё назир надошта бошанд. Яъне, ҳеҷ миллате нисбат ба ҳеҷ дину оине ин андоза хидмат накарда ва самимият ба харҷ надодааст» [346, с.332].

Донишманди муосири араб Аҳмад Шарқовӣ Иқбол дар китоби «Муъҷам-ул-маоҷим: таърифун бинаҳви алфин ва нисфи алфин мин-ал-маоҷим-ил-арабият-ит-туросия»[40] дар мавриди 1407 фарҳанги гузаштаи араб маълумот додааст. Мутолиа ва омӯзиши ин асар нишон дод, ки 365 фарҳанг дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ бевосита ба қалами донишмандони арабинигори форсу тоҷик тааллуқ дорад [387]. Дар ин ҷо мо танҳо фарҳангномаҳоеро ба шумор овардем, ки дар форсу тоҷик будани муаллифонашон, аз қабили Кисоӣ, Ахваши Авсат, Мутарриз, Ибни Сиккит, Зузанӣ, Азҳарӣ, Ибни Форис, Заҷҷоҷӣ, Заҷҷоҷ, Форобӣ, Ҷавҳарӣ, Замахшарӣ ва дигарон, тардиде нест. Дар ғайри ин сурат ин адад метавонист аз 500 асар ҳам гузарад.

Аз омӯзиши таърихи фарҳангнигории араб бармеояд, ки бузургтарин фарҳангномаҳои аввали арабӣ на дар сарзамини арабнишин, балки дар сарзаминҳои ғайриарабии форсу тоҷикнишин таълифу тасниф гардидаанд. Ба ин нукта, донишманди араб Шавқӣ Зайф ишора намуда, мегӯяд: «Дар ин аср (асри чори ҳиҷрӣ ба баъд – И.К.) пажуҳиш дар забон бисёр пешрафт кард, зеро донишмандони эронӣ ба чунин пажуҳишҳои забонӣ рӯ оварданд, хусусан, бузургтарин кори онҳо дар ҷодаи фарҳангнигорӣ буд. Аслан, таваҷҷуҳи эрониён ба ин ҷода дар гузашта будааст. Аз ин рӯ, ҷойи тааҷҷуб нест, ки аввалин нусхаи «Китоб-ул-айн»-и Халил ибни Аҳмад, ба унвони нахустин фарҳанги арабӣ, чи тавре соҳиби «Ал-Феҳрист» ёд мекунад, маҳз дар Хуросон рӯйи кор

---

[40] معجم المعاجم: تعريف بألف ونصف ألف من المعاجم العربية التراثية - «Фарҳанги фарҳангҳо: маълумот дар бораи якунимҳазор фарҳанги арабии гузашта».

омадааст. Ин нукта ҳам машҳур аст, ки дувумин фарҳанги арабӣ – «Ал-Ҷамҳара»-и Ибни Дурайд (ваф.321 ҳ) бори аввал дар Эрон тадвин шудааст. Ба ин маъно, ки вақте Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Микол – волии Аҳвозу Форс Ибни Дурайдро барои таълими фарзандаш Абулаббос Исмоил аз Басра даъват намуд, маҳз дар ин ҷо Ибни Дурайд ин фарҳангномаро таълифу тасниф кард» [232, с.534-535].

Воқеан, чунин саъю талоши донишмандони форсу тоҷик бори дигар ба он ишора менамояд, ки таваҷҷуҳи мардуми ғайриараб ба забони арабӣ, пеш аз ҳама, аз шумулияти дини ислом сарчашма мегирад. Вагарна дар таърих забонҳои дигаре буданд, ки сарфи назар аз забони динӣ ба дигаргунӣ рӯбарӯ шуданду ба боди фаромӯшӣ рафтанд. Маҳз ҳамин шумулият муҷиб гаштааст, ки шумораи зиёди донишмандони ғайриараб онро бо тамоми нозукиҳояш омӯзанду ба он таълифу тасниф намоянд. Агар Қуръони карим танҳо ба арабҳо маҳдуд мегашт, касе аз мардуми ғайриараб, чи дар мероси динӣ ва чи дар тарвиҷи забони арабӣ, ширкат намеварзид [388, с.7].

Мавриди зикр аст, ки донишмандони гузаштаи форсу тоҷик, пеш аз мутаххассиси ин ё он риштаи илмӣ будан донандаи хуби забони арабӣ, ба истилоҳ мутахассис дар сарфу наҳв ва каломи араб буданд. Ҳамин аст, ки мо дар байни таълифоти бархе аз ин донишмандон ба китобҳои забонӣ, хусусан фарҳангномаҳо дучор мешавем. Масалан, ба Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино-файласуф ва табиби ҳама давру замон, фарҳангномае бо номи «Лисон-ул-араб» нисбат медиҳанд[41][387, с.322]. Ё худ китоби «Ас-Сайдана фи-т-тиб» (Дорушиносӣ дар пизишкӣ)-и Абурайҳони Берунӣ як асари сирф луғавиест, ки метавон онро чун фарҳангни тахассусии тиббӣ ва ё доират-ул-маорифи дорушиносӣ ёд кард.

---

[41] Шогирди Шайхурраис Абуубайд Ҷузҷонӣ мегӯяд: «Шайх китоберо дар луғат тасниф кард, ки ҳамгуни он дар луғат тасниф нашуда буд ва номи онро «Лисон-ул-араб» гузошт. Аммо ҳанӯз онро сафеднавис накарда, ки ҷаҳонро падруд гуфт ва фарҳанг дар ҳамон шакли сиёҳнавис боқӣ буд ва касе ба тартиби он сар дарнамедаровард[387, с.322].

Воқеан, шумораи донишмандони форсу тоҷике, ки дар сарзаминҳои ғайриарабӣ зиставу дар таълифу таснифи фарҳангномаҳои арабӣ саҳм гузоштаанд, хеле зиёд аст. Масалан, дар бахши бахшида ба илми луғати «Таърих-ут-турос-ил-арабӣ»-и Фуод Сезкин фасле зери унвони «اللغويون في فارس» («Луғатнигорон дар Форс») оварда шуда, дар он ҷо аз 42 донишманде ёд карда мешавад, ки дар таълиф, тасниф ва ё мураттабсозии ин ё он фарҳанги арабӣ даст доранд. Ин дар ҳолест, ки асари мазкур тақрибан рӯзгор ва осори донишмандонеро дар бар мегирад, ки то соли 430 ҳиҷрӣ зистаанд. Дар ин асар ба осори гуногунпаҳлуи ин донишмандон ишора мешавад, ки аз ҷумла 173 асари он бевосита ба фарҳангнигории араб дахл дорад[301, с.335-447].

Дар баробари таълифу тадвини бузургтарин фарҳангномаҳо дар сарзамини форсу тоҷикнишин боз донишмандони арабинигори ин диёр ба гирдоварӣ ва шарҳу тавзеҳи амсолу ҳикоми арабӣ машғул шудаанд, ки метавон аз он ҳамчун як бахши махсуси фарҳангнигорӣ ёд кард. Пешоҳанги ин ҷода Ҳамзаи Исфаҳонӣ (ваф.350 ҳ) ба шумор меравад. «Ад-Дуррат-ул-фохира фи-л-амсол-ис-соира»-и ӯ дар худ масъалҳои арабиеро фаро гирифтааст, ки дар он сифати муқоисавии «أفعل من» (исми тафзил), ба монанди «أجهل من فراشة» [196, с.121] (Нодонтар аз парвона) ба кор рафтааст. Ин асар аз 33 боб иборат буда, 28 боби он ба номи 28 ҳарфи алифбои арабӣ бо риояи тартиб ба таври зайл: الباب الأول فيما جاء في أوله ألف، وهو ستة عشر مثلا؛ الباب الثاني فيما جاء في أوله باء، وهو ثلاثة وخمسون مثلا... الباب الثامن والعشرون فيما جاء في أوله ياء، وهو أربعة أمثال[196, с.69, 75, 437] оварда шудааст (Тарҷума: Боби аввал дар он чи дар аввалаш «ا» омадааст ва фарогири 16 масал аст. Боби дувум дар он чи дар аввалаш «ب» омадааст ва фарогири 35 масал мебошад. Боби бисту ҳаштум дар он чи дар аввалаш «ي» омадааст ва фарогири чор масал аст). Бобҳои дигар ба кунияву номҳои мабниву дутоӣ ва ғ. бахшида шудаанд. Муаллиф ба ин нукта ишора карда мегӯяд: «Аз китобҳои гузаштагон 390 масалро гирифта, бар он боз ҳазору дусаду чанд масал афзудам ва боз масалҳои навпайдошударо, ки

беш аз 500 масал аст, ба он илова кардам, ба ин тартиб, масалҳои ин китоб беш аз 1800-то гардид. Китобро бо тартиби алифбо таълиф кардам, то барои ҷӯяндааш осон гардад ва китобро бо овардани гуфторҳои нодир, ки ба беш аз 500 гуфтор мерасад ва касе ҳамгуни онро гирдоварӣ накардааст, анҷом бахшидам» [196, с.56].

Тибқи қоида, Исфаҳонӣ пас аз зикри бобу шумораи масалҳои дар он боб омада ҳама масалҳои он бобро пурра меорад, сипас ҳар якро ба таври алоҳида мавриди шарҳу тавзеҳ қарор медиҳад. Ба монанди: الباب الثالث فيما جاء في أوله تاء، وهو ستة عشر مثلا أتجر من عقرب. أتعب من رائض مهر... التفسير أما قولهم: أتجر من عقرب، فإنهم يقولون أيضاَ: "أمطل من عقرب" وهذا مثل من أمثال أهل المدينة، حكاه الزبير بن بكار، وعقرب: اسم تاجر من تجارها... [196, с.97] (Тарҷума: Фасли савум дар он чи дар аввалаш «ت» омадааст ва он фароири 16 масал аст. Бозургонатар аз Ақраб. Хастатар аз омӯзандаи асп… Шарҳ. Бозургонатар аз Ақраб ва боз онҳо мегӯянд: Кашолколтар аз Ақраб. Ин аз масалҳои мардуми Мадина аст, ки Зубайр ибни Баккор онро ҳикоя кардааст. Ақраб номи бозургони Мадина аст…).

Илова бар ин, донишманди мазкур аз эшъори Мутанаббӣ байтҳоеро, ки масалгуна гаштаанд, дар як китоби алоҳида гирдоварӣ намудааст [232, .с.537].

Абуҳилоли Аскарӣ (ваф.395 ҳ) дар китоби «Ҷамҳарат-ул-амсол» ба монанди Ҳамзаи Исфаҳонӣ масалҳоро бо риояи тартиби алифбоӣ оварда, нахуст ҳамаи масалҳои бобро зикр мекунад ва пасон ба шарҳу тавзеҳи онҳо мепардозад, танҳо тафовути он аз китоби «Ад-Дуррат-ул-фохира фи-л-амсол-ис-соира» дар он аст, ки дар ин ҷо Аскарӣ танҳо бо масалҳои сифати муқоисавидошта маҳдуд намегардад.

Баъдтар дар ин ҷода асари Аҳмад ибни Муҳаммад Майдонӣ (ваф.518 ҳ) бо номи «Маҷмаъ-ул-амсол» рӯйи кор омад, ки дар он муаллиф дар баробари овардани масал калимаҳои мушкилфаҳми онро шарҳ дода, пасон ба баёни мақсади он мепардозад, аз қабили: يأكل بالضرس الذي لم يخلق. يضرب لمن يحب أن يحمد من غير إحسان؛ يعود إلى الأذن مناتيف الزبب. المناتيف: جمع

المنتوف، والزبب: طول الشعر وكثرته، يقول: شعر الأذن إذا نتف عاد فنبت. يضرب للرجل يترك شيئاً تصنعاً ثم يعود إلى طبعه [379, с.425-426] (Тарҷума: Ба дандони набаромада мехӯрад. Ин масал ба касе гуфта мешавад, ки мехоҳад ба некии накардааш сутуда шавад; Мӯйҳои кандаи гӯш боз мебароянд. Ба марде гуфта мешавад, ки сохтакорона тарки коре мекунаду баъди чанде дубора ба табиати пештарааш бармегардад). Дар ин асар Майдонӣ 4765 масали арабиро шарҳу тавзеҳ намудааст, илова бар он ки масалҳои навпайдошудаи арабиро бе нишондоди рақам дар он овардааст [378; 379].

Таҳлили фарҳангномаҳои арабии чи дар сарзаминҳои арабӣ ва чи дар диёри форсу тоҷик таълифшуда нишон медиҳад, ки фарҳангнигорон аз асри III ҳиҷрӣ ба баъд аз гирдоварии наввожаҳову таъбирҳои замони худ дида бештар ба тартибгузории маводи луғавии дар зимни фарҳангномаҳову асарҳои пешиниён омада таваҷҷуҳ намудаанд. Чунончи, донишманди муосири араб Рамазон Абдуттаввоб дар робита ба фарҳангҳои қадимаи араб мегӯяд: «Ба ғайр аз Азҳарӣ ва Ибни Ҷиннӣ дигар фарҳангнигореро намедонам, ки ба он чи донишмандони асрҳои аввалу дувум гирдоварӣ кардаанд, чизи тозае афзуда бошанд. Ҳама талоши донишмандони асрҳои баъдӣ ин чи гуна мураттаб намудани ҷамъовардаи гузаштаҳояшон будааст ва ҳеҷ яке кӯшиш накардааст, то тафовутҳое, ки байни забони классикии арабӣ-забони бодияи асрҳои аввалро бо забони ҳамзамононаш баён намояд. Масалан, ҳеҷ яке аз донишмандони асри панҷи ҳиҷрӣ кӯшиш накардааст, ки маънои вожаи навишташуда дар асри дувуми ҳиҷрӣ дар замони ӯ чи маъное касб кардаву дар гуфтори рӯзмарра чи гуна талаффуз мешудааст ва ё он калима, аллакай, ба анбори таърих рафтаасту пажуҳишаш бар дӯши таърихи забоншиносист» [216, с.67].

Воқеан, чунин нуктагирии донишманди мазкур ҷо дорад ва инҷониб муносибати фарҳангнигоронро дар ин маврид ба ду иллат вобаста медонам: а) фарҳангнигорони гузаштаи араб ба маводи то нимаи дувуми асри дувуми ҳиҷрӣ гирдоварда ба унвони сарчашмаи

муътамад такя намуда, вожаву таъбирҳои роиҷи замони худро ҳамчун маводи таҳрифшуда ба қалам медодаанд. Ба ин маъно, ки фарҳангнигорон низ ба монанди наҳвиён гуфтори мардуми асрҳои баъдиро, бинобар ҳуҷҷату далел набудан, сазовори гирдоварӣ намешумориданд; б) бузургтарин фарҳангҳои шомили арабӣ дар сарзаминҳои форсу тоҷик дар асрҳои IV-VI ҳ таълифу тадвин шудаанд; асрҳое, ки нуфузи арабу арабият дар ин сарзаминҳо хеле камранг шуда буд. Пас, ҷойи ачобат нест, ки бештари ин фарҳангномаҳо дар асоси асарҳову фарҳангномаҳои гузашта, дур аз муҳити арабӣ рӯйи кор омадаанд. Бе тардид, агар муддате дар байни арабҳо зистану набоғати худододии муаллифони чунин фарҳангҳо намебуд, ба майдон омадани ин гуна асарҳои бузурги мондагор муъҷизаи даврон маънидод мешуд[42].

Бояд эътироф намуд, ки фарҳангномаҳои арабии аз ҷониби донишмандони форсу тоҷик таълифу таснифгардида бузургтарин доират-ул-маориф дар таърихи забони арабӣ мебошанд. Зеро дар ин гуна фарҳангҳо на фақат маънои вожаву таъбир ва қоидаву қонунҳои савтию сарфӣ ва наҳвию балоғии як забон, балки дастовардҳои як тамаддун ба тасвир кашида шудааст.

---

[42] Аҳмад Мухтор Умар дар муқаддимаи «Девон-ул-адаб»-и Форобӣ мегӯяд: «Форобӣ на ба Яман рафтаву на китобашро дар Зубайд таълиф кардааст. Магар ин ба он маъност, ки онро дар Фороб таълиф кардааст? Ман чунин намешуморам. Зеро мустаҳил аст, ки фарҳанги арабие дар муҳити туркӣ таълиф гардад. Инчунин, нафаре, ки чунин фарҳанг таълиф мекунад, ба сарчашмаҳои бисёр, ҳамнишинии донишмандон ва бархӯрдорӣ аз фарҳангҳо ниёз дорад, дар ҳоле ки чунин шароите дар Фороб мавҷуд набуд. Табиист, ки Форобӣ ба Бухоро – пойтахти Сомониён, рафта, бо донишмандони он диёр ҳамнишинӣ доштааст ва ба БаҒдод рафтаву аз китобхонаҳои он истифода ва бо донишмандони он ҷо ҳамнишинӣ кардааст. Табиист, ки китобашро дар БаҒдод навиштааст…»[372, с.6]. Ҳарчанд донишманди мазкур таълифи фарҳанги арабиро дар муҳити ғайриарабӣ то ҷойе ғайримумкин шуморад ҳам, вале ба гунае ишора ба ҷойгоҳу мартабаи илмии пойтахти Сомониён менамояд ва бамайдоноии фарҳангҳои арабиро дар чунин муҳите аз эҳтимол дур намешуморад.

2.4.Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар шинохт ва таснифи воҳидҳои фразеологии арабӣ

Имрӯз дар забони тоҷикӣ дар робита ба шинохти фразеология ва хусусиятҳои семантикиву сохтории ин падидаи забонӣ пажуҳишҳои зиёде сурат гирифтааст, ки аз аҳамияти воло, ҳамзамон, аз пешрафти он дар забоншиносии тоҷик дарак медиҳад. Сафҳагардонии таърихи фразеология ҳамчун илм ҳокӣ аз он аст, ки ин истилоҳ соли 1905 аз ҷониби забоншиноси маъруфи фаронсавӣ Шарл Балли "Traité de stylistique française» (Рисолаи услубшиносии фаронсавӣ) ба майдон омада, сипас аз ҷониби донишмандони дигар, хусусан донишмандони рус, аз қабили В.В.Виноградов, А.В. Кунин, Н.М. Шанский, А.М.Бабкин ва дигарон мавриди таъйиду тарҷеҳ қарор гирифтааст. Мавриди қайд аст, ки мафҳуми фразеология дар фаҳмиши имрӯзаи он, хусусан дар ҳавзаи фразеологияшиносии тоҷик ба таҳқиқоти забоншиноси рус В.В. Виноградов бастагии ногусастанӣ дорад. Ба ибораи дигар, фразеологияшиносии тоҷик, чи дар ташкил ва чи дар ташаккул, сарчашма аз пажуҳишҳои В.В.Виноградов мегирад.

Ҳамзамон, фразеологияшиносии тоҷик мадюни талошҳои илмии донишмандони ватанӣ Н. Маъсумӣ, Б. Ниёзмаҳмадов, Р.Ғаффоров, А.Мирзоев, Фозилов М., Б.Камолиддинов, Ҳ.Маҷидов, С. В.Хушенова, И.Ҳасанов, Ҳ.Ҷалилов, М.Юсупова, А.Турсонов, Ҳ.Талбакова, Р.Саидов, М.Қ.Саломиён, Н.Гадоев, М.Мирзоева, Б.Осимова, М.Муслимов, Ҳ.Дӯстов, С.Ҷӯраева, Г.Шарифова, Ш.Раҳматов, М.Рачабова ва шарқшиносони рус, аз қабили Ю.А.Рубинчик, Л.С.Пейсиков, А.А. Веретенников, Г.С.Голиева ва дигарон мебошад. Маҳз дар осори донишмандони мазкур ибораву таркиб ва воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ аз ҷанбаҳои гуногун омӯхта шудааст.

Дар пешрафти фразеологияшиносии тоҷик саҳми донишмандони тоҷик, профессор Ҳ.Маҷидов назаррас мебошад, зеро мавсуф, чи бо таҳқиқоти арзишманд дар ин ҷода ва чи бо тарбияи шумораи зиёди фразеологияшиносони ватанӣ, дар ин самт пешоҳанг аст. Воқеан, ӯ дар

фразеологияи тоҷик соҳибмактаб буда, таҳқиқоти ӯ, аз қабили “Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии воҳидҳои фразеологии феълии забони адабии ҳозираи тоҷик” ва “Фразеологическая система современного таджикского литературного языка” аз асарҳои бунёдӣ дар самтанд.

“Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик” асари дигари Ҳ.Маҷидов мебошад, ки дар он доир ба муҳимтарин масъалаҳои фразеологияи тоҷик, аз қабили аломатҳои фарққунанда, ҳаҷм, хусусиятҳои маъноӣ, гурӯҳҳо, манбаъҳои пайдоиш ва ҷиҳатҳои услубии воҳидҳои он маълумот оварда шудааст. Ҳарчанд асари мазкур аз ҷониби муаллиф ҳамчун дастури таълимӣ пешниҳод шуда бошад ҳам, вале масъалагузориҳои ин асар онро аз китобҳои бунёдӣ дар шинохти воҳидҳои фразеологии тоҷик гардонидааст.

Нуктаи ҷолиб ин аст, ки устод Ҳ.Маҷидов бо арҷгузорӣ аз андешаҳои забоншиносии тоҷик эълом медорад, ки “ҳарчанд тадқиқи ҷиддии масъалаҳои ҷудогонаи фразеологияи тоҷик дар даҳсолаҳои охир шуруъ шудааст, ин соҳаи забоншиносии мо таърихи қадима дорад. Дар аввалин луғатҳое, ки то замони мо расидаанд, баробари калимаҳо воҳидҳои фразеологӣ низ шарҳу эзоҳ дода мешуданд” [37, с.5].

Бо илҳом аз ин таъкиди устод Ҳ.Маҷидов, мо асарҳои забоншиносии арабро, ки бештар зодаи зеҳни донишмандони форсу тоҷиканд, сафҳагардонӣ намуда, ба ин воқеият расидем, ки донишмандони гузаштаи мо ба падидаи мазкури забонӣ ва ба хусусиятҳои семантикиву сохтории он ошноӣ доштаанд. Барои таъйиди ин гуфтор, метавон чанд намунае овард. Масалан, Қудома ибни Ҷаъфар (ваф.337 ҳ) истилоҳи тамсилро ба маънои фразеология истифода карда мегӯяд: “Тамсил навъест, ки ба маъное далолат мекунад, ки калимоти таркиби он ба он далолат наменамояд. Маҳз ин калимот намунаи маъноест, ки ба он ишора ва таъбир карда мешавад. Чунончи, вақте Марвон ибни Муҳаммад аз байъат ба Ибни Валид худдорӣ кард, Ибни Валид ба ӯ чунин навишт: “ أما بعد، فإني أراك تقدم رجلا وتؤخر أخرى. فإذا أتاك كتابي هذا فاعتمد على أيتهما شئت. والسلام" ”. (Тарҷумаи таҳтуллафзӣ: Аммо баъд, ман

мебинам, ки ту пойе пеш ва пойи дигар ба қафо мегузорӣ. Вақте ин мактуби ман ба ту расид, пас, ба яке аз ин ду эътимод кун. Саломат бош. Тарҷумаи озод: Аммо баъд, туро дар байъат дудила мебинам, вақте мактуб расид, мавқеатро мушаххас намо). Дар илова Қудома мегӯяд, ки агар ин суханро (Марвон) ба таъбири дигар мегуфт, масалан, дар байъати ман таъхир карда истодаӣ, биёву байъат намо, бе шак маънои болоро ифода карда наметавонист. Ин аз маониест, ки дар балоғати сухан ба он ниёз аст ва ҳеҷ шоиру суханваре аз он бениёз буда наметавонад [377, с.7-8].

Донишманди дигари тоҷикзабони арабинигор Абуҳилоли Аскарӣ аз воҳидҳои фразеологӣ бо ду истилоҳ: “амсол” ва “мумосала” ёд кардааст. Аз ҷумла, дар китоби “Ҷамҳарат-ул-амсол” аз ибораҳои ибн-ул-айём (таҳтуллафзӣ: фарзанди рӯзгор; маъно: ботаҷриба) [386, с.26], абад-ул-абид (ҳаргиз) [386, с.135] ва ғ. бо истилоҳи амсол ёдовар шудааст. Вале дар “Китоб-ус-синоатайн” вожаи мумосаларо ҳамчун ифодагари воҳидҳои фразеологӣ истифода карда, дар таърифи он гуфтааст, ки мумосала он аст, ки гӯянда аз ибораву таъбир ҳамонеро дар назар дорад, ки худ мехоҳад, ба монанди فلان نقي الثوب (таҳтуллафзӣ: фалонӣ ҷомапок аст; маъноӣ: фалони поку беайб аст) [138, с.364]. Ба таъкиди ин донишманд, ҳарчанд маънои таъбири نقي الثوب аз ду калима: نقي- пок, тоза, беолоиш ва الثوب – ҷома таркиб ёфтаву ифодагари покҷома=ҷомаи пок ҳам бошад, вале мақсуд ин маъно нест, балки маъно орӣ аз айб аст ва нияти гӯянда аз ин таъбир низ ҳамин маъност, на он маъное, ки аз иҷтимои ду калима бармеояд. Ҳамзамон, Абуҳилоли Аскарӣ таъбирҳои дигареро, аз қабили طاهر الجيب، طيب الحجزة، رحب الذراع، дар зери фасли “Мумосала” [138, с.364-365] овардааст.

Ибни Форис аз донишмандони дигари форсу тоҷик аст, ки истилоҳи амсолро ҳамчун муодили воҳидҳои фразеологӣ ба кор бурдааст. Чунончи, мавсуф дар муқаддимаи китоби “Мутахайир-ул-алфоз” мегӯяд: “Ин китоборо ба равиши олӣ ва дараҷаи олӣ таълиф

карда, бобҳояшро калимаҳои осон интихоб кардаму онро бо таъбирҳои масалгуна ба охир расонидам” [373, с.43-44].

Дар китоби “Симор-ул-қулуб фи-л-музоф ва-л-мансуб” Саолабӣ бештари таъбиротеро, ки дар шакли музоф омадаву дар назму наср ба таври васеъ истифода мешавад, гирдоварӣ намудааст. Ба таври намуна метавон таъбирҳои зерин: جلد النمر[382, с.399], أوتاد الأرض[382, с.514] ва سرة الأرض [382, с.515]-ро овард, ки ҳар якеро муаллиф, чи аз нигоҳи корбурдӣ ва чи аз нигоҳи хостангоҳ, шарҳу тавзеҳ додааст. Масалан, дар шарҳи ибораи جلد النمر овардааст: аз амсоли араб аст, ки дар мавриди ошкор кардани душманӣ гуфта мешавад [382, с.399]. Воқеан, таъбирҳои овардаи Саолабиро метавон имрӯз ҳамчун воҳидҳои фразеологии номӣ, ки аслан бо роҳи изофа таркиб меёбанд, ба қалам дод.

Ҳарчанд дар фарҳангҳои ба забони арабӣ таснифшуда, аз «Китоб-ул-айн»-и Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ сар карда ба баъд ба воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун таъбирҳои устувор таваҷҷуҳ намуда бошанд ҳам, вале дар таърихи забоншиносии араб фарҳанги махсусе, ки бевосита фарогири ин падидаи забонӣ бошад, дастрас нест. Дар байни фарҳангҳои арабӣ то ҷойе метавон «Асос-ул-балоға»-и Замахшариро ҳамчун асари фарогири воҳидҳои фразеологии арабӣ унвон кард. Вале мисли бештари асарҳои донишмандони арабинигори гузаштаи форсу тоҷик дар ин асар низ байни воҳидҳои фразеологӣ ва зарбуламасалҳо марз гузошта нашудааст [381].

Ҳамзамон бо ин, ба қалами ин донишманди тоҷик аввалин фарҳанги забони арабӣ-тоҷикӣ: «Муқаддимат-ул-адаб» тааллуқ дорад. Дар ин фарҳанг дар баробари вожаҳои алоҳида боз чандин таъбирҳои фразеологие оварда шудааст, ки аз ҷониби мусанниф на бо маънои таҳтуллафзӣ, балки бо муодилёбиву маънои луғавӣ тарҷума карда шудаанд. Масалан, дар тарҷумаи таъбири «ضرب على الأرض», ки тарҷумаи таҳтуллафзии он «зад бар замин» аст ва дар зеҳн низ нахуст ҳамин маъно мерасад, Замахшарӣ муодилҳои зеринро гузоштааст: «бирафт дар замин,

сафар кард аз барои ёфтани рӯзӣ, бирафт дар пайи рӯзӣ ёфтан» [380, с.5], ки на тарҷумаи таҳтуллафзию луғавӣ, балки муодили пурраи фразеологии он маҳсуб мешаванд. Ё худ таъбири «قطب بين عينيه»-ро ба гунаи «рӯй турш кард, шиканҷ афканд миёни ду абру, чеҳра дар ҳам кашид, абрувон дар ҳам кашид, ғунда кард дар миёни ду чашм, миёни ду чашмаш ғунд кард» [380, с.7] тарҷума намудааст. Намунаҳои мазкур ҳокӣ аз он аст, ки Замахшарӣ дар шинохти воҳидҳои фразеологӣ огоҳии комиле доштааст.

Аз таҳлили масъала маълум гардид, ки дар мавриди воҳидҳои фразеологӣ на фақат забоншиносони арабинигори форсу тоҷик, балки донишмандони улуми дигар низ таваҷҷуҳ доштаанд. Чунончи, аз Ибни Халлоди Ромҳурмузӣ (ваф. 360 ҳ/971 м) ҳикоят мешавад, ки дар осори ба илми ҳадис бахшидаи худ ба воҳидҳои фразеологии дар зимни аҳодиси набавӣ омада ишора кардааст [277, с.26]. Гузашта аз ин, дар кутуби тафсир муфассирон ба воҳидҳои фразеологии қуръонӣ ишора кардаанд.

Нуктаи ҷолиб ин аст, ки дар забоншиносии араб маҳз донишмандони арабинигори форсу тоҷик ба масъалаи воҳидҳои фразеологӣ ва хусусиятҳои он дар забони арабӣ таваҷҷуҳ ва дар шарҳу тавзеҳи он талош намудаанд. Аз ин бошад, метавон чунин хулоса баровард: а) воқеан, донишмандони форсу тоҷик, ки дар масоили забонии забони арабӣ таълифу тасниф кардаанд, аз нубуғати вижаи забондонӣ бархӯрдор будаанд; б) баид нест, ки чунин донишмандон аз хусусиятҳои забонии забони модарии худ низ огоҳии комил доштаанд ва маҳз ҳамин онҳоро дар шинохти воҳидҳои фразеологии забони арабӣ мусоидат намудааст; в) шояд ба масобаи забони модарии ин донишмандон набудани забони арабӣ муҷиб гаштааст, то ба ҳар таъбире мӯшикофона диққат намоянд.

Хулоса, омӯзиши чигунагии баррасии воҳидҳои фразеологӣ дар осори донишмандони арабинигори форсу тоҷик ба мо мусоидат менамояд, ки аз як тараф, саҳми назарраси ин донишмандонро дар забоншиносии араб ба тасвир кашем, аз тарафи дигар, андешаҳои

онҳоро дар шинохти хусусиятҳои воҳидҳои фразеологӣ мавриди корбурд қарор диҳем.

2.5.Омӯзаҳои забоншиносӣ дар фарҳангномаҳои арабӣ

Робитаи фарҳангнигорӣ бо дастури забон робитаи зичу ногусастанӣ мебошад, хусусан, дар забони арабӣ пайванди ин ду бештар ба назар мерасад. Ба ин гуна ки фарҳангнигори муваффақ дар забони арабӣ ҳамон фарҳангнигорест, ки аз қоидаву қонуни сарфию наҳвии забон ба хубӣ огаҳӣ дошта бошад. Ҳамин аст, ки дар таърихи забоншиносии араб ҳар нафаре, ки фарҳанг нигоштааст, аслан, наҳвӣ будааст. Дар баробари ин, асари ҳар наҳвиеро, ки бихонем, эҳсос менамоем, ки донандаи хуби забон ва луғавӣ будааст. Ба ибораи дигар, дар забоншиносии араб ҳама наҳвиён луғавӣ ва ҳама луғавиён наҳвӣ будаанд. Масалан, Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ дар баробари аввалин фарҳангнигори араб будан боз аввалин нафаре ба шумор меравад, ки масоили сарфию наҳвӣ ва балоғиро тобиши илмӣ додааст. Ё худ Сибавайҳ дар «Китоб» - нахустин таълифи комил дар наҳви арабӣ, ба паҳлуҳои гуногуни сохторию луғавии калимаҳо, ки аслан вижаи фарҳангнигорӣ аст, ишора кардааст. Ҳамзамон, бузургтарин наҳвиёни араб, чун Кисоӣ, Ахваши Авсат, Фарро, Асмаӣ, Мубаррид, Ибни Форис, Замахшарӣ ва ғ. сермаҳсултарин донишмандон дар таълифу таснифи фарҳангҳои гуногунҳаҷму гуногунмавзуи арабӣ ба шумор мераванд. Ба ин монанд, машҳуртарин фарҳангнигорони араб, чун Абуисҳоқи Форобӣ, Ҷавҳарӣ, Фирӯзободӣ ва ғ. чандин таълиф дар сарфу наҳвӣ арабӣ доранд. Бад-ин тартиб, метавон гуфт, ки дар таърихи забоншиносии араб донишмандоне, ки сирф луғавӣ ба дур аз наҳв бошанд ва ё сирф наҳвие, ки аз масоили луғавию фарҳангнигорӣ огоҳ набошад, вуҷуд надорад[43]. Ба қавли Аҳмад Камол Закӣ, воқеият ин аст,

[43] Ҳарчанд Абубакри Зубайдӣ дар «Табақот-ун-наҳвийин ва-л-луғавийин» донишмандони мактабҳои забоншиносии Басраву Куфаро аз нигоҳи наҳвӣ ё луғавӣ будан табақабандӣ карда бошад ҳам, вале Ҷалолиддини Суютӣ дар «Буғят-ул-вуот

ки мо ҳаргиз наметавонем наҳвро аз луғат ҷудо созем. Донишмандоне, ки ба наҳв машғул мегаштанд, маҳз онҳо донишмандони луғат буданд [150, с.179]. Суютӣ аз Абдуллатифи Бағдодӣ ҳикоят мекунад, ки гуфта: «Бидон, ки кори луғавӣ ин аст, ки он чи араб гуфтааст, гирдоварӣ кунад, вале аз он нагузарад. Аммо кори наҳвӣ ин аст, ки ба он чи луғавӣ нақл кардааст, сару кор гирад ва ба он қиёс намояд. Луғавию наҳвӣ ба монанди муҳаддису фақеҳанд. Кори муҳаддис ба шакли пурра овардани ҳадис аст, сипас онро фақеҳ мегираду ба он сару кор менамояд ва иллатҳоро дар он баррасӣ мекунаду ҳамгунҳоро дар он қиёс менамояд» [253, с.59]. Ба таъбири дигар, агарчи наҳвӣ кори худро аз он ҷойе оғоз мекунад, ки луғавӣ корашро анҷом додааст [237, с.311], вале луғавиро лозим аст, ки ҳамеша қоидаҳои сарфию наҳвиро дар мураттабсозии фарҳанг пеши назар дошта бошад. Ба ҳамин хотир аст, ки Ҳамзаи Исфаҳонӣ дар муқаддимаи китоби «Ад-Дуррат-ул-фохира фи-л-амсол-ис-соира», ки масалҳои ба вазни сифати муқоисавӣ «أفعلُ من» овардааст, сараввал такя ба китобҳои наҳвӣ дар бораи сиғаи тааҷҷуб «ما أفعلَ» ва сохтори сифати муқоисавии арабӣ «أفعلُ من» сухан ронда, сипас мегӯяд: «Қиёси наҳвиён ва маҷози луғавиёнро дар ин ҷо барои он овардам, ки то ягон нафаре ба намунаи масале, ки аз қиёс берун аст, такя ба қиёси наҳвӣ нуктагирӣ нанамояд. Зеро дар бархе масалҳо неруи тавсеаравандагон дар маҷози луғат ва раводонандагони гуфтори табиии арабҳо дида мешавад»[196, с.59]. Аз ин гуфтори муаллиф метавон хулоса кард, ки Ҳамзаи Исфаҳонӣ дар баробари ороста будан ба донишҳои сарфу наҳви арабӣ боз ба хубӣ медонад, ки бархе масалҳои арабиро наметавон дар чорчӯби қоидаҳои қиёсии наҳвиён ҷо намуд, дар ҳоле ки сирф арабиянду аз ҷониби арабҳои асил гуфта шудаанд. Аз ин рӯ, қоидаи наҳвиро муқаддам меорад, то бо бархӯрд ба ин гуна масалҳо муаллиф/мусаннифро ба бехабарӣ аз қоидаву қонунҳои сарфию наҳвӣ муттаҳам насозанд.

фи табақот-ил-луғавийин ва-нуҳот» бе табақабандӣ ва беҷудонамоии луғавӣ аз наҳвӣ дар бораи рӯзгори забоншиносони араб маълумот додааст.

Дар ин ҷо метавон дар бораи қайдҳои дастурии аввалин фарҳанги мукаммали забони арабӣ – «Китоб-ул-айн»-и Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ сухан гуфт, чаро ки чунин қайдҳо ба унвони аввалин масъалагузориҳои марбут ба наҳву сарфи арабӣ шинохта шудаанд[44].

Омӯзиши «Китоб-ул-айн» дар шинохти масоили забоншиносии араб ва ҳатто дар робита ба таърихи наҳв ишора ба он менамояд, ки ин асар дар забоншиносии араб аз нахустин ва муътамадтарин сарчашма ба шумор меравад. Чунончи, дар шарҳи калимаи наҳв омадааст: «наҳв ба маънои қасд намудан ба сӯйи чизест ва ба мо хабар додаанд, ки Абуласвад қоидаҳое арабиро гузошта, ба мардум гуфтааст: ба монанди ин идома диҳед» [396, с.302].

Истилоҳоти зерини наҳвӣ дар «Китоб-ул-Айн» омадааст: «танвин [393, с.51], ҷаҳд [393, с.445], ҷар [395, с.204], ҳуруф-ул-ҷазо [395, с.358], ҳуруф-ун-насақ [398, с.218], сила [397, с.86], насб [394, с.43], наът [394, с.83] ва ғ. Нуктаи мазкур ишора ба он менамояд, ки ҳанӯз пештар аз таълифи «Китоб»-и Сибавайҳ забоншиносии араб шакл гирифта будааст, чаро ки шарҳи таърифгунаи истилоҳии калимот аз ҷониби Халил ибни Аҳмади Фароҳиди ифодагари он аст, ки аллакай, дар оғози асри дувуми ҳиҷрӣ наҳв-забоншиносии араб, ҳамчун илми алоҳида ва дорои истилоҳоти хос шинохта шуда будааст. Масалан, бахши муқаддимавии «Китоб-ул-айн», ки ба таъкиди бештари муҳаққиқон ба Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ тааллуқ дорад ва ё ҳадди ақал аз матни китоб сарчашма мегирад, фарогири муҳимтарин қоидаҳо дар робита ба бахши махориҷи ҳуруфи забони арабӣ, чандӣ ва чунии вожаҳои арабӣ, инчунин, чигунагии роҳҳои шинохти калимаҳои асил аз калимаҳои иқтибосӣ ба шумор меравад. Чунончи, Халил ибни Аҳмад нахуст дар таърифи ҳарфҳои нукизабонӣ ва лабӣ мегӯяд: «Бидон, ки ҳарфҳои нукизабонӣ ва лабӣ шаштост: ر, ل, ن, ف, ب ва م…» [393, с.51]. Сипас соҳиби «Китоб-ул-айн» ба тавсифи махраҷ ва тарзи талаффузи ин ҳарфҳо

[44] Дар таърихи забоншиносии тоҷик низ нахустин қайдҳои дастурии забони тоҷикӣ дар зимни фарҳангномаҳо ворид гардидааст [ниг.60, с.69-81]

пардохта, пасон мегӯяд: «Агар калимаи чор ё панҷҳарфае аз ҳарфҳои нукизабонӣ ва лабӣ орӣ бошад ва дар он калима як, ду ё зиёда аз он аз ин ҳарфҳо набошад, пас, бидон, ки чунин калимае наввожаву ғайриарабист. Зеро аз каломи араб ҳеҷ калимаи чор ё панҷҳарфаеро нахоҳӣ ёфт, ки як, ду ё зиёда аз ин ҳарфҳои нукизабонӣ ё лабиро дар худ надошта бошад» [393, с.52].

Илова ба шарҳи истилоҳоти наҳвӣ дар фарҳанг масоили дастурии забони арабӣ низ мавриди таҳлилу таъкид қарор гирифтааст. Чунончи, ҳангоми шарҳи калимаи «فوق» дар робита ба омили рафъномои мубтадову хабар Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ мегӯяд: «фавқ зидмаъноии таҳт буда, он ҳам зарф ва ҳам исм аст. Вақте ба вазифаи зарф бошад, онро мансуб мегардонӣ. Чунончи, мегӯӣ: تحتَ عبدِ الله وفوق زيد . Дар ин ҷо (فوق) насб омадааст, чаро ки зарф аст. Агар онро исм гардонӣ, онро дар ҳолати марфуӣ меорӣ ва мегӯӣ: фавқуҳу раъсуҳу. Дар ин ҷо рафъ аст, чаро ки он ба маъноии раъс аст. Ин ду (воҳиди синтаксисӣ)-ро аз таъсири ҳамдигарӣ марфуъ сохтаӣ» [397, с.224]. Дар ин ҷо соҳиби фарҳанг ба яке аз баҳсбарангезтарин масоили наҳви арабӣ - ангезаи марфуъ омадани мубтадову хабар ишора намуда, марфуияти онҳоро аз таъсири якдигарӣ унвон мекунад.

«Китоб-ул-айн» бинобар фарогирии таърихияти вожаҳо, чи вожаҳои арабӣ ва чи вожаҳои муарраби форсии тоҷикӣ, назди пажуҳишгарон аз аҳамияти волое бархӯрдор аст, чаро ки дар баррасиҳои таърихӣ манобеъ ҳар чи қадимтар бошанд, асолати бештаре доранд. Аз ин зовия арзиши таърихии «Китоб-ул-айн» аз ҳама фарҳангҳои баъдӣ бештар аст. Бад-ин гуна ки мумкин аст, «Лисон-ул-араб» ба ҳайси фарогирии калимоти форсии тоҷикӣ ҷузъи барҷастатарин ва беҳтарин фарҳангҳои классикӣ бошад, аммо дар баррасии таърихӣ ҳамин манбаи арзишманд дар муқоиса ба «Китоб-ул-айн» дасти дувум ба ҳисоб меравад, яъне манбае, ки матолиби худро аз манобеи дасти аввал, аз ҷумла аз «Китоб-ул-айн» иқтибос кардааст [218, с.110]. Масалан, соҳиби «Китоб-ул-айн» дар шарҳи вожаи ҳандаса мегӯяд: «муҳандис: нафаре, ки

равиши корез ва ҷойе, ки канда мешавад, чен ва муайян менамояд. Ин калима баргирифта аз ҳандазаи форсист ва дар он «ز» ба «س» табдил дода шудааст, зеро дар каломи араб баъди «د» ҳаргиз «ز» намеояд [395, с.120]. Дар ин ҷо соҳиби фарҳанг на фақат ба форсӣ будани ин вожа ишора мекунад, балки ба асли форсии он ишора карда, сабаби тағйир ёфтани ҳарфи онро дар забони арабӣ баён намудааст. Воқеан, чунин тафсири соҳиби фарҳанг, аз як тараф, арзиши этимологӣ дошта, аз тарафи дигар, аз хусусияти вожаҳои арабӣ, пас аз ҳарфи «د» наомадани «ز» ва ба «س»-и арабӣ табдил шудани «ز»-и форсӣ шаҳодат медиҳад.

Дар ҷойи дигар соҳиби фарҳанг калимаи форсиро оварда, танҳо ба иқтибосӣ будани он ишора мекунад. Чунончи, дар тафсири калимаи банд овардааст: «банд калимаи ғайриарабист. Мегӯянд: фалонӣ бандҳои бисёр дорад, яъне ҳиллаҳои бисёр дорад. Банд, инчунин, ифодагари парчамҳои сарлашкар аст ва таҳти ҳар банд даҳ ҳазор нафар (каму беш) қарор мегирад. Гуфтаанд: Эй соҳиби парчаму бандҳо [398, с.52].

Тибқи ишораи пажуҳишгарон дар «Китоб-ул-айн» 52 калимаи форсии тоҷикӣ оварда шудааст, ки ин, аз як тараф, ишора ба робитаи пешазисломии арабу форс намуда, аз тарафи дигар, аз таъсирпазирии забони арабӣ аз забони форсии тоҷикӣ дарак медиҳад.

Хулоса, «Китоб-ул-айн»-и Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ аз нахустин фарҳангномаҳои арабие мебошад, ки дар он талош шудааст, то вожаҳои арабӣ бо тартиби овоӣ оварда шуда, барои таъйиди маъно байте ва ё қавле ҳамчун шоҳид зикр гардад. Ҳарчанд соҳиби фарҳанг бештар ба маонии калимаҳои ношинохтаву душворфаҳм таваҷҷуҳ намуда бошад ҳам, вале тавониста, ки барои фарҳангнигорони ояндаи арабизабон низоми хуби гирдоварии вожаҳову таъбирҳоро замина гузорад. Арзиши асосии ин фарҳангнома дар он хулоса мешавад, ки дар он Халил ибни Аҳмад танҳо ба овардани шарҳу тафсири маонии вожаҳо қаноат накарда, балки саъй намудааст, то ба гунае ҳар вожаеро аз нигоҳи овоӣ, сохторӣ, наҳвӣ, балоғӣ, ҳамнишинӣ бо дигар вожаҳо, аз

ҷиҳати асолату иқтибосӣ ва этимологӣ баррасӣ намояд. Ҳамин аст, ки асари мазкурро метавон дар саргаҳи ҳама бахшҳои илми забоншиносии араб қарор дода, Халил ибни Аҳмади Фароҳидиро асосгузори мактабҳои забоншиносӣ, бунёдгузори фарҳангнигорӣ ва муассиси илми балоғати арабӣ унвон кард.

Қайдҳои забоншиносӣ дар фарҳангҳои таълифу таснифкардаи донишмандони арабинигори форсу тоҷик. Фарҳангҳои арабии аз ҷониби донишмандони форсу тоҷик таълифшуда саршор аз омӯзаҳои сарфию наҳвӣ мебошанд, ки ин аз огоҳии онҳо аз ин донишҳои забонӣ дарак медиҳад. Масалан, соҳиби «Таҳзиб-ул-луғат» дар мавриди шакли хурдӣ-навозишии вожаи «أُم» мегӯяд: «Бархе дар шакли хурдӣ-навозишии вожаи «أُم»-ро ба шакли «أُمَيْمَة» мешуморанд, дар ҳоле ки шакли дуруст «أُمَيْهَة» мебошад, чун ҳангоми тасғир он ба шакли асосии калима бармегардад. Нафаре, ки «أُمَيْمَة» мегӯяд, онро такя ба лафзаш тасғир кардааст ва маҳз инҳо «أُمَّات» мегӯянд»[385, с.630][45]. Масъалаи баррасишуда сирф масъалаи сарфӣ мебошад.

Таҳлилҳои наҳвии Азҳарӣ нисбат ба мавқеи синтаксисиси ин ё он калима дар зимни ҷумла ва ё чигунагии корбурди наҳвии ҳиссачаҳо дар фарҳанг бисёр ба назар мерасад. Аз ҷумла, мавсуф дар робита ба ҳиссачаи «لن» дар баробраи чигунагии сохтори он ба хусусиятҳои наҳвии он ишора карда мегӯяд: «наҳвиён мегӯянд, ки «لن» феъли замони ояндаро мансуб мегардонад ва дар мавриди иллати насбнамоии он ихтилофи назар доранд. Чунончи, Абуисҳоқ аз Халил дар ин бора ду қавлро нақл мекунад: а) монанди «أن» насб мегардонад, вале мо баъдаш силаи он нест, зеро «لن» шакли инкории «سيفعل» буда, мо баъдаш (метавонад –И.К.) бар он муқаддам оварда шавад, ба монанди: «زيداً لن أضرب» чунончи, мегӯӣ: «زيداً لم أضرب». Сибавайҳ аз Халил ривоят мекунад, ки асли «لن» «لا أن» аст,

[45] Азҳарӣ шакли асосии «أُم»-ро «أُمة» медонад ва ҳарфи «ة»-ро дар он ба мисли «أ» ва «م» аз ҳуруфи аслӣ мешуморад, аз ин рӯ, вақти тасғири он на ба вожаи «أم», балки ба «أمة» таваҷҷуҳ менамояд. Ҳамзамон, ин донишманд ишора месозад, ки калимаи «أم» агар ба инсон далолат кунад, пас, ба шакли «أُمهات» ва агар ба ғайриинсон ишора кунад, пас, ба гунаи «أمات» ҷамъбандӣ карда мешавад [385, с.630].

аммо ба хотири сабукӣ дар он ҳазф сурат гирифтааст. Мегӯяд: Сибавайҳ чунин мешуморад, ки агарчи ин гуна аст, вале он хуб нест. Ҳарчанд ин дар мазҳаби Сибавайҳ аз Халил ва ҳама наҳвиёни басрӣ ҷоиз мебошад. Ҳишом мегӯяд, ки Кисоӣ низ ин гуна сухани шозро аз Халил ривоят кардааст, вале на Сибавайҳ ва на асҳобаш ба он эътино накардаанд» [385, с.332].

Баҳси муфассали наҳвии ин донишманд дар дар мавриди зарфи «كم» низ бисёр ҷолиб аст, чун дар як саҳифаи фарҳанг танҳо сухан аз хусусиятҳои наҳвии он меравад. Ҳамзамон, мисраи машҳури Фараздақ: كم عمة لك يا جرير وخالة-ро дар се ҳолати эъробӣ: рафъ, насб ва ҷар оварда, барои ҳар се маврид таъвил овардааст [384, с.465-466].

Ҷойи дигар Азҳарӣ аз музмар овардани музофун илайҳ (муайянкунанда) сухан дар миён мегузорад: «Худованди азза ва ҷалла гуфтааст: «ذلك دين القيمة». Абулаббос ва Мубаррид гуфтаанд: Ин ҷо музмар сурат гирифтааст, мақсад дар ин ҷо «دين الملة القيمة» аст, яъне «قيمة» сифати мавсуфи маҳзуф - «الملة» аст. Фаро гуфтааст: «Ин ҷо бинобар ихтилофи ду калима изофа сурат гирифтааст». Мегӯям: «Гуфтор ҳамонест, ки Абулаббосу Мубаррид гуфтаанд» [384, с.359].

Дар ин ҷо дар баробари таҳлили наҳвии ибораи изофӣ ва овардани суханони наҳвиёни пешин дар бораи он боз Азҳарӣ сухани Абулаббос ва Мубарридро бар сухани Фарро тарҷеҳ медиҳад, ки ин аз андешаҳои таҳқиқии наҳвӣ доштани ӯ дарак медиҳад.

Дар «Тоҷ-ул-луғат ва сиҳоҳ-ил-арабия»-и Ҷавҳарӣ низ мо ба таҳлилҳои сарфию наҳвии зиёде рӯбарӯ мешавем. Аз ҷумла, аз таҳлилҳои сарфии Ҷавҳарӣ ин чигунагии ҷамъбандӣ ва сифати нисбӣ сохтани исмҳои хоси ғайриарабии Исо ва Мусо мебошад. Ӯ мегӯяд: «Исо номи ибронӣ ё сурёнист ва ҷамъаш «العيسَونَ» бо фатҳи «س» аст ва «مررت بالعيسَيْنَ» ва «رأيت العيسَيْنَ». Куфиҳо замми «س»-ро пеш аз «و» ва касри онро пеш аз «ي» ҷоиз шуморидаанд, вале басриҳо инро ҷоиз намедонанд ва мегӯянд: вақте алиф бинобар иҷтимои ду сокин аз байн меравад, «س» ба гунае ки

пештар буд, мафтуҳ боқӣ мемонад, сарфи назар аз ин ки алиф аслӣ аст ё ғайриаслӣ. Аммо Кисоӣ байни ин ду: аслӣ ва ғайриаслӣ, фарқ гузошта, дар аслӣ онро мафтуҳ меовард ва мегӯяд: «مُعْطَوْنَ», дар ғайриаслӣ бошад, онро мазмум меовард:عِيْسُوْنَ. Сухан дар мавриди калимаи «موسى» низ ҳамин гуна аст. Сифати инсбӣ дар ин ду ба гунаи зер аст:عيسَويٌّ وموسَويٌّ, «ي» ба «و» табдил меёбад, чунончи, дар «مَرْمِيّ» мегӯӣ:«مَرْمَويّ». Агар «ي»-ро ҳазф кардан хостӣ, мегӯӣ:عِيْسِيّ ومُوْسِيّ бо касри «س», чунончи, дар «مَرْمِيّ» ва «مَلْهِيّ» мегӯӣ» [390, с.955].

Дар шарҳи калимаи «غير» бошад, мо ба таҳлили наҳвии ин донишманд бархӯрд мекунем, ки ба гунаи зер аст: «Ғайр ба маънои сиво буда, ҷамъаш аҒёр аст. Ғайра калимаест, ки ба он ҳам тавсиф карда мешаваду ҳам истисно. Агар бо он тавсиф намоӣ, пас, онро дар эъроби мо қаблаш меорӣ. Аммо истисно кардӣ, ҳамон эъроберо меорӣ, ки пас аз ҳиссачаи илло мегирад. Ин дар суратест, ки асли ғайра сифат аст на истисно. Фарро мегӯяд: «Баъзе аз Бани Асаду Қузоа ғайрро мансуб меоранд, агар ба илло бошад, сарфи назар аз ин ки ҷумла пеш аз он тамом шудааст ё не. Мегӯянд: ما جاءني غيرَك و ماجاءني أحد غيرك- Танҳо ту омадӣ. Ба ғайри ту касе наомад. Гоҳе ғайр ба маънои «إلا» омада, ҳамчун ҳол мансуб карда мешавад»[389, с.776-777].

Ҷойи дигар мегӯяд: «Аммо дар сухани Худованд: « أو جاءوكم حَصِرَتْ صدورُهم» феъли «حضرت»-ро Ахфашу куфиҳо ҳол шуморидаанд, чун ба ақидаи онҳо феъли замони гузашта метавонад, ба вазифаи ҳол ояд, дар ҳоле ки Сибавайҳ инро танҳо бо омадани ҳиссачаи «قَدْ» пеш аз он феъл ҷоиз мешуморад. Аз ин рӯ, Сибавайҳ «حضرت»-ро ҳамчун гунае аз дуо ҳисобидааст» [389, с.631].

Ҳамин гуна муносибат ба таҳлилҳои сарифию наҳвиро дар фарҳангҳои ба амсолу ҳикам бахшидаи донишмандони форсу тоҷик мушоҳида кардан мумкин аст. Чунончи, Абуҳилоли Аскарӣ мегӯяд:

قولهم: إذا جاء الحين حار العين

الحَينُ: الأجل، ويقال له بالفارسية هوش. وحار: تحير. وقال ناظم كتاب كليلة:

ما لقي الناس من الآجال كأنها مصيدة الآمال

ولم يقول هاهنا: حارت العين؛ لتقدم الفعل الفاعل، ولأن الاسم المؤنث الذي لا علم فيه لتأنيث وليس تأنيثه حقيقيا ربما ذكِّر؛ مثل العين والأذن والأرض، وقد قال الشاعر:

والعين بالإثمد الحاريّ مكحولُ

ولم يقل مكحولة .[388, c.118].

(Гуфторашон: Вақте аҷал омад, чашм хира мемонад. Ҳайн аҷал аст ва дар форсӣ онро ҳуш гӯянд. Феъли ҳора ба маънои таҳайяра аст. Нозими китоби «Калила ва Димна» гуфтааст:

Ҳар чи мардум аз аҷал дидаанд, Гӯиё шикоркунандаи орзуҳост.

Дар ин ҷо «حارت العين» гуфта нашуд, зеро феъл пеш аз фоъил омадааст ва боз барои он ки исми занонае, ки аломати занонагӣ надорад ва занонаи ҳақиқӣ нест, гоҳе мардона оварда мешавад. Чунончи, шоир гуфтааст: والعين بالإثمد الحاريّ مكحولُ – Чашм бо сурмаи сиёҳ кашида шудааст. Дар ин ҷо шоир «مكحولة» нагуфтааст). Дар ин ҷо Абуҳилоли Аскарӣ ба қоидаи наҳвие, ки муносибати феълро бо фоъили исми занонаи самоъӣ аз нигоҳи ҷинсият танзим мекунад, ишора мекунад. Тибқи қоида, феъл одатан бо фоъил дар ҷинсият мувофиқат мекунад, вале дар сурати фоъил будани исмҳои занонаи самоъӣ мувофиқат кардани он ҳатмӣ нест.

Хулоса, фарҳангҳои арабӣ сарчашмаи муҳимме дар баррасии масъалаҳои сарфию наҳвии забони арабӣ ба шумор мераванд ва дар тасвир кардани андешаҳои забоншиносони нахустини араб, ки мутаассифона асарҳояшон ба боди фано рафтаанд, беҳтарин сарчашма ба шумор мераванд. Ҳамзамон, такя ба таҳлилҳои овардаи ин фарҳангнигорон ва мавқеъгириашон дар ростои ин ё он масъалаи сарфию наҳвӣ метавон ба гунае то ҷойе мушаххас намуд, ки дар сарзаминҳои ғайриарабӣ андешаҳои кадом мактабҳои забоншиносии арабӣ роиҷтар будаву муаллифони фарҳангҳо тамоюл ба тарҷеҳи мавқеи кадом забоншиносон бештар доштаанд. Масалан, аз таҳлилҳои сарфию наҳвии соҳиби «Сиҳоҳ» метавон ҳадс зад, ки донишманди мазкур бештар тамоюл ба мактаби забоншиносии Куфа доштаву бузургтарин

намояндаи ин мактаб-Фарроро бар ҳама забоншиносони дигар муқаддам мегузорад. Ба ин гуна, ки дар бештари масоил барои таъйид, аз як тараф, маҳз андешаи Фарроро меорад, аз тарафи дигар, ба гунае гуфтори ӯро тарҷеҳ медиҳад. Ин дар ҳолест, ки тамоюли Азҳарӣ ба мактаби забоншиносии Басра бештар эҳсос мешавад, чунончи, мавсуф дар баробари овардани андешаҳои намояндагони мактабҳои гуногуни забоншиносии араб, бештар гуфтори намояндагони мактаби забонишиносии Басраро тарҷеҳ медиҳад.

Дар баробари таҳлилу баррасии фарҳангнигории араб омӯзиш ва баррасии фарҳангномаҳои классикии форсии тоҷикӣ нишон медиҳад, ки онҳо бо фарогирии маълумоти зиёди забоншиносӣ, адабӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ, фалсафӣ ва ғ. хусусияти доиратулмаорифӣ доштаанд, зеро дар онҳо дар баробари инъикос ёфтани инкишофи таърихии лексикаи забони тоҷикӣ боз бисёре аз воқеаҳои таърихию адабие, ки дар мутуни дигар асарҳо роҳ наёфтаанд, шарҳу баёни муфассал дода шудаанд. Фарҳангҳои қадимаи тоҷикиро ҳамчун сарчашмаҳои адабӣ низ истифода кардан мумкин аст Дар фарҳангҳои марҳилаи таърихи луғатсозии Хуросон, ба фарқ аз фарҳангномаҳои арабӣ, инчунин, дар тафовут аз луғатсозӣ дар сарзамини Ҳиндустон ба масоили дастурии забони форсии тоҷикӣ кам таваҷҷуҳ шудааст[46], ки ин, пеш аз ҳама, ба ду иллат оид мешавад: а) дар ин марҳилаи таърихӣ ҳанӯз асаре, ки ҳамгуни «Ал-Муъҷам фи маъоири ашъор-ил-аҷам»-и Шамс Қайси Розӣ бевосита ба масоили дастурии

[46] Вале ин ба маънои ишорае нашудан ба масоили дастурӣ дар зимни фарҳангҳои ин марҳила нест. Масалан, дар «Луғати фурс» ҳарчанд ба таври мустақим ба масоили дастурӣ ишора нашуда бошад ҳам, вале аз зимни ишораҳои муаллиф метавон барҳе шарҳҳои дастургунаро пайдо намуд. Чунончи, дар шарҳи калимаҳои «осо» ва «фом» соҳиби «Луғати фурс» мегӯяд: осо: монанд бувад, чунонки гӯй: шеросову хуросо ва туркосову монанди ин; фом: гуна бошад, чунонки лаълфому дурфом ва монанди инҳо». Аз ин шарҳи соҳиби фарҳанг ба осонӣ метавон хулосагирӣ намуд, ки мавсуф ба нақши калимасозии «-осо» ва «-фом» ҳамчун ду воҳиди калимасоз, ки имрӯз бо пасванди исмсоз ёд мешаванд, ишора намудааст. Ё худ соҳиби «Луғати фурс» дар шарҳи калимаи «афдсито» оварда: «ин лафз калимаест мураккаби паҳлавӣ: афд шигифт бошад ва сито ситоиш». Таҳлили ин калима ва ишора ба мураккабиву мансуб ба забони паҳлавӣ будани он аз ҷониби Асадии Тӯсӣ ишора ба андешаҳои забоншиносӣ ва дастурии ӯ дар зимни фарҳангнома менамояд.

забони форсии тоҷикӣ ишора намояд, ба майдон наомада буд; б) ин фарҳангномаҳо танҳо фарогири вожаҳои ноошнои забон буданд. Аз ин рӯ, шумораи вожаҳои дар ин фарҳангномаҳо тафсиршаванда аз ҳазор то панҷҳазор вожаро дар бар мегирифту тамом. Вале дар фарҳангҳои форсии тоҷикии дар сарзамини Ҳиндустон ба масоили забоншиносӣ, хусусан масъалаҳои дастурии забони форсии тоҷикӣ таваҷҷуҳи зиёде шудааст. Ҳамин аст, ки ин фарҳангҳо ба масобаи сарчашмаҳои асосии инъикоскунандаи андешаҳои забоншиносии классикии мардуми форсу тоҷик шинохта мешаванд.

БОБИ 3. МАКТАБҲОИ ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ ВА МАШҲУРТАРИН НАМОЯНДАГОНИ ФОРСУ ТОҶИКИ ОН

3.1. Мактаби забоншиносии Басра

Дар фаслҳои гузаштаи ин таҳқиқ дар мавриди заминаву ангезаҳои пайдоиш, таъсироти ғайриарабӣ дар шаклгирии ин раванд ва аввалин нафаре, ки тарҳи масоили нахустини забоншиносии араб ба ӯ бармегардад, мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шуд. Дар ин ҷо талош мешавад, то атрофи мактабҳои забоншиносии араб таҳқиқ анҷом дода шавад. Бо гузашти асрҳо дар забоншиносии араб мактабҳои гуногуни илмӣ ба майдон омад, ки намояндагони ҳар яке барои баёну исботи андешаҳои худ ба равишҳои мухталиф далеловарӣ намудаанд. Нахустин мактаби забоншиносии араб, ки қоидаҳои усулии ин илмро поягузорӣ намудаву барои пайдоиш ва ташаккули мактабҳои дигари забоншиносии араб, аз мактаби забоншиносии Куфа то мактаби забоншиносии Андалус, замина гаштааст, мактаби забоншиносии Басра ба шумор меравад.

Таърихнигорони забоншиносии араб ҳамагӣ иттифоқи назар доранд, ки гаҳвораи асосии пайдоиши ин дониш-забоншиносии араб, сарзамини Ироқ мебошад, зеро: а) Ироқ пеш аз кишваркушоиҳои араб сарзамини форсҳо буд ва баъд аз интишори ислом дар он мардуми арабу ғайриараб сукунат менамуданд; б) аз ҳама сарзаминҳои арабнишин дида Ироқ, пеш ва беш аз ҳама, ба хатогуфторӣ гирифтор шуда буд, ки сабаби он ҳамзистии арабу ғайриараб маҳсуб мешавад; в) мардуми Ироқ (ки чи тавре ишора шуд, бештарашон форс буданд) пайванди куҳане бо илму таълиф доштанд, ба гунае машғул шудан ба илму таълиф дар онҳо як чизи ирсӣ буд [331, с.22]. Ва боз мебинем, ки аввалин поягузории илмҳо, хусусан илми забоншиносӣ маҳз дар Басраи Ироқ сурат гирифтааст ва ин тасодуфӣ нест, зеро вақте бо ишораи халифаи дувуми рошидин Умар ибни Хаттоб (р) дар соли 15 ҳ/636 м Утба ибни Ғазвон Басраро ҳамчун урдугоҳ таъсис намуд, бо назардошти заминҳои хуби киштбобу серобӣ ва аҳамияти ҷуғрофӣ доштан аз гӯшаву канори сарзаминҳои

мусулмоннишин мардуми зиёде ба он ҷо кӯч бастанд ва ҳанӯз нимасре аз таъсисаш нагузашта буд, ки ба бузургтарин шаҳрҳои мусулмоннишин табдил ёфт. Басра ба гунае пойтахти Ироқ гардид, қабилаҳои гуногуни арабӣ онро ватани худ интихоб карданду бо сокинони аслии ин диёр-форсҳову набатиҳо ва оромиҳо пайванди зич пайдо намуданд [307, с.128]. Ба ин тартиб, дар як муддати кӯтоҳ Басра аз нигоҳи иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ чунон пешрафте кард, ки ҳатто Яъқубӣ онро шаҳри ҷаҳон, махзани бозаргониву амволи он номидааст. Хуросон бо ҳама паҳнояш дар замони Уммавиён тобеи Басра буду маҳз волиёни он ҳокимони Хуросон буданд [268, с.31].

Гаҳвораи илмҳо гаштани Басра ба омилҳои гуногун рабт дорад. Аз ҷумла, бархӯрди назарраси намояндагони чандин забону фарҳанги он рӯзгор ба пайдоиш ва ташаккули андешаҳои гуногун аз омилҳои асосӣ ба шумор меравад. Ҳамзамон, ба «Ҷундишопур», ки дар он фарҳангҳои форсиву юнонӣ ва ҳиндӣ омӯхта мешуд, наздик будани Басра аз дигар заминаҳои ташаккули улуми гуногун дар он аст. Бешак, Басра дар ин давра резишгоҳи ҳама рӯдҳои ин фарҳангҳо гардида буд. Чунончи, аввалин тарҷумонон дар таърихи ислом маҳз дар ин диёр ба майдон омаданд. Мосарҷвейҳ маҳз дар ҳамин ҷо бо дастури Умар ибни Абдулазиз (р) ба тарҷумаи китобе дар тиб пардохт. Ҳамзамон, Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ, ки форсиро хуб медонисту дар арабӣ устод гашта буд, аз форсӣ ба арабӣ беҳтарин ганҷинаҳои таърихиву адабиро тарҷума кард. Дар Басра боз тарҷумони дигар Ҳунайн ибни Исҳоқ ба сар мебурд, ки Маъмун ҳамсанги китоби тарҷумакардааш ба ӯ зар медод [234, с.87]. Шумораи зиёди мардуми форс, ки бо аз даст рафтани империяи Сосонӣ ҷойгоҳи худро аз даст дода буданд, дар Басра ба корҳои бозургониву лашкарӣ ва таълимӣ-илмӣ машғул мегаштанд. Ба таъкиди таърихнигорон, ҳанӯз дар оғози ислом муҳоҷироне аз Исфаҳон омада дар Басра сукунат мекарданд. Илова бар ин ки Убайдуллоҳ ибни Зиёд соли 54 ҳ 2000 тирандозро аз мардуми Бухоро ба лашкари худ ҷалб кард ва Басраро қароргоҳи эшон қарор дод [364, с.26]. Далели дигар бар

шумораи зиёди мардуми форсу тоҷик дар Басра аз ин ҷо хулоса мешавад, ки дар ин диёр (ҳатто дар Куфа) забони аз ҳама роиҷ забони форсии тоҷикӣ будааст. Юҳан Фук ба ин нукта ишора карда, мегӯяд: «Унсури эронӣ дар Басраву Куфа он қадар неруманд буд, ки ҳатто дар асри аввали ҳиҷрӣ забони форсӣ ҷойгоҳи аввалро касб мекард. Дар Басра номҷойҳое, ки ба номи шахсиятҳо мансуб буд, одатан бо суффикси –он[47] ба охир мерасиданд, ба монанди Муҳаллабон, Уммаятон (мансуб ба Абууммая), Ҷаъфарон (мансуб ба Уммиҷаъфар), Абдураҳмонон, Убайдуллон. Байни рӯдхонаҳои муҳимми Басра метавон ба чунин номҳо бархӯрд: Холидон, Талҳатон. Машҳуртарин намунаи ин боз номи Рабботи Аббодон мебошад. Гузашта аз ин, забони муоширати лашкари сосоние, ки ба арабҳо ҳамроҳ шуданд, сарфи назар аз он ки дар байнашон ҳиндувон буданд, забони форсӣ буд»[364, с.25-26].

Дар баробари шумораи зиёди лашкариёну бозургонон дар Басра теъдоди донишмандони ҳар ришта низ назаррас буд. Чунончи, ҳикояти зерини соҳиби «Табақот-ун-наҳвийин ва-л-луғавийин» ин нуктаро таъйид менамояд: «Абуубайда дар накуҳиши мардуми Басра ҳикоят мекунад, ки вақте зиндагии Назр ибни Шумайл душвор шуд, оҳанги Хуросон намуд. Ба гусели ӯ наздик ба се ҳазор мард, ки ҳама муҳаддису луғавӣ, наҳвию арузӣ ва таърихнигор буданд, баромаданд. Вақте Ибни Шумайл ба Мирбад расид, баргашту ба мардуми Басра гуфт: Ҷудоӣ аз шумо бароям осон нест. Ба Худо савганд, агар ҳар рӯзе як миқдор боқило дар ин ҷо меёфтам, ҳаргиз шуморо тарк намекардам. Абуубайда мегӯяд: Вале аз байни ин ҳама мардум нафаре пайдо нашуд, ки инро ба уҳда бигирад. Ибни Шумайл ба Хуросон рафт ва дар он ҷо доро гашт» [97, с.55].

---

[47] Алӣ Абумукорим мегӯяд: «Аз падидаҳое, ки дур шудани забони муштараки роиҷро дар Басра аз услубҳои арабӣ таъйид мекунад, ин илова намудани алифу нун (-он) ба номи шахсонест, ки деҳа ва наҳр ба ӯ нисбат дода мешавад, ба монанди Талҳатон, ки нисбат ба Талҳа ибни Абурофеъ, Хайратон – нисбат ба Хайра бинти Зумраи Қушайрӣ, Муҳаллабон – нисбат ба Муҳаллаб ибни Абусақлаб ва ғ. дода шудааст. Дар «Муъҷам-ул-булдон» даҳҳо намунаест, ки тавассути алифу нун (-он) нисбат дода шудаанд, на бо ё-и нисбии арабӣ. Илова кардани алифу нун (-он) барои нисбат услуби форсӣ мебошад»[287, с.60].

Маҳз дар Басра аввалин иқдомоти амалӣ ва назарии забоншиносии араб, аз аломатгузориву нуқтагузорӣ то қоидаҳои нахустини қиёсу иллаторӣ ба миён омад. Аз ин рӯ, сухан аз мактаби забоншиносии Басра ин сухан аз оғози пайдоиши забоншиносии араб то имрӯз аст, зеро забоншиносии араб, хусусан бахши наҳвии он дар Басра ба майдон омаду дар он ҷо рушду такомул ёфт [275, с.9]. Ҳарчанд дар заминаву ангезаҳои пайдоиши забоншиносии араб ва аввалин поягузори ин илм ихтилофи назарҳо вуҷуд дошта бошад ҳам, вале дар мавриди макони бамайдоноии он ки Басра аст, на байни донишмандони гузаштаву имрӯзи араб ва на байни шарқшиносону арабшиносони муосир ҳеҷ гуна хилофи назар мавҷуд нест.

Дар мавриди рӯзгор ва осори забоншиносони араб донишмандони гузашта асарҳои зиёде навиштаанд. Аз ҷумла, аввалин асарҳо дар ин риштаро ба Мубаррид, Саълаб, Ибни Абдулмалики Таърихӣ, Ибни Дуруствайҳ, Ибни Имрони Марзбонӣ, Сирофӣ, Зубайдӣ, Маарриӣ ва Анборӣ нисбат медиҳанд [359, с.6-7]. Асарҳои чор донишманди аввалӣ то имрӯз нарасидааст, аз асари Ибни Имрони Марзбонӣ, ки гуфта мешавад, дар 19 ҷилд тасниф шуда будааст, танҳо мухтасари он бо номи «Нур-ул-қабас ал-мухтасар мин-ал-муқтабас» боқӣ мондааст. Асари Сирофӣ–«Ахбор-ун-наҳвийин-ил-басрийин», яке аз муҳимтарин сарчашмаҳо дар шинохти намояндагони мактаби забоншиносии Басра ба шумор меравад. Асари дигаре, ки метавон такя ба он ташаккули забоншиносии араб ва рӯзгору осори намояндагони мактабҳои гузаштаи забоншиносии арабро ба тасвир кашид, ин «Табақот-ун-наҳвийин ва-л-луғавийин»-и Зубайдӣ мебошад. Муаллиф дар ин асар бо таъсирпазирӣ аз китобҳои тарҷумаҳолии ба муфассирону муҳаддисон ва қориёну фақеҳон бахшидашуда намояндагони мактабҳои забоншиносии арабро, бо ҷудо намудани табақаҳои наҳвиён аз луғавиён, овардааст. Аз ҷумла, Зубайдӣ 56 намояндаи мактаби забоншиносии Басраро, ба унвони наҳвиёни Басра дар даҳ табақа ба таври зайл тақсим намудааст: Табақаи аввал: Абуласвад Дуалӣ ва Абдураҳмон ибни Ҳурмуз (2 нафар); Табақаи

дувум: Наср ибни Осими Лайсӣ, Яҳё ибни Яъмур, Анбасаи Фил, Маймуни Акран (4 нафар); Табақаи савум: Ибни Абуакраб (Муовия ибни Умари Дайламӣ) ва Абдуллоҳ ибни Абуисҳоқ (2 нафар); Табақаи чорум: Абуамр ибни Ало, Абусуфён ибн Ало, Ахфаши Акбар (Абдулҳамид ибни Абулҳамид), Исо ибни Умар, Маслама ибни Абдуллоҳ ва Бакр ибни Ҳабиби Саҳмӣ (6 нафар); Табақаи панҷум: Халил ибни Аҳмад, Ҳамод ибни Салама, Юнус ибни Ҳабиб, Яъқуб ибни Исҳоқи Ҳазрамӣ ва Абуосими Набил (Заҳҳок ибни Мухаллад) (5); Табақаи панҷум: Назр ибни Шумайл ибни Хараша, Абумуҳаммад Язидӣ (Яҳё ибни Муборак), Сибавайҳ (Амр ибни Усмон ибни Қанбар), Саъид ибни Масъада Ахфаш Абулҳасан, Абуумар Ҷармӣ (Солеҳ ибни Умар), Алӣ ибни Наср Ҷаҳазмӣ, Муаррич ибни Амр Садусӣ, Муҳаммад ибни Абумуҳаммад Язидӣ, Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абумуҳаммад Язидӣ Абуҷаъфар ва Фазл ибни Муҳаммад ибни Абумуҳаммад Язидӣ Абулаббос (10 нафар); Табақаи ҳафтум: Абуусмон Мозанӣ (Бакр ибни Муҳаммад ибни Усмон), Абуҳотам (Саҳл ибни Муҳаммад Сиҷистонӣ), Риёшӣ (Аббос ибни Фарач), Зиёдӣ, Таввазӣ (Абдуллоҳ ибни Муҳаммад) ва Қутруб (Муҳаммад ибни Мустанир) (6 нафар); Табақаи ҳаштум: Абулаббос Мубаррид (Муҳаммад ибни Язид) ва Боҳилӣ (Абулъало Муҳаммад ибни Абузаръа) (2 нафар); Табақаи нуҳум: Асҳоби Абулаббос Мубаррид: Абуисҳоқ Заҗҗоҷ (Иброҳим ибни Сирӣ ибни Саҳл), Муҳаммад ибни Сарроҷ, Мабрамон (Абубакр Муҳаммад ибни Алӣ ибни Исмоил Аскарӣ), Фазорӣ (Абузаръа Фазорӣ), Ахфаш (Алӣ ибни Сулаймон), Ибни Дуруствайҳ (Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар), Абубакр ибни Абулазҳар, Абубакр Муҳаммад ибни Шуқайри Нахвӣ, Ибни Хайёт (Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Мансур) (9 нафар); Табақаи даҳум: Асҳоби Заҗҗоҷ: Абулфаҳди Басрӣ ва Абулқосим Заҗҗоҷӣ (Абдураҳмон ибни Исҳоқ); асҳоби Ибни Сарроҷ: Абусаъид Сирофӣ (Ҳасан ибни Абдураҳмон ибни Марзубон), Абуалӣ Фасавӣ (Ҳасан ибни Аҳмад ибни Абдулғаффор) ва Алӣ ибни Исои Бағдодии Варроқ; асҳоби Ахфаш Алӣ ибни Сулаймон: Майдамӣ; асҳоби Ибни Дуруствайҳ: Абутоҳир

(Абдуллоҳ ибни Умар ибни Муҳаммад ибни Абуҳошим Муқрӣ), Кирмонӣ ва Абуалӣ (Исмоил ибни Қосими Бағдодӣ) (8 нафар) [97].

Ба таъкиди сарчашмаҳо аз ин 52 нафар наҳвӣ 27 нафари зерин: Абдураҳмон ибни Ҳурмуз [259, с.54], Анбасаи Фил [97, с.29; 328, с.115], Ибни Абуакраб (Муовия ибни Умари Дайламӣ) [97, с.31], Абдуллоҳ ибни Абуисҳоқ [97, с.31; 230, с.23], Исо ибни Умар [97, с.40], Маслама ибни Абдуллоҳ [97, с.45], Ҳаммод ибни Салама [273, с.74], Юнус ибни Ҳабиб [97, с.51], Назр ибни Шумайл ибни Хараша [97, с.55], Абумуҳаммад Язидӣ (Яҳё ибни Муборак) [97, с.61], Сибавайҳ (Амр ибни Усмон ибни Қанбар) [97, с.66], Саъид ибни Масъада Ахфаш Абулҳасан [97, с.72], Абуумар Ҷармӣ (Солеҳ ибни Умар) [97, с.74], Муҳаммад ибни Абумуҳаммад Язидӣ[97, с.76], Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абумуҳаммад Язидӣ Абуҷаъфар [97, с.83], Фазл ибни Муҳаммад ибни Абумуҳаммад Язидӣ Абулаббос [97, с.86], Абуусмон Мозанӣ (Бакр ибни Муҳаммад ибни Усмон) [97, с.87], Абуҳотам (Саҳл ибни Муҳаммад Сиҷистонӣ) [97, с.95], Риёшӣ (Аббос ибни Фарач) [97, с.97], Таввазӣ (Абдуллоҳ ибни Муҳаммад) [97, с.99], Қутруб [97, с.99], Мабрамон (Абубакр Муҳаммад ибни Алӣ ибни Исмоил Аскарӣ)[358], Ибни Дуруствайҳ (Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар) [97, с.116], Ибни Хайёт (Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Мансур) [89, с.185], Абулқосим Заҷҷоҷӣ (Абдураҳмон ибни Исҳоқ) [307, с.173], Абусаъид Сирофӣ (Ҳасан ибни Абдураҳмон ибни Марзбон) [97, с.119], Абуалӣ Фасавӣ (Ҳасан ибни Аҳмад ибни Абдулғаффор) [97, с.120] донишмандони ғайриарабанд. Чунончи, бештарашон ҳамчун маволии ин ё он хонаводаву қабилаи арабӣ шинохта шудаанд. Масалан, дар мавриди Абдуллоҳ ибни Абуисҳоқ таъкид мешавад, ки ӯ мавлои Оли Ҳазрамӣ аст [97, с.31], ё худ Абулфазл Аббос ибни Фарач Раёшӣ ба унвони мавлои Муҳаммад ибни Сулаймони Раёшӣ ёд мешавад [89, с.152-153]. Дар мавриди арабиасил ё мавло будани бархе дигар ихтилофи назар аст. Масалан, мансубияти Абумансури Мозанӣ ба Бани Мозин мавриди ихтилоф аст, бархе онро бевосита аз ин қабила медонанд, дар ҳоле ки бархе дигар ӯро мавлои ин

қабила мешуморанд [213, с.17]. Аммо дар мавло будани Юнус ибни Ҳабиб байни таърихнигорон ихтилоф нест, балки ба кадом миллат мансуб будани ӯ мавриди баҳс аст. Масалан, К.Броккелман мегӯяд: «Юнус ибни Ҳабиб дар Ҷаббул – деҳае дар қисмати болоии Даҷла, байни Бағдоду Восит таваллуд шудааст. Мусаннифи «Мафохир-ул-аҷам» гумон кардааст, ки ӯ аҷамӣ (форс – И.К.) аст, шояд ӯ Ҷаббулро Ҷибол (Medien) хондааст, дар ҳоле ки мумкин аст, Юнус ибни Ҳабиб аз набатиёни оромӣ бошад» [307, с.130]. Донишманди араб Ҳусайн Нассор эҳтимолияти набатӣ будани Юнус ибни Ҳабибро рад наменамояд, вале бо овардани қиссаҳои зиёд дар ин мавзуъ мегӯяд, ки «аз ин ҳама гуфтор ба хотири кас мерасад, ки ӯ форсиюласл аст» [193, с.8].

Аммо дар робита ба форсу тоҷик будани Назр ибни Шумайл ибни Хараша [97, с.55], Саъид ибни Масъада Ахфаш Абулҳасан [97, с.72], Сибавайҳ ва Ибни Хайёт ҷойи тардид нест, чун дар ҳама сарчашмаҳои таърихӣ ба миллият ва зодгоҳи онҳо бевосита ишора шудааст. Масалан, дар бораи Абубакр Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Мансур машҳур ба Ибни Хайёт таъкид мешавад, ки ӯ аз мардуми Самарқанд буд ва ба Бағдод омад [89, с.185]. Ё Назр ибни Шумайл ибни Харашаро ба Марв [97, с.55] ва Саъид ибни Масъада Ахфаш Абулҳасан ба Балх [97, .с.72] мансуб медонанд.

Метавон гуфт, ки аз далелҳое, ки ба ғайриараб будани ин 27 донишманд далолат мекунад, ин зикр наёфтани насабнома ва ношинохта будани аҷдоди онҳо мебошад. Чи тавре Ибни Форис мегӯяд: «Ҳифзи насаб хоси араб аст ва ҳеҷ миллате ба монанди араб ба насаб таваҷҷуҳ накардааст» [359, с.86]. Маҳз бо ҳамин ченак аст, ки Ёқути Ҳамавӣ асли Халил ибни Аҳмади Фароҳидиро аз асли форсӣ мешуморад. «Мегӯянд: Халил ибни Аҳмад мавлои Фароҳид ва аслаш аз форс буд. (Муаллиф мегӯяд) Ин суханро дуруст мешуморам, зеро дар насаби ӯ касе аз Халил ибни Аҳмад чизе наафзудааст. Агар араб мебуд, насабаш аз донишмандоне, ки насаби пастфитратони гумномро навиштаанд, пӯшида намемонд. Чи гуна ин имомро ин ҳама шумораи зиёди

шогирдони моҳир боре аз насабаш напурсидаанд, то дар он чи аз таъриху шеър аз ӯ ривоят мекунанд, нависанд?!» [359, с.1260]. Ва мо низ бо ин ченак Маймуни Акран ва дигар забоншиносони нахустини арабро, ки дар бораи ачдодашон ҳеч ишорае нест, метавонем аз зумраи маволӣ шуморем. Ҳамзамон, таваччуҳ ба машғул шудани ин шахсиятҳо ба масъалаҳои забоншиносӣ худ бузургтарин далел ба ғайриараб будани онҳост, чун пештар ишора шуд, ки арабҳо дар оғози ислом машғул шудан ба чуз ривояти шеъру айёми араб ва ё лашкарӣ шудан саргарм кардани худро бо таълифу тадвин ва он ҳам дар риштаи забон беҳуда медонистанд ва ҳатто аз он нанг медоштанд. Ҳамин аст, ки дар таърихи марҳилаи аввали пайдоиши забоншиносӣ донишмандони сирф арабӣ ба шарҳу эзоҳи калимаҳои ноошнои ашъори шоирони даврони чоҳилӣ ва тафсири вожагону таъбироти душворфаҳми қуръониву аҳодиси набавӣ мепардохтанд ва ба баҳсҳои наҳвӣ таваччуҳи чиддӣ зоҳир намекарданд. Таъйиди ин гуфторро дар муносибати Абуамр ибни Ало – донишманди сирф арабӣ ва Абдуллоҳи ибни Абуисҳоқи Ҳазрамӣ – донишманди ғайриараб,[48] бараъло мушоҳида менамоем. Чунончи, аввалӣ ба ривояти каломи араб таваччуҳ дошту хатоҳои наҳвиро такя ба салиқаи араб таъвил мекард[49], дар ҳоле ки аз нуктагириҳои дувумӣ на танҳо шоире ҳамчун Фараздақ, балки Нобиғаи Зубёнӣ халосӣ надошт. Инчунин,

---

[48] Сирофӣ ба ин нукта ишора карда, мегӯяд: «Ибни Абуисҳоқ дар қиёс моҳир ва Абуамр фарогиртарини мардум ба гуфтору лаҳчаҳо ва вожагони ноошнои араб буд» [108, с.20]. Шавқӣ Зайф Абдуллоҳ ибни Абуисҳоқ мавлои Оли Ҳазрамиро поягузори наҳви арабӣ ва нахустин нафаре медонад, ки қоидаҳои онро истинбот ва қиёсро дар он асос гузоштааст, дар ҳоле ки Абуамр ибни Алоро на наҳвӣ, балки луғавию қорӣ медонад. «Воқеан, вай наҳвӣ набуд-ба маънои дақиқи калима, балки луғавӣ ва аз ровиёни муътамади шеъри куҳан аст, чун аз араб бисёр шунида буд» [230, с.23,27,28].

[49] Асмаӣ аз Абуамр ибни Ало ривоят мекунад, ки гуфт: «Аъробиеро шунидам, ки мегуфт: «فلان لغوب جاءته كتابي فاحتقرها» (Фалонӣ аҳмаق аст, китобам (номаам) ба ӯ расид, вале онро қадр накард). Асмаӣ мегӯяд: Гуфтам: Оё мегӯӣ: «جاءته كتابي». Абуамр гуфт: Магар китоб саҳифа нест? Яъне, онро ба маъно вогузор кард ва ин дар гуфтори араб бисёр вомехӯрад» [89, с.35]. Дар ин чо фоъил калимаи «كتاب» аст ва тибқи қоида феъл мебоист дар чинсият ба шакли «جاء» омада, бо он мувофиқат мекард, вале феъл дар чинси занона «جاءت» оварда шудааст ва инро Абуамр ибни Ало ин гуна шарҳ додааст, ки «كتاب» дар ин чо ба маънои «صحيفة» аст, аз ин рӯ, чунин истифода раво бошад. Ин ривоят, пеш аз ҳама, аз араби асил будани Абуамр ибни Ало ва, ҳамзамон бо ин, аз сахтгир набудани ӯ дар баробари чунин гунаҳои хатогуфторӣ дарак медиҳад.

Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ Абдуллоҳ ибни Абуисҳоқро дар нахв ба Абуамр ибни Ало ва дар луғат бошад, баръакс Ибни Алоро ба Ибни Абуисҳоқ муқаддам медошт [353, с.76].

Ба андешаи инҷониб бештари маволие, ки дар асрҳои аввали ҳичрӣ ба забоншиносӣ машғул гаштаанд, аз мардуми форсу тоҷик буданд. Инро бошад, метавон бо ду далел таъйид кард: а) дар Басраву Куфа забони форсӣ ба ҳайси забони рӯзмарраи муошираты ҳамагонӣ табдил ёфта буд, ки ин аз зиёд будани мардуми эронӣ дар ин диёр шаҳодат медиҳад[50]; б) форс будани нахустин забоншиносони араб чун Абдураҳмон ибни Ҳурмуз, Ибни Абуисҳоқи Ҳазрамӣ, Юнус ибни Ҳабибу Ахваши Авсат, Назр ибни Шумайлу Сибавайҳ ишора ба он мекунад, ки дар ин давра ба масоили забоншиносӣ маҳз форсҳо таваҷҷуҳ доштаанд. Зеро ба гунае қонуни зиндагии башарист, нафароне, ки берун аз диёри худ ба шуғле ё риштаи илме мепардозанд, ҳатман, аз нигоҳи миллият ва ё умумияти ҳадафу манфиат пайванд мехӯранд. Ин ду нукта дар мавриди аввалин забоншиносони ғайриараб мисдоқ мекунад, ба гунае ки онҳо ҳама аз сарзамини форснишин ва меросбари империяи бузурги таърихӣ буданд, аз тарафи дигар, барои пайдо кардани ҷойгоҳи муносиб ба худ ва ороста шудан бо беҳтарин силоҳи ҳама давр – илм, ба омӯзиш ва омӯзонидани забон рӯ оварданд.

Вижагиҳои мактаби забоншиносии Басра. Мадрасаи забоншиносии Басра бо Абуласвад Дуалӣ оғоз гаштаву бо Ибни Абуисҳоқи Ҳазрамию Абуамр ибни Ало шакл мегирад ва Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ назарияҳои онро пайрезӣ менамояд ва Сибавайҳ ҳамагиро ба риштаи таҳрир мекашад [336, с.100]. Меҳвари асосии мактаби забоншиносии Басраро равиши интихоби ривоят ва пайрезии қоидаи забонӣ бар он ташкил медиҳад, ки пеш аз ҳама, ба самоъ, қиёс ва муносибат ба қироатҳои гуногуни қуръонӣ такя мекунад: 1) Намояндагони Басра

[50] Халил ибни Аҳмад мегуфт: «Агар китоб се бор нусхабардорӣ шаваду бо асл муқоиса нашавад, форсӣ мегардад» [359, с.1268]. Аз ин гуфтори Халил ибни Аҳмад метавон хулосаҳои зиёд баровард, аз ҷумла: роиҷ будани забони форсӣ дар Басра дар замони зиндагии ин донишманд; аз мардуми форс будани бештари носихон…

ҳамчун Исо ибни Умару Абуамр ибни Ало ва баъдтар Халил ибни Аҳмад дар хулосагириҳои луғавию наҳвии худ такя ба шунидаҳояшон мекарданд. Онҳо ба бодияҳои Начду Таҳом, Ҳичоз ва бодияҳои ҳамҷивори Басра, ки бошгоҳи арабҳои фасеҳ буд, рафта, гуфтори онҳоро навишта мекарданд. Ҳамзамон, гуфтори аъробиҳо ва шоирону хатибони суханвареро, ки ҳамасола дар вақтҳои муайян ба Мирбад меомаданд, навишта мекарданд. Сипас он гуфторҳоро ба фасеҳу ғайрифасеҳ ҷудо карда, такя ба хусусиятҳои гуфтори фасеҳ қоидаҳои махсусро пайрезӣ менамуданд; 2) такя ба гуфторҳои фасеҳи муътамад меъёрҳои вижаи қиёсро эҷод карда буданд, ки чи дар калимасозиву ибораорӣ ва чи дар эҷоди ҷумлаҳо ҳамчун қолаб ва тарозу истифода мешуданд; 3) ба қирооти гуногуни қуръонӣ ҳамчун меҳвари асосии пайрезии қоидаҳои сарфию наҳвӣ муносибат мекарданд ва агар қироате нодир мебуд, онро ҳамчун гунае аз гуфтори араб ба шумор медоданд, вале ба он қиёс намекарданд [202, с.76-77].

Меҳвари асосии андешаҳои забоншиносии басриёнро самоъ (سماع) ва қиёс (قياس) ташкил медиҳад. Онҳо дар мавриди қабули самоъ меъёрҳои нисбатан сахттареро гузошта буданд, ки тибқи он на ҳама ривоятҳову гуфторҳои мардуми араб далели забонӣ шуда метавонист. Такя ба самоъ, басриён боз қиёсро пайрезӣ намуда буданд, ки метавон онро мизоне барои сохтори вожагону таркиби ибораву ҷумлаҳо унвон кард. Маҳз пофишории забоншиносони дар ростои чигунагии самоъ ва корбурди қиёс буда, ки онҳоро дар қиё ба дигар мактабҳои забоншиносии араб ба ақлгарӣ нисбат медиҳанд ва ба гунае таъсирпазируфта аз мантиқи юнонӣ мешуморанд. Вале баррасии андешаҳои забоншиносии Басра нишон медиҳад, ки сахтгирии онҳо дар мавриди ривоятҳо ё худ самоъ ва таваҷҷуҳи бештар намудан ба қиёс на аз таъсирпазириашон аз мантиқ аст, балки онҳо ба хотирӣ посдории забони адабии арабӣ бо ибтикори худ меъёрҳоеро пайрезӣ намудаанд, ки дар тули таърих ба масобаи ҷавшани рахнанопазири ин забон хидмат кардаанд.

3.2. Сибавайҳ дар саргаҳи забоншиносии Арабу Аҷам

Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ ба унвони купруке ба шумор меравад, ки байни андешаҳои забоншиносии гузашта ва фаъолияти насли нави забоншиносони араб пайванд эҷод намудааст ва ин пайванд пайванди содае набуда, ки аз гузаштагон гирифтаву ба насли баъдӣ дода шавад, балки он натиҷаи такомули гуфторҳои гузаштагон бо омезиш додан бо андешаҳои мӯшикофона буд. Воқеан, забоншиносии араб бо паймудани марҳилаҳои гуногун дар нимаи асри дувуми ҳиҷрӣ ба як илми мустақили дорои қонуниятҳои вижаи худ табдил ёфт. Рушду такомули он маҳз ба замони Халил ибни Аҳмад рост меояд. Таърихи забоншиносии араб худ гӯёи ҳол аст, ки Халил ибни Аҳмад дар табақаи худ яккатоз аст ва наметавон дигареро ба ҷойгоҳи ӯ баробар кард, зеро таърихи андешаҳои забоншиносии Халил ибни Аҳмад ин ба пуррагӣ таърихи забоншиносии араб аст, ки дар «Китоб»-и шогирдаш Сибавайҳ гирдоварӣ шудаанд. Агар корномаи Халил ибни Аҳмадро дар забоншиносии араб бо корҳои донишмандони то ӯ муқоиса намоем, бешак ба ин хулоса мерасем, ки маҳз ӯ поягузори асосии ин илм мебошад [353, с.56-75; 288, с.120].

Вале аз Халил ибни Аҳмад асари комиле, ки дар масоили наҳвӣ эҷод шуда бошад, то мо нарасидааст ва андешаҳои ӯ маҳз дар «Китоб»-и Сибайвайҳ тарсим гаштаанд. Бо назардошти меҳварияти «Китоб»-и Сибавайҳ дар таърихи забоншиносии араб овардани маълумоти мухтасар оид ба ӯ ва китоби мондагораш аз заруриёт ба шумор меравад.

Бешак, забоншиносии араб ва забоншинсоии классикии форсии тоҷикӣ мадюни талошҳои аввалин дастурнависи араб Сибавайҳ мебошад. Номи пурраи донишманди мазкур Амр ибни Усмон ибни Қанбар буда, ба Сибавайҳ шуҳрат ёфтааст. Сибавайҳ форсинажод буда, мавлои Ҳорис ибни Каъб буд. Ихтилофи нахусти донишмандон атрофи зиндагиномаи Сибавайҳ аз баррасии калимаи «қанбар» шуруъ мешавад, ки бархе онро бо замми қоф (қунабр) хондаанд, чунончи, дар «Тоҷ-ул-арус» омадааст. Аммо Доруқтанӣ онро ба фатҳи «ق» ва сукуни «ن»

хондааст. Дар мавриди кунияи Сибавайҳ низ ихтилофи назар вуҷуд дорад. Бархе кунияи ӯро Абубишр, бархе Абулҳусайн ва бархе Абуусмон гуфтаанд, аммо назди ҳама мақбултар ҳамон кунияи Абубишр мебошад. [273, с.73].

Сибавайҳ на ба ному кунияи худ, балки бо лақаби бесобиқааш шуҳратёр гаштааст, чунончи, ҳанӯз аз қадим ӯро бо лақаби Сибавайҳ мешинохтанд ва ҳангоми овардани ривояте аз ӯ маҳз бо ҳамин лақаб аз ӯ ёд мекарданд.

Азбаски калимаи Сибавайҳ решаи форсӣ дорад, донишмандон бар маънои он равшанӣ андохта, гуфтаанд, ки лақаби мазкур аз ду калима: «себ» ва «вайҳ», ки ба маънои бӯй мебошад, таркиб ёфтааст. Чунончи, Манучеҳрии Домғонӣ ба ин ишора карда мегӯяд:

Бо назми Ибни Румиву бо насри Асмаӣ,

Бо шарҳи Ибни Ҷинниву бо наҳви Себӯя [236, с.7].

Аммо Абуабдуллоҳ ибни Тоҳири Аскарӣ ба он ақидааст, ки Сибавайҳ аз шумораи «сӣ»-и форсӣ ва «бӯй» таркиб ёфтааст, ки дар он сурат лақаби мазкур ба маънои «соҳиби сӣ бӯй» меояд [92, с.4; 108, с.72].

Вале вақте калимаи Амравайҳро дар «Китоб» мехонем, бешак, дар ҳайрат меафтем, зеро он аз ду калимае, таркиб ёфтааст, ки яке ба забони арабӣ тааллуқ дораду дигаре бар форсӣ. Аммо дар мавриди Амравайҳ худи Сибавайҳ мегӯяд, ки «он калимаи ғайриарабӣ ва навъе аз исмҳои аҷамӣ мебошад, зеро дар охири он чизеро пайваст кардаанд, ки дар исмҳои ғайриарабӣ пайваст намекунанд… Ва онро дар номуайянӣ мисли калимаи «ғоқин» дар ҳама маврид бо танвини максура меоранд» [94, с.301]. Аз ин гуфтаи Сибавайҳ чунин хулоса карда мешавад, ки «ویه» пасванди форсиест, ки ба калимаи «ویه»-и арабӣ, ки бо истилоҳи исми феъл хонда мешавад, монандӣ дорад. Аз ин рӯ, ба он мисли калимаҳои баёнкунандаи овоз кор гирифта мешавад, ки ҳангоми накира будан танвин мегиранд, вале ҳангоми муайянӣ танвин аз онҳо бардошта мешавад. Шояд арабу аҷам ин пасвандро пас аз исмҳои хос барои зебову хушнаво шудани ном ва ё барои ташбеҳ намудан ба маънои он ном

меоварданд. Дар ин маврид пасванди мазкур ба пасвандҳои дигари калимасози форсии тоҷикӣ, аз қабили - сон, - сор ва - вор муродиф мегардад.

Ибни Холвайҳ дар охири зикри рӯзгори Сибавайҳ ба чигунагии хониши анҷомаи «вайҳ» дар забони форсӣ ишора карда, мегӯяд: «Аҷам Себуя – бо замми ب, сукуни و ва фатҳи ي мегӯянд, зеро хуш надоранд, ки дар охири калима анҷомаи «вайҳ», ки ишора ба пушаймонӣ менамояд, оварда шавад» [111, с.465]. Ба таъкиди Ибни Холавайҳ «вайҳ» ҳамчун ҳиссачаи нидо буда, дар худ маънои мустақиле надорад, дар ҳоле ки ин нукта аз ҷониби дигар донишмандон рад шудааст [92, с.5].

Пас аз Сибавайҳ донишмандони зиёде лақаби мазкурро ба худ ниҳодаанд. Аз ҷумла, соҳиби «Буғят-ул-вуот» аз се наҳвие ном мебарад, ки бо лақаби Сибавайҳ шинохта шудаанд. Ҳамзамон, Суютӣ дар охири «Буғят-ул-вуот» фаслеро зери унвони «Фасл андар ашхосе, ки дар охири номашон «вайҳ» аст» оварда, дар он таъкид мекунад, ки «Абуҳайён гуфтааст: шаш наҳвиест, ки номи ӯ бо вайҳ анҷом ёфтааст: Сибавайҳ, Нафтавайҳ, Барзувайҳ, Ибни Холавайҳ, Ибни Дурустваиҳ, Ибни Шоҳвайҳ. Суютӣ дар идома 10 номи дигари наҳвиён: Моҳвайҳ Иброҳим, Ибни Ҳаммувайҳ Аҳмад ибни Алӣ, Ибни Ҳамдувайҳ Шамар, Ибни Ҳаявайҳ, Ибни Шозавайҳ Муҳаммад ибни Фазл, Салмавайҳ ибни Солеҳ, Ибни Аллавайҳ, Ибни Даллавайҳ, Ибни Хушквайҳ Алӣ ва Ибни Баттавайҳ Ҳусайн ибни Аҳмадро ёд кардааст, ки номи ҳамагӣ бо пасванди - вайҳ анҷом ёфтаанд [252, с.393]. Ба ин тартиб, шумораи наҳвиёни номашон анҷомаи «вайҳ»-дошта дар забоншиносии арабӣ ба 16 нафар мерасад. Ин дар ҳолест, ки агар бо як ном чанд донишманд номгузорӣ шуданро ба ҳисоб гирем (ба монанди Сибавайҳи якум, Сибавайҳи дувум, ё Нафтавайҳи якум, Нафтафайҳи дувум ва ғ.), пас, шумораи наҳвиёни номашон бо анҷомаи «вайҳ» анҷомёфта аз он чи ин ҷо ишора шуд, бештар аст [252, с.393].

Дар мавриди дар Байзои Шероз таваллуд ва ба воя расидани Сибавайҳ дар сарчашмаҳо хилофи назаре нест, аммо роҷеъ ба замони

таваллуди ӯ иттифоқи назаре вуҷуд надорад. Ҳамин аст, ки таърихнигорон дар мавриди дар чандсолагӣ падруди олам гуфтани ӯ андешаҳои гуногун манзур намудаанд. Аз ҷумла, Зубайдӣ таъкид мекунад, ки Сибавайҳ ҷаҳонро дар 33-солагӣ тарк намудааст, дар ҳоле ки Хатиб онро 32 ба қалам додааст. Вале Ёқути Ҳамавӣ дар 40-41-солагӣ гузаштани ӯро тарҷеҳ медиҳад ва инро далел меорад, ки Сибавайҳ аз Исо ибни Умар ривоят намудааст, дар ҳоле ки вафоти шогирд 31 сол баъд аз вафоти устод сурат гирифтааст. Пас, ҳангоми вафоти Исо ибни Умар мебояд Сибавайҳ ҳадди ақал беш аз даҳ сол дошта бошад, ки аз ӯ чизе ривоят карда тавонад. Ба ин тартиб, таваллуди Сибавайҳро метавон дар даҳаи чоруми асри дувуми ҳиҷрӣ унвон кард [51, с.202; 198, с.23-24].

Сибавайҳ бархилофи устодаш Халил ибни Аҳмад барои дақиқу амиқ аз худ кардани қонуниятҳои забони араб ба бодия ва водиҳои Ҳиҷозу Начд ба сафар набаромадааст, балки шавоҳиди «Китоб»-ро аз суханвароне ёд намудааст, ки ба онҳо эътимод дошта. Ба ин нукта таъбирҳои Сибавайҳ дар зимни «Китоб» далолат мекунад, ки гуфта: «аз арабҳо шунидам…», «аз арабҳо гирифтаам…», «аз арабҳо шунидаем…», «аз арабе, ки ба арабидонияш эътимод аст, шунидем…» [290, с.85]. Баъди вафоти Халил ибн Аҳмад Сибавайҳ ба Бағдод рафта, бо забоншинос Кисоӣ дар мавриди масъалаи занбӯрия мунозира менамояд, пасон ба зодгоҳи худ баргашта, ба тадвини «Китоб» мепардозад[51]. Сибавайҳ мондагортарин ва ягона асари худ- «Китоб»-ро баъди вафоти Халил ибн Аҳмад навиштааст, зеро дар асараш номи ӯро бо калимаи марҳум пайваста ёдовар мешавад [69, с.15].

Нуктаи ҷолиб дар зиндагиномаи Сибавайҳ, ки бештари муҳаққиқони гузаштаву имрӯз аз ишора ба он худдорӣ намудаанд, ин огоҳии ӯ аз забони форсӣ мебошад. Ба ин маъно, ки дар ҳеҷ асаре оид ба донандаи забони форсӣ будани ӯ ишора нашудааст, аммо донишманди

[51] Вале инҷониб тадвини «Китоб»-ро пеш аз мунозираи занбӯрия тарҷеҳ медиҳад, чаро ки Сибавайҳ ҳангоми ба ин мунозира омаданаш аз шуҳрати зиёде бархӯрдор буд. Илова бар он ки тибқи ривоятҳо баъд аз ин мунозира ба зодгоҳаш баргашту аз дарду ғам гирифтори беморӣ шуд ва дере нагузашта ҷаҳонро падруд гуфт.

муосири араб Алӣ Носифи Начдӣ такя ба рӯзгори Сибавайҳ ва он андешаҳое, ки дар робита ба забони форсӣ дар «Китоб» оварда шудааст, ӯро ҳамчун донандаи забони форсӣ унвон менамояд [290, с.89], хусусан, бобҳои «Андар баёни арабӣ намудани вожаҳои аҷамӣ» [95, с.303] ва «Андар баёни итроди ибдол дар форсӣ» [95, с.305] таъйиди гуфтаҳои боло мебошад.

Ин дар ҳолест, ки тибқи ривоятҳо охирин гуфтори Сибавайҳ бо бародараш сурудани байте бо забони арабист. Аз ин бармеояд, ки Сибавайҳ тамоми ҳастии худро ба забони арабӣ бахшида будааст.

“Китоб”-и Сибавайҳ аввалин дастур дар забоншиносии араб. «Китоб»-и Сибавайҳ ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ба майдон омадан то ба имрӯз байни аҳли фазлу илм манзалати хосаеро касб намудааст, зеро ин китоби беназир танҳо бо баёни сарфу наҳви забони арабӣ ва овардани суханони донишмандони илми забон маҳдуд намегардад, балки дар он афкору андешаҳо доир ба махориҷи ҳарфҳо ва баёни нутқи таҷвидии онҳо, дар баробари ин, нақди бархе аз шеърҳо оварда шудааст.

Дар таърих ба истиснои бархе забоншиносони мактаби забоншиносии Куфа ва бархе ҳаводорони ин фирқа нафаре дида намешавад, ки таснифи «Китоб»-ро аз ҷониби Сибавайҳ инкор карда бошад. Ҳама ровиёни таърихи наҳв, хусусан тазкиранависони нахустини наҳвиёни араб, аз қабили Абусаъиди Сирофӣ, Абутайиби Луғавӣ, Зубайдӣ ва дигарон ба қалами Сибавайҳ тааллуқ доштани «Китоб»-ро таъкид намуда, дар ин замина ба ривоятҳои кардаи ӯ аз Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ ва дигар устодон ишора сохтаанд. Сибавайҳ на фақат андешаҳои наҳвии устодону пештозони наҳви арабиро гирдоварӣ намудааст, балки онҳоро таснифу бобгузорӣ, таълилу тарҷеҳ ва баррасӣ намуда, ҳусну қубҳи онҳоро баён кардааст [200, с.84]. Сибавайҳ аз Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ 522, аз Юнус ибни Ҳабиб 200, аз Абулхаттоб Ахфаш 47, аз Абуамр ибни Ало 44, аз Исо ибни Умар 22, аз Абузайди Ансорӣ 9, аз Ҳорун ибни Мусо 5, аз Абдуллоҳ ибни Абуисҳоқ 4 ва аз

марде бо номи Ҳузайл 1 бор ривоят кардааст. Инчунин, Сибавайҳ аз забоншиносони Куфа 4 бор ривоят намудааст [200, с.88-89].

Дар баробари ин, Сибавайҳ дар 21 маврид аз гурӯҳе аз донишмандон ёд карда, онҳоро бе баёни ҳувияташон наҳвиён ном мебарад. Ҳамин аст, ки бархе донишмадон ҳадс мезананд, ки мурод аз ин наҳвиён ҳамон дӯсторони забону суханварони ҳамзамони Халилу Сибавайҳ мебошанд ва дар масоили наҳвӣ андешаи назаррасе надоштаанд [210, с.39].

Мавриди зикр аст, ки Сибавайҳ аз Исо ибни Умар, Юнус ибни Ҳабиб ва Халил ибни Аҳмад ба унвони наҳвӣ ёд карда, суханони онҳоро дар мавриди қонунмандиҳои наҳвӣ меорад, дар ҳоле ки Ахфаши Акбар, Абдуллоҳ ибни Абуисҳоқ дар “Китоб” танҳо номашон ба масоили луғавӣ марбут асту бас. Ба ибораи дигар, дар “Китоб” номи ин донишмандони баъдӣ на дар масоили ба наҳв марбут ва на дар робита ба истилоҳоти наҳвӣ оварда намешавад [210, с.38-39].

Ҳангоми нақду хулосабарорӣ Сибавайҳ аз устодонаш чизе нақл наменамояд, ки ин ба истиқлоли фикрии баланд ва моҳир будани ӯ дар балоғати араб ишора мекунад. «Китоб» моломол аз таҳлилу хулосагирии масъалаҳо ва тасҳеҳ намудани онҳо бо қиёс мебошад, ки Сибавайҳро ба мартабаи асосгузори усули фиқҳ, нақди адабӣ, балоғат ва таҷвид мерасонад, зеро илмҳои чаҳоргонаи мазкур маҳз дар пояи равишҳои дар боло ёдшуда санҷида мешаванд. Аз ин рӯ, Сибавайҳро бо назардошти он ҳама таҳлилу баррасиҳои мантиқӣ-балоғӣ ҳеҷ набошад асосгузори илми балоғат гуфтан мумкин аст [290, с.197].

Донишмандони пешин бо хондан ва аз худ кардани «Китоб» меболиданд ва ҳифзи онро аз бузургтарин корҳо мешумориданд. Аз ин рӯ, «Китоб»-ро пешиниён «Қуръони наҳв» мехонданд. Аз ҷумла аз забоншиноси машҳури андалусӣ Абдуллоҳ ибни Муҳаммадисо ривоят мекунанд, ки «Китоб»-и Сибавайҳро ҳар понздаҳ рӯз пас хатм менамуд, гӯиё мисли Қуръон онро тиловат мекард [92, с.24]. Ҷоҳиз мегӯяд: ба назди Муҳаммад ибни Абдумалик рафтан хостам ва дар андешаи он

шудам, ки ба ӯ чӣ ҳадя кунам. Пас, ҳеҷ чизеро беҳтар аз «Китоб»-и Сибавайҳ наёфтам. Ба Ибни Абдумалик гуфтам: хостам, ки як чизе бароят ҳадя кунам, пас, андешидам, ки ҳама чиз дорӣ, аз ин рӯ, ҳеҷ чизе беҳтар аз ин китоб надидам. Ин «Китоб»-ест, ки аз бойгонии Фаро харидаам. Гуфт: Савганд ба Худо, ҳеҷ чизе дӯстоштатар аз ин бароям ҳадя накардаӣ[52] [111, с.463].

Абуусмон Бакр ибни Муҳаммади Мозанӣ мегуфт: Ҳар ки китоби бузурге дар наҳв баъд аз «Китоб»-и Сибавайҳ навиштан хоҳад, бояд шарм кунад. Аз ӯ боз ривоят мекунанд, ки гуфт: марде дар назди ман муддати тулоние «Китоб»-и Сибавайҳро хонд ва чун онро тамом намуд, гуфт: Барои ту Худованд подоши хайр диҳад, аммо ман бошам, аз он ҳарфе нафаҳмидам[53] [273, с.93; 213, с.169].

«Китоб» чунон писанди Абуумари Ҷармӣ афтода буд, ки дар васфи он мегуфт: Ман тули сӣ сол аст, ки мардумро аз рӯйи «Китоб»-и Сибавайҳ фатво медиҳам. Аз Абуҷаъфари Табарӣ ривоят мекунанд, ки ин сухани Абуумари Ҷармиро назди Муҳаммади Язид аз рӯйи ҳайрату инкор ҳикоят кардам, пас, ӯ ишора ба гӯшаш намуда гуфт, ки Абуумари Ҷармӣ пеш аз хондани «Китоб» муҳаддис буд ва бо хондани он фақеҳ гашт, яъне бо донистани наҳв дар истинботи масоил аз аҳодиси набавӣ моҳир гашт [97, с.75].

Мубаррид бошад, ба касе, ки ба наздаш барои хондани «Китоб» меомад, дар таҳсину бузургдоштӣ «Китоб» мегуфт: «Оё дар баҳр шино кардаӣ»? [252, с.229].

Мегӯянд, вақте Абубакр ибни Сарроҷ таваҷҷуҳи мардумро ба «Китоб»-и Сибавайҳ дид, хост, то китобе нависад, ки диққати мардумро

---

[52] Ибни Халликон дар идома мегӯяд: «Дар баъзе китобҳои таърих дидам, ки Ҷоҳиз пеш аз нишон додани «Китоб»-и Сибавайҳ Ибни Абдумаликро аз чигунагии ҳадяаш хабар мекунад. Ибни Абдулмалик мегӯяд: Гумон кардӣ, ки дар хазинаи мо ин китоб нест?! Ҷоҳиз дар ҷавоб мегӯяд: Ҳаргиз не, вале нусхае аз он бо хатти Фарро, муқоисаи Кисоӣ ва мураттабсозии Амр ибни Баҳр Ҷоҳиз нест. Ибни Абдумалик гуфт: Ин гаронбаҳотирани нусха аст, онро биёр! [111, с.463].

[53] Дар ин ҳикоят, аз як тараф, ба душвории дарки «Китоб»-и Сибавайҳ ишора шавад, аз тарафи дигар, ба печидагуфтории Мозанӣ далолат мекунад, ки ба дувумӣ худи Абутайиби Луғавӣ дар аввали ҳикоят [273, с.92] ишора намудааст.

ба он машғул дорад. Ҳамин гуна китобе навишт ва барои ҷаззоб намудани он бархе масъалаҳои наҳвие, ки дар мактаби забоншиносии Куфа роиҷ, аммо дар мактаби забоншиносии Басра шуҳрате надошт, гирдоварӣ намуд. Вале дар охир гуфт: Агар медонистам, ки мардум пас аз хондани китоби ман дар назди худам боз ба «Китоб»-и Сибавайҳ рӯ меоваранд, ҳаргиз онро наменавиштам [290, с.198].

Такя ба гуфтаҳои боло бо боварӣ метавон гуфт, ки «Китоб»-и Сибавайҳ на танҳо чун бузургтарин сарчашма ва марҷаи сарфу наҳви забони арабӣ, балки яке аз асосҳо, дастовардҳо ва падидаҳои боризтарини фарҳанги исломӣ ба шумор меравад. Шайх Муҳаммади Тантовӣ мегӯяд: «Китоб»-и Сибавайҳ аз замоне, ки таълиф шудааст, ҳаргиз аз наҳв ҷудо набудааст, балки ҳар ду якҷо пойдор ва ҳамеша дар сафар ҳамроҳанд [332, с.102].

Бояд эътироф намуд, ки ҳеҷ китобе дар грамматикаи араб дорои бартариҳо ва вижагиҳои «Китоб», чи пеш аз ба майдон омадани он ва чи пас аз он набудааст, зеро асари мазкур ягона асари наҳвие мебошад, ки дар масоили он забоншиносони мактабҳои Басраву Куфа ихтилоф ва эътирозе надоранд, балки намояндагони ҳар ду мактаб онро чун сарчашмаи қоидаву усули грамматикаи араб пазируфтаанд. Сибавайҳ ҳарчанд асари худро ба таври ниҳоӣ нанавишта бошад ҳам, дар он муҳимтарин масъалаҳои наҳвӣ, сарфӣ, таҷвидӣ ва балоғии забони арабиро оварда, нахуст аз дидгоҳи устодону гузаштагон онҳоро ба баррасӣ кашида, сипас ба тарҷеҳу таълили онҳо пардохтааст. «Китоб» моломол аз таҳлилу хулосагирии масъалаҳо ва тасҳеҳ намудани онҳо бо равиши қиёс мебошад. «Китоб» танҳо баёнгари назарияҳои грамматикии мактаби забоншиносии Басра набуда, балки қоидаву таърифҳои бунёдии сарфу наҳви арабро фаро гирифтааст. Аз ин рӯ, забоншиносони Басра ва Куфа бе ҳеҷ мушкилие аз ин ганҷи бебаҳои илмӣ баҳраманд мегаштанд ва онро асос ва меҳвари назарияҳои забоншиносии худ қарор медоданд. Аз ҷумла асосгузори мактаби забоншиносии Куфа Кисоӣ дар назди Ахфаш «Китоб»-ро аз бар намуда будааст ва ҷойи шакке нест, ки ин

баъд аз вафоти Сибавайҳ сурат гирифтааст. Пас, забоншиносони дигари Куфа ҳеҷ набошад тавассути устоди худ – Кисоӣ, аз «Китоб» мутаассир ва баҳравар шудаанд. Забоншиноси дигари Куфа Фарро вақте ҷаҳонро падруд гуфт, аз зери болишташ «Китоб»-и Сибавайҳро (бо хатти худи Фарро) дарёфтанд[54], дар ҳоле ки Фарро дар зиддият ба мактаби забоншиносии Сибавайҳ таассуб меварзид, ҳатто дар ёдовар шудани номҳои эъроб ва номгузории ҳарфҳо хилофи Сибавайҳ гом мебардошт [92, с.35].

Барои пай бурдани мо аз таъсири «Китоб» дар забоншиносии баъдинаи араб ҳамин кофист, ки асарҳои наҳвӣ ва сарфии забоншиносони боризи арабу ғайриараб, амсоли Мубаррид, Заҗҗоҷӣ, Ибни Ҷиннӣ, Замахшарӣ, Ибни Ҳоҷиб, Ибни Молик, Ибни Ҳишом, Суютӣ ва дигаронро сафҳагардонӣ намоем. Зеро ҳеҷ асари наҳвӣ ва сарфие дар забони арабӣ ба назар намерасад, ки бо назарияҳои забоншиносии Сибавайҳ ороста нашуда бошад ва ҳеҷ забоншиносе дида намешавад, ки қоидаи овардаи худро бо суханони Сибавайҳ тарҷеҳ надода бошад. Ҳатто Абдулқодири Ҷурҷонӣ, ки ҳамчун асосгузори илми балоғат муаррифӣ шудааст, барои тарҷеҳ ва таъйиди сухани худ аз «Китоб» истидлол намудааст. Ба таъбири Замахшарӣ, «аз «Китоб»-и Сибавайҳ ҳеҷ соҳибқаламе ва ҳеҷ суханваре бениёз буда наметавонад» [252, с.230].

Гузашта аз ин, муфассирони каломи раббонӣ барои зоҳир намудани маонии оят аз «Китоб» ба таври густурда истифода намудаанд, ба вижа дар тафсирҳои дастурӣ-забонии Қуръони карим, ки бештар бо унвони «Эъроби Қуръон» хонда мешаванд, ин нукта бараъло ба назар мерасад.

---

[54] Аҳмад Абуҷаъфари Нуҳос нақл кардааст, ки баъзе аз қисматҳои «Китоб»-и Сибавайҳ дар зери болиште, ки Фарро бар он менишаст, пайдо гашт [108, с.71-72]. Аз ин метавон хулоса кард, ки «Китоб»-и Сибавайҳ ба унвони китоби рӯйимизии Фарро қарор доштааст, зеро маҳз асареро донишманд ҳамеша дар назди худ мегузорад ва ё худ китоби рӯйимизӣ мегардонад, ки ба ҳар муроҷиат ба он баҳрае бардорад ва худро ҳеҷгоҳ аз он бениёз набинад.

Мавриди зикр аст, ки ташаккули афкори забоншиносии классикии форсии тоҷикӣ ба забоншиносии араб робитаи ногусастанӣ дорад ва ба хато нарафтаем, агар пайдоишу ташаккули забоншиносии классикии форсии тоҷикиро дар заминаи забоншиносии арабӣ унвон намоем. Ба ин тартиб, забоншиносони гузаштаи форсу тоҷик мадюни андешаҳои забоншиносии Сибавайҳ буда, аз асари ҷовидонаи ӯ ба таври густарда истифода намудаанд. Ҳамин аст, ки дар ақвол ва ашъори қаламкашони форсу тоҷик шуҳрату ҷойгоҳи волои Сибавайҳро бараъло мушоҳида намудан мумкин аст. Аз ҷумла, Хоқонии Ширвонӣ мегӯяд:

Себӯя гуфт: ман ба маънии наҳв,

Як хато дар хитоб нашнидам».

Ман ба маънии сидқ мегӯям,

Ки зи як кас савоб нашнидам [236, с.8].

Шамс Қайси Розӣ низ ҳангоми баёни зарурати шеърӣ аз Сибавайҳ ёд намуда, сухани ӯро, ки дар зербоби «Андар боби он чи дар шеър мумкин аст»[229, с.223; 92, с.26] айнан нақл намудааст, ки аз таъсирпазирии адибону забоншиносони форсу тоҷик аз андешаҳои Сибавайҳ шаҳодат медиҳад.

Аслан, забоншиносии араб дар «Китоб»-и Сибавайҳ ҷамъбаст шудааст, ба гунае ки ба эътирофи донишмандон ҳар китоби дигаре, ки дар забоншиносии араб баъд аз ин асар таълифу тасниф шудааст, ҷавҳари асосиашро ҳамон масоиле ташкил медиҳад, ки аллакай дар «Китоб» баррасӣ гаштааст.

Хулоса, Сибавайҳ бо таълифи «Китоб» тамоми андешаҳои забоншиносии пеш аз худро ҷамъбаст карда, як системаи мукаммалу мушаххасеро бо пайрезии қоидаҳои гуногуни забоншиносӣ ба майдон овард. Дар истилоҳофаринӣ ва таҳлилҳои истиқроӣ намудани масоили забоншиносӣ низ Сибавайҳ пешоҳанг аст. Воқеан, андешаҳои Сибавайҳ дар мавриди падидаҳои забонӣ танҳо ба забоншиносии араб маҳдуд намегардад, балки бо омӯзиши равишҳои муносибати ӯ бо масоили

забонӣ ва қонунмандиҳое, ки дар ин росто ба миён овардааст, метавон онҳоро дар омӯзиши падидаҳои ҳар забоне ба кор гирифт.

3.3. Мактаби забоншиносии Куфа

Таърихи Куфа ба таърихи Басра ҳамгунии зиёд дорад, чун шаҳри мазкур низ дар аввал соли 16 ҳ ба унвони урдугоҳи лашкариёни араб сохта шудааст. Вале бо гузашти рӯзгор ва ҳиҷрат намудани мардуми ҳар қавму қабила ва миллат ба ин диёр оҳиста-оҳиста аз як урдугоҳ ба як шаҳри бузург табдил ёфт ва ҳатто дар ду давра: давраи хилофати халифаи чоруми рошидин Алӣ ибни Абутолиб (р) ва оғози хилофати Аббосиён чанд муддате чун қароргоҳи халифа ва пойтахти хилофат хидмат намудааст [202, с.111-113]. Дар як муддати кӯтоҳ, ба монанди Басра, аз мардуми форсу сурёнӣ ва набатӣ ба ин сарзамин ҳиҷратҳои зиёд сурат гирифт, чаро ки сокинони аввалини он ки аз зумраи лашкариёни араб буданд, ба гунае дар он ҷо сарварӣ менамуданд ва ҳама корҳои идорӣ аз ҷониби онҳо сурат мегирифт, дар ҳоле ки мардуми омади ғайриараб дар он ҷо ба корҳои хидматрасонӣ, аз машғул шудан ба бозургонӣ то таълиму тарбия ва ғайра мепардохтанд. Чи тавре пештар ишора шуд, дар Куфа низ забони форсӣ забони рӯзмарраи мардум шуда буд, чун шумораи зиёди форсҳо аз мардуми лашкарӣ то мардуми одӣ гирд омада буданд. Аз ҷумла, чорҳазор лашкарии сосонии форс, ки дар ҷанги Қодисия ба Саъд ибни Ваққос таслим шудаву амон хоста буданд, ба лашкари мусулмонон пайваста, дар Куфа зиндагӣ мекарданд [364, с.26-28]. Вале сарфи назар аз шумораву ҷойгоҳи форсҳо шумора ва фаъолияти набатиҳо дар қиёс ба сурёниҳову форсҳо дар Куфа зиёдтару назаррастар будааст ва ин нуктаро гуфтори Абуамр ибни Ало ба мардуми Куфа таъйид мекунад: «Шумо фазлфурӯшии набатиёнро дореду лофзании онҳоро ва мо найранг (зиракӣ)-и форсҳоро дорему орзуҳои онҳоро» [352, с.8].

Омӯзаҳои нахустин дар Куфа вобаста ба ривояту тафсирҳои Қуръони карим будааст, аз ҷумла се қории машҳур аз қориҳои

ҳафтгонаи Ислом: Осим ибни Абунаҷуд маъруф ба Ибни Муҷоҳид (ваф. 127 ҳ), Ҳамза ибни Ҳабиби Зайёт (ваф. 156 ҳ) ва Кисоӣ (ваф.189 ҳ) маҳз дар он ҷо иқомат мекарданд. Ҳамзамон, дар Куфа – бо табдил шуданаш ба шаҳр, ба шеъру хитоба ва айёми арабу донистани насабнома таваҷҷуҳи зиёд мешудааст, ки ин муҷиби ба воя расидани шоирону хатибон ва ровиёну насабдонон гардидааст. Аввалин мазҳаби фиқҳӣ – мазҳаби Имоми Аъзам Абуҳанифа ибни Нуъмон низ дар Куфа ба майдон омад, ки аз ҷойгоҳи воло доштани фиқҳ дар ин сарзамин ва таваҷҷуҳи донишмандон ба он дарак медиҳад. Вале донишмандони ин диёр дар муқоиса ба донишмандони Басра ба омӯзаҳои забоншиносӣ баъдтар рӯ оварданд. Ба ин гуна ки поягузории забоншиносии араб аз тасмимоти амалии забонии Абуласвад то андешаҳои забоншиносии Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ ва ба майдон омадани нахустин таълифи мукаммали забоншиносӣ аз ҷониби Сибавайҳ ҳама дар Басра сурат гирифт, дар ҳоле ки дар Куфа ҳанӯз мактаби забоншиносӣ шакл нагирифта буд. Заминаи бамайдоноии мактаби забоншиносии Куфа маҳз сафарҳои донишмандони Куфа барои фаро гирифтани донишҳои забонии арабӣ аз донишмандони Басра ва дар баробари ин, омадани бархе басриён ба он ҷо барои таълими ин донишҳо будааст. Ба ин тартиб, маҳз дар нимаи аввали асри дувуми ҳиҷрӣ мактаби забоншиносии Куфа ба гунае шакл мегирад.

Таърихи аввалин омӯзаҳои наҳвӣ дар Куфа маълум набуда, дар мавриди муассиси мактаби забоншиносии мазкур низ ихтилофи назар вуҷуд дорад. Чунончи, нахустин омӯзаҳои забоншиносиро дар Басра ба Абуҷаъфари Руосӣ ва Маози Ҳарро, ки аз маволӣ ва писараму буданд, мансуб медонанд. Ба таъкиди таърихнигорон аввалӣ ба Басра рафта, аз Исо ибни Умар ва Абуамр ибни Ало таълими наҳв гирифт, сипас ба Куфа баргашту ба таълиму таълиф пардохт. Аз ҷумла китоберо бо номи «Файсал»[55] аз таълифоти ӯ ва нахустин китоби забоншиносии ин мактаб

[55] Қифтӣ ривоятҳои зидду нақизеро дар мавриди ин китоб меорад. Аз ҷумла ба иддаои Руосӣ Халил ибни Аҳмад аз ӯ хоҳиш намудааст, ки китобашро ба ӯ фиристад

медонанд. Инчунин, китоби «Маонии Қуръон», «Китоб-ут-тасғир», «Китоб-ул-вақф ва-л-ибтидо» ва «Китоб-ул-афрод ва-л-ҷамъ» аз таълифоти дигари ӯ ба шумор меравад. Ҳамзамон, Руосӣ иддао доштааст, ки «дар «Китоб»-и Сибавайҳ ҳар ҷойе таъбири «وقال الكوفي» (Куфӣ гуфт) омада бошад, мурод аз он манам» [230, с.153; 307, с.196; 183, с.106-108]. Ба донишманди дувумӣ –Маози Ҳарро бошад, ҳеҷ таълиферо нисбат намедиҳанд. Аз ин ду донишманд дар таърихи забоншиносии араб на таснифе ба ёдгор мондааст ва на аз ҷойгоҳи волои илмии онҳо дар сарчашмаҳои таърихӣ ривоят мешавад, ҳатто дар осори Кисоиву Фарро, ки таълимдидаи ин ду донишманд ба қалам дода мешаванд, андешаҳои забоншиносии онҳо тарсим наёфтааст. Ҳамин аст, ки бештари сарчашмаҳои таърихӣ ва пажуҳишҳои муосир Кисоӣ ва Фарроро муассиси воқеии мактаби забоншиносии Куфа мешуморанд. Андешаҳои зиёди забоншиносии ин мактаб, истилоҳофаринӣ ва интихоби равиши дигаргуна аз равиши басриён дар поягузории масъалаҳои сарфию наҳвӣ маҳз ба Кисоӣ ва шогирди ӯ Фарро нисбат дода мешавад. Муҳаққиқи мактаби забоншиносии Куфа -Маҳдӣ Махзумӣ, дар робита ба ин мегӯяд: «Ба ақидаи мо омӯзиши наҳв дар Куфа бо Кисоӣ оғоз меёбад, чун ӯ донишманди ин диёр ва пешоҳанги онҳо буд. Маҳз ӯ равиши наверо дар наҳв асос гузошт, ки Фарро баъдтар онро идома дод. Ҳамин аст, ки ин ду нафар сарвари ин мактабанду таъсису танзими равиш ва таърихи он ба ин ду пайванд мехӯрад. Аммо пеш аз ин забоншиносӣ сирф басрӣ буд. Забоншиносони араб, сарфи назар дар Басраву Куфа будан, ин илмро аз долонҳои Басра гирифтаанд,

---

ва баъди хондани он дар навиштани «Китоб-ул-айн» аз он илҳом гирифтааст. Мубаррид бошад, дар рад ба ин гуфтааст, ки Руосиро дар Басра намешинохтанд. Баъзеҳо гумон мекунанд, ки ӯ китобе дар наҳв навишта, ба Басра меояд, то ба асҳоби мо онро нишон диҳад, вале вақте мебинад, ки ба ӯ касе таваҷҷуҳ надорад ва илова бар ин, вақте гуфтори онҳоро мешунавад, дигар барои пешниҳоди китобаш ҷасорат намекунад [183, с.104-108]. Ин дар ҳолест, ки Кисоӣ онро китоби хурдҳаҷми «Фасл» номида, таъкид менамояд, ки дар ёфтани далел ба дардаш нахӯрдааст. Инчунин, аз Фарро ҳикоят аст, ки китоби «Файсал»-ро аз ёд карда, ба назди Кисоӣ рафтаву аз масоили он пурсон мешавад, вале посухҳоро бархилофи он китоб меёбад, пас, Фарро он китобро канор мегузораду ба шогирдии Кисоӣ мепайвандад [123, с.203-205].

сипас дар дигар шаҳрҳо: нахуст дар Куфа, дувум дар Баґдод ва баъдтар дар Мисру Маґриб ва Андалус интишор ёфтанд [352, с.79].

Абубакри Зубайдӣ намояндагони мактаби забоншиносии Куфаро низ табақабандӣ намудааст, вале на дар 10, балки дар 6 табақа. Дар Табақаи аввал: Руосӣ (Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Абусора), Маози Ҳарро (Маоз ибни Муслими Ҳаравӣ) ва Абумуслим (муаллими Абдумалик ибни Марвон) (3 нафар); Табақаи дувум: Кисоӣ (Алӣ ибни Ҳамза) (1 нафар); Табақаи савум: Фарро (Яҳё ибни Зиёд ибни Абдуллоҳ ибни Мансур), Қосим ибни Маён, Аҳмар (Алӣ ибни Муборак), Ҳишом ибни Муовия Зарир, Абутолиб Макфуф, Салмавайҳ, Исҳоқ Баґавӣ, Абумисҳал (Абдуллоҳ ибни Ҳариш), Қутайбаи Наҳвӣ (9 нафар); Табақаи чорум: Салама ибни Осим, Абуабдуллоҳ Тувол, Муҳаммад ибни Қодим (Аҳмад ибни Абдуллоҳ ибни Қодим), Ибни Саъдон (Муҳаммад ибни Саъдон), Муҳаммад ибни Ҳабиб (5 нафар); Табақаи панҷум: асҳоби Салама: Аҳмад ибни Яҳё ибни Саълаб (1 нафар); Табақаи шашум: Асҳоби Саълаб: Ҳорун ибни Ҳоик, Абумусо Ҳомиз (Муҳаммад ибни Сулаймон), Маъбадӣ (Аҳмад ибни Абдуллоҳ), Ибни Кайсон (Муҳаммад ибни Аҳмад), Абубакр ибни Анборӣ (Муҳаммад ибни Қосим) ва Нафтавайҳ (Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Арафа ибни Сулаймон) (6 нафар) [1984 الزبيدي] оварда шудааст, ки ҳамагӣ 25 нафарро ташкил медиҳад. Аз ин шумора ба шаш нафар: Руосӣ (Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Абусора)[183, с.107], Маози Ҳарро (Маоз ибни Муслими Ҳаравӣ) [183, с.107], Кисоӣ (Алӣ ибни Ҳамза) [97, с.127], Фарро (Яҳё ибни Зиёд ибни Абдуллоҳ ибни Мансур) [332, с.119], Аҳмар (Алӣ ибни Муборак) [307, с.202] ва Аҳмад ибни Яҳё ибни Саълаб [332, с.120] маволӣ гуфта шуда, ба форсу тоҷик будани се нафар: Кисоӣ, Фарро ва Ибни Саълаб ишора мешавад. Ба андешаи инҷониб, Қутайбаи Наҳвӣ – Муҳаммад ибни Мусо ибни Ҳамод низ аз мардуми форсу тоҷик аст, чун дар ҳошияи «Табақот-ун-наҳвийин ва-л-луґавийин» ишора шудааст, ки Абунаим дар «Таърихи Исбаҳон» ӯро бо номи Қутайба ибни Марвон Абуабдураҳмон Озозоӣ ёд кардааст [97, с.136]. Зикри Қутайба дар «Таърихи Исбаҳон» ва

нисбат доданаш ба Озозо – деҳае дар Исфаҳон, аз форсу тоҷик будани ӯ шаҳодат медиҳад.

Вижагиҳои мактаби забоншиносии Куфа. Чи тавре пештар ишора гардид, мактаби забоншиносии Куфа дар заминаи мактаби забоншиносии Басра ба майдон омад ва табиист, ки қонуну қоидаҳое, ки Кисоию Фарро аз Исо ибни Умару Халил ибни Аҳмад ва Юнус ибни Ҳабибу Ахваш шунидаву гирифта буданд, заминаи асосӣ барои ташкили чунин мактаб буд. Ҳамзамон, «Китоб»-и Сибавайҳ, чи барои Кисоӣ ва чи барои Фарро, ба ҳайси китоби рӯйимизӣ хидмат мекард, ки ҳатман, таъсирпазирии ин мактаб, хусусан дар се табақаи аввали он бараъло мушоҳида мешавад [202, с.138]. Қуръони карим, ашъори шоирон ва гуфтори бодиянишинон сарчашмаи асосии далеловарии мактаби забоншиносии Куфа талаққӣ мешавад, ки дар ин маврид аз мактаби забоншиносии Басра тафовут надорад. Вале тафовут дар муносибат ба ин сарчашмаҳо мебошад. Ба ин гуна ки забоншиносони Басра муҳимтарин мақсадашон аз пайрезиҳои қоидаҳои наҳвӣ ин ба як равиши муайян даровардани гуфтор аст, то аз ҷониби ҳамагон риоя шавад, дар ҳоле ки забонро намешавад ҳамеша пойбанди қоидаҳо намуд, аз ҷумла муносибат ба забони гуфторӣ аз забони навишторӣ фарқ менамояд. Хусусан, бо назардошти лаҳҷаҳои гуногун ба як қоидаи муайян даровардани қонунҳои забони арабӣ кори осоне нест. Зеро қоида агар ба гуфтори лаҳҷае созгор бошад, пас, бе тардид, ба гуфтори лаҳҷаи дигаре мувофиқат намекунад. Аз ин рӯ, забоншиносони Басра барои пайрезии як қоида такя ба аглабияти истифода ва тавотури қоида[56], инчунин, ба ашъори шоирони тоисломӣ ва садриисломӣ менамуданд ва қиёсро дар

[56] Хоҳ-нохоҳ дар ин сурат бисёре аз услубҳои баёние, ки на дар забони навишторӣ, балки дар забони гуфторӣ ба кор мераванд, сарфи назар мегарданд. Аз ҷумла, Аҳмад Амин мегӯяд: «Ин қиёсе, ки наҳвиён ҳама қоидаҳояшонро такя ба он ихтироъ кардаанд, дар забони арабӣ таъсири назаррасе доштааст. Бим дорам, ки забоне, ки имрӯз ва пеш аз имрӯз истифода мекардаем, танҳо зодаи забон не, балки зодаи наҳву забон дар якҷоягӣ мебошад. Зеро забон одатан ба қиёси устуворе сар хам намекунад. Масалан, дар он «أكرم ويُكْرِمُ» ва «أحسن ويُحْسِنُ» ба кор меравад, дар ҳоле ки дар баробари он боз «أحزن» ва «يَحْزَنُ» истеъмол мегардад» [143, с.281-282].

ин маврид ба онҳо ҷоиз мешумориданд. Масалан, вақте медиданд, ки ҳиссачаи «إنَّ» дар бештари маврид исм (мубтадо)-ро мансуб ва хабарро марфуъ гардонидааст, пас, қоидаи корбурди ин ҳиссачаро ҳамчун насбсози мубтадову марфуъгузори хабар пайрезӣ мекарданд. Аммо дар сурати ягон мисол аз сарчашмаи муътамад, ба монанди ояти қуръонии «إن هذان لساحران» мухолифи ин таърифи ҳиссача бошад, пас, онро ба гунае таъвил мекарданд, вале қиёснопазир мешумориданд. Ба ин тартиб, муносибати намояндагони ин мактаб ба қироатҳои гуногуни қуръонӣ ба монанди муносибаташон ба дигар шавоҳиди забонӣ буд. Яъне, мактаби забоншиносии Басра дар қабулу посдории ривоятҳову оятҳои қуръонӣ ва мисолҳои шеърии наҳвӣ талоши худро менамуданд, вале қоидаро танҳо бо ҳамон шавоҳиди наҳвие пайрезӣ мекарданд, ки ағлабиятро ташкил ва аз ҷониби шахсиятҳои муътамад ривоят шудаанд [129, с.12-13; 352, с.337]. Вақте ду мисоле медиданд, ки яке ба қиёс созгор ва дигаре созгор нест, аввалиро тарҷеҳ медоданд ва аз арзиши дувумӣ мекостанд [143, с.295]. Аммо муносибати забоншиносони Куфа ба сарчашмаҳои мазкур ба гунаи дигар буд. Масалан, онҳо ҳама гуна қироатро қабул доштанду ба он такя мекарданд ва онро ҳамчун ҳуҷҷат ба кор мебурданд. Ин бошад, ба онҳо мусоидат намуд, то ба ҳар гуфтор қиёсро раво шуморанд ва баръакси забоншиносони Басра ба таъвилу таълили шавоҳиде, ки дар муътамадияш наметавон нуктагирӣ намуд, ниёз пайдо нанамоянд[207, с.253-254]. Ба андешаи забоншиносони Куфа, забонро наметавон аз хатти табиияш берун кард ва дар чорчӯбаи қоидаҳои пайрезишуда қарор дод. Ҳамин аст, ки вақте Юнус ибни Ҳабиб аз Кисоӣ мепурсад, ки чаро «حتى» насбкунандаи феъли замони ҳозира-оянда гардидааст, Кисоӣ дар ҷавоб мегӯяд: Зеро чунин офарида шудааст [97, с.127]. Яъне, табиати истифодаи ин ҳиссача ҳамин гуна аст, ки пеш аз феъли замони ҳозира-оянда омада, онро насб мекунад ва ин вобаста ба ҳеҷ иллат не, балки бастагӣ ба корбурди соҳибзабонон – арабҳо, дорад. Ба таъкиди намояндагони ин мактаб, қонуни асосии забон ин самоъ мебошад. Забони арабӣ забони қабилаҳои гуногун аст ва аз рӯйи ақл

нест, ки араберо, ки ба таври табиӣ-фитрӣ бо арабӣ сухан мегӯяду мо онро меомӯзем, ба хатогуфторӣ муттаҳам намоем [129, с.13-14]. Забоншиносони Куфа дар ривоят аз аъробиҳо низ аз забоншиносони Басра тафовут доштанд. Агар барои забоншиносони Басра кӣ будану аз кучо будани аъробӣ муҳим бошад, пас, барои забоншиносони Куфа аъробӣ будани ровӣ аз ҳама муқаддам гузошта мешуд. Ҳамин аст, ки басриҳо на аз араб/аъробии шаҳрнишин ва на аз аъробиҳое, ки дар натиҷаи бархӯрд бо намояндаи дигар забонҳо осебпазир гаштаанд, ҳеҷ ривояте накардаанд. Дар ҳоле ки куфиҳо аз арабҳои сокини Куфа, ки бештарашон аз Яман буданд, ривоят мекарданду гуфтори онҳоро ҳамчун далел қабул доштанд, дар ҳоле ки бинобар омехташавии таърихии яманиҳо бо ҳабашиҳову форсҳо ва ҳиндиҳо забонашон осеб ёфта буд. Илова бар ин, Кисоӣ аз арабҳои муҳоҷири БаҒдод, ки аз гӯшаву канори гуногуни сарзамини араб омада буданд, ривоят менамуд, дар ҳоле ки на фақат забон, балки хулқу атвори онҳо аз арабият дур гашта буд. Аз Абузайд ривоят аст, ки гуфт: «Кисоӣ Басра омада, аз Исову Халил ва дигарон наҳвро омӯхт. Сипас ба БаҒдод рафт ва дар он ҷо бо аъроби Ҳутама вохӯрду хатогуфториро аз онҳо гирифт ва бо ин ҳар чиро, ки аз Басра гирифта буд, барҳам зад [360, с.1744; 108, с.45].

Муносибати забоншиносони Куфа ба шеър ҳамчун далел барои гуфтори дуруст ба монанди муносибаташон ба қирооти қуръониву ривоятҳои аъроб буд, яъне аслан дар ҳеҷ шеъре камбуд намедиданд ва ҳар байтеро ба унвони шоҳиди забонӣ, сарфи назар аз ҷониби кӣ, кай ва дар кучо суруда шудааст, мепазируфтанд. Илова бар ин, ки бархе ровиён, аз қабили Ҳаммоди Ровии Куфӣ дар баробари ривояти бисёр донистану нуктасанҷ будан, мутаассифона, амонати илмиро риоя намекарданд, балки шеърҳои сурудаи худро ба дигарон нисбат медоданд[57]. Чунончи, ривоят мекунанд, ки Халфи Аҳмари Басрӣ баъд аз

[57] Ривоят мекунанд, ки аъробие назди Ҳаммод омаду қасидае хонд, дар ҳоле ки муаллифаш маълум набуд. Ҳаммод гуфт: Қасидаро нависед. Вақте қасидаро навиштанд, аъробӣ пеш аз он ҷоро тарк кардан пурсид: Онро ба кӣ нисбат диҳем.

вафоти Ҳаммоди Ровӣ марҷаи шавоҳиди шеърии мактаби забоншиносии Куфа гардид. Аз ӯ чандон ривоят карданд, ки ҳатто аз Ҳаммод он қадар ривоят нашуда буд. Вале мавсуф вақте зоҳид гашт, ба назди мардуми Куфа рафт ва онҳоро аз тамоми он чи аз номи дигарон суруда буд, огоҳ кард. Куфиҳо ба ӯ гуфтанд: Ту аз ҳозир дида он вақт барои мо муътамадтар будӣ. Бо ҳамин ашъори сурудаи ӯро дар девонҳои худ то имрӯз боқӣ гузоштанд[254, с.403]. Ҳамин аст, ки Абутайиби Луғавӣ мегӯяд: “Шеър дар Куфа дар муқоиса ба Басра, ҳам аз нигоҳи шумора ва ҳам аз нигоҳи ҷамъоварӣ, бештар аст, вале боз бештари он сохта ва ба нафаре мансуб дониста шудааст, ки онро нагуфтааст ва ин дар девонҳояшон ошкорост” [273, с.88; 254, с.407].

Бо назардошти ҳамин буд, ки забоншиносони Басра аз забоншиносони Куфа чизе ривоят наменамуданду онҳоро мавриди эътимод намешумориданд. Чунончи, Сирофӣ ривоят мекунад, ки «Мо нафареро аз донишмандони наҳву луғати Басра намедонем, ки ба ғайр аз Абузайд аз дигар мардуми Куфа ривоят карда бошанд» [108, с.45]. Вале ин ҳама ба он маъно нест, ки забоншиносони Куфа дар наҳви арабӣ коре накардаанд ва ё ҳама қоидаҳои пайрезишудаи онҳо арзиши илмӣ надоранд. Зеро муқоисаи андешаҳои ду мактаб маълум мегардад, ки бархе шавоҳиди овардаи забоншиносони Куфа, ҳарчанд аз ҷониби забоншиносони Басра мавриди пазириш қарор нагирифта бошад ҳам, аз нигоҳи илмӣ, нигоҳдории амонати ривоят ва муътамадии ровиён ҳеҷ камбуде надоранд. Ҳамин аст, ки забоншиносони баъдӣ, ки аз мактабҳои забоншиносии Бағдоду Андалус ва Миср намояндагӣ менамуданд, ба монанди Замахшариву Ибни Молик ва Ибни Ҳишому Ибни Ҳоҷиб дар бархе маврид андешаҳои забоншиносии куфиро мавриди таъйиду тарҷеҳ қарор додаанд.

Хулоса, тафовути асосии ин ду мактаб, чи тавре дар боло ишора шуд, дар муносибати онҳо ба сарчашмаҳое будааст, ки ба унвони

Мардуми дар он ҷо буда, сухани зиёде гуфтанд. Дар охир Ҳаммод гуфт: Инро аз Тарафа шуморед [273, с.86; 254, с.406].

шавоҳиди забонӣ баромад мекунанд. Забоншиносони Басра дар баробари чигунагии шавоҳид бисёр сахтгир буда, аз киву дар куҷо ва кай эҷод шудану сипас чи гуна ривоят шудани онро пайгирӣ менамуданд, дар ҳоле ки забоншиносони Куфа дар ташхиси шавоҳид ва шахсияти ровӣ бисёр сахтгир набуданд. Аз назари инҷониб, муносибати ҳар ду мактаб ба сарчашмаҳо дуруст буда, барои мондагории забони арабӣ ва услубҳои гуногун барои баёни таъбирҳо дар он мусоидат намудааст. Агар сахтгириҳои забоншиносони Басра ба ваҳдати забони арабӣ, меҳварияти забони адабии арабӣ ва мушаххас намудани меъёрҳое, ки барои омӯзиши забон мусоидат мекунанд, мусоидат намуда бошад, пас, осонгириҳои забоншиносони Куфа дар бақои услубҳои гуногуни ибораороиву ҷумласозӣ ва бозтобнамоии тарзҳои гуфтории асрҳои аввали ҳиҷрӣ нақш дорад[58]. Илова бар ин, чунин муносибат ба забоншиносони Куфа мусоидат намуд, то аз бисёр таъвилу иллатҷӯиҳое, ки забоншиносони Басра дар баробари шавоҳиди муътамад, аммо камистеъмол менамуданд, ба дур бошанд, зеро равиши онҳо бо раво шуморидани қиёс ба ҳар чизе, ки мешуниданд, сарфи назар аз фасеҳу ғайрифасеҳ будан, онҳоро аз рӯ овардан ба ҳар гуна таъвилу таълил бениёз карда буд.

3.4. Фарро – муассиси воқеии мактаби забоншиносии Куфа

Дар мактаби забоншиносии Куфа се чеҳраи шинохтае ҳаст, ки асос ва пояҳои ин мактаб ба шумор мераванд. Инҳо Кисоӣ, Фарро ва Саълаб мебошанд, ки дуи аввал сарвар ва муассиси ин мактаб ва Саълаб

---

[58] Алӣ Тантовӣ сахтгирии басриён ва осонгирии куфиёнро ба табиати ин ду диёр ва таърихияти онҳо нисбат дода, таъкид мекунад, ки Басра дар як гӯшаи биёбон бунёд ёфту муддати тулоние дар ҳамон руҳияи бодиягӣ ба сар бурд. Аз ин рӯ, бо ҳама омезише, ки дар ин ҷо байни арабу ғайриараб сурат гирифтааст, натавонист, ки салобати ақли арабиро тағйир диҳад. Ақли арабӣ дар муносибати басриён бо ҳама илмҳо дида мешавад. Аммо Куфа дар ҷойе бино гардидааст, ки пойтахти Мунзириён – Ҳира дар он ҷо гирифта буд. Аз таърих маълум аст, ки Мунзириён зери султаи форсҳо қарор доштанд. Ҳамин аст, ки дар муносибати онҳо ба ҳама илму кор озодандешӣ, ақлгарӣ ва осонгирӣ дида мешуд ва бе шак, ин руҳия ба арабҳое, ки дар он ҷо сукунат доштанд, асари худро гузошта буд [332, с.147].

намояндаи охирини он маҳсуб мегарданд. Дар сарчашмаҳои таърихӣ ба ғайриарабӣ будани ин се донишманд ишора мешавад, аз ҷумла дар мавриди аз мардуми форсу тоҷик будани дуи аввал: Кисоӣ ва Фарро, иттифоқи назар вуҷуд дорад ва дар ин тардиде нест [307, с.197-199], дар ҳоле ки дар мансуб будани Саълаб ба ин ё он миллат ихтилофи зиёде дида мешавад. Вобаста ба ҷойгоҳи калидии ин се нафар дар забоншиносии Куфа, чи дар осори гузашта ва чи дар таҳқиқотҳои муосир, ишораҳои зиёде шудааст. Аз ҷумла, Қифтӣ аз мардуми Куфа ёдовар мешавад, ки мегуфтанд: “Мо се фақеҳе дорем, ки дар як қаторанд ва мардум ҳамсанги онҳоро надидаанд: Абуҳанифа, Абуюсуф ва Муҳаммад ибни Ҳасан. Инчунин, дар наҳв низ ин гуна се нафар дорем: Алӣ ибни Ҳамзаи Кисоӣ, Абузакариё Яҳё ибни Зиёд Фарро ва Абулаббос Аҳмад ибни Яҳё Саълаб [183, с.11].

Дар ин ҷо ишора ба осор ва рӯзгори Фарро муносиб мебошад, зеро метавон ӯро Сибавайҳи мактаби забоншиносии Куфа шуморид[59]. Зеро агарчи Кисоӣ устод ва поягузори нахустини мактаби забоншиносии араб ба шумор равад ҳам, воқеият ин аст, ки маҳз Фарро онро аз як равияи дигарандеши басрӣ ба мактаби мустақили забоншиносӣ табдил дод. Ҳама гуна андешаҳои забоншиносие, ки ба намояндагони мактаби забоншиносии Куфа нисбат медиҳанд, аслан, андешаҳои Фарроанд ва ҳама истилоҳоти ин мактаб зодаи зеҳни истилоҳофаринии ин донишманд аст [212, с.32]. Саълаб чандин бор гуфтааст: “Агар Фарро намебуд, забоншиносии араб ҳам намебуд, зеро маҳз ӯ қонунҳои забониро хулосаву мураттаб кард. Агар Фарро намебуд, забоншиносии араб аз байн мерафт, зеро ҳар касе мехост, ба табъи худ онро иддао мекарду бо он муҷодала менамуд ва мардум бо андозаи ақлҳояшон дар он сухан мегуфтанд, ки ин ҳатман онро аз байн мебурд”[183, с.9]. Ҳатто ибораи

[59] Ва ин нисбӣ аст, чаро ки дар забоншиносии араб, чи қадим ва чи имрӯз, касе на дар таълиф ва на дар хидмат ба забоншиносии араб ба Сибавайҳ баробар шуда наметавонад. Зеро «Китоб»-и Сибавайҳ сарогози танҳо забоншиносии Басра не, балки аз забоншиносии араб аст ва хидмати ӯ фақат дар маҳдудаи забони арабӣ не, балки барои ҳама башарият аст.

дигаре дар “Таърихи Баґдод” ба ин гуна “ النحو الفراء، والفراء أمير المؤمنين في النحو” (Наҳв Фаррост ва Фарро амиралмуъмин дар наҳв аст) омадааст [105, с.9], ки аз ҷойгоҳи баланди ин донишманд дар забоншиносии араб, хусусан мактаби забоншиносии Куфа шаҳодат медиҳад.

Яҳё ибни Зиёд ибни Абдуллоҳ ибни Манзур Дайламӣ Абузакриё Фарро аз решаи форсӣ ва аз Дайлам будааст[60]. Ӯ соли 144 ҳ дар Куфа ба дунё омада, дар ҳамон ҷо ба воя расидаасту донишҳои аввалини замонро аз худ кардааст. Дар бораи рӯзгори то ба Кисоӣ пайвастани Фарро маълумоти дақиқе вуҷуд надорад, чун волайданаш аз чеҳраҳои шинохта ва аз оилаҳои доро набуданд, ки таърихнигорону нависандагон ҳар лаҳзаи зиндагии онҳоро ба риштаи таҳрир кашанд. Танҳо ин нукта маълум аст, ки падараш мавлои Бани Минқар будааст ва Фарро ба мисли ҳама ҳамзамонони аз табақаи поёнибуда бузург гаштааст. Дар асарҳои тарҷумаҳолӣ ишора мешавад, ки ӯ ба мисли Кисоӣ нахуст дар назди Абуҷаъфар Руосӣ таҳсил намуд ва чун Руосӣ истеъдоду маҳорати ӯро дар сарфу наҳв ва каломи араб мушоҳида намуд,[61] ӯро тарбия ва ба Баґдод фиристод, то бо Кисоӣ дасту панҷа нарм кунад, зеро Кисоӣ баъд аз назди Руосӣ рафтан дар бисёр масоиле бо ӯ ҳамфикр набуд [230, с.192; 352, с.120-121].

Муҳаққиқон сабаби бо Фарро мулаққаб гаштани ин донишмандро таъвилҳои гуногун мекунанд. Аз ҷумла ишора ба он мешавад, ки пустинадӯзӣ ва мӯинафурӯшӣ касби бобоии ин хонадон будааст, чун бобои донишманди мазкур – Абдуллоҳ, низ ба чунин лақаб ёд мешавад [154, с.33]. Вале боз ишора мешавад, ки ӯро на барои касби ирсӣ, балки ба хотири суханвариву маҳорати баланд дар ҷадал доштан Фарро

---

[60] Дар «Инбоҳ-ур-рувот ало анбоҳ-ин-нуҳот» аз ҷумла насаби Фарро чунин оварда шудааст: «Яҳё ибни Зиёд ибни Фаробахт ибни Довуд ибни Куднор»[183, с.12], ки муътамадтарин далел ба форсу тоҷик будани ӯ мебошад [154, с.38].

[61]Мувофиқи ривоятҳо Фарро бисёр хотираи қавӣ доштааст ва, аслан, шунидаҳояшро наменавиштааст, дар ҳоле ки дар вақти лозимӣ онро ба таври пурра ёдовар мегаштааст. Ҳамин аст, ки вақте вафот кард, ба ҷуз чанд коғазпорае, ки дар онҳо бархе ёддоштҳову байтҳои шеърӣ навишта шуда буд, чизи дигаре аз ӯ наёфтанд. Китобҳояшро, аслан, бе тадвин кардан дар нусхае ба дигарон мехондааст [105, с.9].

номидаанд, “зеро ӯ суханро бо ҳам медӯхт”. Анборӣ низ инро таъйид карда, гуфтааст, ки ӯ дар пайҳамории масъалаҳо чирадаст буд, аз ин рӯ, ӯро ба дузандае ташбеҳ додаанд, ки чармдузӣ мекунад. Вагарна Фарро на ба фурӯши мӯина машғул буду на ба хариди он. Бархе мегӯянд, ки Фарро номида шуданаш ба хотири шикаст додани ҳарифонаш бо пешниҳоди масъалаҳои душвор будааст. Чунончи, мегӯянд: «قد فرى إذا قطع» [105, с.8]. Табиист, ки бо чунин ном мулаққаб шудани ин донишманд маҳз баъд аз машҳур гаштанаш дар доираҳои илмии давр будааст.

Сарчашмаҳои таърихӣ ишора ба он мекунанд, ки Фарро нахуст ба Басра барои такмили дониш меояд ва ба хонаи Сибавайҳ сар мезанад, аммо дар гуфтори дувумӣ лакнат дида, ӯро тарк мегӯяд ва ба назди Юнус ибни Ҳабиб рафта, ба шогирдии ӯ мешинад ва луғоту ашъори зиёди аъробро маҳз аз ӯ фаро мегирад, инчунин, наҳви басриро аз ӯ меомӯзад. Ба ҳамин хотир аст, ки Фарро дар чандин масъала бо Юнус ибни Ҳабиб мувофиқ аст, ки «الذي»-ро ба маънои масдарӣ низ шарҳ додан аз он ҷумла ба шумор меравад [253, с.202-203; 230, с.192; 352, с.121]. Баъд аз ин Фарро азми Бағдод намуда, сараввал ба ҳалқаи Кисоӣ ба унвони як озмоишгар ва нафаре, ки ҳадафаш шикасти нафари дигар аст, ворид мешавад, вале дар як муддати кӯтоҳ шефтаи муносибату дониши Кисоӣ гашта, то охирин нафас ҳамчун шогирди содиқи ӯ боқӣ мемонад. Ҳадафи асосии сафари Фарро ба Бағдод, бе тардид, касби мол буд, ки ба он муваффақ гашт. Чунончи, ӯ дар Бағдод ба дарбори Ҳорун Рашид роҳ ёфту баъдтар аз муқаррабони Маъмун ва муаллими фарзандони ӯ гардид ва чунон ҷойгоҳаш боло рафта буд, ки халифазодаҳо барои пеш мондани кафши пояш мубориза менамуданд [89, с.82; 183, с.7; 352, с.125].

Бо мутолиаи таърихи забоншиносии араб ба ин нуктаи аҷиб бархӯрд менамоем, ки муносибати ин ду мактаб ба дарбор ва ҳокимони вақт якранг набудааст. Чунончи, сарчашмаҳо ишора мекунанд, ки аз забоншиносони Басра дида забоншиносони Куфа ба дарбори халифа ва амирони давр наздикии бештар доштанд. Масалан, Кисоӣ дар назди Ҳорун Рашид аз ҷойгоҳи бисёр баланд бархӯрдор буд ва муаллими

Амину Маъмун ба шумор мерафт. Фарро муаллими фарзандони Маъмун буд. Ибни Сиккит фарзандони Мутаваккилро дарс мегуфт. Саълаб муаллими Абдуллоҳ ибни Муътаз буд. Аз забоншиносони Басра Мубаррид низ то ҷойе ба дарбор наздик буд ва Абдуллоҳ ибни Муътазро ӯ низ таълим додааст [129, с.12]. Маҳз наздикии забоншиносони Куфа ба дарбор ва пуштибонии сиёсӣ ёфтани онҳо аз ҷониби халифаҳо муҷиб мегаштааст, ки дар мунозираҳои намояндагонии ин ду мактаб пирӯзӣ ба намояндагони мактаби забоншиносии Куфа насиб шавад, чи тавре инро дар масъалаи занбӯрия, ки байни Сибавайҳ ва Кисоӣ сурат гирифтааст, бараъло метавон дарк кард.

Фарро баъд аз вафоти Кисоӣ сарварии мактаби забоншиносии Куфаро ба дӯш гирифта, то охирин лаҳза дар таҳкиму таъйиди қоидаву қонунҳои худ талош намудааст. Мавсуф бештари рӯзгори худро дар Бағдод гузаронида, тамоми сол ба ҷамъ кардани мол машғул мегашт ва дар охири сол ба Куфа омада, муддати чил рӯз дар он иқомат менамуд ва ҳар чи дар сол гирдоварӣ карда буд, ба аҳлу оилааш тақсим мекард. Ӯ соли 204 ҳиҷрӣ ҳангоми бозгашт аз Макка ҷаҳонро падруд гуфтааст[105, с.10; 252, с.333]. Ҳарчанд Фарро дар таърих ҳамчун донишманди фарогир ва донандаи хуби донишҳои дигари ақливу нақлии замони худ ба шумор равад ҳам, вале эҳсос мешавад, ки забоншиносӣ дар зиндагии ӯ ҷойгоҳи меҳвариро ташкил медиҳад, ба гунае ки фикру зикри ӯ ҳама дар пайи таҳлил ва баррасии масоили забоншиносӣ буда, ҳамеша талош мекардааст, то барои ҳар печидагие дар ин илм посухе дошта бошад. Чунончи, аз ӯ ривоят мекунанд, ки гуфта: «Мемирам, дар ҳоле ки дар дилам ҳанӯз чанд нукта аз «حَتّى» аст, зеро он ҳам маҷрур мекунаду ҳам мансуб ва ҳам марфуъ» [183, с.155].

Қобили қайд аст, ки дар мавриди аз мардуми форсу тоҷик будани ин донишманд ҳеҷ тардиде нест, вале чун ӯ дар Куфа зодаву дар Басраву Бағдод ба сар бурдааст, дар робита ба ин ки забони форсиро медонист, ё не ҳеҷ ишорае нашудааст. Фаррошиноси араб – Аҳмад Маккӣ Ансорӣ, огоҳӣ доштани Фарроро аз забони форсӣ на инкор ва на таъйид

менамояд ва онро аз масоили ношинохта дар зиндагии ин донишманд меҳисобад. Зеро бо омӯзиши осори Фарро ва осори дар мавриди ӯ навишта ҳеҷ далеле вуҷуд надорад, ки забони форсидонии ӯро инкор ва ё тасдиқ кунад. Фаррошиноси мазкур ишора мекунад, ки дар «Маони-ул-Қуръон» ҳамагӣ дар як ҷо ҷумлаи форсӣ: «زه هَزَار سَال»[62] оварда шудааст, ки ба гумони ғолиб онро Фарро аз суханони муфассирони пештар гирифтааст ва ин дар инкору исботи ин масъала далели қатъӣ шуда наметавонад [154, с.118].

Нуктаи аҷибе, ки дар рӯзгори Фарро мушоҳида мешавад, ин ҳисси бадбинии ӯ нисбат ба Сибавайҳ мебошад, дар ҳоле ки то замони мунозираи Сибавайҳу Кисоӣ Фарро бо Сибавайҳ ба ҷуз ҳамон дидор, ки дар хонаи Сибавайҳ сурат гирифтааст, дигар бархӯрде надоштааст.

«Маони-ул-Қуръон»-и Фарро. Фарро дар таърихи забоншиносии араб аз донишмандони сермаҳсул ба шумор рафта, ба ӯ китобҳои зиёдеро нисбат медиҳанд. Аз ҷумла, дар сарчашмаҳои ба 17 асари ӯ ишора мешавад, ки бархе то ба имрӯз расидаву рӯйи чоп омадааст ва бархе ба ҷуз зикри ному ёдоварӣ аз баъзе масоилаш дигар чизеаш боқӣ намондааст[63]. Масалан, аз китобҳои машҳури Фарро «Ҳудуд» мебошад, ки бо дастури бевоситаи Маъмун онро навиштааст. Мегӯянд, Маъмун амр кард, ки дар дарбор ҳуҷраеро бо тамоми шароити корӣ барои Фарро муҳайё намоянд ва дар хидмати ӯ ғуломону канизони зиёдеро гузошт, то ба ғайр аз навиштани китоб ба дигар коре машғул нашавад. Фарро китоби мазкурро дар ду сол навишта кард. Сипас он рӯнавис шуда, ба хазинаи халифа гузошта шуд [89, с.81]. Аз маълумоте, ки Қифтӣ дар мавриди китоби «Ҳудуд» овардааст, ин китоб аз 46[64] бахш ё фасл иборат

---

[62] Фарро мегӯяд: ثمَّ إنه وصف المجوس فقال:"يودّ أحدهم لو يُعَمَّر ألف سنة" وذلك أن تحيتهم فيما بينهم: "زه هزار سال". فهذا تفسيره: عشْ ألفَ سنةٍ[105, с.63].

[63] Маҳдӣ Махзумӣ таъкид мекунад, ки аз осори Фарро ҳамагӣ ду китоб: «Китоб-ул-айём ва-л-лаёлӣ» ва «Маони-юл-Қуръон» то замони мо расидааст [352, с.131-132].

[64] Дар мавриди чанд ҳад/фасл доштани ин китоб байни донишмандон ихтилофи назар вуҷуд дорад. Аз ҷумла, Қифтӣ онро аз 60 ҳад [183, с.16] иборат медонад, вале ҳангоми зикри онҳо ба 46- тои он ишора кардаасту тамом[183, с.22-23]. Ҷалолиддини Суютӣ дар «Буғят-ул-вуот» ба 46 ҳад доштани китоб таъкид кардааст [252, с.333]. Аммо дар «Феҳрист»-и Ибни Надим номи ҳадҳо оварда шудааст, ки ба 45 ҳад

буда, ҳар фасл ба калимаи «حَد» оғоз мешвад. Масалан, фасли аввали он ба ин гуна «حَدُّ الإعْرَابِ في أُصُوْلِ العربيةِ» (Ҳадди эъроб дар усули наҳв) ва фасли охири он чунин «حَدُّ مَا يُجْرَى ومَا لَا يُجْرَى» (Ҳадди исмҳои мунсариф ва ғайримунсариф) унвон гирифтааст[183, 22-23; 83, с.100]. Аз он чи донишмандон дар бораи китобҳои Фарро гуфтаанд, метавон хулоса кард, ки маҳз ҳамин китоби «Ҳудуд» китоби сирф наҳвӣ буда, дар асарҳои дигари ӯ ҷанбаҳои луғавии падидаҳои забонӣ бештар ба баррасӣ кашида мешудааст [352, с.130].

«Маони-ул-Қуръон» шояд ягона асари наҳвии Фарро бошад, ки то ба мо расидаву чандин бор ба чоп расидааст. Маҳз ҳамин асар сарчашмаи асосии андешаҳои наҳвии Фарро ба шумор меравад, ки барои донишмандони баъдии ин мактаб чун роҳнамову дастурамал ба кор рафтааст [352, с.133]. Сабаби таълифи ин китобро Ибни Надим чунин ҳикоят мекунад: «Аз дӯстони Фарро Умар ибни Бакир, ки дар хидмати Ҳасан ибни Саҳл буд, ба Фарро навишт, ки амир Ҳасан ибни Саҳл сари ҳар гоҳе аз ман масоили қуръонӣ пурсон мешавад ва шояд ман дар посух дармонам. Агар барои ман қоидаҳои асосиро гирдоварӣ мекардӣ ва ё дар ин боб китобе менигоштӣ, ки онро марҷаъ қарор медодам, бисёр хуб мешуд. Бо гирифтани нома Фарро ба атрофиёнаш эълом кард, ки рӯзеро муайян кунанд, то барои онҳо китобе дар мавриди Қуръон таълиф кунад. Сипас ӯ ба муаззини масҷид дастур дод, ки сураи «Фотиҳа»-ро хонад ва ӯ бо ин равиш ба тафсири Қуръон пардохт» [83, с.99]. Ба ин тартиб, баъди қироат шудани ҳар даҳ оят Фарро ба тафсир шуруъ мекард ва мардум онро менавиштанд ва баъди анҷоми маҷлис яке аз шогирдони Фарро навиштаи якеро мегирифту дар мувофиқа бо Фарро онро таҳриру тасҳеҳ менамуд [105, с.13]. Ин кори Фарро дар ҳол шуҳрат ёфт ва дар маҷлиси тафсири ӯ мардуми бешуморе менишастанд, чунончи, аз Абубадил Ваззоҳӣ ривоят мекунанд, ки «хостем, то мардумеро, ки барои навиштани ин китоб ҷамъ мешаванд, шуморем,

---

мерасад, вале ба чандто будани он Ибни Надим ишорае накардааст[83, с.100; 154, с.180-181].

вале муваффақ нагаштем. Аз ин рӯ, танҳо қозиҳои дар он маҷлис иштироккунандаро шуморидем, ки теъдодашон ба 80 нафар мерасид» [183, с.16].

Дар аввали китоби мазкур омадааст: «Ин китобест, ки дар он маонии Қуръон гирдоварӣ шудааст. Онро Абузакариё ибни Зиёд Фарро – Худованд биёмурзадаш- аз ёд бе муроҷиат ба ягон нусха дар маҷлисҳои аввали рӯз, ки ҳар сешанбеву ҷумъаи моҳи Рамазон оғоз гашту сипас ду солу чанд моҳ идома ёфт, бар мо имло кард»[105, с.1]. Аз ин гуфтор бармеояд, ки «Маони-ул-Қуръон» охирин асари Фарро буда, соли 202 ҳ ба тадриси он оғоз намуда, соли 204 ҳ, ки соли вафоти муаллиф аст, анҷом ёфтааст.

Ҳарчанд мақсад аз таълифи ин асар, чи тавре аз қиссаи сабаби таълифи он бармеояд, тафсири оятҳо бошад ҳам, вале Фарро онро бо тафсирҳои луғавии калимаҳои душворфаҳм ва овардани андешаҳои наҳвӣ дар шарҳи эъроби оятҳо аз дидгоҳи мактаби забоншиносии Куфа ороста намудааст. Ҳамзамон, барои таъйиди гуфтор Фарро ҳангоми тафсир ба гуфтори суханварони араб ва ривоятҳои гирдовардаи худ аз аъробиҳо такя мекунад. Ҳамин аст, ки ин асар, чи тавре пештар ҳам ишора шуд, ягона асари таълифкардаи Фарро аст, ки то замони мо ба пуррагӣ расидааст ва он бозтоби андешаҳои забоншиносии ӯ мебошад. Вижагии асари мазкур дар он аст, ки Фарро дар шарҳи луғавии оятҳо танҳо бо овардани қироатҳои машҳур маҳдуд намегардад, балки ҳама он чи дар ин маврид аз машҳуру нодир ворид шудааст, аз ҷониби ӯ ёд шуда, дар баррасӣ қарор мегирад. Масалан, дар шарҳи «الحمدُ للهِ» овардааст: «Қориён дар марфуъ хондани «الحمدُ لله» иттифоқи назар доранд. Вале мардуми бодия онро бархе «الحمْدَ للهِ», бархе «الحمدِ للهِ» ва боз гурӯҳе «الحمدُ للهِ» бо рафъи «دُ» ва «لُ» мехонанд. Далели онҳое, ки насб мехонанд, ин аст, ки «الحمد» на исм, балки масдар аст ва мешавад ба ҷойи он ин гуна гуфт: «أحمد الله». Вақте ба ҷойи масдар метавонад « فَعل ё يَفْعل» ояд, пас, насб овардани он ҷоиз аст… Аммо маҷрур хондани «دِ» -и «الحمد لله» ба ин далел

аст, ки ин ибора дар забони мардуми араб бисёр истифода мешавад, ба гунае ки ба монанди як калима гаштааст. Аз ин рӯ, дар як исм аввал овардани замма сипас касра осон нест, ё касра баъд аз он замма, дар ҳоле ки дар забони арабӣ калимаҳое ҳаст, ки дар он ду касра якҷо омада бошад, ба монанди калимаи «إِبِل». Пас, касра овардани «ـِ» ба хотири ҳамгуни калимаҳо намудани ибораи «الحمد لله» мебошад. Аммо нафароне, ки «الحمدُ لله»-ро марфуъ мехонанд, ин таъбирро ба монанди як калимае мегардонанд, ки дар он ду замма пайи ҳам/якҷоя меояд, ба монанди «الحُلُم» ва «العُقُب». Вақте ду калима бисёр истифода шуд, ба мисли як калима гаштани он инкор карда намешавад. Чунончи, арабҳо «بِأَبَا» мегӯянд, дар ҳоле ки он «بأبي» аст ва «ـِي» -и ҷонишини шахси аввал ҷузъе аз «أب» нест, вале вақте бисёр истифода шуд, гумон карданд, ки он як калима аст, пас, онро ба монанди калимаҳои «حُبْلى» ва «سَكْرَى» ба «ا» табдил доданд» [105, с.3-4].

Чи тавре дида мешавад, дар ин ҷо чор тарзи қироати «الحمد لله»-ро овардааст, ки ба дурустии аввали он ишора карда, суханро дар он ҷо ба дарозо накашидааст, аммо дар се тарзи қироати дигари ин таъбир, ки аслан мавриди иттифоқи назар нестанд, ба таври муфассал сухан гуфта, барои ҳар яке далел овардааст. Воқеан, чунин муносибати Фарро дар тарсиму тасвири забони зиндаи он даврон ва фарқиятҳои савтию наҳвии лаҳҷаҳои арабии он замон ба ҳайси як сарчашмаи муътамад хидмат менамояд.

Дар ин асар Фарро дар баробари тарҷеҳи андешаҳои наҳвии Кисоӣ боз ба хилофи он бархостааст. Чунончи, дар тафсири ояти 246-уми сураи «Бақара» мегӯяд: «Кисоӣ мегӯяд, ки ворид намудани «أَنْ» дар «مَالَكك» ба монанди ояти «مالكم في ألا تقاتلوا» аст. Агар ин гуфаи Кисоӣ дуруст бошад, пас, метавон гуфт: «مالك أنْ قمتَ» ва «مالك أنك قائم». Бо ин дар «قيام» гузаштаву сифати феълии тарзи фоъилиро меоварӣ ва ин ҷоиз нест, зеро манъ танҳо дар оянда меояд, ба монанди: «منعتك أن تقوم». Аммо наметавон гуфт: « منعتك أن قمت». Ҳамин аст, ки «مالك» дар оянда омадааст, на дар ҳозира ва на дар

гузашта. Ин далеле ба ҳаммаъноии «مالك» ва «مامنعك» мебошад» [105, с.165].

Дар ин асар дида мешавад, ки дар чандин маврид Фарро бархилофи Халил ибни Аҳмад – шайхи Басраву Куфа, баромадааст. Чунончи, дар мавриди калимаи «اللهمّ», ки ба қавли Халил ибни Аҳмад як «م» ба ҷойи «يَا»-и нидо оварда шудааст ва ба ҳамин хотир дигар ба он «يَا»-и нидо ворид намешавад, Фарро рақзеро мисол меорад, ки дар он пеш аз калимаи «اللهمّ» «يَا»-и нидо омадааст ва бо ин сухани Халил ибни Аҳмадро рад карда, калимаи «اللهمّ»-ро сохта аз ду калима «الله» ва «أُمَّ» мебинад, ки дар натиҷаи бисёр истифода шудан тахфиф гардида, ба сурати «اللهمّ» даромадааст [105, с.203].

Ҳамзамон, Фарро дар чандин масъалаи дигар ҳам назари Кисоӣ ва ҳам назари наҳвиёни Басраро зери суол кашида, дар он дидгоҳи худро баён доштааст, ки мавриди таъйиди донишмандони баъдӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, марфуъ будани феъли замони ҳозира-ояндаро Кисоӣ вобаста ба ҳарфҳои музориа[65] медонад, дар ҳоле ки забоншиносони Басра марфуияти онро ба ҳамгунияш бо исм вобаста мешуморанд. Аммо ба назари Фарро холӣ будани ҳолати марфуии феъли замони ҳозира-оянда аз ҳиссачаҳои носибаву ҷозима худ далели марфуияти он маҳсуб мегардад [154, с.421].

Мавриди зикр аст, ки дар ин китоб андешаҳои наҳвии Фарро танҳо гуфторе нест, ки ба таркибсозиву иллатҳои он маҳдуд гардад, ё худ танҳо ҳамин наҳв ба маънои синтаксис нест, балки наҳви ӯ забоншиносии Куфа аст, умумӣ аст, ба гунае ки онро басриҳо дар давраи Халилу Сибавайҳ медонистанд, аз савтиёт сар мешаваду бо масъалаҳои сарфию наҳвӣ анҷом мепазирад [352, с.135]

---

[65] أ، ن، ي، ت- ҳарфҳои музориа хонда мешаванд, зеро онҳо дар аввали феъли замони гузашта омада, онро ба замони ҳозира-оянда табдил медиҳанд, ҳамзамон, ба кадом шахс далолат кардани фаъл аз онҳо вобастагӣ дорад. Дар забони тоҷикӣ пешванди ме-ро бо ҳамроҳии бандакҷонишинҳои феълӣ (хусусан дар шумораҳои танҳои шахси сеюму шахси дувум ва дар шумораҳои танҳову ҷамъи шахси якум) метавон то ҷойе муодили ҳарфҳои мазкур шуморид.

Чи тавре ишора шуд, «Маони-ул-Қуръон» саршор аз андешаҳои забоншниосии Фарро буда, муҳимтарин сарчашма дар мавриди шинохти истилоҳоти забоншиносӣ ва дидгоҳи забоншиносони Куфа дар робита ба падидаҳои сарфию наҳвии араб ба шумор меравад. Масалан, дар асли арабии ҳамин матнҳои дар боло овардашуда чандин истилоҳи наҳвие ба кор рафтааст, ки хоси мактаби забоншниносии Куфа ва зодаи зеҳни Фарро мебошад. Аз ҷумла дар матни аввал [105, с.3-4] чандин бор Фарро истилоҳоти замма ва касраро истифода карда, онро ҳам дар зимни сохтори карима ва ҳам барои ҳаракати ҳарфи ахири калима ба кор бурдааст, дар ҳоле ки дар мактаби забоншиносии Басра истилоҳоти замма, фатҳа, касра ва вақф (сукун) ба садонокҳои кӯтоҳе ишора месозанд, ки дар сохтори калимаҳо истифодашуда, ҷузъи ҷудонопазири калима ба шумор мераванд ва дар ҳама ҳиссаҳои нутқ истифода мешаванд, дар ҳоле ки истилоҳоти рафъ, насб, ҷар ва ҷазм ба ҳаракатҳое гуфта мешаванд, ки дар охири исмҳои эъробпазир ва феълҳои замони ҳозира-оянда омада, ҳар лаҳза ба дигаргунӣ рӯбарӯ мешаванд ва ҷузъи калима ба шумор нарафта, балки ифодагари таъсирпазирии калима аз ин ё он омили наҳвӣ мебошанд [29, с.85-86]. Дар матни дувум калимаи «الدائم» [105, с.165] аз ҷониби Фарро ҳамчун истилоҳи баёнгари исми фоъил/сифати феълии тарзи фоъилӣ ба кор рафтааст.

Ба назар мерасад, ки Фарро на фақат дар пайравӣ ба Кисоӣ дар овардани шавоҳиди наҳвӣ хилофи забоншиносони Басра рафтаву равиши нисбатан наверо таъсис додааст, балки дар тағйиру табдили истилоҳоти наҳвие, ки Халил ибни Аҳмад ва Сибавайҳ асос гузошта буданд, талоши зиёде намудааст [230, с.198-200; 148, с.109]. Чунончи, истилоҳи «الصرف» [105, с.34], «الجحد»[105, с.52], «النعت»[105, с.112], «الفعل الواقع» [105, с.121] ва «الخوض» [105, с.168] аз истилоҳотеанд, ки муодили истилоҳоти зерини басрӣ: «النصب», «النفي», «الصفة», «الفعل المتعدي» ва «الجر» қарор мегиранд ва ба таври ошкор маълум аст, ки Фарро онҳоро напазируфта, ба таври худ истилоҳофаринӣ намудааст. Бархе маврид дар баробари як истилоҳи басрӣ чандин

истилоҳро ба кор бурдааст. Чунончи, дар баробари истилоҳи «البدل» дар «Маони-ул-Қуръон» чор истилоҳ: «التكرير», «التبيين», «التفسير» ва «الترجمة» ба кор рафтааст[148, с.111].

Мавриди зикр аст, ки дар ин асар Фарро қариб аз донишмандони Басра ёд намекунад. Масалан, дар «Маони-ул-Қуръон» ҳамагӣ номи чор намояндаи мактаби забоншиносии Басра: Абдуллоҳ ибни Абуисҳоқи Ҳазрамӣ, Абуамр ибни Ало, Юнус ибни Ҳабиб ва Исо ибни Умари Сақафӣ оварда шудааст ва он ҳам на дар баррасии масъалаҳои забоншиносӣ, балки дар зимни санади ривоятҳое, ки аз устодони куфигияш намудааст. Ҳарчанд таъсирпазирияш аз гуфтори Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ ва «Китоб»-и Сибавайҳ дар ин асар бараъло ба назар расад ҳам, вале ба онҳо ишорае нашудааст. Фарро бо он ки чандин далели наҳвиро аз «Китоб» бе ягон дигаргунӣ нусхабардорӣ намуда бошад ҳам, вале на номи соҳиби «Китоб» ва на номи соҳиби он байту далели наҳвиро наовардааст [81, с.221-223]. Воқеан, чунин муносибати Фарро, ки аз ҳама амонату этикаи илмӣ ба дур аст, инъикосгари чигунагии таассуб байни мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа мебошад.

Хулоса, Фарро дар китоби «Маони-ул-Қуръон» усули мактаби забоншиносии Куфаро таҳким бахшида, барои он истилоҳоти вижае эҷод намудааст, ки ин, аз як тараф, ба мустақилияти мактаби мазкур аз мактаби забоншиносии Басра мусоидат карда, аз тарафи дигар, ӯро аз ҷумлаи поягузорони асосии ин мактаб гардонидааст.

3.5. Мактаби забоншиносии БаҒдод

Бо боло рафтани муноқишаҳои илмӣ дар байни намояндагони мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа дар авохири асри III ва авоили асри IV ҳиҷрӣ донишмандоне ба майдон омаданд, ки ба андешаҳои забоншиносони ҳар ду мактаб эҳтиром мегузоштанд, таълифоти онҳоро мутолиа мекарданд ва то ҷойе ба илмияти андешаҳо баҳо дода, беҳтаринашро пайравӣ мекарданд. Дар натиҷа, дар забоншиносии араб усули равиши тоза ба миён омад, ки на дар қиёс мисли басриҳо

пофишорӣ мекарду ва на дар баррасии сарчашмаҳои шавоҳид мисли куфиҳо саҳлангорӣ. Донишмандоне, ки дар ин аср ба майдон омаданду чунин равишро интихоб намуданд, дар таърихи забоншиносии араб ҳамчун намояндагони мактаби забоншиносии БаҒдод муаррифӣ мешаванд.

Аслан, вуҷуди чунин мактаби забоншиносиро на ҳама донишмандон, хусусан донишмандони муосири араб қабул доранд. Онҳо забоншиносонеро, ки ба ин мактаб (БаҒдод) нисбат дода мешаванд, вобаста ба гароиши бештар доштанашон ба яке аз ин ду мактаби мазкур мансуб медонанд. Чунончи, Ибни Кайсон (ваф.299 ҳ), Ибни Шуқайр (ваф.315 ҳ) ва Ибни Хайёт (ваф.320 ҳ)-ро бинобар тамоюли бештарашон ба андешаҳои забоншиносони Куфа аз зумраи куфиён ба қалам медиҳанд, дар ҳоле ки Заҷҷоҷӣ (ваф.337), Абуалӣ Форсӣ (ваф.377 ҳ) ва Абулфатҳ Усмон ибни Ҷинниро (ваф.392 ҳ), бо назардошти гароиши бештар доштанашон ба мактаби Басра, ҳамчун басрӣ табақабандӣ менамоянд [275, с.160].

Воқеан, ҷустуҷӯи зикри мактаби забоншиносии БаҒдод дар сарчашмаҳои гузашта нишон медиҳад, ки ба вуҷуди он ҳамчун мактаб ё мазҳаби забоншиносӣ ишораи сареҳ нашудааст. Чунончи, Абутайиби Луғавӣ бо анҷоми гуфтор аз намояндагони мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа фаслеро зери унвони «انتقال العلم إلى بغداد» (Кӯчиши дониш ба БаҒдод) оварда, дар он мегӯяд: «Аҳли ин ду шаҳр (Басраву Куфа – И.К.) ба ин ҳол буданд, то он ки ба наздикӣ илм ба БаҒдод интиқол ёфт ва аҳли Куфа дар БаҒдод чира гаштанд. Онҳо бо шоҳон сухан гуфтанд ва шоҳон низ онҳоро муқаддам доштанд. Мардум дар ривоятҳои шоз дил баста, бо наводир менозанду бо иҷозатдиҳо меболанд, усулро як сӯ гузоштаву ба фуруъ такя кардаанд. Пас, илм дар ҳам бар ҳам шудааст» [273, с.109]. Ҳарчанд аз ин гуфтори Абутайиби Луғавӣ метавон аз бамайдоноии насли нави забоншиносон дар БаҒдод, ки такя ба мактаби забоншиносии Куфа менамоянду ҳама чиро дар ҳам бар ҳам рехтаанд, аз заминаи пайдоиши мактаби забоншиносии БаҒдод хулоса кард, вале бинобар ба

таври сареҳ ишора нашудан ин наслро чун идомадиҳандаи мактаби забоншиносии Куфа ба қалам медиҳанд. Дар китоби «Табақот-ун-наҳвийин ва-л-луғавийин»-и Зубайдӣ дар баробари мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа боз ба баҳс дар се мактаби дигар: мактабҳои забоншиносии Миср, Қайравон ва Андалус пардохтааст [97], вале ба вуҷуди мактаби забоншиносии Бағдод ишорае накардааст. Дар китоби «Нур-ул-қабас ал-мухтасар мин-ал-муқтабас» бобе зери унвони «من أخبار العلماء والنحاة والرواة من أهل بغداد» (Андар ахбори донишмандон, наҳвиён, ровиёни Бағдод) оварда шудааст, вале дар он Марзбонӣ на дар бораи мактаби забоншиносии алоҳида, балки дар мавриди донишмандоне сухан мегӯяд, ки дар Бағдод ба сар бурдаанд [113, с.310]. Ибни Надим ба гунае Марзбониро пайравӣ карда, фаслеро бо унвони «أسماء وأخبار جماعة من علماء النحويين واللغويين ممن خلط المذهبين» (Рӯзгор ва осори гурӯҳе аз донишмандони наҳву луғат, ки ду мазҳабро ба ҳам омехтаанд) [83, с.115] овардааст, вале дар ин бахш ишорае ба мактаби забоншиносии Бағдод нашудааст, ҳарчанд дар он аз донишмандони ин мактаб, чун Шуқайр, Ибни Хайёт, Ибни Форис ва дигарон сухан рафтааст. Дар китобҳои наҳвию сарфии гузашта низ мо ба таъбири «бағдодиҳо» бархӯрд менамоем, вале аз равиши гуфтор метавон хулоса намуд, ки он дар баробари «басриҳо» қарор дорад, пас, мурод аз он «куфиҳо» мебошанд. Масалан, Ибни Форсӣ гоҳе куфиҳоро бо номашон ва гоҳе дигар бо истилоҳи бағдодиҳо ёд мекунад. Чунончи, бо бағдодиҳо дар мавриди раво донистани ҷамъи вожаи Талҳа бо «ون» дар муноқиша шуда, мегӯяд: «ومن كلام أهل بغداد: الكسائي والفراء ونحن جئناك به» (ин сухани аҳли Бағдод: Кисоӣ ва Фарро мебошад, ки ин ҷо бароят ёдовар шудем) [261, с.446]. Айни ҳамин нуктаро дар осори Ибни Ҷиннӣ мебинем, чунончи, ӯ дар «Боби бутлони далел» аз китоби «Хасоис» мегӯяд: « ومن ذلك قول البغداديين: «إن الاسم يرتفع بما يعود عليه من ذكره؛ نحو زيدٌ مررت به وأخوك أكرمته» (сухани бағдодиён аст, ки исм бинобар баргашти замир ба он марфуъ оварда мешавад,

монанди: Аз назди Зайд гузаштам ва бародаратро гиромӣ доштам)[66] [118, с.1999]. Вале ҷойи тардид нест, ки мақсуд аз ин бағдодиҳо ҳамон куфиҳо мебошанд, чун Ибни Ҷиннӣ ҷойи дигар ба баррасии ин масъала пардохта, онро ба мактаби забоншиносии Куфа нисбат додааст: « فقال لك: ارتفع بالابتداء لقلت: هذا قول البصريين. ولو قال: ارتفع بما يعود عليه من ذكره لقلت: هذا قول الكوفيين...» (Агар гӯяд, ки бо назардошти ибтидо марфуъ намо, бигӯ, ин қавли басриҳост ва агар гӯяд, ки бинобар баргашти замир марфуъ намо, бигӯ, ин қавли куфиҳо мебошад) [118, с.18].

Шарқшиносон ва донишмандони муосири араб низ дар ростои мавҷуд будан ё набудани мактаби забоншиносии Бағдод дар таърихи забоншиносии араб ихтилофи назар доранд. Аз ҷумла аз Густав Вейл нақл мекунанд, ки дар муқаддимаи навиштааш ба китоби «Инсоф фи масоил-ил-хилоф»-и Анборӣ вуҷуди мактаби забоншиносии Куфаро зери суол бурдааст, ки ин инкори вуҷуди мактаби забоншиносии Бағдод низ мебошад, чаро ки ин мактаб зодаи ихтилофоти ду мактаб: Басра ва Куфа буда, сараввал дар заминаи андешаҳои куфиҳо рӯйи кор омадааст[339, с.51]. Айни ҳамин нуктаро донишманди араб Иброҳим Сомарӣ таъйид менамояд ва таъкид мекунад, ки дар забоншиносии классикии араб агар мактабе вуҷуд дошта бошад, пас, он мактаби забоншиносии Басра аст, чаро ки ҳар чи донишмандони араб вобаста ба забон дар тули таърих гуфтаанд, такя ба усули ин мактаб ва андешаҳои намояндагони нахустини он менамояд. Гузашта аз ин, ҳама он чи аз андешаҳои куфиҳо ба мерос мондааст, наметавонад ба мисли он чи дар «Китоб»-и Сибавайҳу «Муқтазиб»-и Мубаррид ва «Усул»-и Ибни Сарроҷ шоҳид мешавем, бозтоби пурраи масъалаҳои забоншиносии араб бошад [298, с.58][67]. Аз нигоҳи ин донишманд дар таърихи забоншиносии араб

---

[66] Дар ин мисол калимаи Зайд марфуъ оварда шудааст, зеро замири ه баъди пешоянди ـِ омада, ба он бармегардад.

[67] Ин нукта воқеият ҳам дорад, зеро аз Кисоӣ танҳо андешаҳои парешони наҳвӣ ва китоби «Мо талҳану омма» ва аз Фарро то имрӯз «Маони-ул-Қуръон»-у «Ал-Айём ва-л-лаёлӣ» расидааст, ки сирф асарҳои наҳвӣ ба шумор намераванд, балки ҷанбаҳои луғавияшон бештар аст. Ҳамзамон, асарҳои дигари забоншиносони Куфа аз паҳлуи наҳвӣ дида паҳлуи луғавияшон хеле зиёдтар аст.

мактаби забоншиносии Куфа вуҷуд надорад, чи расад ба мактаби забоншиносии БаҒдод.

Аз донишмандони араб Абдулфаттоҳ Исмоил Шалабӣ[68] ба инкори вуҷуди мактаби забоншиносии БаҒдод омада, намояндагони онро ҳамчун намояндагони мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа шуморидааст ва вожаи «баҒдодиҳо»-и дар матнҳои китобҳои сарфию наҳвӣ воридшударо муродиф ба калимаи «куфиҳо» ба қалам медиҳад [261, с.446]. Айни ҳамин нуктаро Фозил Сомароӣ баён дошта, таъкид месозад, ки баҒдодиҳо маҳз ҳамон куфиҳое ҳастанд, ки дар БаҒдод шуҳрат ёфтанд. Ба андешаи ин донишманд, бо доштани се хусусият: усули таҳқиқ, истилоҳот ва масоили хилофӣ метавон унвони мактабро ба ин он гурӯҳ унвон кард. Дар сурати набудани чунин хусусият мактаб шуморидани фаъолияти як гурӯҳ раво нест ва он бо назардошти гароиши бештари илмияш мешавад ба Басра ва ё Куфа рабт дода шавад. Танҳо макон наметавонад муҷиби номгузории мактаби илмӣ шавад. Масалан, Мубаррид ва Саълаб ҳар ду дар БаҒдод ба сар бурдаанд, вале наметавон аввалиро аз мактаби забоншиносии Басра ва дувумиро аз мактаби забоншиносии Куфа ҷудо намуд. Ё худ забоншиноси басрие, фаразан, дар Мадина ба сар бурдааст, оё ба басрӣ будани он халал ворид мекунад? [298, с.250-251]. Ин дар ҳолест, ки бархе шарқшиносону донишмандони муосири араб вуҷуди чунин мактабро як воқеияти таърихӣ дар забоншниосии араб мешуморанд. Аз ҷумла, шарқшинос М.С. Ҳовел (Mortimer Sloper Howell) ба вуҷуди мактаби забоншиносии БаҒдод таъкид карда, онро зодаи бархӯрдҳои ду мактаби қаблӣ медонад [73, с.XI]. Дар таъйид ба ӯ шарқшинос К. Броккелман на фақат ба вуҷуди ин гуна мактаб ишора мекунад, балки дар китоби «Таърихи адабиёти

---

[68] Аҷиб аст, ки ин донишманд дар ду саҳифаи пайиҳам ду андешаи ба ҳамдигар нақизро ёдовар мешавад. Чунончи, дар саҳифаи 445 пажуҳиши худ дар бораи Ибни Форсӣ аз вуҷуди мактаби савуми забоншиносии араб – БаҒдод сухан гуфта, таъкид мекунад, ки мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа то охири асри савум ва ё миёнаи асри чорум ба таври алоҳида вуҷуд доштанд ва пас аз он ҳар ду дар мактаби нав – БаҒдод ба ҳам омехта гаштанд… Ин дар ҳолест, ки дар саҳифаҳои 446-447 ҳамин асар пурра вуҷуди мактаби забоншниосии БаҒдодро инкор кардааст [261, с.445-447].

араб» фаслеро зери унвони «مدرسة بغداد» (Мактаби Бағдод) оварда, дар он рӯзгору осори 23 забоншиносро мавриди пажуҳиш қарор додааст [307, с.221-256]. Аз донишмандони муосири араб Муҳаммад Тантовӣ [332, с.190], Абдулҳамид Ҳасан [244, с.105], Шавқӣ Зайф [230, с.245], Маҳдӣ Махзумӣ [352, с.70], Абдулкарим Муҳаммад Асъад [265, с.113], Саъид Афғонӣ [222, с.229] ва чандин донишманди дигар ба вуҷуди мактаби забоншиносии Бағдод таъкид намудаанд. Инчунин, Аҳмад Амин, ки дар баррасии осори классикии араб диди дигаргуна дорад, вуҷуди мактаби забоншиносии Бағдодро таъйид карда, мегӯяд: «Бархӯрди куфиҳо ва басриҳо дар Бағдод сабаби баррасию нақд ва гузиниш аз ин ду мактаб ва бамайдоноии мактаби интихобие шуд, ки аз намояндагонаш Ибни Қутайба ва Абуҳанифа Диноварӣ буданд»[143, с.298].

Воқеият аст, ки мактаби забоншиносии Бағдод якуякбора ба майдон наомадааст ва, ҳатман, барои ин заминаҳое вуҷуд доштааст. Аммо ба таври дақиқ муайян намудани оғоз ва анҷоми мактаби илмӣ мустаҳил аст. Зеро ҷунбишҳои фикриро наметавон ба як замони маҳдуду мушаххас замонбандӣ ва аввалу охири онро таъин кард. Вақте мактабе ба майдон меояд, ин ба он маъност, ки пеш аз ин заминаҳое доштааст, ки ба бармало гаштани он мусоидат кардааст. Аммо вақте анҷом мепазирад, ин ба маънои охири кор нест, чаро ки ҳанӯз решапайвандҳои он хушк нашудааст ва ҳанӯз асари он дар зеҳнҳо боқист ва ин гуна метавонад муддати дарозе боқӣ монад, то он ки ҷунбишҳои нави фикрӣ оянду онро зери парда қарор диҳанд [352, с.81]. Ҳамин аст, ки наметавон иддао кард, ки бо даргузашти Мубаррид (ваф.285 ҳ)-у Саълаб (ваф.291) мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа моли таърих гаштанду дар забоншиносии Бағдод маҳв шуданд. Ба ин маъно, ки бамайдоноии мактаби забоншиносии Бағдод ин интиҳои ду мактаби қаблӣ нест ва ҳамон гуна ки решаи пайдоиши ин мактаб ба замони Ахфаши Авсат мерасад, идомаи решаи мактабҳои забоншиносии Басраву Куфаро низ метавон дар асрҳои баъдӣ, агарчи дар баробари мактаби забоншниносии Бағдод камрангу назарногир гашта бошанд ҳам, ёфтан мумкин аст.

Аз назари инҷониб вуҷуди мактаби забоншиносии Баґдод воқеият дорад, зеро ҳар куҷое ду андешаи нақиз ва ду гурӯҳи ба ҳам зид бошад, ҳатман, замина барои пайдоиши андеша ва гурӯҳи баъдӣ гузошта мешавад.

Дигар ин ки истилоҳи мактаби забоншиносӣ дар забони арабӣ, аслан, дар пайравӣ ба шарқшиносон ниҳода шудааст, чун дар сарчашмаҳои гузашта дар ин маврид аз калимаҳои «мазҳаб» ва «тариқа» корбурд мешудааст, ки тобиши маъноияшон аз мактаб ба гунае фарқ дорад. Вале вақте худи шарқшиносон ва он ҳам дар сатҳи К.Броккелман аз вуҷуди мактаби забоншиносии Баґдод сухан мегӯяд, пас, дигар дар мавриди вуҷуди ин мактаб бояд баҳс набошад. Зеро баид нест, ки ба мактаб нисбат додани ин мазҳабу тариқа маҳз дар асоси ҷавобгӯ будани он ба хусусиятҳои мактаби илмӣ сурат гирифтааст. Ба ибораи дигар, агар ҳамин хусусиятҳои мактабияти мактаби забоншиносии Баґдод намешуд, пас, К.Броккелман онро ба унвони мактаб ёд намекард. Ҳамзамон, агар вуҷуди мактаби забоншиносии Баґдод бо назардошти он инкор шавад, ки намояндагонаш тамоюл ба мактаби забоншиносии Басра ва ё Куфа доранд, пас, аз вуҷуди мактаби забоншиносии Куфа сар карда, чи тавре Иброҳим Сомароӣ ишора кардааст, то ҳастии мактабҳои забоншиносии Мисру Қайравон ва Андалус зери суол кашида мешавад. Зеро ҳамаи ин мактабҳо дар асоси назарияҳои забоншиносии донишмандони Басра рӯйи кор омадаанд ва дар ҳамаи онҳо андешаҳои Халил ибни Аҳмади Фароҳидиву Сибавайҳ ва Ахваши Авсату Юнус ибни Ҳабиб бозтоб гаштааст. Инчунин, паҳлуҳои муштараки ин мактабҳоро наметавон инкор ва ё нуктагирӣ дар мустақилияти онҳо намуд, чаро ки объекти таҳқиқи онҳо як– забону забоншиносии араб, аст ва ҳадафу вазифаи онҳо низ ҳама ба хотири посдории забони арабӣ – ҳамчун забони дину илм ва шакли дурусти гуфториву навиштории ин забонро ба мардумон расонидан буд.

Вижагиҳои мактаби забоншиносии Баґдод. Пештар ишора гардид, ки намояндагони мактаби забоншиносии Куфа дар муқоиса ба

намояндагони мактаби забоншиносии Басра ба Бағдод таваҷҷуҳи бештар доштанд ва ҳатто бунёдгузорони асосии он – Кисоӣ ва Фарро, маҳз дар Бағдод сукунат кардаву андешаҳои забоншиносии худро таълиму тадвин мекарданд. Аз ин рӯ, намояндагони мактаби забоншиносии Бағдод дар марҳилаи аввал бештар тамоюл ба андешаҳои забоншиносии Куфа доштанд. Масалан, дар мавриди самоъ забоншиносони Бағдод пайравӣ аз куфиҳо мекарданд ва байни арабҳо, чи бадавӣ ва чи шаҳрӣ, чи дур аз ҳама гуна бархӯрд бо ғайриарабҳо ва чи омехташуда бо ғайриарабҳо, фарқ намегузоштанд. Чунончи, Заҷҷоҷӣ, ки намояндаи бағдодиҳост, самоъро аз ҳамаи лаҳҷаҳои арабӣ раво медонист ва сарфи назар аз гуногунияшон ба ҳамааш эҳтиром қоил буд ва тавсифи лаҳҷаеро бо шозу нодир (нороиҷ) намеписандид [339, с.129]. Ибни Ҷиннӣ, бо он ки гароиши бештаре ба мактаби забоншиносии Басра дорад, дар робита ба ин масъала мегӯяд: «Лаҳҷаҳои арабӣ сарфи назар аз ихтилофашон ҳамагӣ ҳуҷҷатанд. Лаҳҷаи Ҳиҷоз ҳиссачаи «ما» -ро ҳамчун омили таъсиргузор ба кор мебарад, дар ҳоле ки лаҳҷаи Тамим инро намепазирад, вале ҳар ду низ дар қиёс мақбуланд. Наметавон як лаҳҷаро бо лаҳҷаи дигар рад кард, чун яке аз дигар сазовортар нест. Мешавад якеро бар дигаре тақвият бахшиду дар қиёс муносибтар шуморид, вале наметавон якеро бо дигар рад кард. Сухани Паёмбари Худост (с), ки «Қуръон бо ҳафт луғат нозил шудааст ва ҳама шаффофу басандаанд». Ин дар суратест, ки агар ду лаҳҷа дар қиёс баробар ва ё наздик бошанд. Вале агар дар мавриди яке андак ва дар мавриди дигаре ривоят бисёр бошад, ҳатман, дувумӣ барои қиёс интихоб карда мешавад»[253, с.258].

Чи тавре дида мешавад, дар масъалаи самоъ бағдодиҳо бештар ба куфиҳо тақлид мекунанд, вале дар мавриди қиёс, аллакай, мустақилияти онҳо эҳсос мешавад. Ба ин гуна ки на ба монанди басриҳо дар интихоби қиёс сахтгирӣ мекунанд ва на ба монанди куфиҳо дар ин росто ба саҳлангорӣ роҳ медиҳанду ба ҳар чи мешунаванд, қиёсе мегузоранд. Вақте як мисоли наҳвӣ ворид шуда бошад, пас, забоншиносони Бағдод

на мисли забоншиносони Басра дар ҳол ба инкори он мепардозанд ва на монанди куфиҳо бе таҳқиқу баррасӣ онро мепазиранд. Дар ин маврид мавқеи онҳо дар баробари гуфтори араб се гуна аст: а) агар лафзе дар лафзҳои масмуа ҳамгун надошта бошад, вале арабҳо онро истифода мебурданд, пас, он мисолро пазируфта, онро ҳамчун далел қабул ва барои он қиёс қоил мешуданд; б) он лафзро танҳо як нафар гуфта, дар ҳоле ки бо қиёс мувофиқ, вале ба истифодаи умум мухолиф аст. Ин гуна мисолро низ мепазируфтанд. Вале агар чунин мисол дар баробари истифодаи умум ба қиёс низ мухолифат намояд, пас, онро қабул надоштанд; в) танҳо як нафар ин мисолро мегӯяд, дар ҳоле ки на таъйид ва на инкори он шунида нашудааст. Дар ин маврид агар гӯянда фасеҳ бошад, пас, мисол пазируфта мешуд ва агар гӯянда аз фасоҳат дур бошад, на он мисол пазиро мешуду на мавриди қиёс қарор мегирифт [339, с.133-134].

Дар масъалаи муносибати намояндагони мактаби забоншиносии БаҒдод ба қироатҳои гуногуни қуръонӣ дида мешавад, ки онҳо ҳама гуна қироатҳоро ба мисли куфиҳо қабул доранд, вале боз бархе аз вижагиҳои басриҳоро, аз қабили баррасии қироот ва муқоисаи онҳо бо қироатҳои машҳури ҳафтгона, ба кор мебаранд.

Муносибати ин донишмандон, хусусан насли аввали он ба далеловарӣ аз ҳадис аз муносибати донишмандони ду мактаби пешин кам тафовут дорад. Чи тавре пештар ишора шуд, чи басриҳо ва чи куфиҳо, дар далеловарӣ ба ҳадиси набавӣ бисёр эҳтиёт мекарданд ва бештар ҳамон ҳадисҳоеро ба унвони далел меоварданд, ки роиҷу забонзада ва, ба истилоҳ, масалгуна гашта буданд. Чунончи, Абуҳаён дар «Шарҳ-ут-тасҳил» аз Ибни Молик ба хотири ҳадисро ба унвони далел қарор доданаш нуктагирӣ намуда, мегӯяд: «Мусанниф дар мавриди исботи қоидаҳои умумии забони арабӣ аз аҳодис ба унвони далел бисёр истифода бурдааст. Дар ҳоле ки на аз мутақаддимин ва на аз мутаххирин касе ин равишро ба кор набурдааст. Зеро аввалин поягузорони забоншиносии араб, аз қабили Амр ибни Ало, Исо ибни

Умар, Халил, Сибавайҳ-намояндагони Басра, Кисоӣ, Фарро, Алӣ ибни Муборак Аҳмар ва Ҳишом Зарир – намояндагони Куфа, ки аҳкоми забони арабиро мӯшикофона пайгирӣ мекарданд, чунин коре накардаанд»[335, с.742].

Аз таҳлили боло бармеояд, ки мактаби забоншиносии БаҒдод чи гунае ки дар натиҷаи бархӯрдҳову ихтилофҳои ду мактаби забоншиносии дигари араб: Басраву Куфа, ба майдон омадааст, ҳамон гуна аз андешаҳои намояндагони ҳар ду мактаб ба таври фаровон истифода карда, ҳамзамон, дар бархе қоидасозию истилоҳгузинӣ равиши мустақили худро доштаанд. Масалан, агар дар самоъ пайравӣ аз мактаби забоншиносии Куфа дошта бошанд, пас, дар масъалаи муносибат ба қироот ба гунае пайравии онҳо аз мактаби забоншиносии Басра ба назар мерасад. Дар ҳоле ки дар масъалаи қиёс ба назар мерасад, ки онҳо пойбанди ҳеҷ кадом аз ин мактабҳо нестанд ва дар ин росто меъёрҳои гузиниши худро доранд.

Хулоса, пайдоиш ва ташаккули мактаби забоншиносии БаҒдод баёнгари як марҳилаи нави забоншиносии араб ва ба баландтарин қуллаҳои илмӣ расидани он мебошад. Зеро агар дар ду мактаби қаблӣ бештар ба паҳлуҳои луғавию сохторӣ ва маъноӣ, инчунин, ҷанбаҳои синтаксисву услубии калимаву ибора ва ҷумлаҳо таваҷҷуҳ мешуда бошад, пас, дар ин мактаб, аллакай, ба масоили забоншиносие, ки имрӯз дар забони арабӣ таҳти унвони «فقه اللغة» (забоншиносӣ) ва «علم اللغة» (филология) баррасӣ мегарданд, мавриди баррасиву омӯзиш қарор гирифтааст.

3.6.Бунёдгузорони мактаби забоншиносии БаҒдод

Ҳамон гуна ки донишмандон дар мавриди воқеият ва ё устура будани мактаби забоншиносии БаҒдод ихтилофи назар доранд, ихтилофи онҳо (донишмандоне, ки вуҷуди мактаби мазкурро таъйид мекунанд) дар робита ба бунёдгузори ин мактаб низ дида мешавад. Мушкилӣ дар ин аст, ки дар сарчашмаҳои ба наҳв бахшидаи классикон

ба таври ошкоро ба вуҷуди мактаби забоншиносии Бағдод ишора нашудааст, аз ин рӯ, донишмандони мансуб ба ин мактаб бо назардошти гароишашон ё ба басриҳо нисбат дода шудаанд ва ё ба куфиҳо. Масалан, дар «Табақот-ун-наҳвийин ва-л-луғавийин» Зубайдӣ баъди табақаи Абулаббос Мубаррид (табақаи ҳаштум) боз ду табақаи дигари забоншиносони Басраро бо фарогирии 18 донишманд зикр менамояд [97, с.111-121]. Дар забоншиносии Куфа бошад, баъди табақаи Саълаб (табақаи панҷум) боз як табақаи дигарро, ки шомили 6 донишманд аст, меорад [97, с.151-154]. Ин дар ҳолест, ки дар бештари китобҳои тарҷумаҳолӣ Мубарридро ҳамчун охирин намояндаи мактаби забоншиносии Басра ва Саълабро охирин намояндаи мактаби забоншиносии Куфа ба қалам додаанд [89, с.164; 230, с.124]. Дар «Феҳрист» Ибни Надим ҳарчанд баъд аз Мубарриду Саълаб боз донишмандони дигари баъдиро дар шумули басриҳову куфиҳо орад ҳам, вале дар фасли алоҳида, ки ба нафарони ду мактаби забоншиносиро омезишдода бахшида, дар он дар бораи 40 донишманди наҳву забон маълумот медиҳад [83, с.115-124]. Дар пайравӣ ба Ибни Надим К.Броккелман дар фасли ба забоншиносони Бағдод бахшида бо Ибни Қутайба оғоз карда, дар он атрофи рӯзгору осори 23 нафар забоншинос маълумот медиҳад, ки бархе аз нахустин донишмандони мактаби мазкур ва бархе дигар аз мутааххирини он ба шумор мераванд [307, с.221-256]. Аз ин 23 нафар донишманд 7 нафари он бевосита ғайриараб ва, аслан, аз мардуми форсу тоҷик мебошанд, ки ба ин худи ишораи муаллиф, аз як тараф ва насаби донишмандон, аз тарафи дигар, далолат мекунад.

Азбаски таъсиси ин мактаб ба муассиси мушаххасе мансуб дониста намешавад, дар ин ҷо талош мешавад, то аз он донишмандоне ёд шавад, ки дар заминагузории пайдоиши мактаби мазкур даст доранд ва аҷиб ин аст, ки ҳамагӣ аз фарзандони форсу тоҷиканд. Масалан, донишманди муосири араб Аҳмад Маккии Ансорӣ Исо ибни Умари Сақафӣ (ваф.149 ҳ), Абузайди Ансорӣ ва Юнус ибни Ҳабибро бо назардошти он ки дар бархе дидгоҳҳояшон аз мактаби басрӣ дида ба мактаби куфӣ наздикӣ

доранд, аз заминагузорони мактаби забоншиносии Баґдод ба қалам медиҳад [154, с.364]. Илова бар ин, донишманди мазкур бо ёдоварӣ аз хидматҳои дигари забоншиносон, аз ҷумла Кисоӣ дар ташкили заминаҳои пайдоиши мактаби забоншиносии Куфа сухан гуфта, сипас бо эътимоди тамом Фарроро ба унвони асосгузори мактаби забоншиносии Баґдод эълон медорад [154, с.366]. Дар ин маврид донишманд аз сухани Абутайиби Луґавӣ, ки дар бораи Фарро гуфтааст: «Фарро дар бештари андешаҳо бо Кисоӣ мухолифат мекард, аммо ба андешаҳои Сибавайҳ мухолифаташро қасдан менамуд, ба гунае ки номи ҳаракатҳои эъробу номгузории пешояндҳоро бархилофи ӯ тағйир додааст» [273, с.106], такя карда, ба омехтанамоии ду мактаби забоншиносӣ аз ҷониби Фарро хулосагирӣ кардааст [154, с.367], дар ҳоле ки ба андешаи инҷониб матни мазкур на ба омехтагии ду мактаб, балки ба истиқлолияти дидгоҳи забонии Фарро, ҳамзамон, ба созиш накардан ба мактаби забоншиносии Басра мебошад. Ҳол он ки хусусияти асосии мактаби забоншиносии Баґдод ин дурӣ аз ҳар гуна таассубварзӣ нисбат ба ду мактаби пешӣ, ҳамзамон, тарҷеҳ ва ё тарки андешаҳои яке аз онҳост, ки ин дар Фарро дида намешавад.

Бо пайгирӣ аз шаклгирии мактаби забоншиносии Баґдод маълум мешавад, ки заминаи онро Абулҳасан Саъид ибни Масъада машҳур Ахваши Авсат[69] (ваф.215 ҳ) гузошааст. Ба иттифоқи сарчашмаҳо, Ахваши Авсат аз мардуми Балх буда, илми забоншиносиро аз Сибавайҳ ва аз устодони Сибавайҳ, ба ғайр аз Халил гирифтааст[265, с.70]. «Китоб»-и Сибавайҳ маҳз тавассути Ахфаши Авсат ба дигарон расидааст, чаро ки муаллиф онро танҳо ба ин донишманд пешниҳод карда будааст. Тавре худи Ахфаш мегӯяд: «Сибавайҳ ҳар чизеро, ки аз

[69] Ахфаш ба касе гуфта мешавад, ки чашмони танги модарзод ва дар биниш мушкилӣ дорад ва онро ҳамчун муодили рӯзкӯр метавон номид. Дар таърихи забоншиносии араб Суютӣ аз 11 забоншиносе ёд мекунад, ки ҳамагӣ лақаби Ахфаш доштаанд [252, с.453-454]. Аз ин 11 Ахфаш се Ахфаши аввал, ки барои фарқи онҳо Ахфаши Акбар, Ахфаши Авсат ва Ахфаши Асғар мегӯянд, машҳуранд ва аз ин Ахфашҳои сегона шуҳрати Ахфаши Авсат боз бештар аст, чаро ки дар забоншиносии араб вақте сухан аз Ахфаш меравад, пеш аз ҳама, ҳамин Ахфаши Авсат пеши рӯ меояд.

китобаш менавишт, ба ман нишон медод ва гумон мекард, ки ман аз ӯ донотарам, дар ҳоле ки ӯ аз ман донотар буд ва имрӯз ман аз ӯ донотарам» [273, с.81]. Маҳз пайванди дӯстию шогирдии Ахфаш ба Сибавайҳ буда, ки дувумӣ баъди мунозира бо Кисоӣ ба назди ӯ рафта, ба қасди Аҳвоз ӯро видоъ мекунад. Ахфаш низ барои қасди устодашро гирифтан озими Бағдод мешавад ва дар 100 масъала Кисоиро банд менамояд. Кисоӣ бошад, бо пешниҳоди муаллими фарзандонаш интихоб кардани ӯ Ахфашро ба худ ҷалб менамояд ва бо ҳамин Ахфаш ба мактаби забоншиносии Куфа таваҷҷуҳ ва гароиш пайдо менамояд [252, с.590]. Маҳз ҳамин гузиниши Ахфаш аз масоили басриву куфӣ ва таассуб наварзидан ба як мактаби вижа буд, ки пешоҳангони мактаби забоншиносии Куфа, хусусан Кисоиву Фарро ӯро эҳтиром ва пешгомиашро дар забоншиносӣ эътироф менамуданд[101, с.19]. Чунончи, ҳикоят мекунанд, ки боре Фарро ба назди Саъид ибни Салам медарояд ва Ибни Салам дар пешвози ӯ мегӯяд: «Ба назди Шумо хоҷаи аҳли забон ва хоҷаи аҳли забони арабӣ омадааст». Фарро дар посух мегӯяд: «Аммо вақте Ахфаш зинда бошад, пас, ин гуна нест»[359, с.1375]. Воқеан, чунин эътирофи Фарро, ки аз нуктагирияш ҳатто Халил ибни Аҳмаду Сибавайҳ ва Кисоӣ канора намондаанд, аз ҷойгоҳи баланди илмии Ахфаш дар забоншиносии араб, ҳамзамон, аз омехта намудани масоили ин ду мактаб ба ҳамдигар мебошад. Чунончи, дар такя намудан ба паҳлуҳои тақдирии наҳвӣ, аз қабили пасвандҳои дутогиву ҷамъро на ҳарфҳои эъроб, балки далели эъроб шуморида, эъробро ба таври тақдирӣ дар ҳарфи решагии пеш аз пасванд омада мешуморад, шаҳодат аз басрӣ будани ӯ медиҳад, аммо вақте корбурди рангҳоро ба ҳайси сифати муқоисавӣ ва он ҳам такя ба рӯз иҷозат медиҳад, бе шак дар тамоюли куфӣ доштани ӯ дигар ҳеҷ тардиде боқӣ намемонад [336, с.117-118].

Воқеан, Ахваши Авсат ва дар пайравӣ ба он Абуусмони Мозаниву Абулаббоси Мубаррид тавонистанд, то ҷойе аз таассуби байни мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа канорагирӣ намоянд ва барои

зуҳури мактаби забоншиносии Баґдод заминаи хуберо фароҳам оваранд. Хусусан, омадани Мубаррид ба Баґдод ва бо Саълаб чандин бор дар мунозира шудан ангезае дигаре гашт, ки толибилмон дигар на зери таъсири таассуби ин ё он мактаб, балки ба хотири дарёфти воқеияти забонӣ ва аз худ кардани илм, сарфи назар аз он ки аз Басра сарчашма мегирад ва ё аз Куфа, рӯ оранд. Ҳамин аст, ки донишмандони мактаби забоншиносии Баґдод дар як вақт ҳам дар назди Мубаррид ва ҳам дар назди Саълаб ба таҳсил мепардохтанд ва дар ин ҳеҷ ишколе намедиданд. Ин раванд то ҷойе расида буд, ки ҳатто домоди Саълаб-Абуалӣ Динаварӣ, дар баробари таҳсил дар назди ӯ, боз ҷиҳати таҳсил ба назди Мубаррид мерафт ва дар ин ҳеҷ айбе намедид [339, с.112-113].

Аз донишмандоне, ки Ибни Надим ва К.Броккелман зикри намояндагони мактаби забоншиносии Баґдодро бо он шуруъ кардаанд ва аз бунёдгузорони ин мактаб маҳсуб мегардад, Абумуҳаммад Абдуллоҳ ибни Муслим ибни Қутайбаи Динаварии Марвазӣ мебошад, ки бинобар сермаҳсулӣ ва дар ҳар боб эҷод намуданаш ҳампоя ва назири Ҷоҳизаш медонанд. Ҳарчанд К.Броккелман ба турк будани ӯ ишора намояд ҳам, вале бештари сарчашмаҳо аз Марв ва ба форснажод будани ӯ ишора кардаанд. Таъкид мешавад, ки Ибни Қутайба, аслан, аз Марв аст, вале бинобар муддате дар Динавар қозигӣ карданаш ба Динаварӣ шуҳрат ёфтааст. Гароиши ин донишманд ба мактаби забоншиносии Басра бештар будааст. Зубайдӣ тарҷумаи ҳоли ӯро на дар наҳвиён, балки дар Табақаи шашуми луғавиёни Басра овардааст, дар ҳоле ки ба ӯ ду китоби наҳвӣ: «Ҷомиъ-ун-наҳв-ил-кабир» ва «Ҷомиъ-ун-наҳв-ис-саґир»-ро нисбат медиҳанд[97, с.183; 307, с.221; 83, с.115; 332, с.176; 134, с.11; 265, с.118].

Абумуҳаммад Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар ибни Дуруствейҳи[70] Фасавии Форсӣ аз донишмандони дигарест, ки дар бунёдгузории мактаби

[70] Зубайдӣ ин донишмандро бо номи Ибни Дараствайҳ ёд кардааст[97, с.116], вале шакли дурусти он Дуруствайҳ аст, чаро ки асли он аз калимаи «дуруст», ки дар забони форсии тоҷикӣ ифодагари саҳеҳияту ростӣ мебошад, буда, ба он пасванди

забоншиносии Бағдод даст доштааст. Зубайдӣ онро дар Табақаи нуҳуми наҳвиёни Басра [87, с.116] ва Ибни Надим низ аз басриён ба қалам додааст[83, с.93-95]. Мавсуф илмҳои забониро аз донишмандони давр, аз ҷумла аз Ибни Қутайба ва Мубарриду Саълаб фаро гирифтааст. Инчунин, ӯ «Китоб»-и Сибавайҳро дар назди Мубаррид хондааст. Ҳамин аст, ки сарфи назар аз мансубияти ӯ ба мактаби забоншиносони Бағдод тамоюлаш ба забоншиносии Басра бештар аст ва гоҳе то ҳадди таассуб мерасад [83, с.93; 268, с.23]. Ба ӯ китобҳои зиёдеро дар масоили гуногуни забоншиносӣ аз наҳв то фиқҳуллуға мансуб донистаанд, ки бархе то замони мо расидаву бархе ба ҷуз ном дигар осореаш намондааст [83, с.93; 268].

Дар баробари Ибни Қутайбаву Ибни Дуруствайҳ, ки гароиши бештаре ба мактаби забоншиносии Басра доштанд, таърихнигорон аз забоншиносоне аз қабили Ибни Кайсон, Ибни Шуқайр ва Ибни Хайёт ёдовар мешаванд, ки тамоюлашон ба мактаби забоншиносии Куфа бештар будааст. Ибни Кайсон (ваф.292 ҳ) аз бунёдгузорони мактаби забоншиносии Бағдод ба шумор рафта, дар баробари тарҷеҳу тарки андешаҳои намояндагони ду мактаби қаблӣ боз андешаҳои хосе дар наҳви арабӣ дорад. Зодгоҳ ва ба кадом миллат мутааллиқ будани Ибни Кайсон то имрӯз ношинохта боқӣ мондааст. Дар сарчашмаҳо ишора ба насаб ва дар Бағдод ё берун аз он ба воя расиданаш ишорае нашудааст, илова бар ин ки дар мавриди номи падару бобояш низ ихтилофи назар вуҷуд дорад [285, с.20]. Такя ба чунин ношинохтагии силсилаи насабнома ва маҷҳул будани рӯзгори пеш аз шуҳрат ёфтанаш мо метавонем ӯро ғайриараб ва ба таври мушаххастар аз мардуми форсу тоҷик унвон намоем. Ибни Кайсон аз зумраи донишмандоне ба шумор меравад, ки дар баробари пайравӣ аз андешаҳои ду мактаб боз андешаҳои вижаи худро дар масоили гуногун доштааст. Аз ҷумла, дар ҷинси мардона овардани феъле, ки ба вазифаи хабари мубатадое омада бошад, ки аз

«вайҳ» омадааст, ки дар забони арабӣ ва форсии тоҷикӣ ба хотири меҳрубонӣ, монанднамоӣ ва нисбат пайваст мегардад[268, с.14].

ҷумлаи исмҳои занонаи маҷозӣ аст, ба монанди «الشمس طلع» ва далел ин аст, ки чунин корбурд дар шеъри араб дида мешавад. Инчунин, мардона овардани феъл бо исми занонаи ҳақиқӣ, агарчи байни ин ду ҳеҷ воҳиди синтаксисии дигаре вуҷуд надошта бошад, такя ба сухани шоире, ки гуфта: «تمنى ابنتاي أن يعيش أبوهما». Ҳамзамон, такя ба ақидаи Сибавайҳ, ки аз баъзе арабҳо ривоят кардааст, ки мегуфтаанд: «قال فلانة». Инчунин, дар корбурди истилоҳот Ибни Кайсон ба духӯрагӣ роҳ додааст. Чунончи, мавсуф дар аввал истилоҳоти куфиҳоро, аз қабили «الخفض», «ما لم يُسَمَّ فاعله», «الجحد» ва ғ. истифода мекардааст, вале бо гузашти замон корбурди истилоҳоти Басра дар андешаҳои ӯ ба назар мерасад, ки ин аз боло рафтани тамоюлаш ба мактаби забоншиносии Басра шаҳодат медиҳад [148, с.163-164; 285, с.204]. Ибни Кайсон бевосита дар назди Мубаррид ва Саълаб шогирдӣ кардааст ва ӯро бархе донишмандон аз ин ду устодаш наҳвитар мешуморанд. К.Броккелман ӯро дар зумраи забоншиносони Басра овардааст. Ибни Кайсон асарҳои зиёде дар наҳв, аз қабили «Ал-Фоъил ва-л-мафъул биҳ», «Ал-Кофӣ», «Ал-Муҳаззаб», «Ал-Масоил ало мазҳаб-ин-наҳвийин миммо ихталафа фиҳ-ил-басриюн ва-л-куфиюн» тасниф намудааст. Китоби «Ал-Мухтор» дар иллатҳои наҳвӣ ва «Ат-Тасориф» низ ба ӯ нисбат дода шудааст [265, с.118; 307, с.171].

Ибни Шуқайр (ваф.317 ҳ) аз донишмандони дигари араб аст, ки Зубайдӣ ӯро дар Табақаи нуҳуми наҳвиёни Басрӣ зикр кардааст, вале дар бораи рӯзгор ва осори ӯ чизе нагуфтааст[97, с.117]. Сирофӣ ҳангоми сухан аз Ибни Сарроҷу Мабрамон мегӯяд: «Ва дар табақаи ин нафароне, ки илми басриҳоро бо илми куфиҳо омехта мекунанд, Абубакр ибни Шуқайр ва Абубакр ибни Хайёт мебошанд» [108, с.81]. Тибқи ишораи сарчашмаҳо, Ибни Шуқайр ҳам дар назди Мубаррид ва ҳам дар назди Саълаб таҳсил намуда будааст. Ба ӯ асарҳои «Мухтасар фи-наҳв», «Фи-л-мақсур ва-л-мамдуд», «Фи-л-музаккар ва-л-муаннас» нисбат дода

шудааанд. Ҳамзамон, китоби «Ҷумал»[71], ки ба Халил ибни Фароҳидӣ нисбат ва ҳатто бо номи ӯ ба чоп расидааст, аз таснифоти Ибни Шуқайр будааст. Ибни Шуқайр дар ин асар ба панҷоҳу як хел омадани насб, 22 хел омадани рафъ, 9 хел омадани ҷар ва 12 хел омадани ҷазм ишора кардааст [265, с.120-121; 332, с.177; 205; 96].

Аз донишмандони дигаре, ки тамоюл ба мактаби забоншиносии Куфа доштаву аз бунёдгузорони мактаби забоншиносии БаҒдод эътироф мешаванд, Абубакр Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Мансур машҳур ба Ибни Хайёт (ваф.320 ҳ) мебошад, ки дар Табақаи нуҳуми наҳвиёни Басра ёд шудааст [97, с.117]. Ҳама сарчашмаҳо дар ин иттифоқ доранд, ки Ибни Хайёт аз мардуми Самарқанд аст ва вақте ба БаҒдод меояд, дар назди Абулаббос Саълаб ва Абулаббос Мубаррид ба шогирдӣ менишинад. Вале бархе сарчашмаҳо ишора мекунанд, ки вақте ӯ ба БаҒдод омад, аллакай, Мубаррид ҷаҳонро падруд гуфтаву Саълаб аз пирӣ дигар ёрои тадрис надоштааст. Бо Заҷҷоҷ мунозара доштааст. Ба ӯ китобҳои «Ан-Наҳв-ул-кабир», «Маони-ул-Қуръон», «Ал-Муқниъ» ва «Ал-Муҷаз» нисбат дода шудааст [332, с.177; 83, с.121; 339, с.174]. Абуалӣ Форсӣ ва Ибни Холавейҳ аз шогирдони ӯ ба шумор мераванд, дар ҳоле ки аввалӣ нисбати ӯ кам эҳтиром қоил шуда, дар илм ва масъалагузории Ибни Хайёт нуктагирӣ намудааст. Аз пурсиши Ибни Ҷиннӣ дар мавриди Ибни Хайёт, ки «агар мезист, аз ӯ дониши бисёр мебаромад?» ва посухи

[71] Соли 1985 дар матбааи «Муассисат-ур-рисола»-и Бейрут китоби «Ал-Ҷумал фи-н-наҳв»-и Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ бо таҳқиқи Фахриддин Қабова ба чоп расидааст ва соли 1987 дар матбааи мазкур китоби «Ал-Муҳалло –вуҷуҳ-ун-насб»-и Ибни Шуқайр бо таҳқиқи Фоиз Форис чоп шудааст, ки байни матни таҳқиқшудаи ин ду китоб ҳеҷ фарқияте нест. Ҳамзамон, Фоиз Форис бо далелҳои қотеъ аз Ибни Шуқайр будани онро таъйид кардааст, аз ҷумла корбурди зиёди истилоҳоти мактаби забоншиносии Куфа дар ин асар нисбати онро ба Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ зери суол мебарад. Инчунин, дар муқаддимаи матни ин ду китоб омадааст: «Ҳар ки ин навъҳоро баъди назар кардан ба он чи дар «Мухтасар-ун-наҳв» пеш аз ин тасниф кардаем, дарк кунад, аз бештари китобҳои наҳв бениёз мегардад» [205, с.33; 96, с.1]. Худи ёдоварӣ шудан аз китоби «Мухтасар-ун-наҳв», ки асари дигари Ибни Шуқайр аст, инчунин, таъбири «аз бештари китобҳои наҳв бениёз шудан» кофист, ки онро на ба Халил ибни Аҳмад, балки ба Ибни Шуқайр нисбат диҳем. Зеро дар замони Халил ибни Аҳмад ҳеҷ китоби наҳвие набуд, ки боз ба бешу кам таъбир карда шавад.

Абуалӣ Форсӣ, ки «бале, вале ӯ гуфторашро дар китобҳо бисёр ба дарозо мекашид» [339, с.186], метавон хулоса кард, ки ҷавон гузаштааст.

Дар баробари ин донишмандон боз забоншиносони дигаре ҳастанд, ки дар ташаккули мактаби забоншиносии араб, ба таври умум, ва дар рушду пешрафти мактаби забоншиносии Бағдод, ба таври махсус, саҳм гузоштаанд. Ба ин донишмандон Абуҳанифаи Динаварӣ, Ибни Холавайҳ, Абуалӣ Форсӣ, Ибни Ҷиннӣ, Табрезӣ, Замахшарӣ, Матризӣ, Ибни Шаҷарӣ, Ибни Хашшоб ва ғ. дохил мешаванд. Ҳарчанд дар мактаби забоншиносии Бағдод, аллакай, иштироки забоншиносони сирф арабӣ, аз қабили Ибни Шаҷариву Ибни Хашшоб дида шавад ҳам, вале боз саҳми ғайриарабҳо дар ташаккули ин мактаб назаррастар аст. Чунончи, Абуалӣ Форсӣ ва Ибни Ҷиннӣ ду сутуни асосии насли дувуми мактаби забоншиносии Бағдод аст, ки ҳар ду ғайриараб буда, аввалӣ ба мардуми форсу тоҷик ва дувумӣ ба мардуми Юнон тааллуқ дорад. Замахшарӣ, ки бо осори гуногунмавзуаш марҳилаи наверо дар забоншиносии араб эҷод кардаву намояндаи шинохтаи насли баъдии мактаби забоншиносии Бағдод ба шумор меравад, маҳз фарзанди форсу тоҷик буд.

Хулоса, таҳлили илмию назарии пайдоиш ва ташаккули мактабҳои сегонаи забоншиносии араб: Басра, Куфа ва Бағдод, шаҳодат аз он медиҳад, ки дар зуҳури онҳо нақши донишмандони арабизабони форсу тоҷик воқеан инкорнопазир аст. Ба ибораи дигар, дар саргаҳи ин мактабҳо донишмандони форсу тоҷик, аз қабили Абуисҳоқи Ҳазрамӣ, Исо ибни Умар, Юнус ибни Ҳабиб, Сибавайҳ, Ахваши Авсат, Кисоӣ, Фарро, Ҷармӣ, Мозанӣ, Саълаб, Ибни Қутайба, Ибни Хайёт, Ибни Дуруствайҳ, Ибни Форис, Абуалӣ Форсӣ, Майдонӣ, Замахшарӣ ва садҳо нафари дигар аз намояндагони ин миллат қарор доранд, ки бо нубуғати худ дар пайрезии қоидаҳо ва поягузории меъёрҳои забонии забони арабӣ саъю талош намуда, дар ин росто бузургтарин асарҳои забоншиносиро, чи дар савтиёт, чи дар сарфу наҳв ва чи дар балоғату хушсуханӣ, ба мерос гузоштаанд.

БОБИ 4. ИБТИКОРИ ДОНИШМАНДОНИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР ТАШАККУЛИ ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ

4.1.Қиёс дар забоншиносии араб ва саҳми забоншиносони форсу тоҷик дар ташаккули он

Аз ривоятҳои таърихӣ бармеояд, ки байни намояндагони ду мактаби забоншиносии араб: Басра ва Куфа, баҳсҳои забонии мухталифи зиёде сурат гирифтааст. Ҷойгоҳи мухолифатҳои забоншиносӣ дар пешрафти ин илм то ҷойест, ки ҳатто мавҷудияти онро ҳатто пештар аз шаклгирии мактабҳои забоншиносии араб ба қалам медиҳанд. Бархе оғози ин хилофҳоро ба мунозираи Руосию Халил ибни Аҳмад ва бархе ба мунозираи Кисоиву Сибавайҳ рабт медиҳанд [203, с.68]. Масъалаҳои хилофӣ аз нигоҳи мавзуъ низ гуногун буда, паҳлуҳои мухталифи онро дар бар мегирифтааст. Анборӣ масъалаҳои мавриди хилофи байни мактабҳои забоншиносии Басраву Куфаро шуморида, онҳоро 128 масъала[72] медонад. Донишмандони дигаре, ки ба омори масъалаҳои

---

[72] Ҳанно Фахурӣ шумораи масъалаҳои хилофии байни мактабҳои забоншиносии Басраву Куфаро 102 масъала медонад. «Маворидии ихтилофи уламои Басра ва уламои Куфа ба саду ду масъала расида буд. Масалан, басриён мегуфтанд, ки исм аз «سمو» муштақ шуд ва куфиён мегуфтанд аз «وسم». Басриён мегуфтанд, ки феъл аз масдар муштақ аст ва куфиён мегуфтанд, феъл аз феъл муштақ мешавад…» [197, с.556]. Аслан, дар забоншиносии араб чанд масъалаи забоние мавриди баррасӣ сурат гирифта бошад, ба андозаи он ихтилоф дида мешавад. Яъне, ҳеҷ мавзуи забоншиносие дар арабӣ нест, ки дар робита ба он ихтилофи назар вуҷуд надошта бошад [160, с.194]. Ҳамин аст, ки наметавон дар мавриди масъалаҳои ихтилофӣ дар забоншиносии араб ба таври мушаххас омореро пешниҳод намуд. Вале такя ба китобҳое, ки масоили ихтилофиро гирдоварӣ кардаву ба баррасӣ кашидаанд, метавон омори муҳимтарин масоили хилофиро пешниҳод намуд. Аз ҷумла, дар «Ал-Инсоф фи масоил-ил-хилоф байна-л-басрийин ва-л-куфийин» Абулбаракот Анборӣ аз 121 масъалаи хилофӣ байни забоншиносони Басраву Куфа ёд карда, ба бартарӣ додани бархе масъалаҳо ва заиф шуморидани бархе дигар мепардозад [90]. Мавриди зикр аст, ки китоби мазкур Анборӣ чандин бор таҳқиқ ва ба табъ расида, шумораи масъалаҳо дар ҳар чопе дигар аст. Аз ҷумла, В.Ф.Гиргас дар охири китоби «Очерк грамматической системы арабов» феҳристи 116 масъалаи ихтилофии дар ин китоб омадаро овардааст [16]. Дар «Китобу иътилоф-ин-нусра ва ихтилофи нуҳот-ил-Куфа ва-л-Басра»-и Абдулатиф Зубайдӣ шумораи масъалаҳои ихтилофӣ ба 224 адад мерасад. Донишманди муосири араб Фатҳӣ Баюмӣ Ҳамуда дар робита ба масоили ихтилофӣ пажуҳише бо номи «Мо фота-л-Инсофу мин масоил-ил-хилоф» анҷом дода, 221 масъалаи ихтилофиеро ба баррасӣ кашидааст, ки аслан Абулбаракот Анборӣ аз овардани онҳо дар «Ал-Инсоф фи масоил-ил-хилоф байна-л-басрийин ва-л-куфийин» сарфи назар кардааст [302]. Ба ин тартиб, агар масъалаҳои ихтилофии дар китоби Анборӣ ва Фатҳӣ Ҳамударо ҷамъ намоям, шумораи масъаҳаҳое, ки

мавриди хилоф ишора кардаанд, дар гирду атрофи ҳамин рақам чарх мезананд. Вале ин масъалаҳо наметавонанд асоси хилоф дар усули омӯзиш бошанд, зеро бештари онҳо фаръӣ буда, ба иллатоварӣ ва маҳорати нафари иллатро пешниҳодкунанда вобастагӣ дорад [285, с.195]. Аз ин рӯ, меҳвари хилофи ин ду мактабро на ин масоил, балки равиши истинботи мавриди назар қарор додани қоидаву қонунҳои забонӣ, ки ба самоъу қиёс бастагӣ дорад, ташкил медиҳад.

Дар забоншиносии араб ду истилоҳ: «самоъ» ва «қиёс» бисёр роиҷ буда, ҳангоми ёдоварӣ аз сохтори калимаву таркиб ё исботи ягон қоидаи наҳвию сарфӣ истифода мешаванд. Аз ҷумла, дар робита ба истилоҳи самоъ таъкид шудааст, ки он гирифтани калима ё ибора аз рӯйи шунид, қонунишуда (*оид ба калима, ибора, шакл*) мебошад [368, с.571]. Ҳарчанд самоъ ҳамчун нахустин сарчашмаи далеловарӣ дар ҳама бахшҳои забоншиносӣ эътироф шудаву бештари қоидаҳои наҳвӣ бар асоси он пайрезӣ шуда бошад ҳам [162, с.38], вале бо сафҳагардонии адабиёти забоншиносӣ ба ин нукта рӯбарӯ мешавем, ки донишмандони усули наҳв дар таърифи самоъ[73] ихтилофи назар доштаанд. Чунончи, Ибни Анборӣ самоъро сухани адабии арабие мешуморад, ки аз ҷониби шумораи зиёди муътамад ривоят шудааст. Бо ин таъриф суханони арабҳои муваллад аз ҳадди самоъ берун мемонад. Ба ин гуна ки он чи онҳо ба таври нодир ривоят кардаанд, аз қабили ҷазм бо ҳиссачаи «لن», насб бо ҳиссачаи «لك», ҷар (р) бо ҳиссачаи «لعلّ» ва насби ҳар ду рукни ҷумла пас аз ҳиссачаҳои «لعلّ» -у «ليت», ҳамзамон, касри нуни пешоянди «من»-и пеш аз ломи таъриф (ал-) ва замми нуни пешоянди «عن»-и пеш аз ломи мазкур қарордошта ба самоъ ворид намешаванд [88, с.81-83].

бевосита мавриди баҳс ва дар ду китоб гирдоварӣ шудаанд, ба 342 адад мерасад. Дар ин ҷо мо аз ҷамъи 224 масъалаи ихтилофии аз ҷониби Зубайдӣ овардашуда ба адади 342 худдорӣ мекунем, зеро бештари онҳо ҳамон масоилеанд, ки дар зимни китоби Анборӣ ва бархе дигар дар китоби Фатҳӣ Ҳамуда оварда шудаанд.

[73] Азбаски пояи асосии самоъ нақл аст, дар осори гузаштаи араб дар баробари истилоҳи самоъ истилоҳи нақл ба кор мерафтааст. Аз ҷумла Ибни Анборӣ аз ин падидаи усули наҳв бо истилоҳи нақл ёд кардааст [88].

Ҷалолиддин Суютӣ самоъро чунин таъриф додааст: «Самоъ сухани нафарест, ки фасоҳаташ муътамад бошад. Ба ин тартиб, самоъ сухани Худованди таоло, гуфтори Паёмбари Худо (с)[74], сухани арабҳои пеш аз биъсат (рисолат), дар давраи биъсат ва баъди онро то замоне, ки бо афзудани муваллидин забонҳо, чи дар назму наср, чи аз мусулмону аз ғайримусулмон, фосид гаштанд, дар бар мегирад. Аммо сухани сеи ахир (пеш аз биъсат, давраи биъсат ва баъди он) бояд бо далели муътамад собит бошад» [256, с.36].

Ба мисли илми ҳадис наҳвиён низ барои дурустии сухани нақлшуда тавотурро[75] дар ривоят шарт медонанд, вале чанд нафар будани ровиёни ҳар табақаро ёд намекунанд, танҳо ишора ба ин мекунанд, ки бояд шумораи онҳо то ҳадде бошад, ки имконияти созиши дурӯғ байни онҳо (ровиён) вуҷуд надошта бошад. Сухани бо тавотур нақлшуда дигар ниёзе ба далел надорад ва ҳамеша пазируфтанист. Дар баробари тавотур дар наҳв ривоятҳо ба таври оҳод[76] низ пазируфта мебошанд, вале далели қатъӣ ба шумор намераванд, балки барои қабули бебаҳси онҳо қаринаҳои эътимодбахши дигаре зарур аст [326, с.31].

Забоншиносони араб ба кӣ будани ровӣ ва аз кӣ ва аз кадом қабила ривоят намудани ӯ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуданд. Бад-ин тартиб, ба табақаи арабҳое, ки ривояташон мақбул буд, танҳо нафароне ворид буданд, ки аз нигоҳи мансубият ба қабилаҳои Қайс, Тамим, Асад,

---

[74] Бо назардошти ҷоиз будани мазмунан нақл кардани гуфтори Паёмбари Худо (с) ва аз зумраи ғайриарабҳо будани бештари гирдоварандагони ин гуфтор, наҳвиёни нахустин онро ҳамчун ҳуҷҷат қабул надоштаанд. Масалан, Сибавайҳ ҳамагӣ 8 ҳадис ва Фарро 13 ҳадисро ба унвони шоҳид/далел овардаанд. Дар осори Мубарриду Форсӣ, Ибни Сарроҷу Анборӣ ва дигар намояндагони мактабҳои Басраву Куфа ва бархе аз мактаби БаҒдод ҳадис ба унвони шоҳиди наҳвӣ бисёр кам корбурд шудааст. Вале баъдтар дар осори наҳвиёни Андалус аҳодиси набавӣ яке аз ҷойгоҳҳои калидиро дар шавоҳиди наҳвӣ касб кардааст [326, с.35-37].

[75]Тавотур ва мутавотир, аслан, истилоҳоти илми ҳадис буда, дар дигар илмҳо, аз ҷумла забоншиносии араб низ мавриди корбурд қарор доранд. Ин истилоҳот ифодагари пайиҳаму батартиб ривоят шудани гуфтори Паёмбари Худо (с) (дар забоншиносӣ боз сухани дигар мардуми араб) аз тарафи шумори зиёди мардум мебошад, ки имконият ва эҳтимолияти иттифоқ бар дурӯғро аз байн мебарад.

[76] Оҳод истилоҳи дигари илми ҳадис аст, ки бархилофи тавотур/мутавотир буда, шумораи ровиёнаш дар ҳар табақа ангуштшумор мебошанд.

Ҳузайл, баъзе аз Кинонаву баъзе аз Тай тааллуқ доштанд. Сухани намояндагони дигар қабилаҳо бинобар омехтагӣ бо мардуми ғайриараб ва ё ҳамҷиворӣ бо онҳо ҳамчун далелу бурҳон ё худ ҳуҷҷат пазируфта намешуд.

Ба ибораи дигар, забоншиносон барои ровӣ чунин шартҳоро қоил буданд: а) бевосита аз қабилаҳои шашгонае бошад, ки зикрашон дар боло гузашт; б) агар мансуб ба ин қабоил нест, ҳадди ақал аз онҳо ривоят кунад; в) на худи ровӣ ва на ривояташ ба қабилаҳое, ки гуфтор (забон)-ашон пазируфта нест, мансуб набошад; г) ровӣ аз мардуме бошад, ки дар муддати замонии ё 150 сол пеш аз зуҳури ислом ва ё 150 сол баъд аз зуҳури он зиндагӣ карда бошад; ғ) накукору муътамад бошад [326, с.32]. Ҳамин аст, ки дар таърихи наҳви арабӣ танҳо ашъори шоироне ҳамчун далел қабул карда шудааст, ки то нимаи асри дувуми ҳиҷрӣ зистаанд. Чунончи, охирин нафаре, ки шеъри ӯ ҳамчун далел ба кор рафтааст, Иброҳим ибни Ҳурма (70-150 ҳ) мебошад, ки ба андешаи Асмаӣ, шеър бо ӯ ба итмом расидааст. Вале эътибори гуфтори бодиянишинон то асри чоруми ҳиҷрӣ – то замоне, ки салиқаашон дар ин забон дучори ихтилот гашт, идома ёфт. Чунончи, то ин аср донишмандон гуфтори бодиянишинонро тадвин менамуданду онро дар муноқишаҳои худ ба симати далел ба кор мебурданд [222, с.19-20].

Омӯзиши самоъ дар забоншиносии араб нишон медиҳад, ки забоншиносони гузаштаи араб, хусусан наҳвиён ба ин падида таваҷҷуҳи ҷиддӣ намуда, далелҳои худро маҳз дар пояи он тарҳрезӣ менамудаанд ва дар сурати вуҷуди он ба ҳеҷ гуна қиёс намепардохтаанд, балки пайдо шудани самоъ ҳама гуна қиёсро бекор мекардааст [147, с.14].

Дар тули таърих самоъ ҳамчун далели рақами яки забоншиносӣ, хусусан барои қоидаҳои наҳвӣ ба шумор рафта, забоншиносону наҳвиён ба ин падида таваҷҷуҳи махсусе менамуданд, ки бе шак дар поя ва ҳамсанги таваҷҷуҳи донишмандони ҳадис дар шинохти аҳодиси набавӣ буд. Бузургтарин забоншиносони араб таълифоту таснифоти худро дар асоси самоъ тадвин кардаанд. Чунончи, Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ

бо он ҳама набоғату заковаташ дар ҳар чи навишта, такя ба самоъ намудааст. Ба ин гуна ки ҳар калимае, ки дар «Китоб-ул-айн» гирдоварӣ намудааст ва ҳар қоидаеро, ки дар наҳву луғат гузоштааст, такяи асосиаш ба он чи аз арабҳо шунида, будааст. Мегӯянд, Кисоӣ боре аз ӯ пурсид, ки ин ҳама дониш туро аз куҷо ба даст омадааст? Гуфт: Аз бодияҳои Ҳиҷозу Наҷд ва Таҳома. Ҳамин буд, ки Кисоӣ дар пайравӣ аз ӯ рӯ ба саҳро овард ва вақте бозгашт, дар баробари он чи ҳифз намуда буд, боз 15 шиша рангро дар навиштани шунидаҳояш тамом карда буд [201, с.131].

Истилоҳи дигаре, ки дар рушду такомули забоншиносии араб нақши калидӣ бозидаву мавриди назари ин баҳс аст, истилоҳи «қиёс» ба шумор меравад. Қиёс дар луғат ба маънои намуна, нусха, андоза (стандарт); 2) ченак, мизон; 3) қоида, дастур, қонун, усул, урф [Сулаймонов 2010, с.1039] меояд ва таърифи истилоҳии он низ аз ҳамин маонии луғавияш сарчашма мегирад. Чунончи, дар таърифи он таъкид намудаанд, ки қиёс андозагирӣ намудани фаръ бар асл аст. Яъне, гӯянда суханеро дар пайравӣ ба сухани араб ва ба услуби онҳо эҷод мекунад, зеро ҳар чизе ба гуфтори араб муқоиса карда шавад, пас, он аз гуфтори араб ба шумор меравад. Масалан, дар имкони ҳеҷ нафаре нест, ки номи ҳар фоъилу мафъулро шунида бошад, вале ҳангоми гуфтор фоъилро бинобар асл, ки марфуъ меояд, дар ҳолати марфуӣ меорад ва мафъулро бинобар асл дар ҳолати мансубӣ қарор медиҳад. Ба ин гуна ки асл ҳамон самоъ ва қоидаи меъёрӣ ва фаръ бархилофи он аст [188, с.152-153].

Мавриди зикр аст, ки дар забоншиносии араб, чи дар гузашта ва чи муосир, ҳамеша таъкид мешавад, ки луғат такя ба самоъ менамояд, дар ҳоле ки асоси наҳвро қиёс ташкил медиҳад. Ба ин маъно, ки наметавон ҳар чизеро бо номе хонд, балки дар ин маврид он чи аз соҳибзабон шунида шудааст, риоя карда мешавад. Ҳамин аст, ки наметавон ба ҳар зарфе дар арабӣ «قارورة» ва ба ҳар гирдшакле «دار» гуфт [362, с.62]. Зеро луғат/калима ба равиши нақлӣ асос ёфтааст, на ақлӣ, аз ин рӯ, дар он қиёс ҷоиз нест, балки танҳо ба самоъ такя карда мешавад [256, с.95].

Ҳарчанд баррасии сарчашмаҳои илмӣ ишора бар он мекунанд, ки дар мавриди қиёс дар луғат низ донишмандон ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, бархе онро дар ин маврид қабул доранд ва бархе дигар корбурди онро аз мантиқ намешуморанд.

Ибни Анборӣ қиёсро як пояи асосии илми наҳв ба қалам дода, дар китоби «Лумаъ» фаслеро зери унвони «Андар радди инкоркунандаи қиёс» овардааст, ки дар он таъкид менамояд: «Инкори қиёс дар наҳв ҳаргиз ҷоиз нест. Зеро наҳв саропо қиёс аст, ҳатто дар таърифи он (наҳв) гуфтаанд: наҳв илм бо қиёсҳои хулосакардашудаест, ки аз пайгирии каломи араб ба даст меояд. Аз ин рӯ, ҳар ки қиёсро инкор кунад, пас, ӯ наҳвро инкор кардааст. Ва ҳеҷ донишмандеро намедонем, ки он (наҳву қиёс)-ро инкор намуда бошад» [88, с.95]. Дар ин росто, сухани поягузори мактаби Куфа –Кисоӣ[77], низ оварда мешавад, ки гуфта:

إنما النحو قياس يتبع،

وبه كل أمر ينتفع.

(Тарҷума: Наҳв қиёсест, ки пайгирӣ мешавад,

Ва дар ҳама кор аз он суд бурда мешавд) [288, с.29].

Воқеан, ҳам дар мактаби забоншиносии Басра ва ҳам дар мактаби забоншиносии Куфа ба самоҳу қиёс таваҷҷуҳи хоса мешудааст, ҳарчанд дар корбурди ин ду байни намояндагони ин ду мактаб ихтилофи назар вуҷуд доштааст. Чунончи, намояндагони Басра ба қиёс ва намояндагони Куфа ба самоъ такяи бештар менамудаанд. Ба ин маъно, ки басриён вақте ба қиёс даст мезаданд, ки агар шоҳид бисёр бошад, дар ғайри ин сурат онҳо қиёсро бо як шоҳид раво намешумориданд. Инчунин, қиёси онҳо танҳо бо самоъе ҷоиз дониста мешуд, ки аз қабилаҳои дар фасоҳат машҳур ба таври мутавотир сурат гирифта бошад. Аммо куфиён

[77] Дар нисбати ин байт ба Кисоӣ ихтилофи назаре вуҷуд надорад. Байти мазкур ба меҳварияти қиёс дар илми наҳв ишора мекунад, дар ҳоле ки дар мактаби забоншиносии Куфа, хусусан дар назди Кисоиву Фарро, аз ҷойгоҳи волое бархӯрдор нест. Пас, ин байт чунин паёме медиҳад, ки Кисоӣ, сарфи назар аз сарварии як мактаби мустақили забоншиносии дар муқобили басриён бударо ба дӯш доштан, дар истинботи масоил ҳанӯз ҳам зери таъсири мактаби забоншиносии Басра қарор доштааст.

баръакси ин равишро интихоб намуда буданд, чунончи, агар байтеро мешуниданд, онро дар ин ё он масъала ҳамчун далел пазируфта, ба он қиёс менамуданд ва барои он боберо тахсис медоданд, сарфи назар аз он ки он байт истисноию бархилофи дигар қоидаҳои наҳвӣ ва ё аз қабилаҳои ғайрифасеҳ ривоят шуда бошад. Ҳатто онҳо як мисраи байтеро, ки мисраи дигараш маълум нест, ҳамчун далел истифода кардаву ба он қиёс қоил шудаанд [299, с.71-73].

Дар робита ба таърихи пайдоиши «қиёс» низ назди донишмандон ихтилофи назар аст, вале назари бештари онҳо дар ин нукта иттифоқ дорад, ки пайдоиши наҳв ва корбурди «самоъ» дар қонунгузории он «қиёс» низ ба майдон омадааст. Ҳамин аст, ки тибқи сарчашмаҳо ҳанӯз забоншиносони нахустини араб ба қиёс таваҷҷуҳи хосса доштаанд. Аз ҷумла, дар мавриди Ибни Абуисҳоқи Ҳазрамӣ таъкид мешавад, ки ӯ нахустин нафаре буд, ки наҳвро ошкор карду қиёсу илалро ба дарозо кашид. Сипас ин донишманд ба донишманди дигари муосираш Абуамр ибни Ало муқоиса шуда, таъкид мегардад, ки Ибни Абуисҳоқ бо қиёс дар наҳв истинбот менамуд, дар ҳоле ки Абуамр дар мавриди суханони арабу калимот ва ғариби онҳо бартарӣ дошт [320, с.30]. Дар такя ба ин гуфтаи Ибни Саллом донишмандони баъдӣ Ибни Абуисҳоқи Ҳазрамиро аз поягузорони қиёс дар наҳви арабӣ шуморидаанд. Дар ҳоле ки бархе донишмандон ишора ба ин нукта менамоянд, ки қиёси Ибни Абуисҳоқ дар муқоиса ба қиёсе, ки наҳвиёни баъдӣ ба кор бурдаанд, бисёр сода буд [328, с.144-146].

Нуктаи ҷолиб ин аст, ки дар баробари қиёси наҳвӣ, дар як вақт ва дар як муҳит, қиёси фиқҳӣ низ ба майдон омаду ривоҷ ёфт. Агар Ибни Абуисҳоқу Халил ва Сибавайҳ аз саромадони қиёс дар забоншиносии араб, хусусан қисмати наҳви он шинохта шуда бошанд, пас, дар фиқҳ Имоми Аъзам ва шогирдонаш ҳамчун тарвиҷгарони қиёс ба қалам дода мешаванд [222, с.84]. Аз ин нуктаи ҷолиб метавон чунин хулоса кард, ки чи дар фиқҳ ва чи дар забоншиносӣ, қиёс зодаи зеҳни донишмандони форсу тоҷик аст, зеро аз мардуми форсу тоҷик будани Имоми Аъзам ва

Сибавайҳ ҳеҷ тардиде нест. Ибни Абуисҳоқи Ҳазрамӣ низ ба гумони ғолиб аз мардуми форсу тоҷик будааст, чаро ки аз маволии Оли Ҳазрамӣ ба қалам дода мешавад [157, с.294] ва маволие, ки дар он марҳилаи таърихӣ ба илм, хусусан, ба наҳв машғул мегаштанд, чи тавре борҳо таъкид кардем, маҳз аз мардуми форсу тоҷик буданд. Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ бошад, ба таъкиди Ёқути Ҳамавӣ решапайванди форсии тоҷикӣ доштааст [359, с.1260].

Метавон боз ба ин нуктаи таърихӣ низ ишора намуд, ки Абуамр ибни Ало баръакси Ибни Абуисҳоқи Ҳазрамӣ ва Асмаӣ баръакси Халилу Сибавайҳ на фақат ба қиёс таваҷҷуҳ надоштанд, балки онро намепазируфтанд, чаро ки араб буданд ва барои донистани арабӣ ба ҳамон салиқае, ки дар натиҷаи самоъ ва муҳит ба майдон меояд, кифоят меварзиданд. Дар ҳоле ки донишмандони форсу тоҷик бо он ки донандаи хуби забони арабӣ ба шумор мерафтанд, боз эҳсос менамуданд, ки барои омӯзиши арабӣ мардуми араб ба қиёс ниёз доранд. Ба ибораи дигар, маҳз тобиши таълимӣ доштани қиёс боис гаштааст, ки наҳвиёни форсу тоҷик ба он таваҷҷуҳи бештаре қоил шаванд.

Ҳамзамон, қиёсе, ки аз ҷониби забоншиносони араб, хусусан Сибавайҳ дар ҳалли масоили наҳвӣ ба кор рафтааст, ба қиёси мантиқии юнонӣ ҳеҷ робитае надорад [288, с.127].

Омӯзиши қиёси наҳвӣ нишон медиҳад, ки дар тарвиҷи он саҳму талоши забоншиносони ғайриараб, хусусан донишмандони форсу тоҷик бисёр назаррас аст. Баъд аз Сибавайҳу Кисоӣ ва Фарро дар наҳви арабӣ Ибни Форис ва Замахшарӣ низ ба қиёс пардохтаанд. Аз ҷумла Ибни Ҷиннӣ дар бораи Ибни Форис ривоят мекунад, ки як хато дар қиёс кардан барояш аз панҷоҳ хато кардан дар луғат бадтар менамуд [222, с.86].

Нуктаи дигаре, ки ба зодаи зеҳни фарзандони форсу тоҷик будани қиёси забоншиносии арабӣ далолат мекунад ва дар ин маврид таъсири муҳитро камранг мегардонад, ин ба қиёс машғул шудани Сибавайҳ дар Басра ва дар асоси қиёс ба фатво пардохтани Имоми Аъзам дар Куфа

мебошад. Яъне, яке дар муҳити басрӣ ва дигаре дар муҳити куфӣ. Агар муҳит дар пайдоиши қиёс таъсиргузори асосӣ мебуд, пас, фақеҳони Басра мебоист ба мисли Сибавайҳ ба қиёс машғул мегаштанд ва ё наҳвиёни Куфа дар ин маврид қиёсро чун Имоми Аъзам аз рукнҳои муҳим дар хулосабарориҳои худ қарор медоданд.

Хулоса, қиёс, ки рукни асосие дар наҳви арабӣ ба шумор меравад, пеш аз ҳама, аз ҷониби донишмандони форсу тоҷик мавриди пайрезиву корбурд қарор гирифтааст ва ҳадафи асосии он осоннамоии омӯзиши забони арабӣ ба ғайриарабҳо будааст.

4.2.Нақши донишмандони форсу тоҷик дар ташаккули илми сарф

Дар тули таърихи беш аз ҳазорсолаи забоншиносии араб баъд аз наҳв илми сарф аз ҷойгоҳи волое бархӯрдор буда, дар робита ба он таълифу таснифи зиёде сурат гирифтааст. Дар робита ба зарурат ва аҳамияти омӯхтани ин илм донишмандони зиёде таъкид намудаанд. Аз ҷумла, Ибни Ҷиннӣ мегӯяд: «Ин гуна илм, яъне илми сарф аз ҷумлаи илмҳое ба шумор меравад, ки ҳама аҳли араб ба он бисёр ниёзманданд, зеро он тарозуи забони арабист. Маҳз бо ин илм асли калимаҳои арабӣ ва завоиди ба он пайвастшаванда шинохта мешавад. Ба шинохти калимасозӣ маҳз тавассути ин илм расида мешавад» [119, с.2]. Айни ҳамин суханро Ибни Усфур низ таъкид намуда, мегӯяд: «Сарф аз шарифтарин ва печидатарин бахшҳои арабӣ ба шумор меравад. Ифодагари шарафи он ниёзи ҳама нафароне, ки ба забони арабӣ машғуланд, чи наҳвию чи луғавӣ, ба он аст, зеро он тарозуи забони арабист. Магар намебинӣ, ки бахши бузурги забон бо қиёс омӯхта мешавад ва ба ин бошад, танҳо тавассути сарф метавон расид» [120, с.31].

Дар мавриди илми сарфи арабӣ, таърих, истилоҳот ва масоили дигари ба он марбут бо забони арабӣ пажуҳишҳои зиёде сурат гирифтааст, вале бо забони тоҷикӣ, хусусан дар арабшиносии тоҷикӣ ба ин масъала ҳанӯз таваҷҷуҳ нашудааст, дар ҳоле ки алоқаи донишмандони форсу тоҷик ба илми сарф ва саҳмгузории онҳо дар

пешрафти он аз алоқамандиву саҳмгузориашон дар наҳв ҳеҷ камие надорад. Аз ин рӯ, метавон ба боварӣ гуфт, ки ин пажуҳиш аз иқдомоти нахустин дар шинохти таърихи сарфи арабӣ ва нишон додани саҳми донишмандони форсу тоҷик дар пешрафти он аст.

Таърихи илми сарф. Илми сарф мисли бештари илмҳои забонӣ дар аввал мустақил набуда, балки масоили сарфӣ дар зимни илми наҳв баррасӣ карда мешуд. Вале бо боло рафтани омӯзишҳои забонӣ илмҳо ихтисосӣ гаштан гирифтанд, дар натиҷа илмҳои арабӣ, ки фарогири забон ва санъати суханварӣ буданд, ба таври алоҳида ҳамчун як илми мустақил ба майдон омаданд. Ҳамин буд, ки нахуст наҳву сарф аз улуми дигари забонӣ, пасон аз ҳамдигар ҷудо ва ҳамчун як илми мустақил мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Таъйиди ин гуфторро дар нахустин китоби наҳви арабӣ – «Китоб»-и Сибавайҳ метавон мушоҳида намуд, ки дар он тамоми донишҳои забонии арабӣ, овошиносиву қироат, сарфу наҳв ва балоғат гирдоварӣ шудааст. Ҳарчанд масоили сарфӣ дар «Китоб» аз ҷойгоҳи назаррасе бархӯрдор будаву аз масоили наҳвӣ ба таври алоҳида баррасишуда, ҳамзамон, таваҷҷуҳи муаллиф ба он бараъло эҳсос карда шавад ҳам, вале дар ин асар ҳамчун илми мустақил рӯнамоӣ нашудааст[199, с.27].

Бо пажуҳиши калимаҳои сарф ва тасриф дар осори нахустини забоншиносии араб метавон ба ин хулоса расид, ки ин ду вожа дар чунин осор на ба маънии истилоҳии имрӯзияшон, балки ба маъное, ки ба тағйирпазирӣ ва тағйирнопазирии охири калимаҳо дар зимни ибораву ҷумла ишора мекунаду меҳвари асосии баҳси илми наҳв мебошад, ба кор мерафтаанд. Масалан, дар осори Сибавайҳ, Мубаррид, Форсӣ, Заҷҷоҷӣ ва ғ. метавон бобҳоеро бо унвонҳои «باب ما ينصرف وما لا ينصرف», « متى يُمنَعُ الاسمُ من الصرف» дучор омад, ки дар он масъалаҳои сирф наҳвӣ баррасӣ шудаанд. Илова бар ин, Абуисҳоқи Заҷҷоҷ китобе бо унвони « ما ينصرف وما لا ينصرف» (Вожаҳои тасрипазиру тасрифнопазир) дорад, ки аз истилоҳи наҳвӣ будани истилоҳи тасрифу сарф дарак медиҳад[314, с.298].

Донишмандон таърихи пайдоиш ва ташаккули илми сарфро ба давраҳои гуногун, аз ду то чор давра тақсим намудаанд. Ба ду давра тақсимнамоии он, аслан, марбут намудани он ба таърихи наҳв мебошад, ба ин гуна ки давраи аввали он ба пеш аз таълифи «Китоб»-и Сибавайҳ ва дувумӣ ба баъди таълифи он мансуб дониста мешавад [314, с.27]. Аммо донишмандоне, ки таърихи илми сарфро ба се давра тақсим намудаанд, давраи аввалро ба якҷоя будани он бо наҳв, ки дар «Китоб»-и Сибавайҳ таҷассум ёфтааст, тахсис дода, оғози давраи дувумро ба таълифи китоби «Масодир»-и Алӣ ибни Ҳамзаи Кисоӣ (ваф.189 ҳ) марбут медонанд. Дар оғози давраи дувум агар донишмандон бештар ба таснифи китобҳо дар масоили алоҳидаи сарфӣ, аз қабили масдару феъл, исми тасғиру ҷинсияти исмҳо ва ғ., пардохта бошанд, пас, дар марҳилаҳои баъдии ин давра китобҳое таълифу тасниф гардидаанд, ки фарогири масоили гуногуни сарфӣ буданд. Тибқи ин даврабандӣ, давраи савум ба асрҳои шашу ҳафти ҳиҷрӣ ба баъд рост меояд, ки дар ин маврид илми сарф пурра ҳамчун илми мустақил дорои равишу усули таҳқиқи худ гашта буд [357, с.41-45]. Тибқи тақсими таърихи сарф ба чор давра: давраи аввал аз соли 40 ҳиҷрӣ, давраи дувум аз соли 155 ҳ, давраи савум аз 221 ҳ ва давраи чорум 293 ҳ оғоз гаштаву то имрӯз идома дорад [158, с.171-172].

Аслан, ривояти муътамаде, ки аз давраи аввали таърихи илми сарф гиреҳкушоӣ намояд ва аз баррасиҳои мавзуии он ҳикоят кунад, дар даст нест. Чунончи, бархе ривоятҳо ба вуҷуди ин илм ва корбурди васеи он то таълифи «Китоб» ишора мекунанд. Масалан, Юнус ибни Ҳабиб дар ривояте аз Анбасаи Фил, Маймуни Акран, Ибни Абуисҳоқи Ҳазрамӣ, Исо ибни Амр ва Абуамр ибни Ало, ки ба табақаи дувум, савум ва чоруми наҳвиёни Басра тааллуқ доранд [97, с.29-45], ёд карда, мегӯяд, ки маҳз инҳо забон (наҳв)-и арабиро поягузорӣ карданду бинои исму феълро асос гузоштанд, аз назари онҳо ҳеҷ вазни калимае канора намонд. Ҳамин донишмандон салимро ба салим, музоафро ба музоаф, муъталро ба муътал, аҷвафро ба аҷваф, бинои «ي»-ро ба «ي» ва бинои

«و»-ро ба «و»[78] нисбат додаанд ва ҳеҷ калимаи арабие аз назари онҳо пинҳон намонд [314, с.303]. Дар ривояти дигаре Абумуҳаммади Язидӣ нақл мекунад, ки «назди Фазл ибни Рабеъ нишаста будам, ки Алии Аҳмар даромад ва дар наздикии Фазл нишаст. Фазл ба ман гуфт: Кадоме дар наҳв донотар буданд: Кисоӣ ё Абуамр ибни Ало? Абуамр устоди Абумуҳаммад (Язидӣ) буд. Гуфтам: Ҳеҷ касе дар наҳв аз Абуамр донотар набуд. Аҳмар гуфт: (Абуамр) Сарфро намедонист. Ба ӯ гуфтам: Сарф аз наҳв нест, балки он илмест, ки мо ба майдонаш овардаему барои он истилоҳофаринӣ кардем. Абуамр бошад, нақибтар аз он буд, ки ба чунин илми сохтаи мардум таваҷҷуҳе кунад. Гуфт: Чаро? Гуфтам: Зеро ӯ чиҳил сол дар бодия ба сар бурд, дар ҳоле ки Кисоӣ дар он чиҳил рӯз ҳам иқомат накардааст» [123, с.130].

Ин ду ривоят ишора ба он мекунанд, ки ҳанӯз дар нахустин рӯзгори бамайдоноии наҳв сарф низ шинохташуда ва дорои истилоҳоти хоси худ будааст. Дар ривояти аввал, ки аз забони Юнус ибни Ҳабиб - аз намояндаҳои табақаи панҷуми мактаби забоншиносии Басра [97, с.5], нақл шудааст, истилоҳоти салим, музоаф, муътал, аҷваф ва ғайра аз истилоҳоти меҳварии илми сарфанд ва шояд онҳо аз ҷониби соҳиби «Ал-Ағонӣ», ки аллакай дар замони ӯ илми сарф то ҷойе мустақил гашта буд, гуфта шуда бошанд.

Вале ривояти дувум, ки аз ҷониби Абумуҳаммади Язидӣ нақл шудааст ва ӯ яке аз намояндаҳои табақаи шашуми мактаби забоншиносии Басра ба шумор меравад [97, с.61], то ҷойе ба таърихи илми сарф равшанӣ меандозад, ба ин гуна ки онро зодаву сохтаи забоншиносоне медонад, ки баъди Абуамр ибни Ало, аз намояндагони табақаи чоруми мактаби забоншиносии Басра [97, с.35-40], медонад. Аз

[78] Дар ин ҷо истилоҳоти сарфие, ки бевосита ба сохтори феъл ишора мекунанд, оварда шудааст. Аз ҷумла, истилоҳи салим ба сохтори феъле ишора мекунад, ки дар он яке аз ҳарфҳои иллат: ا، و، ي, набошад. Музоаф ба феъле гуфта мешавад, ки дар он ду ҳарфи решагӣ якранг бошанд. Иллат ба феъле итлоқ мешавад, ки дар зимни он яке аз ҳарфҳои иллат омада бошад. Вақте ҳарфи дувуми решагии феъл ҳарфи иллат бошад, ба он аҷваф (дарунхолӣ) мегӯянд. Алиф дар феъл, аслан, бадал аз ي ва ё аз و аст, ки истилоҳи бинои ي ва و ба ин масъала ишора мекунад.

ин бармеояд, ки дар табақаи шашуми мактаби забоншиносии Басра, ки Сибавайҳ низ аз намояндагони он аст [97, с.66], аллакай, илми сарф то ҷойе шакл гирифта ва истилоҳоти вижаи худро пайдо карда буд.

Ҳамзамон бо ин, аз ривоятҳое, ки дар мавриди нахустин забоншиносони араб ҳикоят мекунад, маълум мешавад, ки Абуласвад Дуалӣ дар бораи имолаву табдили ҳарфҳо ва махориҷи онҳо ва Ибни Абуисҳоқу Абуамр ибни Ало дар бораи ҳамзаву дигар масоили сарфӣ навиштаҳое доштаанд ва ин ҳама аз ҳамқадамии пайдоиш ва ташаккули илми сарф бо илми наҳви арабӣ шаҳодат медиҳад [304, с.34].

Дар сарчашмаҳои таърихӣ номи бархе осоре омадааст, ки дар унвони онҳо калимаи тасриф/сарф дида мешавад, аз қабили «Китоб-ут-тасриф»-и Абуҳасан Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Кайсон (ваф.120 ҳ), «Китоб-ут-тасориф»-и Муктаймӣ (ваф.125 ҳ), «Китоб-ут-тасриф»-и Муханнаф (125 ҳ), «Ат-Тасриф»-и Алӣ ибни Мубораки Аҳмари Куфӣ (194 ҳ), «Ат-Тасғир», «Ал-Вақф ва-л-ибтидо-ул-кабир», «Ал-Вақф ва-л-ибтидоу-с-сағир» ва «Ал-Афрод ва-л-ҷамъ»-и Муҳаммад ибни Ҳасани Руосӣ [199, с.29]. Вале ҳеҷ яке аз ин осор ҳамчун аввалин китоб дар ин илм ва ё муаррификунандаи мустақилияти он ба шумор намераванд.

Бунёдгузори илми сарф. Ҳамон гуна ки таърихи бамайдоноии илми сарф баҳснок аст, дар мавриди муассиси он низ ихтилофи назар вуҷуд дорад. Мувофиқи ривояте, ки дар китоби «Табақоту-н-наҳвийин ва-л-луғавийин»-и Зубайдӣ омадааст, Абумуслим, ки муаллим ва тарбиятгари Абдулмалик ибни Марвон буд, дар наҳв дасти қавӣ дошт, вале дар сарф муваффақ набуд, аз ин рӯ, сарфро инкор мекарду нафаронеро, ки аз он сухан мегуфтанд, ҳаҷв мекард. Боре дар маҷлиси Муоз ибни Муслими Ҳарро (ваф.185 ҳ) нишаст, ки бо нафаре баҳс менамуд. Аз ҷумла Маоз ба ӯ мегуфт: «Исми фоъил ва амри феъли «тауззуҳум аззан»-ро чи гуна мегӯй»? Мегӯянд, Абумуслим ин сухани ба худ ноошноро шунида, маҷлисро тарк намуду ҳаҷвияи машҳури худро дар робита ба сарф сароид:

قد كان أخذهم في النحو يعجبني حتى تعاطوا كلام الزنج والروم.

لما سمعت كلاما لست أفهمه كأنه زجل الغربان والبوم.

تركت نحوهم والله يعصمني من التقحم في تلك الجراثيم

(Тарҷума: Чанг ба наҳв заданашон маро хуш меомад, то он ки ба сухани ҳабашиву румӣ рӯ оварданд. Вақте суханеро шунидам, ки намефаҳмидам, гӯиё он овози зоғу бум буд. Наҳви онҳоро тарк кардаму Худованд маро аз афтодан дар он олудагиҳо нигоҳ дошт) [97, с.125-126].

Айни ҳамин ривоятро Ҷалолиддин Суютӣ дар «Буғят-ул-вуот» оварда, сипас чунин натиҷагирӣ намудааст, ки: «аз ин ҷо ман дарёфтам, ки аввалин нафаре, ки илми сарфро асос гузоштааст, ҳамин Маоз аст. Ҳарчанд дар «Шарҳи қавоид» устод Ал-Кофияҷӣ Муоз ибни Ҷабалро муассиси сарф шуморида бошад ҳам, ин бе шак хато аст ва ман дар ин маврид аз ӯ пурсон шудам, вале ӯ посухе нагуфт» [252, с.291].

Вале бештари ривоятҳо Абубакр ибни Муҳаммад Абуусмон Мозаниро (ваф.248), ки соҳиби китоби «Тасриф» мебошад, ҳамчун муассиси ин илм эътироф менамоянд, чаро ки асарҳои ба сарф бахшидаи пеш аз ӯ ё фарогири масоили ҷузъии ин илманд ва ё ба ҷуз ном то имрӯз дигар асаре аз онҳо боқӣ намондааст, ки мазмуну муҳтавои он баҳо дода шавад. Мавриди зикр аст, ки китоби «Тасриф»-и Мозанӣ аз ҷониби Ибни Ҷиннӣ мавриди шарҳу тавзеҳ қарор гирифта, аз мукаммалтарин ва муътамадтарин сарчашма дар сарфи арабӣ ба қалам дода мешавад [119]. Ҳамзамон, дар сарчашмаҳо аз мунозираҳои Мозанӣ бо дигар донишмандон ривоят мешавад, ки бештар ҷанбаи сарфӣ доранд. Чунончи, дар мунозараи ӯ бо Ибни Сиккит дар ҳузури Восиқ вазни феълӣ ба баррасӣ кашида мешавад. Мозанӣ аз Ибни Сиккит аз вазни феъли «نَكْتَلْ» пурсон мешавад ва дувумӣ низ онро ба вазни «نَفْعَلْ» медонад. Аммо Мозанӣ онро ба вазни «نَفْتَعَلْ» мешуморад ва асли онро «نَكْتَيَلُ» дониста, бинобар фатҳаи мо қабли «ي» табдил шудани «ي»-ро ба «ا» таъкид мекунад. Сипас шакли «نَكْتَلْ»-ро бинобар ҷавоби амр будан дар ҳолати маҷзумӣ медонад, ки бо сабаби илтиқои (якҷо омадани) ду сокин «ا» маҳзуф гаштааст. Ё ҷойи дигар дар мавриди вазни калимаи «بَغِيّ» баҳс

шуда, дар охир худи Мозанӣ вазни онро «فَعُوْل=بغوي» медонад, ки корбурди он барои ҷинси мардонаву занона якранг аст, вале ба хотири тахфиф «و» ба «ي» табдил дода шуда, пасон «و» дар «ي» идғом гардида, «يّ» сақила (мушаддад) шудааст, ба монанди «سيّد» ва «ميّت» [97, с.88-89].

Чи тавре ишора шуд, агарчи то замони Мозанӣ сарф ҳамчун илми мустақил шинохта нашуда бошад ҳам, вале масоили сарфӣ ҳамеша мавриди назари донишмандон буда, онҳо дар робита ба он андешаи якдигариро таъйид ва ё рад менамудаанд. Масалан, пайванди устоду шогирдӣ ва дӯстие, ки байни Сибавайҳу Ахфаши Авсат буд, дар ҳама сарчашмаҳои таърихӣ таъкид мешавад, вале дар баробари ин боз мо шоҳиди он мешавем, ки Ахфаш дар 38 масъалаи сарфӣ ба Сибавайҳ хилоф намудааст. Ин масоили мазкур атрофи чи гуна сифати нисбӣ сохтан аз вазнҳои гуногун, тағйирот дар дохили калимаи ифодакунандаи исми хос ҳангоми ҷамъбандӣ, чи тавр сохтани исми мафъул/сифати феълии тарзи мафъулӣ аз феълҳои ачваф ва ғ. чарх мезанад [203, с.67-86].

Таълими илми сарф. Ҳарчанд аз асри савуми ҳиҷрӣ сарф ҳамчун илми мустақил шинохта шуда бошад ҳам, вале аз сояи наҳви арабӣ ба таври куллӣ баромада натавонист. Бад-ин маъно, ки баъд аз ин таърих низ дар ҳошияи масоили наҳвӣ омӯхта мешуд ва ҳатто дар бузургтарин асарҳои наҳвии баъдӣ, аз қабили «Ал-Муфассал фи санъат-ил-эъроб»-и Замахшарӣ ва «Алфия»-и Ибни Молик бо мавзуоти наҳвӣ ҳамроҳ оварда мешуд. Вале донишмандони араб маншаи чунин муносибатро ба таълими сарф на аз бетаваҷҷуҳӣ, балки аз мушкилии он мешуморанд. Чунончи, Ибни Ҷиннӣ мегӯяд: «Мебоист нафаре, ки илми наҳвро омӯзад, аз омӯхтани илми сарф оғоз намояд, зеро шинохти чизи устувор бояд асл дар шинохти чизи тағйирёбанда бошад. Вале ба хотире, ки дар ин гуна илм душворӣ аст, ба омӯхтани наҳв оғоз карда шуд, то бо омӯхтани наҳв барои омӯзиши сарф, шинохтани ғараз ва маонии он омода гардад» [119, с.4-5].

Гузашта аз ин, дар таърихи забоншиносии араб донишмандонро ба наҳвӣ (донандаи илми наҳв), луғавӣ (донандаи лексика ва луғоти араб),

арузӣ (донандаи аруз) ва ғ. ҷудо менамуданд, вале дида нашудааст, ки аз донишманде бо унвони сарфӣ (донандаи илми сарф) ёд намуда бошанд. Ҳатто Мозанӣ, Ибни Ҷиннӣ, Ибни Усфур ва донишмандони дигаре, ки дар илми сарф китобҳои алоҳида таълиф намудаву аз масоили наҳвӣ дида бештар масоили сарфиро ба таҳлилу баррасӣ кашидаанд, дар китобҳои таъриху тазкираномаҳо ва асарҳои ба забоншиносии араб бахшидашуда ба унвони наҳвӣ ёд шудаанд [304, с.53].

«Илми сарф, ки имрӯз ҳамчун як қисмати грамматика бо номи морфология маълум аст, дар ҳалқаи улуми адабии тоҷику форс мақоми хосса дошт. Аз ин ҷост, ки дар осори ба гурӯҳбандии улум бахшидашуда ва фарҳангҳои тафсирии гузашта оид ба илми сарф ва масъалаҳои баҳси он қайду эзоҳи муфиде дида мешавад. Ин қайду тавзеҳот аз нигоҳи бахши морфологияи имрӯз аҳамияти назарию амалии хеле пурарзиш доранд» [22, с.108]. Бад-ин тартиб, дар ҳавзаҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр дар баробари наҳви араб илми сарфи ин забон низ таълим гирифта мешуд. Аз ҷумла то Инқилоби октябр тоҷикон дар баробари омӯхтани сарфи арабӣ тавассути забони арабӣ аз асарҳои назмию насрии ба забони тоҷикӣ таълифнамудаи донишмандон истифода мекардаанд. Чунончи, аз Абдурраҳмони Ҷомӣ манзумае бо номи «Сарф-ул-лисон» ба мерос мондааст, ки дар он қоидаҳои сарфии забони арабӣ бо забони тоҷикӣ оварда шудааст. Дар ин китоб калимаи арабӣ ба исму феъл ва ҳарф тақсим карда шуда, пасон мизони каломи араб, вазнҳои феълӣ, чи гуна сохтани сиғаи амр ва роҳҳои сохтани исмҳои фоъилу мафъул, олат, тафзил ва ғайра ба риштаи назм кашида шудааст [Ҷомӣ 2020]. Ҳамзамон бо ин, пеш аз хондани китобҳои арабии «Муиззӣ» ва «Занҷонӣ», ки бевосита ба илми сарфи арабӣ бахшида шудаанд, сарфи арабӣ тавассути китоби «Бидон» хонда мешудааст. Чунончи, устод Садриддин Айнӣ мегӯяд: «…баъд аз тамом кардани он … «Бидон» ном китобчаро сар кардам. «Бидон» дар забони тоҷикӣ буда, дар вай сарфи арабӣ баён меёфт» [365, с.68]. Ҷойи дигар устод мегӯяд:

«Баъд аз он дар сарфи арабӣ «Муиззӣ»[79] ва «Занҷонӣ»[80] ном китобчаҳои арабиро ва дар наҳви арабӣ «Авомил»[81] ном як китобчаро мехонд ва ибораҳои арабии ин китобчаҳоро бо тарҷимаи тоҷикиашон аз ёд мекард» [365, с.135].

Аз назари инҷониб, таваҷҷуҳи арабомӯзон аз масоили сарфӣ дида ба масоили наҳвӣ, аслан, маншаъ аз он мегирад, ки дар назари аввал сарф аз наҳв осонтар менамояд. Масалан, бахше аз илми сарф, ки ба тасрифи феъл ва ҳаракатҳои сохтории калима бахшида мешавад ва онро дар забоншиносии классикии араб бо истилоҳи «масоили тамрин» ёд мекарданд, бо аз ёд кардану бисёр тамрин намудан аз худ карда мешавад ва ҳамчун қолабҳои мушаххаси тағйирнопазир ниёз ба ҳеҷ эҷодкорие надорад,[82] дар ҳоле ки наҳв бинобар тағйир ёфтани омилҳо ва бо назардошти кадом бори синтаксисиро ба дӯш кашидани калима ниёз ба андеша ва гунае аз эҷодкорӣ дорад.

Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар таҳаввул ва ташаккули сарфи арабӣ. Бо баррасии хидмати мондагори донишмандони форсу тоҷик ба забон ва донишҳои арабӣ мо ба ин воқеият мерасем, ки онҳо дар ташкил ва ташаккули илми сарф ва офариниши истилоҳоти он хидматҳои инкорнопазире намудаанд. Аз ҷумла, Сибавайҳ дар «Китоб» дар баробари дигар масъалаҳои наҳвию балоғӣ ба масоили сарфии забони арабӣ низ таваҷҷуҳи зиёде намудааст. Андешаҳои сарфии ин донишманд танҳо дар баёни мизони каломи арабӣ чи гуна иштиқоқ

---

[79] «Муиззӣ фи-т-тасриф» ба қалами Шамсиддин Муҳаммад ибни Абулқосим ал-Муиззӣ тааллуқ дорад. Рисола аз чаҳор боб иборат буда, онро Поянда Муҳаммад ибни Дарвеш Муҳаммад ибни Юсуфи Бухорӣ маъруф бо Мирмуқаллид бо форсӣ шарҳ додаву онро «Шарҳ-ул-абвоб» номидааст [186, с.1740]. Ростӣ, дар робита ба рӯзгору осори дигари муаллифи «Муиззӣ фи-т-тасриф» маълумот пайдо накардем, вале зикри он дар «Кашф-уз-зунун» ифодагари он аст, ки ӯ пеш аз асри XVII будааст.

[80]Номи ин китоб, аслан, «Тасриф-ул-иззӣ» буда, ба қалами фарзанди форсу тоҷик Абдулваҳҳоб ибни Иброҳим аз-Занҷонӣ (ваф. 699 ҳ) тааллуқ дорад [276].

[81] Ин китоб ба Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ тааллуқ дорад.

[82] Ин сухан барои нафаронест, ки ба омӯзиши забони арабӣ машғул мешаванд ва мехоҳанд ба он забон гуфтану навиштанро омӯзанд. Вале барои нафароне, ки мехоҳанд дар забони арабӣ мутахассиси илми сарф (сарфӣ/сарфшинос) шаванд, воқеан, масоили сарфӣ аз масоили наҳвӣ печидатару мушкилтар ба назар хоҳад расид.

намудани вожаҳои арабӣ маҳдуд намегардад, балки дар «Китоб» ба тағйирпазирии овоии калимаҳои ғайриарабӣ ҳангоми ба забони арабӣ интиқол ёфтан ишора гаштааст. Воқеан, масоили сарфӣ дар «Китоб» аз масоили наҳвӣ ба таври алоҳида мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамин аст, ки бо илҳом аз «Китоб» Ахфаш китобе бо унвони «Тасриф» тадвин намудааст [304, с.48]. Инчунин, забоншиносони дигари форсу тоҷик, аз қабили Кисоӣ, Фарро, Муҳамад Саъид Муаддиб, Майдонӣ, Замахшарӣ, Тафтазонӣ, Ҷомӣ, Иззуддини Занҷонӣ ва чандин донишманди дигар дар робита ба сарфи арабӣ китоб навиштаву андешаҳои худро ба таҳрир кашидаанд. Илова бар ин, донишмандони форсу тоҷик чандин асари назмиву насрӣ дар илми сарфи арабӣ бо забони модарӣ навиштаанд, ки «Сарф-ул-лисон»-и Ҷомӣ ва «Бидон»-у «Сарфи Мир» намунае аз он шуда метавонанд.

«Дақоиқ-ут-тасриф» намои илми сарф дар Хуросону Мовароуннаҳр. Имрӯз дар байни арабшиносони тоҷик вақте аз илми сарф сухан меравад, дар зеҳн танҳо чигунагии тасрифи феъл дар замони гузаштаву ҳозира-оянда ва амр дар 14 ва 6 сиға мерасад. Дар ҳоле ки ин илми сарф не, балки машқҳо барои тасрифи дурусти феълҳо вобаста ба замону шахсҳо мебошад. Аммо агар ба таърихи каме пештари илми сарф дар ин сарзамин назар намоем, шоҳид мешавем, ки дар асрҳи VIII ҳиҷрӣ ба баъд (то инқилоби Бухоро, чи тавре устод С.Айнӣ ишора кардаанд) китоби «Тасриф-ул-иззӣ»-и Абдулваҳҳоб ибни Иброҳим аз-Занҷонӣ (ваф. 699 ҳ) шуҳрат ёфта, вобаста ба он чандин шарҳу таълиқ низ навишта шудааст, ки «Шарҳу тасриф-ил-иззӣ»-и Саъдиддини Тафтазонии Ҳиравии Хуросонӣ аз ҷумлаи он аст.

Бояд таъкид кард, ки дар забоншиносии араб дар баробари илми сарф боз аз илми иштиқоқ ва тарзи амалии илми сарф бо номи тамринот, ки ба тоҷикӣ ҳамон машқҳои сарфӣ мешавад, ёдовар мешаванд. Ин нукта барои донишмандони арабомӯзу арабинигори форсу тоҷик низ шинохта будааст. Чунончи, Фахриддини Розӣ (543-606 ҳ) дар «Ҷомеи ситтинӣ» илми сарфро аз илми иштиқоқ алоҳида оварда, усули ҳар якеро

шарҳу тавзеҳ додааст. Аз ҷумла дар робита ба илми сарф менависад: «Бидон, ки ҳуруфе, ки дар калима биояд, гоҳ аслӣ бувад ва гоҳ зоид. Ва аслӣ он бувад, ки дар иштиқоқ соқит нашавад. Ва зоид он бувад, ки дар иштиқоқ соқит шавад. Ва чун чунин бувад ҳоҷат омад дар тамйиз кардан миёни аслӣ ва миёни зоид ба мизоне то ҳуруфи ҳар калима бо ҳуруфи он муқобила кунанд ва ба воситаи он ҳуруфи аслиро аз зоид ҷудо кунанд ва он мизон лафзи фаъала бувад» [303, с.197]. Донишманди мазкур дар мавриди илми иштиқоқ менависад: «Бидон, ки дар иштиқоқ чаҳор чиз бибояд: аввал, лафзе мавзуъ аз барои ҳақиқате; дувум, чизе, ки мансуб бувад бад-он ҳақиқат; савум, он ки миёни ҳар ду ном мушобаҳате мин баъз-ил-вуҷуҳ ҳосил бошад; чаҳорум, он ки миёни он ҳар ду ном мухолифате мин баъз-ил-вуҷуҳ бувад. Ва чун ин чаҳор рукн ҳосил бошад, ҳақиқати иштиқоқ ҳосил бувад. Ва бидон, ки иштиқоқ бар ду қисм аст: яке асғар ва дувум акбар. Аммо асғар зоҳир аст, чунонки аз лафзи масдар мозӣ ва мустақбал ва фоъилу мафъул ва амру наҳй иштиқоқ кунанд. Ва аммо акбар чунон бувад, ки масалан лафзи сулосӣ бигиранд ва як маъно истихроҷ кунанд, ки дар ҳар шаш таркиб, ки дар вай мумкин бошад, ҳосил бувад. Ин навъ ҷуз ба диққати назар ва таоқуби хотир истихроҷ натавон кард» [303, с.204]. Бо назардошти ин таъриф, дида мешавад, ки асари «Тасриф-ул-иззӣ» дар доираи илми сарф ва тамринот таълиф гашта, ҳамчун китоби таълимӣ барои нафароне тасниф гаштааст, ки мехоҳанд забони арабӣ омӯзанд. Аз ин рӯ, дар ин китоб ва шарҳи он ишора ба иштиқоқи асғару акбар ва чигунагии онҳо ишора нашудааст. Дар ин китоб пурра масоили сарфӣ матраҳ гаштааст ва агар гоҳе аз рафъу насб ва ҷазм ёд шуда бошад ҳам, он ҳам ба хотири шарҳ додани тағйироти сохтории феълҳо ҳангоми дар ҳолатҳои гуногуни эъробӣ омадан мебошад [221]. Вақте боз илми сарфро дар ин сарзамин дар VI ҳиҷрӣ баррасӣ мекунем, мебинем, ки дар он ҳам бештар ба паҳлуи тамринии илми сарф таваҷҷуҳ карда шудааст. Ба унвони намунаи илми сарфи асри мазкур китоби «Нузҳат-ут-тарф фи илм-ис-сарф»-и Абулфазли Майдониро метавон овард, ки ҳам аз нигоҳи баён ва нигоҳи

муҷазӣ сутуданист. Дар ин китоб ба мисли «Тасриф-ул-Иззӣ» танҳо сухан ба тасрифу вазнҳои феълӣ маҳдуд нагашта, балки дар он аз вазнҳои сохтори исмҳо низ ёдоварӣ мешавад. Хусусан, муқаддимаи муаллиф, ки дар бораи илми сарф ва баррасии истилоҳоти асосии ин илм бахшида шудааст, бисёр ҷолиб аст. Дар ин китоб низ то ҷойе байни масоили сарфӣ ва наҳвӣ омехтагӣ сурат гирифтааст, чунончи, дар фасли охири ин китоб дар бораи мондагӣ ва гузарандагии феълҳо, ҳамзамон, атрофи чанд мафъул қабул кардани онҳо сухан меравад, дар ҳоле ки ин масъалаҳо вижаи илми наҳванд [121].

Дар ин ҷо метавон аз китоби Муҳамад Саъид Муаддиб бо номи «Дақоиқ-ут-тасриф» ёдовар шуд, ки воқеан аз нигоҳи таърихӣ ва аз нигоҳи баррасии мавзуоту фарогирии он дар муқоиса ба китобҳои дар ин самт навиштаи донишмандони дигари тоҷик бартарӣ дорад. Аз нигоҳи таърихӣ китоб аз нахустин асарҳои ба илми тасриф – ҳамчун илми мустақилбахшидашуда ба шумор рафта, анҷоми таълифи онро муаллиф соли 338 ҳ нишон додааст [122, с.527]. Яъне, замони таълифи ин китоб ба рӯзгори Абуусмон Мозанӣ, ки ҳамчун муаллифи аввалин асаре, ки сароғози мустақилияти илми сарф ба қалам дода мешавад, наздик буда, ҳамагӣ як аср тафовут дорад. Аз нигоҳи фарогирии мавзуъ бошад, китоби мазкур танҳо ба масоили тамринӣ, ки ба хотири хуб аз худ кардани тасрифи феъл пайрезӣ шудааст, маҳдуд намегардад, балки муаллиф кӯшидааст, то масоили мавриди назарро ҳамаҷониба барои хонанда матраҳ намояд.

Аз вижагиҳои ин асар корбурди истилоҳотест, ки хоси ин асаранд. Масалан, корбурди истилоҳоти насба ба маънои фатҳа (забар) [122, с.34-35], мафкук [122, с.346], мултавӣ [122, с.535]ба маънои лафифи мафрӯқ ва ғ. дар осори дигари забоншиносии араб, ки пеш аз ин асар, хусусан дар муҳити арабӣ таълифу тасниф шудаанд, ба назар намерасад ва маълум аст, ки чунин истилоҳот зодаву сохтаи муҳити ғайриарабӣ ва зеҳни ин муаллифанд.

Аз нигоҳи баррасии мавзуъ низ асари мазкур вижагиҳои худро дорад. Масалан, тақсими феъли замони гузашта ба се қисмат: нас (с), мумассил ва роҳин дар ин асар мушоҳида мешавад, дар ҳоле ки дар осори дигари забоншиносии пеш аз он маъруф нест. Чунончи, муаллиф мегӯяд: «мозӣ ба се навъ аст: нас, мумассил ва роҳин. Аммо нас (с) ҳамонест, ки ҳам аз нигоҳи лафз ва ҳам аз нигоҳи маъно ба замони гузашта созгор бошад; мумассил бошад, аз нигоҳи лафз ба феъли мозӣ монанд бошад ҳам, вале аз нигоҳи маъно ба оянда ишора мекунад; роҳин, ки ба пойдорӣ бар як шакл далолат мекунад» [122, с.36-37]. Барои дарки ҳар як навъи мазкур муаллиф мисол оварда, дар шарҳу тавзеҳи он мепардозад. Аз ҷумла бо пардохтан ба шарҳи далолати феъли гузашта ба маънои оянда таъкид мекунад, ки ин бояд дар ҳолате сурат гирад, ки агар аз ҳар гуна омехтанамоӣ эмин бошад. Аз ҷумла, корбурди феъли замони гузашта ҳангоми дуо ба хотирест, ки амалишавии он ба оянда нигаронида шудааст на ба гузашта [122, с.36]. Бе шак, чунин масъалагузории муаллиф бархоста аз муқоисанамоии хусусиятҳои сохтории таркибу ҷумлаҳои забони арабӣ ба забони тоҷикӣ сурат гирифтааст. Ҳамзамон, чунин тақсимбандии замонии ин донишманд ба тақсимбандии замонии муосири феъл: замони гузаштаи мутлақу давомдор ва ғ. бисёр ҳамгунӣ дорад.

Такяи муаллиф ба андешаҳои намояндагони мактабҳои гуногуни забоншиносии араб, аз қабили Сибавайҳу Кисоӣ, Мозаниву Фарро, Мубарриду Саълаб ва Ибни Қутайба шаҳодат аз он медиҳад, ки ҳанӯз дар асри чоруми ҳиҷрӣ дар ҳавзаи арабомӯзии Хуросону Мовароуннаҳр, аллакай, андешаҳои мактабҳои забоншиносии Басрву Куфа ва БаҒдод интишору таҳким ёфта будааст.

Хулоса, донишмандони форсу тоҷик дар баробари таълифи таснифи осор дар робита ба масоили наҳвию гирдоварии вожаву таъбирҳои арабӣ, боз ба матраҳнамоии масоили сарфӣ низ таваҷҷуҳ намуда, дар ин росто асарҳои арзишманде таълиф кардаанд, ки масъалагузорӣ ва шарҳу тавзеҳоти мавзуоти сарфӣ дар онҳо аз огоҳии ин

донишмандон аз хусусиятҳои ҳамаҷонибаи забони арабӣ шаҳодат медиҳад.

4.3.Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар ташаккули овошиносии араб

Бурро ва саҳеҳ талаффуз намудани вожа, пеш аз ҳама, ба таври дуруст адо кардани ҳарф, яъне ҳаққи ҳар ҳарферо ба ҷо овардан, бастагӣ дорад. Ҳамин аст, ки имрӯз ҳангоми ба омӯзиши ягон забон машғул гаштан, ҳатман, аз омӯхтани овозу ҳарфҳои он оғоз карда мешавад. Ба ин тартиб, китобҳои дарсии забономӯзӣ ва дастуру воситаҳо дар ин маврид бо нишон додани махраҷи ҳарфҳо ва чи гуна талаффуз намудани ҳарфҳо шуруъ мегардад. Ҳарчанд дар таърихи забони арабӣ таваҷҷуҳ ба чигунагии талаффузи ҳарфҳо ба оғози зуҳури ислом ҷиҳати ба таври дуруст хондану тиловати калимоти қуръонӣ баргардад ҳам, вале дар забоншиносии араб, хусусан, дар асрҳои II-III ҳиҷрӣ, ки бузургтарин таълифоти забоншиносӣ ба майдон омадаанд, ба он ба таври бояду шояд таваҷҷуҳ намешудааст. Омӯзиши таърихи савтиёт дар забони арабӣ нишон дод, ки он чор марҳилаи таърихиро тай намудааст. Нахустин омӯзиши савтиёт, ба монанди дигар масоили забоншиносӣ дар «Китоб-ул-айн»-и Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ сурат гирифтааст. Ин донишманд бо ёдоварӣ аз 29 ҳарфи арабӣ талаффузи онҳоро вобаста ба 8 махраҷ шуморидааст[393, с.57]. Ҳарфҳои арабиро Халил ибни Аҳмад вобаста ба махраҷҳояшон ба таври зер мураттаб намудааст: ع، ح، ه، خ، غ - ق، ك – ج، ش، ض – ص، س، ز – ط، د، ت – ظ، ث، ذ – ر، ل، ن – ف، ب، م – و، ا، ي - همزة[393, с.48]. Бояд ёдовар шуд, ки тартиби вожагон низ дар «Китоб-ул-айн» вобаста ба ҳамин тартиби ҳарфҳо оварда шудааст. Равиши муайян намудани махраҷи ҳарф низ аз ҷониби ин донишманд бисёр сода ва ҷолиб пешниҳод шудааст. Ба таъкиди ӯ, бо овардани алифи мафтуҳа «أ» ва сокин овардани ҳарф метавон махраҷи онро муайян намуд, ба монанди: أَبْ، أَتْ، أَحْ، أَعْ، أَغْ[393, с.47]. Таснифу тафсири мазкури Халил ибни Аҳмад, ки барои шинохти асли вожаҳо ва хусусиятҳои идғому эълол ва

ибдоли он мусоидат менамояд, аз ҷониби фарҳангнигорони баъдӣ пазиро̄ ёфта, бештари онҳо фарҳангҳои худро маҳз бо шарҳу эзоҳи ҳарфҳо/овозҳои арабӣ оғоз намудаанд.

Дар баробари фарҳангнигорон талоши наҳвиён дар ташаккули омӯзиши савтиёти арабӣ назаррас мебошад. Хидмати наҳвиён дар ин самт идомаи мантиқии марҳилаи нахуст, ки вобаста ба фарҳангнигорӣ ба майдон омада буд, ба шумор меравад. Чунончи, дар пайравӣ ба устодаш Сибавайҳ низ ба масъалаи савтиёти араб таваҷҷуҳ намуда, дар баробари таъкиди вуҷуди 29 ҳарфи забони арабӣ, боз ишора ба 35 /42 овоз дар ин забон менамояд, ки ҳамагӣ бархоста ва вобаста ба ҳамон 29 ҳарфанд. Ба ин маъно, ки дар баробари 29 ҳарфи аслӣ Сибавайҳ боз аз 6 ҳарфи дигари фаръӣ, ки корбурди онҳо дар тиловати Қуръон ва хониши ашъори араб хушоянд аст ва аз 8 ҳарфи дигари фаръӣ[83], ки аслан корбурдаш дар ягон маврид писандида нест, ёдовар мешавад [95, с.431-432]. Воқеан, чунин тақсимоти дақиқи овозҳо аз ҷониби Сибавайҳ бори дигар аз истеъдоду маҳорати бесобиқаи ӯ дар ростои ҳамагуна масоили забоншиносӣ дарак медиҳад. Чунончи, мавсуф аз ҳарфҳои фаръӣ овозҳоеро дар назар дорад, ки ба таври мустақил набуда, балки тобиши овози аслӣ мебошад. Масалан, «ن»-и хафифае, ки дар гурӯҳи ҳарфҳои фаръии арабӣ ёд шудааст, аслан, тобише аз овози «ن» аст, ки вобаста ба ҷойгоҳи мушаххас ба ин гуна талаффуз мешавад.

Ба фарқ аз устодаш Сибавайҳ махраҷи ҳарфҳои арабиро на 8, балки 16-то ба қалам медиҳад [95, с.433]. Маҳз ҳамин тафовут байни андешаҳои Халил ибни Аҳмад ва Сибавайҳ боиси баҳсҳои гуногун атрофи таъсирпазирии донишмандони араб аз омӯзаҳои юнониву ҳиндӣ,

---

[83] Донишмандони гузаштаи араб дар интихоби истилоҳот бисёр мӯшикофона амал менамудаанд. Масалан, забоншиносони гузашта ба монанди Сибавайҳу Ибни Ҷиннӣ ва Сирофию Ибни Сино ба ҷойи истилоҳи «الصوت»-и имрӯз истилоҳи «الحرف»-ро ба кор мебурдаанд ва онро ба ду гурӯҳ: «حروف ساكنة» ва «حروف ممدودة» ҷудо мекардаанд, ки ин гуна тақсим аз он чи донишмандони муосири араб бо «الأصوات», «الأصوات الصامة» ва «الأصوات الصائتة» медонанд, шомилтару дақиқтар аст [246, с.112].

ҳамзамон, зери суол бурдани нисбати «Китоб-ул-айн» ба Халил ибни Аҳмад гардидааст. Таснифи махраҷи ҳарфҳо аз ҷониби Халил ибни Аҳмад дар мактаби забоншиносии Андалус низ роиҷ будааст, дар ҳоле ки дар мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа ва Хуросону Мовароуннаҳр таснифи Сибавайҳ пазириши бештар доштааст [25, с.29-30]. Ин дар ҳолест, ки дар ҳавзаҳои илмии Мовароуннаҳр таснифи махраҷи ҳарфҳо ба 14 махраҷ низ ба назар мерасад [122, с.524-526]. Инчунин, аз ҷониби забоншиносони асрҳои нахусти ҳиҷрӣ ҳарфҳо такя ба ҷарангдориву беҷарангӣ ва дигар хусусиятҳои овоие, ки дар танҳоӣ ва ё ҳамнишинӣ бо дигар ҳарфҳо пайдо мекунанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, вале ин ҳама баҳсҳоро ҳамагӣ дар чанд сатру саҳифа, на ба таври мустақил, балки дар зимни ягон мавзуи дигар меоавардаанд. Чунончи, Сибавайҳ андешаҳои худро дар робита ба ҳарфу овозҳои арабӣ дар зери боби идғом овардааст ва аз чунин тартибгузории мавзуъ бармеояд, ки онро ба унвони мадхале барои боби мазкур гардонидааст. Яъне, баҳси овошиносӣ дар ин ҷо ба хотири хуб дарк намудани масъалаҳои марбут ба идғом будааст, на ба хотири таҳлилу баррасии масоили сирф овошиносӣ [95, с.431; 153, с.93].

Ба назар мерасад, ки забоншиносони баъдии форсу тоҷик низ ба масъалаи савтиёт таваҷҷуҳ намуда, кори Сибавайҳро дар ин ҷода идома додаанд. Чунончи, дар асри IV ҳиҷрӣ Заҷҷоҷӣ ва дар асри V ҳиҷрӣ Замахшарӣ ба масъалаҳои овошиносии арабӣ таваҷҷуҳ кардаанд. Аз ҷумла, Замахшарӣ бахши чоруми китоби «Муфассал»-ро, ки зери унвони «قسم المشترك» (қисми муштарак) оварда шудааст, ба масъалаҳои имола, вақф, қасам, тахфифи ҳамзаву якҷо омадани ду сокин ва ғ. тахсис додаву дар он хусусиятҳои овоии ҳарфҳои арабиро ба баррасӣ кашидааст [127, с.345-434].

Ҳамзамон бо ин, дар шарҳҳои «Китоб»-и Сибавайҳ дар мавриди савтиёти арабӣ ва хусусиёти онҳо маълумоти судманде пешниҳод карда шудааст. Чунончи, Сирофӣ дар шарҳу эзоҳи гуфтори Сибавайҳ атрофи савтиёти араб талош намуда, сабаби талаффуз шудани як ҳарфро ба

гунаи дигар, пеш аз ҳама, ба ҳамнишинии он ба ҳарфҳои дигар вобаста медонад. Масалан, «ج» бо омаданаш пеш аз «د» -у «ت» метавонад ба гунаи «ش» талаффуз гардад. Инчунин, иллати дигари саҳеҳ талаффуз нашудани ҳарфро Сирофӣ дар ноошно будани он барои суханвар ба қалам медиҳад. «Аммо «ط» ба монанди «ت» талаффуз мегардад ва ин бештар аз мардуми Машриқ шунида мешавад, чаро ки «ط» дар забони модарии онҳо нест, аз ин рӯ, вақте зарурати талаффузи вожае, ки дар он «ط» аст, пайдо мешавад, талош мекунанд, ки он чи дар забонашон нест, талаффуз кунанд, дар натиҷа талаффузашон бисёр заиф мебарояд. «ض»-и заиф низ, аслан, забони қавмест, ки дар ҳарфҳои аслиашон «ض» нест» [110, с.289].

Чи тавре дида мешавад, Сирофӣ талаффузи ҳарфҳоро танҳо дар маҳдудаи як махраҷ намешуморад, балки ба дигаргуниҳои он дар натиҷаи ҳамнишинӣ бо дигар ҳарфҳо ва ё аз ҷонибӣ кӣ талаффуз шудан ишора месозад.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки бештари забоншиносони араб ба савтиёт ҳамчун мадхал ё даромаде ба масъалаҳои сарфӣ, аз қабили идғому эълол ва ғ. таваҷҷуҳ менамуданд ва аввалин нафаре, ки дар ин росто асари мустақил таълиф кардааст, Ибни Ҷиннӣ мебошад.

Марҳилаи дувуми омӯзиши савтиётро метавон ба талоши донишмандоне, ки ба балоғати арабӣ ва таҳқиқи фасоҳати вожагон машғул будаанд, мансуб донист. Дар ин ҷо аз Руммонӣ (ваф. 384 ҳ), Ибни Синони Хаффоҷӣ (ваф. 426 ҳ) ва Баҳоуддини Сабкӣ (ваф. 773 ҳ) ва дигарон ёдовар шуд, ки онҳо пажуҳишҳои худро дар овошиносӣ аслан вобаста ба ҳамнишинии ҳарфҳо, ки дар эҷоди хушоҳангиву шевоии калимаҳо нақши аввалиндараҷа дорад, анҷом додаанд.

Ҳарчанд ҳама илмҳои забоншиносӣ ба хотири дурустхонии Қуръони карим, посдории он аз ҳар гуна хато ва дарки маонии он ба майдон омада бошанд ҳам, вале ба назар мерасад, ки илми таҷвид ба унвони марҳилаи савуми ташаккули овозшиносии араб дар асри IV

ҳиҷрӣ зуҳур кардааст. Чунончи, таъкид мешавад, аввалин асари мустақиле, ки дар робита ба таҷвид навишта шудааст, ба қалами донишманди асри чоруми ҳиҷрӣ Абумузоҳим Хоқонӣ (ваф.325) тааллуқ дорад, чун мавсуф қасидаеро дар ҳудуди 51 байт вобаста ба таври наку тиловат кардани Қуръони карим таълиф карда будааст ва вожаи таҷвид низ ҳамчун як истилоҳи илмӣ маҳз аз ин ба баъд корбурд шудааст. Дар асри V ҳиҷрӣ илми таҷвид пурра аз илми қироат ҷудо гашта, ба ҳайси як илми мустақил ташаккул меёбад. Аз ҷумла, дар асри VIII ҳиҷрӣ аз ҷониби Муҳаммад Муръишӣ мулаққаб бо Сочақлизода (ваф. 738 ҳ) китоби «Ҷаҳд-ул-муқил» ва шарҳи он «Баёну ҷаҳд-ил-муқил» таълиф мегардад, ки дар онҳо овозҳои забони арабӣ ба таври комилу шомил омӯхта шудаанд ва имрӯз бештари андешаҳои овошиносии дар ин китобҳо овардашуда исботи худро ёфтаанд. Дар муқоиса ба пажуҳишҳои овошиносии дар зимни фарҳангномаву китобҳои наҳвӣ омада таҳқиқоти таҷвидӣ дар мустақилияти ин илм мусоидат намудааст [354, с.61-62; 297, с.18-17].

Воқеан, илми таҷвид ҳамин илми овошиносист, чунончи, Ҳасан ибни Қосим Муродӣ омӯзаҳои таҷвидро дар 4 масъала хулоса намудааст, ки ҳамагӣ вобаста ба масоили савтиёт мебошанд: 1) шинохти махраҷи ҳарфҳо; 2) шинохти сифати ҳарфҳо; 3) шинохти он чи бо сабаби якҷо омадани ҳарф бо ҳарфи дигар пайдо мешавад; 4) одатнамоии забон ба ин ва бисёр такрорнамоии он. Се масъалаи аввал дар ҳама китобҳои таҷвид ба назар мерасад, вале масъалаи чорум ҷанбаи амалӣ дорад, чун он дар натиҷаи таълими муаллим ба шогирд ба миён меояд [296, с.10-11].

Марҳилаи чоруми овошиносии арабӣ, ки на фақат дар забоншиносии араб, балки дар забоншиносии умумӣ таҳаввули бузурге эҷод намудааст, ин ба майдон омадани китоби «Махориҷ-ул-ҳуруф»-и Ибни Сино мебошад. Мавриди ёдоварист, ки ба саҳми донишмандони форсу тоҷик, хусусан ба андешаҳои Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав ва Насириддини Тусӣ дар ташаккули омӯзиши савтиёти забони арабӣ забоншиносони муосири тоҷик Д.Хоҷаев [20, с.67-81; 59,

с.13-15] ва С.Сулаймонов таваҷҷуҳ намудаанд. Аз ҷумла, устод С.Сулаймонов рисолаи «Махориҷ-ул-ҳуруф» ё «Асбобу ҳудус-ил-ҳуруф»-и Ибни Синоро ба забони тоҷикӣ тарҷума ва бо таҳқиқи муфассалу арзишманде ба чоп омода кардааст.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки рисолаи мазкури Ибни Сино ба шаш фасл тақсим шудааст: 1) дар сабаби падид омадани овоз; 2) дар сабаби падид омадани ҳарфҳо; 3) дар ташреҳи ҳанҷара ва забон; 4) дар сабабҳои ҷузъии ҳарфҳои арабӣ; 5) дар ҳарфҳое, ки ба ин ҳарфҳо монанданд; 6) дар мавриди он ки ин ҳарфҳо ба ғайр аз аъзоҳои нутқ аз дигар ҳаракатҳо низ шунида мешавад [117]. Аз мутолиаи асар, ҳатто аз номи бахшҳои рисола пайдост, ки рисола дар баробари ҷанбаи тиббӣ-амалӣ боз аз ҷанбаи забонӣ бархӯрдор аст. Хусусан, дар фаслҳои 4-5-и рисола Ибни Сино ба таснифи ҳарфҳои арабӣ ва ғайриарабӣ аз нигоҳи махраҷ ба баёни вижагиҳои забонӣ пардохтааст [117, с.9-16]. Бархӯрдорӣ аз дониши тиббӣ ба Ибни Сино мусоидат намудааст, ки дар баробари тавсифи дақиқи махраҷи ҳарфҳо боз тартиби онҳоро ба фарқ аз забоншиносон тағйир диҳад. Чунончи,: а) «ا»-ро бархилофи Сибавайҳу Ибни Ҷиннӣ дар паҳлуи «ء» ва ҳарфҳои ҳалқӣ нагузоштааст; б) баръакси Сибавайҳ «ق»-ро бар «ك» муқаддам гузоштааст; в) «و»-у «ي»-ро баъди ҳамсадоҳо ҷо додааст; г) ҳарфҳои сегонаи иллатро дар охири фасл овардааст; ғ) «م»-у «ن»-ро, сарфи назар аз махраҷи гуногун доштан, пайи ҳам овардааст ва дар ин ҷо сифати димоғӣ доштани онҳо ба инобат гирифта шудааст» [153, с.109].

Ибни Сино дар баробари ин рисола, ки мавзуи савтиёт тахсис дода шудааст, боз дар «Фасли самъ»-и китоби «Шифо» табиати савтро ба баҳсу баррасӣ кашидааст [153, с.103].

Ба назар мерасад, ки дар забоншиносии классикии араб бештар ба ду ҷанбаи ҳарф: махраҷ ва сифати он, таваҷҷуҳ мешудааст. Ба ин маъно, ки ҳарф дар кучо ва чи гуна эҷод мешаваду кадом оҳангро мегирад, аз баҳсҳои асосии забоншиносон будааст. Масалан, байни забон ва байни

коми боло махраҷи «ج», «ش» ва «ي» аст, дар ҳоле ки аз сифатҳои «ج»-у «ش» ҷарангдорӣ ва аз сифатҳои «ي» беҷарангист [95, с.433-434]. Чи тавре пештар ҳам ишора шуд, машҳуртарин таснифи ҳарфҳо бо назардошти махраҷу сифат маҳз аз ҷониби Сибавайҳ сурат гирифтааст, чун ӯ махраҷи ҳарфҳои арабиро 16 ва сифати онҳоро 17-то медонад [296, с.79-80].

Нуктаи ҷолиб ин аст, ки овошиносии забоншиносони арабинигори форсу тоҷик танҳо бо баррасии махраҷу оҳангнокӣ ва дигар хусусиятҳои ҳарфҳои арабӣ маҳдуд намегардад, балки фарогири дигаргуниҳои овозие мебошад, ки ҳангоми интиқоли калима аз як забон ба забони дигар сурат мегирад. Хусусан, тағйироти овоие, ки дар раванди иқтибосшавии калимаҳои форсии тоҷикӣ ба арабӣ сурат гирифтааст, аз ҷониби забоншиносони арабинигори форсу тоҷик, ба вижа саромади забоншиносон Сибавайҳ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аз ҷумла, дар «Китоб» ду фасл: «هذا باب ما أعرب من الأعجمية» (Боб андар арабӣ гардондани аҷамӣ) ва «هذا باب اطراد الإبدال في الفارسية» (Боб андар пайгирии бадалшавӣ дар форсӣ) оварда шудааст, ки Сибавайҳ дар онҳо атрофи чи гуна ба сохтори калимаи арабӣ мувофиқ намудани калимаи ғайриарабӣ сухан гуфта, ҳамзамон, аз дигаргуниҳои ҳарфҳои арабии калимаҳои иқтибосшаванда аз форсӣ ба арабӣ ишора мекунад. Аз ҷумла, таъкид менамояд, ҳарфе, ки дар форсӣ байни «ك»-у «ج» аст, бо назардошти наздикии махраҷаш ба махраҷи ҳарфи «ج» ба «ج» табдил дода мешавад, ба монанди «الجُربُز», «الآجُرّ» ва «الجَوْرَب». Гоҳе ба «ق» низ бадал карда мешавад, чаро ки аз нигоҳи махраҷ ба он ҳам наздик аст, чунончи, бархеҳо мегӯянд: «قُربُز» ва бархе «كُرْبَق» ва «قُرْبَق» низ гуфтаанд. Охири калима, ки дар гуфтори мардуми форс устувор нест, ҳангоми пайвастан ба «ج» бадал менамоянд ва ба ҷойи «كُوْسه» ва «مُوْزه» «كُوْسَج» ва «مُوْزَج» мегӯянд [95, с.303-305].

Ё донишманди дигари форсу тоҷик, Абуҳотим Аҳмад ибни Ҳамдони Розӣ (ваф.322 ҳ) ҳарчанд дар мавриди фазилати забони арабӣ

аз нигоҳи ҳуруф ва камбуди дигар забонҳо, аз ҷумла форсӣ дар ин росто сухан гӯяд ҳам, аз гуфтори ӯ метавон бархе нукоти муқоисавиро байни овозҳои ин ду забон: арабӣ ва форсии тоҷикии асрҳои III-IV ҳиҷрӣ хулосагирӣ намуд. Чунончи, мавсуф бо ёдоварӣ аз махраҷи 28 ҳарфи арабӣ[84] ба камбуду афзунии ҳарфҳо дар забонҳои дигар пардохта, мегӯяд: «Дигар забонҳо ба монанди забони форсӣ камбуду афзунӣ доранд. Чунончи, дар форсӣ «ع», «غ», «ح», «ق», «ط», «ظ», «ص», «ض», «ذ» ва «ث» нест. Ҳатто дар забони аслиашон ҳеҷ калимае нест, ки дар таркибаш ин ҳарфҳоро дошта бошад. Агар ба корбурди калимаи арабӣ ё вожаи муаррабе, ки дар сохтораш яке аз ин ҳарфҳо бошад, ночор шаванд, он ҳарфро ба ҳарфи форсие, ки махраҷаш ба он ҳарфи арабӣ наздик аст ва ё ба зеҳни касро он меорад, табдил медиҳанд. Масалан, «ح»-ро ба «ه» табдил дода, «محمد»-ро «مهمد» мегӯянд; «ع»-ро ба «أ»-и мамдудаи ҳамзадор, ки ба хотир «ع»-ро мерасонад, табдил дода, «علي»-ро «ألى» мегӯянд; «غ»-ро ба «و» табдил дода, «غلام»-ро «ولام» мегӯянд; «ق»-ро ба «ك» табдил дода, «قمر»-ро «كمر» мегӯянд; «ط»-ро ба «ت» табдил дода, «طاووس»-ро «تاووس» мегӯянд; «ظ»-у «ض»-ро ба «د» табдил дода, «ضرب»-ву «ظلم»-ро «درب»-у «دلم» мегӯянд; «ص»-ро ба «س» табдил дода, «صنم»-ро «سنم» мегӯянд; «ذ»-ро ба «د» табдил дода, «ذليل»-ро «دليل» мегӯянд; «ث»-ро ба «ت» табдил дода, «كثير»-ро «كتير» мегӯянд»[100, с.76-77]. Дар идома ба баҳс атрофи ҳарфҳое, ки дар забони форсии тоҷикӣ ҳастанду дар забони арабӣ нестанд, аз қабили «п», «г» ва «ч» пардохта, мегӯяд: «Онҳо (мардуми форсу тоҷик – И.К.) ҳарфҳоеро эҷод намудаанд, ки аслӣ нестанд. Масалан, байни «ف» ва «ب» ҳарферо эҷод карда, «رجل»-ро «پای» ва «بستان»-ро «باغ» мегӯянд. «П», ки дар калимаи «по» аст, байни «ف» ва «ب» эҷод шудааст, дар ҳоле ки «б» дар калимаи «боғ» аслӣ аст; ҳарферо байни «ق»-у «ك» эҷод карда, «قبر»-ро «گور» мегӯянд ва «أعور»-ро «كور». «Г»,

[84] Дар забони арабӣ бархе забоншиносон алифу ҳамзаро дар алоҳидагӣ ҳарф мешуморанд, аз ин рӯ, ҳарфҳои арабӣ ба 29-то мерасад. Аммо аз нигоҳи донишмандоне аз қабили Абуҳотими Розӣ, ки алифу ҳамзаро як ҳарф мешуморанду онро «ألف الهمزة» меноманд, дар алифбои арабӣ 28 ҳарф вуҷуд дорад.

ки дар калимаи «гӯр» аст, байни «ق»-у «ك» аст ва «к»-и дар калимаи «кӯр» буда, аслӣ мебошад. Байни «ج»-у «ك» ҳарферо эҷод карда, «بَشَرة»-ро «چهره» мегӯянд ва «نهر»-ро «جوی» мегӯянд. «Ч», ки дар калимаи «чеҳра» аст, сохта ва «ҷ», ки дар «ҷӯй»омадааст, аслӣ мебошад»[100, с.77].

Чи тавре ишора шуд, Абуҳотими Розӣ чунин «камбуд»-у «афзунӣ»-ро хоси забони форсии тоҷикӣ не, балки вижаи тамоми забонҳо ба ғайри арабӣ шуморида, аз ҷумла таъкид мекунад, ки «дар ин масъала бо мардуме, ки иброниву сурёниро медонистанд, мунозира кардам ва масъаларо наздик ба ҳамон чизе ёфтам, ки дар ин ҷо ёд шуд. Вале бо ҳамин қадар шарҳ иктифо варзидем, зеро дар дигар забонҳо ба мисли забони форсӣ чирадаст нестем» [100, с.77].

Мавриди зикр аст, ки Ибни Сино дар рисолаи худ ба 16 овози дигаре ишора мекунад, ки дар забони арабӣ набуда, бархе дар забони форсию хоразмӣ ва бархе дар забонҳои дигар дида мешавад. Чунончи, Ибни Сино ҳарфҳои монанд ба «ج»-и арабиро чор навъ гуфта, яктои онро хоси забони форсӣ «چ» ва се дигарро хоси забонҳои дигар (на арабию на форсӣ) шуморидааст [117, с.14].

Ҳамзамон, роҳкорҳое аз ҷониби донишмандони форсу тоҷик ҷиҳати навишти дурусти номҳои ғайриарабӣ, ки хусусияти овоӣ дорад, пайрезӣ шуда будааст. Масалан, Абурайҳони Берунӣ шикоят аз навишти арабӣ намуда, мегӯяд: «Аммо навиштор ба забони арабиро офати бузургест, ки ҳамоно ташобуҳи шаклҳои ҳуруфи ҳамҷуфт дар он ва лузуми тамоюзи нуқтаҳову нишонаҳои тасрифи онҳост, ки агар дар назар гирифта нашавад, маънои худро аз даст медиҳад. Ҳол агар ғафлат дар татбиқ ва эҳмол дар тасҳеҳ ба ҳангоми муқобаларо, ки дар миёни мардуми мо одист, ба он бияфзоем, он гоҳ буду набуди китоб ва ҳатто донистану надонистани он чи дар он аст, яксон хоҳад буд. Агар ин офат набуд, он гоҳ нақли номҳои мавҷуд дар китобҳои Десқуриюдис, Ҷолинус, Пулис ва Урибосиюс, ки ба забони арабӣ тарҷума шуда, кофӣ менамуд. Аммо ҳеҷ эътимоде ба ин (тарҷума)-ҳо надорем ва аз тағйирот

дар нусхаҳои онҳо дар амон нестем» [87, с.170-171]. Ин нукта бошад, Абурайҳони Беруниро во медошт аз нақли баъзе номҳои юнонӣ аз рӯйи китобҳои арабӣ худдорӣ кунад, чаро ки эмин мондан ва худдорӣ аз тасҳифи онҳо, ба эътиқоди ӯ, фақат аз роҳи нақли бевосита аз хатти юнонӣ ва сурёнӣ имкон дошт. Аҳмад ибни Тайиби Сарахсӣ бошад, ба хотири канорачӯӣ аз хато дар навиштани номҳои румиву юнонӣ алифбое бо чиҳил аломат ихтироъ карда буд. Ибни Халдун мекӯшид, то дар нақли асосии марбут ба барбар, ки таърихи умумии вай махсусан бад-он такя дошт, ҷиҳати баъзе ҳуруфи хоси барбар нишонаи махсусе бисозад. Дар китобҳои форсӣ ҳатто гоҳ дар нақли номҳои арабӣ ҳам тасҳиф пайдо мешуд ва ин мушкилӣ аз китобҳои адабӣ дида дар китобҳои таърих бештар буд [243, с.154].

Хулоса, донишмандони форсу тоҷик, сар аз забоншиносон то файласуфону табибон дар ташаккули илми овошиносии араб саҳми назаррас гузоштаанд. Дастовардҳои онҳо дар ин ҷода танҳо бо овошиносии араб маҳдуд намегардад, балки хидмате ба башарият дар тамоми асрҳо мебошад. Ба ин маъно, ки бештаре аз дастовардҳои онҳо дар ин ҷода аз дастовардҳои муосир, ки тавассути техникаву технология ба даст омадааст, ҳеҷ камӣ надорад. Ҳамзамон, бо тасвири махрачу сифатҳои ҳарфҳо, чи арабӣ ва чи ғайриарабӣ, донишмандони арабинигори форсу тоҷик тавонистаанд, то барои ояндагон сарчашмаи муътамадеро дар мавриди овозҳо ба мерос гузоранд. Хусусан, хидмати онҳо дар тарсими овозҳое, ки бо гузашти замон моли таърих гаштаанд, бисёр арзишманду сутуданӣ мебошад[85].

4.4.Андешаҳои забоншиносони арабинигори форсу тоҷик дар тафсирҳои қуръонӣ

Аввалин андешаҳои забоншиносӣ дар партави оёти қуръонӣ ва шарҳу баёни луғавию наҳвии онҳо баён шудааст ва ба масобаи аввалин

[85] Масалан, ҳарфи «ض»-е, ки Сибавайҳ тавсиф намудааст, аз «ض»-и муосир тафовут дорад. Аз ин бармеояд, ки аз замони Сибавайҳ то имрӯз ҳарфи мазкур дар натиҷаи рушду инкишоф ба дигаргунӣ дучор гашта, махрачаш тағйир ёфтааст[153, с.122].

сарчашмаҳои андешаҳои забоншиносӣ ривоятҳо ва тафсирҳои қуръоние баромад мекунанд, ки аз Ибни Аббос, Ибни Муҷоҳид, Заҳҳок ва ғ. то ба имрӯз боқӣ мондаанд. Ба вижа, аз Абусаид Абон китобе дар тафсири калимаҳои мушкили Қуръон боқӣ мондааст, ки ба сарчашмаи нахустин масъалаҳои забоншиносии араб будани тафсирҳои Қуръони карим далолати ошкор менамояд [191, с.39]. Ҳамин ҷойгоҳи ривоятҳои тафсирӣ дар фарогирии масоили забоншиносӣ аст, ки М.Ҳалвонӣ ишора мекунад: «Дар тафсир талошҳои зиёди забоншиносӣ дида мешавад ва гумони ғолиб ин аст, ки забоншиносии араб бо ҳама бахшҳояш ҳангоми тафсири калимаҳои мушкили Қуръон ба баррасӣ кашида мешуд. Бе шак, китобҳое, ки Абуамр, Юнус, Кисоӣ ва дигарон дар робита ба маонии Қуръон навиштаанд, илова бар он ки аз қонунҳои забону ҳолатҳои эъробии қироатҳо маншаъ мегиранд, шакли рушдёфтаи маҳфилҳои илмии Ибни Аббосанд» [328, с.78].

Омӯзиши ривоятҳои нахустини тафсирӣ нишон медиҳанд, ки ҳатто истилоҳоти забоншиносии араб, аз қабили арабӣ, лаҳн, калом, маҷоз, эъроб [293, с.16], луғат, ҳарф, нуқта, феъл, исм, сила, қасам ва ғ. ҳамчун истилоҳ пеш аз шинохти илми наҳв аз ҷониби муфассирон корбурд шудаанд. Чи тавре пештар ёд шуд, нахустин фарҳангномаҳои арабӣ, ки ба унвони нахустин қадамҳо дар ҷодаи забоншиносии араб шинохта мешаванд, маҳз дар робита ба шарҳу тавзеҳи калимаҳои душворфаҳми қуръонӣ будааст.

Воқеан, тафсирҳои навиштаи донишмандони арабинигори форсу тоҷик гувоҳӣ аз он медиҳад, ки дар ин ҷода низ фарзандони ин миллат гӯйи сабқатро ҳатто аз донишмандони араб рабудаанд. Кофист, ки дар ин ҷо аз тафсири «Ҷомеъ-ул-баён ан таъвили оя-л-Қуръон»-и Ҷарири Табарӣ (224 ҳ-310 ҳ) ёдовар шуд, ки ба таъкиди донишмандони гузаштаву имрӯз, нахустин тафсири мукаммали Қуръон ба шумор мераваду муаллифаш ба унвони «أبو التفسير» ва «شيخ المفسرين» эътироф гаштааст. Ин тафсир нуқтаи таҳаввул дар таърихи тафсирнигорӣ ба шумор меравад, чаро ки дар он муаллиф бо бархӯрдорӣ аз усули

тафсирии гузаштагон, ки аслан ба ривоятҳо такя мекарданд ва ҳамчун тафсирҳои маъсур[86] шинохта мешуданд, боз тафсири ақлӣ ё худ корбурд аз раъю иҷтиҳодро равиши тафсири худ қарор додааст [81, с.546-547].

Бо мутолиаи тафсири мазкур ба назар мерасад, ки муаллиф дар шарҳу эзоҳи қариб ҳар оят кӯшидааст, то дар баробари маонии луғавии вожагон боз ба хусусиятҳои наҳвии он ишора созад. Масалан, дар шарҳи луғавии калимаи «الحمد» сухан гуфта, аз корбурди он бо калимаи «شكر», ки ба гунае муродифаш ба шумор меравад, ёдовар мешавад ва дар ин ҷо истифода шудани онро аз ҷониби арабҳо таъкид мекунад. Сипас аз фарқияти маъноии вожаи «الحمد» ҳангоми бо алифлом «ال» ва бо танвин омадан "حمدًا" сухан гуфта, таъкид мекунад, ки ҳангоми бо артикли муайянии «ال» омаданаш аз танвиндор буданаш фарогиртар аст, чаро ки «الحمد» ҳама гуна сутуданиҳоро фаро мегирад, дар ҳоле ки «حمدًا» ифодагари як ситоиш асту бас. Ҳамзамон, марфуъ хондани он низ дар муқоиса ба мансуб хонданаш ба хотири ҳамин фарогир будан аст [99, с.137-138]. Ҷойи дигар вобаста ба ҳолати эъробии «حذرَ الموتِ» мегӯяд, ки мансуб будани он ба монанди мансубияти калимаи «التكرمة» дар ин гуфтор «زرتُك تكرمةً لك» аст. Яъне, бо ин гуфтан мехоҳӣ, ки: « زرتُك من أجل تكرمتك». Ҳамчуноне ки Худованди бузург дар тафсири феъли «يدعون» гуфтааст:«ويدعوننا رغباً ورهباً» [99, с.376]. Чи тавре дида мешавад, Табарӣ дар ин ҷо дар бораи «المفعول لأجله» (ҳоли сабаб) ишора намуда, бо мисолҳои дақиқ корбурди онро нишон додааст. Аз мутолиаи масъалаҳои забоншиносии асар бармеояд, ки дар таҳлилу баррасии он Табарӣ на ҳамчун як муфассир, балки ҳамчун як забоншиноси аз ҳама тору пӯди ин илм огоҳ таҷассум мешавад. Вақте ин асар навишта шуду шуҳратёр гашт, Мубарриду Саълаб дар ҳаёт буданд. Ҳамзамон, Абуҷаъфари Рустамӣ, Абулҳасан ибни Кайсон, Муфаззал ибни Салама, Абуисҳоқ Заҷҷоҷ ва дигар забоншиносон аз ин китоб огоҳ буданду ба масоили забоншиносии матраҳнамудаи он ҳеҷ эътирозе наменамуданд, ки ин худ

86

эътирофи ҳам муаллиф ва ҳам асар дар забоншиносии араб мебошад [360, с.2452].

Таҳлилҳои забоншиносии тафсир нишон медиҳад, ки Табарӣ тамоюли бештар ба мактаби забоншиносии Куфа доштааст, зеро таъсирпазирии он аз китобҳои ба маонии Қуръон бахшидаи Ҳамзаи Кисоӣ ва Яҳё ибни Зиёди Фарро дида мешавад[360, с.2454]. Хусусан, таъсирпазирии ӯ аз Фарро бештар аст ва ҳатто таъкид мешавад, ки ҳар ҷо ки масъалаи забонӣ бе мансуб шудан ба касе оварда шудааст, бе шак аз Фарро мебошад.

Дар тафсири Абумуслим Муҳаммад ибни Баҳр Исфаҳонӣ (ваф.322) бо номи «Ҷомиъ-ут-таъвил лимуҳкам-ит-танзил»[87] масоили зиёди забоншиносӣ, аз қабили тақдиму таъхир, чигунагии баргашти замир бар мутақаддим ё мутааххир, ҳазф, киноя ва иҷоз, бадал, истиора, атф, истифҳом, ҷавоб-уш-шарт, асли калима, изофа, истисно, наът ва ғ. оварда шудааст. Ҳарчанд тафсири мазкур ба шакли пурра боқӣ намондааст, вале аз он чи монда, метавон натиҷагирӣ кард, ки дар он муаллиф ба масъалаҳои забоншиносӣ таваҷҷуҳи назаррас доштааст. Намунае аз масъалаҳои забонии ин тафсирро метавон овард, ки ба гунаи зайл аст. «Ба ин тартиб, мебоист «إنَّ» мафтуҳ бошад, вале бинобар омадани «لـ» дар «لَهو» ба монанди ин оят: إنّ ربهم بهم يومَئذ لخبير, он максур оварда шудааст»[135, с.74-75]. Дар ин ҷо ба корбурди ҳиссачаҳои «إنّ» ва «أنّ» ишора шуда, муаллиф яке аз фарқияти онҳоро дар овардани «لَـ» дар хабари «إنّ» мешуморад. Ҷойи дигар дар тафсири ин таъбири қуръонӣ « من كتاب» мегӯяд: «من» дар ин ҷо ба маънои табйин, яъне шарҳу эзоҳ аст, ба монанди он ки дар ин ҷумлаҳо меояд: «ما عندك من ورق وعين» ва « وهذا خاتم من فضة» [135, с.86]. Дар мавриди дигар Исфаҳонӣ мегӯяд: «Суоли дувум ин аст, ки маҳалли эъробии ин ду ҷумла: «وهي ظالمة وهي خاوية على عروشها» кадом аст? Ҷавоб: ҷумлаи аввалӣ бинобар ба вазифаи ҳол омадан дар маҳалли насб аст ва ҷумлаи дувумӣ эъробнопазир аст, зеро ба «أهلكناها» маътуф

[87] Ин китоб бо номи «Шарҳи таъвил-ил-Қуръон ва тафсиру маониҳи» низ шуҳрат дорад.

гаштааст, дар ҳоле ки феъли мазкур дар ҳеҷ маҳалли эъробӣ қарор надорад» [135, с.199]. Метавон аз масъалагузориҳои забонии Исфаҳонӣ хулоса кард, ки мавсуф бештар равиши мактаби забоншиносии БаҒдодро тарҷеҳ дода, гоҳе истилоҳоти басриҳо ва гоҳе аз куфиҳоро ба кор мегирад. Вале аз он ки бештар аз таъбири «тақдиран чунин аст» метавон хулоса кард, ки ӯ гароиши бештар ба мактаби забоншиносии Басра дорад, ҳарчанд ин гуна таъбири ӯ метавонад аз андешаҳои эътизолии ӯ низ маншаъ бигирад.

«Баҳр-ул-улум», ки бо «Тафсири Самарқандӣ» низ машҳур аст, аз таълифоти донишманди садаи чоруми ҳиҷрии тоҷик Абулайс Наср ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Иброҳим Самарқандӣ тааллуқ дошта, дар он дар баробари масоили гуногуни ақидавию фиқҳӣ боз масоили забонии зиёде матраҳ гардидааст. Аз ҷумла дар он дар тафсири ояти сураи «Бақара» омадааст: дар ин оят дар ду маврид печидагӣ аст: яке дар лафз ва дигаре дар маъно. Аммо он чи дар лафзи «ختم الله على قلوبهم» калимаи «قلوب» дар шакли ҷамъ оварда шудааст, дар ҳоле ки дар « وعلى سمعهم» калимаи «سمع» дар шакли танҳо ва боз дар «وعلى أبصارهم» калимаи «أبصار» ба шакли ҷамъ оварда шудааст. Ҷавоби он ин гуна аст, ки дар ин ҷо калимаи «سَمْعٌ» масдар аст ва масдар дутогиву ҷамъ карда намешавад. Ба ҳамин хотир он дар шакли танҳо оварда шудааст ва Худованд донотар аст. Боз гуфтаанд, ки «سَمْع» ба маънои мавзеи шунавоист, чаро ки шунидан муҳр зада намешавад, балки мавзеи шунидан муҳр мегардад. Мегӯянд, изофа шудани калима ба исми дар шумораи ҷамъ омада онро аз овардан ба шакли ҷамъ бениёз мегардонад ва «وعلى سمعهم» ба шумораи ҷамъ изофа шудааст. Калима метавонад гоҳе ба калимаи дар шумораи ҷамъ омада ба шакли ҷамъ ва гоҳе ба шакли танҳо изофа гардад. Агар дар ин ҷо «قلوب» ва «أبصار» дар шумораи танҳо меомаданд, дар забон дуруст буд. Бархе дар шумораи танҳо ва бархе дигар дар шумораи ҷамъ онро ёдовар шудаанд ва ин нишонаи фасоҳат аст ва Китоби Худованди баландмартаба фасеҳтарин гуфтор аст [130, с.93]. Дар ин ҷо муаллиф ба

чанд қоидаи наҳвӣ ишора мекунад, ки муҳимтарини он: дар сурати дар шумораи ҷамъ будани муайянкунанда муайяншаванда метавонад дар шумораи танҳо ё ҷамъ оварда шавад; масдар ҳамеша дар шакли танҳо меояд ва дар шумораи дутогӣ ва ҷамъ овардани он раво нест. Ҷойи дигар омадааст: «مِنْ» барои табъиз аст, чун дар ин ҷо бархе мардум дар назар дошта шудааст, на ҳама мардум. Ба ин гуна ки гуфта: Бархе мардум мегӯянд… [130, с.94]. Дар мавриди дигар омадааст: « فأولئك يدخلون الجنة» бо замми «يُ» ва насби «خَ» ба маънои феълест, ки фоъилаш зикр нашудааст ва дигарон бо насби «يَ» ва замми «خُ» хондаанд [130, с.391]. Дар шарҳи «الله لا إله إلا هو» гуфтааст: агар исбот баъди инкор оварда шавад, пас, исботро балеғтар менамояд. Ба ҳамин хотир, Худованд гуфта: « الله لا إله إلا هو» бо инкор оғоз намуда, пас аз истисно исботро овардааст, ки ин дар исбот балеғтар аст» [130, с.222].

Мусаллам аст, ки дар асри Самарқандӣ, аллакай, андешаҳои намояндагони мактаби забоншиносии Бағдод роиҷ гаштаву донишмандони даврро ба худ ҷалб карда буд ва баррасии масоил аз дидгоҳи Кисоиву Фарро ва Заҷҷоҷ ифодагари он аст, ки муаллиф дар баррасии масоили забонӣ равиши бағдодиҳоро интихоб кардааст.

Таваҷҷуҳ ба тафсири забонии оёти қуръонӣ аз ҷониби донишмандони арабинигори форсу тоҷик танҳо ба асрҳои III – IV ҳиҷрӣ маҳдуд намегардад, балки дар асрҳои баъдӣ тафсирҳое ба майдон омаданд, ки дар баёни хусусиятҳои забонии оятҳои карима ва шарҳу тавзеҳи сарфию наҳвӣ ва балоғии он ба баландтарин ҷойгоҳ расидаанд. Дар ин ҷо месазад, ба ду тафсир: «Маолим-ут-танзил»-и Абумуҳаммад Ҳусайн ибни Масъуд Бағавӣ (ваф.516 ҳ) ва «Кашшоф»-и Замахшарӣ (467 ҳ – 538 ҳ) ишора намуд, ки муаллифони ҳар ду дар охирҳои асри V ҳ ва аввалҳои асри VI ҳ ба сар бурдаанд.

Дар «Маолим-ут-танзил», ки ба «Тафсири Бағавӣ» низ ёд мешавад, масоили зиёди наҳвию сарфӣ ва дар умум забоншиносии араб бо зикри ихтилофи орои забоншиносони гузашта ва тарҷеҳи бархеву заиф

хондани бархе дигар оварда шудааст. Масалан, дар мавриди иштиқоқи калимаи «اسم» Бағавӣ ҳам андешаи Мубаррид ва ҳам Саълабро овардааст. «Дар иштиқоқи он ихтилоф кардаанд. Мубаррид аз басриҳо мегӯяд, ки он муштақ аз «السمو» ва он ишора ба «العلو» (баландӣ, ҷойгоҳ) менамояд, ба ин гуна ки исм ба маънои он чира гашту ба он ошкор шуд ва маъно дар таҳти он қарор гирифт. Саълаб аз куфиҳо онро баргирифта аз «الوسم» медонад, чун «السمة» ба маънои «العلامة» (нишона) аст, яъни он аломати маъноях мебошад. Вале аввалӣ дурусттар аст, зеро шакли хурдиву навозишии «الاسم» ба гунаи «السُّمَيّ» аст, агар аз «السمة» мебуд, пас, мебоист ин шакл ба гунаи «الوُسَيْم» меомад, чунончи, дар «الوَعْد» «الوُعَيْد» гуфта мешавад. Дар тасрифи он «سميت» мегӯянд, агар аз «الوسم» мебуд, пас, бояд «وسمت» гуфта мешуд» [132, с.50].

Чи тавре дида мешавад, Бағавӣ танҳо бо овардани андешаи ду сарвари мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа маҳдуд намегардад, балки андешаи худро дар мавриди саҳеҳияти яке ва заъфи дигаре меорад. Ҷойи дигар мегӯяд: Ҳиссачаҳои «إِذْ» ва «إِذَا» барои ифодаи вақтанд. «إذ» барои ифодаи замони гузашта ва «إذا» барои замони оянда ва гоҳе метавонад яке ба ҷойи дигаре истифода шавад. Мубаррид гуфтааст: Вақте «إذ» пеш аз феъли замони ҳозира-оянда ояд, ишора ба гузашта менамояд, ба монанди «وإذ يمكر بك الذين»(ояти 30-и сураи «Анфол»), ки дар назар дошта шудааст: «وإذ مكروا». Агар «إذا» пеш аз феъли замони гузашта ояд, замони ояндаро ифода мекунад, ба монанди «فإذا جاءت الطامة» (ояти 34-и сураи «Нозиъот») ва «إذا جاء نصر الله» (ояти 1-и сураи «Наср»), яъне «يجيء» (меояд) [132, с.78].

Баррасиҳои забоншиносии Бағавӣ аз таъсирпазирии ӯ аз мактаби забоншиносии Бағдод шаҳодат медиҳад, ки дар далеловариҳо гоҳе гуфтори худро ба қавли намояндагони мактаби забоншиносии Басра чун Ахфашу Мубаррид ва гоҳе ба куфиҳо чун Кисоиву Саълаб таъйид менамояд. Вале сарфи назар аз риояи равиши бағдодиҳо аз бархе

мавқеъгириҳои забоншиносии Баґавӣ метавон хулосагирӣ намуд, ки тамоюли ӯ ба басриҳо бештар аст.

Дар мавриди корбурди масоили забоншиносӣ дар «Ал-Кашшоф ан ҳақоиқи ґавомиз-ит-танзил ва уюн-ил-ақовил фи вуҷуҳ-ит-таъвил» - и Замахшарӣ ҳеҷ тардиде нест, чун ин асар дар таърихи тафсирнигорӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун бузургтарин тафсири наҳвӣ-балоґии Қуръон эътироф шудааст ва онро марҳилаи наве, чи дар тафсирнигорӣ ва чи дар матраҳнамоии масоили забоншиносӣ, ба қалам медиҳанд. Дар ин тафсир Замахшарӣ ба баҳсу муноқиша ва тарҷеҳу тазъифи андешаҳои донишмандони гузашта дар робита ба ин ё он масъала намепардозад, балки танҳо ҳамон суханҳоеро меорад, ки ба истилоҳ сухани ахир ва ё нуқтаи тамматанд [125]. Чунончи, дар мавриди «الحمدُ» мегӯяд, ки «الحمد» (ситоиш) нақиз (зидмаъно)-и «الذم» (накуҳиш) ва нақизи «الشكر» (сипос) «الكفران» (носипосӣ) аст. «الحمدُ» бинобар мубтадо будан марфуъ омадааст ва хабараш зарф аст. Асли «الحمد» насб аст, чунончи, дар бархе қироатҳо омадааст, ба он хотир ки феълаш музмар оварда мешавад ва он аз масдарҳоест, ки арабҳо бо феълҳои музмар мансуб мегардонанд, дар ҳоле ки ба масобаи хабаранд, аз қабили «شكرًا», «كفرًا», «عجبًا» ва монанди ин… Рафъ овардани он ба ҷойи насб ба он хотир аст, ки рафъ ба суботу истиқрори маъно далолат мекунад [125, с.112].

Чи тавре дида мешавад, Замахшарӣ дар мавриди ин ки кӣ чунин гуфтаву чаро чунин нагуфта таваққуф намекунад, балки он чи иттифоқи назар аст ва мавриди писанди худи муаллиф омадааст, меорад. Дар баробари масоили наҳвӣ дар асар масоили зиёди балоғӣ оварда шудааст. Чунончи, дида мешавад, Замахшарӣ нахуст паҳлуҳои луґавӣ ва сарфию наҳвии таъбирҳои қуръониро баён дошта, сипас ба шарҳу тавзеҳи ҷанбаҳои балоґии он мепардозад. Аз ҷумла дар мавриди таъбири « من الفجر» мегӯяд, ки «он баёнгари «الخيط الأبيض» аст ва бо ин аз баёни « الخيط الأسود» иктифо варзидааст, зеро баёни яке баёни дувумӣ аст. Метавонад «مِن» дар ин ҷо ба маънои табъиз/бархе бошад, чун мақсуд аз қисме ё

аввали субҳ аст. Агар бигӯӣ, ки ин аз боби истиора аст ё ташбеҳ? Мегӯям: Таъбири «من الفجر»-ро аз боби истиора берун медонам, чунончи, мегӯӣ: «رأيت أسداً مجازاً», вале агар дар он «من فلان» афзоӣ, ташбеҳ мешавад. Агар бигӯӣ: Пас, чаро «من الفجر» афзуда шуд, то он ташбеҳ бошад? Магар бо ҳамон истиора будан, ки аз ташбеҳ балеғтару фасеҳтар аст, маҳдуд нагашт? Мегӯям: «зеро аз шартҳои мустаор ин аст, ки ба он ягон ҳолат ё гуфторе далолат кунад. Агар «من الفجر» оварда намешуд, маълум набуд, ки «الخيطين» мустаоранд, аз ин рӯ, ба он «من الفجر» афзуда шуд ва он ташбеҳи балиғ гардид аз доираи истиора будан берун шуд»[125, с.379].

Мавриди зикр аст, ки таҳлили андешаҳои забоншиносӣ дар зимни китобҳои тафсир на фақат вижаи забоншиносии араб, балки ба андешаҳои забоншиносии классикии форсии тоҷикӣ низ рост меояд. Бад-ин гуна ки дар муқоиса бо китобҳои насриву назмие, ки дар асрҳои IX-X м бо забони форсии тоҷикӣ бевосита таълиф шудаанд, асарҳои тарҷумашуда, хусусан, тарҷумаҳои тафсири Қуръони карим дар фарогирии вожагону қавоиди гуногуни дастурӣ аз ҷойгоҳи волое бархӯрдоранд. Ба таъкиди Ҷалол Матинӣ, аслан, тафсирҳои форсӣ манбаи саршор барои забону адаби форсӣ аст, зеро дар дараҷаи аввал эътиқоди қавии мазҳабӣ ва диққату нуктасанҷии муфассирону мутарҷимон сабаб гардидааст, ки эшон, ба хусус дар тарҷумаи оёти қуръонӣ ва интихоби алфози форсӣ дар баробари калимот ва таркиботи қуръонӣ диққату васвоси фавқулодае ба кор баранд. Ба ҳамин ҷиҳат тафосири форсӣ теъдоди касире луғоту таркиботи нодиру қобили мулоҳизаи форсиро дар бар дорад. Ба илова, чун дар Қуръони маҷид мавзуоти мухталифи ахлоқӣ, динӣ, фиқҳӣ, қисасӣ ва амсоли он мавриди баҳс қарор гирифтааст, луғот ва таркиботи форсии кутуби тафсир комилан мутанаввеъ аст, бар хилофи китобҳое, ки дар мавзуе хос навишта шудааст, монанди «Ҳидоят-ул-мутааллимин фи-т-тиб» дар илми пизишкӣ ва «Ҳудуд-ул-олам мин-ал-машриқ ило-л-мағриб» дар ҷуғрофия, ки ҳар як муштамил бар як даста аз луғот аст [179, с.18-19].

Дар ин росто «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» аз нахустин тарҷумаҳои насрие ба шумор меравад, ки дар баробари фарогирии мавзуоти гуногун дар худ андешаҳои забоншиносиеро низ ниҳон доштааст. Чи тавре Озарнӯш дар робита ба шевогӣ ва салосати забони «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ишора карда, мегӯяд: «Бегумон аз дилангезтарин мутуни порсии куҳан матни китобест, ки аз дербоз ба «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» машҳур аст. Калимот ва истилоҳоти гӯшнавоз, сара, ноб ва низ таркиботи устувор, аммо бепироя ва содиқона, ки аз самими руҳи форсҳо ҳазору сад сол пеш сарчашма гирифта, аз ин китоб сарчашмае сохта, ки пайваста адиби форсихонро оромиш мебахшад. Шеваи гуфтор ва таквини иборат ва шумул ба андозаи онҳо бар маонии мавриди назар худ нишон медиҳад, ки дар он ду-се қарни сукут забоне, ки дарӣ ном гирифтаву дар Хуросон ривоҷ ёфта буд, ончунон ки гоҳ тасаввур меравад, хом набуд ва бегумон дар шеъру наср таҷрибаҳои мутааддиде андӯхта буд» [78, с.26].

Дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» мушоҳида мешавад, ки мутарҷимон ҳарчанд аз овардани баҳсҳои сарфию наҳвии дар «Тафсири Табарӣ»-и Ҷарири Табарӣ омада худдорӣ намуда бошанд ҳам, вале дар бархе маврид тарҷумаи онро ногузир донистаанд. Чунончи, мегӯянд: «Аммо ин оят, ки Худой гуфт, азза ва ҷалла: «Ва мо унзила ала-л-малакайни би Бобила Ҳорута ва Морута», инро (ду) гуна тафсир кардаанд. Гурӯҳе чунин хонанд, ки «ва мо унзила ала-л-малакайни», «лом»-ро ба сар хонанд. Ва гурӯҳе чунин хонанд: «ва мо унзила ала-л-маликайни», «лом»-ро ба зер хонанд Аммо ин кас, ки «малакайн» хонад, «лом» ба сар, гӯянд: Ҳорут ва Морут ду фаришта буданд. Аммо он кас, ки «маликайн» хонад – лом ба зер, гӯяд: Ин Ҳорут ва Морут ду малик буданд аз одамиён, ки подшоҳи замин буданд» [56, К.1, с. 83-85].

Дар ин гуфтори мутарҷимон дида мешавад, ки онҳо дар баробари истилоҳи фатҳаи арабӣ аз вожаи «сар» ва дар баробари «касра» аз вожаи «зер» истифода намудаанд, ки ин худ аз истилоҳофаринии эшон дар

баробари истилоҳоти забоншиносии араб мебошад ва онро метавон нахустин таҷрибае дар ин росто унвон кард.

Дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ба гунае ба этимологияи калимаҳо низ ишораҳо шудааст: «Ва «дарахт» ба забони паҳлавӣ “алам” бошад» [56, К.2, с. 63]; «Ва аз баҳри он ӯро Ҷамшед гуфтанд, ки “ҷам” ба забони паҳлавӣ рӯшноӣ бошад ва “шед” офтоб бошад ва аз некуии ӯ буд, ки ӯро “Ҷамшед” хонданд» [56, К.2, с. 312].

Чи тавре дида мешавад, мутарҷимон калимаҳои «дарахт» ва «Ҷамшед»-ро аз нигоҳи этимологӣ шарҳ додаанд, ки ин, аз як тараф, аз нахустин иқдомоти донишмандони тоҷик дар ҷодаи решашиносии вожаҳо унвон шуда, аз тарафи дигар, ба огоҳии онҳо аз забони паҳлавӣ дарак медиҳад.

Дар зимни асари мазкур баҳсҳои забоншиносие, аз қабили чи гуна аз як забон пайдо шудани забонҳои дигар [56, К.1, с. 407], ҳамнишинии калимаҳову хусусияти тақдиму таъхири онҳо дар ҷумла [56, К.2, с. 121] ва ғ. баён гаштаанд, ки метавон онҳоро ҳамчун нахустин баррасиҳои забоншиносӣ дар забони тоҷикӣ қаламдод кард.

Бад-ин тартиб, «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» дар забони тоҷикӣ метавонад ба масобаи аввалин китобе унвон шавад, ки дар он андешаҳои забоншиносӣ ба таври муҷаз ҳам бошад, матраҳ гашта, дар баробари истилоҳоти забоншиносии араб истилоҳоти забоние муодилсозӣ шудааст.

4.5.Манзумаҳои наҳвӣ дар забоншиносии араб – зодаи зеҳни донишмандони форсу тоҷик

Дар таърихи забоншиносии араб ва форсу тоҷик дар баробари асарҳои насрии таълифию таснифӣ ва шарҳу мустадракоте, ки ба мавзуоти сарфию наҳвӣ ва луғавӣ бахшида шудаанд, боз осори манзуме

ба мерос мондааст,[88] ки мавзуоти мазкурро фаро мегирад. Дар забоншиносӣ аз ин гуна осор бо истилоҳоти мухталиф, аз қабили манзумаҳои наҳвӣ, мутуни шеърии наҳвӣ ва шеърҳои омӯзишӣ ёд менамоянд. Ҳатто донишмандони арабу форс дар баробари шеъри ғиноиву тамсилӣ ва қисасӣ навъи шеъри таълимӣ-омӯзиширо ёдовар мешаванд, ки дар таърихи чи адабиёти араб ва чи адабиёти форсу тоҷик, аз ҷойгоҳ волое бархӯрдор мебошад [337, с.354].

Омӯзиши пайдоиш ва ташаккули манзумаҳои наҳвӣ дар забонҳои арабӣ ва форсии тоҷикӣ нишон дод, ки донишмандони гузаштаи араб ва форсу тоҷик на фақат қоидаҳои сарфию наҳвӣ ва луғавӣ, балки ҳама гуна илмҳои замони худро ба риштаи назм кашида будаанд. Ҳамин аст, ки дар адабиёти араб манзумаҳои зиёде дида мешавад, ки дар он илмҳои ситорашиносӣ, кимиё, риёзиёт, тиб, луғат ва ғ. ба назм дароварда шудаанд.

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки дар робита ба манзумаҳои таълимӣ, хусусан манзумаҳои наҳвӣ бо забони арабӣ таҳқиқоти зиёди бунёдие анҷом ёфтааст, ки дар шакли мақола ва монографияҳои илмӣ рӯйи чоп омадаанд. Инчунин, бо забони форсӣ низ дар мақолаҳои илмӣ манзумаҳои таълимӣ-наҳвии арабӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Вале дар арабшиносии тоҷик на фақат масъалаи мазкур ҳанӯз пажуҳиш нашудааст, балки манзумаҳои наҳвӣ аз доираи дарсӣ-мутолиотӣ канора мондаанд.

Нуктае, ки дар мавриди шеърҳои омӯзишӣ байни донишмандон ихтилофи назарро ба бор овардааст, ин асолат ва ё дахил будани ин навъи адабӣ дар адабиёти араб мебошад. Аз ҷумла, таъкид мешавад, ки юнониён ба ин гуна навъи адабӣ аз замони дури таърих ошноӣ доштанд ва шояд нахустин миллате бошанд, ки дар онҳо шеърҳои таълимӣ ба майдон омада бошад. Чунончи, шоири юнонӣ Ҳазиюд, ки дар асри

---

[88] Ба назари баъзе аз муҳаққиқон манбаъ ва омили назму каломи мавзун барои мусулмонон Қуръони карим аст, ки матни он мавзуният дорад. Матнҳои мавзуни тоисломӣ дар Эрони бостон, хусусан дар аҳди миёна вуҷуд доштааст

ҳаштуми пеш аз мелод зиндагӣ намудааст, чанд қасидае эҷод карда будааст, ки дар баробари шеърияти баланд доштан боз фарогири мавзуоти илмии он замон будааст. Ин шоири юнонӣ дар баробари ба риштаи назм кашидани таърихи худоён, боз қасидаи машҳуре дар робита ба кору рӯзгор дошта, дар он фаслҳои сол, ба кадом фасли сол мувофиқ будани кишту ба кадом ҳунару олат ниёз доштани деҳқон оварда шудааст [277, с.34; 239, с.221]. Дар ҳоле ки бархе аз донишмандони дигар вуруди ин гунаи шеъриро ба адабиёти араб аз адабиёти Ҳинд мешуморанд. Ҳиндиён ба шеъру назм таваҷҷуҳи зиёде доштаанд, то ҷойе ки Берунӣ аз ин ки онҳо қоидаҳои риёзиву фалакро ба назм кашидаанд, шиква намудааст, зеро ба таваҷҷуҳ ба талаботи назму шеър аз забти бархе қоидаҳо берун шудаанд» [141, с.263-264]. Вале Шавқӣ Зайф шеъри таълимиро сирф зодаи зеҳни арабӣ мешуморад. Чунончи, ба таъкиди мавсуф, маҳз дар авоили асри дувуми ҳиҷрӣ шоирони араб дар баробари бо шеър баён намудани андешаву эҳсосоти худ, инчунин, шеъргунаҳоеро дар баҳри рачз ба хотири таълими забон эҷод менамуданд. Аз ин рӯ, арҷузаҳои уммавиро метавон нахустин зуҳури шеъри таълимӣ дар забони арабӣ шуморид [231, с.319]. Воқеан, печидагӣ дар асолат ё дахилии манзумаҳои таълимӣ дар забони арабӣ айни ҳамон печидагӣ дар асолат ва дахилии наҳви арабӣ мебошад.

Ба андешаи Битрус Бустонӣ ва Абдусаттор Ҷиворӣ нахустин шеърҳои таълимӣ[89] дар авоили асри Аббосӣ ба майдон омадааст. Аз ҷумла, вақте Башшор ибни Бурд аз андешаҳои эътизолии худ даст кашиду ба гунае рӯ ба ситоиши оташпарастӣ овард, бархе аз шоирон ривояту қиссаҳои диниро дар ҷавоб ба ӯ ба риштаи назм кашиданд. Масалан, Сайид Ҳимярӣ (ваф.173 ҳ/789 м) ҳар чизе, ки дар бораи Алӣ

[89] Дар ин маврид байни ду истилоҳ шеъри таълимӣ ва назми таълимӣ, ки аз он мо бо манзума низ ёд кардаем, фарқ гузоштан лозим аст. Аслан, шеъри таълимӣ ба ҳамон суханони манзуме гуфта мешавад, ки фарогири панду андарзанду дар худ як навъ тарғибу ташвиқ ба ин ё он чизро ниҳон доранд ва дар ин гуна шеърҳо метавон дар баробари вазну қофия боз гунае аз тахайюлро пайдо намуд. Аммо назми таълимӣ ё манзумаи таълимӣ фарогири қоидаҳои гуногуни як илм буда, ҳадафи он танҳо омӯзишӣ аст ва дар он ҳеҷ гуна тахайюли шеърӣ дида намешавад.

ибни Абутолиб (р) ривоят мешуд, ба риштаи назм мекашид. Абусаҳл Бишр ибни Муътамар Ҳилолӣ (ваф.210 ҳ/825 м) бошад, бо истифода аз ин навъи шеърӣ андешаҳои эътизолии худро тарвиҷ мекард. Ба ин тартиб, метавон ҳадс зад, ки манзумаҳои таълимӣ нахуст аз ҷониби шоироне рӯйи кор омадааст, ки мехостанд бо он андешаҳои мазҳабии худро тарвиҷ ва ё аз ақидаи худ дифоъ намоянд. Баъдтар Абон ибни Абдулҳамид Лоҳиқӣ (ваф.200 ҳ/816 м)[90], ки аз мардуми форсу тоҷик буд, китоби «Калила ва Димна»-ро барои Бармакиён дар чордаҳҳазор байт ба назм даровард. Барои ин назм Яҳё ибни Холид даҳҳазор динор, Фазл ибни Яҳё панҷ ҳазор динор ба ӯ ҳадя доданд, аммо Ҷаъфар ба ӯ чизе надоду гуфт: «Бароят ҳамин кофист, ки ман онро аз ёд намояму ҳамчун ровии ту бошам». Достони манзуми мазкур бо чунин байтҳо оғоз мешавад:

هذا كتاب أدب ومحنه وهو الذي يدعى كليلة دمنه

فيه احتيالات وفيه رشد وهو كتاب وضعته الهند[91]

Абулаббоси Ношиъ (ваф.293 ҳ/906 м) ва Иброҳими Фазорӣ (ваф.180 ҳ/ 796 м) низ аз шоиронеанд, ки дар осори онҳо шеърҳои таълимӣ дида мешавад. Чунончи, ба аввалӣ қасидаи тулонии нунияе бо фарогирии тақрибан чор ҳазор байт нисбат дода мешавад, ки дар он дар мавриди равияву мазҳабҳо ҳикоят мекунад, дар ҳоле ки ба дувумӣ қасидае дар робита ба фалаку ситорашиносӣ мансуб дониста мешавад[149, с.201-02, 276-278; 168, с.32; 239, с.214].

Таҳлили пайдоиш ва ташаккули манзумаҳо дар забони арабӣ нишон медиҳад, ки ба майдон омадани манзума дар ин ё он соҳаи илм ба

---

[90] Тоҳо Ҳусайн мегӯяд: «Абон ибни Абдулҳамид дар баробари шоирони маъруф дар санъатҳои шеърӣ чирадаст нест, вале дар як чиз бар онҳо бартарӣ дорад ва ман чунин мешуморам, ки маҳз ӯ дар ин ҷода пешоҳанг аст ва сарвари гурӯҳи назаррасе аз назмсароҳо мебошад. Ба ин маъно, ки маҳз ӯ дар адабиёти араб санъати нави шеъриеро эҷод кард, ки пеш аз ӯ касе ба он рӯ наоварда буд ва ин санъати шеъри таълимӣ мебошад»[239, с.220].

[91] Бетрус Бустонӣ оғози ин донстонро чунин овардааст:

هذا كتاب كذب ومحنه، وهو الذي يدعى كليله دمنه

فيه دلالات وفيه رُشدُ وهو كتاب وضعتْه الهندُ

فوصفُوا آداب كلِّ عالِمِ، حكايةً عن ألسُن البهائمِ

فالحكماءُ يعرفون فضله، والسُّخَفاءُ يَشْتَهُون هزلَه[168, с.32].

асрҳои гуногун бармегардад. Масалан, таърихи эҷоди бархе манзумаҳои фалакшиносӣ ба асри ҷоҳилӣ бармегардад. Инчунин, дар асри аввали ҳиҷрӣ шоҳиди он мешавем, ки Холид ибни Язид (ваф.704 м.) девоне бо номи «Фирдавс-ул-ҳикма» бо фарогирии 2300 байт тадвин намудааст, ки истилоҳоту муаммоҳои гуногуни кимиёвиро дар бар мегирад. Дар ҳоле ки манзумаҳои математикӣ танҳо вақте ба майдон омаданд, ки донишмандони арабу мусулмон бад-ин илм даст ёфтанду дар ин ҷода ба дастовардҳои тоза ноил гаштанд ва ин ба асри VI ҳиҷрӣ/XII милодӣ рост меояд [178, с.29].

Бад-ин тартиб, сар аз асрҳои миёна таълифи манзумаҳои илмӣ дар ҳама риштаҳо ба майдон омад ва аз ҷониби донишмандону устодон тарафдории хубе ҳам ёфт, чаро ки чунин равиш кори таълимро хеле осон менамуд. Чунончи, шогирд манзумаро аз ёд мекард ва устод ба таври бояду шояд ба шарҳи он мепардохт. Чунин равиш баъдтар дар Аврупо дубора роиҷ гашт, аз ҷумла аз асри XVII то нимаҳои асри XIX китоби манзуме бо забони фаронсавӣ дар мактабҳо тадрис мешуд. Вале воқеият ин аст, ки ин равиш дар забонҳои аврупоӣ ба монанди забони арабӣ шуҳрат касб накард.

Чи тавре ишора шуд, дар асрҳои миёна қариб ҳама илмҳоро донишмандон ба назм мекашиданд, аз ҷумла дар илми тиб низ чандин манзума ба майдон омад, ки машҳуртарини он манзумаи Абуалӣ ибни Сино мебошад, ки дар таърих бинобар дар баҳри рачз суруда шуданаш бо номи «ал-Урҷузат-ут-тиббия» машҳур аст.

Бад-ин тартиб, манзумаи наҳвӣ яке аз равишҳои осоннамоии наҳв ба шумор меравад, чаро ки баъд аз Сибавайҳ ба гунае шеваи таълифи асарҳои илмӣ тағйир ёфт ва наҳвиён аз китоби дарсӣ-таълимӣ дида, асари худро ба китобӣ илмӣ-пажуҳишӣ наздик менамуданд. Ҳамин буд, ки дар ин марҳила фарогирии наҳви арабӣ мушкил гашт ва нахуст онҳо ба ихтисорнамоии қоидаҳои наҳвӣ пардохтанд ва бо меҳвари баҳс қарор додани омил ва маъмули наҳвӣ китоб тасниф менамуданд. Чунончи, наҳвиён, аз қабили Ибни Ҷинниву Ибни Молик ва Ибни Ҳишом бо

назардошти мушкили арабиомӯзон аз таснифи асарҳои душворфаҳм даст кашида ба тадвини китобҳои осонфаҳм пардохтанд. [349, с.284]. Гузашта аз ин, пайдоиш ва рушду ташаккули манзумаҳои наҳвӣ ба мисли бамайдоноиву такомули наҳв ва илмҳои дигари забоншиносӣ, аз қабили фарҳангнигорӣ хусусияти таълимӣ доштааст. Аз ин рӯ, ба назм кашидани наҳви арабиро низ метавон яке аз марҳилаҳои таълимии наҳви арабӣ ба қалам дод, дар ҳоле ки густариши сурудани манзумаҳои таълимӣ, аз ҷумла манзумаҳои наҳвӣ бо иллатҳои дигаре низ бармегардад. Ба таъкиди бархе пажуҳишгарон сурудани бисёре аз ин гуна манзумаҳо ҷанбаҳои супоришӣ дорад ва дӯстону ошноён ва сарварон аз соҳиби асар хостаанд, онро бисарояд… Абунасри Фароҳӣ китоби худро ба фармони Низомулмулк Ҳасан-вазири Баҳромшоҳ сурудааст. Ин мавзуъ нишон медиҳад, ки эҷоди чунин манзумаҳо танҳо тамоюли шахсии гӯянда надошта, дар ин росто авомили дуюмдараҷа низ муассир будааст. Ин манзумаҳо на танҳо мавриди таваҷҷуҳи шоирон ва табақоти илмии ҷомеа буда, амирон низ ба онҳо гароиш доштаанд. Чунончи, Носири Хисрав «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн»-и худро, ки шарҳи қасидаи илмӣ-омӯзишии Абулҳайсам аст, ба хоҳиши Айнуддавла Абулмаолӣ Алӣ ибни Ҳорис, амири Бадахшон, нигоштааст [348, с.7].

Аввалин манзумаи наҳвӣ дар забоншиносии араб. Дар мавриди нахустин манзумаи наҳвӣ дар адабиёти араб ихтилофи назар вуҷуд дорад. Масалан, дар адабиёти араб ин нукта машҳур аст, ки асрҳои V-VI ҳиҷрӣ таваҷҷуҳ ба тадвини китобҳои таълимии наҳвӣ ва эҷодиёти манзумаҳои наҳвӣ зиёд шуда [342, с.93], Яҳё ибни Муътӣ (ваф. 628 ҳ /1231 м) аз зумраи пешоҳангон дар кашидани масоили наҳвӣ ба назм мебошад, дар ҳоле ки мавсуф аз асосгузорони ин равия нест, балки ӯ нахустин нафарест, ки манзумаҳои наҳвиро дар ҳазор байт гирдоварӣ намудааст. Ба таъбири дигар, Ибни Муътӣ аввалин наҳвиест, ки калимаи «алфия» (ҳазора)-ро ишора ба ҳазор байт будани манзумааш истифода кардааст [361, с.13].

Пажуҳишҳои ахири донишмандони араб ба ин нукта таъкид месозад, ки дар эҷоди манзумаи наҳвӣ низ Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ пешоҳанг аст ва манзумаи наҳвии ӯ дар 293 байт аз ҷониби Аҳмад Афифӣ таҳлилу таҳқиқ ва ба нашр расидааст [206]. Мавриди зикр аст, ки асари мазкури Халил ибни Аҳмад дар байни донишмандони гузаштаву муосир ношинохта бошад ҳам, вале ишорае, ки дар китоби «Муқаддима фи-н-наҳв»-и Халфи Аҳмар (ваф. тақр.180 ҳ/976 м) шудааст, нисбати онро ба Халил ибни Аҳмад таъйид месозад. Чунончи, Халфи Аҳмар дар «Боби ҳуруфи насақ» (пайвандакҳо) мегӯяд: «Ҳуруфи насақ (пайвандакҳо), ки ҳарфҳои атф низ номида мешаванд, панҷтоянд ва онҳоро Халили ибни Аҳмад дар қасидаи наҳвияш овардааст, ки чунинанд:

فانسُقْ وصِلْ بالواو قولك كله وبلا وثمّ وأو فليست تَصْعبُ

الفاء ناسقة كذلك عندنا وسبيلُها رحبُ المذاهب مُشعَبُ [204, с.85-86].[92]

(Тарҷума: Ҳама сухани худро бо вов, ло, сумма ва ав бипайванд. Инчунин, фо назди мо пайвандсоз аст, ҳарчанд дар он ихтилофи назар аст).

Вале бархе пажуҳишгарони араб нисбати ин манзумаро ба Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ ба ин далел рад менамоянд, ки дар ин манзума истилоҳоте корбурд шудааст, ки на дар замони Халил ибни Аҳмад шуҳрат доштаанд ва на дар мактаби забоншиносии Басри мавриди қабул будаанд. Гузашта аз ин, оғози манзумасароиро на ба аввали асри дуи ҳиҷрӣ, балки ба охири асри мазкур ва аввали асри савум марбут дониста, аз Абуусмони Мозанӣ (ваф.247 ҳ.) ҳамчун аввалин нафаре ёд менамоянд, ки аз ӯ ин гуна манзумаҳо ривоят шудааст [187, с.17].

---

[92] Муҳаққиқи китоби «Муқаддима фи-н-наҳв»-и Халфи Аҳмар дар ҳошияи ин шеър мегӯяд, ки «…Халил ибни Аҳмад воқеан шоир буд. Наҳвиён дар мавриди ин ки Халил ибни Аҳмад қасидае дар наҳв дорад, чизе нагуфтаанд. Аммо такя ба ин ки дар тазкираҳо на номи ҳама китобҳои таълифкардаи ин ё он муаллиф оварда мешавад, пас, ин байтҳо аз ҷумлаи осори гумшудаи Халил мебошад» [204, с.86]. Ин дар ҳолест, ки муҳаққиқи «Ал-Манзумат-ун-наҳвия ли-л-Халил ибни Аҳмад ал-Фароҳидӣ» - Аҳмад Афифӣ фасли алоҳидаеро дар китоби мазкур зери увони « تحقيق نسبة هذه المنظومة إلى الخليل» оварда [206, с.37-50], дар он дурустии нисбати ин манзумаро ба Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ таъйид мекунад.

Бархе аз таҳқиқотҳои донишмандони араб ишора ба он мекунанд, ки аввалин манзумаи наҳвии комил маҳз ба қалами донишманди форсу тоҷик Аҳмад ибни Мансур Яшкурӣ (ваф.370 ҳ) тааллуқ дорад. Чунончи, Ҷалолиддин Суютӣ аз Абуҳаён овардааст: «Абуҳаён мегӯяд, ки ин ихтилофро Аҳмад ибни Мансур Яшкурӣ дар арҷузаи наҳвии худ, ки арҷузаи куҳан ва 90 байт кам 3000 байт асту бо назми содаву дониши фаровон суруда шудааст, чунин ба назм кашидааст:

والوزن في الغزاة والرماة في الأصل عند حملة الراة
فعَلة ليس لها نظير في سالم من شأنه الظهور
وآخرون ففيه قالوا فَعلة كما تقول في الصحيح الجملة
فخص في ذلك حرف الفاء بالضم في ذي الواو أو ذي الياء
وخالف الفراء ما أنبات وحجهم بقولهم سراة
وعنده وزن غزاة فَعَل كما تقول نازل ونزل
فالهاء من ساقطها معتاضه وإنما تعرف بالرياضة
كالأصل في إقامة إقوام بالاعتياز اطرد الكلام
وبعضها جاء على التأصيل غزي وعفي ليس بالمجهول .[253, c.145-146]

Донишманди муосири араб Маҳмуд Муҳаммад Таноҳӣ аз бозёфти дастхати «Тазкират-ун-нуҳот»-и Абуҳаёни Андалусӣ дар яке аз марказҳои дастхатҳои Работи Мағриб ҳикоят мекунад, ки дар он Абуҳаён аз Аҳмад ибни Мансури Яшкурӣ ёд карда, ба манзумаи наҳвии ӯ ишора месозад ва шумораи байтҳои онро 2911 байт гуфта, ба таври намуна 185 онро меорад. Ҳамзамон Абуҳаён муқаддимаи Яшкуриро ба ин манзума овардааст, ки дар он мегӯяд: «Вақте пешиниёнро дарёфтам, ки пеш аз ин ба мисли ин сурудаанд, пас, беҳтар шуморидам, ки чунин назмеро байни ду амр: кӯтоҳбаёниву дарозгӯӣ баргузинам. Ягон мазҳабро ба таври пурра наовардаам, балки он чи далелаш назди ман қавитар аст, зикр кардаам. Гоҳе баъзе ихтилофҳоро ба хотири шарҳу эзоҳ зикр кардаам» [344, с.141-153]. Воқеан, чунин сухани Яшкурӣ, аз як тараф, ба роиҷ будани чунин манзумаҳои наҳвӣ то ба замони ӯ ишора карда, аз тарафи дигар, тамоюли ин донишмандро ба мактаби

забоншиносии Баґдод, ки дар асри IV - давраи ҷӯшу хурӯши мактаби мазкур ба сар бурдааст, нишон медиҳад.

Арзиши илмӣ-адабии манзумаҳои наҳвӣ. Дар робита ба арзиши илмӣ-адабии манзумаҳои наҳвӣ байни аҳли адаб ихтилофи назар вуҷуд дорад. Чунончи, донишмандони муосири араб манзумаҳои таълимиро ҳарчанд дур аз шурути шеър ва бадеият шуморанд ҳам, вале барои омӯзиши ҳар гуна илм, хусусан қавоиди забонӣ онро падидаи нек мешуморанд [342, с.93], чаро ки ҳифзи шеър ва дар хотир доштани он дар муқоиса ба наср осонтар буда, баръакси матни мансур, ки на фақат тағйири калимаҳо дар он, балки овардани маънои он дар либоси нав имкон дорад, дар матни манзум ҳама гуна тағйиру таҳриф метавонад бараъло маълум бошад. Дар ҳоле ки Шафеи Кадканӣ пайдоиш ва ташаккули ин навъи адабиро бархоста аз инҳитоти адабӣ ба қалам медиҳад. Ба андешаи ӯ, «яке аз дигар адворе, ки барои шеъри таълимӣ шинохтаанд, даврони инҳитоти ҷавомеъ аст. Вақте халоқият ва ибтикори ҳунарӣ дар ҷомеае бимирад, ҳунармандону шоиронаш ба кори назми мухталиф мепардозанд, зеро илм, таърих ё адабро мавзуи омодае барои ҷилва додани истеъдоди назми худ ташхис медиҳанд ва санъат ҷойи илҳомро мегирад» [404]. Ба ибораи дигар, шеърҳои таълимӣ ва хусусан манзумаҳои наҳвӣ аз нигоҳи шеърият арзиши баланд надоранд, чаро ки дар баробари вазну қофия шарти асосии шеър хаёлпардозӣ аст, дар ҳоле ки манзумаҳои мазкур аз ин маҳруманд ва ниёз ба илҳоми шоирӣ надошта, балки ба огоҳии хуби назмсаро вобастаанд. Ба таъкиди Тоҳо Ҳусайн, арзиши шеърҳои таълимӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки дар асрҳое, ки тадвини ҳама донишҳо бинобар камбуди олоти китобат на ҳамеша муяссар буд, ин гуна манзумаҳо судманду манфиатовар буданд, зеро ҳифзи онҳо аз гуфтори насрӣ дида осонтар аст [239, с.221].

Аслан, ба назмдарории илмҳо нафароне рӯ меовардаанд, ки дар баробари пештоз будан дар улуми замони худ, инчунин, табъи хуби шоирӣ доштанд. Ҳамин аст, ки донишмандон шартгузорӣ менамуданд, ки маҳз нафаре метавонад илмеро ба риштаи назм кашад, ки ороста ба

ду сифат бошад: а) илми мавриди назарро бо тамоми нозукиҳояш донад; б) тавоноии эҷоди назмро ба хубӣ дошта бошад [178, с.30]. Воқеан, вақте рӯзгору осори эҷодкорони манзумаҳои илмиро сафҳагардонӣ менамоем, ба ин воқеият мерасем, ки онҳо аз шоирӣ дида, дар илми дар назм матраҳшуда дасти бештар доранд. Ҳамин аст, ки манзумаҳои наҳвӣ на аз тарафи шоирон, балки бевосита аз тарафи наҳвиён-забоншиносон эҷод гаштаанд.

Таҳлили манзумаҳои наҳвӣ дар таърихи забоншиносии араб нишон медиҳад, ки воқеан манзумаҳои наҳвӣ таҳаввулотеро дар омӯзиши қавоиди арабӣ ба бор овардаанд. Чунончи, манзумасароёни наҳвӣ кӯшидаанд, то ба қадри вусъат аз овардани ихтилофи назарҳо ва андешаҳои зидду нақизи мактабҳои забоншиносии араб худдорӣ намоянд ва маҳз ҳамон таъриферо ба назм оваранд, ки ба дарди забономӯз мехӯрад. Илова ба ин, дар манзумаҳои наҳвӣ то ҷойе қоидаҳои грамматикӣ аз нигоҳи забонӣ таҳлилу баррасӣ мешаванд ва фалсафагароиву мантиқсароӣ дар онҳо ба назар намерасад. Ҳамзамон бо ин, манзумаҳои наҳвӣ муҷиби ба майдон омадани бузургтарин шарҳҳои грамматикии арабӣ гардиданд, ки дар адабиёти араб аз ҷойгоҳи волои илмӣ бархӯрдоранд. Ҳамин вижагиҳои манзумаҳои наҳвист, ки, чи дар гузашта ва чи имрӯз, ҳамчун китобҳои дарсии омӯзиши сарфу наҳв мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Қобили қайд аст, ки бештари манзумаҳои наҳвӣ, хусусан, «Алфияҳо»-и Ибни Ҳоҷибу Ибни Муъттӣ, Ибни Молику Суютӣ ва дигарон маҳз дар баҳри раҷаз суруда шудаанд, чаро ки баҳри мазкур озодӣ ва осонии бештаре нисбат ба дигар баҳрҳо барои эҷоди манзумаҳо фароҳам меоварад

Манзумаҳои наҳви забоншиносони арабинигори форсу тоҷик. Донишмандони гузаштаи форсу тоҷик дар ташаккулу густариши забоншиносии араб нақши муътараф доранд. Чунончи, онҳо набоғати забонии худро маҳз дар мавриди сарфу наҳв ва луғату балоғати араб нишон дода, андешаҳои хешро оид ба он ба забони арабӣ тадвин

намудааанд. Ошноии комили донишмандони гузаштаи форсу тоҷик ба қавоид ва луғоти арабӣ муҷиб гаштааст, то дар эҷоди манзумаҳои таълимӣ, ба вижа манзумаҳои наҳвӣ аз худ мероси арзандае гузоранд. Чунончи, тибқи пажуҳишҳо то охири асри Х ҳиҷрӣ шумораи донишмандоне, ки қавоиди наҳвиро дар ҳавзаҳои илмии сарзамини араб бо забони арабӣ ба назм кашидаанд, ба 105 нафар ва шумораи манзумаҳо ба 139 манзума мерасад [187, с.63]. Ин дар ҳолест, ки то имрӯз донишмандони араб ба назмдарории қоидаҳои наҳвию сарфӣ машғуланд, илова бар он ки дар баробари донишмандони арабу арабизабон боз дар ҳавзаҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр манзумаҳои наҳвӣ-сарфии зиёде эҷод гаштааст.

Аз баррасии мавзуи мавриди баҳс маълум мегардад, ки дар зери таъсири манзумаҳои илмӣ-таълимии забони арабӣ дар забони форсии тоҷикӣ низ манзумаҳои арзишманде дар заминаҳои мухталифи илмӣ, аз қабили сарфу наҳв, бадеъу арӯз, тиббу луғат ва ғ. ба майдон омадааст. Ба мисли манзумаҳои арабӣ дар манзумаҳои форсии тоҷикӣ низ аз шеър дида ба назм тамоюли бештар дошта, аз нигоҳи муҳтавову ҳадаф ва чигунагии баён дар гурӯҳҳои мухталифе ҷой мегиранд. Масалан, дар бархе манзумаҳои форсии тоҷикӣ танҳо ба як мавзуъ, бархе дигар ба чандин мавзуот аз илмҳои гуногун пардохта мешавад, дар ҳоле ки бархе манзумаҳо ба чандин илм бахшида шуда бошанд ҳам, вале дар байни онҳо ба як илм афзалияти бештар дода шудааст [348, с.2].

Ҳарчанд дар гузашта дар ҳавзаҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр ва баъдтар дар марказҳои тоҷикии арабшиносӣ манзумаҳои наҳвӣ шуҳрати кофӣ надошта бошанд ҳам, вале омӯзиши ин мавзуъ нишон медиҳад, қаламкашони форсу тоҷик дар таърих манзумаҳои зиёди наҳвӣ аз худ ба ёдгор гузоштаанд. Чунончи, соҳибони мақолаи «Манзумаҳои наҳвӣ дар Эрон» аз 71 манзумае ёд намудаанд, ки ба риштаи назмкашии машҳуртарин китобҳои наҳвии арабӣ аз ҷониби донишмандони форсу тоҷик дар асрҳои гуногун ишора месозанд. Тибқи ин пажуҳиш, донишмандони форсу тоҷик китобҳои «Ал-Кофия» ва «Шофия»-и Ибни

Ҳоҷиб, «Авомил»-и Ҷурҷонӣ, «Муфассал»-и Замахшарӣ, «Муғни-юл-лабиб»-и Ибни Ҳишом ва ғайраро ба назм даровардаанд. Ҳатто бархе аз қаламкашон шарҳҳои китобҳои мазкурро ба назм кашидаанд. Вале аз ин шумораи манзумаҳои наҳвӣ бисёр қисмати каме ба забони форсии тоҷикӣ суруда шудааст [315, с.186].

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки аз Абдурраҳмони Ҷомӣ низ манзумае бо номи «Сарф-ул-лисон» ба мерос мондааст, ки дар он қоидаҳои сарфии забони арабӣ бо забони тоҷикӣ оварда шудааст, ки абёте аз он ин гуна аст:

Ҳар куҷо гардад исму феъл падид,
Аз муҷаррад бурун мадону мазид.
Чист донӣ муҷаррад он калима,
Ки ҳуруфаш бувад усули ҳама.
Ҳарчи ҳарфе бар он бар асл афзуд,
Дар ҳисоби мазид хоҳад буд [1, с.13].

Ё донишманди дигари номаълуми форсу тоҷик «Ал-Авомил-ул-миа»-и Ҷурҷониро ба риштаи назм кашидааст, ки намунае аз он ба таври зайл аст:

Омил андар наҳв сад бошад, чунин фармудааст
Шайх Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ он марди Худо.
З-он навад бо ҳашт лафзию ду омил маънавӣ,
Боз лафзӣ ба ду қисм аст, ёд гир ин ҳарфҳо!
Навъи аввал нуздаҳ ҳарфанд ҷар медон яқин,
К-андар ин як байт омад, ҷумла бечуну чаро:
Боу тоу кофу лому вову мунзу муз хало,
Рубба, ҳошшо, мин, адо, фи, ан, ало, ҳатто, ило.
Инна, анна, каана, лайта, локинна, лаъалла,
Носиби исманду рофеъ дар хабар зид мо ва ло… [173, с.298].

Хулоса, манзумаҳои наҳвӣ дар таърихи забоншиносии араб ва форсу тоҷик аз ҷойгоҳи волои илмӣ барҳӯрдор буда, ба марҳилаи сифатан нав гузаштани омӯзиш ва баррасии масоили наҳвию сарфӣ ва

балоғию луғавии забони арабӣ ишора мекунад. Забоншиносони форсу тоҷик дар сурудани манзумаҳои сарфӣ, агар манзумаи Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ сарфи назар карда шавад, гӯйи сабқатро аз донишмандони араб рабудаанд. Чунончи, машҳуртарин ва нахустин манзумаҳои наҳвии арабии ҳазорбайтаро ба Яҳё ибни Муътӣ (ваф. 628 ҳ /1231 м) ва Ибни Молик (ваф. 672 ҳ /1274 м) – ба асри VII ҳ/XIII м, нисбат медиҳанд, дар ҳоле ки ҳанӯз асри IVҳ/X м донишманди форсу тоҷик Аҳмад ибни Мансур Яшкурӣ (ваф.370 ҳ/980 м) манзумаи наҳвӣ/сарфие бо фарогирии 2911 байт суруда будааст.

4.6.Наҳви арабӣ: байни илм ва таълим

Пайдоиш ва ташаккули забоншиносии араб дар дарозои таърих, чи дар гузашта ва чи имрӯз, на барои ҳама хушоянд будааст. Аз ҳамон рӯзҳои аввали пайдоишаш бархе шоирон агар ба мушкилии он ишора намуда бошанд, пас, бархе дигар онро ихтирои ғайриарабҳо, ба истилоҳ, як дарди сар дар забон шуморидаанд. Чунончи, Абуғасон Дамоз, ки Зубайдӣ ӯро ҳамчун забоншинос дар Табақаи панҷуми луғавиёни басрӣ зикр кардааст [87, с.181], вақте дар наҳв ба боби «و» ва «ف» расида, гуфтори Халил ва дигар донишмандонро дар мавриди он ки баъди ин ҳиссачаҳо бо назардошти музмар будани «أَنْ» мансуб оварда мешавад, дар ҳайрат монда, ба Абуусмони Мозанӣ менависад:

فكرْتُ في النحو حتى مَلِلْتُ وأتعبْتُ له نفسي والبدنْ
وأتعبْتُ بكرًا وأصحابَهُ بِطولِ المسائل في كلِّ فَنْ
فكنتُ بظاهره عالماً وكنتُ بباطنه ذا فَطَنْ
خلا أنَّ بابًا عليه العفا ءُ للفاءِ يَا ليتَه لم يكنْ
وللواو بابٌ إلى جنبه من المَقْتِ أحْسِبُه قد لُعِنْ
إذا قلتُ هاتوا: لماذا يُقا لُ لستُ بآتيك أو تأتينْ
أجيبوا لِما قيل هذا كذا على النصب؟ قالوا: لإضمار "أنْ"
فقد كِدتُ يا بكرُ من طُولِ ما أُفَكِّرُ في بابه أنْ أُجَنّْ.[108, с.59-60]

Аммор Калбӣ (ваф.958 м) бошад, вақте вокуниши наҳвиёнро ба хатогуфтории худ мебинад, дар ҳаҷви онҳо мегӯяд:

ماذا لقيتُ من المستعربين ومن قياس نحوهم هذا الذي ابتدعوا
إن قلتُ قافيةً بِكرًا يكون بها بيتٌ خِلاف الذي قاسوه أو ذرعوا
قالوا لحنتَ وهذا ليس منتصِباً وذاك خَفْض وهذا ليس يرتفعُ
وحرَّضوا بين عبد الله من حُمْقٍ وبين زيد فطال الضرب والوجع
كم بين قوم قد اختالوا لِمنطقهم وبين قومٍ على إغرابهم طُبِعوا
ما كُلُّ قولِيَ مشروحًا فخذوا ما تعرفون وما لم تعرفوا فدَعُوا
لِأنَّ أرضي أرضٌ لا تُشَبُّ بها نارُ المجوس ولا تُبنَى بها البِيَعُ .[118, c.239-240]

Илова бар ин, донишмандоне аз қабили Ибни Рушду Ибни Ҳазм ва Ибни Мазо ба бознигарии мавзуоти наҳвӣ даъват намуда, ба омилҳои лафзию маънавӣ вобаста кардани эъробро аз мушкилзоии қоидаҳои наҳвӣ донистаанд [29, с.53]. Аз ҷумла, Ибни Мазо дар муқаддимаи китобаш мегӯяд: «Ман наҳвиёнро, ки раҳмати Худо бар эшон бод, дарёфтам, ки наҳвро ба хотири посдории гуфтори араб аз хато ва нигаҳдории он аз дигаргуншавӣ гузоштаанд ва дар ин росто ба он ғояте, ки роҳ пеш гирифта буданд, расиданд ва матлуберо, ки меҷустанд, дарёфтанд, вале онҳо ба он чи лозим набуд, даст заданд ва он чи басанда буд, гузаштанд, дар натиҷа роҳи он печида гашт» [84, с.72]. Аз ин рӯ, ҷойи муболиға нест, агар гуфта шавад, ки шикоят аз наҳв ҳамзоди таълифу тасниф дар он аст ва бо гузашти замон фарохонӣ ба осоннамоии қоидаҳои сарфию наҳвӣ ва сангпартоӣ ба амалкарди поягузорони забоншиносии араб, чи аз ҷониби худи арабҳову чи аз тарафи шарқшиносон, бештар аз пештар мегардад [317, с.15].

Аз ривоятҳо дар мавриди забоншиносии араб бармеояд, ки дар асрҳои II-V ҳ фаро гирифтани ин илм фахр ва гарави раҳ ёфтан ба дарбору ҳамнишинӣ бо амирону вазирон буд ва табиист, ки дар баробари таснифу таълиф донишмандони илми забон боз ба тадрис низ машғул мегаштанд ва хоҳ-нохоҳ барои ин маблағе пардохт карда мешуд. Дар натиҷа бархе забоншиносон осори худро каме печида менавиштанд, то барои дарку

фаҳми он бевосита ба онҳо муроҷиат шавад. Чунончи, Ҷоҳиз мегӯяд: «Ба Абуҳасан Ахфаш гуфтам, ки ту донотарини мардум дар наҳвӣ, пас, чаро ҳама китобҳоятро фаҳмо наменависӣ? Чаро бархеашро мефаҳмему бештарашро не? Чаро сухани мушкилро аввал меорию сухани фаҳморо баъд? Гуфт: Ман шахсеам, ки ин китобҳоро ба хотири Худо нанавиштаам ва инҳо китобҳои динӣ ҳам нестанд. Агар онҳоро ба гунае менавиштам, ки мегӯед, пас, ниёзи мардум дар мавриди фаҳми онҳо ба ман камтар мешуд, дар ҳоле ки ҳадафи ман аз инҳо касби мол аст. Баъзе аз онро фаҳмо намудаам, то кайфияти он чи фаҳмидаанд, онҳоро ба донистани он чи нафаҳмидаанд, водор намояд. Воқеан, ман ба ин гуна тадбир касби мол кардаам, чун ҳадафи ман ҳамин буд. Вале ба Иброҳим Наззому фалонию фалонӣ чи шудааст, ки ба гумони худашон китобҳояшонро ба хотири Худо менависанд, дар ҳоле ки ҳамгуни ман… бештари онро намефаҳмад» [116, с.91-92].

Вале аз назари инҷониб мушкилӣ дар китобҳои забоншиносӣ не, балки дар фарқ нагузоштан байни китобҳои илмӣ аз дастурҳои таълимӣ мебошад. Масалан, «Китоб»-и Сибавайҳ бо фарогирии 820 боб, илова бар шоҳиди насрӣ боз бо мисол овардани беш аз 300 ояту 1050 байт [332, с.82] нахустин ва бузургтарин сарчашмаи забоншиносии араб ба шумор меравад, аммо он дастури таълимӣ нест, балки китоби сирф илмиест, ки барои фаҳму дарки он танҳо араб будан ва ё донистани забони арабӣ кофӣ не, мутахассиси бевоситаи забоншиносӣ будан шарт аст. Агар ҳамин гуна нест, пас, Кисоӣ бо он ки муассиси мактаби забоншиносии Куфа буду дар забоншиносии араб сухани худро дошт, чаро барои дарку фаҳми он ба омӯхтани он дар назди Ахфаши Авсат рӯ овард. Магар забони тоҷикиро як нафар соҳибзабон ё тоҷикиомӯзи хориҷӣ, чи дар сатҳи мактаби миёна ва чи дар сатҳи мактаби олӣ, метавонад аз рӯйи китоби сеҷилдаи «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» [1985], ки мақсадаш дар асоси материалҳои фаровони забони адабӣ таҳлили илмии ҳодисаҳои грамматикӣ, муайян намудан ва ба тартиб даровардани нормаҳои грамматикии забони адабӣ мебошад, аз худ кунад? Ҳаргиз не! Дар ҳоле ки байни ин китоб ва «Китоб»-

и Сибавайҳ тафовути куллӣ, чи аз ҷиҳати замонӣ ва чи аз нигоҳи маконӣ, вуҷуд дорад, ҳатто аудиторияи ин ду аз ҳамдигар фарқ мекунад. Чунончи, «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» барои оммаи васеи хонандагон таълиф шудааст, дар ҳоле ки «Китоб»-и Сибавайҳ барои нафароне таълиф шудааст, ки дар баробари донистани нозукиҳои забони арабӣ боз дар мавриди савтиёту сарфу наҳв маълумоти тахассусӣ доранду аз илмҳои қирооту ривоят, шинохти шеъру таърихи шоирон, ҷарҳу таъдили ровиён ва ғ. огоҳанд. Яъне, хонандаи «Китоб» шахси одӣ ё нафаре нест, ки нав ба ҷодаи илм қадам гузошта бошад, балки хонандаи он шахсест, ки дар илми забоншиносӣ ба унвони олим шинохтаву аз нозукиҳову истилоҳоти он ба хубӣ огаҳӣ дорад. Зеро наҳве, ки дар «Китоб» аст, наҳве нест, ки барои гуфтори рӯзмарра истифода шавад, балки наҳвест, ки дар гиреҳкушоии таъбироташ Абусаъиди Сирофию Заҷҷоҷӣ дар мондааанду Абуҳомиди Ғаззолӣ баъди навиштани «Эҳё-ул-улум» барои дарки он рӯ ба омӯзиши он дар назди устоде овардааст; наҳвест, ки бо аз худ кардани он ҳама гуна масоили печидаи забонӣ кушода мегардаду такя ба қоидаҳои он ҳар мутахассисе, ҳатто дар ғайризабоншиносӣ истинботу хулосабарорӣ мекунад. Наҳви «Китоб» наҳвест, ки такя ба он муфассирон маонии оёти қуръониву аҳодиси набавиро мӯшикофона шарҳу тавзеҳ медиҳанду фақеҳон бо истифода аз он дар ҳар масъалаи фиқҳӣ фатво мебароранд ва суханварон бо меъёрҳои он балеғтарин гуфторро эҷод мекунанд; наҳвест, ки аз розкушоии он файласуфе ҳамчун Киндӣ бехабар аст[93]. Наҳви «Китоб» танҳо шинохти дигаргуншавиҳои ахири калимаҳо ва чи гуна тасрифи сарфии вожагон нест, балки наҳви он ба маънои томаш

[93] Абдулқодир Ҷурҷонӣ аз Анборӣ ривоят мекунад, ки гуфта: «Киндии файласуф ба назди Абулаббос Мубаррид рафту гуфт: Ман дар каломи араб беҳуда/зиёдгуфториро дарёфтам! Мубаррид гуфт: Дар кӯҷо инро дарёфтӣ? Киндӣ гуфт: Дар он маврид, ки арабҳо мегӯянд: «عبد الله قائم»; боз мегӯянд: «إنّ عبد الله قائم» ва боз ҳам мегӯянд: « إنّ عبد الله لقائم». Гуфтор такрор омадааст, дар ҳоле ки ифодагари як маъноянд. Абулаббос гуфт: На, балки маонӣ бинобар гуногунии лафзҳо гуногун омадааст. Масалан, ҷумлаи « عبد الله قائم» дар бораи бархостани Абдуллоҳ хабар медиҳад, дар ҳоле ки ҷумлаи « إنّ عبد الله قائم», аслан, посух ба суол аст. Аммо ҷумлаи «إنّ عبد الله لقائم» дар ҷавоб ба нафарест, ки бархостани Абдуллоҳро инкор мекунад. Дар ин ҷо гуфтор ба хотири такрори маонӣ такрор шудааст. Мегӯянд, файласуф аз идома додани гуфтор дармонд» [262, с.315].

забони арабиву забоншиносии арабист. Мақсуд аз гуфтори Заҷҷоҷӣ, ки «адабиёту девони шеъри арабро касе аз мутааххирин бе донистани наҳв дарк намекунад» [124, с.96], маҳз ҳамин наҳв аст.

Воқеан, барои гуфтори рӯзмарраи арабӣ ниёз ба наҳви «Китоб» нест, чун чунин гуфтор бештар дар доираи вожагону таъбироти обшуставу гӯшзада ва маъмул сурат мегирад ва ниёз ба риояи қавоиди сарфию наҳвӣ ва таваҷҷуҳ ба услуби баёну нозукиҳои балоғӣ надорад, вале вақте сухан аз салосати калому дарки маонии гуфтори балеғе ба миён меояд, пас, ниёз ба ин наҳв пайдо мешавад.

На фақат «Китоб»-и Сибавайҳ, балки ба андешаи инҷониб фарҳангномаҳои таълифнамудаи донишмандони араб, аз қабили «Китоб-ул-айн»-и Халил ибни Аҳмади Фароҳидиву «Таҳзиб»-и Азҳарӣ, «Ҷамҳара»-и Ибни Дурайду «Муҳит»-и Ибни Аббод ва ғ. барои истифодаи ом нест, балки аз худ кардани тарзи истифодаи он ниёз ба илм дорад, чи расад ба фаҳми шарҳи вожагону таъбирот ва шавоҳиди овардаи онҳо. Аммо ин ба маънои он нест, ки дар забони арабӣ китобҳои дарсӣ/таълимӣ вуҷуд надоштааст ва ё онҳо фаҳмидаву нафаҳмида ин асарҳоро мутолиа мекарданд. Аслан, роҳи аз ҳама муассири аз худ кардани дилхоҳ забон, дар сурати набудани муҳити забонӣ ин аз ёд намудани матнҳои зиёди насриву назмӣ ва тақлид ба эҷоди таъбирҳо ба монанди онҳо мебошад. Ба ин нукта ҳанӯз Ибни Халдун ишора намуда, аз худ кардани забони арабиро танҳо бо аз ёд кардани мутуни гуногун аз оёти қуръониву аҳодиси набавӣ, гуфтори гузаштагони арабу эҷодиёти мансуру манзуми онҳо ва вожагону таъбироти суханварони баъдӣ ва ғ., сипас ба тақлид кардани онҳо дар гуфтору эҷод имконпазир шуморида буд [248, с.559]. Аз гуфтори Ҷоҳиз низ пай бурдан мумкин аст, ки дар даврае, ки забоншиносии араб, хусусан бахшҳои луғатнигорӣ ва сарфу наҳви он дар баландтарин қуллаи худ қарор дошт, аз навомӯзон на мутолиаву аз худ кардани қоидаҳои сарфию наҳвӣ, балки аз ёд кардани матнҳои гуногуни насриву назмӣ талаб карда мешудааст. Чунончи, Ҷоҳиз тарзи таълими он рӯзгорро ба гунае ба тасвир кашида мегӯяд: «Ба кӯдаконашон арҷузаҳоро ривоят мекарданд,

ҳикояҳоро меомӯзонданд, ба овози баланд хондан ва ба ҷо овардани эъроб дастурашон медоданд, зеро ин забончаро падидор ва гулӯро кушода менамояд» [114, с.272]. Ҷойи дигар мегӯяд: «Вале кӯдакро ҳамон қадар наҳв омӯзонед, ки ӯро аз хатогуфторӣ, аз навиштан ба монанди бесаводон ва аз хатохонии шеър нигаҳ дорад, ҳар чи аз ин афзун шуд, ӯро аз он чи барояш беҳтар аст, монеъ мешавад» [115, с.38].

Ҳамзамон, аз қиссаи тадриси Алӣ ибни Муборак Аҳмар ба фарзанди Ҳорун Рашид – Амин, бармеояд, ки дар он айём на аз рӯйи ягон маводи муайян таълим сурат намегирифтааст, балки муаллим худ интихоб мекардааст, ки чиро аввал таълим диҳад ва чиро баъд. Чунончи, Кисоӣ ба Аҳмар мегӯяд: «Онҳо (фарзандони Ҳорун Рашид – И.К.) ҳамарӯза ба ду масъала дар наҳв, ба ду байт дар маонии шеър ва чанд калимае аз забон ниёз доранд, ки ман ҳар рӯз пеш аз омаданат ба он ҷо ба ту нишон медиҳаму ту онро аз ёд карда, омада ба онҳо меомӯзонӣ» [252, с.159; 360, с.1671].

Илова бар ин, дар баробари китобҳои илмии наҳвӣ ҳанӯз дар асри дувуми ҳиҷрӣ дастурҳои таълимии наҳвӣ ба майдон омада будааст. Ба андешаи инҷониб, нахустин иқдомро дар ин самт Исо ибни Умар Абуамр Сақафӣ бо навиштани китобҳои «Ҷомеъ» ва «Комил» (Икмол) пеш гирифтааст. Чунин хулоса аз он бармеояд, ки ба вуҷуди он ду гуфтори Сибавайҳу шеъри Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ далолат мекунад, вале боқӣ намонданаш ба хотири таълимӣ будан ва аз илмият дур будани онҳо мебошад. Зеро мо дар сарчашмаҳои забоншиносии араб ба номгӯи зиёди таълифоте дар асрҳои II ва III ҳиҷрӣ зери унвони «Муқаддима фи-н-наҳв», «Ал-Муҷаз фи-н-наҳв», «Ал-Муқниъ фи-н-наҳв», «Ал-Эзоҳ фи-н-наҳв» ва амсоли ин рӯбарӯ мешавем, ки ҳама аз байн рафтаанд. Сабаби ин ба гумони ғолиб, пеш аз ҳама, дар китоби таълимӣ будани онҳо мебошад. Ба ин маъно, ки арзиши илмии ин китобҳо ба гунае набуда, ки ба мисли дигар китобҳои сирф илмии забоншиносии араб мавриди таваҷҷуҳи донишмандони замон қарор гиранду онҳо барои аз ёднамоӣ ва нусхабардории он саъю талоши худро

дареғ надоранд. Илова ба ин ки, чи тавре ишора шуд, дар он рӯзгор таълими илмҳо, хусусан, илми забоншиносӣ сар аз сарфу наҳв то балоғат, чи дар ҳуҷраҳои илмии дабистонгуна ва чи дар ҳалқаҳои илмии донишгоҳмонанд, на дар асоси ягон барномаву низоми муайян, балки такя ба маҳорату дониши устод/муаллим сурат мегирифтааст.

Ба ҳар тартиб, аз асри II ҳиҷрӣ китобе бо номи «Муқаддима фи-н-наҳв» то ба мо расидааст, ки ба донишманди форсу тоҷик ва ҳамсабақи Сибавайҳ - Халфи Аҳмар[94] нисбат дода мешавад ва сирф китоби таълимӣ мебошад. Дар муқаддимаи ин китоб худи муаллиф таъкид мекунад, ки «вақте наҳвиён ва асҳоби арабиро дидам, ки ба дарозгӯиву бисёрии иллатҳо машғуланд ва аз он чи омӯзандаи наҳв ба кӯтоҳбаёниву равишҳои арабӣ ниёз дорад, ғофил мондаанд, пас, тасмим гирифтам, ки китоберо таълиф намуда, дар он усулу адавот ва омилҳоро барои равиши навомӯзон оварам, то омӯзанда аз ҳар гуна дарозгуфторӣ бениёз гардад» [34-33.ص ،1961 الأحمر]. Ҳарчанд дар ин китоб омехтагии мавзуот ба назар расад ҳам, чунончи, муаллиф бо ёдоварӣ аз ҳиссаҳои сегонаи нутқи арабӣ дар ҳол ба баёни омилҳои марфуъсози калимаҳо мепардозад, вале ба ҳар сурат кӯшидааст, то аз овардани масъалаҳои хилофӣ ва аз мавзуоти печида, аз қабили эъроби тақдириву маҳаллӣ, аломатҳои асливу фаръии эъроб, навъҳои хабару сифат ва боби танозуъу иштиғол худдорӣ намояд [204; 317, с.40-43; 299, с.34-35].

Дар асрҳои IV-V ҳиҷрӣ таълифи китобҳои таълимӣ афзоиш ёфтан мегирад. Масалан, «Ал-Муқниъ»-и Нафтавайҳ, «Ал-Мухтасар фи-н-наҳв»-и Ибни Шуқайр, «Ал-Муҷаз фи-н-наҳв»-у «Ал-Муқниъ фи-н-

---

[94] Халф ибни Ҳаён ибни Муҳриз мавлои Билол ибни Абубурда ибни Абумусо Ашъарӣ маъруф бо Халфи Аҳмар аз донишмандони машҳури мактаби забоншиносии Басра ва ҳамсабақи Сибавайҳ буда, ҳар ду дар назди Юнус ибни Ҳабиб, Абулхитоб Ахфаш, Исо ибни Умар Сақафӣ, Ҳаммод ибни Салама ва дигарон таълим гирифтаанд[204, с.15]. Халфи Аҳмар ба иттифоқи ҳама сарчашмаҳо аз мардуми форсу тоҷик буда, бархе ӯро ба Суғд [180, с.383], бархе ба Хуросон [83, с.84] ва бархе дигар ба Фарғона [289, с.181-182] нисбат медиҳанд, ки ӯро дар ҷамъи дигар мардум Қутайба ибни Муслим ба унвони ғанимат ба Ироқ оварда будааст. Мавсуф дар баробари донишманди илми наҳв будан яке аз шахсиятҳои калидӣ дар ривояти шеърҳои даврони ҷоҳилии араб ба шумор меравад.

наҳв»-и Ибни Хайёт ва «Ал-Авомил фи-н-наҳв»-у «Ал-Аввалиёт фи-н-наҳв»-и Ибни Форсӣ ва ғ. то замони мо нарасида бошанд ҳам, вале аз ном ва гуфторе, ки бархе донишмандон дар сифати онҳо гуфтаанд, дарёфтан мумкин аст, ки ин китобҳо бевосита китобҳои таълимӣ будаанд.

Мавриди зикр аст, ки ин раванд на фақат дар сарзаминҳои араб, балки дар сарзаминҳои форсу тоҷикнишин низ идома ёфт. Ҳамин аст, ки мо дар асрҳои V-IV ҳиҷрӣ ба баъд шоҳиди таълифоту таснифоти зиёди забоншиносие мешавем, ки бевосита дар Хуросону Мовароуннаҳр ба майдон омадаанд ва сирф характери таълимӣ доранд. Ба назар мерасад, ки муаллифони чунин китобҳои таълимӣ маҳз ҳамон донишмандоне ҳастанд, ки дар бахши забон ва ё наҳв асарҳои бузурги илмӣ тасниф намудаанд. Дар ин ҷо месазад ба китоби «Миат-ул-омил»[95]-и Абдулқодир Ҷурҷонӣ (400 ҳ/1009 м - 471 ҳ/1078 м) соҳиби бузургтарин асарҳои балоғӣ, чун «Асрор-ул-балоға»-ву «Далоил-ул-эъҷоз» ва шарҳи муфассали сиҷилда ба «Ал-Изоҳ»-и Абуалӣ Форсӣ бо унвони «Ал-Муғнӣ фи шарҳ-ил-Изоҳ» ишора кард [89, с.265]. Асари мазкур сарфи назар аз хурдҳаҷмӣ яке аз китобҳои дарсӣ дар ҳалқаҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр будааст. Чунончи, устод С.Айнӣ ишора мекунад, «талаба вақте мактаби ибтидоиро тамом кард…. дар сарфи арабӣ «Муиззӣ» ва «Занҷонӣ» ном китобчаҳои арабиро ва дар наҳви арабӣ «Авомил» ном як китобчаро мехонд ва ибораҳои арабии ин китобчаҳоро бо тарҷимаи тоҷикиашон аз ёд мекард» [365, с.135]. Дар тавсифи муҷазбаёнӣ ва судмандии ин асар гуфта мешавад, ки «агар ба он калимае афзоӣ, пас, он афзуда ба масобаи шарҳи он мешавад ва агар вожаеро аз он кам кунӣ, дар он камбуду халал пайдо мешавад» [263, с.9] ва воқеан чунин ҳам ҳаст.

Ҷурҷонӣ нахуст омилҳои наҳвиро, ки дигаргуниҳои эъробӣ ба онҳо бастагӣ дорад, ба ду гурӯҳ: лафзӣ ва маънавӣ ҷудо карда, пасон лафзиро ба самоъию қиёсӣ тақсим мекунад. Ҳамзамон, омилҳои лафзии

[95] «Миат-ул-омил» боз бо номи «Ал-Авомил-ул-миа» ва ё ба таври кӯтоҳ «Авомил» шуҳрат дорад.

самоъӣ ба 91 ва омилҳои қиёсии он ба 7 адад раддабандӣ мешавад. Сипас омилҳои маънавӣ ба ду омил тақсим мегардад. Ба ин тартиб, ҷамъи ҳама омилҳо ба 100 омил мерасад [263, с.39-40], ки номи китоб низ аз ҳамин ҷо гирифта шудааст.

Асарҳои «Ал-Ҳодӣ ли-ш-шодӣ», «Ан-Наҳв-ул-майдонӣ» ва «Нузҳат-ут-тарф фи илм-ис-сарф» аз асарҳои таълимиеанд, ки ба Абулфазл Майдонӣ тааллуқ доранд, ду китоби аввал дар робита ба наҳв будаву ҳанӯз дар шакли дастхатанд ва ахирӣ ба сарф бахшида шудаву чандин бор рӯйи чоп омадааст. Ривоят мекунанд, ки вақте Замахшарӣ китоби «Ал-Ҳодӣ ли-ш-шодӣ»-и Майдониро мутолиа кард, гуфт: «Ин китоб бо чунин печидагии маониву дақиқӣ чаро чунин номида шудааст? Вожаи «الشادي» ба маънои нафарест, ки баҳрае аз илм дорад, вале ин китоб на барои навхон, балки барои нафарест, ки мутолииааш баромадааст (дар илм ба ҷойе расидааст)» [89, с.288]. Аз ин гуфтори Замахшарӣ метавон хулоса кард, ки дар ҳамон давра низ байни китобҳои илмӣ ва таълимӣ тафовут гузошта мешудааст.

Дар таснифи китобҳои таълимӣ Замахшарӣ низ пешсаф ба шумор меравад, чаро ки ду китоби наҳвии ӯ: «Ал-Унмузаҷ фи-н-наҳв» ва «Ал-Муфрад ва-л-муаллаф»-и ӯ маҳз ба хотири таълими наҳви арабӣ таълиф гаштааст. Дар робита ба «Ал-Муфрад ва-л-муаллаф» ҷойи дигар ба таври муфассал сухан гуфтаем ва чи гунае дар он ишора мешавад, дар таълифи он Замахшарӣ равиши наверо ба кор бурдааст, ки барои навомӯзон чи, ҳатто барои донишмандони соҳибкитоб ноошно буд. Аммо «Ал-Унмузаҷ фи-н-наҳв» ба гунае шакли мухтасари «Ал-Муфассал фи илм-ил-арабия»-и ӯ мебошад[299, с.86-87]. Муаллиф дар ин китоб кӯшидааст, то аз ҳар гуна дарозгуфторӣ ва овардани хилофҳои байни донишмандон худдорӣ карда, қоидаро бо овардани мисолҳо татбиқ намояд. Чунончи, дар аввали он асар мегӯяд: « الكلمة مفرد (وهي) إما اسم كرجل. وإما فعل كضرب. وإمّا حرف كقد. الكلام مؤلف إما من اسمين أُسنِدَ أحدُهما إلى الآخر نحو: زيد قائم. وإما من فعل واسم نحو:ضرب زيد، ويسمّى (كلامًا) وجملة»[126, с.15]. (Тарҷума: Калима танҳо аст: исм ба монанди мард, феъл ба монанди зад ва ҳарф ба

монанди ҳиссачаи «قد». Калом бошад, мураккаб аст: аз ду исме, ки яке ба дигаре иснод шудааст, ба монанди «Зайд росто аст» ва аз феъл ва исм, ба монанди «Зайд зад» ва ин гуна калом ҷумла номида мешавад).

Мавриди зикр аст, ки дар ҳавзаҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр дар илми сарф китоби «Занҷонӣ» шуҳрат дошт ва дар наҳвомӯзӣ бошад, пас аз «Ал-Авомил-ул-миа»-и Ҷурҷонӣ бештар ба китоби «Ал-Кофия»-и Ибни Ҳоҷиб (570 ҳ/1174 – 646 ҳ/1249) - намояндаи мактаби забоншиносии Миср, таваҷҷуҳ карда мешудааст. Аз ҷумла, ба шарҳи он пардохтани Абдураҳмони Ҷомӣ ба хотири фарзандаш баёнгари он аст, ки наҳви арабиро дар ин диёр аз рӯйи он меомӯхтаанд. Ҳамзамон, устод С.Айнӣ таълими наҳвро аз рӯйи ин китоб дар Бухоро таъкид мекунад: «Баъд аз ин як қисми «Ал-Кофия» ном як китоби арабиро, ки дар вай наҳви забони араб батафсилтар баён меёфт, мехонд» [365, с.135].

Ҳамзамон, дар ҳавзаҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр донишмандон барои осон кардани кори наҳву сарфомӯзон чандин китоби сарфию наҳвии таълимиро дар як муҷаллад гирд овардаанд. Шакли муосиртари ин гуна китоб бо номи «Ҷомеъ-ул-муқаддамот» ба шумор меравад, ки дар худ 15 асарро дар бар гирифтааст, ки ба ҷуз аввалӣ: «Одоб-ул-мутааллимин» (бо забони арабӣ ва тарҷумаи форсӣ), 13-тои дигари он: «Ал-Амсила» (бо забони форсӣ), «Шарҳ-ул-амсила» (бо забони форсӣ), «Сарфи мир» (бо забони форсӣ), «Ат-Тасриф» (бо забони арабӣ), «Шарҳ-ут-тасриф» (бо забони арабӣ) ва «Ас-Сияғ-ул-мушкила» (бо забони форсӣ) бевосита ба мавзуоти сарфӣ; «Ал-Авомил ли-л-Ҷурҷонӣ» (бо забони арабӣ), «Ал-Авомил-ул-манзума» (бо забони форсӣ), «Шарҳ-ул-авомил фи-н-наҳв» (бо забони арабӣ), «Ал-Авомил лимулло Муҳсин» (бо забони арабӣ), «Ал-Ҳидоя» (бо забони арабӣ), «Шарҳ-ул-унмузаҷ» (бо забони арабӣ), «Ас-Самадия» (бо забони арабӣ) ба мавзуоти наҳвӣ ва 1-тои он: «Ал-Кубро фи-л-мантиқ» (бо забони форсӣ) ба мантиқ бахшида шудааст[173].

Чи тавре дида мешавад, дар асрҳои ахир дар ҳавзаҳои илмии сарзаминҳои форсу тоҷикнишин дар баробари китобҳои илмии ба

забони арабӣ таълифшуда боз китобҳои таълимӣ-дарсии зиёди сарфию наҳвӣ бо забони форсии тоҷикӣ таълиф гаштааст.

БОБИ 5. ЗАБОН ВА ЗАБОНШИНОСИИ АРАБ ДАР САРЗАМИНҲОИ ФОРСУ ТОҶИК

5.1.Интишор ва таҳаввули забони арабӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр

Интишори забоншиносии араб дар сарзаминҳои форсу тоҷикнишин бо интишори забони арабӣ пайванди ногусастанӣ дорад, зеро интишори аввалӣ ва мавриди таваҷҷуҳи мардум қарор гирифтани он маҳз ба хотири омӯзиш ва дарки хусусиятҳои забон будааст. Ба ин хотир дар ин ҷо тасмим гирифта шуд, то пеш аз интишори забоншиносии араб дар сарзаминҳои форсу тоҷикнишин атрофи интишори забони арабӣ дар ин диёр ва ба таҳаввулу дигаргунӣ рӯбарӯ шудани он пажуҳише анҷом дода шавад.

Бо интишори ислом забони арабӣ низ интишор ёфт ва мардуми сарзаминҳои ғайриараб, бо назардошти таҳозои шароити давр, дар баробари гаравидан ба дин ба омӯзиши забони арабӣ рӯ оварданд. «Гурӯҳе аз рӯйи сиёсату тиҷорат, теъдоди зиёди ходимон ва маъмурони дафтару девони хилофат барои дарёфти маош ва иддае ҳам барои донишандӯзӣ ва ғайра забони арабиро дар баробари забони модарии хеш аз бар мекарданд. Дар натиҷа як ҳолати дузабонӣ дар ҷомеа, махсусан дар шаҳрҳои калон пайдо шуд. Бо вуҷуди ин ҳама барои оммаи васеи мардумони Хуросону Мовароуннаҳр ва дигар манотиқи Эрон, ки дини мубини исломро нисбатан ба осонӣ қабул карда буданд, забони арабӣ забони бегона боқӣ монд ва ҳаргиз ба ҳайси забони умумӣ пазируфта нашуд» [66, с.16]. Ин дар ҳолест, «тозиёне, ки ба Эрон меомаданд, низ метавон ҳадс зад, ки чандон ба худ заҳмати фаро гирифтани форсиро намедодаанд, чи онҳо худ чандон шефтаву дилбастаи забони худ будаанд, ки гӯё ҷуз он забонеро дархӯри сухан гуфтан барои хеш намедонистаанд» [313, с.62].

Мардуми форсу тоҷик дар интишори ислом ва ташаккулу забони илм гаштани забони арабӣ саҳми инкорнопазир доранд. Ба ин маъно, ки на фақат меросбарони ин миллат, балки худи арабҳо хидматҳои шоёни ин донишмандонро сутудаанд. Донишмандоне, аз қабили Ибни

Муқаффаъу Абдулҳамиди Котиб, Сибавайҳу Фарро, Ибни Форису Заччоҷӣ, Ҷарири Табарию Абубакри Хоразмӣ, Форобию Ибни Сино ва садҳо абармардони дигар, чи дар тарҷумаи китобҳои илмӣ-адабӣ ва чи дар риштаи таълифу таҳрир ва пешниҳоди бартарин андешаҳои илмӣ-фалсафӣ ба забони арабӣ, дар рушду пешрафти тамаддуни башарӣ бузургтарин корҳоро анҷом додаанд. Вале ҷолиб ин аст, ки таълифоти донишмандони тоҷиктабор бо доштани бузургтарин маълумоти илмӣ-фалсафӣ ва шаръӣ аз нигоҳи услуби баён ва корбурди таъбирҳо аз тарзи нигориши донишмандони асили арабӣ то ҷойе тафовут доранд. Масалан, дар муқоиса қарор додани таълифоти Ибни Муқаффаъ, ки хусусияти тарҷумавӣ доранд, бо асарҳои тарҷуманамои Ҷоҳиз андешаи боло таъйид мешавад.

Масъалаи густариши забони арабӣ дар сарзаминҳои форсу тоҷик ҳанӯз дар осори донишмандони гузаштаи арабу тоҷик чун Ибни Батутаву Масъудӣ, Ибни Форису Ҷаҳшиёрӣ матраҳ гаштааст. Дар осори ба таърихи адабиётбахшидаи донишмандони муосири араб: Ҷурҷи Зайдон, Тоҳо Ҳусайн, Умар Фаррух, Шавқӣ Зайф ва асарҳои донишмандони эронӣ Озарнӯши Озартош, Қосим Тусирконӣ ва дигарон масъалаи интишори забони арабӣ дар байни форсу тоҷик баррасӣ гаштааст. Ин нукта дар осори шарқшиносони рус, аз қабили И.М.Оранский [44] бозтоби худро ёфтааст. Густариши забони арабӣ ва бархӯрди он бо забонҳои маҳаллӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр дар китобҳои «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров [17], «Забони миллат-ҳастии миллат»-и Эмомалӣ Раҳмон [66], мақолаҳои илмии арабшиносони тоҷик: Т.Мардонӣ [35], С.Сулаймонов [55] ва А.Саломов [53] мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, донишманди эронӣ Озартоши Озарнӯш дар «Чолиш байни форсӣ ва арабии садаҳои нахуст»[79] ин масъаларо аз нигоҳи таърихӣ бисёр таҳлили мукаммал намудааст.

Мавриди зикр аст, ки чи дар осори гузашта[96] ва чи дар пажуҳишҳои муосир аз вижагӣ ва ё тафовути забони арабии дар сарзаминҳои ғайриарабӣ, аз ҷумла диёри тоҷикон сухан намеравад, дар ҳоле ки дар бархе сарчашмаҳои тарҷумаҳолӣ ба дараҷаи арабидонӣ ва ҷойгоҳи донишмандони форсу тоҷик дар илми арабӣ ишора шудааст. Чунончи, дар робита ба арабидонии Абуҳомиди Истивоӣ таъбири كان له حظ من العربية (аз арабӣ бархӯрдор буд); Абубакри Тирозиву Абуалии Муғконӣ كان عارفاً بالعربية (донандаи арабӣ буд); Абумуҳаммади Бухорӣ كان ماهراً في العربية (дар арабӣ моҳир буд); Хадиҷа бинти Муҳаммади Ҷузҷонӣ كانت تحسن العربية والكتابة(забони арабӣ ва нигоришро наку медонист) ва дар мавриди бархе дигар таъбири له معرفة جيدة وقوية بالعربية (дониши хубу накуи арабӣ дошт) оварда мешуд [139, с.109-110]. Ба ашъори арабии шоирони арабисарои форсу тоҷик низ чунин баҳодиҳӣ сурат гирифтааст. Чунончи, соҳиби «Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср» дар робита ба шеъри арабии Масъуди Саъди Салмон гуфтааст: «ба такаллуф дубайтӣ ба арабӣ суруда ва тоза мазмуни он ҳам як маънои аҷамӣ аст»[97] [79, с.271]. Балоғат ва бартарии ашъори форсӣ-тоҷикии Саъдии Шерозӣ бар ашъори арабизабониаш низ таъкид шудааст.

Дар осори гузашта дар баробари ин ба маҳорат ёфтани инсон дар фарогирии як ё ду забон низ баҳсҳо сурат гирифтааст. Чунончи, Ҷоҳиз таъкид мекунад, ки ҳангоме ки инсон бо ду забон сухан мегӯяд, ҳатман,

---

[96] Ба истиснои «Муқаддима»-и Ибни Халдун, ки дар он андешаҳои арзишманду бокире дар робита ба чигунагии забони арабии ғайриарабҳо оварда шудааст, ки бархе аз он дар ин пажуҳиш иқтибос гардидаанд.

[97] Имодуддини Исфаҳонӣ дар бораи Масъуди Саъди Салмон мегӯяд: «Масъуд ибни Салмон. Шоири форс. Дар замони Низомулмулк мезиста. Дар эҷоди шеъри форсӣ чирадаст буд ва гоҳе як ё ду байт бо арабӣ бо такаллуф сурудааст. Дар маҷмуае ин (шеъри ӯ)-ро хондам, ки маъно аҷамӣ ва нақл (тарҷума шудааст):

يعيبوني أني أقول مغاضباً
حبيبي عندي حبه قيمة الحب
بلى قيمة المعشوق عندي حبة
ولكنما أعني بها حبة القلب

(тарҷума: Маро накӯҳиш мекунанд, ки дар ҳоли ғазаб мегӯям,
Муҳаббати ёрам як дона арзиш дорад.
Бале, арзиши маъшуқ назди ман як дона аст,
Вале бо он дона донаи дилро дар назар дорам). [291, с.151].

як забон ба забони дигар таъсир карда, ғуборе бар он мегузорад [116, с.76], ба ин маъно, ки инсон наметавонад дар ду забон маҳорати баробар дошта бошад. Дар ҳоле ки Абуҳилоли Аскарӣ маҳорат доштан дар як забонро асоси маҳорат доштан дар забони дигар мешуморад: «Ҳар ки ҷобаҷогузории маонӣ ва истифодаи гуногуни калимаҳоро дар яке аз забонҳо бидонад, сипас ба забони дигар гузарад (забони дигарро омӯзад - И.К.), санъати сухан дар забони дувум низ ҳамгуни забони аввал муҳайё мегардад. Магар Абдулҳамиди Котибро намебинӣ, ки намунаҳои нигоришеро, ки барои ояндагон боқӣ гузоштааст, аз забони форсӣ баргирифта, сипас ба забони арабӣ интиқол (тарҷума) кардааст»[98] [138, с.75].

Донишмандони муосири араб низ дар робита ба забони асари баъзе донишмандони форсу тоҷик изҳори андеша намудаанд. Чунончи, Тоҳо Ҳусайн бо ишора ба забони арабии Ибни Муқаффаъ мегӯяд, ки вақте навиштаи Ибни Муқаффаъро мехонем, дар он печидабаёниро мебинем. Вақте мехонем, эҳсос мекунем, ки нависанда дар мавриди баён кардани маонӣ душворӣ мекашад. Инро на фақат бо ақл, балки бо гӯш низ эҳсос мекунем. Инчунин, дармеёбем, ки Ибни Муқаффаъ ба наҳви арабӣ вазифаҳоеро бор кардааст, ки шояд дар он давр (наҳви арабӣ) бардошти онро надошт. Ҳарчанд Ибни Муқаффаъ саромади нависандагон, соҳиби муъҷизаҳо ва муассиси беҳтарин намуна дар насри арабӣ бошад ҳам, дар фасоҳат ва наҳви арабӣ бисёр бархӯрдор набудааст. Муқоисаи ӯ бо он чи наҳвиён ва дигарон навиштаанд, бароятон равшан менамояд, ки ӯ беш аз шарқшиносе набуда, ки забони арабӣ ва форсиро ба таври наку аз худ мекунад ва дар ин ҷода талоши зиёде мекунад, пас, бештари маврид комёб ва гоҳ-гоҳе ба хатоӣ роҳ медиҳад [240, с.33].

---

[98] Вале далеле бар чирадастии Абдулҳамиди Котиб дар забони форсии тоҷикӣ ҷойе ишора нашудааст ва ҳуҷҷате низ дар даст нест. Аз ин рӯ, инҷониб дар ин масъала гуфтори Ҷоҳизро таъйид менамояд, ки инсон наметавонад ду забонро бо тамоми нозукиҳои дастуриву балоғияш баробар бидонад.

Ё худ донишмандони дигари муосир ба тарзи баёни Шайхурраис Ибни Сино ишора намуда, таъкид намудаанд, ки услуби Ибни Сино дар таълифоти фалсафиаш якранг нест. Чунончи, услуби забони осори нахустинаш то ҷойе душвор ва аз салосат то ҳадде дур аст. Вақте дар Исфаҳон иқомат кард, ба омӯзиши адабиёти араб таваҷҷуҳи бештар намуд ва услуби худро, ки мавриди танқиди бархе адибони муосираш қарор гирифта буд, неку намуд. Китобҳое, ки дар охири умр навиштааст, хусусан «Ишорот ва танбеҳот» ин пешрафтро таъйид мекунад. Аз ин мебарояд, ки аз нигоҳи таъбир китобҳои баъдиаш аз китобҳои нахустинаш аз балоғати бештар бархӯрдоранд[260, с.68; 226, с.37]. Ба назари инҷониб, аслан, таҳаввул дар услубу тарзи баёни Ибни Сино, аз як тараф, пайванде ба таҷриба дошта бошад, аз тарафи дигар, бастагӣ ба муҳити забонӣ дорад. Ба ин маъно, ки муҳити Исфаҳон дар замони зиндагии Ибни Сино аз Самарқанду Бухоро дида барои забони арабӣ муносибтар буд, чаро ки дар он рӯзгор арабҳо дар Исфаҳон нисбат ба Самарқанду Бухоро ҳузури бештар доштанд.

Мусаллам аст, ки бо интишори ин ё он забон дар сарзаминҳои нав ва мавриди корбурд қарор гирифтанаш аз ҷониби ғайри соҳибзабонон, ҳатман, ба дигаргунӣ рӯбарӯ мешавад. Ҳамин аст, ки забонро метавон ба дарахти борваре ташбеҳ намуд, ки дар натиҷаи парвариш намудани ниҳол ва ё донаи он дар замини дигар аз таъсири обу хок ва боду ҳаво дигаргунӣ дар борварӣ ва дар мазаву лаззати меваи он дида мешавад. Забон низ вақте дур аз гаҳвораи худ қарор мегираду дар сарзамини забонҳои дигар реша медавонад, ҳатман, таҳаввулоте дар он пайдо мешавад, ба гунае ки аз сатҳи савтиёт то маонии калимаву таркибсозии ибораву ҷумлаҳо ба тағйирот дучор мегарданд. Ин дар ҳолест, ки агар забон дар сояи давлат бошаду аз ҷониби зимомдорони давр мавриди дастгирӣ қарор гирад, вагарна дар акси ин на фақат таҳаввул, балки нобудии он ҳадс зада мешавад. Зеро «таърих шоҳид аст, ки ҳар забоне, ки аз саҳнаи сиёсат ва қудрат хориҷ мешавад, ҳатман, харобу камарзиш ва нотавону камзарфият гардида, тавони муқовимату истодагариро дар

баробари фишору тазйиқи забони ҳоким аз даст медиҳад ва дар тангнои фано қарор мегирад. Зеро забон дар паҳно ва сояи давлат қувват ва неру мегирад ва давлат аст, ки барои рушду нумуи забон муҳити мусоиди зисту амал фароҳам меоварад» [66, с.172].

Ин нукта танҳо барои забони арабӣ не, балки ба ҳар забоне, ки дур аз гаҳвораи худ қарор мегирад, хос мебошад. Таъбир ба сифати муҳимтарин абзори забон вақте дар зеҳни ғайри соҳиби забон пайдо гаштаву баёнгари андешаи бо забони дигар эҷодшуда мебошад, ҳатман, дар ҳастии забон таъсир мегузорад ва онро аз забони асил мутафовит мегардонад. Ҳамин аст, ки вақте асаре бо забони русӣ, англисӣ, арабӣ ва ё забони дигаре аз ҷониби тоҷик ва дар муҳити тоҷикӣ эҷод мешавад, дарку фаҳми он барои хонандаи тоҷике, ки он забонро меомӯзад, осон аст, чаро ки дар он тарзи андеша ва равиши баёни тоҷикӣ нуҳуфтааст. Ба ин маъно, ки забони асар ва калимаву ҷумлаҳо тоҷикӣ набошад ҳам, вале тору пуди паёме, ки нависанда онро расонидан мехоҳад, бо тоҷикӣ ресида шудаанд. Ва дарки чунин асар, бе тардид, барои соҳибзабон душворӣ эҷод мекунад, зеро дар калимаву ибора ва сохти ҷумла ҳама чизи ошноро мебинад, вале маъно ва ҳадафи он навиштаву гуфторро дарк карда наметавонад. Дар ин ҷо сухани он аъробӣ ба ёд мерасад, ки гузараш ба мачлиси дарси наҳви Ахфаш меафтаду муддате ба сухани мардуми дар он ҷо ҷамъомада дар мавзуи наҳв гӯш медиҳад ва аз гуфтори он мардум дар ҳайрат монда, безобита мегардад. Ахфаш инро дида аз ӯ мепурсад: «Бародари араб, чи шунидӣ»? Аъробӣ мегӯяд: «Мебинам, ки шумо бо гуфтор (забон)-и мо дар бораи гуфтор (забон)-и мо ба гунае сухан мегӯед, ки аз гуфтор (забон)-и мо нест» [103, с.253].

Осори ба арабӣ таълифнамудаи донишмандони форсу тоҷикро метавон ба ду қисм ҷудо намуд: а) осоре, ки аз ҷониби донишмандони форсу тоҷик дар муҳити арабӣ таълиф шудааст; б) осоре, ки аз ҷониби донишмандони форсу тоҷик дар муҳити ғайриарабӣ таълиф гаштааст.

Аслан, донишмандоне, ки дар муҳити арабӣ тарбия ёфтаанд ва ё бевосита дар он муҳит ба сар бурдаву ба таълиф машғул гаштаанд,

забони осорашон аз забони осори таълифкардаи донишмандони асили араб тафовуте надорад ва ҳатто дар балоғату салосат намунаи олие дар адабиёти араб ба шумор мераванд. Дар ин ҷо метавон аз забони осори Имоми Аъзам, Муҳаммади Шайбонӣ, Сибавайҳ, Ибни Фарро, Ҷарири Табарӣ, Абуҳомиди Ғаззолӣ, Форобӣ, Абуалӣ Форисӣ, Саълаб, Ибни Форис, Ибни Заҷҷоҷ, Саолабӣ, Замахшарӣ, Разиюддини Асторободӣ ва ғайра ёд кард, ки ҳатто соҳибзабононро дар ҳайрат гузоштаанд ва ранги арабияти онҳо, пеш аз ҳама, аз он аст, ки ин донишмандон ё тарбиятдида, ё хатмкардаи муҳити арабианд ва ё дар муҳити арабӣ зиставу таълиф кардаанд ва метавон ҳадс зад, ки забони фикррониашон забони арабӣ будааст. Дар ин ҷо метавон барои таъйиди гуфтор аз андешаи Ибни Халдун дар масъалаи забондонӣ ёдовар шуд, ки мувофиқи он танҳо бо зиндагӣ намудан дар байни аҳли забон метавон аз хусусиятҳои он забон бархӯрдор гашт ва завқ/салиқаи забонӣ пайдо намуд. «Мардуми ғайриараб, аз қабили форсҳову румиён ва туркҳо дар Машриқ ва барбарҳо дар Мағриб, ки ба забони арабӣ бегона мебошанд, бинобар омезиш ва бархӯрд бо араб маҷбур гаштаанд, ки ба ин забон сухан гӯянд. Вале салиқаи забонӣ барояшон ҳосил намешавад, чаро ки муддате аз умрашон сипарӣ шудаву салиқаи забониашон дар фарогирии забони модариашон ба бор омадааст… Бо фаро гирифтани қоидаҳои китобӣ ин малакаи забонӣ ҳосил намешавад, балки он ниёз ба ҳамзистӣ бо соҳибзабонон ва такрори суханони араб дорад. Агарчи Сибавайҳу Форисӣ ва Замахшарӣ ва амсоли инҳо, ки устодони забони арабӣ ҳастанд, ғайриараб (форс) бошанд ҳам, танҳо аз рӯйи насаб ғайриарабанд, чун дар байни арабҳо тарбияву бузург шудаанд. Онҳо дар аввали тарбияташон ба гунаи хурдсолони араб буданд, ки дар муҳити забони арабӣ бузург шудаву табиати ин забонро аз худ кардаанд ва аз аҳли он гаштанд. Агарчи онҳо аз рӯйи насаб ғайриараб буданд, вале аз нигоҳи забону гуфтор ғайриараб нестанд, чун онҳо динро дар оғоз ва забонро дар ҳамон ҷавонияш, ки ҳанӯз асари малакаи он нарафта буд,

дарёфтанд, сипас дар фаро гирифтану аз худ кардани гуфтори араб ҳиммат гумоштанд ва ба беҳтарин натиҷаҳо расиданд» [248, с.561-563].

Бар хилофи ин донишмандон таърихи илми форсу тоҷик боз шоҳиди шумораи зиёде аз донишмандони арабинигоре мебошад, ки забони арабиро дар муҳити ғайриарабӣ аз худ кардаву маҳз дар чунин муҳите ба таълифу тасниф пардохтаанд. Барои таъйиди гуфтор метавон дар ин ҷо аз осори фиқҳиву забоншиносӣ ва фалсафие ёдовар шуд, ки аз ҷониби донишмандони тоҷик ва дар муҳити тоҷикнишин навишта шудаанд. Чунончи, китоби «Мухтасар-ул-виқоя» дар фиқҳ, ки ба қалами Убайдуллоҳ ибни Масъуд ибни Тоҷушшариа тааллуқ дорад, китоби бунёдие дар омӯзиши масоили фиқҳи ҳанафӣ дар назди руҳониёни тоҷик ба шумор меравад, чун ин китоб бо забони арабӣ, вале бо руҳияи тоҷикӣ навишта шудааст. Дар забоншиносӣ бошад, китоби «Ал-Фавоид-уз-зиёия»-и Мавлоно Ҷомиро, ки бо «Шарҳи Мулло» шуҳрат дорад, метавон мисол овард, ки китоби рӯйимизии арабиомӯзони тоҷики то Инқилоби Октябр ба шумор мерафт. Воқеан, ин асар дар байни омӯзандагони тоҷике, ки ба омӯзиши наҳви арабӣ таваҷҷуҳ доштанду доранд, аз ҷойгоҳи волое бархӯрдор аст, дар ҳоле ки наҳвомӯзони араб ба он таваҷҷуҳе надоранд. Ё худ дарки забони арабии осори Абуалӣ ибни Сино, хусусан осори фалсафии ӯ аз донишмандони араб дида барои донишмандони арабидони эронӣ ва аз инҳо дида барои донишмандони арабидони тоҷик осонтар аст, чаро ки муҳити таълифоти Шайхурраис, аслан, тоҷикӣ буд. Ҳамин аст, ки дарки маонии осори арабии Ибни Сино ва тарҷумаи муваффақонаи онҳо барои устод Сайидраҳмон Сулаймонӣ нисбат ба дигар донишмандони ғайритоҷик осонтар аст, зеро устод дар баробари огоҳии хуб доштан аз фалсафаву улуми дигар ва донандаи хуби забони арабӣ будан боз дар ҳамон муҳите ба сар мебарад, ки Ибни Сино зодаву тарбиятдидаи он аст.

Ин гуфтор ба маънои заъфи арабидонии чунин бузургон нест, балки як ҳақиқатест, ки ҳар нафаре метавонад ба он рӯбарӯ шавад. Зеро ҳангоми дар ғайри муҳити забон қарор доштану таълиф намудан, аз

таъсири забони дар он муҳит роиҷ касе канора монда наметавонад. Вақте соҳибзабоне аз муҳити забонии худ дур афтодаву муддате дар байни мардуми дигар ба сар мебарад, дар таълифаш таъсири забоне, ки дар муҳити он зиндагӣ мекунад, эҳсос мешавад. Пас, соҳибзабоне, ки дар муҳити забонии худ зиставу ба забони омӯхтааш таълиф мекунад, магар аз таъсири забони модариаш ба забони омӯхтааш эмин мемонад? Ҳаргиз не! Дар ин рӯзгор худ шоҳидем, ки бо пешрафти илму техника ва истифода аз моҳвораҳову шабакаҳои иҷтимоии интернет ва барномаҳои телефонӣ мешавад муҳити маҷозиеро барои омӯзиши дилхоҳ забон муҳайё карду пайваста бо соҳибзабонон бевосита дар тамос буд, дар ҳоле ки бо ин ҳама шароит аз таъсири забони модарӣ дар гуфтори забони омӯхташуда эмин буда наметавонем. Пас, дар рӯзгоре, ки барои рӯбарӯ шудан ба як соҳибзабон ниёз ба чандин рӯзу моҳ дошт, оё забони омӯхташуда аз забони модарӣ эмин буда метавонист?!

Аз омӯзиши ин мавзуъ бармеояд, ки муҳити забонӣ дар пайдо шудани малакаи забонӣ таъсири зиёд мерасонад ва сарфи назар аз синну сол[99] инсон вақте дар муҳити забоние муддати тулонӣ умр ба сар мебарад, ҳатман, аз нозукиҳои он забон огоҳ мегардад ва андешаронияш бо он забон сурат мегирад ва таъбироташ ба таъбироти соҳибзабонон ҳамгуну ҳамранг мегардад. Масалан, дар мавриди Абунасри Форобӣ ҳикоят мекунанд, ки вақте БаҒдод омад[100], забони туркӣ ва чанд забони дигарро ба ҷуз арабӣ медонист. Аз ин рӯ, дар БаҒдод ба омӯзиши забони арабӣ пардохт ва дар он маҳорати комил ёфт, сипас ба донишҳои фалсафӣ машҒул гашт [112, с.153]. Маҳз дар муҳити арабӣ муддати мадид зистан ба Форобӣ имконият фароҳам овард, ки андешаҳои фалсафӣ, мантиқӣ ва забонии худро бо забони арабӣ дар беҳтарин сурат ба риштаи таҳрир кашад, ки тафовуте байни забони осори ӯ ва забони

[99] Ҷойи баҳс нест, ки инсон ҳар қадар дар синни хурдӣ дар муҳити забоние қарор гирад ва дар он тарбия ёбад, ҳамон қадар малакаи забондонӣ ва завқи забонияш бештар такомул меёбад.
[100] Тибқи ривояте Абунасри Форобӣ ҳангоми БаҒдод рафтан, аллакай, 38-сола буд.

донишмандони сирф арабӣ дида нашавад[101]. Ба ибораи дигар, муҳит ҳамон гуна ки ба рафтору ҷаҳонбинии инсон таъсир мекунад, ба забону тарзи баёни ӯ низ таъсир мегузорад. Ба таъкиди Ҷалолиддини Румӣ, «…одамӣ бингарад, ки халқро дар фалон шаҳр чӣ коло мебояд ва чӣ колоро харидоранд, он харад ва он фурӯшад, агарчи дунтар матоъҳо бошад… Мо агар дар он вилоят мемондем, мувофиқи табъи эшон мезистем ва он меварзидем, ки эшон хостандӣ…» [367, с.93].

Чи тавре ишора намудем, донишманди эронӣ Озартоши Озарнӯш ба масъалаи мазкур бисёр диққат дода, дар китоби «Чолиш байни форсӣ ва арабии асрҳои нахуст» зерфаслеро бо унвони «Арабӣ ба сабки эронӣ» овардааст, ки дар он мегӯяд: «Ҳаргиз набояд пиндошт, ки эрониёни арабинигор дар садаҳои пешин ҳама дар сафи Соҳиб Аббод ё Бадеъ Ҳамадонӣ менишастанд. Он чи табиӣ, ҳамагонӣ, роиҷ ва маъқул менамояд, он аст, ки бигӯем, дониши арабии эрониён дараҷоти бисёр гуногун доштааст: гурӯҳе, ки ба қавли Замахшарӣ уламову имомони қавм буданд, то маротиби олӣ пеш мерафтанд. Аммо чи басо шоиру файласуф ва фақеҳ, ки дар китобату суханварзӣ бемоя буд, чи басо котиби девоне, ки аз шеър сурудан ва мавъиза кардан ба арабӣ оҷиз буд... Аз сӯйи дигар, вазъияти арабӣ дар Эронро бидуни таваҷҷуҳ ба таҳаввули дарозоҳанги он дар бистари қурун наметавон ба некӣ дарёфт. Агар дар қарнҳои III то V ҳиҷрӣ миёни арабии шарқ ва ғарб тафовути андак буд, аз он пас арабии шарқ масири хешро баргузид: адаб ба маънои имрӯзин тақрибан ба куллӣ аз он рахт барбаст ва ба ҳамин сабаб арабӣ доман баркашид, то дар заминаи адаб ҷо ба рақиби худ забони форсӣ вониҳад ва дар ҳифзи маҳдудаҳои илму дин барои хештан сахт бикӯшад. Аз он пас, шояд бо андаке тасомуҳу густохӣ, битавон арабии шарқро арабии эронӣ хонд. Ин арабӣ бар пояи додаҳои ҳурматомези куҳан ба зиндагии бештар фаннӣ-илмӣ ва санъатгароёнаи худ идома

[101] Дар суҳбате устод С.Сулаймонов иброз дошта буданд, ки «Форобӣ аз Ибни Сино дида дар забони арабӣ моҳиртар аст» ва ба андешаи мо, ин аз муддати мадид зистани Форобӣ дар муҳити забони арабӣ маншаъ мегирад.

медиҳад. Суннати дурустнависӣ сахт муроот мешавад; вожагон умуман аз таҳаввул бозмемонанд; ҳар чи дар замон пештар меравем ва ҳар чи равобити миёни миллатҳои арабу аҷам душвортар мешавад, он арабӣ низ эронитар мегардад. Ихтилоф миёни ду гунаи забониро, на дар осори фаннӣ аз навъи фиқҳу ҳадис, ки бештар дар навъи лаҳжишҳо ва айбҳои забоншинохтӣ бояд ҷуст. Дар арабии эронӣ вожагон умуман куҳнагароёнаанд ва агар гоҳ ба гунаи нобаҷо истеъмол нашаванд, боре аз таҳаввули маъноӣ вопас мондаанд» [79, с.212-213].

Бояд эътироф намуд, ки бо нақду баррасии як ё ду асар наметавон аз сатҳу ҷойгоҳ ва чигунагии забони як давр хулосагирӣ намуд. Вале дар умум метавон чунин хулосагирӣ намуд, ки дилхоҳ таълифе, ки дар муҳити забони дигар сурат мегирад, ҳатман, аз забони роиҷи он ҷо мутаассир мегардад. Ин нукта ҳатто ба соҳибзабоне, ки дар муҳити ғайри забони модарии худ бо забони модарӣ таълиф мекунад, мисдоқ мекунад, чи расад ба нафаре, ки дар муҳити забони модарии худ бо забони дигаре асар эҷод намояд.

Хулоса, таълифу таснифи асаре бо забони дигар ба мисли соҳибзабон маҳз вақте метавонад амалӣ шавад, ки андешаронӣ бо ҳамон забон сурат гирад. Барои бо як забон андеша кардан, пеш аз ҳама, зистан дар муҳити он забон мусоидат мекунад.

5.2.Мактабҳои забоншиносии араб дар сарзаминҳои форсу тоҷикнишин

Табиист, ки интишори забоншиносии араб дар сарзаминҳои форсу тоҷикнишин маҳз пас аз густариши дини ислом ва забони арабӣ сурат гирифтааст. Таъсири забони арабӣ дар сарзаминҳои ғайриараб боис гардид, ки сарфу наҳв, луғатнигорӣ ва дигар ҷанбаҳои забоншиносии араб дар шарқу ғарби кишварҳои мусулмоннишин интишор ёбад.

Чи тавре аз таъкиди таърихнигорон бармеояд, бештари наҳвиёну забоншиносоне, ки дар тарвиҷу густариши наҳви арабӣ нақши бориз доштаанд, аслан, арабинажод набудаву ватани аслиашон Ироқ низ ба шумор намерафтааст, балки як муддате дар он зиндагӣ намуда, сипас ба

зодгоҳ ва ё дигар кишварҳои мусулмоннишин сафар намудаву дар он иқомат намудаанд [307, с.257]. Таърихнигорон таъкид менамоянд, ки маҳз наҳви арабӣ ба Хуросону Мовароуннаҳр дар авоили асри дувуми ҳичрӣ ворид гаштааст. Дар ин росто, нахустин наҳвие, ки қадам ба сарзаминҳои мазкур гузоштаву бевосита ба таълими наҳви арабӣ машғул гаштааст, Яҳё ибни Яъмур (ваф.129 ҳ) шуморида мешавад [272, с.56]. Ривоят мекунанд, ки Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф аз Яҳё ибни Яъмур пурсид: “Оё ман дар гуфтор хато мекунам”? Яҳё гуфт: “Амир суханвартар аз он аст, ки хатое намояд”. Ҳаҷҷоҷ ӯро маҷбур менамояд, ки агар хатое дошта бошад, огоҳаш намояд. Яҳё низ хатоии ӯро дар қироати Қуръон нишон медиҳад. Ҳаҷҷоҷ аз ин дар ғазаб шуда, ӯро ба Хуросон бадарға менамояд. Дар Хуросон ӯ аз ҷониби Қутайба ибни Муслим гоҳе дар Нишопур ва гоҳе дар Марву Ҳирот ба унвони қозӣ фаъолият менамояд [89, с.25; 252, с.345].

Ба сарзамини форсҳо омадани Ибни Дурайди Басрӣ (ваф.311 ҳ) таконе дар омӯзиши наҳв дар ин сарзамин гардид ва бе шак ӯ аз аввалин нафаронест, ки барои таъсиси марказҳои наҳвӣ дар ин сарзамин саъйи муассир намудааст.

Вале забоншиносии араб ба маънои пурраи худ баъд аз ташаккул ёфтанаш дар Басраву Куфа ва Бағдод дигарбора вориди сарзаминҳои Хуросону Мовароуннаҳр гардид ва ин, пеш аз ҳама, ба замони заъфи хилофати Аббосиён рост меояд. Чунончи, таърихнигорон ишора мекунанд, ки дар асри чоруми ҳичрӣ дар Хуросон дигарбора илми забоншиносӣ дар ин сарзамин эҳё гардид [272, с.57].

Бо суст шудани пояҳои хилофат ва ташкил шудани давлатҳои миллӣ дар гӯшаву канори сарзаминҳои форсу тоҷикнишин Бағдод, ки маркази баҳамоии донишмандони гуногунсоҳа, хусусан аҳли сухан буд, оҳиста-оҳиста мавқеияти худро аз даст дод. Дар натиҷа дар давлатҳои навтаъсис, ки қавмияту миллияти бештарашон форсии тоҷикӣ буд, марказҳои нави илмӣ-адабӣ ба майдон омад. Исфаҳону Рай дар ин давра – асрҳои III-IV ҳичрӣ аз марказҳои асосии тамаддун ба шумор

мерафтанд, ки дар он мутахассисони касбу кори гуногун, хусусан аҳли адаб гирд омада, бо ҳам баҳсу мунозира мекарданд. Дар ин давра дар домани ин шаҳр муҳаддисону фақеҳон, наҳвиёну адибон ва файласуфони зиёде ба майдон омаданд [321, с.214; 166, с.69].

Маҳз дар ҳамин давра Бухорову Самарқанд бо юмни Сомониён аз бузургтарин марказҳои тамаддуни исломӣ гашта, бо доштани бузургтарин китобхонаҳои замон ва таваҷҷуҳи вижаи амирону вазирон ба илму дониш донишмандонро аз тамоми гӯшаву канори сарзаминҳои мусулмоннишин ба худ ҷалб менамуд [321, с.218-219].

Ба ин тартиб, аҳли қалам, хусусан забоншиносон рӯ ба дарбори амирону шоҳони маҳаллӣ оварданд. Мавриди зикр аст, ҳарчанд пайванди сиёсии амирони маҳаллӣ ба хилофат камранг шуда бошад ҳам, вале эътиқоди онҳо ба қадосати забони арабӣ, ки забони дин аст, халале напазируфта буд. Масалан, Тоҳириён дар таърих бузургтарин пуштибони забони арабӣ дар минтақа ба шумор мерафтаанд. Ба таъкиди О.Озарнӯш, “баррасии фарҳанги Тоҳириён ҳар гуна эрониятро аз дудмони эшон мезудояд. Иттилои мо аз шеърдӯстӣ ва шоирпарварии Тоҳириён, аз Тоҳир гирифта, то охирин зодагонаш Муҳаммад ва Убайдоллоҳу Сулаймон ва ғ. нисбатан густарда аст. Бар асоси ин иттилоот метавон иддао кард, ки Тоҳириён беш аз ҳар амири дигар адабиёти арабро ба даруни сарзамини Эрон кашонданд ва аз он суннати устуворе сохтанд, ки дасти кам ду қарни дигар дар Эрон зинда монд” [79, с.101].

Ҳамин таваҷҷуҳ ба забону забоншиносии араб буд, ки ҳатто дар асри VI ҳ дар ҳалқаҳои дарсии Хуросон, ки дар он рӯзгор ба садҳо мерасид, маҳз бо забони арабӣ тадрис карда мешуд ва дар ин давра ҳалқае, ки дар он илме бо забони ғайриарабӣ ба баррасӣ кашида шавад, ба назар намерасад [351, с.8-9].

Дар муносибати Бувайҳиён ба забони арабӣ низ айни ҳамин нуктаро мушоҳида намудан мумкин аст. Аз ҷумла вазирони ин хонадон Ибни Амид ва Соҳиб ибни Аббод, бо он ки аз мардуми форсу тоҷик

буданд, дар бузургдошти суханварони араб ва арабинигорони форсу тоҷик чунон талош менамуданд, ки ҳатто дар дарбори онҳо шумораи чунин нафарон аз суханварону донишмандони дарбори Ҳорун Рашид бештар будааст. Аз ҷумла, Ибни Амид ба мисли Бармакиён дари дарборро ба рӯйи донишмандони ҳама ришта кушода буд ва худ низ дар нигоришу гузиниши вожагону таъбирот чирадаст буд. Ибни Аббод бошад, худ дар луғату наҳв устод буд, ки “Ал-Муҳит фи-л-луғат” таъйиди ин гуфтор аст. Ҳамзамон, аз муносибати Азудуддавла ба донишмандони давр ва худро ғуломи Абуалӣ Форсӣ гуфтан дар наҳв далели дигаре аз таваҷҷуҳи ин хонадон ба забони арабӣ ва забоншиносии он мебошад. Илова бар ин, ривоят мешавад, ки Азудуддавла аз Абуалӣ Форсӣ хоҳиш кард, ки китобе дар наҳв барои ӯ нависад. Вақте ӯ “Эзоҳ”-ро навишту ба Азудуддавла пешниҳод кард, гуфт: “Ин китоб барои кӯдакон муносиб аст”. Абуалӣ баъд аз муддате китоби “Такмила”-ро таълиф ва ба Азудуддавла пешниҳод кард. Азудуддавла вақте онро мутоиа кард, гуфт: “Шайх хашмнок шуд ва китобе навишт, ки на мо мефаҳмем на худи ӯ” [278, с.254-255; 321, с.214-215].

Гузашта аз ин, рӯ овардани Сомониён ба забони форсии тоҷикӣ ва пешрафти он дар Хуросону Мовароуннаҳр монеи ривоҷи забони арабӣ дар ин сарзаминҳо нашуд, балки дар баробари он ки донишу фарҳанги исломӣ дар ин замон дар Хуросон ба забони арабӣ пеш мерафт, он забон танҳо забони расмии дарбори Сомониён буд ва дар адаб низ по ба пои забони форсии тоҷикӣ роҳи худро мепаймуд. Инчунин, Сомониён, чи ба хилофат ва чи ба амирону шоҳони дигар сарзаминҳои форсу тоҷикнишин, ки забони расмии онҳо низ арабӣ буд, муносибатҳову бархӯрдҳо доштанд, ки ин ниёзи онҳоро ба забони арабӣ бештар менамуд. Ҳамин буд, ки Сомониён ба ҷалби дабирони арабинигор ба дарбор, хоҳ аз қаламрави фармонравоии худ бошад ва хоҳ берун аз он, бисёр таваҷҷуҳ мекарданд [313, с.140-141].

Иллати ин беэътиноии бузургони Эронро дар он давра ба забони форсӣ наметавон танҳо гирифториҳои онон ва номусоид будани рӯзгор донист, балки илова бар он, бояд гуфт, ки ин мардони сиёсат ҳам монанди бештари донишмандону аҳли адаби он он замон якбора мусулмоншудаву забони дини Исломро дар сиёсату дин ва донишу фарҳанг пазируфта буданд [313, с.94]. Вале, сарфи назар аз ин ҳама, забони арабӣ он ҷойгоҳу манзалатеро, ки то даврони бамайдоноии давлатҳои маҳаллии эрониасл дар Хуросону Моваронуннаҳр дошт, ба гунае аз даст дода буд. Зеро "тадричан бо ташкилу барқарории давлатҳои маҳаллии хонадонҳои эрониасли тоҳирию саффорӣ ва сомонӣ, ки забони модарияшон порсӣ буд, ин забон (забони форсии тоҷикӣ – И.К.) рушд ва тавсеаи бештар ёфт. Бахусус замони давлатдории Сомониён (875-999 м) авҷи шукуҳ ва боландагии ин забон маҳсуб мешавад" [64, с.17].

Асри шаши ҳиҷрӣ низ яке аз асрҳои пурмаҳсул дар таълифу таснифи китобҳои забоншиносии араб аз ҷониби донишмандони форсу тоҷики Хуросону Мовароуннаҳр ба шумор меравад. Маҳз дар ин аср, Майдонӣ (ваф.518 ҳ), Абуҷаъфар Аҳмад ибни Алии Байҳақӣ маъруф ба Буҷаъфарак (ваф.544 ҳ), Фахри Розӣ (ваф. 606 ҳ), Абубакр Муҳаммад ибни Алии Хурафӣ (ваф. 547 ҳ), Абунаср Муҳаммад ибни Муҳаммади Куфӣ аз мардуми Марв, Абумутеъ Абдуссалом ибни Исмоили Наҳвии Луғавии Хуросонӣ, Абулмаолӣ Иброҳим ибни Аҳмад ибни Иброҳим Низомии Сарахсӣ (ваф.560 ҳ), Муҳаммад ибни Исмоил ибни Фузайли Ҳиравӣ (ваф. 537 ҳ), Муинуддин Абурашид Муҳаммад ибни Муҳсин ибни Ҳодӣ Байҳақии Адиб, Абдуллоҳ ибни Ҳайсами Ҳиравӣ ба сар бурдаву аз худ асарҳои зиёди сарфию наҳвӣ ва балоғӣ ба мерос гузоштаанд [351, с.362-368].

Машҳуртарин наҳвиёни форсизабони Хуросону Мовароуннаҳр, ки аз асри VI ҳ ба баъд дар тарвичи наҳви арабӣ нақши муассир доштаанд, иборатанд аз: Абулқосим Ҷоруллоҳи Замахшарӣ (ваф.538 ҳ), ки «Ал-Муфассал фи-н-наҳв», «Ал-Унмузаҷ», «Ал-Муқаддима», «Асос-ул-

балоға», «Ал-Кашшоф», «Рабиъ-ул-аброр» ва ғайра ба қалами ӯ тааллуқ дорад; Абулфатҳ Мутарризии Хоразмӣ (ваф.610 ҳ); Ҳасан ибни Муҳаммади Нишопурӣ (ваф.728 ҳ), ки соҳиби «Ғароиб-ул-Қуръон ва рағоиб-ул-фурқон» дар тафсири Қуръони карим, «Шарҳ-уш-шофия ало-тасриф» ва ғайра мебошад. Шарҳи мазкури ӯ дар ҳалқаҳои дарсӣ ва дар мадориси он замон роиҷ будааст [251, с.525]; Абулмакорими Ҷорбурдӣ (ваф.746 ҳ), ки ба «Ал-Кофия» ва «Шофия»-и Ҷамолиддин ибни Ҳоҷиб шарҳ навиштааст; Саъдиддини Тафтазонӣ (ваф.792 ҳ) аз саромадони донишмандони Хуросон ба шумор рафта, дар тафсиру балоғат ва наҳву сарф таълифоти зиёде дорад, аз ҷумла, «Шарҳу тасриф-из-Занҷонӣ» аз навиштаҳои ӯст; Шариф Ҷурҷонӣ (ваф.816 ҳ) донишманди дигари форсизабон аст, ки дар наҳву сарф таълифоти зиёде дорад; Абдураҳмони Ҷомӣ (ваф.898ҳ), ки хатмкардаи Мадрасаи Низомияи Ҳирот буда, таълифоти манзуму мансури зиёде дорад, аз ҷумла, «Ал-Фавоид-уз-зиёия фи шарҳ-ил-Ал-Кофияи Ибни Ҳоҷиб» ва «Сарфи манзум» аз муаллафоти ӯ ба шумор меравад, ки дар наҳву сарфи арабӣ навишта шудаанд; Муҳаммад ибни Алии Мусавии Омулӣ (ваф.1009 ҳ) соҳиби «Шарҳу шавоҳиди Ибни-н-Нозим» аз наҳвиёни мутааххири Хуросон маҳсуб мешавад; Баҳоуддини Омулӣ (ваф.1035 ҳ) донишманди дигаре мебошад, ки китоби «Самадия» бо фаро гирифтани қоидаҳои асосии наҳвӣ ба ӯ тааллуқ дорад; инчунин, Муҳаммад ибни Боқир ибни Алиризо аз донишмандонест, ки дар наҳву сарфи арабӣ таълифоте доштааст, аз ҷумла, китоби «Ҷомеъ-уш-шавоҳид»-и ӯ фарогири шавоҳиди китобҳои зерин мебошад: «Шарҳ-ул-амсила», «Шарҳ-ут-тасриф», «Аш-Шофия», «Шарҳу-н-Низом ало-шофия», «Шарҳ-ул-авомил-ал-ҷурҷония», «Шарҳу қатра-н-надо», «Шарҳу-л-анмузаҷ», «Ал-Ҳидоя», «Шарҳ-ул-Ҷомӣ ало-л-Ал-Кофия», «Ал-Баҳҷат-ул-марзия», «Муғнию-л-лабиб», «Мухтасар-ут-талхис», «Ал-Мутаввил» ва ғайра. Қобили қайд аст, ки китобҳои мазкур ҳамагӣ дар барномаи дарсии мадориси пешини Хуросону Мовароуннаҳр, ҳатто дар бархе мадрасаҳои арабӣ роиҷ будаанд [272, с.59].

Дар тазкираҳои наҳвӣ бархе муноқишаҳои наҳвиёни мактабҳои Хуросону Мовароуннаҳр бо наҳвиёни араб оварда шудааст, ки ин аз робитаҳои илмии ин мактабҳои забоншиносӣ далолат мекунад. Чунончи, Ҷалолиддин Суютӣ муноқишаи Одам ибни Аҳмад ибни Асади Ҳаравиро бо Ҷаволиқӣ овардааст. Дар он гуфта мешавад, ки Ибни Асади Ҳаравӣ вақте аз ҳаҷ бармегашт, муддате дар БаҒдод сукунат намуда, ба тадрис машҒул гашт. Маҳз дар ин ҷо байни ӯ ва Абумансури Ҷаволиқӣ дар масъалае муноқиша сурат мегирад, ки дар ниҳоят Ибни Асади Ҳиравӣ ба Ҷаволиқӣ мегӯяд: “Нисбатдиҳии ту ба номат хушоянд нест”. Ба ин маъно, ки ҷаволиқӣ нисбат ба ҷамъ аст, дар ҳоле ки дар забони арабӣ ҳангоми ҷамъи сифати нисбӣ чунин лафзро истифода намекунанд [251, с.404].

Баррасии зиндагии донишмандони наҳвии форсу тоҷик далолат бар он мекунад, ки онҳо танҳо таҚлид ба мазҳаби наҳвии роиҷи он сарзамин нанамуда, балки дар интихоби андешаҳои наҳвии ин ё он мактаби наҳв мавҚеи хоси худро муайян менамудаанд. Масалан, дар китоби «ДаҚоиқ-ут-тасриф» ба назар мерасад, ки муаллифи он дар масоили сарфӣ танҳо ба андешаҳои як мактаби забоншиносии араб маҳдуд нагашта, дар он ҳам андешаҳои мактабҳои забоншиносии Басра ва ҳам Куфаро ба ҳам омезиш медиҳад ва ба гунае муаллиф намояндаи мактаби забоншиносии БаҒдод муаррифӣ мешавад. Дар зиндагиномаи Абдуллоҳ ибни Ҳусайн бини Абдураҳмон ибни Шуҷои Марвазӣ бошад, таъкид шудааст, ки номбурда дар забони арабӣ мутабаҳҳир буда, дар наҳв пайравӣ аз мазҳаби куфиҳо менамудааст ва асаре дар наҳв дорад, ки онро «Ибтидо» меноманд [252, с.40]. Дар фаъолияти забоншиносии Замахшарӣ бошад, мо гароиши бештари ӯро ба мактаби забоншиносии Басра мутаваҷҷеҳ мешавем.

Бе муболиҒа метавон гуфт, ки дар таърихи забоншиносии араб дар баробари мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа, БаҒдоду Андалус ва Мисру Шом боз дар ҳавзаҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр мактабҳои забоншиносии араб вуҷуд доштааст. Вале ҷойи таассуф аст,

ки дар робита ба мактабҳои забоншиносии араб, ки дар ҳавзаҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр ташаккул кардаву дар рушди забоншиносии араб бевосита таъсиргузор будааст, ҳанӯз пажуҳиши монографию бунёдие сурат нагирифтааст. Дар ин росто метавон танҳо аз Карл Броккелман ва Абулҳодӣ ал-Фузло ёд намуд, ки аввалӣ дар "Таърихи адабиёти араб" фаслеро ба забоншиносони сарзаминҳои Форс [307, с.221] ва дувумӣ дар "Марокиз-уд-диросот-ин-наҳвия" фаслеро ба "Мактаби забоншиносии Хуросону Мовароуннаҳр" [272, с.56] бахшидаанд, ки сарфи назар аз ихтисор сарчашмаи пурарзише дар омӯзиши мактабҳои забоншиносии Хуросону Мовароуннаҳр ба шумор мераванд. Дар осори ба таърихи наҳв бахшидаи донишмандони гузаштаву имрӯз аз забоншиносони Хуросону Мовароуннаҳр ёд карда шудаву атрофи рӯзгору осори онҳо пажуҳишҳо анҷом ёфтааст, вале онҳо на ҳамчун намояндаи мактаби забоншиносии сарзаминҳои форс, балки ҳамчун намояндаи мактаби Басраву Куфа ва ё Баґдод муаррифӣ шудаанд.

Дар ин ҷо мо пайравии забоншиносони арабинигори форсу тоҷикро, ки дар Хуросону Мовароуннаҳр мезистаанд, аз мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа ва Баґдод инкор наменамоем, балки дар он ақида ҳастем, ки донишмандони арабишиноси ин сарзамин бо омезиш додани андешаҳои ин мактабҳои сегонаи забоншиносии араб боз андешаҳои вижаи худро дар ин росто доштаанд. Инчунин, байни истилоҳоти марбут ба забоншиносии араб, ки дар ин сарзамин ба кор мерафт ва байни истилоҳоти забоншиносии дар сарзаминҳои арабнишин роиҷ то ҷойе тафовут ба назар мерасад. Илова бар ин, ба таъбири Ҳасан Авн, дар асрҳои миёна ҳар донишманде, ба вижа дар риштаи наҳв дорои мазҳабу мактаб ва равиши хоси илмии худ буд, ба ин маъно, ки ҳар забоншиносе, ки китобе дар робита ба наҳв ва ё дигар улуми забонӣ таълиф ва ё тасниф менамуд, ҳатман, соҳибмактаб буд [190, с.6].

Аз назари инҷониб баъд аз барҳам хӯрдани хилофати Аббосиён ва мавриди торумор қарор гирифтани сарзаминҳои форсу тоҷикнишин аз

ҷониби муғулҳо – асри тиллоии ин диёр, ки бузургтарин донишмандони илмҳои гуногунро дар домани худ парварда буд, камранг гашт [341, с.11-12] ва забони арабӣ ва арабинигорӣ дар ин диёр коста ва ҳатто ба нестӣ рафт. Ба таъбири Ибни Халдун, он маҳорату забондоние, ки мардуми Машриқзамин дар замони Уммавиёну Аббосиён доштанд, бо нест шудани ин хилофатҳо аз байн рафт ва акнун забони арабӣ дар Андалус (дар замони Ибни Халдун) ташаккул ёфтааст [248, с.565]. Вале бо ин ҳама забоншиносии араб ва омӯхтани сарфу наҳви ин забон дар ҳавзаҳои илмии сарзаминҳои форсу тоҷикнишин ва яке аз фанҳои ҳатмии мадрасаҳо гардид. Дигар омӯзиши сарфу наҳви арабӣ ва балоғати он на ба хотири аз худ кардани забони арабӣ ва ё эҷод кардани насру назм, балки танҳо барои забони дин будан ва тавассути он дарки сарчашмаҳои асосии шаръӣ будааст. Чи тавре устод С.Айнӣ ишора менамояд: «Дар мадрасаҳои Бухоро асосан илмҳои зерин мегузашт: сарфу наҳви забони арабӣ, мантиқ, ақоиди исломӣ (илми калом), ҳикмат (ҳикмати табиӣ ва илоҳӣ), фиқҳи исломӣ» [365, с.135]. Бо ҳуҷуми сафавиҳо ва инқитои адабии байни Эрону Мовароуннаҳр арабиомӯзӣ ва машғул шудан ба забоншиносии араб дар ҳама сарзаминҳои форсу тоҷикнишин ба таназзул рафт. Дар ин диёр дигар асаре, ки дар илми сарф ҳампояи «Дақоиқ-ут-тасриф»-и Муҳамад ибни Саъиди Муаддиб ва ё ҳамсанги «Нузҳат-ут-тарф фи илм-ис-сарф»-и Абулфазли Майдонӣ бошад; ё асари наҳвие, ки ба «Миату омил»-и Ҷурҷонӣ ё «АдМуфассал»-у «Ал-Унмузаҷ» ё «Ал-Муфрад ва-л-муаллаф»-и Замахшарӣ баробар шуда тавонад, таълиф нагардидааст. Дар ин диёр дигар асари забоншиносие, ки дар пояи «Ал-Фавоид-уз-зиёия»-и Абдураҳмони Ҷомӣ тасниф гардад, ба майдон наомад. Аз ин рӯ, ҳамон гуна ки Абдураҳмони Ҷомиро «хотим-уш-шуаро»-и форсу тоҷик меноманд, бе муболиға метавон ӯро «хотим-ун-нуҳот»[102]-и ин диёр номид. Зеро ҳар таснифе, ки баъд аз ин

[102] Деҳҳудо гуфтааст: «Хотам-ун-нуҳот» лақаби Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Алии наҳвӣ маъруф ба Ибни Мулло ё Ибни Мунло (ваф.1003 ҳ) аст [400, с.9266], ки ҷадди вай маъруф ба Мунло Ҳоҷӣ аз мардуми Озарбойҷон ва қозиюлқузоти Табрез ва аз

китоб дар ин минтақа шудааст, ҷуз шарҳи бархе ибороту ҳошия бар он чизи дигаре нест. «Умри панҷсолаи домуллои сарсахт ва талабаҳои бадбахт дар муҳокима кардани ана ҳамин ҳошияҳо мегузашт, дар бисёр вақт на танҳо масъалаҳои наҳви арабӣ ва гуфтаҳои Ҷомӣ аз миён мерафт, ҳатто гуфтаҳои ҳошиянависони мазкур ҳам ба як тараф монда, вақти дарси яксоата ба мунозираҳои байни устод ва шогирдон ва ба мунозираи байнихудии шогирдон сарф мешуд» [365, с.138].

Бо таҳқиқи мактабҳои забоншиносии араб дар Хуросону Мовароуннаҳр дармеёбем, ки дастури забони арабӣ на фақат дар доираҳои хос, балки дар тамоми мадрасаҳои пешазинқилобии ин сарзаминҳо омӯхта мешудааст ва чунон таъсиргузор будааст, ки ҳатто бештари истилоҳоти он ба шеъри форсии тоҷикӣ роҳ ёфтаву мавриди истифода қарор гирифтааст.

5.3.Замахшарӣ ва марҳилаи нав дар таърихи забоншиносии араб

Шояд дар таърихи башарият нафарони ангуштшуморе бошанд, ки осори ба мерос мондаашон ҳамчун марҷаъ дар чандин илм истифода шаваду худ аз пешгомони он илм маҳсуб гардад. Бешак, Замахшарӣ аз зумраи ин ангуштшуморон аст, чаро ки бо «Ал-Кашшоф» дар тафсир, бо «Асос-ул-балоғат» дар шинохти ҳақиқату маҷози калимоту балоғати гуфтор, бо «Мақомот»-у «Рабиъ-ул-аброр» дар адабиёт, бо «ал-Муқаддима фи-л-адаб» дар фарҳангнигории дузабона, бо «Ал-Муфассал фи илм-ил-арабият»-у «Ал-Унмузаҷ фи-наҳв» ва «Ал-Муфрад ва-л-муаллаф»-у «Ал-Аҳоҷӣ ан-наҳвия» дар сарфу наҳв гӯйи сабқат аз дигарон рабудаву бо бархӯрдорӣ аз таҷрибаҳои илмии донишмандони пеш аз худ барои ояндагон ибтикороту иҷтиҳодоте ба мерос гузоштааст. Ҳарчанд дар доираҳои илмии Тоҷикистон дар робита ба «Ал-Кашшоф» ва андешаҳои эътизолии Замахшарӣ чанд пажуҳише анҷом шуда бошад ҳам, вале осори наҳвӣ ва адабии ӯ ҳанӯз ношинохта боқӣ мондааст.

фузалои аҳди хеш ва соҳиби шуруҳу ҳавошӣ ва қуюди адида аст. Фарзандон ва аъқоби ӯ ба Ҳалаб ҳиҷрат карданд ва чанд тан аз онон дар фазлу адаб машҳуранд, соҳиби тарҷума маъруфтарин афроди ин хонадон аст…[399, с.396].

Ҳатто дар арабшиносии тоҷик ба Замахшарӣ ва андешаҳои забоншиносии ӯ то имрӯз таваҷҷуҳе нашудааст ва шояд кам арабшиносе ёфта шавад, ки дар ин замина асареро аз ӯ мутолиа карда бошад. Аз ҷониби донишмандони араб бошад, атрофи рӯзгору осор ва андешаҳои Замахшарӣ пажуҳишҳои зиёде анҷом шудааст, ки китоби «Аз-Замахшарӣ»-и Аҳмад Муҳаммад ал-Ҳуфӣ, «Ад-Диросот-ун-наҳвия ва-л-луғавия инда-з-Замахшарӣ»-и Фозил Солеҳ ас-Сомароӣ, «Татаввур-ул-мусталаҳ-ин-наҳвӣ-ал-басрӣ мин Сибавайҳ ҳатто-з-Замахшарӣ»-и Яҳё Атия Абобина ва ғ. аз зумраи он ба шумор мераванд.

Дар байни осори Замахшарӣ «Ал-Муфассал фи илм-ил-арабият», ки муаллиф дар муқаддимаи китоб аз он бо номи «Ал-Муфассал фи санъат-ил-эъроб» ёдовар шудаву бештар бо «Ал-Муфассал» шуҳрат дорад, аз ҷойгоҳи волое бархӯрдор аст, ба гунае ки онро донишмандон баъди «Китоб»-и Сибавайҳ дувумин китоб дар наҳв шумурдаанд [269, с.126], чаро ки дар баробари арзиши баланди илмӣ-таълимӣ доштан боз мавриди таваҷҷуҳи донишмандон қарор гирифта, дар робита ба он шарҳу мухтасарот ва назму эътирозҳо ба майдон омадааст. Чунончи, теъдоди шарҳҳои он ба 70 китоб мерасад ва агар ба ин шарҳҳои байтҳои дар он овардашуда, мухтасарҳову радҳои ба он таснифшуда ва ҳошияҳои ин гуна шарҳу китобҳо илова карда шавад, шумораи он аз сад мегузарад [127, с.12].

Нуктаҳои дигаре ҳам ҳаст, ки ҳамгунии «Ал-Муфассал»-ро то ҷойе ба «Китоб» таъйид менамояд. Чунончи, «Китоб»-ро Қуръони наҳв меномиданд ва «Муфассал»-ро ҳамин гуна шуморидаанд. Чунончи, дар ин шеър омадааст:

مفصل جار الله في الحسن غايته وألفاظه فيه كدر مفصل

لولا التقى قلت المفصل معجز كآي طوال من طوال المفصل

Донишмандони яҳуд дар Испания ба «Китоб»-и Сибавайҳ бисёр таваҷҷуҳ намуда, ҳатто онро ба забони ибрӣ тарҷума кардаанд, то барои таълифи наҳви забонашон роҳнамо бошад. Айни ҳамин муносибат ба «Ал-Муфассал»-и Замахшарӣ сурат гирифтааст, чунончи, Ибни Ибрӣ ба

он таваҷҷуҳ намуда, онро баландтарин қуллаи имконпазир дар таълифи наҳв мешуморад. Инчунин, ӯ донистани муҳтавои ин китобро барои мардуми дигар забонҳо зарурӣ медонад, то бо тақлид ба он чизе таълиф кунанд.

Вобастагӣ ва қаноатмандии мардум ба «Китоб»-и Сибавайҳ афзоиш ёфт, ба гунае ки дар нигаҳдориву аз ёд кардани он мубориза менамуданд. Ба монанди ҳамин мардум ба «Ал-Муфассал» муносибат карданд, ҳатто бархе подшоҳон барои ҳар нафаре, ки онро аз ёд мекард, сад динору хилъате ба мукофот медод.

Баъд аз «Китоб»-и Сибавайҳ донишмандон аз гуфтани чизи наву тозае ноумед шуданду рӯ ба омӯзиш, дарк, иҷтиҳоднамоӣ дар шарҳу хондан, эзоҳнависӣ ва баргирифтани бархе мавзуи он барои тасниф дар наҳв оварданд. Ҳамин аст, ки каме нагузашта даҳҳо китобе дар бораи «Китоб» навишта шуд. Айни ҳаминро мо дар баробари «Ал-Муфассал» мебинем, ба гунае ки ноумедиро дар дили донишмандон барои навгуфторӣ эҷод мекунад. Аз ин рӯ, рӯ ба дарсу хондан ва тасниф атрофи он менамоянд. Донишмандони зиёде ба он шарҳ навиштаанд, ки шояд машҳуртарини он «Шарҳи Ибни Яъиш» бошад, ҳамзамон, чандин донишманди дигар онро ихтисору ба риштаи назм кашидаанд [190, с.99-100].

Ҷурҷӣ Зайдон ба ишора ба ҷойгоҳи волои «Ал-Муфассал» намуда, мегӯяд: «Бузургдошти ин китоб то ҷойе расида, ки шоҳ Исои Аюбӣ шарт гузошта буд, ки ҳар ки онро ҳизф кунад, сад динору як хилъат подош хоҳад гирифт» [175, с.49]. Аз ҷумла, машҳуртарин шореҳи ин асар Муваффақуддини ибни Яъиш мегӯяд: «Китоби «Ал-Муфассал»-и аллома Абулқосим Маҳмуд ибни Умар Замахшарӣ ҳама усулу фаслҳои ин илмро дар баргирифта, ба таври муҷаз оварда шудааст, ки фаро гирифтанаш барои донишомӯз осон аст» [356, с.2]. Ба таъкиди Абдуҳамид Ҳусайн, баъд аз «Китоб»-и Сибавайҳ ҳеҷ китоби дигаре ба монанди «Ал-Муфассал»-и Замахшарӣ масоили наҳвиро ба таври фарогир мавриди баррасӣ қарор надодааст [244, с.267].

Ба таъкиди донишмандон то асри чори ҳиҷрӣ мавзуоти наҳвӣ дар зимни китобҳо ба тартиби муайяне оварда намешуд ва маҳз аз асри мазкур ба баъд ба назар мерасад, ки Абуалӣ Форисӣ дар «Ал-Эзоҳ», Ибни Ҷиннӣ дар «Ал-Ламаъ», Ҳарирӣ дар манзумаи наҳвияш - «Мулҳат-ул-эъроб» ва Ибни Анборӣ дар «Асрор-ул-арабия» ба гунае ба тартиби мавзуоти наҳвӣ пардохтаанд [299, с.107]. Аммо дар ин миён тартиби мавзуоти наҳвӣ, ки аз ҷониби Замахшарӣ гузошта шудааст, дар муқоиса ба дигарон мукаммалтар буда, аз ҷониби забоншиносони баъдӣ мавриди писанд қарор гирифт.

Аз вижагиҳои нахустини ин асар он аст, ки муаллиф дар муқаддимаи он дар мавриди зарурати омӯзиши наҳв сухан гуфта, ҳамзамон, мақсад аз таълифи ин китоб ва чигунагии сохтори он ёдовар шудааст. «Ҳеҷ донише аз донишҳои исломӣ, чи фиқҳу чи калом ва чи тафсиру чи таърихро намеёбанд, магар ки он ба наҳв ниёзманд аст. Бештари усули фиқҳ ва масъалаҳои онро бар асоси илми эъроб ривоят мекунанд ва тафсирҳо саршор бо ривоятҳои Сибавайҳу Ахфаш, Кисоиву Фарро ва дигар наҳвиёни басриву куфист… Ниёзи мусулмонон ба шинохти гуфтори араб ва шафқату меҳрубонӣ ба хидматгузорони адаб маро водор намуд, ки дар робита ба эъроб китобе иншо намоям, ки ҳама бобҳоро фаро гирад ва ба гунае мураттаб бошад, ки толибилмон роҳи дурро бо камтарин талоше паймоянд. Ин китобро, ки «Ал-Муфассал фи санъат-ил-эъроб» ном гирифтааст, дар чор қисм мураттаб намудам: қисми аввал: андар исм; қисми дувум: андар феъл; қисми савум: андар ҳарф; қисми чорум: андар муштарак байни онҳо» [127, с.30-32].

Ҳарчанд дар таснифи мазкури Замахшарӣ мавзуоти наҳвӣ ва сарфӣ бо ҳам омехта шудаву то ҷойе таъсирпазирии ӯ аз равиши Ибни Сарроҷ дида шавад ҳам, вале илова намудани қисми чорум ва, ҳамзамон, дар ҳар бахш мавзуоти наҳвиро ба тартиб овардан, бе шак, аз иҷтиҳодоти таълифии Замахшарӣ дар забоншиносии араб унвон мешавад [169, с.638].

Дар навиштани ин асар Замахшарӣ аз «Китоб»-и Сибавайҳ истифодаи зиёд бурдааст. Чунончи, ҳар ки ин ду китобро мутолиа ва

байни онҳо муқоиса намояд, ҳатман, аз равиши таълиф, тақсимоту таъриф, номгузории бобҳо, инчунин, аз ҷиҳати шоҳидовариву баёни матн монандии зиёдеро мебинанд. Ҳамон гуна ки таъсири Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ дар «Китоб»-и Сибавайҳ дида мешавад, таъсири Сибавайҳро дар «Ал-Муфассал» мушоҳида намудан мумкин аст. Замахшарӣ гоҳе гуфтори Сибавайҳро бевосита ва гоҳе онро бо каме тағйирот меоварад. Дар бештари маврид агарчи ба гуфтори Сибавайҳ будани он ишора намояд ҳам, дар бархе маврид бе ёдоварӣ аз Сибавайҳ гуфтори ӯро меорад [127, с.12]. Масалан, Замахшарӣ ҳангоми баёни мафъули мутлақ мегӯяд: «он масдар аст ва чунин номгузорӣ ба он хотир аст, ки аз он феъл содир мешавад. Сибавайҳ онро ҳадас ва ҳадасон ва гоҳе феъл низ номидааст» [127, с.56].

Вале дар баробари ин Замахшарӣ гоҳе андешаҳои намояндагони мадрасаи Куфа ва Бағдодро низ таъйид намуда, гоҳе дар мавриди ин ё он масъала андеша/иҷтиҳоди худро дорад, ки танҳо сабаби рафъи хабар будани ибтидо (мубтадо) ва ифодагари таъкиди нафй будани ҳиссачаи «لَنْ» аз он зумраанд [392, с.11].

Аз иҷтиҳодоте, ки Замахшарӣ дар таълифи «Ал-Муфассал» намудааст, ин ба масобаи шоҳид овардани ҳадиси набавӣ мебошад. Ба ин маъно, ки муаллиф дар баробари истифодаи васеъ аз оёти қуръонӣ ва абёти арабӣ (шумораи далелҳои шеърӣ ба чорсаду чилу як шоҳид мерасад, ки бархе такрор аст), инчунин, барои таъйиди гуфтор аз аҳодиси набавӣ далел овардааст, дар ҳоле ки на ҳама наҳвиён ҳамчун далели наҳвӣ овардани ҳадисро қабул доштанд, чаро ки ҳадис гоҳе метавонад аз рӯйи маъно ривоят шавад на аз рӯйи лафз[392, с.10].

Ҷойи тазаккур аст, ки Замахшарӣ китобе бо номи «Ал-Анмузаҷ фи-н-наҳв» дорад[126], ки аслан шакли мухтасари «Ал-Муфассал» мебошад. Китоби мазкур низ, чи дар замони муаллиф ва чи пас аз ӯ, аз машҳуртарин дастури наҳвии забони арабӣ ба шумор рафта [54, с.40], аз ҷониби донишмандон чандин шарҳ бар он тасниф шудааст.

Иҷтиҳоди дигаре, ки Замахшарӣ дар таълифи китоби наҳв намудааст, ин баррасии калимаҳо аз нигоҳи танҳо будан ва ҷиҳати чи гуна таркиб сохтан аст. Замахшарӣ ин равишро дар китоби «Ал-Муфрад ва-л-муаллаф» ба кор бурдааст, вале ҷойи таассуф аст, ки ин равиш пас аз ӯ интишор наёфт ва то имрӯз низ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст [169, с.639].

Дар ин ҷо метавон гуфт, ки рози шуҳрати китобҳои наҳвии Замахшарӣ - «Ал-Муфассал» ва «Ал-Унмузаҷ фи-н-наҳв», аз як тараф, дар содабаёниву шевоии гуфтор бошад, аз тарафи дигар, дар баррасии масоили наҳвӣ аз нигоҳи сирф забонии он аст. Ба ин маъно, ки муаллиф кӯшидааст, то ҳамгуни Сибавайҳ ба масъалаҳои грамматикӣ аз равзанаи забон ворид шавад, на аз равзанаи фалсафаву мантиқ.

Хулоса, «Ал-Муфассал» дар баробари ифодагари марҳилаи рушди наҳви арабӣ будан боз оғозгари марҳилаи нав дар таълифи китобҳои таълимии наҳв ба шумор меравад.

Чи тавре ишора шуд, яке аз асарҳои наҳвии Замахшарӣ, ки дар он равиши нави баррасии масоили наҳвии забони арабӣ оварда шудааст, ин «Ал-Муфрад ва-л-муаллаф» мебошад. Бо назардошти он ки «Ал-Муфрад ва-л-муаллаф» аз зумраи асарҳои мухтасар дар таълими наҳв аст, муносиб аст агар чанд сухане дар бораи ангезаҳои ба майдон омадани китобҳои мухтасар дар наҳв гуфта шавад. Донишмандон ангезаҳои ба майдон омадани асарҳои мухтасари наҳвиро чунин мешуморанд: 1) такомули илмии наҳв. Муҷазбаёнӣ дар илм далолат ба такомулу инкишоф ва заминаҳои таърихӣ доштани он менамояд, чаро ки ҳар риштае аз илм дар оғоз ба шарҳу тавзеҳи муфассал ниёз дорад, то истилоҳот ва ҳудуди он мушаххас карда шавад. Вақте қоидаву усули илм муайян гардад, ҳатман, ба талхису ихтисорнамоии он мепардозанд, то ҳифзу фаро гирифтанаш осон гардад [169, с.181]. Ба таъбири дигар, зуҳури «Китоб»-и Сибавайҳ ишора ба расидани илми наҳв ба баландтарин қуллаҳои он менамояд. Чун усул ва қоидаҳои асосии наҳв аз ҷониби Сибавайҳ ва устодаш Халил ҳамаҷониба баррасӣ гардида буд,

ба гунае ки ин ду барои наслҳои оянда танҳо ихтилофҳои фаръиеро гузошта буданд, ки вобаста ба мадрасаҳои забоншиносиву наҳвиён тавсеа ва ё маҳдуд мегашт [230, с.95]. Ҳамин буд, ки наҳвиёни баъдӣ танҳо дар таълифи китобҳои наҳвӣ аз нигоҳи шакл ва равиши таълими он талош варзидааанду бас. 2) Ниёз ба равишҳои нави таълимӣ. Бо интишори дини ислом ва забони илм гаштани забони арабӣ таваҷҷуҳ ба сарфу наҳв бештар шуда, фаро гирифтани он шарти асосӣ барои ворид шудан ба дигар илмҳо дониста мешуд. Чунончи, фақеҳону муфассиронро мебоист, ки нахуст наҳвро меомӯхтанд ва аз тамоми ҷузъиёту тафсилот ва ихтилофҳои наҳвиён огоҳ мегаштанд, зеро ин илм аз муҳимтарин абзори онҳо ба шумор мерафт. Дар муқобил наҳвиёнро низ мебоист аз чархиш дар гирди «Китоб»-и Сибавайҳ ва аз шарҳу баён ва нақду радди он иктифо варзида, ҳамқадами замон мегаштанд ва барои баровардани ниёзи таълимиву фарҳангӣ ва фикрии ҷомеа, чи араб бошад чи аҷам, рӯ меоварданд ва бо ин ҳадсҳоро дар мавриди касоди наҳву ҷойгоҳ надоштани он дар байни дигар илмҳо аз байн мебурданд [317, с.84]. Аз ҷумла, соҳиби нахустин мухтасар дар наҳв Халфи Аҳмар дар аввали китоби «Муқаддиматун фи-н-наҳв» мегӯяд: «Вақте наҳвиён ва соҳибони арабиро дидам, ки ба дарозбаёнӣ ва далелҳои бисёроварӣ машғуланду омӯзандаи наҳвро, ки ба равиши саҳлу матни барои ҳифз осон ниёз дорад, фаромӯш кардаанд, хостам, асаре таълиф кунам ва дар он усул, абзор ва омилҳоро барои навомӯзон гирд оварам, то аз китобҳои бузургҳаҷм бениёз гарданд» [204, с.33-34]. Ин нуктаро мо дар китобҳои донишмандони баъдие, ки ба омӯзиш ва тадриси наҳв машғул буданд, бараъло мушоҳида менамоем.

Мавриди зикр аст, ки дар таърих на ҳама донишмандон ин гуна таълифоти мухтасарро дар робита ба наҳв ва илмҳои дигар хуб мепазируфтанд. Аз ҷумла, Ибни Халдун аз афзоиши мухтасаро дар ҳар илм нигаронӣ намуда, онро мояи бесаводшавӣ шуморидааст. «Бештари мутааххирин ба ихтисору кӯтоҳнамоии илмҳо пардохтаанд, ки ин балоғатро халалдор ва дар дарки маъно мушкил эҷод мекунад. Гоҳе

китобҳои асосии калонҳаҷми тафсиру баёнро ба хотири азёднамоӣ мухтасар намудаанд, чунончи, ин равишро Ибни Ҳоҷиб дар фиқҳу усули фиқҳ, Ибни Молик дар наҳв, Хунҷӣ дар мантиқ ва ғайра ичро кардаанд. Ин равиш дар таълим фасод ва дар таҳсил халал эҷод мекунад. Зеро навомӯз ҳанӯз омодаи қабули он чи аз илм ба ӯ гуфта мешавад, нест. Барои омӯзанда пайгирии суханҳои печидаи мухтасар бо оламе аз маъно ва истинботи масоил аз байни онҳо душвор мегардад, чаро ки гуфторҳои кӯтоҳро хоҳ-нохоҳ мушкил дармеёбем ва барои дарки онҳо вақте сарф мегардад. Ҳамзамон, малакаҳои аз фарогирии ин мухтасарҳо бадастомада ба малакаҳое, ки аз китобҳои калонҳаҷм ба даст меояд, баробар шуда наметавонад» [248, с.531].

Бо такя ба таҳлилу омӯзиши муҳтавои китобҳои мухтасари наҳвӣ метавон онҳоро ба ду гурӯҳ тақсим кард: 1) асарҳое, ки донишмандон бевосита ба таври мухтасар таълиф кардаанд, ба монанди китоби «Муқаддима фи-н-наҳв»-и Халфи Аҳмар; 2) асарҳое, ки дар асл, ё аз ҷониби муаллиф ва ё аз ҷониби донишманди баъдӣ, аз ягон китоби дигар ихтисор карда шудаанд, ба монанди «Ал-Унмузаҷ»-и Замахшарӣ, ки мухтасари китоби дигари ӯ-«Ал-Муфассал фи санъат-ил-эъроб» мебошад [284] ва «Ихтисору-л-муфассал фи санъат-ил-эъроб», ки ба қалами Шамсиддин ибни Муҳаммад ибни Юсуфи Қунавӣ тааллуқ дорад.

Тавре ишора шуд, «Ал-Муфрад ва-л-муаллаф» аз асарҳои мухтасари Замахшарӣ дар наҳв буда, аз нигоҳи таърихи таълиф баъд аз «Ал-Муфассал фи санъат-ил-эъроб» ва «Ал-Унмузаҷ фи-н-наҳв» қарор дорад. Замахшарӣ китобро ба ду бахши асосӣ тақсим намудааст, ки дар аввал дар мавриди вазифаҳои хусусиятҳои морфологии калима баҳс менамояд ва дар дувумӣ вазифаҳои синтаксисии калимаро ба таҳрир мекашад. Номгузории китоб низ аз ҳамин гуна тақсим маншаъ мегирад, чаро ки истилоҳи муфрад дар ин ҷо ифодагари ҳолатҳои грамматикии калима дар алоҳидагӣ ва муаллаф баёнгари ҳолатҳои грамматикии калима дар зимни ибораву ҷумла мебошад. Муаллиф пас аз муқаддимаи кӯтоҳе дар ин асар ба тақсими ҳиссаҳои нутқи арабӣ ба се гурӯҳ: исм,

феъл ва ҳарф мепардозад. Сипас исмро ба ому хос, ифодагари зоту ифодагари сифат тақсим карда, ҳамзамон, ба хусусиятҳои эъробпазириву эъробнопазирӣ, муайяниву номуаянӣ ва ҷинсияту шумора доштани он ишора месозад. Дар мавриди феъл бошад, муаллиф аввал ба баёни замон, мондагиву гузарандагӣ ва тому ноқис будани он машғул гашта, сипас муъробу мабнӣ ва маълуму маҷҳул будани онро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Дар қисмати аввали асар муаллиф ҳарфро ба омил (таъсиргузор)-у ғайриомил (таъсирногузор) ҷудо намуда, таъкид месозад, ки ҳарф хусусияти дигаре надорад.

Қисмати дувуми асар «муаллаф» номгузорӣ шуда, дар он Замахшарӣ нуҳ мавридеро овардааст, ки калима дар зимни ибораву ҷумла бо калимаи дигар ҳамнишин мегардад. Мавридҳои нуҳгона ба гунаи зайланд: 1) таркиб аз ду исм: мубтадову хабар, музофу музофун илайҳ, мавсуфу сифат ва ғ.; 2) таркиб аз феълу исм: феълу фоъил, феъл бо мафъул, феъл бо ҳол ва ғ.; 3) таркиб аз ҳарфу исм: ҳиссачаи الـ бо исм ва ҳиссачаи нидо бо мунодо; 4) таркиб аз ҳарфу феъл: ҳиссачаи قد бо феъли замони гузашта ва ҳозира-оянда, سوف ва سـ бо феъли ҳозира- оянда; 5) таркиб аз ду ҳарф: ҳиссачаҳои لولا, لوما, هلا, لما ва ғ.; 6) таркиб аз ҳамнишинии калима бо ибора ва ҷумла, ки ба ду бахш тақсим мешавад: а) изофа шудани исми замон ба ҷумла ва исми мавсул ба силааш; б) омадани ҳарф бо ибора ва ҷумла; 7) таркиб аз ду ҷумла: ҷумлаи шарт (ҷумлаи пайрави шарт) ва ҷумлаи ҷазо сарҷумла; 8) таркиб аз ҳамнишинии як калима бо ду ҷумла: ҳиссачаҳои إن ва لو бо ҷумлаҳои шарт ва ҷазо; 9) таркиб аз ҳамнишинии ду ҷумла: якбора омадани ду ҷумлаи шарту ҷазо [279, с.175-284].

«Ал-Муфрад ва-л-муаллаф» дорои хусусиятҳои зер мебошад:

1) Кӯтоҳу муҷазбаёнӣ ва дар навбати худ саҳлу осон будани таъбир аз хусусиятҳои асосии ин асар аст. Муаллиф дар асар танҳо масъалаҳои асосии наҳвро оварда, аз тазаккури масоили фаръӣ худдорӣ кардааст;

2) Шумораи шоҳид (далел)-и наҳвӣ дар асар бисёр кам аст. Чунончи, дар он 14 шоҳид оварда шудааст, ки аз ин 9 оят, ду байти шеърӣ, як сухан аз Умар ибни Хаттоб (р) ва ду масал мебошад;

3) Муаллиф аз зикри лаҳҷаҳо низ то ҷойе худдорӣ намудааст;

4) Бештари истилоҳоти ин асар ба истилоҳоти мактаби забонишиносии Басра мувофиқат мекунад;

5) Муаллиф то ҷойе аз овардани масъалаҳои ихтилофӣ худдорӣ кардааст. Ҳарчанд дар асар 11 масъалаи ихтилофӣ оварда шуда бошад ҳам, муаллиф дар ин маврид аз зикри андешаҳои наҳвиёни дигар худдорӣ карда, танҳо дидгоҳи худро дар робита ба он зикр намудааст [279, с.191-192].

Ҳарчанд дар таълифи ин асар равише, ки Замахшарӣ дар навиштани «Ал-Муфассал фи санъат-ил-эъроб» ва «Ал-Унмузаҷ фи-наҳв» ба кор бурдааст, дида шавад ҳам, вале боз ин асар бо муҷазбаёнӣ, услуби шево ва масъалагузорӣ аз ду китоби аввалӣ тафовут дорад. Ҳамзамон бо ин, агар донишмандон таълифи «Ал-Муфассал фи санъат-ил-эъроб»-ро эҳёи дубораи «Китоб»-и Сибавайҳ ва марҳилаи наве дар таълифи китобҳои наҳвӣ шуморанд, пас, «Ал-Муфрад ва-л-муаллаф»-ро марҳилаи дигаре дар таълифи китобҳои таълимии наҳв метавон шуморид. Воқеан, дар ин асар таҷрибаи тадрисию таснифӣ ва таълифии Замахшарӣ таҷассум ёфтааст. Ба ин маъно, ки равиши бобгузорӣ ва ҷобаҷонамоии масоили наҳвӣ дар ин асар аз тамоми таълифоту таснифоти наҳвии то ба имрӯз расидаи классикӣ фарқ дорад. Равиши таълифи ин асар иҷтиҳоде аз Замахшарӣ дар наҳв ба шумор меравад, ки ба дастурҳои муосири грамматикӣ бисёр монандӣ дорад. Чунончи, гуфта шуд, Замахшарӣ дар ин асар нахуст ба баёни хусусиятҳои морфологии калима пасон ба шарҳу тавзеҳи вазифаҳои синтаксисии он пардохтааст, дар ҳоле ки дар ҳеҷ асари дигари наҳвӣ ин равиш истифода нашудааст.

Вале ҷойи таассуф аст, ки ин равиш пас аз ӯ интишор наёфт ва то имрӯз низ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст [169, с.639]. Ба назари

инҷониб, шуҳрат наёфтани ин асар, пеш аз ҳама, аз ноошно будани чунин таснифу тартиб барои донишмандони гузашта маншаъ мегирад.

Хулоса, «Ал-Муфрад ва-л-муаллаф» ибтикор ва иҷтиҳоди дигаре аз донишманди форсу тоҷик Замахшарӣ буда, оғозбахши марҳилаи наве дар таълифу таълими наҳв ба шумор меравад. Асари мазкур дар баробари баёнгари хидматҳои арзандаи фарзанди тоҷик дар тавсеа ва таҳкими наҳви арабӣ будан ҳокӣ аз нубуғати ин донишманд дар илми забоншиносӣ мебошад.

5.4.Абдураҳмони Ҷомӣ ва “Фавоид-уз-зиёия”-и ӯ

Аз омӯзиши таърихи забоншиносии араб бармеояд, ки пас аз ба майдони наҳви араб омадани “Китоб”-и Сибавайҳ таълифу тадвини рисолаву китоб дар илми мазкур дар байни донишмандону забоншиносони араб маъмул гашт ва дар як муддати кӯтоҳе китобхонаи наҳви араб бо садҳо китоб ғанитар гашт. Вале дар таърихи беш аз ҳазорсолаи забоншиносии араб на ҳама китобҳои ба наҳву сарф бахшида мавриди таваҷҷуҳи донишпажуҳону дӯстдорони наҳв қарор гирифтааст. Масалан, китоби “Ал-Муқтазаб” –и Абулаббоси Мубаррид бо он ҳама бузургҳаҷмию фарогирии нуктаҳои нозуки сарфию наҳвӣ натавониста, ки таваҷҷуҳи донишмандони муосиру баъдии ӯро ҷалб кунад. Баръакси ин боз китобҳои наҳвию сарфие тадвин шудаанд, ки сарфи назар аз хурдии ҳаҷм оламшумул, мавриди таваҷҷуҳи ому хос ва китоби рӯйи мизии забономӯзону забонпажуҳон гарданд. Дар ин росто метавон аз китоби “Ал-Кофия”-и Ҷамолиддин ибни Ҳоҷиб мисол овард, ки сарфи назар аз муҷазӣ китоби рӯйимизии ҳар дӯстдори наҳв гашта, дар тули таърих зиёда аз дусад шарҳ ба он ихтисос дода шудааст [167, с.7]. Аз ҷумлаи шарҳҳои машҳури ин китоб “Ал-Фавоид-уз-зиёия” –и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ба шумор меравад.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик на фақат ҳамчун шоири забардасту адиби дақиқбин, балки ҳамчун забоншинос низ шинохта шудааст. Воқеан, Мавлоно Ҷомӣ дар баробари

шарҳу тафсир ва тавҷеҳи осори гузаштагон, ки бешубҳа ҷанбаи забоншиносӣ низ доранд, бевосита дар мавриди сарфу наҳви арабӣ низ асарҳои махсус навиштааст [3, с.160]. Дар миёни асарҳои илмии таълифнамудаи Абдураҳмони Ҷомӣ китоби «Ал-Фавоид аз-зиёия» мавқеи махсус дорад. Зеро ин асар, ки масоили гуногуни наҳвиро дар бар мегирад, самараи заҳматҳои чандсолаи муҳаққиқ маҳсуб мешавад ва он охирин асари таълифнамудаи Мавлоно Ҷомӣ ба шумор меравад, зеро онро ҳамагӣ чор моҳ пеш аз поёнрасии умраш, яъне соли 1492 навиштааст. “Ал-Фавоид аз-зиёия» дар мадрасаҳои Осиёи Миёна, Покистон, Ҳиндустон ва Аморати Бухоро то Инқилоби октябр аз китобҳои ҳатмии дарсӣ буда, дар кишварҳои арабӣ ҳанӯз ҳам дар истифода аст. Дар хусуси арзиши он яке аз тазкиранигорони асри XVII Мирзо Тоҳири Насрободӣ чунин мегӯяд: “Аз ҷумлаи таълифоти ӯ “Шарҳи Ҷомӣ”-ст, ки бидуни хондани он дар илми наҳву сарф рабти тамом ба ҳам намерасад [3, с.160-161]. «Ал-Фавоид аз-зиёия фи шарҳ-ил-Ал-Кофия» минбаъд дар доираи мадрасаҳо бо номҳои «Шарҳи Мулло», «Шарҳи Мулло Ҷомӣ» ва «Ал-Фавоид-уз- зиёия» машҳур мегардад.

Зикри ин нукта ҷолиб аст, ки “Ал-Фавоид-уз-зиёия” ҳанӯз аз замони муаллифаш ба баъд дар доираҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр, хусусан дар мадрасаҳои Бухоро ҳамчун муҳимтарин китоб дар омӯзиши грамматикаи забони арабӣ ҷойгоҳи хоссаеро касб менамояд. Устод Айнӣ дар робита ба ин шарҳ ва дар барномаи дарсии мадрасаҳои вақти Бухоро будани он дар “Ёддоштҳо” менигорад: “Пас аз ин «Шарҳи Мулло» ном китобе, ки асари Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ буда, дар наҳви арабӣ шарҳи «Ал-Кофия» буд, сар мешуд... Ин дарс 5 сол давом мекард. ...ва инчунин, дарси «Шарҳи Мулло»-ро пеш аз он, ки ба пеши домуллои дарсхонагӣ рафта хонад, аввал ба пеши домуллои кунҷакӣ мегузаронид”[365, с. 135].

«Шарҳи Мулло» дар муқоиса ба дигар шарҳҳои «Ал-Кофия» аз муҷазбаёнӣ ва масъалагузорӣ саҳлу диққатҷалбкунанда буда, маҳз бо ин хусусиятҳои худ мақбули ому хос гаштааст. Аз ҷумла, дар ситоиш ва

тавсифи «Шарҳи Мулло» соҳиби «Кашф-уз-зунун» мегӯяд: «Мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ шарҳе тасниф намудааст, ки дар он беҳтарин гуфторҳову баёнҳоро аз дигар шарҳҳои «Ал-Кофия» барчида, бо беҳтарин баёну комилтарин таъбир овардааст ва онро «Ал-Фавоид-уз-зиёия» номидааст, ки имрӯз машҳур ва мақбули ҳамагон аст»[186, с.1372].

Аз таъкиди донишмандон бармеояд, ки пас аз тасниф шудани «Ал-Фавоид-уз-зиёия» қариб тамоми китобҳои муфассали наҳвӣ аз барномаҳои дарсии мадрасаҳои Осиёи Миёна, ба вижа ҳитаи Бухоро канора монданд. Ҳамин аст, ки донишмандон андешаҳои наҳвии худро маҳз дар ҳошияи ин китоб менавиштанд. Дар натиҷа дар байни шарҳҳои «Ал-Фавоид-уз-зиёия» шарҳҳои зидду нақизе ба майдон омаданд, ки бархе андешаҳои наҳвии Мавлоно Ҷомиро таъйид мекарданд ва бархе дигар ба нуктагирӣ ба он мепардохтанд. Устод Айнӣ маҳз ҳаминро ба инобат гирифта, дар «Ёддоштҳо» таъкид менамояд, ки: «…баъд аз Ҷомӣ аз ҳамзамонони Ҷомӣ Мулло Исомиддин «Ал-Кофия»-ро шарҳ карда, дар бисёр ҷоҳо бо усули мунозираи схоластикӣ ба Ҷомӣ зид баромадааст. Пас аз вай, аз шогирдони Абдураҳмони Ҷомӣ-Мулло Абдулғафури Лорӣ ба «Шарҳи Мулло» ҳошия баста, Ҷомиро мудофаа ва гуфтаҳои Мулло Исомиддинро рад кардааст. Баъд аз вай, аз шогирдони Мулло Абдулғафур-Лабиб ном касе як ҳошия баста, гуфтаҳои Ҷомӣ ва Абдулғафурро эзоҳ карда, ба Мулло Исомиддин сангпарронӣ кардааст. Баъд аз ҳамаи инҳо Мавлоно Шарифи Бухороӣ, ки дар охири асри XVII гузаштааст, ба «Шарҳи Мулло» як ҳошияи ботафсиле баста ҳамаи мунозараҳои ҳошияҳои дар боло зикршударо нақл карда, дар миёнаи онҳо муҳокима давондааст ва кӯшиш намудааст, ки «ҳаққи» беҳақиқати дар миёнаи мунозирачиён гузаштаро изҳор намояд» [365, с.138].

Мавлоно Ҷомӣ ба мисли дигар шореҳон «Ал-Фавоид-уз-зиёия»-ро бо шарҳи муфассале оғоз намуда, пас аз ҳамду ситоиши Худованд ва дуруду санои Паёмбари Худо (с) ва олу асҳоби Ӯ (с) ба тавсифи шарҳ пардохтааст. Ҳамзамон, иллати таълифи шарҳи худро ёдрас гашта,

афзудааст, ки: «Ин фавоиди вофия дар ҳалли мушкилоти «Ал-Кофия»-и алломаи дар Шарқу Ғарб машҳур Шайх Ибни Ҳоҷиб мебошад, ки Худованди таоло ӯро аз бахшоиши худ бархӯрдор гардонаду ҷойгоҳашро биҳишт ва ин (шарҳ)-ро барои фарзанди меҳрубон Зиёуддин Юсуф, ки Худованд аз пушаймониву афсусхӯрӣ нигаҳбонаш бошад, ба силки таҳрир кашидам ва номи онро «Ал-Фавоид-уз-зиёия» гузоштам [249, с.13-14].

Иҷтиҳодоти наҳвии Мавлоно Ҷомӣ дар "Ал-Фавоид-уз-зиёия". Бархе донишмандон ҳанӯз дар замони ба майдони наҳв омадани "Китоб"-и Сибавайҳ таъкид намуда буданд, ки баъди китоби мазкур агар нафаре дар наҳв чизе навиштан хоҳад, бояд шарм дорад, зеро Сибавайҳ бо як баёни фарогир асари бунёдие дар наҳв тадвин намудааст. Бо ин нигоҳ пас аз Сибавайҳу Кисоӣ, Заҷҷоҷию Замахшарӣ ва Ибни Ҳоҷибу Ибни Молик иҷтиҳоде дар наҳв намудан на корест осон. Вале бо муқоиса намудани шарҳҳои "Ал-Кофия" ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки Мавлоно дар таснифи шарҳи худ ба гунае даст ба иҷтиҳодот задааст, ба ин маъно, ки гом ба гом ба шарҳҳои дигари "Ал-Кофия" тақлид нанамуда, бо тартибу масъалагузории худ фарқ мекунад. Муҳаққиқи аршади "Ал-Фавоид-уз-зиёия" – Тоҳо Рафоӣ, таъкид менамояд, ки "ҳангоми нақду баррасии "Ал-Фавоид-уз-зиёия"-и Абдураҳмони Ҷомӣ пажуҳанда ба чунин хулоса меояд, ки мусанниф дар навиштани ин шарҳ аз шарҳҳои зиёди "Ал-Кофия" истифода кардааст ва ба вижа ду шарҳи "Ал-Кофия"-ро, ки яке ба худи Ибни Ҳоҷиб ва дигаре ба қалами Разии Асторободӣ тааллуқ дорад, меҳвари шарҳи худ қарор додааст, илова бар он ки дар ин шарҳ нуктасанҷию чирадастии Мавлоно дар робита ба наҳви арабӣ бараъло намоён аст" [241, с.97].

Гузашта аз ин, Мавлоно Ҷомӣ дар шарҳи худ кӯшидааст, то аз манҳаҷ ва тартиби мавзуии Ибни Ҳоҷиб гом берун нагузорад. Аз ин рӯ, ҳангоми шарҳ ҳар нуктаеро дар робита ба ҳамон мавзуе, ки дар «Ал-Кофия» омадааст, шарҳ медиҳад ва аз он дур намешавад. Масалан, дар «Шарҳи Мулло» ду мавзуъ: навъҳои танвин [250, с.452] ва ҳазфи алифи

«ибн» [250, с.459] айнан дар ҳамон ҷойе шарҳ дода шудаанд, ки Ибни Ҳоҷиб ба онҳо ба таври муфассалтар ишора намудааст, дар ҳоле ки дигар шореҳони «Ал-Кофия», аз қабили Разии Астарободӣ, Ибни Ақил ва ғ. навъҳои танвинро ҳангоми зикр намудани вижагиҳои исм ва ҳазфи алифи «ибн»-ро дар боби мунодо ба таври муфассал овардаанд [241, с.92].

Маънои луғавии истилоҳоти наҳвиро овардан ва боз бештари истилоҳотро таъриф додан аз нуктаҳои хосе дар «Ал-Фавоид-уз-зиёия» мебошад, ки метавон онҳоро чун иҷтиҳодот ва ибтикороти Мавлоно Ҷомӣ ба қалам дод. Масалан, ҳангоми пардохтан ба шарҳи вожаи лафз мегӯяд: «лафз дар луғат ба маънои рамй/партофтан, андохтан мебошад, ба монанди «акалту-т-тамрата ва лафазту –н-нувота» (Хурморо хӯрдаму донаашро партофтам)» [249, с.18]. Баъдан ба шарҳи истилоҳии он шуруъ карда, таъкид менамояд, ки «дар истилоҳи наҳвиён лафз ба маънои малфуз мебошад, ҳамон гунае ки халқ ба маънои махлуқ» [249, с.18]. Ё худ ҳангоми баҳси калом нахуст маънои луғавии онро ба таври зер: «калом дар луғат гуфторест, ки ба таври кам ё зиёд гуфта шавад» [249, с.37] оварда, сипас такя ба гуфтори соҳиби «Ал-Кофия» дар баёни маънои истилоҳии он пардохтааст. Ҳамзамон бо ин, Мавлоно Ҷомӣ кӯшидааст, то ба ҳар таърифи луғавию истилоҳии худ ба пайравӣ аз донишмандони пешини илми наҳв то дараҷае аз оёти қуръонӣ ва ё аз ашъори шоирони машҳури араб шоҳиде оварад.

Баръакси дигар шореҳон Мавлоно Ҷомӣ ҳар нуктаи «Ал-Кофия»-ро таҳлили грамматикӣ нанамуда, танҳо ба эъроб намудан ва баёни хусусиятҳои синтаксисии бархе калимоти Ибни Ҳоҷиб ва шарҳи дастурии шавоҳиди шеърии дар «Ал-Кофия»-омада пардохтааст. Аз ҷумла, дар эъроби ин мисраъ: «Ано ибну-т-Торик-ил-Бакрийи Бушр» мегӯяд: Агар «Бушр»-ро атфи баён ба «Бакрӣ» гардонӣ, ҷоиз аст, аммо агар онро бадал аз он бишуморӣ, ҷоиз нест, зеро бадал дар ҳукм такрор намудани омил мебошад, дар ин сурат тақдири ин ҷумла «ано ибну-т-Торик Бишрин» мешавад, ки ҷоиз нест»[250, с.15].

Хулоса, иҷтиҳодоти наҳвии Мавлоно Ҷомӣ ҳарчанд дар забоншиносии араб чизи тозаву нав ба шумор наравад ҳам, вале дар байни шарҳҳои «Ал-Кофия» тозаву хонданӣ мебошад. Чунончи, аз ҷумлаи вижагиҳои “Шарҳи мулло” ин аст, ки мусанниф дар он кӯшидааст, то барои бархе гуфторҳои мармузу мубҳами соҳиби “Ал-Кофия” сабабу тавҷеҳе зикр намояд, дар ҳоле ки дар дигар шарҳҳои китоби мазкур ин нукта ба назар намерасад. Масалан, масъалаи бе санову дуруд оғоз шудани “Ал-Кофия” маҳз дар “Шарҳи мулло” мавриди баҳс қарор гирифтааст. Чунончи, Мавлоно Ҷомӣ дар ин маврид мегӯяд: “Бидон, ки шайх (Ибни Ҳоҷиб) (Худованд биомурзадаш) ин китоби худро бо ҳамди Худованди пок оғоз накардааст, ба ин маъно, ки онро бахше аз он нагардонидааст. Шояд (аз хоксорӣ) чунин тасаввур доштааст, ки китобаш ба мисли китобҳои гузаштагон (Худованд биёмурзадашон) нест, аз ин рӯ, ба мисли онҳо китобашро бо ситоиш оғоз нанамуда. Аммо ин наметавонад, ки ба таври пурра ба ҳамд оғоз нанамудан далел шавад, ба гунае ки бо тарки он (тибқи ҳадис) нокомил гардад. Зеро метавон ҳамдро бе гардонидани он бахше аз китоб овард (ба ин маъно, ки мусанниф онро нанавишта бошад ҳам, ҳангоми тадвини китоб бо он дар лафз оғоз кардааст)»[249, с.13-14].

Чи тавре дар боло ишора шуд, дар шарҳҳои дигари «Ал-Кофия» аз қабили шарҳи Разиюддини Асторободӣ [215, с.19] ва шарҳи Бадриддин ибни Ҷамоа [167, с.57] аз ин иллатгузорӣ нишонае нест, балки онҳо баъд аз ҳамду ситоиш ва дуруду сано бевосита ба шарҳи каломи Ибни Ҳоҷиб пардохтаанд. Ба гумони ғолиб, Мавлоно Ҷомӣ иллатгузориҳову тавҷеҳоти худро бештар ҳамчун эътирозе ба эътирозоти дигар шореҳони «Ал-Кофия» овардааст, ки дар мавриди Ибни Ҳоҷиб нуктагирӣ менамудаанд.

Аз пажуҳиши «Ал-Фавоид-уз-зиёия» бармеояд, ки мусанниф ҳангоми шарҳ додани масоили наҳвӣ аз таъбирот ва истилоҳоти мантиқӣ низ истифода намудааст. Чунончи, пажуҳишгари араби «Ал-Фавоид-уз-зиёия»-Тоҳо Рафоӣ, мегӯяд: «Дар аснои гуфтори Ҷомӣ бархе ибораҳои

донишмандоне дида мешавад, ки дар ғайри наҳв, яъне дар дигар улум аз қабили мантиқу калом даст доштаанд. Аз ҷумла, дар шарҳи мазкур истилоҳоти ориз, маъруз, адамӣ, вуҷудӣ, сабаби қариб, сабаби баид, истилзом, мутобиқат, мураккаботи каломӣ ва ғайрикаломӣ, таркиби суноии ақлӣ, манъ-ул-хулув ва дигар таъбироти аҳли мантиқ оварда шудааст» [241, с.97]. Масалан, дар таҳлили бахши аввали «Ал-Фавоид-уз-зиёия» такя ба мантиқ намудани Мавлоно Ҷомӣ бараъло дида мешавад. Чунончи, дар шарҳу таърифи луғавию истилоҳии маъно Мавлоно мегӯяд: «Маъно: он чизе, ки қасд карда мешавад ва (аз нигоҳи сохторӣ маъно) исми макон (мафъал) ва ифодагари мақсад аст ва ё масдари мимӣ ба маънои (мафъул) ва ё шакли тахфифёфтаи сифати феълии тарзи мафъулӣ мебошад, ба монанди мармий. Чун маъно аз вазъ гирифта мешавад, аз ин рӯ, маъно баъди вазъ ва барои вижагардонии он оварда шудааст. Ба ин маъно, ки бо овардани вазъ калимаҳои бемаъно аз назар дур карда мешавад, дар ҳоле ки ба ҳеҷ гунаву вижагардонию тахсис бастагӣ надорад, аз ин рӯ, ҳарфҳои ҳиҷо, ки ба хотири таркиб гузошта шудаанд, на дар муқобили маъно, бо овардани калимаи маъно аз байн меафтанд. Зеро овардани ҳарфҳои ҳиҷо барои таркиб аст, на дар муқобили маъно. Вале агар гӯӣ, ки бархе лафзҳо дар муқобили баъзе дигар қарор мегиранд, пас, чи гуна он барои маъно оварда шудааст? Дар посух мегӯем, ки маъно он чизест, ки қасд ба он бастагӣ дорад, аз ин рӯ, метавонад лафз ва ё ғайри он бошад [249, с.7].

Бад-ин тартиб гоҳе дар зимни шарҳи Мавлоно Ҷомӣ ба масоили наҳвӣ бархе натиҷагириҳое дида мешавад, ки маншаъ аз мантиқ мегирад. Вале ин нукта бояд зикр шавад, ки корбурди истилоҳоти мантиқӣ дар наҳви арабӣ аз ибтикороти Мавлоно Ҷомӣ нест, балки ҳанӯз аз замони Заҷҷоҷӣ ҳатто пештар аз он истилоҳоти мантиқӣ ва бархе хулосагириҳои он ба наҳви арабӣ роҳ ёфта буд.

Хулоса, «Ал-Фавоид-уз-зиёия» яке аз машҳуртарин шарҳҳо бар «Ал-Кофия»-и Ибни Ҳоҷиб буда, дар доираҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр аз муҳимтарин китобҳои дарсии наҳви арабӣ ба шумор

мерафтааст. Имрӯз низ китоби мазкур дар доираҳои арабшиносии ватаниву хориҷӣ ва дар донишгоҳҳои арабӣ аз ҷойгоҳи волое бархӯрдор буда, ҳамчун сарчашмаи муҳимме дар шинохти дастури арабӣ эътироф мегардад.

5.5.Шумораи забоншиносони форсу тоҷик дар таърихи забоншиносии араб

Дар таърихи забоншиносии араб дар баробари китобҳои ба масоили наҳвию сарфӣ ва ихтилофии байни мактабҳои Басраву Куфа бахшида боз асарҳои дигаре вуҷуд дорад, ки ба рӯзгору осори наҳвиёну забоншиносон бахшида шудаанд. Аслан, кай ва чи гуна оғоз шудани ин навъи таълифот маълум нест, вале такя ба осори то имрӯз расида метавон ҳадс зад, ки таваҷҷуҳ ба он аз асри III ҳиҷрӣ маншаъ мегирад. Шояд оламшумул гаштани забони арабӣ муҷиб гашт, ки дар баробари таваҷҷуҳ намудан ба вожагону сохтори грамматикии он, ҳамзамон, ба гирдоварии номи донишмандони илми забон ва андешаҳои онҳо пардохта шавад. Ба андешаи инҷониб омилҳои зерин ба чунин таълиф рӯ овардани донишмандон мусоиат намудааст: а) ихтилофи наҳвӣ. Дар таърихи забоншиносии араб ихтилофи наҳвиён дар ин ё он масоили сарфию наҳвӣ ҷойгоҳи назаррасеро ташкил медиҳад ва бемавқеъ нест, агар ҳадс зада шавад, ки тадвини номи онҳо гунае аз бартариҷӯии як мактаб ба мактаби дигар мебошад; б) омехта намудани номи донишмандон. Чунончи, соҳиби «Маротиб-ун-наҳвийин» таъкид менамояд: «Бештари мардуми замони мо байни Абуубайда ва Абуубайд фарқе намегузоранд ва аз нисбат додани ин ё он чиз ба Абусаиди Асмаӣ ё Саъиди Суккарӣ ё Абусаъиди Зарир бехабаранд. Масъалаеро аз Аҳмар ҳикоят мекунанд, дар ҳоле ки намедонанд, ки ин Аҳмари басрӣ аст ва ё Аҳмари куфӣ. Ҳатто илмашон ба фарқнамоӣ байни Абуамр ибн Ало ва Абуамр Шайбонӣ намерасад» [273, с.15].

Аз баррасии мавзуъ бармеояд, ки аввалин нафаре, ки ба зиндагӣ ва осори забоншиносони араб таваҷҷуҳ намудааст, ин Ибни Қутайба (276 ҳ/ 889 м) мебошад. Мавсуф дар китоби «Ал-Маориф» ба бузургтарин

наҳвиёни ду асри пеш аз худ ишора намуда, ҳатто дар зери боби «Ровиёни шеър» ибораҳои «асҳоб-ул-ғариб ва-н-наҳв»-ро овардааст [133, с.540-549].

Аз ривоятҳо бармеояд, ки аввалин нафаре, ки дар мавриди рӯзгор ва осори забоншиносони араб ба таври муфассалтар бо тадвини як асари алоҳида ҳиммат гумоштааст, Мубаррид (ваф.285 ҳ) мебошад. Китоби мавсуф «Табақот-ун-наҳвийин-ил-басрийин ва ахбориҳим» унвон доштааст. Таълифи ин китоб дар замоне сурат гирифтааст, ки ихтилофи намояндагони мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа ба авҷи худ расида буд ва шояд таълифи ин китоб низ як навъ ифтихори забоншиноси Басра бар забоншиносони Куфа бошад, чаро ки, аз як тараф, номи китоб ва, аз тарафи дигар, дар баробари ин асар таълиф шудани китобе аз ҷониби Саълаб, ки ҳамзамон, ва рақиби асосии Мубаррид ба қалам дода мешавад, дар робита ба рӯзгору осори наҳвиёни Куфа ба чунин натиҷагирӣ мебарад. Бад-ин маъно, ки Мубаррид бо ифтихорнамоӣ аз гузаштагони мактаби Басра ҷойгоҳу мавқеи худро бар рақибони худ нишон медиҳад ва Саълаб низ айни ҳамин корро намуда, таърихияти мактаби Куфаро ба таҳрир кашидааст.

Баъдтар навиштан ва таснифи китобҳо дар мавриди рӯзгор ва осори забоншиносони араб ба мисли навиштани осори сарфию наҳвӣ анъана гашт. Чунончи, дар асри IV ҳиҷрӣ осори зиёде дар ин росто таълифу тасниф гашта, қисме дастхуши замон гаштаву то замони мо нарасидааст ва қисме рӯйи чоп омадааст. Масалан, «Таърих-ун-наҳвийин»-и Абубакри Таърихӣ (ваф. аввали асри IV ҳиҷрӣ), «Ахбор-ун-наҳвийин ав-ин-нуҳот»-и Ибни Дуруствайҳ (ваф. 374 ҳ), «Ал-Муқтабас фи ахбор-ин-нуҳот ва-л-удабо ва-ш-шуаро ва-л-уламо»-и Ибни Умрони Марзбонӣ (ваф.384) ва ғ. аз осори тарҷумаҳолии забоншиносон буда, мутаассифона, то замони мо нарасидаанд[103].

---

[103] Мавриди таъкид аст, ки китоби «Ал-Муқтабас фи ахбор-ин-нуҳот ва-л-удабо ва-ш-шуаро ва-л-уламо»-и Ибни Умрони Марзбонӣ аз байн рафта бошад ҳам, вале мухтасари он ки аз ҷониби Абулмаҳосин Юсуф ал-Ҳофиз Яғмурӣ таҳти унвони

«Маротиб-ун-наҳвийин»-и Абутайиби Луғавӣ (ваф.351 ҳ/962) [273], «Ахбор-ун-наҳвийин-ил-басрийин»-и Абусаъиди Сирофӣ (ваф.368 ҳ /978 м) [108], «Табақот-ун-наҳвийин ва-л-луғавийин»-и Абубакри Зубайдӣ (ваф.379 ҳ / 989 м) [97], «Таърих-ул-уламо-ин-наҳвийин мин-ал-басирийин ва-л-куфийин ва ғайриҳим»-и Қозӣ Абулмуҳосин Танухӣ (ваф. 442 ҳ / 1050 м) [131], «Нузҳат-ул-алиббо фи табақот-ил-удабо»-и Абулбаракот ибни Анборӣ (ваф.577 ҳ / 1181 м) [89], «Инбоҳ-ур-рувот ало анбоҳ-ин-нуҳот»-и Ҷамолиддини Қифтӣ (ваф. 646 ҳ/ 1248 м) [180; 181; 182; 183], «Ишорат-ут-таъйин фи тароҷим-ин-нуҳот ва-л-луғавийин»-и Абдулбоқии Ямонӣ (ваф.743 ҳ / 1342 м) [242], «Ал-Булға фи тароҷим аимат-ин-наҳв ва-л-луғат»-и Муҳаммад ибн Яъқуби Фирӯзободӣ (ваф. 817 ҳ /1415 м) [316], «Табақот-ун-нуҳот ва-л-луғавийин»-и Қозӣ Шаҳба (ваф.851 ҳ / 1447 м) [171] ва «Буғят-ул-вуот фи табақот-ил-луғавийин ва-н-нуҳот»-и Ҷалолиддин Суютӣ (ваф. 911 ҳ / 1505 м)[251; 252] аз асарҳои тарҷумаҳолие мебошанд, ки бевосита ба рӯзгору осори забоншиносони араб бахшида шудаву то замони расида ва рӯйи чоп омадаанд.

Мавриди зикр аст, ки дар баробари ин осор боз асарҳои зиёди дигаре, ки ба таърихи ин ё он диёр, ба рӯзгору осори адибону фақеҳон ва муфассирону муҳаддисон бахшида шудаанд, дар зимни худ ному таснифоти шумораи зиёде аз забоншиносони арабро овардаанд. Масалан, «Ал-Феҳрист”-и Ибни Надим (ваф. 384 ҳ / 994 м)[83], “Муъҷам-ул-удабо: иршод-ул-араби ило маърифат-ил-адиб”-и Ёқути Ҳамавӣ (ваф.626 ҳ /1229 м) [359; 360] ва “Вафиёт-ул-аъён ва анбои абно-из-замон”-и Ибни Халликон (ваф.681 ҳ/1282 м) [111; 112], «Ал-Вофӣ би-л-вафаёт»-и Сафадӣ (696-764ҳ/ 1296–1363 м), «Таърихи Бағдод»-и Хатиби Бағдодӣ (392-463 ҳ/1002-1071 м), «Таърихи Димашқ»-и Ибни Асокир (499-571ҳ/1105-1176м), «Ат-Таърих-ул-кабир»-у «Сияр-ун-нубало», «Табақот-ул-қуро»-и Шамсиддини Заҳабӣ (673-748 ҳ/1274-1348 м) ва ғ. аз рӯзгору осори шумораи зиёди забоншиносони араб ёд карда шудааст.

«Нур-ул-қабс-ил-мухтасар мин ал-муқтабас фи ахбор-ин-нуҳот ва-л-удабо ва-ш-шуаро ва-л-уламо» тасниф шудааст, то замони мо расидааст.

Бо сафҳагардонии бештари ин осор мо ба натиҷае расидем, ки рӯзгору осори забоншиносони тоҷикзабону тоҷиктабори арабро аз китоби «Буғят-ул-вуот фи табақот-ил-луғавийин ва-н-нуҳот»-и Ҷалолиддин Суютӣ ҷустуҷӯ намуда, бори дигар бо овардани омор ба гунае ба чандиву чунии саҳми онҳо дар сарфу наҳв, луғатнигорӣ ва рушду такомули забону забоншиносии араб ишора намоем.

Мо ин асарро ба хотири он интихоб намудем, ки он дар силсилаи осори тарҷумаҳолии забоншиносони араб, чи аз нигоҳи таърихӣ баъдтар ва чи аз нигоҳи фарогирӣ шомилтар аст. Ҳамзамон, Суютӣ таъкид менамояд, ки дар навиштани ин китоб аз бузургтарин таърихҳо, осори тарҷумаҳолӣ, табақот ва ғ. истифода намудааст. Ба ин маъно, ки ҳама он забоншиносоне, ки дар осори донишмандони пешин оварда шудааст, дар ин асари Суютӣ оварда шудаанд. Илова бар ин, Суютӣ забоншиносони ҳамзамони худро низ дар ин асар ёд кардааст. Масалан, Суютӣ мегӯяд: «ҳар он чи дар ин китобҳо[104] дар мавриди тарҷумаи ҳоли забоншиносе маълумот буд, сарфи назар аз кӯтоҳӣ ё дарозии он маълумот, сарфи назар аз шинохта ё ношинохта будани он забоншинос, ҳамаро гирд овардам, ба гунае ки сиёҳнависи китоб ба ҳафт ҷилд расид. Дӯсте ба ман ишора кард, ки онро кӯтоҳ намояму муҳимтарини онҳоро дар китобе гирд оварам. Мағзи онҳоро дар ин китоб гирдоварӣ кардам ва он сиёҳнависро канора гузоштам, зеро медонам, ки на касе дар фаро гирифтани он ҳиммат мегуморад ва на касе ҳамаи онро фаро гирифта метавонад» [251, с.5-6].

Ҳарчанд асари мазкури Суютӣ шакли мухтасари осори дигари тарҷумаҳолии забоншиносони араб[105] ба шумор равад ҳам, вале дар муқоиса ба осори то замони ӯ расида мукаммалтару ҷомеътар ба шумор

---

[104] Ҷалолиддини Суютӣ дар муқаддимаи китоб таъкид менамояд, ки барои навиштани ин китоб ба гирдоварии осори табақоти наҳвиён, таърихҳо ва ғ. муроҷиат намудам, ки шумораи онҳо наздик ба 300 муҷаллад мерасид [251, с.3].

[105] Таъкид мешавад, ки Суютӣ дар мавриди рӯзгору осори забоншиносони араб се китоб: «Ат-Табақот-ул-кубро», «Ат-Табақот-ул-вусто» ва «Ат-Табақот-ус-суғро» тасниф намудааст, вале аз ин китобҳои сегона танҳо «Ат-Табақот-ус-суғро» ба замони мо расидааст, ки бо номи дигар «Буғятул-вуъот фи табақот-ил-луғавийина ва-н-нуҳот» шуҳратёр гаштааст.

меравад, чаро ки муаллиф кӯшидааст, то ҳама он маълумоте, ки дар бораи рӯзгор ва осори забоншиносони араб дар китобҳои пешиниён оварда шудааст, дар ин китоби худ оварад.

«Буғятул-вуъот фи табақот-ил-луғавийина ва-н-нуҳот»-и Ҷалолиддин Суютӣ дар ду ҷилд ба табъ расидааст. Таҳлил нишон дод, ки дар ҷилди аввали китоб 1290 нафар забоншинос оварда шудааст, ки аз ин 177 нафар ба диёри тоҷикнишин марбут дониста шудаанд. Дар ҷилди дувуми китоби мазкур тарҷумаи ҳоли 918 забоншинос оварда шудааст, ки аз он 103 нафар аз мардуми форсу тоҷик ба шумор меравад. Ҳамзамон, аз пажуҳиш дар «Таърихи адабиёти араб»-и К.Броккелман 10 забоншиносе, ки нисбаташон дар «Буғятул-вуъот фи табақот-ил-луғавийина ва-н-нуҳот» мушаххас набуд, нисбаташон ба мардуми форсу тоҷик маълум гашт. Ба ин тартиб, аз 2209 нафаре, ки тарҷумаи ҳолашон дар ин китоб оварда шудааст, 290 нафарашон аз донишмандони форсу тоҷик мебошанд.

Аз 290 нафар забоншинос соли вафоти 178 нафари он оварда шудааст. Мувофиқи нишондоди ин китоб вафоти донишмандон: 2 нафар ба асри II, 14 нафар ба асри III, 39 нафар ба асри IV, 32 нафар ба асри V, 40 нафар ба асри VI, 14 нафар ба асри VII, 20 нафар ба асри VIII ва 17 нафар ба асри IX-и ҳиҷрӣ рост меояд.

Таҳлил нишон дод, ки дар асар ба таълифот ва таснифоти 115 нафар забоншиноси форсу тоҷик ишора шудааст, ки теъдоди он ба 322 асар мерасад. Аз 322 асар тақрибан 80 китобаш шарҳ ва боқимонда бевосита таълиф мебошад. Ҳамзамон, дар мавриди дигар донишмандон гуфта шудааст, ки асаре дар ин боб ё он боб дошта, вале зикри асар оварда нашудааст. Масалан, дар мавриди Муҳаммад ибни Марзбони Димартӣ гуфта шудааст, ки ӯ беш аз 50 китоби арабиро ба форсӣ тарҷума кардааст [251, с.241], вале ба таври мушаххас китобе аз ӯ ёд нашудааст. Ё худ ба Абуубайда Муаммар ибни Мусанно дусад китоб нисбат дода шудааст, ки ҳамагӣ 53 номгӯи онро Ибни Надим ёд кардааст [307, с.143; 83, с.79-80; 355, с.415].

Ҳарчанд асари «Буғятул-вуъот фи табақот-ил-луғавийина ва-н-нуҳот» шомилтарин асар дар таърихи тарҷумаҳолии забоншиносони араб ба шумор равад ҳам, вале ба яқин на ҳама забоншиносони то замони Суютӣ, чи арабу чи ғайриараб, чи соҳиби таснифоти нафису чи соҳиби таълифоти нақиб, дар ин асар гирдоварӣ шудаанд. Аз назари инҷониб дар зикр наёфтани бархе рӯзгору осори забоншиносон, хусусан забоншиносони тоҷиктабори араб се иллат аст: а) Суютӣ дар муқаддимаи асар ба сарчашмаҳои таърихие, ки дар таснифи китоб истифода шудаанд, ишора мекунад, ки аз ҷумлаи он «Таърихи Исфаҳон», «Таърихи Балх», «Таърихи Нишопур» ва ғ. аст. Воқеан, нисбати бештари забоншиносони форсу тоҷике, ки дар асари мазкур рӯзгору осорашон оварда шудааст, маҳз ба Исфаҳону Нишопур ва Балху Ҳирот бармегардад. Яъне, аз 290 забоншиноси тоҷиктабори арабинигори дарасаромада ҳамагӣ панҷ нафар: Исҳоқ ибни Аҳмад ибни Шис ибни Наср ибни Шис ибни Ҳакам Абунаср Саффори Бухорӣ [251, с.438], Ҳасан ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Аҳмал Қаттон Абуалии Марвазӣ Бухориюласл [251, с.513], Салама ибни Начм ибни Муҳаммад ибни Абдурраҳмон Адиби Наҳвии Бухорӣ [251, с.596], Абдуссамад ибни Муҳаммад ибни Ҳайюнати Бухорӣ Абумуҳаммад Адиб [252, с.97] ва Алӣ ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад Шайх Алоуддини Бухории Ҳанафии Наҳвӣ Муфаннин [252, с.200] ба Бухоро ва як нафар: Муҳаммад ибни Сулаймон ибни Қутрумиш ибни Турконшоҳ Абунаср[106] [251, с.115-116] ба Самарқанд нисбат дода шудааанду бас. Яъне, иллати аввал ин аст, ки дар дастрасии Суютӣ асаре, ки фарогири таърихи донишмандони Бухорову Самарқанд, хусусан забоншиносони ин диёр бошад, набудааст; б) ба ҳавзаҳои илмии арабмеҳвар, Ироқу Мисру Шом алоқаманд набудан/робита надоштани забоншиносони тоҷиктабори араб ва в) дар зери сояи ҳамзамонон мондану ношинохта гаштани онҳо.

[106] Суютӣ дар бораи Муҳаммад ибни Сулаймон ибни Қутрумиш ибни Турконшоҳ Абунаср мегӯяд, ки ӯ «бағдодиюлмавлид ва самарқандиюласл» (дар Бағдод зодаву аслаш аз Самарқанд) мебошад [251, с.115-116].

Масалан, имрӯз дар таърихи сарфи забони арабӣ аз китоби «Дақоиқ-ут-тасриф»-и Қосим ибни Муҳаммад ибни Саъид Муаддиб[107] ёд менамоянд, дар ҳоле ки на дар ин асари Суютӣ ва на дар осори тарҷумаҳолии донишмандони дигар аз ӯ зикре нарафтааст. Ҳамин аст, ки Мозин Муборак бо васфи масъалагузориву услуби китоби «Дақоиқ-ут-тасриф» ношинохта мондани асару соҳиби асарро дар ҳамзамон будан ба бузургони дигар рабт медиҳад: «Вай (Ибни Саъид Муаддиб – И.К.) ба мисли бештари шоирону донишмандон гирифтори ҳамзамонии шоирону донишмандони саромади замони худ гардида, ба ин хотир шуҳрат наёфтааст. Чунончи, шоироне, ки ҳамзамони Ҷариру Фараздақ ва Ахтал, ё ҳамасри Абутамому Буҳтурӣ ва ё Мутанаббӣ ва забоншиносоне, ки ҳамзамони Форсию Ибни Ҷиннӣ буданд, аз «юмн»-и ин ҳамзамонӣ ношинохта гаштанд» [314, с.307-308]. Бад-ин маъно, ки бештари донишмандону забоншиносони ҳамасри нобиғаҳо, чи дар рӯзгори худ ва чи баъд, зери сояи нобиғаҳо қарор мегиранд.

Ҳамзамон, дар ин асари Суютӣ аз Абдураҳмони Ҷомӣ ёд нашудааст, дар ҳоле ки «Ал-Фавоид-уз-зиёия»-и ӯ аз рӯзи таълифаш то Инқилоби Октябр, ба таъбири имрӯза китоби рӯйимизии арабиомӯзони тоҷик ба шумор мерафт. Ин дар ҳолест, ки аз тамоми суханварони классики форсу тоҷик, хусусан шоирону адибоне, ки то асри XV-XVI ба сар бурдаанд, метавон ба унвони мутахассисони забони арабӣ ва забоншинос ёд кард. Чи тавре забоншиноси тоҷик Д.Хоҷаев таъкид намудаанд, «ҳамаи донишмандони асри миёна, сарфи назар аз он ки дар кадом соҳаи илм забардастанд, аз асосҳои илми забон баҳраи комиле дошта, дар густаришу инкишофи қавонини забоншиносӣ саҳме гузоштаанд» [20, с.23]. Масалан, истилоҳоти забоншиносие, ки дар ашъори Манучеҳрӣ, Саноӣ, Ҳоқонӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Саъдии

[107] Аз донишмандони садаи чори ҳиҷрӣ буда, вафоташ номаълум аст. Ба асри чорум нисбат додани он такя ба гуфтаи худи Ибни Саъид Муаддиб аст, ки дар охири китоб гуфта: «Аз навиштани ин китоб субҳи рӯзи панҷшанбе, 8-уми зилҳиҷҷаи соли 338 ҳиҷрӣ, дар ҳукмронии Амир Абумуҳаммад Нуҳ ибни Наср мавлои Амиралмуъминин фориг шудам» [122, с.527].

Шерозӣ ва дигарон ба кор рафтааст, далолат ба огоҳӣ, ҳатто мутахассис будани онҳо дар забоншиносии араб менамояд. Барои мисол, Саноӣ мегӯяд:

Ҳува янсариф лақабаш ниҳоданд мардумон,

В-андар забон гирифташ ҳар кас ба мадхалӣ.

Лоянсариф туӣ зи бузургони рӯзгор,

В-инак зи номи хеш мар инро далоилӣ.

Дар наҳв вазни афъала лоянсариф бувад,

Номи ту Аҳмад аст ба мизони афъалӣ [405].

Ё худ Мавлои Рум дар Дафтари сеюми «Маснавии маънавӣ» мегӯяд:

Мота Зайдун, Зайд агар фоъил бувад,

Лек фоъил нест, к-ӯ отил бувад.

Ӯ зи рӯйи лафзи наҳвӣ фоъил аст,

В-арна ӯ мафъулу мавташ қотил аст.

Фоъили чӣ? К-ӯ чунон мақҳур шуд,

Фоъилиҳо ҷумла аз ӯ дур шуд [366, с.185-186].

Воқеан, дар ин сатҳ овардани истилоҳот ва масоили наҳвӣ, байни мунсарифу ғайримунсариф тафовут гузоштану дар масъалаи «مات زيد» андешаи Фарроро ба назм кашидан танҳо аз ҷониби нафаре муяссар мешавад, ки аз дониши забоншиносии араб ба хубӣ бархӯрдор бошад.

Илова бар ин, ҳама қаламкашони арабинигори форсу тоҷике, ки дар Басраву Куфа ва Бағдод бо сурудани шеър шуҳратёр гаштаанд, аз қабили Башшор ибни Бурд, Абунувос ва ғ., пеш аз ҳама, луғат ва сарфу наҳви арабиро ба монанди як мутахассис омӯхтаанд ва бе муболиға бештари онҳо ба унвони луғавӣ шинохта мешуданд. Чунончи, Абунувос, ки дар таърихи адабиёти араб бо ашъори бебандуборонаи худ шуҳрат дорад, дар баробари рафтан ба биёбону ҳамнишинӣ бо арабҳои бодиянишин боз дар назди Абузайди забоншинос ба шогирдӣ нишаставу алфози ғарибро навишта кардааст, ҳамзамон, ба наҳви Сибавайҳ таваҷҷуҳ доштааст [85, с.27]. На фақат донишмандону аҳли қалам, балки

сиёсатмадорони он рӯзгор, аз қабили Бармакиёну Бувайҳиён ва ғ., пеш аз сиёсатмадор будан бо донишҳои замони худ, хусусан забоншиносӣ хуб ороста буданд, ки ба ин нукта ташкили мунозираҳо байни забоншиносон ва гоҳе дар мақоми доварӣ нишастани онҳо далели инкорнопазире мебошад.

Такя ба ин метавон хулоса кард, ки дар асарҳои таърихӣ-тазкиравӣ ва тарҷумаҳолии забоншиносони араб ҳарчанд на ҳама номи забоншиносони арабинигори форсу тоҷик оварда шуда бошад ҳам, вале шумораи овардашуда худ гувоҳи саҳми онҳо дар пешрафту ташаккули забону забоншиносии араб мебошад.

ХУЛОСА

Натиҷаҳои таҳқиқро метавон ба таври зер хулоса кард:

1. Забоншиносӣ таърихӣ қадима дошта, нахуст дар Ҳинд ба майдон омадааст. Чиниҳо ва юнониҳо низ дар забоншиносӣ пешоҳанганд, зеро андешаҳои забоншиносии онҳо низ ба асрҳои пеш аз милод бармегардад. Воқеияти таърихӣ аст, ки на ҳама тамаддунҳо дорои забоншиносӣ будаанд [10-М; 11-М; 12-М].

2. Дар авохири асри VII ва авоили асри VIII мелодӣ, дар баробари илмҳои тафсиру фиқҳ ва ҳадис, забоншиносии араб дар партави ангезаҳои диниву миллӣ ва сиёсиву забонӣ ба майдон омада, дар марҳилаи нахустин сирф арабӣ ва зодаи зеҳни араб талаққӣ мешавад. Хусусан, аломатгузории ҳаракатҳои эъробӣ ва баъд аз он нуқтагузории ҳарфҳои аз нигоҳи шакли ҳамгун аз нахустин иқдомоти забоншиносии амалии араб ба ҳисоб меравад [4-М; 8-М].

3. Аз таҳлили андешаҳои донишмандон дар мавриди таъсирпазирии забоншиносии араб аз забонҳои дигар бармеояд, ки дар ин раванд аз ҳама пештару бештар нақши донишмандони форсу тоҷик зиёд аст, зеро бештари асарҳои ҳиндиву юнонӣ дар марҳилаи аввал бевосита аз ин забонҳо не, балки аз тарҷумаи паҳлавиашон ба забони арабӣ тарҷума гардидаанд [4-М; 8-М].

4. Андешаҳо атрофи аввалин поягузори забоншиносии араб мухталифанд. Чунончи, сарчашмаҳои таърихӣ Абуласвад Дуалӣ, Абдураҳмон ибни Ҳурмуз ва Ибни Абуисҳоқи Ҳазрамиро аз поягузорони ин илм ба қалам медиҳанд, ҳарчанд ривоятҳои бештар ба пешоҳангии Абуласвад Дуалӣ дар ин ҷода ишора месозанд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки чор табақаи аввали забоншиносони араб фарогири чордаҳ забоншиносе мебошад, ки аз ин шумора 8 забоншинос аз мардуми форсу тоҷик будаанд [4-М].

5. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истилоҳи наҳв бархоста аз забони арабӣ буда, аз ҳеҷ забоне тарҷума нагаштааст ва ин ифодагари он аст, ки забоншиносии араб, чи аз нигоҳи ташкил ва чи аз нигоҳи

истилоҳофаринӣ, аз забоншиносиҳои ҳиндиву юнонӣ ва сурёнӣ таъсир напазируфтааст. Ҳамзамон, истилоҳи наҳв гоҳе ба маънои маҳдуд: синтаксис ва гоҳе ба маънои васеъ: забоншиносӣ фаҳмида мешавад [4-М; 8-М].

6. Дар баробари саҳми донишмандони форсу тоҷик дар пайдоиши забоншиносии араб, нақши маволӣ низ, ки бо ҳузури шумораи зиёди худ ҳамзистии забониро байни арабиву форсии тоҷикӣ ба майдон оварданд, назаррас мебошад. Маҳз ҳузури ин маволӣ дар Басраву Куфа зарурати посдории забони арабиро ба миён овард ва муҷиби зуҳури нахустин андешаҳои забоншиносии араб гардид [29-М; 4-М].

7. Аз баррасии раванди шаклгирии фарҳангнигории араб бармеояд, ки донишмандони ғайриараб дар марҳилаи аввали пайдоиши забоншиносии араб, аслан, ба бахши грамматикии он, хусусан ба наҳв, ки дар меҳвари он омилу эъроб қарор дорад, таваҷҷуҳ менамудаанд, дар ҳоле ки донишмандони асили араб, бинобар муҳаббату дилбастагие, ки ба шеъру рӯйдодҳои таърихӣ доштанд, ба ҷанбаи луғавии забон таваҷҷуҳи бештар мекардаанд [12-М; 27-М].

8. Маҳз донишмандони араб нахустин шуда дар таълифи фарҳангномаҳои арабӣ иқдом намудаанд, вале фазилати навовариҳои дар таснифу тартиби онҳо ва шумораи зиёди фарҳангҳо ҳамеша вижаи донишмандони форсу тоҷик будааст. Чунончи, тартиби қофиягӣ, тартиби сохторӣ, тартиби алифбоӣ аз марҳилаи мураккабӣ то давраи одӣ ва ахиран тартиби нутқии вожаҳо дар зимни фарҳангномаҳо ҳамагӣ зодаи зеҳни фарзандони форсу тоҷик аст [12-М; 27-М].

9. Бузургтарин фарҳангномаҳои арабӣ, аз қабили «Ат-Таҳзиб»-и Азҳарӣ, «Сиҳоҳ»-и Ҷавҳарӣ ва «Асос-ул-балоға»-и Замахшарӣ дар сарзаминҳои форсу тоҷикнишин таълифу тасниф гардидаанд. Мавриди зикр аст, ки аз наздик ба 1500 фарҳанги арабие, ки номашон дар сарчашмаҳо омадааст, қариб 400 фарҳанг ба қалами донишмандони арабинигори форсу тоҷик тааллуқ дорад. Ин дар ҳолест, ки дар Хуросону Мовароуннаҳр садҳо фарҳангномаи якзабонаву дузабонаи

арабии дигар таълифу тасниф гаштааст, ки ношинохта боқӣ мондаву ба шакли дастхатҳо дар китобхонаҳои гуногуни ҷаҳон мунтазири таҳқиқанд [12-М].

10. Донишмандони форсу тоҷик дар шинохти воҳидҳои фразеологии забони арабӣ ва таълифу таснифи фарҳангномаҳои вижаи фразеологии арабӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Агар Абуҳилоли Аскариву Абулфазли Майдонӣ ва Саолабӣ дар зимни асарҳои ба масалу ҳикматҳо ва хушгуфтории бахшидаи худ ба воҳидҳои фразеологӣ ва маонии онҳо ишора намуда бошанд, пас, Замахшарӣ дар «Асос-ул-балоға», пеш аз ҳама, ба таркибу таъбирҳои фразеологӣ таваҷҷуҳ намудааст. Ҳамин аст, ки онро дар таърихи фарҳангнигории араб ба унвони аввалин фарҳанги фразеологии арабӣ мешиносанд [5-М; 14-М; 26-М].

11. Фарҳангҳои арабӣ сарчашмаи муҳимме дар баррасии масъалаҳои сарфию наҳвии забони арабӣ ба шумор мераванд ва дар тасвир кардани андешаҳои забоншиносони нахустини араб, ки, мутаассифона, асарҳояшон ба боди фано рафтаанд, беҳтарин сарчашма ба шумор мераванд. Ҳамзамон, такя ба таҳлилҳои овардаи ин фарҳангнигорон ва мавқеъгириашон дар ростои ин ё он масъалаи сарфию наҳвӣ метавон ба гунае то ҷое мушаххас намуд, ки дар сарзаминҳои ғайриарабӣ андешаҳои кадом мактабҳои забоншиносии арабӣ роиҷтар будаву муаллифони фарҳангҳо тамоюл ба тарҷеҳи мавқеи кадом забоншиносон бештар доштаанд [11-М; 12-М; 27-М].

12. Аввалин мактаби забоншиносии араб дар Басра ба майдон омадааст, аз ин рӯ, он дар таърих ба номи мактаби забоншиносии араб шуҳрат дорад. Ҳама мактабҳои забоншиносии араб, ки баъдтар ба майдон омадаанд, сар аз мактабҳои забоншиносии Басра то мактаби забоншиносии Андалус, мадюни мактаби забоншиносии Басра ба шумор мераванд. Баррасии андешаҳои забоншиносии Басра нишон медиҳад, ки сахтгирии онҳо дар мавриди ривоятҳо ё худ самоъ ва таваҷҷуҳи бештар намудан ба қиёс на аз таъсирпазириашон аз мантиқ аст, балки онҳо ба

хотири посдории забони адабии арабӣ бо ибтикори худ меъёрҳоеро пайрезӣ намудаанд, ки дар тули таърих ба масобаи ҷавшани рахнанопазири ин забон хидмат кардаанд [2-М; 8-М]..

13. Аслан, забоншиносии араб дар «Китоб»-и Сибавайҳ ҷамъбаст шудааст. Сибавайҳ бо таълифи «Китоб» тамоми андешаҳои забоншиносии пеш аз худро ҷамъбаст карда, як системаи мукаммалу мушаххасеро бо пайрезии қоидаҳои гуногуни забоншиносӣ ба майдон овард. Андешаҳои Сибавайҳ дар мавриди падидаҳои забонӣ танҳо ба забоншиносии араб маҳдуд намегардад, балки бо омӯзиши равишҳои муносибати ӯ бо масоили забонӣ ва қонунмандиҳое, ки дар ин росто ба миён овардааст, метавон онҳоро дар омӯзиши падидаҳои ҳар забоне ба кор гирифт. Хусусан, таъсири «Китоб» дар забоншиносии классикии форсу тоҷик назаррас аст. Ҳамин аст, ки Сибавайҳро дар саргаҳи забоншиносии арабу аҷам қарор дод [6-М; 5-М].

14. Мактаби забоншиносии Куфа дувумин мактаби забоншиносии араб ба шумор рафта, аслан, дар заминаи мактаби забоншиносии Басра ба майдон омадааст, чаро ки муассисони он пеш аз он ки мактаби мустақилеро таъсис диҳанд, дар назди донишмандони басрӣ ба шогирдӣ нишастаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муносибати ҳар ду мактаб ба сарчашмаҳо тафовут дошта, барои мондагории забони арабӣ ва услубҳои гуногун барои баёни таъбирҳо дар он мусоидат намудааст. Аз ҷумла, осонгириҳои забоншиносони Куфа дар бақои услубҳои гуногуни ибораороиву ҷумласозӣ ва бозтобнамоии тарзҳои гуфтории асрҳои аввали ҳиҷрӣ нақш дорад [2-М; 5-М].

15. Дар таъсиси мактаби забоншиносии Куфа Абузакариё Фарро нақши асосӣ дорад. Ҳарчанд Кисоӣ заминае барои ин мактаб гузоштаву ба гунае аз муассисони он ба шумор равад ҳам, вале маҳз Фарро бо таҳлилу баррасиҳои масоили сарфи наҳвӣ ва истилоҳофаринии вижа тавонист пояҳои ин мактабро мустаҳкам ва онро ҳамчун як мактаби мустақили забоншиносӣ муаррифӣ намояд. Асари «Маони-ул-Қуръон»

яке аз сарчашмаҳои бунёдии мактаби забоншиносии Куфа ба шумор рафта, андешаҳои сарфию наҳвӣ ва умуман забоншиносии Фарро маҳз дар он инъикос ёфтаанд [2-М].

16. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки пайдоиш ва ташаккули мактаби забоншиносии Баґдод баёнгари як марҳилаи нави забоншиносии араб ва баландтарин қуллаҳои илмӣ расидани он мебошад, зеро агар дар ду мактаби қаблӣ бештар ба паҳлуҳои луґавию сохторӣ ва маъноӣ, инчунин, ҷанбаҳои синатаксисиву услубии калимаву ибора ва ҷумлаҳо таваҷҷуҳ мешуда бошад, пас, дар ин мактаб, аллакай, ба масоили забоншиносие, ки имрӯз дар забони арабӣ таҳти унвони « فقه اللغة» (забоншиносӣ) ва «علم اللغة» (филология) баррасӣ мегарданд, мавриди баррасиву омӯзиш қарор гирифтааст [2-М;18-М; 29-М].

17. Дар мавриди муассиси мактаби забоншиносии Баґдод байни донишмандон ихтилофи назар вуҷуд доштааст. Бархе Ибни Қутайбаву Дуруствайҳ, ки гароиши бештаре ба мактаби забоншиносии Басра доштанд ва бархе дигар Ибни Кайсону Ибни Шуқайр ва Ибни Хайётро, ки тамоюлашон ба мактаби забоншиносии Куфа назаррастар аст, ба унвони муассисони ин мактаб мешуморанд [2-М; 29-М].

18. Тафовути асосӣ байни мактабҳои забоншиносии араб ин муносибати онҳо ба ду усули асосӣ: самоъ ва қиёс будааст. Агар басриҳо дар мавриди самоъу қиёс сахтгир бошанд, пас, куфиҳо дар ин росто осонгирӣ намудаанд, дар ҳоле ки баґдодиҳо дар ин маврид роҳи васатро интихоб кардаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки қиёс зодаи зеҳни донишмандони форсу тоҷик аст, чаро ки вақте Сибавайҳ дар Басра бо қиёс ба таҳлили масоили забоншиносӣ мепардохт, Имоми Аъзам дар Куфа дар баровардани фатво аз қиёс истифода мекард [18-М; 29-М].

19. Дар таърихи забоншиносӣ илми сарф аз нигоҳи замонӣ каме баъдтар аз илми наҳв ба мустақилият расидааст ва дар ростои ҳамчун илми мустақил шудани он саҳми фарзанди форсу тоҷик – Абуусмон Мозанӣ, бисёр назаррас мебошад. Аз таҳлили китобҳои дар илми сарф таълифкардаи донишмандони форсу тоҷик бармеояд, ки онҳо, чи дар

муҳити арабӣ ва чи дар сарзаминҳои форсу тоҷикнишин, дар баробари таълифи таснифи осор дар робита ба масоили наҳвию гирдоварии вожаву таъбирҳои арабӣ, боз ба матраҳнамоии масоили сарфӣ низ таваҷҷуҳ намуда, дар ин росто асарҳои арзишманде таълиф кардаанд, ки масъалагузорӣ ва шарҳу тавзеҳоти мавзуоти сарфӣ дар онҳо аз огоҳии ин донишмандон аз хусусиятҳои ҳамаҷонибаи забони арабӣ шаҳодат медиҳад [16-М].

20. Донишмандони форсу тоҷик, аз забоншиносон сар карда то файласуфону табибон дар ташаккули илми овошиносии араб саҳми назаррас гузоштаанд. Дастовардҳои онҳо дар ин ҷода танҳо бо овошиносии араб маҳдуд намегардад, балки хидмате ба башарият дар тамоми асрҳо мебошад. Ба ин маъно, ки бештаре аз дастовардҳои онҳо дар ин ҷода аз дастовардҳои муосир, ки тавассути техникаву технология ба даст омадааст, ҳеҷ камӣ надорад. Ҳамзамон, бо тасвири махраҷу сифатҳои ҳарфҳо, чи арабӣ ва чи ғайриарабӣ, донишмандони арабинигори форсу тоҷик тавонистаанд, то барои ояндагон сарчашмаи муътамадеро дар мавриди овозҳо ба мерос гузоранд. Хусусан, хидмати онҳо дар тарсими овозҳое, ки бо гузашти замон моли таърих гаштаанд, бисёр арзишманду сутуданӣ мебошад [19-М].

21.Тафсирҳои навиштаи донишмандони арабинигори форсу тоҷик гувоҳӣ аз он медиҳад, ки дар ин ҷода низ фарзандони ин миллат дар муқоиса ба худи соҳибзабонон пешдаст будаанд. Омӯзаҳои забоншиносӣ ба тафсирҳои арабизабон маҳдуд нагашта, дар тафсирҳои ба забони форсии тоҷикӣ таълифшуда низ ба назар мерасад. Чунончи, «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» аз нахустин тарҷумаҳои насрие ба шумор меравад, ки дар баробари фарогирии мавзуоти гуногун дар худ андешаҳои забоншиносиеро низ ниҳон доштааст [10-М].

22.Дар пайдоиш ва ташаккули шеърҳои таълимӣ, хусусан манзумаҳои наҳвӣ, саҳми донишмандони арабинигори форсу тоҷик бисёр назаррас аст. Машҳуртарин ва нахустин манзумаи наҳвии ҳазорбайтаи арабиро ба донишманди форсу тоҷик Аҳмад ибни Мансур

Яшкурӣ нисбат медиҳанд, ки фарогири 2911 байт будааст. Илова бар ин, дар ҳавзаи илмии Хуросону Мовароуннаҳр асри V ҳиҷрӣ ба баъд беш аз 70 манзумаи наҳвӣ суруда шуда, аз ин шумора бисёр қисмати каме ба забони форсии тоҷикӣ мебошад [6-М; 29-М].

23.Ҷудо намудани таълифоти наҳвӣ ба илмӣ ва таълимӣ яке аз вазифаҳои асосии шахсонест, ки ба тадриси сарфу наҳви арабӣ машғул мешаванд. Воқеан, чи дар гузашта ва чи имрӯз, аз мушкилӣ ва печидагии сарфу наҳви арабӣ на фақат навомӯзон, ҳатто шахсоне, ки аҳли қаламу аҳли илманд, шиква намуда, инро амалкарди забоншиносон ба қалам медиҳанд. Дар ҳоле ки мушкилӣ на дар таълифот, балки дар тафовут гузоштан байни осори илмӣ ва таълимии наҳв аст. Масалан, “Китоб”-и Сибавайҳу “Муфассал”-и Замахшарӣ асарҳои сирф илмӣ ба шумор рафта, барои омӯзиши сарфу наҳви арабӣ муносиб нестанд, дар ҳоле ки “Муқаддима фи-н-наҳв”-и Халфи Аҳмару “ал-Авомил-ул-миа”-и Ҷурҷонӣ пурра китобҳои таълимӣ мебошанд. Омӯзиши ин масъала нишон дод, ки дар асрҳои ахир дар ҳавзаҳои илмии сарзаминҳои форсу тоҷикнишин дар баробари китобҳои таълимии ба забони арабӣ таълифшуда боз китобҳои дарсии зиёди сарфию наҳвӣ бо забони форсии тоҷикӣ таълиф гаштааст [29-М].

24. Таърихи интишори забони арабӣ дар сарзаминҳои ғайриарабӣ, хусусан Хуросону Мовароуннаҳр, аз таърихи интишори омӯзиши масоили забоншиносии он пештар аст. Бо камранг шудани таъсири сиёсии хилофати Аббосиҳо таваҷҷуҳ ба забони арабӣ низ ба гунае камранг гашт. Ҳарчанд забони арабӣ дар ин сарзаминҳо то чанд асри баъд забони расмии ҳуҷҷатгузорӣ ва илм гашта бошад ҳам, вале аз таъсири забони модарии донишмандон бетаъсир намондааст. Ҳамин аст, ки асарҳои ба арабӣ таълифнамудаи донишмандони арабинигори форсу тоҷик, ки дар Хуросону Мовароуннаҳр ба сар бурдаанд, аз асарҳои арабии арабинигорони форсу тоҷике, ки бевосита дар муҳити арабӣ зиставу дар он ҷо ба таълифу тасниф пардохтаанд, тафовут дорад [15-М].

25. Дар сарзаминҳои форсу тоҷикнишин дар асрҳои IV-VI ҳиҷрӣ бузургтарин таълифоти забоншиносии араб, аз фарҳангнигорӣ то таълифоти сарфию наҳвӣ ва балоғӣ ба майдон омадааст. Ҳамин аст, ки метавон таъкид кард, дар таърихи забоншиносии араб дар баробари мактабҳои забоншиносии Басраву Куфа, Бағдоду Андалус ва Мисру Шом боз дар ҳавзаҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр мактабҳои забоншиносии араб вуҷуд доштааст [2-М; 11-М].

26. Ибтикорот ва иҷтиҳодоти Замахшарӣ дар забоншиносии араб то ҷоест, ки дар таърихи ин илм ишора мешавад, забоншиносӣ бо Сибавайҳ оғоз ва бо Замахшарӣ анҷом ёфт. Илова бар ин, то асри чори ҳиҷрӣ мавзуоти наҳвӣ дар зимни китобҳо ба тартиби муайяне оварда намешуд, аз ин рӯ, тартиби мавзуоти наҳвие, ки Замахшарӣ асос гузоштааст, аз ҷониби забоншиносони баъдӣ мавриди писанд қарор гирифт [17-М; 24-М; 26-М].

27. Аз асри XV мелодӣ ин тараф дар ҳавзаҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр шарҳи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ба «Ал-Кофия фи-н-наҳв»-и Ибни Ҳоҷиб бо номи «Ал-Фавоид-уз-зиёия» ё худ «Шарҳи Мулло» аз муҳимтарин китобҳои дарсии наҳви арабӣ ба шумор мерафтааст. Имрӯз низ китоби мазкур дар доираҳои арабшиносии ватаниву хориҷӣ ва дар донишгоҳҳои арабӣ аз ҷойгоҳи волое бархӯрдор буда, ҳамчун сарчашмаи муҳимме дар шинохти дастури арабӣ эътироф мегардад [7-М].

28. Тибқи «Буғятул-вуъот фи табақот-ил-луғавийина ва-н-нуҳот»-и Ҷалолиддин Суютӣ аз 2209 нафар забоншиносе, ки тарҷумаи ҳолашон дар ин китоб оварда шудааст, 290 нафарашон аз донишмандони форсу тоҷик мебошанд. Дар ин асар ба таълифот ва таснифоти 115 нафар забоншиноси форсу тоҷик ишора шудааст, ки теъдоди он ба 322 асар мерасад. Аз 322 асар тақрибан 80 китоб шарҳ ва боқимонда бевосита таълиф мебошад. Аммо ин омор шумораи ҳама забоншиносони арабинигори форсу тоҷик ва осори онҳо нест, балки донишмандони зиёди дигаре дар ҳавзаҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр вуҷуд

доштаанд, ки мутаассифона, бо сабабҳои гуногун ё осорашон аз байн рафтааст ва ё ҳанӯз ба шакли дастхат боқӣ мондаву кашф нашудааст [29-М].

Хулоса, донишмандони форсу тоҷик дар пайдоиш ва ташаккули забоншиносии араб нақши инкорнопазир гузоштаанд. Андешаҳои забоншиносии донишмандони арабинигори форсу тоҷик фаротар аз забоншиносии арабӣ буда, чун назарияҳои қонунмандшуда дар ташаккули андешаҳои забоншиносии дигар миллатҳо саҳм гузоштааст.

.

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз таҳлилу баррасиҳои суратгирифта маълум мешавад, ки дар робита ба забоншиносии араб, чи дар гузашта ва чи имрӯз, дар шаклҳои гуногун пажуҳишҳои зиёди илмӣ анҷом ёфта бошад ҳам, вале то ҳол нақшу саҳми донишмандони форсу тоҷик дар пайдоиш ва ташаккули ин забоншиносӣ мавриди таҳқиқи монографӣ қарор нагирифтааст. Диссертатсияи мазкур дар ин самт қадами нахустин буда, дар арабшиносии тоҷик дар атрофи хидматҳои мондагори ҳар забоншиноси арабинигори форсу тоҷик чандин пажуҳиши монографӣ анҷом додан мумкин аст. Дар диссертатсия кӯшиш шудааст, то нақшу саҳми донишмандони форсу тоҷик дар забоншиносии араб мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шуда, хидматҳои онҳо дар мондагории забону забоншиносии араб ба тасвир кашида шавад. Дар баробари ин, бо натиҷагирӣ аз таҳқиқи мавзуъ барои истифодаи амалии он чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешавад:

1.Натиҷагириҳо ва нукоти назариявие, ки дар диссертатсия омадааст, метавонад ба унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ва муҳаққиқони баъдӣ дар омӯзиш ва таҳқиқи забоншиносии араб ва асолату таъсирпазирии он аз забоншиносиҳои дигар мусоидат кунад.

2.Рӯзгор ва осори забоншиносони арабинигори форсу тоҷикро ба таври алоҳида мавриди баҳсу баррасӣ қарор додан дар муайян намудани таъсирпазирии забоншиносии араб аз забони форсии тоҷикӣ кумак мекунад.

3. Таваҷҷуҳи унвонҷӯёну муҳаққиқон бояд ба таҳқиқу баррасии вижагиҳои нигоштаҳои арабии донишмандони дар ҳавзаҳои илмии Хуросону Моваруннаҳр зиндагӣ карда ҷалб карда шавад, зеро забони нигоштаҳои арабии ин минтақа аз навиштаҳои донишмандони асили арабӣ, чи аз нигоҳи интихоби лафз ва чи аз нигоҳи бакорбарии услуб, то ҷое фарқ мекунад.

4.Омӯзиши таълифоти забоншиносии донишмандони арабинигори ҳавзаҳои илмии Хуросону Мовароуннаҳр ҷиҳати таъйиди вуҷуди мактабҳои забоншиносии арабӣ дар ин минтақа аз вазифаҳои арабшиносони тоҷик ба шумор меравад.

5.Таҳқиқу баррасии мӯшикофонаи «Китоб»-и Сибавайҳ ва «Муфассал»-и Замахшарӣ ва татбиқи роҳкорҳои онҳо дар таҳлили масъалаҳои сарфию наҳвии забони тоҷикӣ аз вазифаҳои арабшиносону забоншиносони тоҷик мебошад.

6. Барои муайян намудани забоншиносии классикии форсу тоҷик омӯзиш ва таҳлили андешаҳои забоншиносии арабиву форсии тоҷикие, ки дар мутуни китобҳои тафсир ва фиқҳ омадааст, зарур мебошад.

7.Мавод ва дастовардҳои илмии рисоларо метавон барои навиштани китобу дастурҳои таълимӣ оид ба таърихи забоншиносии араб ва робитаҳои дуҷонибаи илмии донишмандони форсу тоҷик дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ истифода бурд.

8.Таҳқиқу омӯзиши таълифоти таълимии забоншиносии донишмандони арабинигори форсу тоҷик барои омода намудани васоиту дастурҳои таълимӣ маводи хубе ба шумор меравад.

9. Таҳияи манзумаҳои сарфию наҳвии чи бо забони арабӣ ва чи бо забони форсии тоҷикӣ таълифшуда ба унвони воситаву дастури таълимӣ дар тадриси қоидаҳои морфологию синтаксисии арабӣ аз вазифаҳои муаллимони забони арабии тоҷик мебошад, зеро аз худ кардани қоидаҳои грамматикӣ тавассути назм осонтар мебошад.

Ба ин тартиб, забоншиносии араб аз рӯзи нахусти бамайдоноӣ то ба баландтарин нуқтаҳо расидан мадюни саъю талош ва андешаҳои бикру набоғати худододии донишмандони форсу тоҷик буда, мешавад барои бармало намудани ин чандин таҳқиқоти дигар анҷом дод.

ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ

I.АДАБИЁТИ ИЛМӢ

А) Бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ

[1]. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Сарф-ул-лисон//А.Ҷомӣ. – Душанбе: «Сомон-граф», 2020. – 64 с.

[2]. Алпатов, В. М. История лингвистических учений: Учеб. пособие/ В.М.Алпатов. – 4-е изд., испр. доп. – М.: Языки славянской культуры, 2005. – 368 с.

[3]. Афсаҳзод, А. Ҷомӣ-адиб ва мутафаккир. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 384 с.

[4]. Ахвледиани, В.Г. Арабское языкознание средних веков/В.Г.Ахвледиани//История лингвистических учений. Средневековый Восток. – Л., 1981. – С.53-94.

[5]. Белкин, В. М. Арабская лексикология/В.М. Белкин. – М.: Издательство Московского университета, 1975. – 199 с.

[6]. Белова, А.Г. Очерки по истории арабского языка/А.Г.Белова. – М.: Восточная литература, 1999. – 168.

[7]. Березин, Ф.М. История лингвистических учений. Учебник для филол. спец. вузов/ Ф.М.Березин - 2-е и зд., испр. и доп . - М.: Высш. шк., 1984. - 319 с.

[8]. Берков, В.П. Вопросы двуязычной лексикографии (словник)/В.П.Берков. –Л.:, 1973. – 190 с.

[9]. Бобомуродов, Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ/ Ш.Бобомуродов, З. Мухторов. – Душанбе, 2016. - 428 с.

[10]. Будагов, А.Р. Введение в науку о языке: Учебное пособие. – М.: Добрсовет-2000, 2003. – 544 с.

[11]. Виноградов, В.В. История русских лингвистических учений: Учеб. Пособие для филол. Специальностей ун-тов/Сост. Ю.А.Бельчиков; Предисл. Ю.В.Рожжествнского. – М.: Высш. Школа, 1978. – 367 с.

[12]. Вендина, Т.И. Введение в языкознание: Учеб. Пособие для педагогических вузов/Т.И.Вендина – М., Высш. шк., 2001. – 288 с.

[13]. Габучан, Г.М. К вопросу об арабских грамматических учёния/Г.М.Габучан// Семитские языки. Сб. статей. Изд-во восточный литературы. – М., 1963. – С.37-56.

[14]. Габучан, Г.М. Арабская языковедская традиция/Г.М.Габучан// Лингвистический энциклопедический словарь. – М.: Научное издательство «Большая Российская энциклопедия, 1998. – С.39-41.

[15]. Герценберг Л.Г. Лингвистическая мысль и языковедческая практика в Иране в до монгольское время/ Л.Г.Герценберг, Д. Саймиддинов// История лингвистических учений. Средневековый Восток. – М., 1981. – С. 69-115.

[16]. Гиргас, В.Ф. Очерк грамматической системы арабов/ В.Ф.Гиргас. – Спб., 1873. – 323 с.

[17]. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав / Б.Ғ. Ғафуров - Душанбе: Дониш, 2008. – 870 с.

[18]. Ғиёсов, Н.И. Сӣ мақола/ Н.И.Ғиёсов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2014. – 300 с.

[19]. Ғуломов, Т.М. Густариши ислом дар Хуросони Бузург (асрҳои VII-VIII)/ Т.М. Ғуломов. –Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – 268 с.

[20]. Давлатбеки Хоҷа. Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна/Д.Хоҷа. – Душанбе: Диловар-ДДМТ, 1998. – 152 с.

[21]. Додаров, О.М. Масъалаҳои забоншиносӣ дар «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун»-и Воҷидалии Муҷмалӣ/ О.М.Додаров. – Душанбе: «Шарқ озод», 2019. – 152 с.

[22]. Додаров, О.М. Илми сарф ва шарҳи масъалаҳои он дар фарҳанги «Ҳафт Қулзум»// О.М.Додаров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2021. №2. – С.108-113.

[23]. Дубичинский, В.В. Теоретическая и практическая лексикография/В.В. Дубинчинский. –Вена-Харьков, 1998. – 160 с.

[24]. Звегинцев, В.А.. История языкознания XIX-XX веков в очерках и извлечениях/ В.А. Звегинцев. Часть 1. М.: Издательство «Просвещение», 1964. -466 с.

[25]. Звегинцев, В.А. История арабского языкознания: Краткий очерк/В.А. Звегинцев. Изд. 3-е, стереотипное М КомКнига, 2007. – 80 с.

[26]. Ибни Қурбон.Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим/Ибни Қурбон. – Душанбе: ЭР-граф, 2007. – 480 с.

[27]. Исаева, Ф. А. Забоншиносони араб/ Ф.А.Исаева. – Душанбе, 2009.

[28]. Исаева Ф.А. النصوص النحوية (Маҷмуаи матнҳои грамматикӣ)/ Ф.А.Исаева, Ҳ.Қ. Муминов. – Душанбе, 1969. – 140 с.

[29]. Исмонов, К.Б. Тобишҳои лексикӣ – грамматикии эъроб дар забони тоҷикӣ/К.Б.Исмонов. – Душанбе: «Душанбе-Принт», 2015. – 192 с.

[30]. Қосимова, М.Н. Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ (маълумоти мухтасар)/М.Н.Қосимова. – Душанбе: Сино, 2007. – 172 с.

[31]. Қуръони карим ва тарҷумаи маонии он дар равиши тафсири Муяссар ба забони тоҷикӣ. –Мадинаи мунаввара: чопхонаи Қуръони карим, Муҷаммаът Малик Фаҳд, 1436. – 1638 с.

[32]. Лоя, Я.В. История лингвистических учений/Я.В. Лоя. – М.: Издательство «Высшая школа», 1968. – 308 с.

[33]. Лукин, О.В. История языкознания с VI в. до н. э. до середины XX в.: учебное пособие/ О.В. Лукин.– Ярославль: РИО ЯГ-ПУ, 2015. – 80 с.

[34]. Мамадназаров, А. Становление и развитие таджикской переводной лексикографии XX и начала XXI вв. (2-е переработанное и дополненное). – Душанбе, 2016. – 416 с.

[35]. Мардонӣ, Т. Саҳифаҳое аз равобити адабии Арабу Аҷам. (Гузашта ва имрӯз)/Т.Мардонӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2010. – 236 с.

[36]. Маслов, Ю.С. Введение в языкознание/Ю.С.Маслов. – 4–е изд.; – М.: «Академия», 2005. – 304 с.

[37]. Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик/Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 104 с.

[38]. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик/ Ҳ.Маҷидов. – Ҷилди 1. Луғатшиносӣ. –Душанбе, 2007. – 243 с.

[39]. Меросбари арзандаи Ибни Сино. Муҳаррирон: А.Саломов, К.Исмонов. – Душанбе, 2017. – 139 с.

[40]. Мечковская, Н.Б. Общее языкознание: Структурная и социальная типология языков: Учебное пособие для студентов филологических и лингвистических специальностей/ Н.Б.Мечковская. – М.: Флинта: Наука, 2001. – 312 с.

[41]. Назарзода, Сайфиддин. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо. – Душанбе: «Бухоро», 2013. – 371 с.

[42]. Насриддинов, Ф. Арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафсири куҳани форсӣ-тоҷикӣ/Ф.Насриддинов. – Хуҷанд: Ношир, 2012. – 576 с.

[43]. Оленин, Р. М. Александрийская грамматическая школа /История лингвистических учений: древний мир. – Ленинград: «Наука», 1980. – С.214-233.

[44]. Оранский, И.М. Введение в иранскую филологию / И.М. Оранский. – М.: Издательство восточной литературы, 1960. – 490 с.

[45]. Очерки истории арабской культуры (V-XV вв.)/Ответственный редактор О. Г. Большаков. – М.: Наука, ГРВЛ, 1982. – 440 с.

[46]. Петровский, Я. С. Представления древних египтян о языковых явлениях/История лингвистических учений: древний мир. – Ленинград: «Наука», 1980. – С.7-17.

[47]. Полосин, В.В. «Фихрист» Ибн ан-Надима как историко-культурный памятник X века/ В.В. Полосин. – М.: Наука. Главная редакция восточной литературы, 1989. – 159 с.

[48]. Реформатский, А.А. Введение в языковедение/А.А.Реформатский// Под ред. В.А. Виноградова. – М.: Аспект Пресс, 1996. – 536 с.

[49]. Рубинчик, Ю.А. Лексикография персидского языка/Ю.А. Рубинчик. – М.: Наука. Главная редакция восточной литературы, 1991. – 224 с.

[50]. Рыбалкин, В.С. Классическое арабское языкознание/ В.С.Рыбалкин. – К.: Стилос, 2003. – 406 с.

[51]. Рыбалкин, В.С. У истоков грамматической традиции: Сибавайхи и последователи/В.С.Рыбалкин. Схидний свит №2, 2011. – С. 201-217.

[52]. Саломов, А. Мутобиқати иқтибосоти арабӣ дар забони муосири тоҷикӣ аз рӯйи маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ/ Диссертатсияи номзадӣ. – Душанбе, 2009. – 177 с.

[53]. Саломов, А. Густариши забони арабӣ дар Мовароуннаҳр//А.Саломов. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2015. №4/9 (185). – С.121-125.

[54]. Сафиуллина, Р.Р. Арабская книга в духовной татарского народа/Р.Р. Сафиуллина. – Казань: Издательсво «Алма-Лит», 2003. – 211 с.

[55]. Сулаймонов, С. Чиҳил мақола//С.Сулаймонов. – Душанбе: «Душанбе-Принт», 2017. – 685 с.

[56]. Тарҷумаи Тафсири Табарӣ. Таҳия ва таълиқоти Н.Ю. Салимов, Н.Ш. Зоҳидов, Н.И. Ғиёсов, А.А. Ҳасанов, А. Самиев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. К.1. – 884 с; К.2. – 744 с.

[57]. Халидов, Б.З. Биография аз-Замахшари, составленная его современником ал-Андарасбани/Б.З.Халидов, А.Б.Халидов//Письменные памятники Востока. Историко-филологические исследования. Ежегодник 1973. – М.: Наука, ГРВЛ, 1979. – С. 203-212.

[58]. Халидов, А.Б. Ислам и арабский язык (некоторые аспекты проблемы) / Ислам: Религия, общество, государство. Сборник статей. Отв. редакторы П.А. Грязневич и С.М. Прозоров. – М.: Наука. ГРВЛ, 1984. – С. 69-75.

[59]. Хоҷаев, Д. Гуфтори накӯ куҳан нагардад. – Душанбе: “Шуҷоиён”, 2011. – 230 с.

[60]. Хоҷаев, Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI. – Душанбе: “Маориф ва фарҳанг”, 2013. – 344 с.

[61]. Хоҷаев, Д. Таърихи афкори забоншиносии тоҷик (дастури таълимӣ)/Д.Хоҷаев, О.М. Додаров. – Душанбе: “Аржанг”, 2022. – 304 с.

[62]. Хоҷаев, Д. Ташаккули таълимоти луғавию дастурии забони тоҷикӣ ва нақши забоншиносии араб дар он/Д.Хоҷаев// Масоили мубрами арабшиносӣ (маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии «Дурнамои арабшиносии тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ», бахшида ба 75-солагии доктори илми филология, профессор С.Сулаймонов). – Душанбе, 2022. – С.3-7.

[63]. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор/ Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. – Душанбе: Шарқи озод, 1998. – 116 с.

[64]. Ҳасани Султон. Забони давлатии Сомониён/Ҳ.Султон. – Душанбе: МН “Дониш”, 2020. – 586 с.

[65]. Фрай, Ричард. Наследие Ирана/Ричард Фрай. [Под ред. и с предисл. М.А. Дандамаева; Пер. с. англ.В.А. Лившица и Е.В. Зеймаля]. – 2-е изд., исп. и доп. –М.: Вост. лит., 2002. – 463 с.

[66]. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат/Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе, «ЭР-граф», 2016. – 516 с.

[67]. Эмомов, А. Масъалаҳои интишори забони арабӣ дар Хуросон ва Мовароуннаҳр/А.Эмомов. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 300 с.

[68]. Юшманов, Н.В. Строй арабского языка. Серия: Строй языков. Под общ. ред. А.П. Рифтина. Вып.10. – Л.: Издание Ленинградского государственного университета, 1938. – 52

[69]. Якубов, Т. Намояндагони шинохтаи мактабҳои забоншиносии араб/ Т.Яқубов. –Душанбе, 2009. – 90 с.

Б) Бо забонҳои аврупоӣ

[70]. Carter, Michael G. When did the Arabic word nahw first come to denote grammar?// Language & Communication, Vol. 5, No. 4, 1985. – P. 265-272.

[71]. Flügel, Gustav. Die grammatischen Schulen der Araber/Flügel, Gustav. – Leipzig, Brockhaus, 1862. – 265 s.

[72]. Monique, Bernards. Ibn Abī Isḥāq (d. ca. 125/743) and His Scholarly Network// Islam at 250. Studies in Memory of G.H.A. Juynboll. – Brill, 2020. – P.9–31

[73]. Mortimer, Sloper Howell. A grammar of the classical Arabic language (translated and compiled from the works of the most approved native or naturalized authorities). – ALLAHABAD, 1883. – 498 p.

[74]. Robins, R.H. A short history of linguistics/ R.H.Robins. – London: longman group limited, 1976. – 248 p.

[75]. Suleiman, Yasir. The Arabic grammatical tradition : a study in ta'lil. - Edinburgh University, Edinburgh, 2000. – 228 p.

[76]. Talmon, R. Who was the First Arab Grammarian? A New Approach to An Old Problem. Zeitschrift für Arabische Linguistik. No. 15, 1985. – P. 128–145.

[77]. Versteegh, C.N.M. Arabic grammar and Quranic exegesis in early Islam/ C.N.M.Versteegh. – Leiden: New York; Koln; Brill, 1993. – 230 p.

В) Бо забонҳои арабӣ ва форсӣ

[78]. آذرنوش آذرتاش. تاریخ ترجمه از عربی به فارسی: از آغاز تا عصر صفوی. – تهران، 1375. – 327 ص.

[79]. آذرتاش آذرنوش. چالش میان فارسی و عربی سده های نخست. – تهران: نشرنی،1385. – 402 ص.

[80]. إبراهيم أنيس. دلالة الألفاظ. ط. 3. – مكتبة الأنجلو المصرية، 1976. – 268 ص.

[81]. إبراهيم عبد الله رفيده. النحو وكتب التفسير. ط.3. – بنغاز: دار الكتب الوطنية، 1990. – 1482 ص.

[82]. إبراهيم مصطفي. في أصول النحو. مجلة مجمع اللغة العربية. الجزء الثامن. – القاهرة: مطبعة وزارة التربية والتعليم، 1955. – ص.136-146.

[83]. ابن النديم. الفهرست. مع مقدمة شائقة عن حياة ابن النديم وفضل الفهرست بقلم أحد أساتذة الجامعة المصرية. د.ت. – 528 ص.

[84]. ابن مضاء القرطبي. كتاب الرد على النحاة. تحقيق شوقي ضيف. – القاهرة: دار المعارف، 1982. – 149 ص.

[85]. ابن منظور المصري. أخبار أبي نواس: تاريخه، نوادره، شعره، مجونه. عني بنشره عباس الشربيني. – مطبعة الاعتماد بشارع حسن الأكبر بمصر، 1924. – 252.

[86]. أبو إسحاق إبراهيم بن موسى بن محمد اللخمي الشاطبي. الموافقات. تقديم بكر بن عبد الله أبوزيد. ضبط نصه وقدم له وعلق عليه وخرّج أحاديثه أبو عبيدة مشهور بن حسن آل سلمان. – المملكة العربية السعودية: دار ابن عفان للنشر والتوزيع، 1997. المجلد الخامس. – 453 ص.

[87]. ابو ريحان بيروني، محمد بن احمد. الصيدنه في الطب=داروشناسى بر بزشكى. ترجمه باقر مظفرزاده. – تهران: فرهنكستان زبان وادب فارسى، نشر آثار، 1383. – 1204 ص.

[88]. أبو البركات عبد الرحمن كمال الدين بن محمد الأنباري. رسالتان لابن الأنباري: الإغراب في جدل الإعراب ولُمَع الأدلة في أصول النحو. قدم لهما وعني بتحقيقهما سعيد الأفغاني. – مطبعة الجامعة السورية، 1957. – 160 ص.

[89]. أبو البركات عبد الرحمن كمال الدين بن محمد الأنباري. نزهة الألباء في طبقات الأدباء. قام بتحقيقه إبراهيم السامرائي. ط.3. – الأردن: مكتبة المنار، 1985. – 310 ص.

[90]. أبو البركات بن الأنباري. الإنصاف في مسائل الخلاف بين البصريين والكوفيين. تحقيق ودراسة جودة مبروك محمد مبروك. – القاهرة: مكتبة الخانجي، 2002. – 736 ص.

[91]. أبوبشر اليمان بن أبي اليمان البندنيجي. التقفية في اللغة. حققه خليل إبراهيم العطية. – بغداد: مطبعة العاني، 1976. – 800 ص.

[92]. أبو بشر عمرو بن عثمان بن قنبر سيبويه. الكتاب. تحقيق وشرح عبد السلام محمد هارون. ط.3. – القاهرة: مكتبة الخانجي، 1996. الجزء الأول. – 446 ص.

[93]. أبو بشر عمرو بن عثمان بن قنبر سيبويه. الكتاب. تحقيق وشرح عبد السلام محمد هارون. ط.3. – القاهرة: مكتبة الخانجي، 1996. الجزء الثاني. – 430 ص.

[94]. أبو بشر عمرو بن عثمان بن قنبر سيبويه. الكتاب. تحقيق وشرح عبد السلام محمد هارون. ط.3. – القاهرة: مكتبة الخانجي، 1996. الجزء الثالث. – 662 ص.

[95]. أبو بشر عمرو بن عثمان بن قنبر. الكتاب سيبويه. تحقيق وشرح عبد السلام محمد هارون. ط.3. – القاهرة: مكتبة الخانجي، 1996. الجزء الرابع. – 494 ص.

[96]. أبوبكر أحمد بن الحسن بن شقير النحوي البغدادي. المحلّى وجوه النصب. تحقيق فائز فارس. ط.1. – بيروت: مؤسسة الرسالة للطباعة والنشر والتوزيع، 1987. – 397 ص.

[97]. أبوبكر محمد بن الحسن الزبيدي الأندلسي. طبقات النحويين واللغويين. تحقيق محمد أبو الفضل إبراهيم. الطبعة الثانية. – القاهرة: دار المعارف، 1984. – 414 ص.

[98]. أبوبكر محمد بن سهل بن السراج النحوي البغدادي. الأصول في النحو. تحقيق عبد الحسين الفتلي. ط.3. – بيروت: مؤسسة الرسالة، 1996. الجزء الأول. – 445 ص.

[99]. أبوجعفر محمد بن جرير الطبري. تفسير الطبري: جامع البيان عن تأويل آي القرآن. تحقيق عبد الله بن عبد المحسن التركي. – هجر للطباعة والنشر والتوزيع والإعلان، د.ت. الجزء الأول. – 742 ص.

[100]. أبو حاتم أحمد بن حمدان الرازي. كتاب الزينة في الكلمات الإسلامية العربية. عارضه بأصوله وعلّق عليه حسين بن فيض الله الهمداني. ط.1. – صنعاء: مركز الدراسات والبحوث اليمني، 1994. – 424 ص.

[101]. أبوالحسن سعيد بن مسعدة الأخفش الأوسط. كتاب معاني القرآن. تحقيق هدى محمود قراعة. – القاهرة: مكتبة الخانجي، 1990. ج.1. – 845 ص.

[102]. أبو الحسن على بن حمزة الكسائي. ما تلحن فيه العامة. حققها وقدم لها ووضع فهارسها رمضان عبد التواب. – القاهرة: مكتبة الخانجي؛ والرياض: دار الرفاعي، 1982. – 167 ص.

[103]. أبو حيان التوحيدي. كتاب الامتاع والمؤانسة. – بيروت: المكتبة العصرية، 2011. – 464 ص.

[104]. أبوالريحان محمد بن أحمد البيروني. تحقيق ما للهند من مقولة مقبولة في العقل ومرذولة. الطبعة الثانية. – بيروت: عالم الكتب، 1983. – 536 ص.

[105]. أبوزكريا يحى بن زياد الفراء. معاني القرآن. ط.3. – بيروت: عالم الكتب، 1983. الجزء الأول. – 509 ص.

[106]. أبوزكريا يحى بن زياد الفراء. معاني القرآن. ط.3. – بيروت: عالم الكتب، 1983. الجزء الثاني. – 425 ص.

[107]. أبوزكريا يحى بن زياد الفراء. معاني القرآن. ط.3. – بيروت: عالم الكتب، 1983. الجزء الثالث. – 389 ص.

[108]. أبوسعيد الحسن بن عبد الله السيرافي. أخبار النحويين البصريين. تحقيق طه محمد الزيتي ومحمد المنعم خفاجي. القاهرة: شركة مكتبة مطبعة مصطفي البابي الحلبي وأولاده بمصر، 1955. – 87 ص.

[109]. أبو سعيد السيرافي الحسن بن عبد الله بن المرزبان. شرح كتاب سيبويه. تحقيق أحمد حسن مهدلي وعلي سيد علي. ط.1. – بيروت: دار الكتب العلمية، 2008. الجزء الأول. – 504 ص.

[110]. أبو سعيد السيرافي الحسن بن عبد الله بن المرزبان. شرح كتاب سيبويه. تحقيق أحمد حسن مهدلي وعلي سيد علي. ط.1. – بيروت: دار الكتب العلمية، 2008. الجزء الخامس. – 488 ص.

[111]. أبوالعباس شمس الدين أحمد بن محمد بن أبي بكر بن خلكان. وفيات الأعيان وأنباء أبناء الزمان. حققه إحسان عباس. – بيروت: دار صادر، 1978. الجزء الثالث. – 524 ص.

[112]. أبوالعباس شمس الدين أحمد بن محمد بن أبي بكر بن خلكان. وفيات الأعيان وأنباء أبناء الزمان. حققه إحسان عباس. – بيروت: دار صادر، 1978. الجزء الخامس. – 337 ص

[113]. أبوعبيد الله محمد بن عِمران المرزُباني. كتاب نور الفبس المختصر من المقتبس. عني بتحقيقه رودلف زلهايم. – قيسبادن: دار النشر فرانتس شتاينر 1964. – 471 ص.

[114]. أبوعثمان عمرو بن بحر الجاحظ . البيان والتبيين. تحقيق وشرح عبد السلام محمد هارون. ط.7. – القاهرة: مكتبة الخانجي، 1998. الجزء الأول. - 412 ص.

[115]. أبو عثمان عمرو بن بحر الجاحظ. رسائل الجاحظ. تحقيق عبد السلام محمد هارون. ط.1. – بيروت: دار الجيل، 1991. الجزء الثالث. – 351 ص.

[116]. أبوعثمان عمرو بن بحر الجاحظ. كتاب الحيوان. بتحقيق وشرح عبد السلام محمد هارون. ج.1. – 1965. – 428 ص.

[117]. أبو علي الحسين بن سينا. أسباب حدوث الحروف. نسخه وصححه ووقف على طبعه محب الدين الخطيب. – القاهرة: مطبعة المؤيد، 1332. – 20 ص.

[118]. أبوالفتح عثمان بن جني. الخصائص. بتحقيق محمد على النجار. - المكتبة المصرية، د.ت. الجزء الأول. - 411 ص.

[119]. أبوفتح عثمان بن جني. المنصف شرح الإمام إبي الفتح عثمان بن جني النحوي لكتاب التصريف الإمام إبي عثمان المازني النحوي البصري. تحقيق أبراهيم مصطفى وعبد الله أمين. – إدارة إحياء التراث القديم، 1954. ج.1. – 464 ص.

[120]. أبوالحسن ابن العصفور الإشبيلي. الممتع الكبير في التصريف. تحقيق فخرالدين قباوة. – بيروت: مكتبة لبنان ناشرون، 1996. – 565 ص.

[121]. أبو الفضل أحمد بن محمد الميداني. نزهة الطرف في علم الصرف. ط.1. – قسطنطنية: مطبعة الجوائب، 1299. – 79 ص.

[122]. أبو القاسم بن محمد بن سعيد المؤدب. دقائق التصريف. تحقيق حاتم صالح الضامن. – دار البشائر للطباعة والنشر والتوزيع، 2004. – 743 ص.

[123]. أبوالقاسم عبد الرحمن بن إسحاق الزجاجي. مجالس العلماء. تحقيق محمد عبد السلام هارون. – القاهرة: مكتبة الخانجي، د.ت. – 344 ص.

[124]. أبو القاسم الزجاجي. الإيضاح في علل النحو. تحقيق مازن المبارك. الطبعة الثالثة. بيروت: دار النفائس، 1979. – 159 ص.

[125]. أبو القاسم محمود بن عمر الزمخشري. الكشاف عن حقائق غوامض التنزيل وعيون الأقاويل في وجوه التأويل. تحقيق وتعليق ودراسة عادل أحمد عبد الموجود، على محمد معوض وشارك في تحقيقه فتحي عبد الرحمن أحمد حجازي. ط.1. – الرياض: مكتبة العبيكان، 1998. الجزء الأول. – 685 ص.

[126]. أبوالقاسم محمود عمر بن أحمد الزمخشري. الأنموذج في النحو. اعتنى به سامي بن حمد المنصور. ط.1. – د.م.، 1999. – 40 ص.

[127]. أبوالقاسم محمود بن عمر الزمخشري. المفصل في علم العربية. دراسة وتحقيق فخر صالح قدارة. – عمان: دار عمار، 2003. – 564 ص.

[128].

[129]. أبوالقاسم عبد الرحمن بن عبد الله السهيلي. نتائج الفكر في النحو. حققه وعلق عليه عادل أحمد عبد الموجود وعلى محمد معوض. ط.1. – بيروت: دار الكتب العلمية، 1992. – 342 ص.

[130]. أبو لليث نصر بن محمد بن أحمد بن إبراهيم السمرقندي. تفسير السمرقندي المسمى بحر العلوم. تحقيق وتعليق على محمد معوض، عادل أحمد عبد الموجود، زكريا عبد المجيد النوتي. ط.1. – بيروت: دار الكتب العلمية، 1993. الجزء الأول. – 600 ص.

[131]. أبو المحاسن المفضل بن محمد بن مسعر التنوخي المعرّي. تاريخ العلماء النحويين من البصريين والكوفيين وغيرهم. تحقيق عبد الفتاح محمد الحلو. – الرياض: مطابع دار الهلال للأوفست، 1981. – 340 ص.

[132]. أبو محمد الحسين بن مسعود البغوي. تفسير البغوي "معالم التنزيل". حققه وخرّج أحاديثه محمد عبد الله النمر، عثمان جمعة صميرية، سليمان مسلم الحرش. – الرياض: دار طيبة للنشر والتوزيع، 1409. المجلد الأول. – 359 ص.

[133]. أبو محمد عبد الله بن مسلم بن قتيبة. المعارف. تحقيق ثروت عكاشة. ط.4. – دار المعارف، 1981. – 817 ص.

[134]. أبومحمد عبد الله بن مسلم ابن قتيبة. الشعر والشعراء. قدم له حسن تميم وراجعه وأعدّ فهارسه محمد عبد المنعم العريان. ط.3. – بيروت: دار إحياء العلوم، 1987. – 680 ص.

[135]. أبومسلم محمد بن بحر الأصفهاني. تفسير أبي مسلم محمد بحر الأصفهاني. جمع وإعداد وتحقيق خضر محمد نبها. – د. ت. – 292 ص.

[136]. أبونصر الفارابي. إحصاء العلوم. – بيروت: مركز الانهاء القومي، 1991. – 125 ص.

[137]. أبونصر الفارابي. كتاب الحروف. حققه وقدّم له وعلّق عليه محسن مهدي. ط.2. – بيروت: دار المشرق، 1990. – 252 ص.

[138]. أبوهلال العسكري. كتاب الصناعتين. تحقيق علي محمد البجاوي، محمد أبوالفضل إبراهيم. ط.2. – دار الفكر العربي. – 550 ص.

[139]. إحسان ذنون عبد اللطيف الثامري. الحياة العلمية زمن السامانيين. – الجامعة الأردنية، 2000. – 345 ص.

[140]. أحمد إبراهيم سيد أحمد. من مسائل الخلاف بين سيبويه والأخفش. – القاهرة: دار الطباعة المحمدية، 1988. – 310 ص.

[141]. أحمد أمين. فجر الإسلام. ط.10. – بيروت: دار الكتاب العربي، 1969. – 332 ص.

[142]. أحمد أمين. ضحى الإسلام. – القاهرة: مكتبة الإسرة، 1997. الجزء الأول. – 431 ص.

[143]. أحمد أمين. ضحى الإسلام: نشأة العلوم في العصر العباسي الأول. الجزء الثاني. – القاهرة: مكتبة الأسرة، 1998. – 363 ص.

[144]. أحمد بن محمد الدبيان. حنين بن إسحاق وآثاره المطبوعة: دراسة تاريخية. ط.1. الجزء الأول. – الرياض: مكتبة الملك فهد الوطنية، 1414ه\1993 م. – 326 ص.

[145]. أحمد بن محمد بن عبد ربه الأندلسي. العقد الفريد. بتحقيق مفيد محمد قميحة. – بيروت: دار الكتب العلمية، 1983. الجزء الثاني. – 391 ص.

[146]. أحمد بن محمد بن عبد ربه الأندلسي. العقد الفريد. بتحقيق مفيد محمد قميحة. – بيروت: دار الكتب العلمية، 1983. الجزء الثالث. – 376 ص.

[147]. أحمد تيموريباشا. السماع والقياس. – القاهرة: دار الآفاق العربية، 2001. – 92 ص.

[148]. أحمد جميل شامي. النحو العربي: قضاياه ومراحل تطوره. – بيروت: دار الحضارة للطباعة والنشر، 1997. – 191 ص.

[149]. أحمد عبد الستار الجواري. الشعر في بغداد حتى نهاية القرن الثالث الهجري. ط.2. – بغداد: مطبعة المجمع العلمي العراقي، 1991. – 383 ص.

[150]. أحمد كمال زكي. الحياة الأدبية في البصرة إلى نهاية القرن الثاني الهجري. ط.1. – دمشق: دار الفكر، 1961. – 599 ص.

[151]. أحمد مختار. البحث اللغوي عند الهنود وأثره على اللغويين العرب. – بيروت: دار الثقافة، 1972. – 167 ص.

[152]. أحمد مختار عمر. البحث اللغوي عند العرب مع دراسة لقضية التأثير والتأثر. الطبعة السادسة. – القاهرة: عالم الكتب، 1988. - 383 ص.

[153]. أحمد مختار عمر. المعاجم العربية في ضوء الدراسات المعجمية الحديثة. – القاهرة: عالم الكتب، 1998. – 184 ص.

[154]. أحمد مكي الأنصاري. أبوزكريا الفراء ومذهبه في النحو واللغة. – القاهرة: مطبوعات المجلس الأعلى لرعاية الفنون والآداب والعلوم الاجتماعية، 1964. – 654 ص.

[155]. إدريس مقبول. سيبويه معتزلياً: حفريات في ميتافيزيقا النحو العربي. – بيروت: المركز العربي للأبحاث ودراسة السياسيات، 2015. – 303 ص.

[156]. ادوارد برون. تاريخ ادب ايران: از قديمترين روزكاران تا زمان فردوسى مشتمل بر جريان تحول زبان فارسى وسير عقايد و افكار در ايران. ترجمه و تحشيه و تعليق على باشا صالح. جاب دوم. – تهران: كتابخانه ابن سينا، 1335. جلد اول. – 800 ص.

[157]. أسماء عبد الله غني العزاوي. أثر الموالي في الحياة الفكرية خلال العصر الأموي (41-132ه). – دمشق: صفحات للدراسات والنشر والتوزيع، 2017. – 424 ص.

[158]. أسماء محمد رفعت عبد الحكيم مراد. انفتاح الدرس الصرفي بين المنهج والظاهرة (استقراء وتحليل)\مجلة كلية الآداب – جامعة السويس. العدد السابع، يناير 2017. – ص. 165 – 220.

[159]. إسماعيل أحمد عمايرة. المستشرقون ونظرياتهم في نشأة الدراسات العربية. – عمان: دار حنين للنشر والتوزيع وخدمات الطباعة، 1992. – 111 ص|.

[160]. السيد رزق الطويل. الخلاف بين النحويين: دراسة – تحليل – تقويم. – مكة المكرمة: الفيصلية، 1984. – 663 ص.

[161]. الأساس في فقه اللغة العربية. أشرف على تحريره فولفنديتريش فيشر. نقله إلى العربية وعلق عليه سعيد حسن بحيري. – القاهرة: مؤسسة المختار للنشر والتوزيع، 2002. – 292 ص.

[162]. أمان الدين حتحات. الاستدلال النحوي في كتاب سيبويه وأثره في تاريخ النحو. –الجمهورية العربية السورية: جامعة حلب، 1992. – 593 ص.

[163]. أمجد الطاربلسي. نظرة تاريخية في حركة التأليف عند العرب في اللغة والأدب والتاريخ والجغرافيا. ط.2. – مطبعة الجامعة السورية، 1956. ج.1. - 210 ص.

[164]. إيمان على بالنور. دور الموالي في سقوط الدولة الإموية (41-132 ه\661-750 م). – بنغازي: منشورات جامعة قاريونس، 2008. – 254 ص.

[165]. إميل بديع يعقوب. المعاجم اللغوية العربية: بداءتها وتطورها. ط.2.– بيروت، 1985. – 208 ص.

[166]. بارتولد ف. تاريخ الحضارة الإسلامية. نقله من التركية إلى اللغة العربية حمزة طاهر. ط.1. – الجيزة: عين للدراسات والبحوث الإنسانية والإجتماعية، 2013. – 130 ص.

[167].بدرالدين بن جماعة. شرح كافية ابن حاجب. تحقيق محمد داود. – القاهرة: دار المنار، 2000. – 408 ص.

[168].بطرس البستاني. أدباء العرب في الأعصر العباسية. طبعة جديدة منقحة، مشروحة، مفهرسة. – بيروت: دار مارون عبود، 1979. – 462 ص.

[169]. بهاء الدين عبد الوهاب عبد الرحمن. الدراسات النحوية في بلاد فارس من بداية القرن الخامس إلى نهاية القرن السابع. – الرياض، 2008. – 814 ص.

[170]. پرويز ناتل خانلرى. زبانشناسى و زبان فارسى. -1347. -305 ص.

[171]. تقي الدين بن قاضي شهبة. طبقات النحاة واللغويين. تحقيق محسن غياض. – النجف: مطبعة النعمان، 1974. – 317 ص.

[172]. تمّام حسّان. الأصول دراسة ابستيمولوجية للفكر الغوي عند العرب: النحو-فقه اللغة-البلاغة. القاهرة: عالم الكتاب،2000. – 350 ص.

[173]. جامع المقدمات\ تأليف جمع من العلماء. تحقيق الجراثيمي. جاب جهارم. – قم: مؤسسه نشر اسلامى، 1389. – 632 ص.

[174]. جرجي زيدان. تاريخ آداب اللغة العربية. – القاهرة: دار الهلال، د.ت. الجزء الأول. – 318 ص.

[175]. جرجي زيدان. تاريخ آداب اللغة العربية. – القاهرة: مؤسسة دار الهلال. د.ت. الجزء الثالث. – 268 ص.

[176]. جرجي زيدان. تاريخ التمدن الإسلامي. طبعة جديدة راجعها وعلق عليها حسين مؤنس. – القاهرة: دار الهلال، 2001. الجزء الثالث. – 279 ص.

[177]. جرجي زيدان. تاريخ التمدن الإسلامي. طبعة جديدة راجعها وعلق عليها حسين مؤنس. – القاهرة: دار الهلال، 2001. الجزء الرابع. – 254 ص.

[178]. جلال شوقي. العلوم العقلية في المنظومات العربية: دراسة وثاقية ونصوص. ط.1.– الكويت: سلسلة التراث العلمي العربي، 1990. – 934 ص.

[179]. جلال متينى. تفسير قرآن مجيد: نسخه محفوظ بر كتابخانه دانشكاه كيمبرج. – 1349. ج.1. – 695 ص.

[180]. جمال الدين أبو الحسن على بن يوسف القفطي. إنباه الرواة على أنباه النحاة. تحقيق محمد أبو الفضل إبراهيم. الطبعة الأولى. – القاهرة: دار الفكر العربي؛ بيروت: مؤسسة الكتب الثقافية، 1986. الجزء الأول. - 416 ص.

[181]. جمال الدين أبو الحسن على بن يوسف القفطي. إنباه الرواة على أنباه النحاة. تحقيق محمد أبو الفضل إبراهيم. الطبعة الأولى. – القاهرة: دار الفكر العربي؛ بيروت: مؤسسة الكتب الثقافية، 1986. الجزء الثاني. - 414 ص.

[182]. جمال الدين أبو الحسن على بن يوسف القفطي. إنباه الرواة على أنباه النحاة. تحقيق محمد أبو الفضل إبراهيم. الطبعة الأولى. – القاهرة: دار الفكر العربي؛ بيروت: مؤسسة الكتب الثقافية، 1986. الجزء الثالث. - 395 ص.

[183]. جمال الدين أبو الحسن على بن يوسف القفطي. إنباه الرواة على أنباه النحاة. تحقيق محمد أبو الفضل إبراهيم. الطبعة الأولى. – القاهرة: دار الفكر العربي؛ بيروت: مؤسسة الكتب الثقافية، 1986. الجزء الرابع. - 424 ص.

[184]. جوليا اس. فالك. زبان شناسى و زبان: بررسى مفاهيم بنيادى زبان شناسي. مترجم خسرو غلامعلى زاده. جاب دوم. – مشهد: انتشارات آستان قدس رضوى، 1372. – 617 ص.

[185]. جيرار تروبو. نشأة النحو العربي في ضوء كتاب سيبويه. مجلة مجمع اللغة العربية الأردني. – عمان – الأردن، ع.1، 1978. – ص. 127- 140.

[186]. حاجي خليفة. كشف الظنون. – بيروت: دار إحياء التراث العربي، 2009. ج.2. – ص. 945 – 2056.

[187]. حسان بن عبد الله الغنيمان. المنظومات النحوية وأثرها في تعليم النحو. – د.ت. – 112 ص.

[188]. حسن خميس الملخ. نظرية الأصل والفرع في النحو العربي. – عمان: دار الشروق، 2001. – 215 ص.

[189]. حسن عون. اللغة والنحو: دراسات تاريخية وتحليلية ومقارنة. – مكتبة رويال خلف محكمة إسكندرية الشرعية، 1952. – 252 ص.

[190]. حسن عون. تطور الدرس النحوي. – معهد البحوث والدراسات العربية، 1970. – 110 ص.

[191]. حسين نصار. المعجم العربي: نشأته وتطوره. ط.2. - القاهرة: دار مصر للطباعة، 1968. الجزء الأول. – 400 ص.

[192]. حسين نصار. المعجم العربي: نشأته وتطوره. ط.2. - القاهرة: دار مصر للطباعة، 1968. الجزء الثاني. – (401)835 ص.

[193]. حسين نصار. يونس بن حبيب. – دار الكاتب العربي للطباعة والنشر، 1968. – 159 ص.

[194]. حمداد بن عبد الله. موقف الحركة الاستشراقية من تاريخ النحو العربي ونقدها. مجلة دراسات استشراقية/ العدد السابع عشر/ شتاء 2019. – ص. 181-202.

[195]. حمدي محمود حمد جبالي. الخلاف النحو الكوفي. – الجامعة الأردنية، كلية الدراسات العليا، 1995. – 543 ص.

[196]. حمزة بن الحسن الأصبهاني. الدرة الفاخرة في الأمثال السائرة. حققه وقدم له ووضع حواشيه وفهارسه عبدالمجيد قطامش. – القاهرة: دار المعارف بمصر، 1972. الجزءان. – 698 ص.

[197]. حنا الفاخورى. تاريخ ادبيات زبان عربى: از عصر جاهلى تا قرن معاصر. ترجمه عبد الحميد آيتى. ج.6. – تهران: توس، 1383. – 784 ص.

[198]. خالد عبد الكريم جمعة. شواهد الشعر في كتاب سيبويه. ط.2. – مصر الجديدة: الدار الشرقية، 1989. – 551 ص.

[199]. خديجة الحديثي. أبنية الصرف في كتاب سيبويه. – بغداد: منشورات مكتبة النهضة، 1965. – 576 ص.

[200]. خديجة الحديثي. كتاب سيبويه وشروحه. – بغداد: دار التضامن، 1967. – 303 ص.

[201]. خديجة الحديثي. الشاهد وأصول النحو في كتاب سيبويه. – مطبوعات جامعة الكويت، 1974. – 484 ص.

[202]. خديجة الحديثي. المدارس النحوية. أربد: دار الأمل، 2001.- 386 ص.

[203]. خديجة زبان الحمداني. أبحاث صرفية. ط.1. – عمان: دار صفاء للنشر والتوزيع، 2010. – 264 ص.

[204]. خلف الأحمر. مقدمة في النحو. تحقيق عزالدين التنوخي. – دمشق: وزارة الثقافة والإرشاد القومي، 1961. – 123 ص.

[205]. الخليل بن أحمد الفراهدي. الجمل في النحو. تحقيق فخرالدين قباوة. ط.1. – بيروت: مؤسسة الرسالة للطباعة والنشر والتوزيع، 1985. – 376 ص.

[206]. الخليل بن أحمد الفراهيدي. المنظومة النحوية. دراسة وتحقيق أحمد عفيفي. أعده للطبع محمد على الصليبي. ط.1. – عمان: المنتدى الأدبي، 2000. – 233 ص

[207]. خضر موسى محمد حمود. النحو والنحاة: المدارس والخصائص. ط.1. – بيروت: عالم الكتب للطباعة والنشر والتوزيع، 2003. – 280 ص.

[208]. دي بور. تاريخ الفلسفة في الإسلام. ترجمة محمد عبد الهادي. ط.5. – القاهرة: مكتبة النهضة المصرية. د.ت. – 432 ص.

[209]. ذبيح الله صفا. تاريخ ادبيات در ايران. جاب دهم. – تهران: جابخانه كيهانك، 1369. جلد اول. – 716 ص.

[210]. رافي طلمون. التفكير النحوي قبل كتاب سيبويه: دراسة في تاريخ المصطلح النحوي العربي. مجلة الكرمل: أبحاث في اللغة والأدب، العدد 5، 1984. – ص.37-53.

[211]. رباح اليمني مفتاح. النحو العربي بين التأثر والتأثير. مجلة جامعة الأزهر بغزة، سلسلة العلوم الإنسانية، 2009. المجلد 11، العدد 2. – ص. 131 – 176.

[212]. رشيد عبد الرحمن العبيدي، عبد الحسين محمد الفتلي، طارق عبد العون الجنابي. تاريخ العربية. – مؤسسة دار الكتب للطباعة والنشر، د.ت. – 132 ص.

[213]. رشيد عبد الرحمن العبيدي. أبوعثمان المازني ومذاهبه في الصرف والنحو. – بغداد: مطبعة سلمان الأعظمي، 1969. – 320 ص.

[214]. رشيد يلوح. التداخل الثقافي العربي – الفارسي: من القرن الأول إلى القرن العاشر الهجري. – بيروت: المركز العربي للأبحاث ودراسة السياسات، 2014. – 272 ص.

[215].رضي الدين الأستراباذي. شرح الرضي علي الكافية. تحقيق يوسف حسن عمر. – البنغازي، 1996. ج.1. – 341 ص.

[216]. رمضان عبد التواب. لحن العامة. ط.2. – القاهرة: مكتبة زهراء الشرق، 2000. – 504 ص.

[217].رمضان عبد التواب. مباحثى بر فقه اللغه و زبانشناسى عربى. مترجم حميد رضا شيخى. – معاونت فرهنكى آستان قدس رضوى، 1367. – 518 ص.

[218]. زرقانى سيدمهدى. كلمات فارسى بر قديمترين فرهنك نامه عربى. جستارهاى ادبى مجله علمى-بزهشى. شماره 171، زمستان 1389. – ص. 109-142.

[219].زين كامل الخويسكي. المعاجم العربية قديماً وحديثاً. – دار المعرفة الجامعية، 2007. – 235 ص.

[220]. ستاره مشايخى. بزوهشي بر انواع مناظرات ميان نحويان. نشريه دانشنامه (زبان و ادبيات عرب). سال 1389، دوره 10، شماره 79. – ص. 149 – 163.

[221].سعد الدين مسعود بن عمر بن عبد الله التفتزاني الهروي الخراساني الحنفي. شرح تصريف العزي. عني به محمد جاسم المحمد. ط.1. – بيروت: دار المنهاج للنشر والتوزيع، 2011. – 256 ص.

[222]. سعيد الأفغاني. في أصول النحو العربي. – مديرية الكتب والمطبوعات الجامعية، 1994. – 271 ص.

[223].سعيد الأفغاني. من تاريخ النحو. – دار الفكر. دون تاريخ. - 215 ص.

[224].سلمان بن سالم بن رجاء السحيمي. أثر العربية في أهم اللغات في آسيا. – مجلة كلية اللغة العربية بالزقازيق – مجلة علمية أدبية محكمة، العدد السابع والعشرون، 2007. – ص. 1797 – 1868.

[225]. سليمان بن إبراهيم العايد. سيبويه مؤسس للنحو أم مصنف له؟ مجلة الحجة :دراسات وبحوث. العدد الأول، ربيع الأول 1436 ه – يناير 2015 م. – ص. 15- 43.

[226]. سيد حسن نصر. ثلاثة حكماء مسلمين. نقله من الإنجليزية صلاح الصاوي. – بيروت: دار النهر للنشر، 1986. – 217 ص.

[227]. سيد مرتضى حسينى. مقدمه اي بر منظومات (شعر تعليمى) عصر عباسى. – نشريه دانشكده ادبيات وعلوم انسانى، 1388، شماره 5. – ص.33-53.

[228].شعبان عوض محمد ال عبيدي. النحو العربي ومناهج التأليف والتحليل. – دمشق: طلاسدار للدراسات والترجمة والنشر، 1989. – 506 ص.

[229]. شمس قيس رازى. المعجم في معاير اشعار العجم. به همت محمد رضواني. – تهران: مطبعه مجلس، 1314. – 360 ص.

[230].شوقي ضيف. المدارس النحوية. الطبعة السابعة. – القاهرة: دار المعارف، 1992. – 375 ص.

[231].شوقي ضيف. التطور والتجديد في الشعر الأموي. ط. 8. – القاهرة: دار المعارف، 1987. – 337 ص.

[232].شوقي ضيف. عصر الدول والإمارات: الجزيرة العربية – العراق – إيران. ط.2. – القاهرة: دار المعارف، د.ت. – 684 ص.

[233].صلاح رواي. المدارس المعجمية العربية: نشأتها – تطورها – مناهجها. ط.1. – القاهرة: دار الثقافة العربية، 1990. – 279 ص.

[234].صلاح رواي. النحو العربي: نشأته، تطوره، مدارسه، رجاله. – القاهرة: دار غريب، 2003. – 756 ص.

[235].صورية جغبوب. المعجم العربي التراثي ومراحل تطوره. – مجلة الميدان للدراسات الرياضية والاجتماعية والإنسانية. المجلد الثالث\ العدد التاسع جانفي 2020. – ص. 54 – 61.

[236]. ضياء الدين سجادى. سيبويه بر متون فارسى. خرد وكوشش. تابستان 1353، شماره 14. – ص.7-14.

[237].طاهر سليمان حمودة. جلال الدين السيوطي: عصره، وحياته، وآثاره، وجهوده في الدرس اللغوي. – بيروت: المكتب الإسلامي، 1989. – 436 ص.

[238].طلال علامة. تطور النحو العربي في مدرستي البصرة وكوفة. – بيروت: دار الفكر اللبناني للطباعة والنشر، 1993. – 263 ص.

[239].طه حسين. حديث الأربعاء. ط.14. – القاهرة: دار المعارف، 1993. الجزء الثاني. – 260 ص.

[240]. طه حسين. من حديث الشعر والنثر. – القاهرة، 2012. – 166 ص.

[241]. طه الرفاعي. الفوائد الضيائية شرح كافية ابن حاجب نور الدين عبد الرحمن الجامي: دراسة وتحقيق. – د.ت. ج.1. – 452 ص.

[242]. عبد الباقي بن عبد المجيد اليماني. إشارة التعيين في تراجم النحاة واللغويين. تحقيق عبد المجيد دياب. ط.1. – الرياض: شركة الطباعة العربية السعودية، 1986. – 518 ص.

[243]. عبد الحسين زرين كوب. تاريخ در ترازو: در باره تاريخنكرى و تاريخنكارى با تجديد نظر و اصلاحات. – تهران: مؤسسه انتشارات امير كبير، 1375. – 323 ص.

[244]. عبد الحميد حسن. القواعد النحوية: مادتها وطريقتها. ط.2. – مكتبة الأنجلو المصرية: مطبعة العلوم 163، 1952. – 286 ص.

[245]. عبد القادر المهيري. خواطر حول علاقة النحو العربي بالمنطق واللغة. – تونس: حوليات الجامعة التونسية، 1973. العدد العاشر. – ص.21-36.

[246]. عبد المجيد الطيب عمر. منزلة اللغة العربية بين اللغات المعاصرة: دراسة تقابلية. ط.2. – المملكة العربية السعودية: مركز البحث العلمي وإحياء التراث الإسلامي، 1437. – 282 ص.

[247]. عبد الرحمن الحاج صالح. منطق العرب في علوم اللسان. – الجزائر: موفم للنشر، 2012. – 397 ص.

[248]. عبد الرحمن بن محمد بن خلدون. مقدمة ابن خلدون. تحقيق درويش الجويدي. – بيروت: المكتبة العصرية، 1996. – 630 ص.

[249]. عبد الرحمن الجامي. الفوائد الضيائية على متن الكافية في النحو. تحقيق أحمد عز العناية وعلي محمد مصطفى. – بيروت: دار الإحياء والتراث العربي، 2009. ج.1. – 527 ص.

[250]. عبد الرحمن الجامي. الفوائد الضيائية على متن الكافية في النحو. تحقيق أحمد عز العناية وعلي محمد مصطفى. – بيروت: دار الإحياء والتراث العربي، 2009. ج.2. – 471 ص.

[251]. عبد الرحمن جلال الدين السيوطي. بغية الوعاة في طبقات اللغويين والنحاة. تحقيق محمد أبوالفضل إبراهيم. ط.1.– مطبعة عيسى البابي الحلبي وشركاه، 1965. الجزء الأول. – 607 ص.

[252]. عبد الرحمن جلال الدين السيوطي. بغية الوعاة في طبقات اللغويين والنحاة. تحقيق محمد أبوالفضل إبراهيم. ط.1.– مطبعة عيسى البابي الحلبي وشركاه، 1965. الجزء الثاني. – 601 ص.

[253]. عبد الرحمن جلال الدين السيوطي. المزهر في علوم اللغة وأنواعها. شرحه وضبطه وصححه وعنون موضوعاته وعلق حواشيه محمد أحمد جاد المولى بك، محمد أبو الفضل إبراهيم، علي محمد البخاري. ط.3. – القاهرة: مكتبة دار التراث، د.ت. الجزء الأول. – 651 ص.

[254]. عبد الرحمن جلال الدين السيوطي. المزهر في علوم اللغة وأنواعها. شرحه وضبطه وصححه وعنون موضوعاته وعلق حواشيه محمد أحمد جاد المولى بك، محمد أبو الفضل إبراهيم، علي محمد البخاري. ط.3. – القاهرة: مكتبة دار التراث، د.ت. الجزء الثاني. – 663 ص.

[255]. عبد الرحمن جلال الدين السيوطي. سبب وضع علم العربية. حققه وشرحه وعلّق عليه مروان العطية. ط.1. – دمشق – بيروت: دار الهجرة للطباعة والنشر والتوزيع، 1988. – 62 ص.

[256]. عبد الرحمن جلال الدين السيوطي. الاقتراح في أصول النحو. ضبطه وعلق عليه عبد الحكيم عطية، راجعه وقدم له علاء الدين عطية. الطبعة الثانية. – دار البيروتي، 2006. – 186 ص.

[257]. عبد الرحمن جلال الدين السيوطي. الأشباه والنظائر في النحو. – بيروت: دار الكتب العلمية، د.ت. الجزء الأول. – 403 ص.

[258]. عبد الرحمن السيد. مدرسة البصرة النحوية: نشأة وتطورها. ط.1. – القاهرة: دار المعارف، 1968. – 592 ص.

[259]. عبد العال سالم مكرم. الحلقة المفقودة في تاريخ النحو العربي. الطبعة الثانية. – بيروت: مؤسسة الرسالة، 1993. - 493 ص.

[260]. عبد العم الأعصى. المصطلح الفلسفي عند العرب. دراسة وتحقيق. – القاهرة، 1989. – 531 ص.

[261]. عبد الفتاح إسماعيل شلبي. أبوعلى الفارسي: حياته، ومكانته بين أئمة التفسير العربية وآثاره في القراءات والنحو. ط.3. – المملكة العربية السعودية: دار المطبوعات الحديثة، 1989. – 690 ص.

[262]. عبد القاهر بن عبد الرحمن بن محمد الجرجاني النحوي. دلائل الإعجاز. ط.5. قرأه وعلّق عليه أبو فهر محمود محمد شاكر. – القاهرة: مكتبة الخانجي، 2004. – 684 ص.

[263]. عبد القاهر بن عبد الرحمن بن محمد الجرجاني. العوامل المئة. مشفوعاً به الضوابط الكلية في نظم العوامل الجرجانية للحنبلي، ومنظومة "كفاية الكرام" للبوني و"هداية الفخام شرح كفاية العوام" للأنغدي . عُنِيَ به أنور بن أبي بكر الشيخي الداغستاني. – بيروت: دار المنهاج، 2009. – 159 ص.

[264]. عبد الكريم شديد محمد النعيمي. المباحث في المعجم العربي. – العراق: مكتب المنتصر للطباعة والاستنساخ، 1988. – 100 ص.

[265]. عبد الكريم محمد الأسعد. الوسيط في تاريخ النحو العربي. – الرياض: دار الشواق للنشر والتوزيع، 1992. – 304 ص.

[266]. عبدالله بن حمد الخثران. مراحل تطور الدرس النحوي. –إسكندرية: دارالمعرفة الجامعية، 1993. – 286 ص.

[267]. عبد الله بن عبد الرحمن المهوس. الخلاف النحوي. مجلة الدرعية. السنة العاشرة، العددان السابع والثامن والثلاثون. أبريل-يوليو 2008. – ص. 431-466.

[268]. عبد الله الجبوري. ابن درستويه عبد الله بن جعفر بن المرزبان الفارسي. ط.1. – بغداد: مطبعة العاني، 1974. – 272 ص.

[269]. عبد الله درويش. المعاجم العربية: مع اعتناء خاص بمعجم العين للخيل بن أحمد. – مكتبة الأنجلو المصرية، 1956. – 165 ص.

[270]. عبد اللطيف بن أبي بكر الشرجي الزبيدي. كتاب ائتلاف النصرة في اختلاف نحاة الكوفة والبصرة. تحقيق طارق الجنابي. – بيروت: مكتبة النهضة العربية، 1987. – 200 ص.

[271]. عبد اللطيف الصوفي. اللغة ومعاجمها في المكتبة العربية. ط.1. – دمشق: طلاس للدراسات والترجمة والنشر، 1986. – 366 ص.

[272]. عبد الهادي الفضلى. مراكز الدراسات النحوية. ط.1. – الأردن: مكتبة المنار، 1986. – 96 ص.

[273]. عبد الواحد بن على أبوالطيب اللغوي. مراتب النحويين. تحقيق محمد أبوالفضل إبراهيم. – بيروت: المكتبة العصرية، 2009. – 128 ص.

[274]. عبد الوهاب عزام. الصلات بين العرب والفرس وآدابهما في الجاهلية والإسلام. – القاهرة، 2013. – 65 ص.

[275]. عبده الراجحي. دروس في المذاهب النحوية. – بيروت: دار النهضة العربية، 1980. – 403 ص.

[276]. عز الدين أبو المعالي عبد الوهاب بن أبي إبراهيم الزنجاني. تصريف العزي. عني به أنور بن أبي بكر الشيخي الداغستاني. – جدة: دار المنهاج للنشر، 2008. – 111 ص.

[277]. عصام الدين عبد السلام أبوزلال. التعابير الاصطلاحية بين النظرية والتطبيق. – الإسكندرية، 2005. ج.1. – 247 ص.

[278]. على اصغر فقيهى. آل بويه و اوضاع زمان ايشان با نموداری از زندکی مردم بر آن عصر. – كيلان، 1357. – 913 ص.

[279]. علي بن موسى بن محمد شبير. كتاب "المفرد والمؤلف" لأبي القاسم الزمخشري: دراسة وتحقيقاً\\ مجلة العلوم العربية. العدد الثالث والخمسون، شوال 1440. – ص. 175- 284.

[280]. علي بن موسى بن محمد شبير. الدلالة المنطقية وأثرها في كتاب سيبويه. مجلة العلوم الإسلامية. العدد 31 – صيف 2018. – ص. 188- 220.

[281]. علي حسن مطر. النحو لغة واصطلاحا. مجلة تراثنا. – 1412، العدد 27. – ص. 57-72.

[282]. علي حسن مطر. النحو لغة واصطلاحا. مجلة تراثنا. – 1413، العددان 32-33، رجب-ذوالحجة. – ص. 255-273.

[283]. علي سامي النشار. مناهج البحث عند مفكري الإسلام واكتشاف المنهج العلمي في العالم الإسلامي. – بيروت: دار النهضة العربية للطباعة والنشر، 1984. – 381 ص.

[284]. علي محمد هنداوي. المختصرات النحوية: نشأتها وأغراضها ومنهجها. مجلة علوم اللغة. – القاهرة: دار غريب للطباعة والنشر والتوزيع، 2008. مج.11، ع.1. – ص.93-125.

[285]. على مزهر الياسري. أبو الحسن بن كيسان وآراؤه في النحو واللغة. – الجمهورية العراقية: منشورات وزارة الثقافة والفنون، 1979. – 261 ص.

[286]. علي مزهر محمد الياسري. الفكر النحوي عند العرب: أصوله ومناهجه. – بيروت: الدار العربية للموسوعات، 2003. – 464 ص.

[287]. علي أبوالمكارم. تاريخ النحو العربي حتى أواخر القرن الثاني الهجري. – القاهرة الحديثة للطباعة، 1971. – 151 ص.

[288]. علي أبوالمكارم. تقويم الفكر النحوي. – القاهرة: دار الغريب للطباعة والنشر والتوزيع، 2005. – 320 ص.

[289] . على الجندي. تاريخ الأدب الجاهلي. ط.2. – بيروت: مكتبة الجامعة العربية، 1966. الجزء الأول. – 405 ص.

[290]. على النجدي ناصف. سيبويه إمام النحاة. ط.1. – القاهرة، 1979. – 244 ص.

[291]. عماد الدين الاصفهاني. خريدة القصر وجريدة العصر، في ذكر فضلاء أهل خراسان وهراة. تقديم وتحقيق عدنان محمد الطعمة. ج.2. – تهران،1999. – 406 ص.

[292]. عمر فروخ. تارياخ الأدب العربي. ط.4. – بيروت: دار العلم للملايين، 1981. ج.1. – 772 ص.

[293]. عوض بن حمد القوزي. المصطلح النحوي: نشأته وتطوره حتى أواخر القرن الثال الهجري. – الرياض: عمادة شؤون المكتبات – جامعة الرياض، 1981. – 235 ص.

[294]. غازي مختار طليمات. في علم اللغة. الطبعة الثانية. – دمشق: دار طلاس للدراسات والترجمة والنشر، 2000. – 252 ص.

[295]. غالب المطلبي. في علم اللغة. – بغداد: دار الشؤون الثقافية العامة، 1986. – 129 ص.

[296]. غانم قدوري الحمد. المدخل إلى علم الأصوات العربية. ط.1. – عمان: دار عمار للنشر والتوزيع، 2004. – 327 ص.

[297]. غانم قدوري الحمد. الدراسات الصوتية عند علماء التجويد. ط.2. – عمان: دار عمار للنشر والتوزيع، 2007. – 527 ص.

[298]. فاضل صالح السامرائي. ابن جني النحوي. – بغداد: دار النذير للطباعة والنشر والتوزيع، 1969. – 368 ص.

[299]. فاضل صالح السامرائي. الدراسات النحوية واللغوية عند الزمخشري. – بغداد: مطبعة الإرشاد، 1971. – 419 ص.

[300]. فؤاد حنا ترزي. في أصول اللغة والنحو. بيروت: مطبعة دار الكتب. – 224 ص.

[301]. فؤاد سزكين. تاريخ التراث العربي. علم اللغة إلى حوالى سنة 430 ه. نقله إلى العربية عرف مصطفى. – المملكة العربية السعودية: إدارة الثقافة والنشر بالجامعة، 1988. المجلد الثامن، الجزء الأول. – 725 ص.

[302]. فتحي بيومي حمودة. ما فات الإنصاف من مسائل الخلاف. طبع بشركة المروة لصناعة مواد التعبئة والتغليف، د.ت. – 461 ص.

[303]. فخر الدين رازى. جامع العلوم "ستيني". تصحيح على آل داود. – تهران: بنياد موقوفات دكتر محمود افشار، 1382. – 606 ص.

[304]. فخر الدين قباوة. ابن عصفور والتصريف. – بيروت: منشورات دار الآفاق الجديدة، 1981. – 303 ص.

[305]. فولدفديتريش فيشر. نظرات في نشأة النحو العربي. مجلة العلوم العربية. – العدد الحادي والأربعون، شوال 1437. ص. 33-58.

[306]. فون كرتير. الحضارة الإسلامية ومدى تأثرها بالمؤثرات الأجنبية. تعريب مصطفى طه بدر. – دار الفكر العربي، د.ت. – 171 ص.

[307]. كارل بروكلمان. تاريخ الأدب العربي. نقله إلى العربية الدكتور عبد الحليم النجار. الطبعة الرابعة. الجزء الثاني. – القاهرة: دار المعارف، دون تاريخ. – 293 ص.

[308]. كتاب اللغات في القرآن. رواية ابن حسنون المقري بإسناده إلى ابن عباس. حققه صالح المنجد. الطبعة الثانية مصححة. – بيروت: دار الكتاب الجديد، 1972. – 75 ص.

[309]. كريم زكي حسام الدين. العربية تطور وتاريخ: دراسة تاريخية لنشأة العربية والخط وانتشارهما. – كتب عربية، 1422. – 462 ص.

[310]. كمال إبراهيم. سيبويه: أثره في تطور الثقافة العربية ومنهجه في البحث العلمي. – مجلة الأستاذ تصدرها كلية التربية بجامعة بغداد. المجلد العاشر بعدديه، 1962. – ص. 365- 375.

[311]. كيس فيرستيغ. عناصر يونانية في الفكر اللغوي العربي. ترجمة محمود على كناكري. ط.2. – إربد: عالم الكتب الحديث، 2003. – 339 ص.

[312]. كيس فرستيغ. اللغة العربية: تاريخها ومستوياتها وتأثيرها. ترجمة محمد الشرقاوي.ط.1. – القاهرة: المجلس الأعلى للثقافة، 2003. – 282 ص.

[313]. قاسم تويسركانى. تاريخي از زبان تازى بر ميان ايرانيان بس از اسلام: از آغاز فرمانروايى تازيان تا بر افتادن خلافت عباسيان. – تهران: دانشرايعالى، 1350. – 492 ص.

[314]. مازن المبارك. في تاريخ علم الصرف ومصطلاحاته\ مجلة كلية الدراسات الإسلامية والعربية. العدد التاسع عشر، يونو- 2000. – ص. 295 – 312.

[315]. مجتبى عمرانى بور. منظومه هاى نحوى بر ايران. مجله آينه ميراث، 1394. شماره 59. – ص. 169-187.

[316]. مجد الدين محمد بن يعقوب الفيروزابادي. البلغة في تراجم أئمة النحو واللغة. تحقيق محمد المصري. ط.1. – دمشق: دار سعد الدين للطباعة والنشر والتوزيع، 2000. – 364 ص.

[317]. محمد أبراهيم عباده. النحو التعليمي في التراث العربي. - الإسكندرية: منشأة المعارف، د.ت. – 259 ص.

[318]. محمد التونجي. حول الأدب في العصر السلجوقي. ط.1. – بنغازي: مكتبة قورينا، 1974. – 296 ص.

[319]. محمد المبارك. فقه اللغة وخصائص العربية: دراسة تحليلية مقارنة للكلمة العربية وعرض لمنهج العربية الأصيل في التجديد والتوليد. – دار الفكر للطباعة والنشر والتوزيع، د.ت. – 347 ص.

[320]. محمد بن سلام الجمحي. طبقات الشعراء. مع تمهيد للناشر الألماني جوزف هل، مع دراسة عن المؤلف والكتاب للمرحوم الأستاذ أحمد إبراهيم. – بيروت: دار الكتب العلمية، 2001. – 226 ص.

[321]. محمد جمال الدين سرور. تاريخ الحضارة الإسلامية في الشرق من عهد نفوذ الأتراك إلى منتصف القرن الخامس الهجري. – القاهرة: دار الفكر العربي، د.ت. – 279 ص.

[322]. محمد جواد مهدوى وسمانه شكارى. نكاهى انتقادى به وام كيرى اصطلاحات دستور زبان فارسى از صرف و نحو عربى. مجموعه مقالات دومين همايش بين المللى ادبيات تطبيقى فارسي و عربى\ به كوشش احسان قبول. – دانشكاه فردوسى مشهد، 1395. – ص. 621-630.

[323]. محمد حسن آل ياسن. الدراسات اللغوية عند العرب إلى نهاية القرن الثالث. –بيروت-لبنان، 1980. – 538 ص.

[324]. محمد حسنين صبرة. ثمرة الخلاف بين النحويين والبصريين والكوفيين. – القاهرة: دار غريب للطباعة والنشر والتوزيع، 2001. – 88 ص.

[325]. محمد حماسة عبد اللطيف. النحو والدلالة: مدخل لدراسة المعنى النحوي – الدلالي. – القاهرة: دار الشروق، 2000. – 195 ص.

[326]. محمد خان. أصول النحو العربي. بسكرة: مطبعة جامعة محمد خيضر، 2012. – 160 ص.

[327]. محمد خير الحلواني. الخلاف النحوي بين البصريين والكوفيين وكتاب الإنصاف. – الحلب: دار القلم العربي، 1971. – 464 ص.

[328]. محمد خير الحلواني. المفصل في تاريخ النحو العربي: قبل سيبويه. الجزء الأول. –مؤسسة الرسالة، 1979. – 309 ص.

[329]. محمد زغوان. إرهاصات النشأة في النحو العربي. مجلة التراث العربي، 2005. العدد: 99-100. ص. 240-260.

[330]. محمد زغوان. وقفة مع سيبويه في هدي "الكتاب". مجلة الآداب – مجلة علمية متخصصة ومحكمة تصدر عن قسم اللغة العربية وآدابها. – جامعة منتوري قسنطينة، 2005. العدد 8. – ص. 97 – 113.

[331]. محمد الشاطر أحمد محمد. الموجز في نشأة النحو. – القاهرة: مكتبة الكليات الأزهرية، 1973. – 122 ص.

[332]. محمد الطنطاوي. نشأة النحو وتاريخ أشهر النحاة. الطبعة الثانية. – القاهرة: دار المعارف، 1995. – 325 ص.

[333]. محمد الطيب النجار. الموالي في العصر الأموي (ومذيل ببحث عن الرق والولاء في الإسلام). – القاهرة: دار النيل للطباعة، 1949. – 188 ص.

[334]. محمد عابد الجابري. بنية العقل العربي: دراسة تحليلية نقدية لنظم المعرفة في الثقافة العربية ط.9.. – بيروت: مركز الدراسات الوحدة العربية، 2009. – 599 ص.

[335]. محمد عبد الخالق عضيمة. فهارس كتاب سيبويه ودراسة له. ط.1. – د.م.، 1975. – 911 ص.

[336]. محمد المختار ولداباه. تاريخ النحو العربي في المشرق والمغرب. ط.2. – بيروت: دار الكتب العلمية، 2008. – 666 ص.

[337]. محمد مصطفى هدارة. اتجاهات الشعر العربي في القرن الثاني. – القاهرة: دار المعارف، 1963. – 681 ص.

[338]. محمود جاد الرب. علم اللغة: نشأته وتطوره. الطبعة الأولى. – دار المعارف، 1985. – 222 ص.

[339]. محمود حسيني محمود. المدرسة البغدادية في تاريخ النحو العربي. – دار عمار، د.ت. – 458 ص.

[340]. محمود السعران. علم اللغة مقدمة للقارىء العربي. – بيروت: دار النهضة، د.ت. - 462 ص.

[341]. محمود شاكر. خراسان. ط.1. – بيروت: المكتب الإسلامي، 1978. – 64 ص.

[342]. محمود فهمي حجازي. أسس علم اللغة العربية. – القاهرة: دار الثقافة للطباعة والنشر، 2003. – 321 ص.

[343]. محمود محمد شاكر، مقدمة في نشأة اللغة والنحو والطبقات الأولى من النحاة، ضمن شرح الأشموني على ألفية إمام النحاة أبي عبد الله محمد جمال الدين بن عبد الله بن مالك، تحقيق محمد محيي الدين عبد الحميد (المطبعة المصرية، ط 1، 1352ه-1933م. – ص.6-31.

[344]. محمود محمد الطناحي. في اللغة والأدب: دراسات وبحوث. – دار الغرب الإسلامي، د.ت. المجلدان. – 943 ص.

[345]. محي الدين محسب. الثقافة المنطقية في الفكر النحوي: نحاة القرن الرابع الهجري نموذجاً. ط.1. – الرياض: مركز الملك فيصل للبحوث والدراسات الإسلامية، 2007. – 227 ص.

[346]. مرتضى مطهرى. خدمات متقابل اسلام وايران. ط.7. – د.ت. – 611 ص.

[347]. مسعود فرامرز. مرورى بر منابع "كتاب العين". مجله تحقيقات اسلامى، 1370. شماره 1-2. – ص. 174-203 .

[348]. مهدى دهرامى. منظومه هاى علمى و آموزشى در ادبيات فارسى و بررسى سير و محتواى آن (تا قرن نهم). جستارهاى نوين ادبى مجله علمى – بزوهشى. زمستان 1395. شماره 195. – ص.1-22.

[349]. ممدوح عبد الرحمن. المنظومة النحوية: دراسة تحليلية. – اسكندرية: مطبعة ياسو، 2000. – 374 ص.

[350]. المنطق لابن المقفع وحدود المنطق لابن بهرين. با مقدمه وتصحيح محمد تقى دانش بزوه. – تهران، 1357. – 153 ص.

[351]. منيرة ناجي سالم. الحركة الفكرية في خراسان في القرن السادس الهجري. ط.1. – بيروت: الدار العربية للموسوعات، 2014. – 271 ص.

[352]. مهدي المخزومي. مدرسة الكوفة ومنهجها في دراسة اللغة والنحو. ط.2. – شركة مكتبة ومطبعة مصطفى البابي والحلبي وأولاده بمصر، 1958. – 431 ص.

[353]. مهدي المخزومي. الفراهيدي عبقري من البصرة. ط.2. – بغداد: دار الشؤون الثقافية العامة، 1989. – 123 ص.

[354]. مهين حاجي زاده. دراسة آراء سيبويه الصوتية في ضوء البحث اللغوي الحديث. مجلة التراث الأدبي، 1388. – السنة الثانية، العدد الخامس. – ص.55-84.

[355]. موسوعة الحضارة العربية الإسلامية. ط.1. – بيروت: دار الفارس للنشر والتوزيع، 1995. – الجزء الأول. – 666 ص.

[356]. موفق الدين يعيش ابن على بن يعيش النحوي. شرح المفصل. – د.ت. ج.1.- 132 ص.

[357]. ودان نافعي. علم الصرف: نشأته وتطوره\ مجلة الدراسات الدينية. العدد 2، المجلد 4، 2016. ص. 35- 52.

[358]. هزاع سعد المرشد. مبرمان: حياته وجهوده النحوية. المجلة المربية للعلوم الإنسانية، 2007. – العدد 25\97. – ص.169-203.

[359]. ياقوت الحموي الرومي. معجم الأدباء: إرشاد الأريب إلى معرفة الأديب. تحقيق إحسان عباس. ط.1. في 6 أجزاء. ج.1-3. – بيروت: دار الغرب الإسلامي، 1993. – ص.5-1438.

[360]. ياقوت الحموي الرومي. معجم الأدباء: إرشاد الأريب إلى معرفة الأديب. تحيق إحسان عباس. ط.1. في 6 أجزاء. ج.4-6. – بيروت: دار الغرب الإسلامي، 1993. – ص.1439-3541.

[361]. يحيى بن عبد المعطي بن عبد النور الزواوي أبو الحسين. الدرة الألفية (ألفية ابن معطي في النحو والصرف والخط والكتابة). ضبطها وقدّم لها سليمان إبراهيم البلكيمي. ط.1. – القاهرة: دار الفضيلة، 2010. – 80 ص

[362]. يحيى بن محمد أبي زكريا الشاوي المغربي الجزائري. ارتقاء السيادة في علم أصول النحو. تقديم وتحقيق عبد الرزاق عبد الرحمن السعدي. – العراق: مطبعة النواعير، 1990. – 144 ص.

[363]. يسري عبد الغني عبد الله. معجم المعاجم العربية. ط.1. – بيروت: دار الجيل، 1991. – 280 ص.

[364]. يوهان فك. العربية: دراسات في اللغة واللهجات والأساليب. ترجمه وقدم له وعلق عليه وصنع فهارسه رمضان عبد التواب. – مكتبة الخانجي بمصر، 1980. – 331 ص.

II. АДАБИЁТИ БАДЕӢ

А.Бо забони тоҷикӣ

[365]. Айнӣ, С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб/ С.Айнӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. – 680 с.

[366]. Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ. Дафтари савум ва чорум/Ҷ.М.Балхӣ. – Душанбе: “Адиб”, 2013. – 480 с.

[367]. Ҷалолуддини Балхӣ. Фиҳи мо фиҳи / Ҷалолиддини Балхӣ; таҳия, тавзеҳот ва луғатнома аз Абдуллоҳ Боқизодаи Шаваткӣ. – Душанбе, 2021. – 340 с.

III.ФАРҲАНГНОМАҲО

А) Бо забони тоҷикӣ

[368]. Сулаймонӣ, С. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ/ С.Сулаймонӣ. Чопи дуюми ислоҳшуда ва иловашуда. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – 1564 с.

[369]. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1.-–Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. – 950 с.

[370]. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2.-–Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. – 945 с.

Б) Бо забонҳои арабӣ ва форсӣ

[371]. ابن منظور. لسان العرب. طبعة جديدة مصححة وملونة اعتنى بتصحيحها أمين محمد عبد الوهاب ومحمد الصادق العبيدي. – بيروت: وزارة إحياء التراث العربي ومؤسسة التاريخ العربي. الجزء الرابع عشر. – 350 ص.

[372]. أبوإبراهيم إسحاق بن إبراهيم الفارابي. ديوان الأدب (أول معجم عربي مرتب بحسب الأبنية). تحقيق أحمد مختار عمر. – القاهرة: مؤسسة دار الشعب للصحافة والطباعة والنشر، 1974. الجزء الأول. – 481 ص.

[373]. أبو الحسين أحمد بن فارس بن زكريا. متخير الألفاظ. حققه وقدم له هلال ناجي. – بغداد: مطبعة المعارف، 1970. – 296 ص.

[374]. أبو الحسين أحمد بن فارس بن زكريا. معجم مقاييس اللغة. تحقيق وضبط عبد السلام محمد هارون. – دار الفكر للطباعة والنشر والتوزيع، د.ت. الجزء الأول. – 519 ص.

[375]. أبو الحسين أحمد بن فارس بن زكريا. معجم مقاييس اللغة. تحقيق وضبط عبد السلام محمد هارون. – دار الفكر للطباعة والنشر والتوزيع، د.ت. الجزء الخامس. – 486 ص.

[376]. أبوعمر المطرز المعروف بالزاهد. المداخل في اللغة. قدم له، وحققه، و علق عليه محمد عبد الجواد. – مكتبة الأنجلو المصرية، د.ت. - 112 ص.

[377]. أبو الفرج قدامة بن جعفر. جوهرة الألفاظ. تحقيق محمد محيي الدين عبد الحميد. – بيروت: الكتبة العصرية، د.ت. – 452 ص.

[378]. أبوالفضل أحمد بن محمد بن أحمد بن إبراهيم النيسابوري الميداني. مجمع الأمثال. حققه، وفصله، وضبط غرائبه، وعلق حواشيه محمد محيي الدين عبد الحميد. - المكتبة السنة المحمدية، 1955. ج.1. – 447 ص.

[379]. أبوالفضل أحمد بن محمد بن أحمد بن إبراهيم النيسابوري الميداني. مجمع الأمثال. حققه، وفصله، وضبط غرائبه، وعلق حواشيه محمد محيي الدين عبد الحميد. - المكتبة السنة المحمدية، 1955. ج.2. – 462 ص.

[380]. أبو القاسم محمود عمر زمخشري. پيشرو ادب يا مقدمة الأدب. گردآورده، آراسته، پيراسته سيد محمد كاظم امام. – چاپخانه دانشگاه تهران، 1343. ج.1. – 840 ص.

[381]. أبوالقاسم محمود عمر بن أحمد الزمخشري. أساس البلاغة. تحقيق محمد باسل عيون السود. ط.1. – بيروت: دار الكتب العلمية، 1998. الجزء الأول. – 719 ص.

[382]. أبومنصور عبد الملك بن محمد بن إسماعيل الثعالبي النيسابوري. ثمار القلوب في المضاف والمنسوب. تحقيق محمد أبو الفضل إبراهيم. – القاهرة: دار المعارف، د.ت. – 816 ص.

[383]. أبومنصور محمد بن أحمد الأزهري.تهذيب اللغة. تحقيق عبد الله درويش.– الدار المصرية للتأليف والترجمة، 1967. الجزء الخامس. – 407 ص.

[384].أبومنصور محمد بن أحمد الأزهري.تهذيب اللغة. تحقيق عبد السلام هارون.– الدار المصرية للتأليف والترجمة، 1967. الجزء التاسع. – 468 ص.

[385].أبومنصور محمد بن أحمد الأزهري. تهذيب اللغة. – تحقيق إبراهيم الأبياري. – دار الكاتب العربي، 1967. الجزء الخامس عشر. – 696 ص.

[386]. أبو هلال العسكري. جمهرة الأمثال. تحقيق محمد أبو الفضل إبراهيم وعبد المجيد قطماش. – القاهرة: المؤسسة العربية الحديثة، 1964. ج.1. – 592 ص.

[387]. أحمد الشرقاوي إقبال. معجم المعاجم: تعريف بألف ونصف ألف من المعاجم العربية التراثية. ط.2. – بيروت: دار الغرب الإسلامي، 1993. – 392 ص.

[388].إسماعيل بن حماد الجوهري. الصحاح: تاج اللغة وصحاح العربية. تحقيق أحمد عبد الغفور عطار. ط.4. – بيروت: دار العلم للملايين، 1990. ج.1. – 435 ص.

[389].إسماعيل بن حماد الجوهري. الصحاح: تاج اللغة وصحاح العربية. تحقيق أحمد عبد الغفور عطار. ط.4. – بيروت: دار العلم للملايين، 1990. ج.2. – 439-859 ص.

[390].إسماعيل بن حماد الجوهري. الصحاح: تاج اللغة وصحاح العربية. تحقيق أحمد عبد الغفور عطار. ط.4. – بيروت: دار العلم للملايين، 1990. ج.3. – 863-1310 ص.

[391]. إميل بديع يعقوب. موسوعة اللغة العربية.- بيروت: دار الكتب العلمية، 2006 الجزء الخامس.- 672 ص.

[392]. إميل بديع يعقوب. موسوعة علوم اللغة العربية. – بيروت: دار الكتب العلمية، 2006. الجزء التاسع. – 543 ص.

[393]. الخليل بن أحمد الفراهدي. كتاب العين. تحقيق مهدي المخزومي وإبراهيم السامرائي. د.ت. الجزء الأول. – 382 ص.

[394]. الخليل بن أحمد الفراهدي. كتاب العين. تحقيق مهدي المخزومي وإبراهيم السامرائي. د.ت. الجزء الثاني. – 368 ص.

[395]. الخليل بن أحمد الفراهدي. كتاب العين. تحقيق مهدي المخزومي وإبراهيم السامرائي. د.ت. الجزء الثالث. – 440 ص.

[396]. الخليل بن أحمد الفراهدي. كتاب العين. تحقيق مهدي المخزومي وإبراهيم السامرائي. د.ت. الجزء الرابع. – 473 ص.

[397]. الخليل بن أحمد الفراهدي. كتاب العين. تحقيق مهدي المخزومي وإبراهيم السامرائي. د.ت. الجزء الخامس. – 464 ص.

[398]. الخليل بن أحمد الفراهدي. كتاب العين. تحقيق مهدي المخزومي وإبراهيم السامرائي. د.ت. الجزء الثامن. – 522 ص.

[399]. على اكبر دهخدا. لغتنامه دهخدا. جاب دوم. – مؤسسه انتشارات و جاب دانشكاه تهران، 1998. ج.1. – 1599 ص.

[400]. على اكبر دهخدا. لغتنامه دهخدا. جاب دوم.– مؤسسه انتشارات و جاب دانشكاه تهران، 1998. ج.6. – ص. 8009-9600. (1591 ص.)

[401]. على بن محمد السيد الشريف الجرجاني. معجم التعريفات. تحقيق ودراسة محمد صديق المنشاوي. – دار الفضيلة للنشر والتوزيع والتصدير، 2004. – 254 ص.

[402]. فيشر أ. المعجم اللغوي التاريخي. من أول "حرف الهمزة" إلى "أبد". ط.1. – القاهرة: الهيئة العامة لشؤون المطابع الأميرية، 1967. – القسم الأول. – 53 ص.

[403]. محمد بن أحمد بن يوسف الخوازرمي. مفاتيح العلوم. حققه وقدم له ووضع فهارسه إبراهيم الأبياري. – بيروت: دار الكتاب العربي، 1989. – 284 ص.

IV. СОМОНАИ ИНТЕРНЕТӢ

[404]. محمد شفيع كدكنى. انواع ادبى و شعر فارسى. از كفتوكو با دانشجويان دانشسراى عالى تهران در 1350 ه. санаи [http://shafieikadkani.blog.ir/1391/11/25/anva_adabi мурочиат 10.11.2020].

[405]. https://ganjoor.net/sanaee/divans/ghgh/sh190 [санаи мурочиат 25.06.2018]

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I.Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Исмонов, К.Б. Эъроби шумораи дутогӣ дар забони арабӣ [Матн] / К.Б.Исмонов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015.–№4/9 (185). – С.106-109.

[2-М]. Исмонов, К.Б. Мактабҳои наҳви арабӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр[Матн] / К.Б.Исмонов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. –№4/5. – С. 63-67.

[3-М]. Исмонов, К.Б. Корбурди ҷамъи арабӣ дар забони тоҷикӣ[Матн] / К.Б.Исмонов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. –№4/6. – С. 45-48.

[4-М]. Исмонов, К.Б. Ангезаҳои пайдоиши наҳви арабӣ [Матн] / К.Б.Исмонов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. –№4/7. – С. 87-90.

[5-М]. Исмонов, К.Б. Корбурди истилоҳоти забоншиносӣ дар ашъори форсӣ-тоҷикӣ [Матн] / К.Б.Исмонов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. –№ 6. -С. 55-59.

[6-М]. Исмонов, К.Б. Сибавайҳ дар саргаҳи забоншиносии арабу аҷам [Матн] / К.Б.Исмонов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. –№ 8-1. – С. 57-61.

[7-М]. Исмонов, К.Б. Абдурраҳмони Ҷомӣ ва “Фавоид-уз-зиёия”-и ӯ [Матн] / К.Б.Исмонов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. –№2. – С. 228-233.

[8-М]. Исмонов, К.Б. Наҳв: аз луғат то истилоҳ [Матн] / К.Б.Исмонов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. –№ 3. - С. 91-95.

[9-М]. Исмонов, К.Б. Мафъули мутлақ дар осори забоншиносони арабу аҷам ва мушкилоти тарҷумаи он дар забони тоҷикӣ [Матн] / К.Б.Исмонов// Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) . – Душанбе, – 2020. –№1 (84). – С. 46-49.

[10-М]. Исмонов, К.Б. Тафсирҳои қуръонӣ нахустин сарчашмаи андешаҳои забоншиносии арабу аҷам [Матн] / К.Б.Исмонов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №1.– С.11-15.

[11-М]. Исмонов, К.Б. Бозтоби андешаҳои забоншиносӣ дар нахустин фарҳангномаҳои форсии тоҷикӣ (дар мисоли «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ ва «Сиҳоҳ-ул-фурс»-и Ҳиндушоҳи Нахҷавонӣ) [Матн] / К.Б.Исмонов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №2.–С.15-19.

[12-М]. Исмонов, К.Б. Андешаҳои забоншиносӣ дар нахустин фарҳангнома арабӣ “Китоб-ул-айн [Матн] / К.Б.Исмонов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №3.–С.11-15.

[13-М]. Исмонов, К.Б. Манзумаҳои наҳвӣ дар забоншиносии араб ва форсу тоҷик [Матн] / К.Б.Исмонов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №7.–С.23-27.

[14-М]. Исмонов, К.Б. Синонимияи воҳидҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» [Матн] / К.Б.Исмонов, З.Ёраҳмадова// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №2.–С.18-23.

[15-М]. Исмонов, К.Б. Забони арабӣ дар сарзаминҳои ғайриарабӣ: интишор ва таҳаввул [Матн] / К.Б.Исмонов // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №5.–С.12-17.

[16-М]. Исмонов, К.Б. Илми сарф: таърихи пайдоиш ва ташаккул [Матн] / К.Б.Исмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №7.–С.22-26.

[17-М]. Исмонов, К.Б. «Ал-Муфрад ва-л-муаллаф»-и Замахшарӣ – равиши наве дар таълими наҳви арабӣ [Матн] / К.Б.Исмонов // Суханшиносӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2021. - №4. – С.13-20.

[18-М]. Исмонов, К.Б. Саҳми забоншиносони форсу тоҷик дар ташаккули қиёси наҳвӣ[Матн] / К.Б.Исмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №2.–С. 29-33.

[19-М]. Исмонов, К.Б. Донишмандони форсу тоҷик ва овошиносии араб[Матн] /К.Б.Исмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №5.–С. 5-10.

[20-М]. Исмонов, К.Б. Масоили ихтилофӣ дар забоншиносии араб[Матн] /К.Б.Исмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №8.– С. 15-22.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[21-М]. Исмонов, К.Б. Забон – омили асосии рушду камоли миллат ва давлат[Матн] / Р.Шодиев, К.Б.Исмонов //Ҷавонон – пайрави Эмомалӣ Раҳмон (Силсилаи мақолаҳои олимони ҷавони Тоҷикистон оид ба ҳидояту дастурҳои Пешвои миллат дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон). – Душанбе: “ЭР-граф”, 2017. – С.451-456.

[22-М]. Исмонов, К.Б. Ҷамъи арабӣ ва мушкилоти он дар забони тоҷикӣ [Матн] / К.Б.Исмонов // Масоили мубрами филологияи араб (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: “Аржанг”, 2018. – С. 134-140.

[23-М]. Исмонов, К.Б. Омӯзиши забон аз дидгоҳи Ибни Халдун [Матн] / К.Б.Исмонов // Масоили мубрами филологияи араб (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: “Аржанг”, 2018. – С. 126-130.

[24-М]. Исмонов, К.Б. Замахшарӣ – муҷаддиде дар наҳви арабӣ [Матн] / К.Б.Исмонов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Заминаҳои ривоҷу ташаккули филологияи араб дар ҷаҳони муосир»(16-уми ноябри соли 2021).– Душанбе, 2021. – С.102-106.

[25-М]. Исмонов, К.Б. Нақши забони модарӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ [Матн] / К.Б.Исмонов // Маҷмуаи мақолахои конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ – 21-уми феврал (ш.Душанбе, 18-уми феврали соли 2022). – Душанбе, 2022. – С.43-44.

[26-М]. Исмонов, К.Б. Саҳми донишмандони арабинигори форсу тоҷик дар шинохти воҳидҳои фразеологии арабӣ [Матн] / К.Б.Исмонов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии “Рушди забони адабии тоҷикӣ дар замони истиқлол: мушкилот ва дурнамо” бахшида ба 85-солагии доктори илми филология, профессор Ҳомид Маҷидов. (15-июни соли 2022). Қисми 2.– Душанбе, 2022. – С.228-231.

[27-М]. Исмонов, К.Б.Марҳилаҳои ташаккули фарҳангнигории араб [Матн]/ К.Б.Исмонов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии “Филологияи араб ва замони муосир” бахшида ба 75-солагии доктори илми филология, профессор С.Сулаймонов. (28-октябри соли 2022).– Душанбе, 2022. – С.29-33.

[28-М]. Исмонов, К.Б. Саҳми донишмандони форсу тоҷик дар таъсиси мактаби забоншиносии БаҒдод [Матн]/К.Б.Исмонов//Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами арабшиносии тоҷик” бахшида ба 75-солагии доктори илми филология, профессор Т.Н.Мардонӣ (2 декабри соли 2022).– Душанбе, 2022. – С.156-163.

III. Монография:

[29-М].Исмонов К.Б. Донишмандони форсу тоҷик ва забоншиносии араб/ К.Б.Исмонов. – Душанбе, 2022. – 194 с.